Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ

# САДРИ БУХОРО

Чопи дувум
Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо

Душанбе — 2004

Феҳристи мундариҷот

Аз нигоранда…...............…...............…...............…...............…...............…...............…............... 3.5

Бахши 1. Садри Бухоро

Садри Зиё ва Рӯзномаи ӯ….............................................................6-58

«Тазкори ашъор» ва масъалаи пайдоиши шеъри нав…...........................58-78

«Ҷодаи ҳақ паймудам»… ...................................................................78-97

Бахши 2. Чу анқоро баланд аст ошёна

Чу анқоро баланд аст ошёна…........................................................97-119

Байзоият ё маорифпарварӣ? ..........................................................119-187

Поёни сухан…...................................................................187-188

**Аз нигоранда**

Ин китоби мо дар бораи Шарифҷон-махдуми Садри Зиёст (1865-1932). Номи Садри Зиёро Садриддини Айнӣ ба илм дохил кард. Аз нахустин таърихномаи устод Айнӣ, ки «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ном дошта, таълифаш 17 феврали 1918 ба поён расидааст, дар чандин асари ӯ маълумоти муҳимме дар бораи Садри Зиё омадааст.

Устод дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» (1920), «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1940) ва ҷилди дувуму севуму чаҳоруми «Ёддоштҳо» ( 1948- 1953) дар бораи Садри Зиё бо эҳтироми тамом ва меҳру муҳаббат сухан ронда, маълумоти нодире овардааст, ки назири онро аз ҳеҷ сарчашмаи таърихии дигар, ҳатто аз навиштаҳои худи Садри Зиё наметавон пайдо кард. Аз ин ҳама ахбори гаронбаҳо, ки дар осори устод Айнӣ дар бораи Садри Зиё ҳаст чеҳраи шукӯҳманди як равшанфикри барҷаста ва маорифпарвари фаъол, ки дар ҳаёти ӯ идеалҳои олии маорифпарварии тоҷикӣ аз баъзе ҷиҳатҳо хеле мукаммал ифода ёфтааст, намоён мегардад. Аз ин ахбори Айнӣ нишебу фароз ва печутоби роҳҳои ҳаёти Садри Зиё, зиддияту ихтилофоти шахсияти барҷастаи ӯ ва фоҷиаҳои даҳшатангезе низ падид меояд. Агар аз нигоштаҳои устод Айнӣ ин ахбори парокандаи ибратомӯзро гирд биёварем ва бо андак шарҳу эзоҳе онҳоро ба ҳам пайвандем, барои пажӯҳишгарон дар баъзе мавридҳо бештар аз осори худи Садри Зиё аҳамият хоҳад дошт.

Лаҳзаҳои асосии зиндагии Садри Зиё дар нигоштаҳои Айнӣ сабт шудааааст.

Бисёре аз маълумоте ки устод Айнӣ дар бораи Садри Зиё оварадааст, дар ин китоби мо ба сифати такягоҳи умда истифода хоҳад шуд. Маҷбуорем бархе аз онҳоро ду-се бор зикр намоем, то зеҳннишин омада бошад. Барои ин ваъдаи ёдоварии ба такрор аз хонандаи гиромӣ пешакӣ пӯзиш хоҳонам.

Аз пажӯҳишгарон якумин шахсе, ки ба таҳқиқи асарҳои Садри Зиё пардохт, Расули Ҳодизода буд. Ӯ дар таҳқиқоте, ки дар бораи тазкирахои тоҷикии нимаи дувуми садаи 19 ва оғози 20 анҷом дода, соли 1956 ба чоп расонид, дар бораи тазкираи манзуми Садри Зиё «Тазкори ашъор» муфассалан, дар бораи шахсияти ӯ мухтасаран сухан рондааст. Мо натиҷаҳои ин пажӯҳиши Расули Ҳодизодаро дар ин китоби худ ҷо-ҷо ёдовар хоҳем шуд.

Пас зиндаёд Саҳобиддини Сиддиқӣ (даргузашти ӯ соли 1993) як қисми умри кӯтоҳи худро ба таҳқиқи рӯзгору осори Садри Зиё сарф кард. Ӯ нахуст матни илмии «Тазкори ашъор»-и Садри Зиёро бо як замимаи бисёр муҳим омода сохт ва соли 1962 дар ин асос рисолаи номзадӣ ҳимоя кард. Вале дар зарфи чиҳил сол имкон нашуд, ки ин матни ҷомеъи мӯътабарро ба чоп бирасонем.

Чопи осори Садри Зиёро низ устод Айнӣ оғоз карда буд. Ӯ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) чандин пора аз « Тазкори ашъор»-и Садри Зиё нақл карда онро гувоҳии мӯътабаре барои муаррифии шоирони нимаи дувуми садаи 19 ва оғози садаи 20 донистааст.

Якумин китоби Садри Зиё, ки рӯйи чопро дид, мухтасари «Наводири зиёъия» аст, ки равоншод Саҳобиддини Сиддиқӣ ва ин камина ба чоп тайёр карда будем ва соли 1991 дар нашриёти «Адиб» ба табъ расид. Нашри форсии ин китобро Мирзои Шакурзода таҳия кард ва соли 1377 ҳ. ш. яъне 1998 м. бо пешгуфтори Алиасғари Шеърдӯст ва ёддоштҳои ин фақир интишороти «Суруш» чоп кард.

Дувумин китобе, ки аз Садри Зиё чоп шуд, «Тазкори ашъор», ҳамон матни омода кардаи Саҳобиддини Сиддиқӣ буд, ки банда ду сол рӯйи он кор кардам, матнро тасҳеҳ ва бо нусхаи дастнависи мӯътабари бойгонии устод Айнӣ мукобила намудам, тавзеҳоти мухтасар илова сохтам. Ин китоб ба тавсияи устодони Фарҳангистони забону адаби форсӣ ва раиси мӯҳтарами он доктор Ҳаддоди Одил, бо лутфу марҳамати доктор Алиасғари Шеърдӯст, оқои Қаҳрамони Сулаймонӣ, доктор Шаҳромниё, бо вироиши, диққаткоронаи оқои Эраҷи Меҳракӣ ва ёрмандиҳои хонуми Ҳадяи Шарифӣ соли 2001 (1380) дар интишороти «Суруш» хеле босифат Чоп шуд.

Андешаҳоеро, ки ҳангоми таҳияи «Тазкори ашъор» пайдо шуда буд, банда дар сарсухани он ва мухтасар дар мақолаи «Тазкори ашъор» ва масъалаи пайдошии шеъри нав» баён кардаам, ки нахуст дар маҷаллаи «Номаи порсӣ» (1382- 2003, №1), сипас дар маҷалаи «Авранг» ( 2004, №2-3) баромад. Онро аз ин китоб, ки дар даст доред хоҳед хонд.

Банда соли 1993 пажӯҳиш ва таҳияи чопи «Рӯзнома»-и Садри Зиёро, ки ёддоштномаи ӯст, оғоз кардам. Он ҳангом хабар омад, ки дар Эрон ҷавоне ба номи Сайид Алии Мавҷонӣ «Рӯзнома»-и Садри Зиёро барои чоп омода кардан дорад. Чун оқои Мавҷониро дидам, ба ӯ ваъда кардам, ки барои ин чоп як пешгуфтор ва тавзеҳоти муфассал хоҳам навишт. Пешгуфторе бо номи «Садри Зиё ва Рӯзномаи ӯ» соли 1996 навишта шуд, лекин тартиб додани таълиқоту тавзеҳот, ки хеле душвориҳо доштааст, панҷ сол кашол ёфт. Оқои Мавҷонӣ соли 2001 «Рӯзнома»-ро бо он пешгуфтори муфассал ва таълиқоту тавзеҳот ба чоп

қабул кард, то дар Маркази аснод ва таърихи диплумусӣ ба табъ бирасонад. Вай тасмим гирифт, ки нахуст он пешгуфторро ҷудогона чоп бояд кард. Фақир алббата бо сипоси беҳад розӣ шудам. Пас аз ду моҳ он сарсухан ба номи «Садри Бухоро» чоп шуд. Ин номи «Садри Бухоро»-ро оқои Мавҷонӣ бидуни огоҳии банда гузошта буд. Ба банда писанд омад ва ин китобро, ки ҳоло ба даст доред низ чунин номгузорӣ кардам.

«Рӯзнома» бо мададгории Фарҳангистони забону адаби форсӣ ва доктор Ҳаддоди Одил, кӯмакҳои доктор Алии Равоқӣ, ҳусни таваҷҷӯҳи оқои Назароҳорӣ ва Шуҷоъӣ, ки ҳарду аз сарварони пажӯҳишгоҳе ба номи Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишӣ (Вазорати умури хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон) мебошанд, вироиши оқои Маҳдии Каримӣ ва меҳрбонии фидокоронаи хонуми Озодаи Эҳсонӣ, ки дар хондани дастнависи Садри Зиё ва ҳалли душвориҳои он бағоят диққат ва нозуксанҷӣ зоҳир намуд, охири соли 2003 аз чоп баромад. Ин севумин асри Садри Зиё буд, ки дар зарфи панҷ сол дар Эрон ба табъ расид ва ба дастраси муҳаққиқон қарор ёфт.

Оғози даҳаи навад аз пажӯҳишгари Амрико ҷаноби доктор Эдвард Олворс нома гирифтам, ки хостааст асарҳои асосии Садри Зиёро барои ӯ мухтасаран тавсиф бикунам. Доктор Олворс мутахассиси адабиёти ҷадидаи Осиёи Миёна буда, таҳқиқоте дорад ва «Мунозира»-и Абдуррауфи Фитратро ба инглисӣ тарҷума ва чоп кардааст. Ӯро хоҳиш пайдо шуд, ки тарҷумаи ингилисии «Рӯзнома»-и Садри Зиёро низ ба табъ бирасонад. Тарҷумаи ингилисии рӯзномаро нури чашмам Рустам Шукуров ба ӯҳда гирифт ва барои тарҷума панҷ сол заҳмати сахт кашид. Аз ганҷинаи Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Абӯрайҳони Берунӣ (Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Тошканд) як фотонусхаи Рӯзномаро гирифтан хеле душвор омад ва ин мушкилро хонуми Шаҳрбонуи Тоҷбахш, ки дар бахшҳои Созмони Милали Муттаҳид дар Душанбе кор мекард ва низ меҳрбониҳои фидокорона дошт, осон кард. Робитаи ман бо доктор Олворс ҳамеша ба воситаи Шаҳрбонуи азиз, ки акнун аз наздиктарин дӯстони хонадони мост, сурат мегирифт. Бо тадоруки ӯ рӯзноманигори машҳури амрикоӣ Артур Боннер, ки аз шахсияти Садри Зиё огоҳӣ доштааст, бо баландҳимматие барои ташкили кори тарҷума кӯмаки моддӣ расонид. Дар ниҳояти кор тарҷумаи инглисии Рӯзнома бо панҷ сарсухан, ки ба қалами Олворс, Шаҳрбонуи Тоҷбахш, Рустам Шукуров, М. Хайруллоев ва банда таъаллуқ дорад, тавзеҳот, харитаи сафарҳои Садри Зиё ва хронологияи ҳаёти ӯ, ки фарзандам Рустам Шукуров тартиб дода буд, соли 2004 дар нашриёти машҳури Брилл аз дасти чоп берун омад: The Diary of Muhammad-Sharif-i Sadr-i Ziya Brill, Leideh-Boston, 2004. Мояи ифтихор аст, ки ин китоб дар нашриёти илмии Брилл ба табъ расид.

Ин аст, ки даҳаи навади қарни 20, даврони истиқлоли сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991) таваҷҷӯҳ ба осори Садри Зиё якбора афзуд ва муассисаҳову нашриёти гуногун дар чанд кишвар ба эҷодиёти ӯ рӯ оварданд. Танҳо дар даврони истиқлоли Тоҷикистон имконпазир омад, ки навиштаҳои Садри Зиё бидуни ихтисор мукаммалан рӯйи чопро бубинад.

Дар ин муддат дар бораи Садри Зиё чанд пажӯҳиш анҷом ёфта, ба вежа ба муносибати ҷашни 130-умин зодсоли ӯ, ки соли 1998 баргузор гардид, дар Тоҷикистон чанд мақола ва порчаҳое аз Рӯзнома чоп шуд. Сайид Алии Мавҷонӣ, ки чанд сол боз ба таҳқиқи эҷодиёти Садри Зиё машғул аст, дар бораи «Асомӣ ул-кутуб», ки феҳристи (каталоги) китобхонаи Садри Зиё буда, худи Садри Зиё тартиб дода буд, мақолае ба номи «Китобат ва китобдорӣ дар Бухоро» дар маҷалаи «Мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз» (1377-1998, №22) чоп кард. Баргардони тоҷикии он дар «Садои Шарқ» чоп шуд.

Пажӯҳишгарони собитқадам Шодмон Воҳидов ва Афтандил Эркинов низ дар Тошканд бо таҳқиқи «Асомӣ ул-кутуб»-и Садри Зиё машғул буда, соли 1991 дар Порис ба забони фаронсавӣ мақолаи муфассале дар бораи ин асар чоп карданд. Чун онҳо «Асоми ул-кутуб»-ро пажӯҳиш карданд, ошкор гардид, ки аз китобхонаи Садри Зиё, ки ҳоло дар ганҷинаи дастнависҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Абӯрайҳони Берунӣ (Тошканд) нигаҳдорӣ мешавад, чанд ҷилд гум шудааст. Ш. Воҳидов ва А. Эркинов аз пайи ин ҷилдҳои гумшуда афтодаанд ва чандеро пайдо кардаанд. Ҷилдҳои дигарро низ ҷустуҷӯ доранд. Ҳоло онҳо таҳияи чопи «Асомиулкутуб»-ро ба поён расониданд ва умед аст, ки чоп шавад.

Дар охири даҳаи ҳаштод аз маҷаллаи русии «Литературное обозрение» (Маскав) илтимосномае гирифта будам, ки ёддоштҳои худро дар бораи падарам барои ин маҷалла бинависам. Банда ин супоришро иҷро кардам, вале то иҷро кардам, ки ҷаҳон дигар шуд, Иттиҳоди Шӯравӣ пош хӯрд, робита бо нашрияҳои Маскав қатъ гардид ва «Литературное обозрение» дигар аз паи ёддоштномаи ман нашуд. Фақат як қисми тарҷумаи русии ин ёддоштҳо бо як пора аз ёддоштҳои Садри Зиё ва як мақолаи фарзандам Рустам Шукуров бо

номи «Аз ёддоштҳои се бухороӣ» («Из воспоминаний трех бухарцев») дар маҷаллаи русии «Социум» (1992, №11-12) ба чоп расид. Тарҷумаи пурраи ёддоштҳоямро, ки ба қалами Рустам тааллуқ дорад, ба маҷаллаи русии «Помир» (Душанбе) додам ( 1995, №1-6). Асли тоҷикии он ба унвони «Ҷодаи ҳақ паймудам» дар маҷаллаи «Фарҳанг» (1991, №3), рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (Овози тоҷик) (декабри соли 1991) ва маҷалаи «Эроншинохт» ( 1997=1376, №4) чоп шуд. «Ҷодаи ҳақ паймудам» ба ин китоб, ки ҳоло ба даст гирифтаед, низ бо андак ихтисор дохил гардид.

Соли 2002 китоби Моника Витлок «Қад-қади рӯди Омӯ» дар бораи имрӯзи Тоҷикистон чоп шуд (Monica Whitlock Beyond the Oxus. John Murray London, 2002). Дар ин китоб саргузашти ду Муҳаммадҷон яке Мавлоно Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ (Рустамов) ва дигаре банда ҷо-ҷо баён шудааст, шаммае аз рӯзгори Садри Зиё ва ду акси ӯ низ омадааст.

Хуллас, ки андак муддати охири қарни 20 ва се-чор соли оғози қарни 21 дар табъу нашри осори Садри Зиё ва пажӯҳиши онҳо пешрафти қобили мулоҳиза ба вуқӯъ пайваст. Ин пешрафт барои равшан шудани бархе гӯшаҳои норавшани таърихи адабиёти тоҷикии қарни гузашта судманд хоҳад буд. Бо чопи асарҳои мазкури Садри Зиё, «Иқозунноимин ва эломулҷоҳилин»-и муфтӣ Икром, «Раҳбари наҷот» ва «Оила»-и Абдурраufи Фитрат, «Куллиёт»-и Хоҷӣ Ҳусайн, мунтахаботи Зуфархони Ҷавҳарӣ ва дигарон, ки солҳои охир ба дасти пажӯҳишгарон расид, бегумон тасаввури мо дар бораи адабиёти форсии тоҷикии садаи бист, ба вежа нимаи якуми он хеле дигар хоҳад шуд. Чопи мукаммали ашъори Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, Зуфархони Ҷавҳарӣ, Абулҳайи Муҷаҳарфӣ ва монанди инҳо чашмандози пажӯҳишгаронро густурдагие хоҳад бахшид. Муаяйн кардани арзиши адабии осори онҳо ва мавқеи онҳо дар равандҳои адабӣ ва ҳаёти фарҳангӣ бешубҳа аз муҳимтарин шартҳоест барои он ки таърихи адабиёти форсии тоҷикии Фарорӯди садаи бист ба вуҷуд оварда шавад. Консипсиюни нави таърихи адабиёти тоҷикии садаи бистро бо густариши чашмандоз ва амиқбурди диди таҳқиқӣ метавон ба миён овард.

Аз ин рӯ фақир барои табъу нашри осори Садри Зиё ва таъйини аҳамияти таърихии бархе аз онҳо, барои бознигарӣ ба чакидаҳои хомаи устод Айнӣ, барои гиреҳкушоии печидагиҳои таҳаввули фикрии Абдурраufи Фитрат ва ҳалли баъзе аз ин қабил масъалаҳо мехоҳам ба қадри ҳол саҳме дошта бошам. Аз ин рӯ китобе ба чоп омода кардаам, ки «Нигаҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист» ном дорад.

Нашри дувуми китоби «Садри Бухоро», ки ҳоло ба дасти хонанда мерасад, ба ҳамин умед амалӣ шуд.

Нашри якуми «Садри Бухоро»-ро Сайид Алии Мавҷонӣ (Сафои Ахавон) соли 2002=1380 дар Пажӯҳишгоҳи Маркази аснод ва таърихи диплумусӣ (Вазорати умури хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон) чун ҷузъе аз силсилае бо номи «Маҷмӯаи Эрон ва Мовароуннаҳр» (ҷузъи 2) амалӣ карда буд. Ин нашри «Садри Бухоро», чунонки гуфта омад, фақат сарсухани «Рӯзнома»-ро, яъне мухтасари зиндагиномаи Садри Зиё ва андаке таҳлили «Рӯзнома»-ро дар бар гирифта буд. Дар нашри дувуми ҳозира мақолае дар бораи «Тазкори ашъор» ва ёддоштҳои банда илова гардид. Мақолаи якум «Садри Зиё ва Рӯзномаи ӯ» хеле тасҳеҳ ва такмил шуд, аз чопи форсӣ ва ингилисии он хеле фарқ дорад.

Вақте ки чопи дувуми «Садри Бухоро» тайёр шуд, зарурате пеш омад, ки бахши наве бо номи «Чу анқоро баланд аст ошёна» илова намоем. Соли 2002-2003 дар Тоҷикистон чанд навиштае пайдо шуд, ки аз ҳамлаву ҳуҷум ба ҷадидон, яъне ба маорифпарварон, бештар аз ҳама ба Садри Зиё иборат буд. Зарур омад, ки ба ин ҳамлаҳо ҷавобе бо андак тафсир бигӯям. Ин посухномаи банда бахши дувуми китоби «Садри Бухоро»-ро ташкил кард.

Ба пиндори ин камина дар китоби «Садри Бухоро» бархе аз масъалаҳои умдаи маорифпарварии тоҷикӣ баррасӣ шуданд ва агар ин баррасӣ барои равшан шудани ҷузъе аз масъалаҳо судманд ояд, мурод ҳосил хоҳад шуд.

Ҳама он азизонро, ки дар табъу нашри осори Садри Зиё ва пажӯҳиши он осор ширкат варзида, бо қадршиносӣ ва хайрхоҳии самимӣ ёрмандӣ кардаанд, ҳам онҳоеро, ки номашон дар боло омад ва ҳам онҳоеро, ки натавонистам ин ҷо номбар бикунам, аз дилу ҷон сипосгузорам. Ба хусус некии холисонаи бародарони эронии мо, ки дар ҳар сафари Эрон, дар ҳар қадам падидаҳои онро медидам, на танхо ба Садри Зиё ва ё банда, балки ба адабиёти тоҷикӣ, ба миллати тоҷик оид буд. Бештари онҳо дӯсти ҷонии Тоҷикистонанд. Бино бар ин дар ҳаққи ҳар яки эшон мегӯям: То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст.

8 декабри 2003

## *БАХШИ 1*

## *САДРИ БУХОРО*

### Садри Зиё ва Рӯзномаи ӯ

1

Манзур аз «Садри Бухоро» (ки таъбири пажӯҳишгари эронӣ доктор Сайид Алии Мавҷонист) Шарифҷон-махдуми Садри Зиё аст, ки нависандаи тоҷик ва яке аз машҳуртарин шахсиятҳои фарҳангии Бухоро дар нимаи якуми садаи 14-и ҳиҷрии қамарӣ, яъне охирҳои садаи 19 ва сеяки оғозини садаи 20-и мелодист.

Номи ӯ Шариф аст. Махдум калимаест, ки ба номи рӯҳонизодагони баландмартаба илова мекарданд. Садр унвони илмист, ки дар Бухорои асрҳои охир савумин (пас аз ӯроқ ва судур) ва олитарин унвони уламои ислом ба шумор меомад. Зиё тахаллуси адабист.

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё он ҳангоме, ки падараш дар вилояти Зиёуддин қозӣ буд, таваллуд шудааст. Ба ин сабаб ӯро Зиёуддин ном карданд. Чун таваллудаш ба моҳи шарифи рамазон воқеъ шудааст, лақаби ӯ Шарифҷон шуд. Вале рафта-рафта лақаб ҷои номро гирифт ва ӯ Зиёро тахаллус қарор дод.

Номи ӯ дар манбаъҳои таърихӣ Мирзо Муҳаммадшариф, Муҳаммадшариф-махдум, қозӣ Шарифҷон ва ғайра зикр шудааст Амир Олимхон охирин ҳокими Бухоро дар як дастхаташ ӯро қозӣ Мирзо Муҳаммадшарифи садр ном гирифтааст. Худи Садри Зиё дар як мӯҳр исмашро қозӣ Муҳаммадшарифи судур навиштааст. Он гоҳ ӯ ҳанӯз садр набудааст. Пас аз он ки ба садрӣ расид, ба номи Садри Зиё шӯҳрат ёфт.

Дар санадҳои расмии русии замони шӯравӣ ӯро Шариф Шукуров навиштаанд.

Дар масъалаи зодсоли Садри Зиё ихтилофоте ҳаст.

Ӯ худ дар сиёҳнависи «Осори зиёъия ( ки ҳоло дар дасти ин камина аст) гуфтааст: «Роқими адимулқадр Зиёъи садр дар бисту ҳафтуми рамазони муборак дар санаи 1283 бегоҳи ҷумъа муттаваллид шуда»[1]. Дар зиндагиномайи худнавишти ӯ — «Тарҷумаи ҳоли муаллиф», ки дар «Наводири Зиёъия» омадааст (ва китобаташ ба қалами котиби номаълуме тааллуқ дорад), он гуфтаи Садри Зиё такрор шудааст[2]. Аммо устод Садриддини Айнӣ дар як муаррифиномаи Садри Зиё мегӯяд: «Соҳиби тарҷума дар 1282-и ҳиҷрӣ (1864), 27-и моҳи рамазон таваллуд ёфтааст»[3]. Дар китоби С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» (боби «Қозӣ Муҳаммадшарифи Садри Зиё») низ соли таваллуди ӯ 1282 нишон дода шудааст[4]. Дар баъзе ҷойҳо зодсоли ӯро 1284 низ гуфтаанд. Яъне дар масъалаи соли таваллуди Садри Зиё фикрҳо аз ҳам фарқ дорад. Аммо дар зодрӯзаш, ки 27-уми рамазон ва бегоҳи ҷумъа бошад, ихтилофи назар нест.

Нури чашмам Рустам Шукуров, ки «Рӯзнома»-и Садри Зиёро ба инглисӣ тарҷума кардааст, дар тавзеҳоти ин тарҷума хотиррасон овардааст, ки фақат дар соли 1281 ҳиҷрии қамарӣ 27 рамазон бегоҳи ҷумъа, яъне панҷшанбе будааст. Дар дигар солҳо, аз ҷумла дар соли 1283 бегоҳи ҷумъа ба 27 рамазон рост намеояд. Гумон намеравад, ки дар анъанаи аҳли хонавода дар мавриди чунин вақти таваллуд, ки 27-уми рамазон, яъне ҳам шаби қадр ва ҳам бегоҳи ҷумъа бошад, саҳву хатое ва асари фаромӯшӣ роҳ биёбад. Аммо дар мавриди сол рӯй додани саҳве аз эҳтимол дур нест.

Бояд гуфт ки Садри Зиё дар «Рӯзнома» аз даргузашти падари худ домулло Абдушшакури Оят, ки соли 1306 ҳ. қ. рӯй дод, сухан ронда ва гуфтааст, ки ӯ ҳангоми даргузашти падар 25 сол дошт. Аз ин шумора ҳам таваллуди Садри Зиё ба соли 1281 рост меояд. Чунин ишораҳо, ки зодсоли ӯро ба 1281 мебаранд, дар дигар навиштаҳои ӯ ҳам ҳастанд.

Агар ин андешаҳо қобили қабул бошад, метавон гуфт, Садри Зиё бегоҳи ҷумъаи 27-и рамазони 1281 чашм ба ҷаҳон кушодааст, ки баробари 24 феврали 1865 мелодист.

---

[1] *Садри Зиё.* Осори зиёъия, дастнавис, ки ба дасти ин камина нигаҳдорӣ мешавад, саҳ. 225 а.

[2] *Садри Зиё*. Наводири зиёъия, дастнависи Пажӯҳишгоҳи мероси хаттӣ (Душанбе), № 983, саҳ. 9 а.

[3] *С. Айнӣ.* Қозӣ Шарифҷон (Зиё), Бойгонии Айнӣ, №11, саҳ. 1.

[4] *С. Айнӣ.* Намунаи адабиёти тоҷик, М., 1926, саҳ. 399.

Соли даргузашти Садри Зиёро бо бовари бештар тавон гуфт. Банда, ки фарзанди Садри Зиё ҳастам, агарчи шашсола будам, даргузашти ӯро андаке дар ёд дорам ва медонам, ки дар охирҳои моҳи апрели соли 1932 м. ҷон ба ҳақ супурд, яъне баҳорони соли 1350 ҳ. қ. Дар унвонсаҳифаи дастнависи мазкури «Наводири зиёъия» (Пажӯҳишгоҳи мероси хаттӣ, №983) навишта шудааст: «Наводири зиёъия» аз қозикалон Шарифҷон-махдуми Садри Зиё мутаваффои санаи 1350 ҳиҷрӣ».

Соли 1350 ҳ. қ. =1932 мелодиро ба итминони тамом соли даргузашти Садри Зиё тавон донист.

2

Падари Садри Зиё домулло Абдушшакур ном дошта, тахаллуси ӯ дар шеър Оят буд. Таваллуди ӯ соли 1321 ҳ. қ. =1816 м. ва даргузашташ 1306-1889 воқеъ гардидааст. Ӯ аз хонадони косибони Бухоро буда, солҳои кӯдакиву наврасӣ ба ҳунари падару бобоҳо, ба чармгарӣ ва шустагарӣ (шустану сафед кардани карбосу суфи хому дурушту зардтоб) машғулият кардааст. Абдушшакури Оят пас аз хатми таҳсили улум дар бузургтарин мадрасаҳои Бухоро мударрис буд. Ба гуфти Айнӣ ӯ «аз мутафарридини устодҳои замони худ буда»[5], бисёре аз уламо шогирди ӯ буданд. Чанд сол дар баъзе вилоятҳои Бухоро қозӣ ва дар охири умр даҳ сол қозикалон (ақзалқузот)-и Бухоро будааст. Ба қозикалонӣ расидани домулло Абдушшакури Оят ба баъзе аз уламо чандон хуш наомад ва шоире гуфт:

*Олиму ҷоҳил баробар шуд магар,*
*Қозиулқузоти мо шуд шустагар.*

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, чунонки худаш дар шарҳи ҳолаш таъқид кардааст, асосан дар пеши падараш таҳсил карда дар сенздаҳсолагӣ то мадраса рафтан чанде аз шоир Исо (1826-1887) таълим дид.

Садриддини Айнӣ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» гуфтааст, ки Исо-махдуми Исо чун падараш мулло Ниёз низ «аз ҷумлаи уламои танқидкор» будааст (10-36)[6]. Чунонки дар дигар рисолаи Айнӣ ба номи «Таърихи инқилоби Бухоро» таъкид шудааст, Исо ба сабаби танқидгариҳо маҷбуран «Дар аҳди Музаффар аз Бухоро гурехта, дар замони амир Абдулаҳад боз ба Бухоро баргашта бошад ҳам, умраш то охир дар гирифторӣ ба ғазаби амир гузашт»[7]. Ин аст, ки Садри Зиё на танҳо аз падар, балки аз устодоне чун Исо низ ҳақгӯӣ омӯхтааст.

Исо яке аз дӯстону пайравони равшангари бузурги тоҷик Аҳмади Дониш (1826-1897) буда, баъзе ҳамфикрони дигари Аҳмади Дониш низ бо Абдушшакури Оят наздикӣ доштанд ва маҷмӯи эшон дар рушди фикрии Садри Зиё аз солҳои наврасии ӯ нақше гузоштаанд.

Солҳое, ки Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дар мадраса таҳсили илм мекард, ҳавлии ӯ ранги як маҳфили адабиро гирифта буд. Аз гуфтаи Садриддини Айнӣ медонем, ки ҳар ҳафта се рӯзи «таътили мадраса—сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе дар ҳавлии Шарифҷон-махдум шоирон, шеършиносон, латифагӯён ва ширинкорон» ҷамъ мешуданд (7-10) ва сӯҳбатҳои ширин меоростанд, шеър мехонданд, шеъри нави якдигарро баррасӣ ва танқид мекарданд, масъалаҳои доғи замонро ба музокира мегирифтанд. Бештарини аҳли ин маҳфил «донишманд ва озодфикри ҳамон замон ба шумор мерафтанд» (7-45), вазъи замонро дар партави омӯзаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш равшан мекарданд.

Дар солҳои ҳаштодуми садаи нуздаҳум ақидаҳои маорифпарварии Аҳмад-махдуми Дониш диққати ҳама равшанфикрони пешқадами Бухороро ба сӯи худ кашида буд. Номи Аҳмади Дониш дар маҳфили адабии Садри Зиё эътибори бузург дошт. Устод Айнӣ мегӯяд: «Яке аз дӯстдорони ӯ ( Аҳмади Дониш—М.Ш.), ки ба ақидаи ман аз ҳама бештар ба ӯ баҳои баланд медод, Шарифҷон-махдум буд» (7-438). Аз ин рӯ дар маҳфили адабии Садри Зиё масъалаҳои адабиёти замон ва шеъру шоирӣ аз дидгоҳи равшангарӣ (маорифпарварӣ)-и Аҳмад-махдум баррасӣ мегардид.

Устод Айнӣ гуфтааст: «Шарифҷон-махдум ошиқи асарҳои Аҳмад-махдум буд» (7-444). Он гоҳ Аҳмади Дониш аз дарбор ронда ва хондани нигоштаҳои ӯ манъ буд. Бо вуҷуди ин

---

[5] *С. Айнӣ.* Намунаи адабиёти тоҷик, саҳ. 401.

[6] *С. Айнӣ.* Куллиёт ҷилди 10, саҳ. 36. Минбаъд ҳангоми иқтибос овардан аз Куллиёти Айнӣ ё ишора кардан ба он дар миёни қавсайн шумораи ҷилд ва саҳифаи он нишон дода хоҳад шуд.

[7] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро. Душанбе, «Адиб», 1987, саҳ.23.

Садри Зиё осори Аҳмад-махдумро пайдо мекард, мехонд ва матолиби онро дар маҳфили адабии худ мавриди андеша қарор медод.

Соли 1898 ё 1899 Садри Зиё як нусхаи китоби Аҳмад махдуми Дониш «Наводир ул вақоеъ»-ро ба даст овард, ки ба қалами муаллиф китобат шуда буд. Садри Зиё рӯнависи пинҳонии онро ба шоири ҷавон ва хушнависи шинохта Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (1887-1934), ки аз тарбиятдидагони хонаи худи Садри Зиё буд, супурд. Чун китобат анҷом ёфт, Садри Зиё ба Мунзим, Айнӣ ва Ҳайрат (1878-1902) фармуд, ки нусхаи навро бо дастхатти Аҳмади Дониш муқоисаву муқобила бикунанд. Онҳо дар ҳуҷрае пинҳон шуда, ин супоришро иҷро карданд. Устод Айнӣ гуфтааст, ки пас аз шинос шудан ба мафоҳими «Наводирулвақеъ» ба он се ҷавон «инқилоби фикрӣ» рӯй дод. Ин ҷо муҳим он аст, ки Айнӣ он дигаргуниеро, ки дар андешаи онҳо аз асари Аҳмад-махдум ба вуҷуд омад, «инқилоби фикрӣ» номидааст. Он дигаргунии кулливу қатъии маънавӣ, ки ин ҷавононро ба сӯи пархоши фидокоронаи маорифпарварӣ раҳнамун гардид, аз китоби бузурги Аҳмади Дониш «Наводирулвақоеъ» ба шарофати Садри Зиё ва ҳавасмандиҳои аҳли маҳфили адабии ӯ ба ҳосил омад. Аз шарофати маҳфили адабии Садри Зиё дар поёни қарни 19 ва оғози қарни 20 бисёре аз зиёъиёни тоҷик баҳра бурдаанд.

Маҳфили адабии Садри Зиё барои шаклгирии равияҳои тозаи адабӣ, чунончи барои ташаккули сабки тоза дар эҷодиёти Садриддини Айнӣ, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Аҳмадҷони Абусаъидзодаи Ҳамдӣ, Абдулвоҳиди Мунзим ва дигарон, ки Садри Зиё дар тазкираи манзуми худ «Тазкори ашъор» шеъри онҳоро «шеъри нав» номидааст, нақше муассир дошт.

Барои фаҳмидани ин, ки маҳфили адабии Садри Зиё дар пайдоиши равишҳои тозаи адабиёти форсии тоҷикии оғози садаи бист аҳамияти вежа доштааст, кифоя аст бигӯем, ки устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ чунин гуфтаи Муҳаммадсиддиқи Ҳайратро овардааст, ки «Шарифҷон-махдум фозили машҳури замони мо буда, ҳавлии ӯ мактаби адабиёти ҳамин давра аст» (7-228). Бисёре аз адибоне, ки таҳаввули адабиёти маорифпарварии тоҷикӣ вобаста ба ҷавлони қалами онҳо буд, аз ҳамин «мактаби адабиёти давра» дарс омӯхтаанд. Бархе чун Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ бо ширкат дар маҷлисҳои адабӣ аз ин «мактаби адабиёт» бевосита таълим гирифтаанд, бархе бидуни ширкати бевосита, гӯё «аз роҳи дур» ба ин давлат расидаанд.

Маҳфили адабии Садри Зиё аз чанд роҳ «мактаби адабиёти давра» шуд.

Яке аз ин роҳҳо баррасии шеъри тозаи аҳли маҳфил ва шоирони берун аз он буд. Шеъри вақт бо биниши интиқодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мувофиқи хостҳои замон таҳлил ва арзёбӣ мегардид. Бешак чунин таҳлили ибратомӯз, барои кушодани роҳи фикр, барои парвариши табъи шоирии аҳли сӯҳбат судманд буд.

Ба вежа бо ҳам хондани шеъри Шамсиддин-махдуми Шоҳин барои баррасии масъалаҳои шеъри муосир фоидаманд омад. Чунонки устод Айнӣ мегӯяд, Шоҳин «ҳафтае як бор ба он маҷлисҳо (маҷлисҳои ҳавлии Садри Зиё—М.Ш.), иштирок мекард» (7-29). Пас аз он ки Шоҳин ба дарбор кашида шуд, дигар ба маҳфил намеомад, «аммо шеърҳои Шоҳин ҳамеша дар он маҷлисҳо хонда мешуданд ва ҳар шеъре, ки ӯ гӯяд, дар рӯзи дуввуми гуфта шуданаш ба он ҷо меомад» (7-39). Ошкор аст, ки Шоҳин Садри Зиё ва бештарини аҳли маҳфили ӯро бениҳоят ҳурмат мекардааст, барои онҳо шеър мегуфтааст. Ва дар навбати худ ба гуфти устод Айнӣ «ҳамсӯҳбатони Шарифҷон-махдум ҳамагӣ ӯро ба некӣ ёд мекарданд» (7-29) ва ба шавқи тамом шеъри ӯро мехонданд.

Шеъри Шамсиддини Шоҳин аз намунаҳои олии шеъри форсии тоҷикии поёни садаи нуздаҳ аст. Агар чунин шеъре дар «мактаби адабиёти давра» «китоби дарсӣ» шуда бошад, бегумон он мактабро донишгоҳи олии адабӣ бояд донист. Омӯзгори ин донишгоҳ худи Садри Зиё буд. Ҷавонони поёни даҳаи ҳаштоди садаи нуздаҳ, даҳаи навад ва оғози садаи бист дар чунин донишгоҳи олӣ аз чунин омӯзгоре, ки ба гуфти Ҳайрат ва Айнӣ «фозили машҳури замон» будааст, дарс мегирифтанд.

Дигар роҳи омӯзиш дар «мактаби адабиёти давра» хондани шеъри шоирони классик будааст. Аҳли маҳфил аз шеъри классикон меъёрҳои бадеият меҷустанд ва чун пайдо карданд, ба баррасӣ мекашиданд. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» навиштааст, ки Садри Зиё «девонҳои классикҳо ва китобҳои ҳикояро бисёр мутолиа мекард ва ҷойҳои фавқулода дилчаспи онҳоро ба ман ва Мирзо Абдулвоҳид (Мунзим — М.Ш.) шарҳ дода, ба завқи худ моро ҳам шарик менамуд. Баъзан китобҳоро ба мо хононда, хатоҳоямонро ислоҳ мекард ва ҷоҳои нафаҳмидагии моро эзоҳ дода мефаҳмонд» (7-45). Устод Айнӣ илова бар инҳо дар рисолаи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» боз навиштааст, ки Шарифҷон-махдум «гоҳо Шоҳнома барин баъзе китобҳоро ба мо (яъне ба Айнӣ ва Мунзим — М.Ш.) хононда худ

гӯш медод, ҷоҳои ғалатхондаи моро тасҳеҳ мекард ва ҷоҳои мо намефаҳмидагиро эзоҳ медод» (1-33).

Пайдост, ки «дарсҳои» «мактабхонаи» Садри Зиё аз одитарин унсурҳои саводи адабӣ то печидатарин масъалаҳои фаҳмиши матни классикиро фаро гирифта буд. Ҷавонон ҳам саводи адабӣ мебаровrouted ҳам ба баррасии масъалаҳои душвори адабиёти классикӣ таҷриба меандӯхтанд, ҳам бо баррасии шеъри Шоҳин ва дигар муосирон ба раванди адабии рӯз ҳамроҳ мешуданд. Маълум мешавад, ки он «дарсҳо», он сӯҳбатҳо аз ҳар ҷиҳат бағоят рангомез, хушмазмун ва омӯзанда будаанд. Ба ин маънист он гуфтаи Айнӣ, ки фармуддааст: дар маҷлисҳои Садри Зиё «хазинаи дониши кас аз лафз ва маънӣ пур мешуд» (7-45).

Аз эҳтимол дур нест, ки он ҷо равияҳои тозаи шеъри тоҷикӣ, он чӣ ки Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» (шояд дар таҳрири дувуми он) «шеъри нав» номидааст, низ матраҳ шуда бошад. Агарчи дар поёни даҳаи ҳаштоди садаи нуздаҳ барои баррасии масъалаи «шеъри нав» шояд замина ҳанӯз кам буд ё набуд, аз поёни қарни нуздаҳ ва оғози қарни бист чунин замина густариш ёфтан гирифт ва намунаҳои «шеъри нав» дар «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё (ки таълифи он аз соли 1904 оғоз ёфт) мавқеи калон ишғол кард. Модом, ки «шеъри нав» дар «Тазкори ашъор» ба маркази диққат қарор ёфтааст, мумкин аст, ки дар маҳфили Садри Зиё низ диққатро ба худ кашида бошад. Ба ҳар ҳол Садриддини Айнӣ, ки барҷастатарин сарояндаи «шеъри нав» дар ду даҳаи аввали садаи бист аст, аз «дарсхонаи» адабии Садри Зиё баромадааст.

**Аз чанд ҷиҳат тавон гуфт, маҳфили адабии Садри Зиё ба мактаби адабии маорифпарварӣ табдил ёфта буд, ки шаклгирии завқу салиқаи зебошинохтии (эстетикии) ҷавононро ба самте ки созгор ба марому маслаки нави замон, ба хостаҳои ҷараёни маорифпарварӣ бошад, равон месохт, барои қувват додани равандҳои адабии тоза ва умедбахш мусоидат мекард. Аз ин рӯ бояд бигӯем, ки Садри Зиё дар маҳфили адабии худ, бо ин, ки маҳфили ӯ «мактаби адабиёти давра» шуд, барои ташаккули адабиёти маорифпарварии тоҷикон дар оғози садаи бист хидмат кардааст, ба шаклгирии бархе аз вежагиҳои он кӯмак намудааст. Маҳфили адабии Садри Зиё нуфузи андешаи маорифпарвариро дар ҷомеа густариш дод, бо парвариши озодандешони ҷавони фаъол (Айнӣ, Ҳамдӣ, Мунзим ва чанде дигар) барои домангустарии маорифпарварӣ дар ду даҳаи аввали садаи бист ба сифати яке аз оимлҳои пурзӯр имкон фароҳам овард.**

Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» дар бораи аҳамияти маҷлисҳои ҳавлии Садри Зиё менависад: «Ман метавонам гӯям, ки материалҳои ибтидоӣ, лекин муҳими адабии худро аз он ҳавлӣ гирд овардаам» (7-10). Камина ин гуфтаи устод Айниро ба он маънӣ фаҳмидам, ки он чиро, ки барои парвариши шахсияти ӯ ба унвони як эҷодкор ва равшангари номӣ ахамият дошт, нахуст маҳфили адабии Садри Зиё ба дастрас гузоштааст. Аз ин рӯ **Айнӣ Садри Зиёро «аввалин тарбиятгари маънавии худ» (7-50)** номида буд. Чанде аз ҷавонони дигар низ ҳақ доштанд чунин бигӯянд.

Устод Айнӣ он нақши диданиро, ки Садри Зиё дар парвариши озодандешони пархошгару ҷасоратманд, дар таҳаввули маорифпарварӣ ва густариши он, дар шаклгирии адабиёти ҷадидаи ду даҳаи оғози садаи бист доштааст, ба назар гирифта, бо камоли қатъият гуфтааст: «Шарифҷон-махдум бешубҳа аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд» (7-44).

Ҳамин аст натиҷагирии асосии устод Айнӣ аз он ҳама маълумоте, ки дар бораи Садри Зиё дар нигоштаҳои худ овардааст.

Ба ин ҳақиқат аз фасли ояндаи ин рисолаи мо низ, инчунин аз фаслҳои дигари он бовар ҳосил хоҳем кард.

Садри Зиё гӯё таблиғгари фиристодаи Аҳмади Дониш буд, ки супориши ӯро иҷро мекард, мардумро ба пайравии ӯ ва амалӣ кардани омӯзаҳои вай даъват менамуд.

### 3

Дар садаи 19, ба вежа дар нимаи дувуми он, ки Манғития дар ҷанги Русия сахт шикаст хӯрданд, кишвар мутеъи дасти мустамликадорон, мулк харобу халқ бенаво гардид, ҷавру ситам ба авҷи аъло расид. Халқ аз дасти ситамгарон ба дод омад ва Аҳмади Дониш ба овози баланд эълом дошт, ки «**Амир хуни халқи хеш мехурад**»[8].

---

[8] *Аҳмади Дониш*. Рисола. Душанбе, Сарват, 1992, саҳ. 57.

Чунин эъломияҳои Аҳмади Дониш даъват ба мубориза буд. Ва зиёъиёни ҳамиятманд барои мубориза қомат рост карданд. Онҳое, ки дар маҳфили адабии Садри Зиё гирд омаданд, аз ҷумлаи ҳамин пархошгарон ва маорифпарварони фаъоли фидокор буданд. Сӯҳбатҳо ва мубоҳисаҳое, ки дар ин гирдомадҳо хеле ба тезиву тундӣ мегузашт, як падида аз талошу пархоши равшанфикрони маорифпарвар буд, ки бо даъвати Аҳмад-махдум шурӯъ шуд. **Ҳавлии Садри Зиё ба яке аз марказҳои равшангарони фаъол ва муборизони зидди зулму ситам табдил ёфт.**

Дар нимаи дувуми садаи 19 ва ду даҳаи аввали садаи 20 мардуме, ки онҳоро ҳақгӯй номиданд, зиёд шуданд. Онҳо шояд хеле зиёдтар аз давраҳои пеш буданд. Ҳар андоза, ки ситаму тааддӣ нерӯ меафзуд, шумораи ҳақгӯйҳо афзоиш меёфт. Он ҳақбинҳо, ки дар ҳар шароите дар ҳар мавриди мувофиқ бо ҷасорат ҳақиқатро мегуфтанд, онҳое ки ба адолатҷӯӣ ва ифшокорӣ ҷуръату ҷасорат доштанд, ҳақгӯй ном гирифта, дар байни халқ ном бароварда буданд. Мо дар боло чанде аз онҳоро ном бурдем: Исо-махдуми Исо, домулло Абдушшакури Оят ва Садри Зиё, Мирзо Ҳайити Саҳбо аз он ҷумлаанд. Яке аз сабабҳои табъид (бадарға)-и Абдушшакури Оят—падари Садри Зиё ҳамин ҳақгӯии ӯ будааст. **Амир Музаффархон (1860-1885) «чанд нафар муллои дигарро низ ба тарафҳои дурдаст нафӣ (бадарға—М. Ш.) карда ба ҳамон ҷо корашонро тамом кунонид»** (10-96), яъне онҳоро кушонид. Устод Айнӣ инро гуфта ва афзудааст: «**аз ин воқиаҳо муллоёне, ки дар ҳақгӯӣ ба муқобили амир шӯҳрат доштанд, мисли муфтӣ Иноят-махдум, Шариф-махдуми Мӯътасим ва Исо-махдум дар бим афтода, аз Бухоро фирор карда, тарки диёр намуданд**» (10-96). Устод Айнӣ ҷасорати камназири Мӯътасимро дар «Ёддоштҳо» тасвир кардааст, ки дар адолатҷӯӣ дили Шукурбеки «дузд»-ро тавоноӣ бахшида буд («Ёддоштҳо», қ, 3, б. «Шариф-махдуми Мӯътасим ва Шукурбеки «дузд»). Дар «Ёддоштҳо» баъзе ҳақгӯйҳои дигар ва муборизаи қаҳрамононаи онҳо, чунончи Ҳоҷӣ-махдум, худи Айнӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва Мирзо Иброҳими Субҳӣ ки ҳар се ҳаҷвияи машҳури «Ғӯладинго, бар сари зин менишинӣ хуквор»-ро навиштаанд (7-335), ба тафсил нигориш ёфтаанд.

**Дар нимаи дувуми садаи 19 нахустин ҳақгӯи сахтгӯй Аҳмад-махдуми Дониш буд**. Ҷасорати ӯ аз нигоштаҳои ӯ намудор буда, мо дар поинтарҳо бархе аз намунаҳои онро хоҳем дид. Пас тавон гуфт, маорифпарварии тоҷикӣ аз оғоз сахтгӯӣ дошт. Нотарсиву бебокии Аҳмади Дониш чун намунаи ибрат хидмат ва баъзе равшанфикронро далер кард.

Ба ҷуз он ки домулло Абдушшакури Оят ва Садри Зиё худ ҳақгӯй будаанд, чанде аз ҳақгӯёни шӯҳратманди вақт дар маҳфили адабии Садри Зиё аз фаъолон ба шумор меомаданд. Устод Айнӣ дар оғози бахши севуми «Ёддоштҳо» чанде аз **фаъолони маҳфили Садри Зиё**ро ном гирифтааст, ки инҳоянд: мулло **Нарзуллоҳи Лутфӣ, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллохоҷаи Таҳсин, мулло Бурҳони Муштоқии Бисмил, қорӣ Абдулкарими Офарини «дӯзахӣ», Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ, мулло Раҳмати сартарош, Азизхоҷаи Азиз- ҳамагӣ ёздаҳ нафар**. Инҳо касонеанд, ки устод Айнӣ аз соли 1891 дар маҳфили Садри Зиё бо онҳо шинос шуд. Чанд тани дигар дар он маҷлисҳо **ғоибона ситоиш** мешуданд. Чунончи **Мирзо Ҳайити Саҳбо, Шамсиддини Шоҳин, Аҳмад-махдуми Дониш.** Сипас устод Айнӣ ҳамаи инҳоро бо андак тафсил муаррифӣ кардлааст ва аз саргузашти онҳо чизҳое ҳикоят намудааст, гоҳ гӯё ҳолномаву зиндагиномаи кӯтоҳе навиштааст. Аз ин ҳолномаҳо ошкор мегардад, ки бештарини аҳли маҳфили Садри Зиё аз ҷумлаи ҳақгӯён будаанд. Ҳавлии Садри Зиё ҷои гирдомади зиёъиёни озодандеш ва ҷасоратмандони ҳақгӯй будааст. Дар сӯҳбати онҳо аз бадкирдориҳои роҳбарони ҳукумат ва мансабдорони калон, яъне аз аҳволу атвори онҳое, ки «амир хуни халқи хеш аз дасти онҳо мехӯрд», сухан мерафт. Чунончи Абдулмаҷиди Зуфунун аз шогирдони Аҳмади Дониш буда, маҳфили Садри Зиёро бо маҷлисҳои ҳавлии Аҳмади Дониш пайваста буд, ӯ аз амир ва дарбориёни ӯ» гап зада, «кирдорҳои бади онҳоро бераҳмона кушода мепартофт» (7-11). Зуфунун худро ба девонагӣ зада буд ва Садри Зиё гуфтааст:

«Девонагии Зуфунун сохта аст вагарна худи ӯ донишманди ҳамафаҳм аст. Аммо ӯ барои аз тарафи амир бозхост нашудан худро ба девонагӣ зада мегардад» (7-12).

Дигар аз аҳли маҳфили Садри Зиё, ки низ худро девона вонамуд мекард, Яҳёхоҷа буд. Аммо чунонки устод Айнӣ мегӯяд «девонагии» Яҳёхоҷа «фаъолона ва боғайратона буд» ва «муллоҳои калони расмӣ ва дарбориёни калон ҳар гоҳ ӯро дар роҳе ва кӯчае бинанд, ба паскӯчае даромада рафта, худро аз вай пинҳон мекарданд, то ки ҳақоратҳои ӯро нашунаванд» (7-12). ***Яҳёхоҷа*** боре қорӣ **Самеъ** ном касеро, ки муллои калон ва «**фиребгартарини фиребгарон ва моли мардумхӯртарини ҳаромхӯрон будааст», сахт фош ва дар миёни мардум шарманда кард** (7-13). Бори дигар Яҳёхоҷа ба пеши мулло Бадриддини қозикалон, ки пас аз амиру вазир шахси севуми кишвар ва яке аз сахттарин ситамгарони

замон буд, даромад бо ӯ «сӯҳбат» ороста, гуноҳҳои ӯро беибо ба рӯяш гуфт: «Ту имрӯзҳо дар Бухоро аз амир ҳам калонтар мебошӣ, ихтиёри мурдаву зиндаи ҳамаи мардуми мамлакати Бухоро дар дасти туст, ту хоҳӣ касеро месӯзӣ ва хоҳӣ касеро месозӣ ва ҳеҷ кас ба ту чуну чаро гуфта наметавонад» ва ҳоказо (7-14). Рӯзе Яҳёхоҷа дар хонаи Садри Зиё Ҷӯрабек Арабоврo, ки аз калонтарин сарватмандони Бухоро ва милионер буд, дида бо ӯ низ «сӯҳбат» кард, ӯро ҳаромхӯр гуфт ва як байти Бедилро ба ёд овард ки ин аст:

*Кисаи ҳеҷ кас надид пурӣ,*
*То накард ихтиёри кисабурӣ.*

Чунин рафтору гуфтори Яҳёхоҷа ва Зуфунун, ки айби ҳукуматдорон мансабдорон, бадкирдорон, мардумозоронро фош мекарданд, ба рӯяшон мегуфтанд ва барои ин худро ба девонагӣ зада буданд, яке аз навъҳои ҳамон ҳақҷӯист, ки хеле авҷ гирифта буд. Бешак сӯҳбатҳои маҳфили Садри Зиё низ монанди гуфтаҳои мазкури онҳо буд.

Яке аз **ҳақгӯёни нотарс** шоири машҳур **Мирзо Ҳайити Саҳбо** будааст. Саҳбо дар маҳфили адабии Садри Зиё ширкат надоштааст, вале дар сӯҳбатҳо ӯро ёд мекардаанд. Чун аз далериву ҷасорати муборизони роҳи адлу инсоф бо мамнуният гап мезаданд, масалан, мегуфтанд, ки Саҳбои амалдор (мироби Шаҳррӯд ва миршаби Бухоро) «ҳамеша камбудиҳои дарбори амирро фош мекардааст, ҳатто баъзан дар ҳузури амир аз ҳақгӯӣ бознамеистодааст» (7-27). Устод Айнӣ ба ин муносибат ин ду байти Садри Зиёро, ки дар «Тазкори ашъор» дар бораи Мирзо Ҳайити Саҳбо гуфтааст, зикр мекунад:

*Ба изҳори ҳақ ошкору ниҳон,*
*Надорад ҳазар аз кеҳону меҳон.*
*Ба ҳадде ки дар пеши шаҳ з-ин насақ*
*Кунад доимо нашр эълони ҳақ.*

Саҳбо ба сабаби ин ҳақгӯиҳо чанд бор ҷазо дида ва оқибат чунончи Садри Зиё дар «Рӯзнома»-и худ овардааст, соли 1918 Саҳборо ба Қубодиён бадарға карданд ва ба дасти ӯзбекони он ҷо ваҳшиёна ба қатл расониданд[9].

Худи Садри Зиё низ чунон буд, ки гоҳ рӯ ба рӯйи амир истода ва рост ба чашмони ӯ нигариста сухани ҳақ мегуфт ва чунонки поинтар хоҳем дид, оқибати кори ӯ қариб монанди Саҳбо шуд.

Яке аз **ҷасуртарин ҳақгӯён домулло Икром (муфтӣ Икромча)** буд, ки ҳамеша ба ҳукуматдорон, уламои манфиатҷӯй ва муллоҳои ҷоҳил даст ба гиребон будааст. Ӯ аз наздиктарин дӯстони Садри Зиё ва ҳамтақдири ӯ буда, дар ин бора низ баъдтар сухан хоҳем ронд.

Дар маҳфили Садри Зиё дигар навъҳои ҳақгӯӣ низ намоянда доштааст. Яке аз ин навъҳо навиштани осори адабиву илмӣ бо изҳори ақидаҳои мухолифи сиёсати рӯз ва тартиби замон буд. Чунончи **Мирзо Сомӣ**, ки аз аҳли маҳфили Садри Зиё буд, асарҳои худ «**Тӯҳфаи шоҳӣ» ва «Дахмаи шоҳон**»-ро, ки дувумӣ такмилаи асари ҳамноми Мирзо Сиддиқи Муншӣ—бародари худаш буд, «**бо рӯҳи мухолифаткорӣ ва танқиди дарбор навиштааст**» (7-25).

Устод Айнӣ онҳоеро, ки «гули сари сабади маҷлисҳои Шарифҷон-махдум» буданд, як-як ёд карда дар хулоса гуфтааст, ки «ҳар кадоми онҳо кам ё беш нисбат ба сохти замони худ норозигӣ доштанд, ки ин хусусияти онҳо ҳам ба ман бе таъсир намонда буд» (7-26).

Ин ҷо боз як бор аҳамияти маҳфили Садри Зиё барои парвариши ҷавонони кушодафикру озодандеш таъкид шудааст. Аз ҷумла **Садриддини Айнӣ, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва чанд ҷавони дигар пас аз чанд сол фаъолтарин маорифпаварони тоҷик (ҷавонбухороиён, тараққихоҳон, ҷадидон) шуданд, аз ҳамин маҳфили адабии Садри Зиё, аз ҳамин маркази ҳақҷӯӣ тарбият гирифтаанд.**

Хуллас, ки маҳфили адабии Садри Зиё на танҳо «мактаби адабиёти ҳамон давра» (7-228), балки яке аз марказҳои рушди ҳақгӯӣ низ будааст. Ҳақгӯӣ навъе аз эътирози иҷтимоъӣ, як навъи вежаи озодандешӣ ва мухолифату муқовамати иҷтимоъиву сиёсӣ буда, маҳфили Садри Зиё барои тақвият ва густариши он нақше доштааст.

---

[9] Тафсилоти ин ваҳшониятро профессор Саъидҷон Алиев аз гуфти як шоҳиди воқеа баён кардааст. Ниг. *С. Алиев*. Унитилмас саҳифалар (саҳифаҳои фаромӯшношуданӣ). Тошканд, «Ӯзбекистон», 1986, саҳ. 88-91, ба забони ӯзбекӣ.

***

Гуфтем, ки **ҳақгӯи аввал Аҳмад-махдуми Дониш буд. Бо бовармандӣ тавон гуфт, ки ҳамнишинӣ ва ҳамсӯҳбатӣ бо Аҳмади Дониш ба Садри Зиё муяссар нагардидааст. Лекин маҳфили адабии Садри Зиё бо маҷлисҳои хонаи Аҳмади Дониш робитаи бевосита доштааст. Бисёре аз аҳли маҳфили Садри Зиё ба маҷлисҳои Аҳмади Дониш низ ширкат мекардаанд. Чунончи устод Айнӣ гуфтааст, ки Зуфунун «аз шогирдони Аҳмади Дониш буда фикру чашми ӯ дар сӯҳбати Аҳмад-махдум кушода шуда буд » (7-11). Устод Айнӣ боз мегӯяд: «Яҳёхоҷа аз дӯстони наздики Аҳмад-махдуми Дониш (Аҳмади Калла) буда аз ҳамсӯҳбатони доимии ӯ ба шумор мерафт» (7-20). Яъне дӯстону ҳамсӯҳбатони Аҳмади Дониш дӯстону ҳамсӯҳбатони Садри Зиё буда, рӯҳияи маҷлисҳои Аҳмади Донишро ба маҳфили Садри Зиё оварда буданд. Содиқхоҷаи Гулшанӣ «бо Аҳмад-махдуми Дониш ҳамгузар буда, ҳафтае чанд бор ба сӯҳбати ӯ мерасидааст» (7-21). Ҳомидбеки Ҳомид, ки аз фаъолони маҳфили Садри Зиё буд, низ чунин буда, «толеъ ӯро ба ҳамсӯҳбатии Аҳмад-махдуми Дониш расонидааст, ки аз он ҷо як одами озодфикр шуда расидааст» (7-23). Ӯ ҳамин озодфикриро ба маҳфили Садри Зиё овард ва ин ҷо « дар сӯҳбатҳо бештарин вирди забони ӯ нақли маҷлисҳои Аҳмад-махдум буд» (7-23). Абдулкарими Офарини «дӯзахӣ» низ аз давомкунандагони маҷлиси Аҳмад-махдуми Дониш будааст(7-24). Мирзо Азими Сомӣ «аз дӯстони наздики Аҳмад махдуми Дониш буда, дар замони зинда будани ӯ ҳеҷ набошад ҳафтае як бор ба сӯҳбаташ мерафт» (7-25).**

Ин аст, ки маҳфили Садри Зиё моҳиятан ба маҷлисҳои Аҳмади Дониш наздик буда, мавзӯи сӯҳбатҳо дар маҳфили Садри Зиё ва маҷлиси Аҳмади Дониш тавон гуфт як буда, дар ин сурат метавон пай бурд, ки гоҳ сӯҳбате аз хонаи Аҳмад-махдум сар шуда, дар ҳавлии Садри Зиё давом меёфт ва гоҳе баръакс ин ҷо оғоз ва он ҷо идома меёфт. Баъзе аз аҳли маҷлис аз ҳавлии Аҳмади Дониш баромада ба ҳавлии Садри Зиё меомаданд ва ба ҳамон рӯҳия, ки ҳангоми омадан доштанд, сӯҳбатро идома медоданд. Аз бисёр ҷиҳатҳо **маҳфили Садри Зиё идомаи маҷлиси Аҳмад-махдум** буд.

Ба ин тариқ ҳақгӯӣ, ки Аҳмади Дониш ба он мазмуни баланди иҷтимоӣ ва ранги маорифпарварӣ дод, густариш ва қувват гирифта, маорифпарварӣ, ки Аҳмади Дониш оғоз ниҳод, бо ҷамъ омадани зиёиёни пешқадам ба гирди ӯ тавоноӣ афзуда, ба як ҷараёни пурзӯр табдил ёфт. **Рисолати таърихии маҳфили адабии Садри Зиё ин будааст, ки ҷасорати ҳақгӯӣ, маънавиятгустарии маорфпарварӣ ва пархоши иҷтимоъиро, ки Аҳмад-махдум бо қатъияти тамом ба майдон овард, устуворӣ бубахшид ва барои нуфузафзоии маорифпарварӣ дар ҷомеа мусоидат намуд**. Алббата равияи танқидӣ ва фарҳанггустарии аҳли маҳфили Садри Зиё шояд ба он жарфои фалсафии эътирози иҷтимоӣ, ба он шинохти фалсафии замон, ки дар осори Аҳмади Дониш мебинем, шояд натавонист баробар бишавад, натавонист ба сатҳи баланди Аҳмади Дониш бирасад. Вале рисолати таърихии худро ба хубӣ иҷро намуд: барои он ки омӯзаҳои Аҳмади Дониш дар ҷомеа бештар реша давонад, маҳфили адабии Садри Зиё аз омилҳои асосӣ буд.

Академик Бобоҷон Ғафуров чунин таъкиде дорад: « Бояд қайд кард, ки ҷунбиши ҷадидони Бухоро ягона ҷараёни оппозитсионӣ дар ҳудуди аморат буд»[10]. Ин таъкид ба ду даҳаи нахустини садаи бист дахл дорад. Ба ақидаи мо онро ба маорифпарварии Аҳмади Дониш ва охирин чоряки садаи нуздаҳ низ метавон татбиқ кард. Ба ёд оварем, ки устод Айнӣ хеле пештар аз Бобоҷон Ғафуров-соли 1940 дар рисолаи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» дар бораи солҳои 1891-1892 гуфта буд, ки аҳли маҷлисҳои ҳавлии Садри Зиё «ҳамеша як навъ ҳаракатҳои оппозитсионӣ нишон медоданд» (1-33). Ин таъбири Айнӣ он таъкиди Б. Ғафуровро қувват медиҳад. Дар ҳақақат эътирози иҷтимоии Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ, аз ҷумла аҳли маҳфили Садри Зиё эътирози зӯрманд, як нерӯйи фаъоли мухлифаткор буд. Мо бар инем, ки арзёбии маорифпарварӣ ба сифати як ҷараёни пурзӯри мухолифаткор, ки академик Б. Ғафуров ва низ профессор И. С. Брагинский таъкид кардабуданд, хеле муҳим аст ва моҳияти иҷтимоиву сиёсии маорифпарвариро беҳтар падид меоварад. Маорифпарварӣ на танҳо дар оғози садаи бист (ду даҳаи нахустини он), балки аз овони пайдоиш, аз нахустин ҷусторҳои маънавиву фалсафӣ ва иҷтимоъиву сиёсии Аҳмади Дониш ба роҳи мухолифаткорӣ даромад. Аз ҷумла фаъолияти аҳли маҳфили адабии Садри Зиё, ҷасорати ҳақҷӯӣ ва муборизаи зидди ситами иҷтимоъӣ, ки онҳо ба тарзҳои гуногун пеш гирифта буданд, кам ё беш теша ба решаи истибдоди замон мезад. На танҳо маҳфили Садри Зиё, балки баъзе аз осори ӯ, чунончи «Тазкори ашъор» низ рӯҳияи мухолифаткорӣ дошт. Мо инро дар мақолаи алоҳида хоҳем дид. **Ормон (идеал)-ҳои маорифпарварӣ аз андешаи башардӯстӣ нумӯ карда, он сохту низоми иҷтимоъиро, ки ситаму ситамкориро**

[10] *Б. Ғафуров*. История таджикского народа, т.1. М., Госполитиздат. 1949, стр. 453.

**ҳимоя мекунад ва қувват медиҳад, рад кард ва аз ин ҷо мухолифаткории сиёсии маорифпарварӣ оғоз ёфт.**

Зиёда аз ин, мухолифаткории маорифпарварӣ дар баъзе мавридҳо то андозае обуранги миллӣ пайдо намуд. **Бархе аз андешаҳои Аҳмади Дониш, ба вежа китоби ӯ «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» гоҳ- гоҳе ошкоро оҳанги зидитуркӣ касб кардааст. Чун дар ҷанги Бухорову Русия (1867) Манғитиён сахт шикаст хӯрданд, Самарқанд ба тасарруфи Русия даромад, кишвар хароб ва халқ бенаво шуд, Аҳмади Дониш ин ҳамаро чунин маънӣ додааст: «Сарпӯш аз карсонаки ӯзбак бардошта ва миси перояи сару риши онҳо намоён гашт»[11]. Ин ҷо сарзанише ҳаст, ки ба мансубияти қавмии Манғития ишора дорад. Дар байни мардуми ситамкаш ва равшанфикрон гоҳ муқобилат бо зулму ситам то дараҷае ба муқобили ситами қавлӣ ва зулми миллӣ равона мегардид, ба талоши миллии озодихоҳӣ наздик мешуд. Аз ҷумла Аҳмади Дониш гуфтааст: «Ба сабаби он ки мардуми ӯзбак дар умури давлатӣ тадохул ёфта, ҷиҳати безабтии салтанат шуда, ҳар чӣ аз ҳар ҷо ёфтаанд, мутасаррифу молик шуда, шӯъла аз чароғи бевазан ва нон аз анбори қоқ дуздидаанд»[12]. Ошкор аст, ки ин ҷо сухан на танҳо аз ситами иҷтимоъӣ, бешатр аз ситами қавмӣ меравад[13].**

Ҳақгӯии ҷасуронаи маорифпарварони поёни садаи 19 ва оғози садаи 20 падидае аз башардӯстии фаъол аст, ки анъанаҳои фаъолиятмандии иҷтимоъии чандин асри пешро, ки дар замони муборизаи зидди истилогарон бештар авҷ мегирифт, идома додааст.

Башардӯстии фаъол ба вежа дар осори Саъдӣ ба дараҷаи баланд расид. Саъдӣ мегӯяд:

*Саъдиё, чандон ки медонӣ, бигӯ!*
*Ҳақ нашояд гуфт илло ошкор!*
*Ҳар киро хавфу тамаъ дар бор нест,*
*Аз хито бокаш набошад в-аз татор.*

Чунонки ошкоргӯии ҷасуронаи Саъдӣ бахше аз муборизаи зидди истилогарони тотору муғул низ буд, сахтгӯиҳои Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ, аз ҷумла аҳли маҳфили Садри Зиё низ ҷанбаи миллӣ дошт ва ба муқобили зӯр гирифтани ситами қавмии Манғития низ равона гардида буд. **Башардӯстии фаъоли адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ дар даврони маорифпарварӣ муҳимтарин омиле дар муборизаи миллии озодихоҳии тоҷикон ва пархоше бо ситами иҷтимоъӣ буд.** Ин нуқта даъвои Р. Масоврo, ки гӯё зиёъиёни Бухоро ҳама мутеъу фармонбардори Манғитиён ва миллатфурӯшу хоин буданд, қатъиян рад мекунад. Мо дар ин бора дар бахши дувуми ин китоб, ки ҳоло ба даст доред, андаке ба тафсил сухан хоҳем ронд.

Муборизаи зидди сиёсати ҳукуматдорони Манғит ва дастнишондаҳои онҳо дар маҳфили адабии Садри Зиё низ шиддат дошт, вале шояд ҷанбаи миллии ин мубориза аз тарафи муборизон ҳанӯз амиқан дарк нашуда буд ва таъкид нагардидааст, аммо чун **маорифпарварӣ поя бар андешаи миллӣ дошта, роҳҳои растагории миллиро ҷустуҷӯ дошт, дар шароити аморати Бухоро, ки 75 фоизи ҷамъияти он тоҷикон буданд, табиъист, ки наметавонист аз пархоши миллии мардуми тоҷик берун бимонад.**

4

Садриддини Айнӣ, ки чанде дар ҳавлии Садри Зиё зиста, ӯро падари маънавӣ ва «аввалин тарбиятгари маънавии худ» (7-50) донистааст, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, ки низ аз таълимдидагони маҳфили адабии Садри Зиё буда ва чанд сол дар ҳавлии ӯ ба сар бурдааст, инчунин чанд ҷавони дигар пас аз инқилоби Русияи соли 1905 фаъолияти амалии фарҳанггустарӣ оғоз намуданд ва 10 шавволи 1326 қ. =4 октабри 1908 дар Бухоро мактаби усули ҷадид кушоданд, ки барнома ва тарзи омӯзишу парвариш дар он ба куллӣ нав буда, кӯдак дар андак муддат- -дар панҷ –шаш моҳ савод мебаровард ва пас аз он аз илмҳое чун

---

[11] *Аҳмади Дониш*. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. Душанбе, Сарват, 1992, саҳ. 29.
[12] Ҳамон асар, саҳ. 84.
[13] Дар бораи ин, ки муборизаи маорифпарварон навъе аз муборизаи озодихоҳии миллӣ низ будааст, муроҷиат шавад ба: *Субҳони Амир*. Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш. Душанбе, 1995, саҳ. 7; *Муҳаммадҷони Шакурӣ*. Айнӣ-равшангари таърихи тоҷикон. Хуҷанд, Нури маърифат, 2001, саҳ, 56-57.

ҷуғрофия, ҳисоб, таърих шиносоӣ пайдо мекард. Аз ҷавонон Аҳмадҷони Ҳамдӣ (1884--1946), Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ( ки соли 1918 ба дасти ҷаллодони амир кушта шуд) ва чанд нафари дигар ба ин кор ҳамроҳ шуданд. Онҳо ҳамон сол ба номи «Ширкати Бухорои Шариф» созмони саҳомие таъсис карданд, ки барои мактаби нав китобҳои дарсӣ чоп мекард. Соли 1910 ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол» ташкил шуд, ки мактабҳои усули ҷадид мекушод. Он гоҳ, ки амири Бухоро бо иғвои уламои сӯъ ин мактабро баст, ҷамъияти «Тарбияи атфол» мактабҳои пинҳонӣ кушод, кӯдакону наврасонро барои таҳсил ба кишварҳои дигар фиристод, соли 1912 ба номи «Бухорои Шариф» рӯзномае чоп кард, ки нахустин рӯзномаи форсии тоҷикии Мовароуннаҳр аст. Мақсади асосии он ҷамъияти пинҳонкор ислоҳи мактабу мадраса, ба фарҳанги нави замонӣ расонидани миллат, аз ақибмондагӣ ва дарбастагии феодалӣ баровардани кишвар ва ба роҳи тараққӣ дохил намудани он буд. Ҷавононе, ки ба роҳи фарҳанггустарӣ ва маорифпарварии амалӣ даромаданд, ҷавонбухороӣ ё тараққихоҳ ва ё ҷадид ном гирифтанд. Ҳаракати ҷадидон ва адабиёти ҷадидия дар Самарқанд, ки русҳо аз Бухоро ҷудо ва ба Туркистони Русия илҳоқ карда буданд, бештар густариш ёфт. Дар Хуҷанд ва Истаравшан, ки низ ҷузъе аз Туркистони Русия ҳисоб мешуд, маорифпарвароне фаъолият оғоз намуданд.

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дар ҷунбиши ҷадидон бевосита ширкат надошт, лекин ҷадидон ҳамеша аз дастгирии ӯ бархурдор будаанд. Ба гувоҳии Садриддини Айнӣ таъминоти моддии ҷамъияти «Тарбияи атфол»-ро чанд нафар маорифпарварон ба ӯҳда гирифта буданд, ки Садри Зиё яке аз онҳо буда, ҳар моҳ пинҳонӣ маблағи муайяне ба тариқи иона медод[14]. Тағоибачаи Садри Зиё Сайидҷон-махдуми Назмии шоир низ пинҳонӣ ёрмандии моддӣ мекард (ва соли 1918кушта шуд) Садри Зиё дар нахустин соли таъсиси мактаби тараққихоҳон фарзанди худ Зарифро ба ин мактаб дод ва бо ин кор эътибори мактаби усули навро баланд кард. Чун мактаби тозафикрон нахустин бор баста шуд, амир Абдулаҳадхон ба Садри Зиё «дастхате фиристода, масъалаи мактабро пурсид»[15] ва аз ӯ ҷавобе ба тарафдории ҳама ташаббусҳои ҷавонони тараққипарвар дарёфт кард.

Дар санаи 1310=1893 Садри Зиё хатми кутуб кард ва аз ҷавонӣ хидмати дар мақоми қазоватро шурӯъ намуда, дар зарфи бисту ҳафт сол дар бузургтарин тумону вилоятҳои Бухоро дар мансаби қозии шариат машғулӣ дошт. Қозигии ӯ ҳар дафъа зуд ба маъзулӣ меанҷомид. Чунончи аз рисолаи «Сабаби инқилоби Бухоро» мебинем, аксаран зуд «гуноҳе» аз ӯ мегузашт ва ӯро бекор мекарданд. Вай ба Бухоро бармегашт ва чанде аз назари амир дур афтода, ба гуфти худаш «талхкомии маъзулиро кашида, ҷонкании бепулиро чашида умре ба сар мебурд[16].

Гоҳ барои аз назари амир дур афтодани ӯ боис ин мешуд, ки одати ҳақгӯӣ дошт. Ин одат чандин бор боиси ранҷиши амиру вазир ва қозикалон шуда буд. Ҳоҷӣ Раҳматуллоҳи Мӯҳтарам дар «Тазкиратушшуаро»-и худ дар бораи Садри Зиё навиштааст: «Афсӯс аз ин ҳама фазлу камол, ки бар дӯши авсофи ҳамидаи худ тайласони лоуболӣ пӯшонида… Қадри ҷалоли худро шикаста, роҳи маноли хешро хеш баста… Аз ин ҷиҳат аст, ки… муддатест дар гӯшаи ноқабулӣ ва зовияи маъзулӣ хазида, бар ин аҳвол шокир ва бад-ин атвор собир аст»[17]. Мӯҳтарам аз дӯстони Садри Зиё буд ва бино бар ин аз нотарсиву саркашиҳои Садри Зиё бо афсӯс сухан ронда, ин сифатҳоро сабаби маъзуливу гӯшанишинии ӯ донистааст.

Аз хусусияти ахлоқии Садри Зиё он буд, ки аспро дӯст медошт ва саисхонаи худро ба тартиби тавилаи Арки амир нигоҳ медошт. Воқеанависҳо ба амир хабар доданд, ки қозӣ Шарифҷон дар аспдорӣ ба ҷаноби олӣ тақлид мекунад. Ин ҳам боиси ранҷиши амир ва маъзулии Садри Зиё шуда буд.

Ҳангоми қозигиҳо низ ҳамеша осудаҳолӣ даст намедод. Гоҳ ташвиши зиёде ва рӯзҳои ногуворе пеш меомад. Аз ҷумла гуфтааст, ки дар яку ним соли қазои вилояти Янги Қӯрғон «қарзи бисёре ва насияи бешуморе нақди киса ва оиди рӯзгори бандаи беэътибор гардида»[18]. Дар навиштаҳояш, аз ҷумла дар «Рӯзнома» айёми хушнудӣ аз зиндагонии хеш, ки бо ризоият ҳикоят карда бошад, зиёд нест.

Дар бораи ин ки дар тумону вилоятҳо ҳангоми қазоват рафтори ӯ чӣ гуна будааст, аз Рӯзнома ва баъзе навиштаҳои дигари ӯ, чуночи аз рисолаи «Сабаби инқилоби Бухоро» гоҳ-

---

[14] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро . Душанбе, 1987, саҳ. 133.

[15] Ҳамон асар, саҳ. 84.

[16] Рӯзномаи Садри Зиё. Теҳрон, Маркази аснод ва ҳадамоти пажӯҳишӣ, 1382-2003, саҳ. 154.

[17] Тазкират-уш-шуарои Мӯҳтарам, ба тасҳеҳу муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Душанбе, Дониш, 1975, саҳ, 215.

[18] Рӯзномаи Садри Зиё. саҳ. 130.

гоҳ маълумот ба даст меояд. Имрӯз ки ҳам «Сабаби инқилоби Бухоро» (дар китоби «Наводири зиёъия») ва ҳам «Рӯзнома» чоп шудааст, дар борои чигунагии фаъолияти Садри Зиё дар маснади қозигӣ ба даст овардани маълумот душвор нест. Хулосаи фаъолияти иҷтимоъии Садри Зиё дар мақоми қозии шариат ин аст, ки ӯ худ гуфтааст:

*Гоҳ иҷрои шариат буду гоҳе дафъи зулм*
*Алгараз бекор неву кору боре доштем*[19].

Бо камоли бовар тавон гуфт, фаъолияти Садри Зиё дар қазову қазоват ба он усули умдаи мубориза иҷтимоъӣ, ки дар маҳфили адабии ӯ дар асоси омӯзаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш муайян шуда буд, созгорӣ дошт.

Садри Зиё бо вуҷуди он ки бештар дур аз Бухоро мезист, имкон меёфт, ки ба адабиёт таваҷҷӯҳ варзад, аз аҳволи навфикрони тараққихоҳи Бухоро хабардор бошад, ба ҳангоми ниёз онҳоро ёрии зарурӣ бирасонад. Чунончи Садриддини Айнӣ пас аз чанд соли рафтанаш аз ҳавлии Садри Зиё дар мадраса беҳуҷра монд, чанд гоҳ дар Бухоро ҷои зист меҷуст ва ба гуфти худаш «истиқомати даруни курта» дошт. Он вақт Садри Зиё дар вилояти Насаф ( Қаршӣ) қозӣ буда, аз оворагиҳои Айнӣ хабар ёфт ва дар Бухоро аз мадрасаи Кӯкалтош, ки аз машҳуртарин мадрасаҳои шаҳр буда, вақфи зиёд дошт, барои Айнӣ ҳуҷрае харид. Айнӣ дар ин ҳуҷра аз соли 1902 то 1917 зиндагӣ кард ( 1-58) ва саҳмияи вақфи он ҳуҷра мадади маоши ӯ гардид. Дар ин ҳуҷра ҳоло Музеи Айнӣ ҷойгир аст.

5

Моҳи феврали соли 1917 дар Русия дувумин инқилоб рӯй дод ва подшоҳро сарнагун карда, низоми ҷумҳурӣ барқарор намуданд. Ҷадидони Мовароуннаҳр аз ҷумла маорифпарварони Бухоро ин воқиаро бо мамнунияти тамом пешвоз гирифтанд ва низ дар роҳи ҳақталабӣ фаъолтар шуданд. Тараққихоҳони Бухоро, ки сафашон як андоза афзуд (наздик ба дусад нафар расид), аз амир ислоҳоти иҷтимоъиву сиёсӣ ва фарҳангӣ хостгор шуданд. Консулхонаи Русия дар Бухоро низ худро ҳавохоҳи адолати иҷтимоъӣ ва демократия вонамудан хоста ва низ амирро ба ин водошт, ки баъзе аз хостҳои тараққихоҳонро рад накунад ва аз ислоҳот худдорӣ нанамояд.

Он сол Садри Зиё дар тумони Ғиҷдувон қозӣ буд. Рӯзе ӯро босуръат ба Бухоро талабиданд ва 25март қозикалон (қозиулқузот) таъин намуданд. Мансаби қозикалонӣ баробари вазорати адлия ва мақоми шахси сеюми кишвар (баъд аз амиру сарвазир) буд. Пеш аз ин ду бор ба Садри Зиё ин мансабро пешниҳод карда буданд, вале ӯ рад карда буд. Ин дафъа ҳам Садри Зиё розӣ набуд, вале ин дафъа бидуни огоҳии пешакӣ ва пурсидани розигии ӯ гӯё ба таври маҷбурӣ ба ӯ маншури қозикалонӣ супурданд.

Маълум шуд ки тараққипарварони ислоҳотталаби Бухоро (яъне ҳамонҳое ки ҷавобухороиён, ҷадидон, маорифпарварон ном гирифтаанд аз намояндаи сиёсии Русия (сарвари консулхона, элчихона) хоҳиш кардаанд, ки амир Олимхонро ба ислоҳот розӣ кунад ва барои иҷрои ислоҳот Садри Зиёро қозикалон (ақзалқузот) ва Абдуссамадхоҷаи судури Самарқандиро раис (раискалон, сармӯҳтасиб) таъйин кунанд. Абдусамадхоҷа низ мисли Садри Зиё аз уламои пешқадам ва дӯсти ҷавонбухороиён (маорифпарварон) буд.

Ба чунин сабабе ба қозикалонӣ таъин шудани Садри Зиёро чанд санад тасдиқ мекунад. Яке ин ки устод Айнӣ таъкид кардааст: «Зиё аз ҷумлаи уламои тараққипарвар ба шумор меравад. Банобар ин амир Олим дар соли 1917 барои (иҷрои) фармони ислоҳот мумилайҳро дар Бухоро қозикалон кард»[20]. Миллер – вакили сиёсии Русия (сардори консулхона) дар як телеграммаи махфӣ, ки 24 марти 1917 ба вазорати корҳои хориҷии Русия фиристода буд, навиштааст: «Тибқи пешниҳоди ман қозикалону раиси Бухоро фардо иваз хоҳанд шуд ва тарафдорони шинохтаи ислоҳот қозиёни Ғиҷдувону Чорҷӯй Муҳаммадшариф ва Абдуссамадхоҷа, ки обрӯйи баланд ва шӯҳрати ҳамагонӣ доранд, таъйин хоҳанд гардид»[21]. (По моему предложению кази –калян и бухарский раис будут

---

[19] Ҳамон асар, саҳ. 184.
[20] *С. Айнӣ*. Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926, саҳ. 401.
[21] Бухара в 1917 году (Бухоро дар соли 1917). Секретная телеграмма Российского резидента в Бухаре на имя советника третьего отдела, 24 марта 1917 г. (Ьарқияи махфии намояндаи сиёсии Русия дар Бухоро ба номи мушовири шӯъбаи севуми сиёсӣ, 24 марти с. 1917). Маҷаллаи «Красный архив», 1927, № 1 (20) саҳ. 83. Мадорики «Красный архив»-ро профессор намози Ҳотами ин калима гузошта буд, ки ӯро сипосгузорам.

заменены завтра известными сторонниками реформ гиждуванским и чарджуйским казиями Мухаммед-Шерифом и Абд-ус –Самад-Ходжей, пользуюшимися большим авторитетом и широкой популярностью).

Аз ин санад боз як бор бовар ҳосил мешавад, ки Садри Зиё аз хосторони ислоҳот ва номи ӯ дар ҷомеа аз эътибор ва шӯҳрати тамом бархурдор буд. Ин ҷо лозим аст дар бораи қозӣ Абдуссамадхоҷаи судур низ бигӯем, ки ӯ набераи қозӣ Абдуссаъидхоҷаи Самарқандӣ буд. Абдуссаъидхоҷа «дар аҳди худ ягона», мударриси фарзона ва устоди Шаҳобиддини Марҷонӣ (1813-1889) —маорифпарвари бузурги тотор, ки дар Бухоро таҳсил карда буд, будааст. Падари Абудсаидхоҷа аз уламои обрӯманди вақт буда, худи Абдуссамадхоҷа низ чун падару бобош номи нек доштааст, дар фаъолияти созмони пинҳонкори «Тарбияи атфол» ширкат яъне бо ҷадидони ҷавонбухороӣ ҳамкорӣ мекардааст. Мансаби раис (раискалон), ки ба Абдуссамадхоҷа расид, ба истилоҳи Русия вазири корҳои дохилӣ буд.

Миллер дар телеграммаи дигар хабар медиҳад, ки сарварони ҷадидияи Бухоро Абдурраufи Фитрат ва Мӯсо Йӯлдош аз ӯ хоҳиш карданд, ки аз номи онҳо ба амиру қушбегӣ барои ин ки ислоҳот кардан мехоҳад, инчунин барои ин, ки «қозии Ғиҷдувон Муҳаммадшарифи ҳавохоҳи эътиқодманди ислоҳот ва соҳиби эътибори баланд» қозикалон таъйин шудааст, ташаккур баён намояд. («Они просили меня доложить эмиру и кушбеги чувства их радости и благодарности за намеченные реформы и за замену реакционного казы –каляна» (яъне Бурҳониддин—М. Ш.) убежденным сторонником реформ и высоко авторитетным Гиждуванским казием Мухаммед-Шерифом»[22]). Ин телеграмма 26 март фиристода шудааст.

Аз ин ҷо низ ошкор аст, ки Садри Зиё ба сабаби ақидаҳои тараққихоҳона ва обрӯйи баланде, ки дар ҷомеа дошт, ба хоҳишу пешниҳоди ҷавонбухороиёни ислоҳотхоҳ ва консулхонаи Русия барои иҷрои фармони ислоҳот қозиулқузоти Бухоро таъйин гардид.

Садри Зиё таъкид, дорад, ки чун маълум гардид, ки пешниҳоди ҷавонбухороиён дар миён будааст, ӯро мамнуният ҳосил шуд, ки дар байни онҳо дӯстон ва шогирдони ӯ буданд, дар иҷрои фармони ислоҳот бо онҳо ҳамкорӣ ба онҳо такя хоҳад кард.

Садри Зиё мегӯяд: «Аз он ҷо ки табъан аз суъи идораи ҳукумат, ки абнои ватан мутазаррир мешуданд (зарар медиданд— М. Ш.) зиёда мутанаффир будам (нафрат доштам— М. Ш.) ба умеди ислоҳи ватану дин ва орзуи хизмати шариату миллат мутасаддии ин амри хатир гаштам»[23].

Ин ҷо ҳадафи Садри Зиё аз фаъолияти иҷтимоъӣ равшану возеҳ баён шудааст. Вай дар роҳи «ислоҳи ватану дин» барои шариату миллат хидмат кардан хостааст. Дар он даврон мафҳумҳои «ватан» ва «миллат» маънои иҷтимоӣ низ пайдо карда буданд ва ошкор аст, ки фаъолияти Садри Зиё моҳиятан ба мазмуни навини ватандӯстӣ ва миллатпарварӣ наздик шуда буд. Дуруст аст, ки он ҳангом вожаи «миллат» ҳанӯз маънои мушаххаси этникӣ надошт, чунончи мардуми тоҷикро шомил набуд, балки бештар маънои умумии «халқи кишвар»-ро дошта, аз ҳама пеш ҳамкешону ҳаммазҳабон ва шояд то андозае яҳудиёни маҳаллиро низ ифода мекард, ба маънои «абнои ватан» ва «ҳамватанон» меомад. Пас аз ду-се соли дигар мафҳумҳое чун «миллати тоҷик» « миллати ӯзбек» ва ғайра маъмул ва матраҳ гардид. Он гоҳ мафҳуми «миллият» дар муборизаи озодихоҳӣ ба вижа дар талошҳои озодихоҳии миллӣ ба яке аз мафҳумҳои умдае табдил ёфт, ки ормон (идеал)-ҳои тозаи башардӯстиро баён мекард. Инкишофи шуури иҷимоъии Садри Зиё ба сӯи фаҳмиши зарурати мубориза, ки аз хизмати дину шариат, аз хидмати Ватану ҳамватанон иборат бошад, ба сӯи фаҳмиши зарурати растагории миллӣ пеш мерафт. Ин раванди таҳаввули фикрӣ хеле пештар аз соли 1917 шурӯъ шуда буд, ки инро аз « Рӯзнома»-и ӯ мебинем ( поинтар хоҳем дид).

Соли 1917 бо таъйин шудан ба қозиулқузотӣ умед пайдо шуд, ки барои иҷрои орзуву умедҳои маорифпарварӣ ва ормон (идеал)-ҳои башардӯстӣ на танҳо бо қалами нависандагӣ ва фаъолияти фарҳанггустарӣ, балки ба тарзи дигаре низ, бо роҳи амалкарди маъмуриву созмондиҳӣ ҷаҳду ҷадал бикунад.

Садри Зиё барои ислоҳот ва навсозии маорифпарваронаи ҷомеа, барои иҷрои вазифаи бузурги таърихӣ камари ҳиммат сахт баст.

---

[22] Красный архив. 1927, 1(20), стр. 87.
[23] Рӯзномаи Садри Зиё, Теҳрон, 1382-2003, саҳ. 259.

Миллер дар он телеграммаи махфӣ, ки ба Петурбург, ба вазорати хориҷии Русия 24 марти 1917 фиристода буд, гуфтаст, ки қозикалон ва раиси нав, яъне Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа пагоҳ яъне 25 март таъин хоҳанд шуд («кази-калян и бухарский реис будут заменены завтра»[24]). Дар телеграммае, ки рӯзи дигар фиристода буд, гуфтааст,ки дар Бухоро қозикалону риси нав таъйин шуданд: «Эмир объявил мне о состоявщейся замене кази-каляна и реиса убедительными сторонниками реформ, упомянутыми в моей предыдущей телеграмме»[25]. Ин аст, ки 25 марти 1917 қозикалону раиси кӯҳна бо қозикалону раиси нав иваз шуданд.

Ба гуфти худи Садри Зиё рӯзи якшанбеи 17 ҷумодуссонии санаи 1335, яъне 25 марти соли 1917 қозиулқузот таъйин шуд[26].

Он рӯз амир Олимхон ба ӯ хабар дод, ки мехоҳад ислоҳоте дар кишвар ба вуҷуд биёварад ва ба ин сабаб чанд нафарро аз сари кор дур карда, чанд тани дигар, аз ҷумла Садри Зиёро ба сари кор овардааст. Маълум шуд ки иҷрои ислоҳот ба се нафар-Мирзо Насруллоҳи қушбегии вазир (сарвазир), қозӣ Шарифҷон-махдуми Садри Зиё (Муҳаммадшарифи садр) ва Абдуссамадхоҷаи судури Самарқандии раис (раискалон, сармӯҳтасиб, вазири корҳои дохилӣ) супурда шудааст. Сарварӣ дар ислоҳоти иҷтимоъиву сиёсӣ ва фарҳангии Бухоро бар зиммаи ин ҳайъати сегона гузошта шуда буд.

Лекин аз оғози кор кам-кам ошкор шудан гирифт, ки амир Олимхон, ки бо маншури худ Садри Зиёро гӯё маҷбуран ақзалқузот таъйин кард, ба ӯ чандон бовар надорад, ӯро ҳаққи амалкарди озод намедиҳад. Устод Айнӣ дар нахустин таърихномаи худ, ки пас аз як сол —феврали 1918 навишта буд, дар маҳдуд кардани ҳуқуқи қозикалон Насруллоҳи қушбегии мазкурро низ ба амир Олимхон шарик донистааст. Айнӣ менависад: «Қушбегӣ (Мирзо Насруллоҳ—М. Ш.) барои китмони мо-фи-з-замири худ ё ба хоҳиши истибдоди табиат ба касе аз арбоби ҳукумат машварат намекард, ҳатто ба қозӣ Мирзо Муҳаммадшариф, ки дар рӯзи ба қозикалонӣ мансуб шудан хеле ҳарф зада ва тавсияҳо карда буд, аз вуқуъоти явмия чизе маълум намекард»[27]. Бо Садри Зиё маслиҳат намекарданд, ӯро ба ҷараёни кор намегузоштанд. Ба Абдуссамадхоҷаи раис низ муомилаи амиру вазир ҳамин буд.

Пас аз як-ду рӯз ҳанӯз фармони ислоҳот содир нашуда, буд, ки Садри Зиё пай бурд, ки амир ислоҳоти асосӣ ҷорӣ кардан намехоҳад, ҳатто баръакс нияти ӯ қувват додани таъқиби ислоҳотталабон аст. Чун ба ин ҳақиқат бовар пайдо шудан гирифт, рӯзе Садриддини Айниро, ки аз фаъолони ҷадидия буд, огоҳ кард: ба Айнӣ як номаи махфии Насруллоҳи қушбегиро нишон дод, ки мақсади амир Олимхон ва назарфиребии ӯ аз он нома ошкор мегардид (1-76). Ба ин тарз Садри Зиё аз фош шудани сирри давлат ибо накарда, ислоҳотхоҳонро аз эҳтимоли найрангу иғвоҳо огоҳонид.

Нишонаҳои иғво пеш аз эълони фармони ислоҳот маълум шудан гирифт. Садри Зиё телефонан ба қушбегӣ хабар дод, ки баъзе касон дар шаҳр фитна ангехтан ва судури фармони ислоҳотро пешгирӣ кардан мехоҳанд. Вай барои ҳабси фитнакорон иҷозат пурсид, вале иҷозат надоданд[28]. Мухолифони ислоҳот, қувваҳои муҳофизакори иртиҷоъӣ озодона амал карда, барои аксулҳаракати қатъӣ омодагӣ медиданд.

Дар чунин мавридҳо гӯё дасту пои Садри Зиёро баста монда буданд.

Инак, 7 апрели 1917 фармони ислоҳот, ки Баённома ва Манифест ҳам номидаанд, эълон шуд. Дар Арки Бухоро ба пеши намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа, чунонки Садри Зиё дар «Рӯзнома» мегӯяд, фармонро ба дасти ӯ доданд, ки бо овози баланд бихонад.

Аҷобат он аст, ки Садри Зиё, ки гӯё аз сарварони иҷрои фармони ислоҳот таъйин шуда буд, то он лаҳза матни фармонро надида будааст, яъне дар омода кардани он ширкат надоштааст. Садриддини Айнӣ мегӯяд, ки қушбегии вазир «рӯзе, ки барои эълони фармони ҳумоюн қозикалонро (Садри Зиёро — М.Ш.) ба Арки олӣ даъват кард, ҳанӯз аз

[24] Красный архив, 1927, №1 (20), саҳ. 83.
[25] Ҳамон маҷалла, саҳ. 85.
[26] Рӯзномаи Садри Зиё. Теҳрон, 2003, саҳ. 257.
[27] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Теҳрон, Суруш, 1381=2003, саҳ. 111.
[28] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ.163.

мундариҷоти фармон ва ба чӣ тариқа тартиб ёфтани он (Садри Зиё — М.Ш.) он рӯз чизе нафаҳмида буд»[29]. Абдуссамадхоҷаи раис низ дар ҳамин ҳолати ноогоҳӣ будааст.

Фармони ислоҳотро дар консулхона (элчихона)-и Русия тайёр карда буданд. Онро ба забони русӣ навишта буданд ва чунонки устод Айнӣ чандин бор ёдовар шудааст, аз матни тоҷикии фармон нишонаҳои тарҷума ҳувайдо буд. Матни русиро нахуст бо вазорати корҳои хориҷии Русия ҳамоҳанг карданд, пас форсии он бо амиру қушбегӣ маслиҳату тасҳеҳ шуд. Миллер (вакили сиёсии Русия дар Бухоро, раиси консулхона), чунонки устод Айнӣ таъкид мекунад, мазмуни пешнависи фармонро ҳатто ба мулло Бурҳониддини қозикалони маъзул, ки сарвари иртиҷоъиён ва душмани ислоҳот буд, гуфт, аз ӯ назар хост,[30] аммо аз ислоҳотхоҳон ҳеҷ нафаре, ҳатто Садри Зиё аз мундариҷаи фармон, нуктаҳои асосии он ва равиши иҷроаш огоҳӣ надошт.

Рӯзи эълони фармони ислоҳот, яъне 7 апрели 1917 ва ду рӯзи пас ба тамом равшан гардид, ки Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа на ба сифати сарварони иҷрои фармони ислоҳот, балки ба унвони иҷрогарони одӣ ки ҳар фармоиши амиру вазирро бояд бечуну чаро иҷро намоянд, ба мансаб расида буданд. Шак намонд, ки амир Олимхон танҳо бо тақозои ислоҳотталабони шӯрида ва бо фишори намояндаи сиёсии Русия Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷаро қозикалону раискалон таъйин карда буд, вале иҷрои чунин кореро ба касоне, ки маорифпарвар ва тарафдори ҷавонбухороиёни ислоҳотхоҳ бошанд, яъне ба Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа (ҳарчанд, ки бар сари онҳо қушбегии вазир нишаста буд) супурдан нахост. Фармони ислоҳотро на ба дасти ислоҳотталабон, балки фақат ба дасти хидматпешаҳои ҳукумат иҷро кардан мехост.

Садриддини Айнӣ пеш аз эълони фармон дониста буд, ки амир ислоҳоте баргузор кардан намехоҳад. Айнӣ пеш аз эълони ислоҳот дид, ки «ҳукумат мо фи-з-замири худро (он чиро ки дар дил дорад — М.Ш.) зимнан ба касоне ки барои ислоҳот ба тозагӣ бар сари кор оварда буд, маълум кардан гирифт. Аз ин ҷумла ба қозӣ Мирзо Муҳаммадшариф (Садри Зиё — М.Ш.) эҳтиёт ба ҳаракатро тавсия намуд. Насруллоҳ- бии қушбегӣ ба қозиқалон (Садри Зиё— М.Ш.) маълум кард, ки Абдуссамадхоҷаи раис ба тараққипарварон, хусусан бо Фитрат мухолифат доштааст. Маълум кунед, ки аз ин қисм одамҳо қатъи муносибат намояд»[31]. Яъне боз ҳам Садри Зиё сирри давлатро ба ёрони худ, ҷавонбухориёни маорифпарвари ислоҳотҷӯй, чунончи ба Садриддини Айнӣ фош карда онҳоро ба ҳушёрӣ водоштааст. Устод Айнӣ пас аз нақли ин рӯйдод ва бархе рухнамудҳои дигар чунин хулоса баровардааст: «Аз ҳаракати ҳукумат ба хубӣ маълум мегардид, ки ба номи ислоҳот як супориши муқаррарӣ аз ҷаноби олӣ мебарояд. Ба амал овардани он супориш мисли супоришҳои собиқ ба дасти маъмурон аст. Табиъӣ, маъмурон ин супоришро низ мисли супоришҳои пеш ба тоқи нисён хоҳанд гузошт»[32].

Дар ҳақиқат чунин шуд. Ҳеҷ нагузоштанд, ки кор ба дасти Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа бияфтад. Рӯзи дувуму севуми эълони ислоҳот, яъне 8 ва 9-и апрели 1917 шанбеву якшанбеи 29-30 ҷумодиуссонии 1335 ҳиҷрӣ дигар ҳеҷ шак намонд, ки амир ислоҳоте ба ҷо овардан намехоҳад. Инак, рухнамудҳои мудҳиши он ду рӯз.

Рӯзи 8-уми апрел бархе ҷадидон — ҷавонбухороиёни тараққихоҳи ислоҳотталаб дар шаҳр «намоиши шукрона» ё ки «намоиши шодиёна» барпо карданд. Ҳамин ки ҷадидони намоишгар бо эрониёни маҳаллӣ ва яҳудиён парчамҳо бардошта, ба сӯи майдони Регистон, ки Арки амир он ҷост, равон шуданд, аз ҳар сӯ муҳофизакорони иртиҷоъӣ ва мухолифони ислоҳот, авбошону табаҳкорон ба намоишгарон ҳамлавар шуданд. Ба гуфти Айнӣ «атбоъи қозӣ Мир Бурҳониддин ва талабаи кӯҳистонӣ алами муқобилат бардоштанд»[33]. Онҳо бо фарёди «Во исломо!», «Во шариато!» дар кӯчаҳо мардумро лату кӯб карданд хонаҳоро ғорат намуданд. Намоиши ислоҳотталабон зуд пароканда шуд. Бештарини сарварони ҷавонбухороиён худро аз Бухоро берун кашиданд ва ҷон ба саломат бурданд.

Баъди пешин як гурӯҳи балвогарони мухолифи ислоҳот бо зӯроварӣ ба Арк даромаданд, ба Насруллоҳи қушбегӣ, Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа ҳамла карданд, Абдуссамадхоҷаро зери по гирифта, лагадкӯб карданд, ки хуншору беҳуш хобида буд. Амири бетадбир ҳамон рӯз, яъне 8 апрел Абдуссамадхоҷаро аз кор гирифт, ҳабс кард ва соли 1918 дар кӯҳистон ба қатл расонид.

---

[29] *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, саҳ. 111.
[30] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, саҳ. 101.
[31] Ҳамон асар, саҳ. 105.
[32] Ҳамон асар, саҳ. 106.
[33] Ҳамон асар, саҳ. 129.

Рӯзи 9 апрел балвои иртиҷоъиён зиёдтар шиддат гирифт. Маъмурони амир ба аҳли фитна дасти ёрӣ дароз карданд. Субҳи он рӯз одамони қушбегӣ Садриддини Айнӣ ва Мирзо Назруллоҳи Ғафурзодаро дастгир намуда, 75 чӯб заданд ва ба зиндон андохтанд, пас аз шаш соат сарбозони консулхонаи Русия ин ду тан ва дигар зиндониёни «Обхона»-ро озод карда, дар Когон ба бемористони русҳо супурданд. Мирзо Назруллоҳ он ҷо пас аз се рӯз шаҳид шуд.

Пагоҳии ҳамон рӯзи 9 апрел аҳли фитна ба Садри Зиё низ ҳуҷум оварданд. Тафсили ин ҳуҷум дар Рӯзномаи Садри Зиё омадааст. Шоҳиди воқиа Муҳаммадалӣ валади мулло Муҳаммадсайиди Балҷувонӣ низ онро дар ёддоштномаи худ, ки «Таърихи нофеъ» ном дошта, солҳои 1923-1927 навишта шуда буд, тасвир кардааст. Нигориши Муҳаммадалии Балҷувонӣ ин аст:

«Қозиулқузоти аср, яъне қозӣ Шариф-махдум барои эҳзори маҷлис… ба Регистон маъ сиву чиҳил нафар мулозимони худ бо садои пӯшт-пӯшт ҳозир шуда омада буданд, ки аз гӯшаи маърака овози баланд баромад, ки бизанед ин қозии ҷадиди бединро, ки ин қадар шӯр аз ин ба вуқӯъ омад ва илло набошад, ҷадидон ин қадар ҳаракат наметавонанд. Дар замон мардуми тамошобин барои беобрӯӣ ва задани қозикалон ҳаракат намуда ҳуҷум карданд ва ин мардум қозикалонро бисёрҳо заданд, ки тамоми либосҳои зардӯзӣ пора шудааст ва камару қӯшкору салла, тамоми аслиҳаи ӯро ӯлҷа намуда гирифтанд. Дар ин аснои ғулғула буданд, ки амир аз болои Арк (аз) иморате ки барои тамошо вазъ кардаанд, ба табарзин тирезаи дарро шикаста, ба дасти худ ишорат карданд, ки назанед. Ва шағавулу худайчиҳо ва бисёре аз маҳрамбошиҳо… аз таҳти саҳроиёну авбошони шерчангол наҷот ёфта (дода) ба ҳузури амир ба таҳти як куртаву эзор гирифта бурданд. Агар ин одамони амир дар ҳақиқат халос намекарданд, ба ҳалокат мерасид. Ин воқиа азимтарин ва машҳуртарини воқиоти тараққипарварони Бухорост. Алқисса, қозикалони мазкурро рӯзона ба Арк ҳабс намуда, шаб баъд аз намози хуфтан саропои тоза дода ба ҳавлиаш фиристоданд. Баъд аз ин ҳодиса маълум шуд, ки қозии мазкур дар ҳуррият шудани Бухоро ба дараҷае саъю кӯшиш карда будааст ва яке аз раисони тараққипарварон будааст».[34]

Муҳаммадалии Балҷувонӣ ин ҷо воқиаро дуруст ба қалам овардааст, вале онро ба соли 1918 нисбат додааст, ки дуруст нест, чаро ки соли 1917 рӯй дода буд. Ғайр аз ин ӯ мегӯяд, ки қозикалон ба Регистон бо «сӣ-чиҳил нафар мулозимони худ» омада буд, ки низ бояд дуруст набошад, зеро ки агар Садри Зиё он гоҳ бо худ сӣ-чиҳил нафар одам медошт, аҳли балво имкон намеёфтанд, ки ӯро зиёд ба зарбу лат кашанд. Он гуфтаи Муҳаммадалии Балҷувонӣ, ки гӯё Садри Зиё «яке аз раисони тараққипарварон будааст», низ ба ҳақиқат рост намеояд ва овозае беш нест. Садри Зиё на фақат аз сарварони ҷадидия набуд, балки ба ҷунбиши онҳо бевосита иштирок надошт ва танҳо хайрхоҳу мададгори онҳо буд.

Салимӣ дар китоби «Таърихи Салимӣ» таъкид мекунад, ки чун кӯҳнапарастони мутаассиб натавонистанд Садри Зиёро ба ҳалокат расонанд, азли ӯро талаб намуданд. Амир Олимхон ин дархостро зуд иҷро кард. Ба як ривоят ҳамон рӯзи 9 апрели 1917 Садри Зиёро аз қозикалонӣ гирифтанд. Консули Русия ин хабарро ҳамон рӯз телегрофан ба Петербург расонид. Матни телегром ин аст: «Бо вуҷуди он ки дар Бухорои кӯҳна барпо кардани намоишеро қатъиян манъ карда будам, пагоҳии 8 апрел намоиш барпо шуд ва боиси шӯриши аҳолии шаҳру наздики шаҳр гардид, тарафдорониислоҳот – раис (яъне Абдуссамадхоҷа-М.Ш.) ва қозикалон (яъне Садри Зиё— М.Ш.) ба зарбу лат дучор шуданд ва онҳоро бо иртиҷоъиён иваз карданд» (сторонники реформ реис и кази калян избиты и заменены реакционными)[35].

Дар телеграммае, ки кумитаи марказии ҷавонбухороиён ба вазорати хориҷии Русия 25 апрели 1917 фиристода буд, номи касе ки ба ҷои Сади Зиё қозикалон таъйин шуд, зикр ёфтааст. Номи ӯ Тӯрахоҷаи судур будааст, дар ин телеграмма гуфта шудааст: «Младобухарский комитет своим нравственным долгом (считает) довести до сведения Совета рабочих и Солдатских Депутатов нижеследующие… Главным министром назначен Низам-уд-дин ходжа, министром правосудия Тюря-ходжа судур»[36].

Бояд гуфт, ки Мирзо Низомидинхоҷа (Мирзои Урганҷӣ), ки дар ин телеграмма номбар шудааст, 14 апрел ба ҷои Мирзо Насруллоҳи қушбегӣ таъйин шуда буд. Низомиддинхоҷа аз бонуфузтарин душманони тараққипарварӣ ва ислоҳот, рақиби

---

[34] *Муҳаммадалӣ бинни Муҳаммадсайиди балҷувонӣ.* Таърихи нофеъ. Ба эҳтимом, тасҳеҳ, ҳавошӣ ва пешгуфтори Аҳрор Мухторов. Душнабе, «Ирфон», 1994, саҳ. 45-46.

[35] Красный архив, 1927, №1 (20), стр. 91.

[36] Ҳамон маҷалла, саҳ. 105.

Насруллоҳи қушбегӣ буда, бо ҳамдастии мулло Бурҳониддин, ки сарвари муҳофизакорону иртиҷоъиён ва сахттарин душмани ҷавонбухороиёнуислоҳот буд, иғвоҳо хезонида, Насруллоҳи қушбегиро низ маъзул кунониданд ва ҷои ӯро худи Мирзои Урганҷӣ гирифт.

Аз телеграммаи боло маълум нест, ки Тӯрахоҷаи судур ба ҷои Садри Зиё кай қозикалон шуда будааст. Лекин аз телеграммаи Миллер ки алъон пеш аз охирин телеграмма овардем, бармеояд, ки Садри Зиёро ҳамон рӯзи лату кӯб диданаш, яъне 9 апрели 1917 ( ҳамон рӯз,ки Садриддини Айнӣ 75 чӯб хӯрда буд) аз қозикалонӣ сабукдӯш карда буаднд. Шояд Тӯрахоҷа ҳамон рӯзи 9 апрели ба қозиулқузотӣ расида бошад. Агар чунин бошад, тавон гуфт, кор боз тамоман ба дасти Бурҳониддин, ки домоди Тӯрахоҷа буд, гузашт.

Пас тавон гуфт, Садри Зиё дар Бухоро ҳамагӣ 16 рӯз, яъне аз 25март то 9 апрели соли 1917 қозикалон буд. Шояд дар таърихи аморат дигар шахсе нахоҳем ёфт, ки ба чунин мӯҳлати каме дар ин мансаб буда бошад.

Пас аз ин воқеаҳо Садри Зиё чанд гоҳеро бештар ба беморӣ гузаронид. Дар муддати се моҳ хавфи ҷазо дидан аз иртиҷоъиёни Бурҳониддин ҳамеша ӯро таҳдид мекард ва гоҳ қувват мегирифт. Фақат ба туфайли ҳушёрии дӯстону мулозимон ва фарзандаш Мирзо Зариф буд, ки мухолифон ба ҳавлии ӯ натавонистанд бидароянд.

Аз Рӯзномаи Садри Зиё бармеояд, ки ӯ пас аз 9 апрел ҳам чанд гоҳ вазифаи қозикалониро иҷро мекардааст. Гӯё 9 апрел фармони маъзулии ӯ содир нашуда ва Тӯрахоҷа шояд муовини ӯ таъин шуда будааст, ки дар айёми беморӣ ва хонашинии Садри Зиё вазифаи ӯро иҷро бикунад. Ба ҳар ҳол 9 апрел фармони маъзулии Садри Зиё ба чи сабабе содир нашуда будааст. Истеъфои ӯ 31 июли 1917 расман қабул гардид.

Рӯзи 8 октабри 1917 амир Олимхон Садри Зиёро маҷбуран ба Насаф (Қаршӣ) қозӣ таъийн кард. Ҳама фаҳмиданд, ки Садри Зиё бадарға (табъид) шуд. Устод Айнӣ менависад: «Чун амир аз фармони нашркардааш (фармони ислоҳот— М. Ш.) нузул намуд, Зиёро низ маъзул карда, зоҳиран дар Қаршӣ қозӣ ҳақиқатан аз Бухоро табъид намуд»[37].

7

Қазои вилояти Насаф дар муддати шаш моҳ, яъне аз 8 октабри 1917 то 30 апрели 1918 ба зиммаи Садри Зиё буд. Албатта ин ҷо ӯ на чун қозигиҳои солҳои пеш, балки бо озодии маҳдуд, бо тарсу ҳарос амал мекард.

31 октабр мулло Бурҳониддини торикандеши ҷаҳолатгустари кинаҷӯ дубора қозикалон шуда буд. Охирҳои соли 1917 дар Бухоро чанд гурӯҳ равшанфикрон ба муқобили Бурҳониддин шӯриш карданд ва азли ӯро хостанд. Ин исён ба муқобили «вукалои панҷгона» низ равон шуда буд. «Вукалои панҷгона» панҷ нафар аз уламои сӯъ буданд, ки моҳи апрели соли 1917 дар рӯзҳои терори пас аз эълони фармони ислоҳот вакили уламо таъйин шуданд ва дар овони террор худсарӣ ва бадкирдориҳои зиёде карданд, чанд танро ба ҳабс гирифтанд. Дар байни ҳабсшудагон Ғафурҷон—махдум ном бародари Садри Зиё ва Абдулвакили ҷавон, ки бародарзодаи Садри Зиё —фарзанди Абдуҷалил—махдум буд, низ буданд. Ҳама маҳбусон, аз ҷумла Ғафурҷон-махдум ва Абдулвакил-махдумро ба дарбор бурда, « фавран тафтиш карда, ва сарҳошонро бараҳна намуда, дар болои асп дар радифи саворони сарбоз савор карда, пойҳояшонро аз зери шиками асп баста, … ба Қаршӣ ба ҳоли табоҳе нафй кардан»[38]. Ғафурҷон-махдум ва Абдулвакил-махдум ба ин ҳол ба Қаршӣ ба ихтиёри Садри Зиё фиристода шуданд ва фармон ин буд, ки Садри Зиё онҳоро сахт дар банду заҷр нигоҳ бидорад.

Ба «ихтиёри» Садри Зиё ба чунин ҳол ва бо чунин фармон фиристода шудани бародару бародарзодааш чунин маънӣ дошт, ки худи ӯро низ хавфе пурдаҳшат таҳдид дорад. Ин хатар зуд пеш омад.

Моҳи марти соли 1918 Фёдор Колесов—раиси ҳукумати болшевикии Туркистон, ки як ҷумҳурии навтаъсиси Русияи шӯравӣ буд, ба Бухоро лашкар кашид. Ӯро гӯё ҷадидони ҷавонбухороӣ ба лашкаркашӣ даъват карда буданд. Чун моҳи апрели соли 1917 ҷунбиши маорифпарварӣ ба шикасти сахт дучор омад ва аксари сарварони он ба Самарқанду Тошканд фирор карда, ба вежа дар Тошканд бархе аз онҳо худро дар оғӯши зӯроварони турк ва гушнапурзӯрони болшевик диданд ва ба роҳи ифроткорӣ даромаданд. Колесов ҳам

[37] *С. Айнӣ*. Намунаи адабиёти тоҷик, саҳ. 401-402.
[38] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, саҳ. 153.

ба ишорае маътал буд. Ӯ хост амирро сарнагун ва Бухороро ба Русия илҳоқ бикунад. Вале дар ҷанг шикаст хӯрда, бо талафоти зиёди ақиб нишаст.

Амир Олимхон аз пирӯзии худ саргарм шуда, боз дар кишвар таъқибот сар кард. Боз тамоми Бухороро мавҷи террор гирифт, ки онро «маъракаи ҷадидкушӣ» тавон номид. Садриддини Айнӣ даҳшатҳои ин хунрезиро дар қиссаи «Ҷаллодони Бухоро» (1922) тасвир кардааст.

3 апрели соли 1918 Садри Зиё ва додари ӯ Ғафурҷон-махдумро дар қӯрғони Қаршӣ ( Насаф) ки ҳокимхона он ҷо буд, ба ҳабс гирифтанд. Он шаб Абдулвакили ҷавони навдомод низ ба гуноҳи ҷадидӣ дар қӯрғон зиндонӣ шуд ва ба қатл расид. Садри Зиё ва додарашро низ ҳар лаҳза марг таҳдид мекард.

Шаби қатли Абдулвакили номурод боз 15 тан қатл ва 450 нафари дигар дар як рӯз дар Қаршӣ кушта шуданд. Куштор чандин рӯз идома дошт.

Пас аз чанд рӯз аз Бухоро ба ҳокими Қаршӣ ҳукми қатли Садри Зиё омад. Ҳокими вилоят Аҳрорқулибеки иноқ[39] дид, ки дар ҳукмнома мӯҳри вазиру қозикалон ҳаст, аммо мӯҳри амир нест. Аҳрорқулибек нисбат ба Садри Зиё эҳтирому ихлос доштааст ва шояд хеле нотарс ҳам будааст, ки он ҳукмномаро ба Бухоро баргардонида ва ба амир ба ин мазмун номае навиштааст: Банда бисёр ҳукмномаҳои қатлро, ки бе мӯҳри ҷаноби олӣ меомад, иҷро кардам, вале ин ҳукмро бе мӯҳри ҷаноби олӣ наметавонам ба иҷро бирасонам. Ҷавоби ин номаро хеле вақт нигарон буданд. Саранҷом ба ҳоким фармон расид, ки аз Садри Зиё ва бародараш се миллион сӯми русӣ «бадали хун» (хунбаҳо) ситонида шавад. Он гоҳ озод хоҳанд буд. Садри Зиёро афв карданд, ҳукми қатлро ба ҷарима иваз намуданд.

Садри Зиё чунин ҷаримаро наметавонист бипардозад. Ҳангоме ки ӯро ба зиндон гирифтанд, молу мулкаш мусодира шуда аҳли хонаводааш бо он либос ки дар тан доштанд, монда буданд. Аз ин рӯ Садри Зиё илтимосномае навишт ва рухсат хост, ки «бадали хун»-ро минбаъд кам-кам адо бикунад. Ин дархости ӯ қабул шуд.

Баъди маҳбусии бештар аз 70 рӯз бегоҳи 18 июни 1918 Садри Зиё  ба озодӣ расид.

Ҳангоме ки Садри Зиё дар Қаршӣ зиндонӣ буд, иртиҷоъиёни ситамкор бо сарвари Бурҳониддини ҷоҳили бадкина дувумин бор кӯшиш карданд, ки ӯро ҷисман нобуд бикунанд. Якумин бор чунин кӯшишро 9 апрели 1917 пеш гирифта буданд, ки мо дар боло тасвир кардем. Он рӯз ба мақсад нарасиданд ва кӯшиши худро соли 1918 аз сар гирифтанд. Ин дафъа низ тирашон хок хӯрд. Лекин аз як ҷиҳат тирашон ба ҳадаф расид. 3 апрели 1918, ки Садри Зиёро ба ҳабс гирифтанд, дастнависи чанд асари ӯро дар пеши чашми худаш сӯзониданд. Аз ҷумла муҳимтарин асарҳои ӯ «Наводири зиёъия», «Тазкори ашъор», «Рӯзнома» нобуд шуд. Иртиҷоъиён ва ҳукуматдороон бо сӯзонидани ин асарҳо Садри Зиёро нахуст маънан маҳв карда сипас ҷисман нобуд кардан хоста буданд. Вале ин маҳви маънавии Садри Зиё низ муяссар нашуд. Садри Зиё пас аз инқилоби Бухоро он асарҳои худро дубора навишт.

Пас аз озодӣ аз зиндони Қаршӣ Садри Зиёро боз аз Бухоро дуртар ронданд ва ба вилояти Кеш (Шаҳрисабз) қозӣ таъйин карданд. Устод Айнӣ гуфтааст, ки амир Садри Зиёро « ба унвони назарбандӣ ба Шаҳрисабз қозӣ карда, дар зери назорати амм (амак)-и худ Акрамхон, ки он ҷо ҳоким буд, супорид»[40].

Ба Шаҳрисабз қозӣ таъйин шудани Садри Зиёро як чорасозии маккоронаи амиру атрофиёнаш, ба вежа Бурҳониддини қозикалон бояд донист. Ҳукми қатли Садри Зиёро бекор карда ва ба гардани ӯ маблағи калон «бадали хун» гузошта, боз ӯро қозӣ таъйин намудан чунин маънӣ дошт, ки амиру вазир ва Бурҳониддин хостанд Садри Зиёро маҷбур кунанд, то барои адои ҷарима ба сифати қозӣ халқро ғорат бикунад, зиёдтар пул ҷамъ оварад ва ба хазина супорад. Хостанд, ки ин ҳақгӯю ҳақҷӯй маҷбуран ба роҳи ғорати халқ дарояд, аз адлу инсоф даст кашад. Чун натвонистанд, ки дар Қаршӣ Садри Зиёро ҷисман маҳв бикунанд хостанд, ки акнун боз ба нестии маънавӣ бирасонанд.

Вале ин ниқоркашӣ ба онҳо муяссар нашуд. Дар навиштаҳои Садриддини Айнӣ ва дигар маъхазҳо ишорае нест, ки далолат бар он бикунад, ки Садри Зиё он солҳои душвор ва ё вақти дигаре аз усули башардӯстии худ ақибнишинӣ ва ба ормонҳои маорифпарварӣ хиёнат карда бошад.

Акрамхон –амаки амир Олимхон ки дар Шаҳрисабз ҳокимият дошт, бисёр бераҳм ва золим буд. Номи ӯ дар навиштаҳои Садри Зиё омадааст. Акрамхон аз Садри Зиё чашми

---

[39] Номи ҳокими Қаршӣ дар ҷои дигар Ҳадарқулбек омадааст.

[40] *С. Айнӣ*. Намунаи адабиёти тоҷик, саҳ. 402.

бадгумонӣ намеканд. Садри Зиё дар Шаҳрисабз маҳрум аз имкони амали мустақил, дар ниҳояти беҳуқуқӣ ба тарсу ҳарос мезист ва адои вазифа мекард.

Садриддини Айнӣ мегӯяд: «Он вақтҳо ҳаракатҳои инқилобии ҷавонон (ҷавонбухороиён, ҷадидҳои Бухоро— М. Ш.) қувват гирифта аз баски Шаҳрисабз ба Самарқанд наздик аст, он ҷо ташвиқоти инқилобӣ вусъат ёфт. Ба ин сабаб қозӣ Шарифҷон аз он ҷо гирифта ва ба Қаршӣ, ки дар миёнатари мамлакат аст, кӯчонида шуд»[41].

Ин аст, ки маъмурони аморат кӯшише пеш гирифтанд, то дигар нагузоранд, ки Садри Зиё ба ҷунбиши маорифпарварӣ, ба хусус ба ҳаракати инқилобӣ наздик шавад. Зеро аз наздикӣ ва ширкати ӯ ҳар ҷунбиши иҷтимоъиву сиёсӣ қуввату эътибори бештар пайдо мекард. Аз ин рӯ охирҳои соли 1919 ӯро ба Қаршӣ қозӣ дурусттар он ки қозикалон таъйин намуданд. Қозии Самарқанд ( пеш аз даромадани он ба тасарруфи Русия), Қаршӣ ва шояд Ҳисор низ қозикалон (қозиулқузот, ақзалқузот ) ба шумор меомад. Садриддини Айнӣ таъкид намудааст, ки амир Олимхон соли 1917, пас аз боздоштани иҷрои фармони ислоҳот Садри Зиёро «аз қозикалонӣ маъзул карда, ба тариқи бадарға ( табъид— М. Ш.) ба вилояти Қаршӣ қозикалон карда фиристод»[42]. Соли 1919 низ Садри Зиё аз Шаҳрисабз ба Қаршӣ ба маснади қозикалонӣ омад. Вале ин ҷо низ ба ҳолати назарбанд сахт зери назорат ва ба ниҳояти беҳуқуқӣ ба сар мебурд.

Садри Зиё пас аз озодӣ аз зиндони Қаршӣ (Насаф) қарзу қавола карда, андак қисми ҷаримаро адо намуд. Бахши зиёди он ҳамчунон нопардохта монд. Инқилоби Бухоро (1920) фаро расиду ӯ аз пардохти бақияи ҷарима озод гардид.

Пас аз инқилоби Бухоро Садри Зиё чанд гоҳ дар идораҳои Ҷумҳурияти Шӯравии Халқии Бухоро кор кард. Мумайизи уламо (масъули корҳои рӯҳоинён) буд, дар вазорати авқоф (ки раисаш Абдурраufи Фитрат буд), дар китобхона вазифа адо намуд. Соли 1923 муовини раиси Маҳкамаи Шаръия шуд, ки раиси ин маҳкама муфтӣ Икром буд. Садри Зиё гуфтааст, ки « муқорини санаи 1342 ҳиҷрӣ (1924 масеҳӣ —М. Ш.) бандаи осиро аз хизмати ҳукумати шӯроӣ фароғате ба ҳам расид». Яъне пас аз он ки ҷумҳурии Бухороро хиёнаткорона барҳам заданд ва Бухороро ба Ӯзбакистон шӯравӣ илҳоқ намуданд, Садри Зиё хонанишин шуд. Бештар нотоб буд. Чун аҳвол андак беҳ мешуд, коғазу қалам ба даст мегирифт ва ба навиштан менишаст.

Нахуст он асарҳои худро, ки одамони амир соли 1918 дар Қаршӣ сӯзонда буданд, дубора навишт. Аз баъзеи он осор пора-пора сиёҳнависи пароканда монда буд, бархе худ сиёҳнавис буд, ки ба коми оташ рафт. Ҳофизаи қавӣ ба Садри Зиё имкон дод, ки ба ҳар ҳоле таълифи дубораро муваффақиятомез анҷом бидиҳад.

Таълифи дубора хеле душвориҳо доштааст. Ӯ дар сиёҳнависи « Осори зиёъия», ки ҳоло дар дасти ман аст ва муаллиф тахминан солҳои 1924-1925, масалан 1343 ҳиҷрӣ ба дасти таълиф доштааст, шикоят кардааст, ки бемору бемадор аст, як чашм оҷиз аст, чашми дигар андак мебинад, аз нотавонӣ даст меларзад ва қалам рондан душвор аст. Ӯ мегӯяд ки бо вуҷуди ин менависам, вале намебинам, ки чӣ навиштам ва чӣ тавр навиштам. Аз ин ҷиҳат пеши авлод ва хонандагон узр овардааст.

Солҳои 1931-1932 Иттиҳоди Шӯравӣ ба муносибати шурӯъи сохтмони корхонаҳои бузурги саноат ба пул зиёда эҳтиёҷ пайдо кард. Дар Бухоро, Самарқанд ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна маъракаи ҷамъоварии тиллову тилловорӣ аз аҳолӣ сар шуд. Мардумро маҷбур мекарданд, ки ҳар чи тилло дорад, ба давлат супорад. Дар ин маърака Садри Зиё ҳам ба ҳабс афтод. Каминаи нигоранда, ки фарзанди ӯ ҳастам ва он гоҳ 6 сол доштам, намедонам, ки ӯ тилло дошту супурд ё не. ҳаминро дар ёд дорам, ки хабари марги ӯ аз зиндон 24 апрели соли 1932 расид. Зиндон мадрасаи Мирзо Муҳаммадшариф (мадрасаи гузари Ғозиён) ном дошт ва ҳамноми худи Садри Зиё буд. Як вақтҳо қозӣ Абдушшакури Оят падари Садри Зиё он ҷо дарс мегуфт ва худи Садри Зиё он ҷо дарс хонда буд ва дар болои дарвозахонаи он ҳуҷрае дошта, онро ба Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дода буд ва Мунзим он ҷо мезист ва бо супориши Садри Зиё паси дари баста «Наводир-улвоқеъ» Аҳмади Донишро китобат карда буд. Акнун ба гардиши фалак Садри Зиё дар чунин ҷое, ки илмхона ва қадамгоҳ буд, зиндонӣ шуд ва ҷон дод. Кордорони зиндон ба мо гуфтанд, ки падар аз бемории тиф–арақӣ ё ҳасба ва ё домана аз дунё гузашт. Яъне бемории ӯ гузаранда буд ва рухсат надоданд, ки ҷасадро ба хона барем. Аз мадрасаи Мирзо Муҳаммадшариф рост ба гӯристони мазори Хоҷа Исмат (фавт 840 қ= 1437м) бурдем.

---

[41] *С. Айнӣ.* Қозӣ Шарифҷон (Зиё). Бойгонии Айнӣ, дастнависи №11, саҳ. 2.
[42] Ҳамон ҷо.

Охири даҳаи панҷоҳуми қарни бистуми исавӣ баъди фавти Сталин, ки шӯравиён қурбониёни терорҳои болшевикии даҳаҳои бисту сиро сафед кардан гирифтанд, камина ба додситони Тошканд нома навиштам то парвандаи Садри Зиёро дубора баррасӣ намоянд, гуноҳашро муайян ва агар имкон бошад, номашро сафед кунанд. Ниҳоят соли 1960 ҷавоби номаи банда омад. Сардастёри додситони ҷумҳурии Ӯзбакистон Рижин дар номаи шумораи 15 /456—57, ки 30 августи 1960 имзо кардааст, навишта буд:

«Ваш отец Шукуров Шариф в государственном преступлении не обвинялся, осужденным не был, а потому вопрос о его реабилитации не подлежит обсуждению ( «Падари шумо Шариф Шукуров ба ҷинояти давлатӣ гунаҳкор дониста нашудааст, маҳкум нагардидааст ва аз ин рӯ масъалаи сафед кардани (иодаи ҳайсият)-и ӯ баррасӣ шуданӣ нест»).

8

Осори Шарифҷон-махдуми Садри Зиё зиёд аст. Пажӯҳишгари навиштаҳои ӯ шодравон Саҳобиддини Сиддиққӣ (даргузашт 1993) шумурдааст, ки навишитаҳои Садри Зиё шасту панҷ адад аст. Ва дар ёздаҳ ҷилд гирдоварӣ шуда бештарин ба дасти худи ӯ, ки хушнавис буд китобат шудаанд.

Китобхонаи машҳури ӯ, ки аз дастнависҳои нодир иборат буда, падараш ва худаш дар тӯли умр гирд оварда буданд, рӯзҳои аввали даргузаштани ӯ мусодира гардид. Сиёҳнавису покнависҳои таълифоти худаш низ бо ин китобхона ба ихтиёри давлати шӯравӣ гузашта, аз китобхонаи Ибни Синои Бухоро ба китобхонаи Алишери Навоии Тошканд фиристода шуд, ва алъон дар пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Абӯрайҳони Берунӣ (бахше аз Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Ӯзбакистон, Тошканд) маҳфуз аст.

Садри Зиё феҳрасти китобхонаи шахсии худро тартиб дода буд, ки «Асомиулкутуб» ном дорад[43] ва мисли китобест ва дорои маълумоти муҳим аст.

Садри Зиё мегӯяд ки «аз аҳди сабо… ҳар гоҳ ҳикояте хуб аз касе мешунидам ё достоне марғуб ба ҷое медидам, либоси таъбир мепӯшидам»[44]. Ин аст, ки нигоштаҳои ӯ ду навъанд. Як қисми онҳо асари худи ӯ набуда, бозгӯю накл ва хулосаву фушурдаи манбаъҳои таърихӣ ва осори донишмандони гузашта ва муосир аст. қисми дигаре навиштаҳои ӯст.

Бештари нигоштаҳои худи ӯ бунёди воқеъӣ доранд, яъне он чиро ки аз атрофиён медид ё мешунид, ба қалам гирифтааст. Чунончи, яке аз мусаввадаҳои вай ки таҳти шумораи 2367 дар ганҷинаи пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Фарҳангистони улуми Ӯзбакистон маҳфуз аст, иборат аз маълумоти зиёде дар бораи шарикдарсонаш, тасвири сафари амири Бухоро ба Русия, ахборе оид ба муносибати Бухоро ба Афғонистон, намунаи номаву аризаҳои худи ӯ (ба шумурди Саҳобиддини Сиддиққӣ 29 намуна) буда, зиёда аз шаст ҳикояро дар бар мегирад[45].

Соли 1322 ҳиҷрии қамарӣ —1904 масеҳӣ ҷамъоварии сиёҳнависҳои пароканда сурат гирифт ва китобе ба номи « Осори зиёъия» ба вуҷуд омад, ки ба гуфти худаш « уқало мазоминашро меписандиданд, зурафо латоифашро механдиданд»[46].

Бархе аз навиштаҳои ӯ ба номи « Наводири зиёъия» шӯҳрат дорад. « Наводири зиёъия» зиндагиномаи муаллиф ва падари ӯ Абдушшакури Оят, асарҳое ба номи «Латоифу мутоибот», «Тазкиратулҳумақо», «Тазкирулвузаро»-ро дар бар мегирад ва дар таҳрири дувум рисолаи «Сабаби инқилоби Бухоро» низ ба он илова шудааст.

«Осори зиёъия» ва «Наводири зиёъия» ҳар ду маҷмӯаи нигоштаҳои Садри Зиё буда, якумӣ хеле бузургтар ва мусаввада буда, 18 асарро дар бар гирифтааст, дувумӣ яъне «Наводири зиёъия» мунтахаб аз якумӣ буда, фақат 5 рисолаи мазкурро фаро гирифтааст. Садри Зиё худ дар «Рӯзнома» гуфта, ки насру назмро бидуни мусаввада иншо мекард, яъне мусаввадаи ӯ чун покнавис буд, аз ин ҷо мо истилоҳи мусаввада ва сиёҳнависро нисбат ба навиштаҳои ӯ шартан ба маънои таҳрири аввал ба кор мебарем, ва ин панҷ рисолаи «Наводири зиёъия» дар «Осори зиёъия» низ ҳаст. Аз «Осори зиёъия» ҷудо шудани

[43] *Сайид Алии Мавҷонӣ*. Китобат ва китобдорӣ дар Бухоро. Мутолиоти Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, 1377, №22, саҳ. 205-218. Садои Шарқ, 1999, №10-12, саҳ. 114-120. Shadman et Aftandil Erkinov. Le fihrist (catalogne) de La Bibliothegue de Sadr-i Ziya Cahirs di Asie Centrale, № 7, 1999, pp. 141-173; Ю.Ҳамзаев. Бир шахсий кутубхона ва унинг каталоги ҳаққида.– Научные работы, т.6, Тошканд, 1963, саҳ. 367-395.

[44] *Садри Зиё*. Осори зиёъия. Сияҳнависе, ки дар дасти камина М. Шакурӣ нигаҳдорӣ мешавад, саҳ. 1.

[45] Мурочиат шавад ба: С. Сиддиқӣ. Мероси адабию илмии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё. — Маҷмӯаи илмӣ, ҷ. 5. Душанбе, 1966, саҳ. 28-37.

[46] *Садри Зиё.* Осори зиёъия, нусхаи мазкур, саҳ. 1.

«Наводири зиёъия» пеш аз инқилоби соли 1920 (инқилоби Бухоро) сурат гирифта буд. Устод Айнӣ соли 1925 дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва дар муаррифиномаи мазкури Садри Зиё ки тахминан соли 1924-1925 навиштааст (Бойгони Айнӣ) низ ба афсӯс қайд мекунад, ки «Наводири зиёъитя» ва дигар осори Садри Зиё соли 1918 ҳангоми маҳбусии ӯ нобуд шудаанд. Аз ин ҳам маълум мешавад, ки «Наводири зиёъия» пеш аз инқилоб ҳам вуҷуд доштааст. Айнӣ дар муарифиномаи мазкур, ки ба номи «Қозӣ Шарифҷон (Зиё)» навиштааст, аз осори Садри Зиё «Тазкори ашъор», «Тазкират-ул хаттотин», «Наводири зиёъия» ва «Рӯзнома»-ро ном гирифта, дар бораи ҳар кадоми онҳо маълумоти тозае зикр мекунад ва дар охир мегӯяд: «Фақат чорумини ин асарҳо тамоман, қисми муҳими дигар се асар ва як қисми китобҳои кӯҳна (яъне китобхонаи мазкури Садри Зиё—М. Ш.) ҳангоми аз тарафи амир дар Қаршӣ ҳабс шудани ӯ талаф гардидааст»[47]. Ин ҷо муҳим он аст, ки аз «Тазкори ашъор», «Тазкиратул-хаттотин» ва «Наводири зиёъия» баъзе қисмҳо, шояд баъзе пораҳои таҳрири аввал (сиёҳнавис) талаф нашуда будааст.

Агар дар ҳақиқат чунин бошад он пораҳои боқимонда барои таълифи дубора кор доданд. Лекин ин пораҳои боқимонда шояд хеле кам будаанд, ки худи Садри Зиё дар сарсухани «Осори зиёъия» ва «Наводири зиёъия» мегӯяд: «Дар санаи 1338 дар фитнаи инқилоб китоб мафқуд гашт, ранҷи фаровони бандаи ҳеҷмадон зоеъ шуд. Ба иллати инқилоб аз мусаввадаҳо ба ҳеҷ боб айну осоре боқӣ набуд»[48]. Яъне мусаввада боқӣ набуд, ё бошад ҳам, ночиз буда, ки кам ба кор меомадааст.

Бо вуҷуди ин, Садри Зиё ба таълифи дубора шурӯъ кард. Таълифи дубора аз аввали давраи хонанишинии ӯ, аз соли 1924 сар шудааст. Ӯ дар ҳамон сарсухани «Наводири зиёъия» мегӯяд: «То дар ин ҷузв аз замон муқорини санаи 1343 ҳиҷрӣ бандаи осиро аз хидматҳои ҳукуматӣ филҷумла фароғате ба ҳам расид. Фурсатро ғанимат шумурдам, бекориро тазйеъи авқот донистам… бо вуҷуди камоли бедимоғӣ ва ғояти беҳавсалагӣ… бад ин амри лозимуладо иқдом намудам»[49]. Ин аст, ки соли 1343-1924-ро соли оғози таълифи дубораи « Наводири зиёъия» метавон донист.

Сарсухани « Наводири зиёъия», ки ин ҷо ду пора аз он овардем, дар « Осори зиёъия» низ ба такрор айнан омадааст. Шояд боз аввал таълифи дувуми «Осори зиёъия» шурӯъ шуда, баъдан «Наводири зиёъия» аз он гирифта шуда бошад. Вале ба ҳар ҳол муаллиф оғози таълифи дувуми « Наводири зиёъия»-ро 1343-1924 мешуморад. Соли анҷоми таълифи дубора маълум нест.

Бисёре аз бахшҳои «Наводири зиёъия» ҳикояҳои воқеӣ буда, хусусияти ёддоштӣ доранд. Худи Садри Зиё асоси воқеии осорашро таъкид кардааст ва Айнӣ низ инро медонистааст. Айнӣ дар « Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи «Наводири зиёъия» мегӯяд: «Ин маҷмӯа мӯҳтавист бар ҳикоёти ширин ва латоифи намакин, ки муҳаррир дидаву шунидани худро ба иборати содаи ҳазломез тасвир кардааст»[50].

Ба шумурди Саҳобиддини Сиддиққӣ рисолаи «Ҳикоёту мутоиботи муосирин ва қарибиб он» 2 ҳикояти воқеӣ, рисолаи «Мутоиботи мутааххирин ва муосирин» 69 ҳикоят, «Ҳикоёти мутақаддимин» 52 ҳикоят, «Ҳикоёти уламои мутабаххирини Бухоро» 13 ҳикояро дар бар мегирад. Ин пажӯҳишгар аз як сиёҳнависи Садри Зиё 293 ҳикоят ба шумур овардааст, ки бештарин воқеиянд.

Аз ин ҷиҳат тавон гуфт Садри Зиё яке аз пурмаҳсултарин ҳикоянависҳо дар таърихи адабиёти мост.

Асоси воқеъӣ ва хусусияти ёддоштии асарҳои Садри Зиё ба аҳамияти адабиву таърихии онҳо меафзояд. Аҳамияти онҳо пеш аз ҳама дар ин аст, ки ҳаёти воқеӣ ва мардуми ҳамзамони муаллифро ба адабиёт дохил намуд, пояҳои ҳаётии адабиётро устувор кард ва ба ин васила масъалаҳои муҳимми замонро дар асоси маводе, ки бевосита аз воқеияти рӯз гирифта шудааст, ба маърази баррасӣ кашид.

Чашми диққат дӯхтан ба воқеияти иҷтимоъии замон ва масъалаҳои умдаи он яке аз хусусиятҳои адабиёти маорифпарварии тоҷикӣ дар охирҳои қарни 19 ва оғози қарни 20 буд. Эҷодиёти Садри Зиё барои амиқрафти ин хусусият мусоидат кардааст. Чун воқеияти рӯз бо баъзе вежагиҳояш, бо баъзе ҷузъиёту тафсилоти мушаххасаш ба адабиёт ворид омадан гирифт ва масъалаҳои ҳаёти иҷтимоъӣ бо падидаҳои мушаххаси воқеӣ мавриди баҳс қарор

---

47 *С. Айнӣ*. Қози Шарифҷон (Зиё). Бойгони Айнӣ. №11. саҳ. 2.
48 *Садри Зиё.* Наводири зиёъия, Пажӯҳишгоҳи мероси хаттӣ (Душанбе), №983, саҳ. 1-2.
49 Ҳамон асар, саҳ. 2.
50 *С. Айнӣ.* Намунаи адабиёти тоҷик, Маскав, 1926, саҳ. 402.

ёфт, ин адабиёт бештар вежагии миллӣ пайдо кард. Садри Зиё яке аз он нависандагони маорифпарвар аст, ки дар оғозҳои эҷоди адабиёти миллии форсии тоҷикӣ нақш доштанд.

То он вақт ҳам адабиёти мо асоси миллӣ дошт, маҳсули табъи миллии мардуми Мовароуннаҳр буд, хусусиятҳои тафаккури миллии моро инъикос дода, ҳувияти миллии моро ифода мекард. Вале ифодаи ҳувияти миллӣ поя бар арзишҳои башарии ҳамагонӣ дошт. Нависандагон ба воқеияти миллӣ аз равзани андешаи умумии башарӣ менигарисатанд, бештар аз мушаххасоти воқеии ҳаётӣ, аз ифодаи моддии падидаҳои иҷтимоъӣ кам ё беш чашм мепӯшиданд, на мушаххасот ва ҷузъиёт ва тафсилот, балки моҳияти ҳамагонии онро бештар ба назари эътибор мегирифтанд. Аз оғози садаи бист дидгоҳи адабиёти форсии тоҷикӣ андак дигар шуд. Нависандагон ба воқеияти иҷтимоъии миллӣ, ба масъалаҳои хоси он, ба мадорики мушаххаси маҳаллӣ бештар чашми диққат дӯхтанд, он чи ҳастии хоси мардуми тоҷикро аз зиндагии мардуми форсизабони дигар кишварҳо, аз Афғонистону Эрон тафовут медиҳад, бештар ба адабиёт дохил шуд. Аҳамияти башарии ҳамагонии адабиёт ва ҷанбаи умумии он кам нашуд, вале хосияти маҳалливу миллии он қувват ёфтан гирифт. То аҳди Аҳмади Дониш адабиёти форсизабонони Варорӯд бештар адабиёти форсӣ буд, лекин акнун адабиёти форсии тоҷикӣ шудан дошт.

Адабиёти маорифпарварии тоҷикӣ аз охирин сеяки садаи 19, аз осори Аҳмади Дониш ( 1826 –1897) оғоз гирифт, то даҳаи бистуми садаи бистум идома ёфт. Ин адабиёт маҳсули замонест, ки Мовароуннаҳр ба тасарруфи Русия даромад. Ҷангҳои байни давлатҳои Осиёи Миёна ва ҳукмронҳои саркаши маҳаллӣ асосан хотима ёфта, кишвар андак-андак маҳдудият ва дарбастагии феодалии чандин асрро паси сар карда, ба равандҳои таърихии иқтисодӣ ва фарҳангии Русия ва Аврупо пайванд меҷуст. Дар натиҷа дар рушди иҷтмоъиву иқтисодии Мовароуннаҳр, аз ҷумла Бухоро падидаҳои тозаи мусбат рӯй намуд ва аз оянда нек умед пайдо шуд. Умеди таърихӣ оҳиста-оҳиста ҷои ноумедиҳои садаи 17-18-ро гирифт ва дар роҳи растагорӣ, дар роҳи наҷоти миллат талош оғоз ёфт.

Барои муайян кардани ин, ки роҳи миллат ба сӯи фардо бояд чи гуна бошад, лозим омад, ки пеш аз ҳама воқеияти муосир ва ҳолату вазъияти он аз назари таҳқиқ гузаронида шавад. Ин аст, ки Аҳмади Дониш ва аз паси ӯ нависандагони дигар ба вежа Абдуррауфи Фират (1884- 1938) Садри Зиё, Садриддини Айнӣ дар Бухоро, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ (1875-1919) ва Сайид Аҳмадхоҷаи Сиддиқии Аҷзӣ (1864—1927) дар Самарқанд, Тошхоҷаи Асирӣ (1864-1915) ва Ҳоҷӣ Юсуф (1842-1924) дар Хуҷанд дида ба воқеияти иҷтимоъии замони худ дӯхта, онро аз ҳар ҷониб ба муоина гирифтанд. Мақсуд аз ин пажӯҳиши адабии эшон ҷустани роҳҳоиислоҳи ҳоли кишвар ва аз чанголи ақибмондагӣ рабуда ба шаҳроҳи тараққии замонӣ баровардани он буд.

Адибони ду даҳаи аввали садаи бист Фитрат, Аҷзӣ, Беҳбудӣ, Асирӣ ва дигарон, ки осорашон адабиёти ҷадидия ном гирифтааст, бештар равияи танқидии Аҳмади Донишро идома доданд. Асарҳои адабие ба вуҷуд омаданд, ки аз танқиди сахти тарзи кишвардорӣ ва тартиби иҷтимоъиву сиёсии вақт иборат аст. Аз Бухоро, ба вежа Абдулқодири Муҳиддин (1892—1934) дар мақолаҳое, ки бо имзои «Бухороӣ» аз моҳи феврали соли 1910 дар рӯзномаи тотории «Вақт» ( шаҳри Оренбурги Русия) чоп шудааст, Абдуррауфи Фитрат дар «Мунозира» (1909) ва «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» (1912) таҳлили танқидии вазъи иҷтимоъиву иқтисодӣ ва фарҳангии кишварро муфассалан ба миён гузоштанд[51]. Баъзе асарҳои Садри Зиё низ ба равиш эҷод шудаанд. Бештари ҳикояҳои ӯ, ки дар «Латоифу мутоибот», «Тазкиратулҳумақо» ва дигар навиштаҳояш мебинем, достончаҳои ҳаҷвиянд. Диди тамасхуромези Садри Зиё ва дигар маорифпарварон, ки гоҳ хеле сахтгӯӣ мекарданд, барои ташаккули шуури нави аҳли ҷомеа ва бартараф кардани пасмондагӣ аҳамияти бузурге дошт.

Баррасии воқеияти замон дар навиштаҳои Аҳмади Дониш ба ду самт ҷараён ёфтааст. Ин андешапарвари бузург аз як тараф воқеияти иҷтимоъии кишвари худ ва аз тарафи дигар кишварҳои Шарқу Ғарб, бахусус Русия ва Аврупоро таҳқиқ кардааст. Самти дувум яъне бо диди ибратҷӯй нигаристан ба ҳоли миллатҳои дигар низ бахше аз талошҳои роҳи растагории миллӣ буд. Маорифпарварон аз натиҷаҳои муборизаи дигар халқҳо намунаи ибрат меҷӯстанд, дар роҳи эҳёи миллии худ тӯша гирифтан мехостанд. Сафарномаҳое аз қабили асари Раҳматуллоҳи Возеҳ «Савонеҳулмасолик» (1887), асари Мирзо Сироҷи Сироҷӣ (доктор Собир, Мирзо Сироҷи Ҳаким) «Туҳафи аҳли Бухоро» (1910), ки дар Эрон ба номи «Сафарномаи тӯҳфаи Бухоро», ба табъ расидааст, мақолаҳои Беҳбудӣ ва ғайра

[51] Шарҳи мухтасари адабиёти маорифпарварии тоҷикӣ дар мақолаи муаллифи ин сатрҳо «Ҳаёт амри маънавист», ки як ҷузъи китоби ӯ «Хуросон аст ин ҷо» (Душанбе, 1996) мебошад, омадааст.

уфуқҳои адабиёт ва афкори иҷтимоъиро густариш дода, пеши чашми хонанда ҷаҳони нопайдоканореро кушоданд, ки моломол аз аҷоиботи ибратомӯз буда, ҷомеаро ба сӯи пешрафту тараққии замонӣ даъват менамоянд. Поинтар хоҳем дид, ки Рӯзномаи Садри Зиё сафарнома набошад ҳам, дар ҳамин роҳ накше ифо кардааст.

Дигар равияе, ки дар халлоқияти Аҳмади Дониш, дар равшангарӣ хеле қувват ёфт, рӯ овардан ба таърих аст. Аҳмади Дониш ба таърихи фарҳанги маънавӣ ба таърихи фалсафа калом, ирфон, ахлоқ ва монанди инҳо ба омӯзаҳои Ғаззолӣ, Насируддини Тӯсӣ, Алии Ҳамадонӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил аҳамият дод. Ба назар мерасад, ки Аҳмади Дониш баъзе аз риштаҳои асосии рушди маънавии миллатро дар чандин аср ба андеша гирифта, хулосаҳои умумӣ бавровардан ва ҷамъбаст кардан мехост. Андешапардозиҳои Аҳмад махдуми Дониш хусусияти ҷамъбандӣ дорад. Кӯшиши ҷамъбасту натиҷагирӣ ва таҷдиди назар дар мавриди таърихи гузашта мужда аз он медиҳад, ки давраи тозаи таърих оғоз шудааст. Ҷомеа роҳи тоза пеш гирифта буд, ва ҳол он ки роҳи фардо на аз имрӯз, балки аз дирӯзу парерӯз оғоз меёбад. Аз ин рӯ ба дирӯзу парирӯз нигоҳ андохтанд.

Аҳмади Дониш дар таърихи сиёсии садаҳои охир низ асаре таълиф кард, ки «Рисола» ё ки «Мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» ном дорад.

Баъд аз ин рисола чандин асари дигар дар таърих ба нигориш омад. Аз ҷумла Мирзо Азими Сомӣ (1839-1908) рисолае ба номи «Таърихи салотини Манғития» дорад. Таърихнома дар байни навиштаҳои Садри Зиё бештар ба назар мерасад. Инак номи чанде аз онҳоро меорем: «Зикри авоили Бухоро», « Рисолаи салотин ва шаҳриёрон», «Зикри подшоҳон ва кинозони давлати Русия», « Зикри ҳолати Чингизхон», « Таърихи салотини усмонӣ ва насаби эшон», «Авсофи Мирзо Улуғбек», «Силсилаи салотини ӯзбаки чингизхония», «Зикри салотини Аштархония», «Зикри салотини Манғития», «Зикри салтанат ва подшоҳии амир Олимхони махлӯъ». Садри Зиё ба ҷуз «Тазкиратулвузарои» мазкур асарҳое дар бораи вазирони машҳур навиштааст. Масалан «Ҳикоёти оли Бармак ва Абӯалии Сино ва Амир Алишери Навоӣ», «Ҳикояти Хоҷа Низомулмулк вазири султон Ҳусайн-Мирзо», «Тарҷумаи ҳоли Остонақули қушбегӣ» (вазири манғитиён) ва ғайра.

Муаллиф дар навиштани баъзе аз ин асарҳо ба як таърихномаи мӯътабар такя намудааст, барои баъзеи онҳо аз чандин сарчашмаи таърихӣ истифода кардааст. Дар баъзеи ин асарҳо ахбори манбаъи аслӣ айнан омадааст, бархе фишурдаи мазмуни сарчашмаи аслӣ аст. Дар асарҳое, ки аз охирин сулолаи ҳукмрони Бухоро, яъне аз Манғитиён ҳикоят мекунад муаллиф маълумоте ҳам овардааст, ки дар манбаъи аслии ӯ нест ва аз худ илова намудааст. Хусусан ахбороти ӯ дар бораи давраи ҳукмронии амир Олимхон, ки охирин подшоҳи Бухорост, дар бораи вазирони силсилаи манғития чунончи дар бораи Остонақули қушбегӣ, Насруллоҳи қушбегӣ ва дигарон хеле муҳим аст.

Аз ҳолномаи подшоҳони замонҳои гузашта ва вазирони машҳур диққати Садри Зиёро бештар он масъала ба худ кашида буд, ки таваҷҷӯҳи онҳо дар ҳаққи раийят ва кишвар чӣ тавр зоҳир мешудааст. Сабаби рӯ ба таърих овардани ӯ ҷустуҷӯи идеали шоҳи одил ва вазири хуштадбир будааст. Вай сифатҳои шоҳу вазири ормониро муайян кардан мехоҳад, аз таърих таҷрибаи кишвардорӣ меҷӯяд, то ки ба ҳамзамонони худ ба сифати намуна нишон бидиҳад ва ҳамзамонҳо онро барои ислоҳи ҷомеа ба кор бигиранд.

Дар намунаҷӯӣ чунон хурдабин аст, ки ҳатто дар мавридҳое, ки ҳеҷ умеди ёфтани як мисоли мусбат нест, чизе пайдо мекунад, ки онро ибратомӯз тавон донист: Ҳатто ба чеҳраи манҳуси Чингиз бо чунин нияте нигоҳ меандозад. Гӯё ҳама таҷрибаи мусбати таърихро зарра-зарра гирд овардан мехоҳад. Кӯшиши нависанда барои ин ки падидаҳои мусбати таҷрибаи таърихиро бо дақиқашиносӣ гирд оварад, гувоҳӣ бар он медиҳад, ки азояндаи нек умед дорад, барои наздик овардани он мекӯшад. Пас аз шикасти ҷунбиши маорифпарварӣ дар соли 1917-1918, ҳатто пас аз инқилоби Бухоро, ки ноумедии пуразияте ба ҷони ӯ афтод ва аламҳои ҷонсӯзи бар бод рафтани умедҳо аз таҳрири дубораи баъзе асарҳои ӯ ҳувайдост, бо вуҷуди ин чанд бор ба таърих рӯ овардааст ва бештари осори таърихӣ, ки дар боло ном бурдем, пас аз инқилоб қаламӣ шудааст: Пас аз инқилоб ҳам ба таҷрибаи таърихӣ, ба печу тоби таърихи халқҳои гуногун диққат ҷалб кардани Садри Зиё ба пиндори мо эҳтимоли ду сабабро дорад. Яке ин ки ӯ умеди таърихиро ҳанӯз ба куллӣ аз даст надодааст, ҳанӯз аз оянда умед дорад. Дигар ин ки ормонҷӯиҳои солҳои ҷавонӣ ва маорифпарвариро гоҳ-гоҳ ба ёд меоварад ҳанӯз ба ёди хушгувори ҷусторҳои маънавии маорифпарварӣ зинда аст ва аз онҳо умед дорад.

Ба ҳар ҳоле Садри Зиё аз оғоз то поёни умр бо таърих–таърихи иҷтимоиву сиёсӣ, фарҳангӣ, илмиву адабӣ ва ғайра ҳамбастагӣ доштааст ва ин яке аз нишонаҳои ҷиддияти назари решаҷӯӣ ва ояндабинии ӯст.

Садри Зиё тазкиранависи пурмаҳсулест, ки чандин тазкира дорад.

Муҳимтарин тазкираи ӯ «Тазкори ашъор»-и манзум аст. Таълифи он тайи соли 1322 то 1325 қамарӣ яъне 1905 то 1907 мелодӣ анҷом ёфта ва баъдҳо чанд бобу маълумоти тоза ба он илова гардидааст. Дар таҳрири аввал гӯё ин асар шомили тавсифи 200 шоири замонаш буда, дар таҳрири охир дар бораи 49 тан маълумот додааст.

Дар ин давра дигар тазкираҳое ба қалам омадаанд, ки адибони он давраи Бухороро бештар фаро гирифтаанд. Чунончи «Тазкиратушшуаро»-и Неъматуллоҳи Мӯҳтарам аҳволи бештар аз 100 шоирро дар бар мегирад ва охирин таҳрири «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё нисбат ба он хеле ноқис менамояд. Ба ақидаи Расули Ҳодизода ки нахустин пажӯҳишгари тазкираҳои охири садаи 19 ва аввали садаи 20 аст, «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё аҳамияти вежа дорад. Аҳамияти ин тазкира он аст, ки дар бораи нависандагони пешқадам агарчи ба сиёсати зимомдорони вақт мухолифат карда, аз дарбор ронда ва ба ҷазо гирифтор шуданд, аз рӯйи ҳаққоният маълумот медиҳад[52]. Ин бартарии тазкираи Садри Зиёро аз он чи дар бораи Аҳмади Дониш, Возеҳ, Шоҳин, Сомӣ, Саҳбо, Айнӣ ва дигарон гуфтааст, метавон дид. «Тазкори ашъор» намунаи арзёбии адабиёти форсии тоҷикии нимаи дувуми садаи 19 ва оғози садаи 20 аз дидгоҳи маорифпарварист. Муаллиф ба ҳимояи тараққихоҳон аз ҳамлаи мухолифон бархостааст, таблиғгари адабиёти маорифпарварӣ буда, ба ҳимояи « шеъри нав», ки тоза пайдо шуда буд, миён бастааст. Ин асар соли 2001 м.=1380ҳ. ш, дар Теҳрон (Суруш) ба чоп расид. Онро Саҳобиддини Сиддиқӣ ба чоп омода карда буд.

Садри Зиё чанд тазкираи дигар ҳам навиштааст. Инак, номгӯи онҳо: « Шуарои мутааххирин», «Фузалои мутааххирин», «Зикри чанд нафар уламои даври охир», «Тазкиратулҳуқамо», «Тазкиратулхаттотин», «Рисолаи хаттотони мутақаддимин ва мутааххирин», «Зикри хаттотони настаъликӣ» ва ғайра.

Дар бораи «Тазкиратулхаттотин»-и Садри Зиё таҳқиқе ба кӯшиши Эҳсон Оқилов анҷом ёфтааст. Аз ин таҳқиқ маълум шуд, ки «Тазкиратулхаттотин» барои майян кардани таҳаввули хушнависӣ дар Мовароуннаҳри баъди садаи понздаҳи исавӣ сарчашмаи муҳим буда, дар бораи шаклгирии мактаби хушнависии Бухоро маълумоти мӯътабареро дорост, ки аз дигар манбаъҳо ба назар намерасад[53].

9

Баъзе аз навиштаҳои дигари Садри Зиё низ ба унвони маъхази илмӣ арзиши шоёни таваҷҷӯҳ доранд.

Ёддошт, тазкира ва асарҳои тазкирамонанд фаровон ба қалам овардани Садри Зиё, чанд таърихнома навиштани ӯ, баъзе таърихномаву тазкираҳои машҳури замонҳои гузаштаро хулоса карда аз онҳо фишурдае гирифтани вай низ шояд коре монанди он бошад, ки дар фаъолияти Аҳмади Дониш дидем, яъне шояд як навъ ҷашмандози ҷамъбастие ба рушди таърихи фарҳанги маънавии миллат бошад, ки дар остонаи давраи нави бузурги таърих чунин ҷамъбандӣ зарур шуда буд. Кӯшише барои ҷамъбандӣ ҳар дафъа ба тарзи дигар дар фаъолияти чанд маорифпарвари тоҷик дида мешавад. Аз ҷумла Абдуррауфи Фитрат (1884-1938) дар рисолаи «Раҳбари наҷот» (1915) гӯё барномаи ахлоқии растагории миллиро тарҳрезӣ карда, ба ин мақсад ақидаи бисёре аз бузургони гузаштаро як-як аз назар гузаронида буд, ки онро низ ҷамъбасте барои расидан ба хулосаи тозаи замонӣ метавон донист.

Бухоро ба сифати яке аз бузургтарин марказҳои фарҳанги эронии тоҷикон, ки симои хоси беҳамто дорад, дар садаи бист мавриди таҳқиқи чанд нафар пажӯҳишагарону нависандагон қарор ёфт. Бештар аз ҳама таҳқиқоти Садриддини Айнӣ ва Олга Сухарева натиҷа дод. Садриддини Айнӣ дар навиштаҳои зиёде, ба вежа дар китобе ба номи « Ёддоштҳо» (дар чаҳор ҷилд, иборат аз наздики ҳазор саҳифа) ҳаёти Бухорои охири садаи 19 ва аввали садаи 20-ро хеле батафсил ба нигориш гирифтааст. Донишманди рус хонуми

---

[52] Ниг: *Расул Ҳодизода*. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века (Манбаъҳои таҳқиқи адабиёти тоҷикии нимаи дувуми садаи 19), Сталинобод, 1956, саҳ. 11-13, 20-23, 62-69, 73, 87-89, 136-137.

[53] *Э. И. Оқилов*. Направления и этапы развития таджикской каллиграфии (ҷараёнҳо ва давраҳои инкишофи хушнависии тоҷикӣ), фишурдаи рисолаи номзадӣ. Душанбе, 1992, саҳ. 14-19.

Олга Сухарева мутахассиси мардумшиносӣ буд ва Бухорои ҳудуди қарни 19 ва 20-ро чандин сол таҳқиқ намуда, чанд китоб чоп кард. Дар ин китобҳои О. Сухарева вазъи сиёсии аҳди шуравӣ нақше гузоштааст ва ӯ натвонистааст, ки ҳар чи зарур аст, ошкоро бигӯяд. Аз ҷумла кӯшидааст мувофиқи талаби замон чунон вонамуд бикунад, ки гӯё мардуми Бухоро дар садаи бист агарчи тоҷикигӯй ҳастанд, ҳама ӯзбеканд, ӯзбакони тоҷикизабонанд. Ин талқини ӯ хилофи ҳақиқатест, ки дар матни осораш омадааст. Бо вуҷуди инҳо таҳқиқоти ӯ бағоят ҷолибанд. Аз навиштаҳои Айнӣ ҳам баъзе норасоиҳо ба назар мерасад. Чунонки инқилоби шӯравиён гузаштаро инкор мекард ва тақозо дошт зиндагонии замонҳои то инқилоб бо ранги сиёҳ тасвир ва шаби торики пурдаҳшат вонамуд гардад, устод Айнӣ ҳам аз Бухорои ҳудуди қарнҳои 19 ва 20 гоҳ бисёр айб ҷустааст. Сарфи назар аз ни ба устод муяссар гардидааст, ки Бухороро бо шукӯҳи фарҳангӣ, бо ҳама бузургиаш нишон бидиҳад. « Ёддоштҳо»-и Айниро донишнома—энсиклопедияи Бухорои охири садаи 19 номидаанд, ки ҳақ асту рост.

Ба пиндори мо Садри Зиёро низ яке аз он афроде бояд донист, ки дар асри 20 Бухороро бо ҷузъиёту тафсилоти назаррабое ҳамчун як маркази шукӯҳманди маънавият нишон додаанд. Маорифпарварон Аҳмади Дониш то Абдуррауфи Фитрат низ ба воқеияти иҷтимоъии замони худ назари танқидӣ дошта, харобиву ақибафтодагӣ ва бенизомии кишвар, поймол шудани ҳуқуқи инсонро бештар медиданд. Аз ҷумла Садри Зиё, ҳамчунон ки ишора кардем, ба бисёр чизҳо бо ришханд, бо биниши истеҳзоомез ва норозигӣ нигоҳ кардааст. Вале ӯ ҳам монанди Айнӣ фақат ранги сиёҳ ба кор набурдааст. Вай аз «Ватани муқаддаси» худ ифтихоре дошта ва бо сарфарозӣ фармудааст: «Бухоро маҷмаъи уламо ва маъдани фузалост»[54]. Ӯ аз инчунин гуфтаҳо дар осораш бисёр дорад. Аз баъзе навиштаҳои ӯ тасаввуре пайдо мешавад, ки кӯшиш дорад ҷузъиёти ҷолиби зиндагонии фарҳангии Бухороро як-як гирд оварад ва дар сафҳаи таърих сабт намояд. Гӯё мехост коре бикунад, ки чеҳраи хоси Бухоро ба лавҳи хотири наслҳои оянда нақш бандад, аз ёдҳо наравад.

Ахбороту иттилооте, ки Садри Зиё овардааст, гоҳ хеле дақиқанд. Аз ин хусус як мисол меорем. Ӯ рисолае дорад ба номи « Зикри асомии мадориси дохилаи Бухорои Шариф», ки маълумоти аҷиберо дорост. Ба воқеъ ин асар рисола ҳам нест, балки феҳрастест, ки ҷадвали панҷхонае дорад: рақам, исми мадраса, ба кадом гузар, адади ҳуҷра, эзоҳ. Яъне муаллиф мадрасаҳоро на танҳо шумурда ва номбар кардааст, балки дар кадом гузар (маҳалла) будан ва чанд ҳуҷра доштани ҳар кадомеро нишон додааст.

Барои ин ки аҳамияти ин ахбор маълум шавад, ёдрас меоварем, ки бисёр муаллифон рӯйхати мадрасаҳои Бухороро сохтаанд, шумораи мадрасаҳоро гуфтаанд, вале маълумоти Садри Зиё шояд яке аз дақиқтарини онҳо бошад. Чунончи Содиқхоҷаи Гулшанӣ, ки аз аҳли маҳфили адабии Садри Зиё ва дӯсти ӯ буд, дар китоби «Таърихи ҳумоюн», ки соли 1909 таълиф кардааст, мегӯяд, ки Бухоро 199 мадрасаи сангин дошта, дар ни мадрасаҳо ва хонақоҳҳои зиёде 50000 нафар толибон таҳсил доштанд.

Абдуррауфи Фитрат дар як асараш гуфтааст, ки «Бухоро қариб дусад мадраса дорад» ва 72 мадрасаро ном бурда вақфи солиёнаи ҳар кадомро зикр кардааст, ки бегумон ахбори муҳимест[55]. Муҳаммадалии Балҷувонӣ мегӯяд, ки «Бухоро қариб ба чаҳорсад мадраса ва гӯрхона ва қорихона дорад, машҳури онҳоро аз рӯйи донистам таҳрир намоям»[56]. Ва 78 мадрасаро ном бурдааст. Дар баъзе асарҳои дигар маълумот ба ҳамин минвол омадааст, ки ё нопурра ё тахминист ва ё нуқсони дигар дорад.

Аммо Садри Зиё 204 мадрасаро ном гирифта, дар куҷои шаҳр ҷой доштани ҳар кадомеро қайд намудааст, ҷуз ин адади ҳуҷраи ҳар мадрасаро гуфтааст, ки муҳим аст, зеро ҳаҷму ғунҷоиши мадрасаро нишон медиҳад. Маълум мешавад, ки калонтарини мадрасаҳо то 147 ҳуҷра доштааст. Хурдтарини онҳо дорои 8-9 ва як мадраса дорои 2 ҳуҷра будааст. Шумораи мадрасаҳое, ки бештар аз 20 ҳуҷра доранд, ба 60 расида ва 20 мадраса будааст, ки ҳар кадоме бештар аз 50 ҳуҷра доштааст. Садри Зиё дар охирин хонаи ҷадвал номи касеро, ки мадрасаро бино карда буд, санаи бино шудани он ё дар замони кадом амир сохта шудани онро низ гуфтааст. Ин маълумоти охирин хонаи ҷадвалро шояд аз китобҳо ба даст оварда бошад, вале баъзе маълумот, масалан дар кадом гузар воқеъ будани ҳамон мадраса аксаран дар сарчашмаҳои таърихӣ қайд нашудааст ва мутаассифона Садри Зиё ҳам нагуфтааст, ки чунин маълумотро аз куҷо пайдо карда буд. Тавон пай бурд, ки дар куҷо будани мадрасаҳоро ӯ худ аз рӯйи мушоҳида муайян кардааст. Аз баъзе ишораҳо ошкор

[54] Рӯзномаи Садри Зиё, Теҳрон, 1382 (2003), саҳ. 137.
[55] *Фитрат.* Баёноти сайёҳи ҳиндӣ. Садои Шарқ, 1988, №6, саҳ. 23.
[56] *Муҳаммадалӣ ибни Муҳаммадсайиди Балҷувонӣ.* Таърихи нофеъ. Душанбе, Ирфон, 1994, саҳ. 13

мешавад, ки муаллиф ахбори манбаъи аслии худро таҳқиқу тафтиш кардааст ва аз ин ки мадрасаҳо дар вақти навишта шудани асари ӯ чи ҳол доштанд, хабардор будааст. Чунончи навиштааст, ки мадрасае «дар ҷануби масҷиди Почокули Ҳоҷӣ», дигаре «дар пушти масҷиди Болои Ҳавз», «ба пушти масҷиди гузар», «ба даруни масҷиди ҷомеъа», «ба шафати масҷид» ва ҳоказо воқеъ шудааст. Дар пеши номи баъзе мадрасаҳо ишорае ҳаст, ки «вайрон», «вайрон шудагӣ». Як мадраса «сӯхтагӣ» будааст. Дар мавриди мадрасае навиштааст, ки «ҳозир иликтирикхона шудагӣ».

Ба ҳар ҳол аз ин ишораҳо метавон пай бурд, ки Садри Зиё ҳама мадрасаҳоро як-як дида ва ё ин ки кас фиристода огоҳӣ пайдо кардааст ва пас аз он феҳрист тартиб додааст. Дар мавриди як мадраса таъкид намудааст, ки «баъд аз инқилоб вайрон шуд». Аз ин мебарояд, ки феҳристи ӯ пас аз инқилоби соли 1920 тартиб ёфтааст. Пас аз инқилоби шӯравии атеистӣ мадраса аҳамиятро аз даст дод ва зуд ошкор гардид, ки бисёр мадрасаҳо дар андак муддат аз байн хоҳанд рафт, зеро болшевикон аз аввал «гузаштаи лаънатӣ»-ро маҳкуам намуда, «ҷаҳони кӯҳна»-ро зеру забар кардан гирифтанд. Дар ин сурат тартиб ёфтани рӯйхати дақиқу мукаммали Садри Зиё аҳамияти таърихӣ дошт. Чунин феҳраст замина ба вуҷуд меовард, ки яке аз муҳимтарин нишонаҳои ҷаҳони маънавии Бухоро дар ёди таърихии наслҳои оянда дурусттар боқӣ бимонад.

Дар он навиштаи Садри Зиё зикри номи масҷидҳои Бухоро низ омадааст, ки 223 адад будааст. Дар бораи як масҷид навиштааст, ки « баъди инқилоб вайрон шуд». Дигар масҷидҳо ҳанӯз побарҷо будааст.

Ривояте ҳаст, ки Бухоро 360 гузар (маҳалла) дошт ва дар ҳар гузар масҷиде буд. Шояд дар асоси ҳамин ривоят бошад, ки академик Александр Семёнов шумораи масҷидҳои Бухороро 360 адад нишон медиҳад»[57]. Дар «Таърихи ҳумоюн»-и Содиқхоҷаи Гулшанӣ омадааст,ки дар дохили шаҳри Бухоро 391 масҷид, 17 хонақоҳи ҷумъахонӣ буда, ҳар мадраса ҳам масҷид дошт, « ба дохили шаҳр ҷамъан 607 адад масҷиду маобид мавҷуда аст, ки ба ҳангоми азон 615 муаззин ба як дақиқа азон мегӯяд». Ин маълумоти Гулшанӣ ба соли 1909 тааллуқ дорад.

Пажӯҳишҳои пас аз инқилоби соли 1920 натиҷаи дигар дод. Маълум шуд, ки дар ҳудуди қарни 19 ва 20 шумораи гузарҳои Бухоро аз 217 зиёд набуда ва шумораи масҷидҳои он бештар аз 218 набудааст[58]. Мутаассифона пажӯҳишгарон аз таҳқиқи Садри Зиё ва рӯйхате, ки ӯ тартиб дода буд, огоҳӣ надоштанд ва онро ном набурдаанд.

Пажӯҳиши Садри Зиё дақиқтар менамояд. Ӯ фақат шумораи масҷидҳоро муайн накардааст, балки ҳама масҷидҳоро як-як ном бурдааст ва ин шумораи 223, ки вай овардааст, шояд айни ҳақиқат бошад. Ба ҳар ҳол тавон гуфт: шумораи масҷидҳои Бухоро камтар аз 223 набудааст.

Дар он дастхатти Садри Зиё, ки таҳти шумораи 2193 дар Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Абӯрайҳони Берунӣ (Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Ӯзбакистон, Тошканд) нигаҳдорӣ мешавад, ба ҷуз номгӯи мадрасаву масҷидҳои Бухоро як рисолаи Носириддин ибни амир Музаффар ба номи «Ҳодиуззоирин» омадааст ( аз варақи 11 то 39), ки пас аз инқилоб навишта шуда, китобати он чун ҳамаи дигар осори ин нусха ба дасти Садри Зиё анҷом ёфтааст. Аз номи муаллифи рисола маълум аст, ки ӯ фарзанди амир Музаффархони манғит (даргузашт 1885) аст. Муаллиф дар ин рисола мазороти бузургони даруни шаҳри Бухоро ва ноҳияҳои атрофи онро тасвир кардааст ва маълумоти дақиқ дорад. Аз ин рисола ошкор мегардад, ки хоки поки Бухорои Шариф ваҷаб ба ваҷаб қадамгоҳу оромгоҳи бузургон, покон ва порсоён будааст.

Аз мероси хаттии Садри Зиё бовар ҳосил мешавад, ки ӯ шефтаи Бухоро ва ба гуфти худаш як умр «машғули тамошои Ватани муқаддаси худ буда»-аст[59], аз дидори он сер намешудааст. Аз ин ҷиҳат, Бухороро саросар таҳқиқ карда ва нияте доштааст, ки шарофату тақаддуси Бухороро ба дидаҳо намоён оварад. Ба пиндори ин камина ба мурод расидааст, барои ин ки бархе вежагиҳои чеҳраи маънавии Бухорои Шариф ин қуббатулислом дар сафҳаи таърих сабт бимонад, хеле хидмат кардааст.

Агар инро ҳам ба назар бигирем, ки чунонки баъдтар маълум шуд, поёни қарни 19 ва оғози қарни 20 на арафаи марҳилаи нави муҳимме дар сарнавишти Бухорои бостонӣ, балки

---

[57] *А.А. Семёнов*. К прошлому Бухары. Охирсухани китоби: С. Айнӣ. Воспоминания. М.-Л. 1960, с. 1013.
[58] *О.А. Сухарева*. К истории городов Бухарского ханства. (Аз таърихи шаҳрҳои давлати хонияи Бухоро), Тошканд, 1958, саҳ. 68.
[59] Рӯзномаи Садри Зиё, саҳ. 287.

поёни умри таърихии он будааст, бозҷустаҳову ҷамъбастҳои Садри Зиё аҳамияти ҷудогона пайдо мекунад. Аз дастхатҳои Шарифҷон-махдуми Садри Зиё чеҳраи фарҳангиву маънавии Бухороро дар охири умри таърихии он мебинем, ки басо нуронист, вале осори пажмурдагӣ, азияткашидагӣ ва навмедӣ аз он ҳувайдост.

Дил мехоҳад, ки ин давра на поёни умри таърихии Бухоро, балки анҷоми як марҳилаи он бошад ва фарзандони сарбаландаш минбаъд боз дар сари гаҳвораи фарҳангу маънавият шабзиндадорӣ оғоз ниҳанд ва меҳани азизи худро умри дубораи таърихӣ бахшанд.

* * *

Мо ин ҷо рӯзгору осори Садри Зиёро ба ниҳояти мухтасарӣ аз назар гузаронидем. Аз ин нигоҳи сар-сарии мо то андозае он ҳақиқат бояд падид омада бошад, ки Садри Зиё аз фаъолтарин маорифпарварони тоҷик буда, фаъолияти иҷтимоъӣ ва илмиву адабии ӯ бағоят гуногунпаҳлӯ буд, сарфи роҳи фарҳанггустарӣ ва устувории пояҳои равшангарӣ гардидааст.

Чун Аҳмад-махдуми Дониш барои муборизаҳои фидокорона, барои тараққипарварӣ ва ақидаҳои иҷтимоъиву сиёсии фавқулода аз дарбор ронда ва ба таъқибот дучор шуд, иддае ба ҳимояи ӯ ба по шуданд. Шамсиддин –махдуми Шоҳин дар мадҳи Аҳмад-махдум қасидае гуфт ва Абдулмаҷиди Музтариб онро мухаммас кард[60]. Чанд тани дигар гирди Аҳмади Дониш ҷамъ омаданд. Номи Аҳмад-махдуми Дониш парчами маорифпарварӣ шуд. Ин ном андешапарварони ҳамиятмандро ба ҳам овард, муттаҳид кард, ба мубориза сафарбар намуд.

Он солҳо ки Аҳмади Дониш ҳанӯз дар қайди ҳаёт буд, марказе пайдо шуд, ки низ як идда пайравони ӯро ба ҳам пайваст. Ин марказ маҳфили адабии Садри Зиё буд. Садри Зиё равшанфикрони озодандеш ва ҷасоратманди Бухороро дар маҳфили худ гирд оварда, бо баррасии муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти иҷтимоъӣ ва фарҳангиву адабӣ, бо музокираву мубоҳисаҳо ҷасоратмандонро ба ҷаҳду ҷадал рӯҳбаландӣ бахшид. Вай натанҳо нигоштаҳои парокандаи Аҳмад-махдумро ҷамъоварӣ кард, балки бо таблиғи омӯзаҳои ӯ фикри як идда ҷавононро ба ҷунбиш овард ва барои ин ки ба гуфти Садриддини Айнӣ « як инқилоби фикрӣ» ба вуҷуд биёяд,[61] мусоидат намуд. « Тазкори ашъор» низ гӯиё ҳамон маҳфили адабии Садри Зиёро идома дод ва бархе маорифпарваронро як ҷо гирд оварда, ба аҳли ҷомеа муаррифӣ намуд ва бар хилофи бадгӯиҳои доираҳои расмӣ ҳастии воқеии равшангаронро ба ҷомеа шиносонид. «Тазкори ашъор» ҳимоятномаи маорифпарварӣ, адабиёти ҷадида ва шеъри нав буд. Банда дар ин бора дар ҷои дигар ба андак тафсил сухан рондаам[62]. Аз навиштаҳои Садри Зиё пайдост, ки Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Раҳматуллоҳи Возеҳ, муфтӣ Икром (домулло Икромча), Мирзо Ҳайити Саҳбо, Мирзо Азими Сомӣ, Садриддини Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷони Ҳамдӣ ва дигаронро бо камоли ҷасорат аз ҳамлаву ҳуҷумҳои ҷаҳолатпешагон ҳимоя кардааст. Садри Зиё ҳимоятгар ва ривоҷбахши маорифпарварист.

Мирбобои Мирраҳим дар китоби « Саъдахтар» мазмуни сӯҳбатеро, ки бо устоди бештарини мо профессор Шарифҷони Ҳусайнзода доштааст, меорад. Устод Ш. Ҳусайнзода дар ин сӯҳбат аз чаҳор нафари ниёгони мо, ки дар душвортарин замонҳои таърих барои созмон додани ҳаёти фарҳангӣ саъю кӯшиши пурнатиҷае кардаанд, сухан рондааст. Ӯ гуфтааст:

«Аввалин шахсе, ки барои ҳифзи фарҳанг дар таърихи мо пас аз истилои муғулҳо (1218-1220) камари ҳиммат баст, олими намоён Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ( 597-672 ҳ. қ.) буд. Ӯ тавонист таърих ва фарҳанги моро аз маҳв шудан нигоҳ дорад. Ба гуфтан осон: аз як тараф қабоили кӯчӣ ва нимваҳшии муғулҳо, аз тарафи дигар қудратталабии исмоилиҳо, ки дар паи манофеъи сиёсиву иқтисодии худ ҳамаро аз байн мебурданд. Аз ваҳшати муғулҳо тамоми олам дар тарс ба сар мебурд. Дар ҳамин давраи тираву тор фазилати фарзанди халқи мо Насириддини Тӯсӣ ба ёрӣ расид. Ӯ ганҷинаҳо ниҳод ва донишмандонро гирд овард. Ва тавонист, ки таъриху фарҳанг ва ҳастии мардуми моро аз нобудӣ ҳифз намояд…

Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) кори оғознамудаи Насириддини Тӯсиро ба анҷом расонид. Ӯ ба хулосае омад, ки қавми кӯчӣ ва ваҳширо то тарбият накунӣ, аз шарри ӯ, аз бедоду тороҷаш эмин нахоҳӣ буд. Ба ҳамин сабаб ба бақияи муғулҳо —қабоили аштархонӣ ба забони чағатоӣ дарси маърифат омӯхт. Маҳз ба ташвиқи ӯ Алишери Навоӣ ба ин кор

---

[60] Ниг.: *Садри Зиё*. Тазкори ашъор. Теҳрон, Суруш, 1380-2001, саҳ. 210-212.
[61] Ниг.: *С. Айнӣ*. Куллиёт, ч. 7. саҳ. 488.
[62] Ниг.: Мақолаи «Тазкори ашъор» ва масъалаи пайдоиши шеъри нав.

камари ҳиммат баст. Ӯ тавонист дар дили онҳо шӯълаи имону маърифатро барафрӯзад ва мардум аз чангҳои пай дар пай муддате эмин монданд.

Таърих бузургони моро дар давраи ҳалкунанда ба майдон мебарорад. Пас аз ба мустаъмараи Русия табдил ёфтани Осиёи Миёна Аҳмади Дониш қадам ба арсаи сиёсат гузошт. Тарҳиислоҳоте, ки Аҳмади Дониш доир ба сохти давлатдорӣ пешниҳод кард, то имрӯз аҳамияти худро гум накардааст. Аҳмади Дониш нахустин тухми тараққӣ ва инкишофро дар сарзамини Осиёи Миёна кишт. Ва аз ин мазраъа Садри Зиё сабзид. Ӯ ҳам мисли Насириддини Тӯсӣ фарҳанги моро гирд овард, китобхонаи бузург барпо ниҳод ва аз ҳама муҳим он ки як мактаби бузурги илмию адабӣ дар Бухоро ба вуҷуд овард»[63].

Ин мулоҳизоти устод Шарифҷони Ҳусйанзода бағоят ҷолиб аст.

Дар ҳақиқат Мовароуннаҳр чун аз нимаи садаи 19 ба тасарруфи Русия даромад, ноумедии таърихии садаҳои 17 ва 18 кам-кам бартараф шуда, дар дили ахли фаҳм умеди таърихӣ, умеди халосӣ аз дарбастагии феодалӣ ва пайвастан ба равандҳои ҷаҳонӣ пайдо шуд. Аҳмад –махдуми Дониш ҷустуҷӯи роҳҳои растагории миллиро оғоз кард ва равшанфикронро ба ин ҷустуҷӯ кашид ва сафарбар намуд.

Фаъолияти Садри Зиё барои муттаҳид шудани нерӯҳои пешбари ҷомеа ва худшиносии иҷтимоъиву маънавии онҳо, барои равшантар шудани ормон (идеал)-ҳои маорифпарварии тоҷикӣ мусоидат намуд ва барои ҷомаи амал пӯшидани омӯзаҳои Аҳмад –махдум роҳ ҳамвор кард.

Аз ин рӯ мо ақида дорем, ки Садри Зиё дар таърихи андешаи иҷтимоъии тоҷикони Варорӯд ба сифати яке аз пешбарони равандҳои маорифпарварӣ мақоми вежа дорад.

***

Садри Зиё шеър ҳам мегуфтааст, вале Афзал дар тазкираи худ хабар додааст, ки Садри Зиё « ин шеваро (шеърро М. Ш.) коре намешуморадва шуур камтар мегуморад»[64]. Сабаби камнависии ӯ шояд он бошад, ки шеъраш баробари насраш қавӣ набудааст. Инро ӯ худ эътироф мекунад. Садриддини Айнӣ мегӯяд, ки Садри Зиё «шеърро бисёр хуб мефаҳмид ва иқтидори шоириаш паст бошад ҳам, шеър мегуфт». (7-44)

Шеъраш дар дастнависҳояш ҷо-ҷо ба муносибате омадааст. Дар дастхатти шумораи 2367 (Пажӯҳишгоҳи Берунӣ, Тошканд) 7 ғазал, 3 мухаммас 3 қасида, 2 марсия, 4 рубоъии ӯ ва 130 байти шоирони вақт дар васфи ӯ сабт шудааст.

Қувваи шеърияи Садри Зиёро аз «Тазкори ашъор», ки манзум аст, тавон фаҳмид. Ин китоб чунонки гуфтем чоп шудааст ва ба дастраси мутахассисон қарор дорад.

Аз «Рӯзнома»-и ӯ чанд шеъраш ба назарҳо хоҳад расид. Баъзеи онҳо намунаи шеъри иҷтимоъии адабиёти маорифпарварии тоҷикиест. Андаке аз онро дар поинтар хоҳем дид.

10

«Рӯзнома» яке аз калонтарин асарҳои Шарифҷон –махдуми Садри Зиёст, ки ба дастхати худи ӯ 500 саҳифа аст. Сабаби «Рӯзнома» номида шудани ин асар он аст, ки нависанда ният доштааст рӯйдодҳои замонро гӯё ҳаррӯза ёддошт кунад. Сабти рӯйдодҳо аз даргузашти падараш қозӣ Абдушшакури Оят, ки 18 зулҳиҷҷаи 1306-и ҳиҷрии қамарӣ баробари 16 августи 1889-и исавӣ воқеъ шуда буд, оғоз ёфта, то 1348=1929 давом кардааст, яъне баёни воқиаҳо дар Рӯзнома аз овони ҷавонии Садри Зиё шурӯъ шуда, то ду-се соли пеш аз фавти ӯ идома ёфта аз ин рӯ асаре нотамом аст.

Муаллиф дар саҳифаи якум қайд намудааст, ки « ин Рӯзнома дар санаи 1336 дар мавриди муҳорибаи Колисуф ҳамроҳи тазкиратушшуарои назм сӯхта шуд… Мусаввадаи дигар надошт. Аз камоли ҳирсе, ки дар ин боб доштам, маҷбур шудам, ки вақоеъи сисоларо дубора навиштам».

Ин ҷо воқеаҳои соли 1918 дар назар аст, ки Фёдор Колесов сарвазири ҳукумати болшевикии Туркистони Русияи шӯравӣ аз Тошканд ба Бухоро лашкар кашид ва чун шикаст ёфта, роҳи гурез пеш гирифт, амир Олимхон бо истифода аз фурсат дар Бухоро террор оғоз карда, кишварро ба хун оғушт. Он гоҳ Садри Зиё дар Насаф ( Қаршӣ) бадарға ва дар мақоми қозӣ буд ва он ҷо зиндонӣ шуд. Ҳангоме ки ӯро ба ҳабсхона мебурданд,

---

[63] *Мирбобои Мирраҳим*. Саъдахтар. Гуфтугӯ бо Муҳаммадҷони Шакурӣ. Силсилаи «Таърихи шифоҳии тоҷикон», 1, Теҳрон, 2001-1380 ҳ. саҳ. 214-216. бо хати кирилли.

[64] *Афзал — махдуми Афзал.*Афзалуттазкор фӣ зикри шшуаро, чопи сангӣ, Тошканд, 1918, саҳ. 72.

баъзе асарҳояшро, ки ҳама дастнавис ва бархе мусаввада буд, дар пеши чашми худаш сӯзонданд. Аз ҷумла « Рӯзнома» ва « Тазкори ашъор» ба коми оташ рафт. Аз навиштаҳои Садриддини Айнӣ ошкор аст, ки он гоҳ на як-ду, балки чанд асари Садри Зиё нобуд шуда буд. Айнӣ менависад: «Афсӯс, ки Рӯзнома ва баъзе муншаоти муҳимми Зиё дар фалокати маҳбусии Қаршӣ талаф шуда»[65].

Худи Садри Зиё мегӯяд: ки « Осори зиёъия» дар « санаи 1338 дар фитнаи инқилоб… мафқуд гашт»[66]. Ин ҷо воқиаи соли 1920, он рӯйдод, ки « инқилоби Бухоро» ном дорад, дар назар аст, ки болшавикони Русия чаҳор рӯз шаҳрро ба оташи тӯб кашиданд ва аз 11 ҳавопаймо бомбаборон карданд[67]. Дар ин асно ба манзили Садри Зиё низ осебе расид: « ба самте аз ҷиҳоти ҳавилӣ (тири) тӯб расида, рахнае пайдо шуда, тамоми амволу ашёи лозима ба ғорату яғмо рафта»[68]. Он гоҳ баъзе дастнависҳои ӯ аз байн рафтанд. Ин дувумин бор буд, ки асарҳои Садри Зиё нобуд шуданд.

Пас аз инқилоб дар зарфи даҳ-дувоздаҳ сол ба ӯ муяссар шуд, ки он асарҳо ё бархе аз онҳоро дубора ба қалам биёварад. Азбаски ёди қавӣ дошт, ҳатто Рӯзномаро қисман аз нав таълиф намуд ва чунонки дар сарсухани он мегӯяд, агарчи «бино ба пирӣ ва бӯъди аҳд, бисёр чизҳо баъзе матрук, бархе мушаббаҳ шуд»[69], ба ҳар ҳол чизе, ки сахт дар ёд монда буд, дубора рӯйи коғаз омад.

Аз баъзе ҷойҳои Рӯзнома метавон пай бурд, ки нависанда ҳангоми таълифи дубора бархе пораҳои сиёҳнависи таҳрири якумро пайдо ва истифода карда будааст. Ӯ бидуни сиёҳнавис асар таълиф мекард, лекин шояд пешнависҳои пора-пора ва ҷудо-ҷудо вуҷуд дошта бошанд. Дар навишти дубора шояд баъзеи ҳамин пешнависҳои ҷудо-ҷудо ба кор гирифта шуда бошанд. Масалан, боре гуфтааст: « Аз он рӯз то ба ин дам, ки айёми тасвиди ин Рӯзнома аст, шонздаҳ сол мунқазӣ шуда». Ин сухане нест, ки пас аз инқилоби соли 1338-1920 гуфта шуда бошад, балки шонздаҳ соли баъди даргузашти падар (1306-1889) яъне санаи 1322=1905 дар назар аст, яъне шояд порае аз пешнависи соли 1905 истифода шуда бошад.

Ба ин муносибат бояд гуфт, ки ин пораи соли 1905 шояд яке аз нахустин пораҳои сиёҳнависи Рӯзнома бошад. Яъне агарчи воқиаҳои Рӯзнома аз соли 1889, аз даргузашти падар оғоз ёфтааст, мумкин аст, ки то соли 1905 рӯйдодҳо пора-пора ва ҷудо-ҷудо навишта шудаанд, ки ин як навъ тайёрӣ барои таълифи китоб буд, аммо аз соли 1905 таълифи китоби Рӯзнома оғоз ёфт. Таълифи баъзе асарҳои дигари Садри Зиё, чунончи «Осори зиёъия» ва «Тазкори ашъор» низ солҳои 1904- 1905 сар шуд. Шояд оғози эҷодиёти Садри Зиё солҳои 1904-1905 буда, аз соли 1889 то ни дам давраи омодагӣ ва машқ, пешнавис ва сиёҳнависӣ бошад. Агар дар ҳақиқат чунин бошад, метавон гуфт, ки аз солҳои 1904 –1905 тахрири якуми «Осори зиёъия», «Наводири зиёъия», «Тазкори ашъор» ва ғайра оғоз ёфта, дар як-ду ё се-чор сол поён ёфт ва солҳои баъд тасҳеҳу такмили онҳо идома дошт. Лекин соли 1918 ин осор сӯхт (чунонки дидем, одамони амир дар Қаршӣ сӯзониданд). Пас аз инқилоби соли 1920 таҳрири дувуми ин асарҳо ба вуҷуд омад, яъне Садри Зиё онҳоро дубора навишт.

Ҳоло мехоҳем таъкид бикунем, ки ҳангоми таълифи дубораи пас аз инқилоб гоҳ-гоҳ пораҳои парокандаи сиёҳнависи пеш аз инқилоб истифода шудааст. Аз дастхати Рӯзнома дар чанд маврид чунин бовар ҳосил мешавад. Чунончи боре нависанда гуфтааст: «Аз ин рӯз то ба ин дам қариб ҳашт сол мунқазӣ шуда», яъне ин пораи Рӯзнома тахминан аз пешнависи соли 1322 гирифта шудааст. Дар ҷои дигар муаллиф заминҷунбии Қаратоғи Ҳисорро муфассалан тасвир карда гуфтааст, ки «то рӯзи таҳрири ин Рӯзнома, ки як сол мунқизӣ шуда, халоиқи кӯҳистон, хусусан аҳолии Қаратоғ даме ва фурсате аз ин балия халосӣ надошта…» (саҳ. 202). Пас агар зилзила соли 1325=1907 рӯй дода бошад, ин пора соли 1326=1908 навишта шудааст. Ё ин ки чун оғози ҷанги якуми ҷаҳонро ҳикоят кард, дар охир навиштааст: «Ин муҳориба ба фаҳми бандаи афтода ақалли мартаба ҳафт сол вагарна то даҳ сол бояд имдод ёбад. Агар умр боқӣ бошад, баъд аз итмоми муҳориба… хоҳам навишт» (саҳ. 248). Ин ҳам ба назари банда на сухани баъди соли 1338=1920, балки сухани ҳамон соли 1332-1914 аст ва аз порае, ки он вақт навишта шуда буд, айнан дар таълифи

---

[65] *Айнӣ*. Намунаи адабиёти тоҷик, саҳ. 402.
[66] Осори зиёъия. Нусхаи мазкур, саҳ. 1.
[67] Дар ин бора ниг.: *Рустам Шукуров*. Сентябри соли 1920 дар Бухоро чӣ ҳодиса рӯй дод? Садои Шарқ, 1990, №9.
[68] Рӯзномаи Садри Зиё, саҳ. 287.
[69] Ҳамон асар, саҳ. 91.

дубораи Рӯзнома истифода гардидааст. Чунин пораҳо шояд дар баъзе бахшҳои дигари Рӯзнома низ ба кор гирифта шуда бошад.

Аз баъзе нишонаҳо метавон тахмин кард, ки бознигории Рӯзнома соли 1919 ва ё ки 1920 пас аз инқилоби Бухоро шурӯъ шуда, бо суръат идома дошт. Бо вуҷуди серкорӣ чунон бошитоб қалам меронд, ки ба баёни воқиаҳои инқилоб баъди яку ним сол навбат расид. Вай воқиаҳои инқилоби болшевикӣ, хароб шудани Бухоро ва хобҳои даҳшатангези худро, ки як ҳафта даҳ рӯз пеш аз он рӯйдодҳо дида буд, ҳикоя карда, дар байни сухан мегӯяд: «То айёми таҳрири ин Рӯзнома, ки якуним сол мунқазӣ шуда амир, ба Афғонистон..аст» (саҳ.289). Ин аст, ки рӯйдодҳои инқилоби соли 1338-1920-ро тахминан дар охири соли 1921 ё аввали 1922 ба қалам овардааст.

Мо дар боло дида будем, ки бознависи « Осори зиёъия», «Наводири зиёъия» ва ғайра аз соли 1924-1925 шурӯъ шуд. Акнун бояд бигӯем, ки аммо бознигории Рӯзнома соли 1919 ва ё ки дафъатан пас аз инқилоб, соли 1921 ё аввали соли 1922 оғоз ёфт. Аз ин мебарояд, ки Садри Зиё ба Рӯзнома бештар аз дигар асарҳои худ аҳамият додааст, онро аз дигар асарҳои худ муҳимтар шумурдааст ва аз ҳамин сабаб бознигории осорашро аз он шурӯъ намудааст.

Воқиаҳои баъдӣ аксаран дар вақташ сабт шудааст: « Дар айёми санаи 1340=26 июли 1922; «дар ин айём, ки санаи 1341 ҳиҷрӣ муқорини 1923-исавист» (саҳ. 490) ва ҳоказо.

***

Мутаассифона аз рӯйдодҳои баъди инқилоб дар Рӯзнома хеле кам сухан меравад. Ва мо дар поинтар барои муайн кардани сабаби он кӯшише ба амал хоҳем овард.

Воқиаҳои пеш аз инқилоб низ дар бештари мавридҳо интихобан ва ихтисоран тасвир шуда, гоҳе нисбатан батафсил омадаанд. Ихтисорро гоҳ худаш ишора кардааст: «Нигоришу гузориши Шаҳрисабзу Қарширо ихтисор кардам, варна тафсилоти бисёр дорад, ба татвил меанҷомад. Дар айёми таҳрири «Рӯзнома» ба ҳеҷ ваҷҳ ҳавсала надоштам, машғалаам бисёр буд» (саҳ. 281). Аз ин бармеояд, ки интихобу ихтисор на танҳо ба он сабаб ки баъзе ҷузъиёту тафсилот аз ёди муаллиф рафта буд, балки ба сабабҳои гуногун лозим омадааст. Яке аз сабабҳои асосӣ ин аст, ки дигар барои тасвири муфассал эҳтиёҷ ва ё имкон намонда буд, лозим буд, ки Рӯзнома ҳар чи зудтар дубора барқарор шавад он чиро ки аз дидгоҳи нависанда аз дидгоҳи дилсӯзони «мулку миллат» муҳим аст, хулосатан дар бар гирад. Аз баёни бисёр рӯйдодҳо худдорӣ кардан зарур омада буд, то ки афкори иҷтимоъии баъзе равшанфикрони замон, ақидаҳои муаллиф дар бораи рушди ҷомеа, дар бораи сабабҳои ақибмондагии кишвар ва ба фалокатҳо дучор шудани он равшантар ифода гардад.

Зотан Рӯзномаи Садри Зиё чандон рӯзнома ва ёдномаи хотиротмонанд нест, аз он шакли рӯзнома, ки дар Аврупо расм шуда ва имрӯз дар Тоҷикистон ҳам дида мешавад, дур аст. Нависанда фақат баъзе рӯйдодҳоро ҳаррӯза сабт кардааст. Ин асар бештар тарҷумаи ҳоли муфассали муаллиф аст, ки вобаста ба зиндагии шахсӣ ҳаёти атрофиёнро низ дахл карда, қисме аз воқиаҳои замонро фаро гирифтааст. Ҳамчунин дар бораи бархе аз рухдодҳои ҷаҳон изҳори ақида намуданро муҳимтар донистааст. Муаллиф дар сарсухан мақсадашро аз таҳрири якум ба ин тарз баён кардааст: «Ба худ азм ва бад-ин ният ҷазм намудам, ки муддатулумр вақоеъу ҳаводиси дохиливу хориҷиро, ки аҳамият дошта бошад, явман фӣ явман индалфурсат батафсил ва индаззарурат би-л-иҷмол сабту забт намоям». Дар таҳрири якум «савонеҳу вақоеъи муҳиммаро ҷумлатан ҳатто таворихи азлу насб ва валодату вафоти мустанидон ва ашхоси маълумаи асру замонро тамоман дар қайди таҳрир кашида» будааст (саҳ. 91). Дар таҳрири дувум низ ин мақсад то андозае ба даст омадааст.

Дар айни замон бояд гуфт, ки дар таҳрири дувум, ки ҳоло дар даст дорем, бисёр рӯйдодҳои муҳимми Бухоро, ки аҳамияти бузурги таърихӣ доштанд ва дар баъзеи онҳо худи Садри Зиё низ аз наздик ё аз дур ширкат варзида буд, аз «қайди таҳрир» берун мондаанд. Аз ҷумла аз он муборизаи сахт, ки баъди соли 1326=1908 дар байни ҷавонони тозафикри тараққихоҳ ва муллоҳои кӯҳнапараст сурат гирифт, чизе гуфта нашудааст. Ҳамин муборизаи «ҷадиду қадим» буд, ки мунтаҳо амирро маҷбур кард фармони ислоҳот содир намояд. Садри Зиё судури ин фармон ва таъсираш бар сарнавишти худро нисбатан батафсил баён намудааст, вале аз он раванди чандсола, ки оқибат ин фармонро ба миён овард, хомӯш мондааст. Пурсише пеш меояд, ки чаро ин тавр шуда бошад? Чаро Садри Зиё масъалаи ҷанги Жопунро дар бист саҳифа бо тафсилоти зиёде як-як ба нигориш меорад, аммо аз талошҳои қаҳрамононаи равшангарони тоҷик, ки Бухороро аз вартаи пасмондагӣ берун кашидан мехостанд, чизе намегӯяд?

Ба чунин пурсише посух гуфтан шояд пас аз таҳқиқи ҳама эҷодиёти Садри Зиё муяссар шавад. Агар гӯем, ки он солҳо, ки ӯ шурӯъ ба таҳрири дувуми Рӯзнома кард, асарҳои Садриддини Айнӣ «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» ба форсӣ дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб», (1920-1921) ва «Бухородаги инқилобӣ ҳаракатнинг қисқача таърихи» («Таърихчаи ҳаракати инқилобӣ дар Бухоро» ба туркии ӯзбакӣ, рӯзномаи «Меҳнаткашлар товуши», 1920-1921) чоп шуда, дар ин асарҳо талоши маорифпарварони тоҷик марҳила ба марҳила муфассалан баён ёфта ва бино бар ин Садри Зиё дигар ба он воқиаҳо таваққуф накард, шояд саҳв карда бошем. Эҳтимол меравад, ки нависанда дар таҳрири якуми Рӯзнома низ ба ихтилофоти «ҷадиду қадим» чандон дахл накарда буд, то ки аз сиёсати амир ва кирдори ҷоҳилонаи уламои сӯъ ёд накарда ва оташи хашму ғазаби «амири бетадбир» ва ҳукуматдоронро шӯълавар насохта бошад. Дар айёми таҳрири дувум — пас аз инқилоб зарурати ҳазар кардан аз хашму ғазаби ҳомиёни ҳукумати амирӣ ва иртиҷоъиён ҳанӯз аз байн нарафта буд. Илова бар ин дар аснои таҳрири дуюм зарурати кӯтоҳгӯӣ пеш омад, ки таълиф зудтар поён ёбад. Ин аст, ки ба чандин андеша баъзе рухнамудҳои муҳимми вақт, аз ҷумла муборизаи ҷадидони тараққихоҳ аз Рӯзнома берун монданд.

Дар натиҷа Рӯзнома дар ҳақиқат бештар хусусияти хонаводагӣ ва шахсӣ пайдо кард, ки муаллиф «ба азлу насб, валодату вафоти мустанидон ва ашхоси асру замон» бештар аҳамият додааст. Дар ин сурат низ он нақши муҳим, ки шахсияти Садри Зиё дар ҳаёти иҷтимоъӣ ва адабиву фарҳангии Бухорои оғози садаи бист гузошта буд ва мо онро аз навиштаҳои дигарон, чунончи аз осори устод Айнӣ медонем, аз Рӯзнома чандон ба дид намеояд. Инро аз дигар асари ӯ, ки «Тарҷумаи ҳоли муаллиф ва бобову аҷдоди ӯ» ном дошта, дар «Наводири зиёъия» омадааст, низ намебинем. Ин «Тарҷумаи ҳол…» фушурдаи Рӯзнома аст, ки лаҳзаҳои асосӣ айнан такрор шудааст. Ин ҷо ҳам нависанда бештар аз зоҳири рӯзгорони худ ҳикоят мекунад ва аз ин нақли ӯ мазмуни ботинӣ ва аҳамияти таърихии фаъолияташ гоҳ-гоҳе андак намоён меояду бас. Ё нависанда аҳамияти фаъолияти худро дар ҷунбиши маорифпарварӣ ҳанӯз чандон дарк накарда буд ва ё аз хоксорӣ намехост, ки дар баъзе мавридҳо шахсияти худро пеши чашми мардум ба ҷилва оварад ва ё ин ки сабаби дигаре дар миён аст. Агар устод Айнӣ дар борaи мавқеи Садри Зиё дар равандҳои фарҳангии замон он ҳама ахбори арзишмандро боқӣ намегузошт, Садри Зиё панҷсад саҳифа Рӯзнома навишта бошад ҳам, мо имрӯз дар бораи ӯ бисёр чизҳои муҳимро намедонистем ва шояд таърих низ абадан аз онҳо огоҳ намегардид.

Бино бар ин набояд гумон бурд, ки ин Рӯзнома аҳволу атвори Садри Зиё ва замони пуршӯри ӯро мукаммалан дар худ акс додааст. На, Садри Зиё дар Рӯзнома нияти фарогирии ҳама рӯйдодҳоеро, ки ба худи ӯ иртиботе доштаанд, надорад. Рӯзномаи Садри Зиё асарест, ки аз он дар доираи мақсадҳои маҳдуди нависанда чанде аз нишебу фарози зиндагии худи ӯ ва баъзе ҷиҳатҳои муҳимми замонро мебинем, аз баъзе махсусиятҳои ҳаёти иҷтимоъиву сиёсӣ ва фарҳангии охири садаи нуздаҳ ва ду даҳаи нахустини садаи бист огоҳӣ меёбем, аз ҷумла, бо ҷаҳонфаҳмӣ ва ақидаҳои иҷтимоъии ӯ шинос мешавем. Дар ин сурат низ ин асар аз чанд ҷиҳат ҷолиб ва яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои таърихи Бухоро дар охирин асри ҳаёти мустақилаш аст.

11

Агарчи талошу пархошҳои тараққихоҳони маорифпарвар дар Рӯзномаи Садри Зиё тасвир нашудааст, ин асар натиҷаи нигаристан ба замон аз дидгоҳи маорифпарварон аст. Ба ин маънӣ таҳаввулоти асосии замон на зоҳиран, балки моҳиятан баён гардидааст. Муаллиф фаъолияти равшангаронро нишон намедиҳад, вале моҳияти аслии замонро дар бисёр мавридҳо аз бинишгоҳи онҳо намудор меоварад, гӯё аз зоҳири воқиаҳо чашм мепӯшад ва дида ба маънои нопайдои замон медӯзад. Яъне мактабҳои усули нав кушодани равшангарони тараққиталаб, рӯзнома чоп кардани онҳо, китобҳои форсӣ ба табъ расонидан (чунончи аз чоп баровардани китобҳои Садриддини Айнӣ «Таҳзибуссибён», 1328-1910, «Заруриёти диния», 1332-1914, «Тартилул Қуръон», соли табъаш номаълум, асарҳои Абдурраufи Фитрат, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигарон), ба таъқибот дучор гардидан ва қаҳрамонона мубориза кардани онҳоро ба тасвир наоварда, аммо кӯшидааст, ки мазмуну мундариҷаи замон ва кирдори зимомдорони кишварро он тавр, ки равшангарон медиданду мефаҳмиданд, маънӣ намояд. Садри Зиё бо ин асари худ муборизаи маорифпарваронро идома медиҳад ва як аҳамияти таърихии ин асари ӯ ҳамин аст, ки барои фаҳмидани ақидаҳои иҷтимоъиву сиёсии маорифпарварони тоҷик, барои донистани мароmу маслаки онҳо чун маъхазе метавонад хизмат бикунад.

Чунонки гуфтем, Садри Зиё на аз ҷумлаи ҷадидони равшангар, балки яке аз уламои тозафикру навназар ва тараққихоҳ буд. дар манбаъҳои он аср чанд нафар аз уламои ислом номбар шудаанд, ки ақидаҳои тоза пайдо карда, дар роҳи ислоҳи мактабу мадраса ва бар зидди ҷавру зулм мубориза доштанд. Яке аз онҳо домулло Ивази мударрис буд, ки соли 1312-1894 ба ҳаҷ рафта, бо муборизаи тараққипарварони Эрон, Туркия, Миср ва дигар кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик шинос шуд ва дар як мадрасаи Бухоро «тарзи таълимашро як дараҷа ислоҳ карда, шарҳу ҳошияи бемаъниро аз ҷадвали дарсии худ баровард»[70]. Чанде уламои дигар низ ба ҳамин роҳ даромаданд. Шумораи мактабҳои усули ҷадид дар Бухоро рӯз то рӯз меафзуд. Ҳатто Насруллоҳи қушбегии сарвазир аз номи амир Олимхон мадрасае сохт, ки «прогроми дарсаш аз прогроми дарси мадрасаҳои кӯҳна васеътар» буда, «дарсҳои ҳисоб ва ҳандаса ва ҳусни хат ва дарсҳои дигар»-ро дар бар гирифт.[71] Ин дигаргуниҳо бо муборизаи сахт идома дошт. Уламои ислом ба ду гурӯҳ тақсим шуданд: як гурӯҳ тарафдори ислоҳоту пешрафт, дигаре мухолифи ислоҳоту кӯҳнапараст буданд. Ба гуфти Файзулло Хоҷа сардори гурӯҳи дувум мулло Абдураззоқ ном шахсе будааст.[72] Садри Зиё дар гурӯҳи якум, яъне аз уламои маорифпарвар буд. Гоҳ ин уламои тараққихоҳро низ ҷадид гуфтаанд.

Аз асарҳои Садри Зиё, аз ҷумла аз Рӯзнома ҳувайдост, ки андешаҳои ӯ бо масъалаҳои ислоҳи мактабу мадраса, бо муборизаи зидди ноинсофиву беадолатиҳо маҳдуд нагардида, паҳлӯҳои гуногуни масъалаи пешрафти кишварро пургустариш фаро гирифтаанд.

Маорифпарварии тоҷикӣ идеологияи растагории миллӣ буд. Маорифпарварон растагориро аз шарофати фарҳангу маънавият умед доштанд ва бар ин буданд, ки равшангарӣ ва ислоҳоти куллии фарҳангӣ кишварро ба эҳёи маънавӣ хоҳад овард.

Дар нахустин мактаби усули ҷадид, ки шавволи 1326–октабри соли 1908 Мунзим, Айнӣ, Ҳамдӣ ва Меҳрӣ дар Бухоро таъсис доданд, 20 шаъбони 1327-1909 «маҷлиси имтиҳони кушодаи умумӣ» баргузор шуд. Дар ин имтиҳон аксари маорифпарварон, бисёре аз уламо, ҳатто баъзе равшангарони Самарқанд ширкат доштанд. Маҷлиси имтиҳон чунон хуб гузашт ва ба гуфти Садриддини Айнӣ «истеъдоди бачагони Бухороӣ чунон таъсир бахшид, ки аз ҳамон вақт дар байни мардуми Бухоро фикри инқилоби илмӣ пайдо шуд. Яке аз газетахонони аввалини Бухоро.. аз таассур гиря кард ва гуфт: Ман умед дорам, ки то даҳ сол дар Бухоро инқилоб мешавад. Авлоди Ватан аз разолату сафолати имрӯза раҳоӣ меёбанд»[73].

Чунонки мебинем, маорифпарварон « инқилоби илмӣ» ва «инқилоби фикрӣ» барпо кардан мехостанд. Ҳар гоҳ ки аз зарурати инқилоби иҷтимоъӣ низ сухан ронанд, онро пас аз инқилоби фарҳангӣ мақсади дувум медонистанд. Чунончи Садриддини Айнӣ дар китоби « Таърихи инқилоби Бухоро» боберо, ки ба шарҳи фаъолияти Аҳмади Дониш бахшидааст, «Тайёрӣ ба инқилоби илмӣ ва иҷтимоъӣ» номидааст.

Нури чашмам Рустам Шукуров боре дар номае таъкид карда буд, ки « инқилобхоҳони Бухоро ба сӯи таҷдиди ҷомеа, ба сӯи эҳёи маънавӣ мерафтанд ва тафовути онҳо аз сотсиалистҳои аврупоӣ, ки ҷомеаи тоза сохтан хостаанд ҳамин аст… Дар Аврупо ҳатто ҷиддитарин инқилобиён инқилобе дар донишро ба назар надоштаанд. Албатта, баъзе равшанфикрон (Блок, Манделштам, Хлебников) аз зарурати навсозии маънавӣ ҳарф заданд, дурусттар он ки аз фаро овардани даврони нави маънавӣ, ки аз замонҳои пеш покизатар ва дурусттар бошад, гап заданд, аммо масалан Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» аз зарурати бозгашт ба қонуният, ба шариат, ба дониши ҷовидон, ки мардуми Бухоро соҳибаш будаанд ва баъд аз даст додаанд, сухан кардааст».

Ин андешаҳои Рустам Шукуров ҷолиб аст. Айнӣ пегуфтори он «Таърих»-ро аз ҳамин сар кардааст, ки «агар ҳукумати Бухоро ва уламои Бухоро аз аввал ваҳшӣ, золим динфурӯш, ҷоҳпараст ва ҷоҳил бошанд, пас сабаб чист, ки Бухоро як замонҳо манбаъи илму маориф ва маркази маданият шуд? Ҳол он ки маданият, илм ва маориф бо ваҳшат зулм ва ҷаҳл ба як ҷо намеғунҷад»[74]. Албатта аз камоли некбинӣ дар ҳаққи гузаштагон буд, ки маорифпарварон «замонҳои қадим»-ро ориву барӣ аз «ваҳшат, зулм ва ҷаҳл» пиндоштаанд, вале комилан ҳақ ба ҷониби онҳо буд, ки аз фарҳанги ниёгон, аз маънавияти олии мардумони асрҳои пеш сари ифтихор баланд дошта мадад ҷустаанд.

---

[70] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 24.

[71] *Фитрат.* Давраи ҳукмронии амир Олимхон. Душанбе, 1991, саҳ. 36.

[72] *Ф. Ходжаев.* Избранные труды (Осори мунтахаб), ҷ. 1. Тошканд, 1970, саҳ. 91.

[73] *С. Айнӣ.* Ҳамон асар, саҳ. 49.

[74] Ҳамон асар, саҳ. 5.

Аз ин ҷо набояд гумон кард, ки инқилоби маорифпарварӣ рӯ ба гузашта дошт ва аз фарҳанги замонӣ рӯ гардонида буд. Не, чунин набуд. Инқилобҷӯёни равшангар илму фарҳанги нави замониро аз Шарқу Ғарби муосир ҷустаанд, лекин фарқашон аз инқилобкорон ва бисёр зиёъиёни Ғарб ин будааст, ки бунёди маънавии фарҳанги нави замониро устувор кардан мехостанд. На нерӯйи харобкор, балки нерӯйи бунёдкори инсонро ба ҷунбиш оварданӣ буданд. Бозгашт ба асли худ лозим омада буд, вале бозгашти замонӣ, бозгаште, ки тибқи хосту ниёзи асри бистум бошад, дар назар буд. Хуросони бузург аз аҳди бостон, аз замони Зардушту Авасто қаламрави маънавияти олӣ буд ва лозим омад, ки Мовароуннаҳр дар садаи бист боз парчами фарҳанггустарии маънавиро баланд бикунад[75].

Чун равшангарон ба таҷрибаи таърихии кишварҳои ҷаҳон чашми ибрат дӯхта буданд, мехостанд бидонанд, ки инқилоби маорифпарварӣ чӣ тавр бояд сурат бигирад, ислоҳоти иҷтимоъиро чи шахсоне ва чӣ гуна метавонанд ба вуҷуд биёваранд. Таҷрибаи иҷтимоъӣ ва фарҳангии гузаштагони худ ва ҷаҳони муосир ба назари маорифпарварони тоҷик барои тартиб додани барномаи навсозии маънавии ҷомеа лозим буд. Садри Зиё низ ба воқиаҳои ҷаҳон аз ҳамин бинишгоҳ нигоҳ кардааст. Аз ин рӯ дар бахшҳои хориҷии Рӯзномаи ӯ ҷанбаи маънавии биниши маорифпарварӣ пурзӯр аст.

Дар Рӯзнома рӯ овардан ба зиндагонии мардумони кишварҳои наздику дур яке аз воситаҳои баёни ақидаҳои маорифпарварист. Тасвири ҳаёти хориҷиён зиёда бори ғоявӣ ва маслакӣ бар дӯш дорад. Аз ҳамин сабаб хеле батафсил ва бо ҷузъиёт омадааст. Шеър низ дар ҳамин бахшҳо зиёдтар буда, ҷамъбасту натиҷагирӣ дар ӯҳдаи он аст.

Садри Зиё дар бахшҳои хориҷии Рӯзнома яке аз равияҳоеро, ки дар адабиёти равшангарии форсии тоҷикӣ аз Аҳмади Дониш оғоз ёфта буд, идома дод. Вай мисли дигар равшангарон ба олам чашми ибрат кушода, тартиботи кишварҳои дигарро бо ватани худ муқоиса мекард. Рухдодҳои пурҷӯши кишварҳои дигарро аз назар мегузаронид, вале дар ғами «Ватани муқаддаси худ» буд.

Дар Рӯзнома ҷустуҷӯи идеал нахустин ниёз аз баррасии рухдодҳои байналмилалист. Ӯ шоҳи одили ормонӣ, сарвазири бинову доно ва адолатгустаре ки қобил аст инқилоби равшангарӣ бар по оварад, меҷӯяд, мехоҳад муайян кунад, ки шахсияти чунин сарвар чӣ суратҳоеро дорост ва замони нав аз ӯ чи хосту ниёзе дорад.

Садри Зиё дар ин ҷӯяндагӣ аз таассуби мазҳабӣ дур аст. Гоҳ ба чеҳраи султони Туркияи усмонӣ Абдулҳамид ё подшоҳи забардасти Афғонистон амир Абдураҳмонхон, гоҳ ба ҳоли импиротури Жопун Микоду нигоҳ меафканад, гоҳ нигоҳе ба ҳоли Эрони он рӯз меандозад, гоҳе ба таърих рӯ оварда, аз тарзу шеваи подшоҳи машҳури рус Пётри Кабир огоҳ шудан мехоҳад.

Ҳамаи подшоҳон, ки аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон чи кишварҳои исломӣ ва чи ғайри исломӣ дар китоби Садри Зиё гирд омадаанд, ба назари ӯ қаҳрамони таърихи муосир будаанд. Мумкин аст, ки дар баъзе мавридҳо фаҳмиши Садри Зиё ба воқеияти таърихӣ рост наояд. Шояд мавқее, ки он подшоҳон ё бархе аз онҳо дар таърихи кишвару миллати худ дар воқеъ доштанд, ба тасаввуре ки Садри Зиё дар бораи онҳо доштааст, мувофиқ набошад. Вале имрӯз на дараҷаи мутобиқати тасаввуроти Садри Зиё ба воқеияти таърихӣ, балки фаҳмиши вежаи ӯ муҳимтар аст, он чиз муҳим аст, ки бо нигориши шахсияти онҳое, ки қаҳрамони даврон ба шумор овардааст, чӣ ақидаҳоеро пеш меронад. На ин ки шахсияти таърихӣ чӣ гуна буд, балки ин ки дар тасаввури Садри Зиё чӣ гуна будааст, бештар аҳамият дорад. Вай шоҳи ормониро меҷуст ва бояд бубинем, ки кадом хислатҳои онҳо (хоҳ хислати воқеист, хоҳ тасаввурӣ) ӯро писанд омадааст.

Нахустин нишонаҳои пешвои бузурги миллат аз сифатҳои шахсияти султон Абдулҳамидхон падид омадааст. Ин сифатҳо дар шеъри шоири афғон Муҳаммадюсуфи Риёзӣ, ки манзумаи дарозест ва Садри Зиё онро пурра овардааст, дида мешавад. Чунончи Риёзӣ мегӯяд:

*Дар осоиши миллати хештан*
*Зи ҷон кард тадбири ҳифзи ватан…*
*Паи он ки ёбад зи сармоя суд,*
*Дари лутф бар рӯйи миллат кушуд.*
*Бипардохт он шохи некӯниҳод*
*Чу Нӯшервон дар паи адлу дод*[76].

---

[75] Дар ин бора муроҷиат шавад ба китоби камина «Хуросон аст ин ҷо», Душанбе, Оли Сомон, 1996.
[76] Рӯзномаи Садри Зиё. Теҳрон. Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишӣ, 1382-2003, саҳ. 145.

Чунонки мебинем, шарти аввали пешвоиву подшоҳӣ адлу дод аст. Инро ҳама ҳукамо дар асрҳои пеш гуфта буданд, вале шоири замони нав «осоиши миллат» ва «ҳифзи ватан»-ро низ таъкид кардааст. Ин мафҳумҳо чизи нав дар адабиёт ва андешаи иҷтимоъӣ буданд. Дар садаи бист, дар асри истеъмору мустамликадорӣ масъалаи «осоиши миллат» ва « ҳифзи ватан» сахт пайвастагӣ пайдо кард. Дар маромномаи маорифпарварони тоҷик аз замони Аҳмад-махдуми Дониш мафҳуми «миллат» чи ба маънои мазҳабӣ ва ба маънои иҷтимоъӣ ба муборизаи зидди тааррузи бегонагон, бавежа аврупоиён таъбир мешудааст, ба муборизаи озодихоҳии миллӣ алоқаманд будааст. Миллат, Ватан, истиқлол аз муҳимтарин рукнҳои маорифпарварии тоҷикист, ки дар Рӯзномаи Садри Зиё низ ба мафҳуми адлу дод чун як бахши умда дохил гардидааст. Ба ин тарз мафҳумҳое чун шоҳи одил, ки асрҳо дар андешаи иҷтимоъӣ ва фалсафиву ахлоқӣ вуҷуд доштанд, бори маъно ва ғунҷоиши худро фузунӣ бахшида ва такмил дода, мазмуни замонӣ гирифтанд.

Пас аз ин, тасвири сарвари миллат дар Рӯзнома ҷилваҳои нав ба зуҳур меорад ва ормонҳои маорифпарвариро мушаххастар мунъакис менамояд. Дар тасвири Пётри Кабир сабабҳои «тараққии давлати Рус» чунин баён шудааст:

*Чу Питр—он шаҳаншоҳи бофарру дод*
*Аз он хок шоҳе зи модар назод*
*Ки ӯ миллати ваҳшии хештан*
*Чунон тарбият кард аз марду зан,*
*Ки ҳамдӯши аҳли тааддун шуданд,*
*Зи юнониён гӯи сабқат заданд…*
*Ҳама он тараққӣ буд аз адлу дод,*
*Ки Питри Кабир он бино дарниҳод.*
( саҳ. 186-187)

Ин ҷо симои шоҳи одил нисбат ба он, ки дар адабиёти форсӣ пеш аз ин вуҷуд дошт, андак дигар шудааст. Акнун шоҳ на танҳо ҳукмравоест адолатпеша, балки падари тарбиятгари миллат низ ҳаст ва миллатро дар асоси адлу дод ба тараққӣ, ба тамаддуни олӣ мерасонад. Андешаи маорифпарварӣ моҳияти иҷтимоъиву фалсафии идеали шоҳи одилро амиқ бурд ва ба пояи баландтари маънавӣ баровард. Гап дар сари ин нест, ки шахсияти Пётри якум дар ҳақиқат чунин буд ё не, балки дар бинишу фаҳмиши нависанда аст. Муҳим он аст, ки шоҳи одил дар пиндори нависанда ба падари тарбиятгари миллат табдил ёфтааст. Садри Зиё амир Абдурраҳмонхонро «қаҳрамони миллат» ва «падари меҳрбони афғон» (саҳ. 228) номидааст, ки «сиҳату офият ва айшу ишрат ва осудагиву роҳати худро фидои манофеъу фавоиди мулку миллати худ сохта» (саҳ.228). Ин ҷо «манофеъи мулку миллат» низ аз мафҳумҳоест, ки тоза дар забони форсии тоҷикӣ матраҳ гардида ва барои шакл гирифтани шуури милливу ватандӯстии иҷтимоъӣ ба кор меояд.

Бегумон ин хислатҳо хилофи хислатҳои амири Бухоро буд. Инро нависанда нагуфтааст, лекин пай бурдан душвор нест.

Баландтарин нуқтаи рушди шахсияти шоҳи одил дар симои Микоду–импиротури бузурги Жопун ба дид меояд. Шарҳи ҳоли Микоду, ҷаҳду ҷадали беназири ӯ дар роҳи устувор кардани решаҳои ҳастии миллат, ҷангу пирӯзиҳои вай хеле батафсил ва саршор аз меҳру мафтунӣ ба қалам омадааст. Хулосаи фаъолияти Микоду, ки «аксари арбоби сиёсиро мутаҳайир сохта ва ҳар миллатеро дар баҳри тафаккур андохта» ин аст:

*Нахуст аз паи ҳикмату обрӯ*
*Ба ислохи миллат бикӯшид ӯ.*
*Бигуфто: На мо зодаи одамем?*
*Чаро аз фарангон ба сарват камем?*
*Ҳамон беҳ, ки бепарда чун офтоб*
*Бигардем гирди ҷаҳон бо шитоб.*
*Зи ҳар нуқта илме ба даст оварем,*
*Сари ҷаҳлро рӯ ба паст оварем.*
*Вагарна бигирандамон марзу бум,*
*Шавад рӯзи пирӯзамон шоми шум.*
(саҳ. 188)

Дар ин ҷо « миллат» маънои иҷтимоъӣ дорад, на мазҳабӣ, яъне маънии нав гирифтани он ба ҳудуди даҳаи якуму дувуми садаи бистум, ки вақти таълифи он бахшҳои Рӯзнома аст, хеле устувор шудааст.

Дигар чизе, ки муҳим аст, он аст ки дар байтҳои боло мафҳуми « падари миллат» дарунмояи маънавӣ дорад, ки Микоду барои ҳифзи аслияти инсонии инсон ва баланд доштани шаъни одамӣ мубориза мекунад. Ин ҷо ҷанбаи моддии ҳастӣ, чунончи сарвату дороӣ ба асли маънавӣ тобеъ аст, ба масъалаи шаъни одамӣ вобастагӣ ёфтааст («на мо зодаи одамем?»). Чунонки дар мавриди Пётри як дида будем, дар мавриди Микоду низ «ислоҳи миллат», «тараққӣ» ва монанди инҳо фақат аз пешрафти иқтисодӣ, танҳо аз ободӣ ва сериву пурӣ, сохтани роҳи оҳан, корхонаву дастгоҳ, тӯпу туфанг ва ғайра иборат нест, балки моҳияти аслии инсон, ҳастии маънавии одамизодро дар назар дорад. Аз ин ҷо маънои «ислоҳи миллат», он ислоҳоти маорифпарварӣ, ки ҷавонбухороиён мехостанд ва Садри Зиё 1917 ба иҷрои он камар баст, ба хубӣ намоён аст. Онҳо аз амири Бухоро он сон ислоҳот мехостанд, чунонки Микоду «аввал аз аршулваҳият ва кибриёӣ ба фарши убудуият ва бериёӣ танозул кард ва ҳиҷоби ибнуссамо ва султони осмониро якбора андохта. Сипас дасти ҳуккоми ҷобир ва руасои золимро аз сари раият кӯтоҳ кард ва муқарраран хитобаҳо хонд ва гуфт: «Эй авлодони азиз, ман ҳам мисли шумо одамеам, шумо ҳам мисли ман одам ҳастед, соҳиби ҳуқук мебошед». Муҳокима ва муҳокимот таъйин кард, ҳукми мусовот ва озодии адён дод. Дар санаи 1304 ҳиҷрӣ, 1886 мелодӣ эълони машрута дод, амр ба интихоби вукало ва ифтитоҳи порламинт ва маҷлиси аъён кард, қонуне аз қонуни Нопилюни Фаронса иқтибос ва ба иқтизои ҳоли жопуниён маводе бар он афзуд ва иҷро намуд» (саҳ.222-223)

Мебинем, ки аз таҷрибаи таърихии Жопун ба назари Садри Зиё машрутият, ки яке аз хостҳои маорифпарварони Бухоро дар ду даҳаи нахустини садаи бист, буд ҷолиб омадааст. Муҳимтар он аст, ки ӯ боз ҳам бунёди инсонии падидаи иҷтимоъиву сиёсиро меҷӯяд, ҷанбаи гуманистӣ ва моҳияти маънавии фаъолияти «падари меҳрбон»-и миллатро дидан мехоҳад ва чун инро дид, хулоса мебарорад, ки «пас метавон ин импиротури муслеҳ ва инсони фариштахӯйро аввали инсони комил ва шахси аввалааш номид» (саҳ.221).

Ин аст, ки бунёди маънавии ислоҳоти иҷтимоъиву фарҳангӣ дар маркази диққати Садри Зиё қарор ёфтааст. Вай аз он тараққихоҳон аст, ки маорифпарвариро танҳо бо зоҳири равшангарӣ, фақат бо фарҳанггустарӣ маҳдуд намекарданд, решаҳои фалсафии онро меҷустанд, ислоҳи маорифпарваронаи мулку миллатро аз навсозии амиқи маънавии зиндагонӣ иборат медонистанд.

Дар назари баъзе маорифпарварони тоҷик мактаби усули нав кушодан, ба Аврупо шогирд фиристодан ва аз Аврупо омӯзгор овардан, табъу нашри рӯзномаву китоб, ривоҷ додани сармоядорӣ, тиҷорату саноат, таъсиси машрутият ва монанди инҳо ҳар кадом василае барои устувор кардани пояҳои маънавии ҳастии инсон аст, ҳамаи инҳо гӯё ҷорабинии ташкилӣ барои расидан ба сарманзили мақсуди бузургест ва ҳадафи аслӣ ҳамоно сохтмони ҷомеаъе бо бунёди маънавист. Танҳо чунин ҷомеа метавонад асли маънавии одамизодро ба мукаммалӣ падид оварад, барои камолоти инсонии инсон, барои нумӯъи инсони комил замина тайёр кунад.

Баъзе аломатҳои чунин гузориши масъала аз Рӯзномаи Садри Зиё ба назар мерасад. Аз ҷумла мубо做изаи озодихоҳии миллӣ дар ин асари вай гоҳ амиқан мазмуни маънавӣ дорад.

Дар мавзӯъоти хориҷии Рӯзнома талошу пархошҳо бар зидди мустамликахоҳон, барои муҳофизати ватану миллат, муҳофизати ислом аз тааррузи истеъморгарони аврупоӣ зиёд мавқеият дорад. Ҷангҳои Туркия Жопун, аҳволи Эрону Афғонистон, сиёсати Инглистон, Русия ва ғайра умуман аз ҳамин дидгоҳ арзёбӣ шудааст.

Иборaҳое аз қабили «ингилиси пуртаблис», «руси манҳус» ( саҳ. 228) ва монанди инҳо, ки фаровон дучор мешаванд, ибораи Аҳмади Дониш «Русияи рӯсияҳ»-ро ба ёд меоранд. Садри Зитё боре аҳволи Эронро чунин тасвир кардааст: «Аз як тараф шери Ингилис дандон тезу нохун дароз карда, аз дигар тараф хирси рус даҳан боз бо сад ҳирсу оз дар камин нишаста, харгӯши Эрон дар миёни эшон зиндаест бадтар аз мурда». Идомаи ин тасвир чунин аст: «Давлати мустабиди Рус зулму тааддиро ба ниҳоят расонид. Дар Табрезу Рашт хунҳо рехт, вайронаҳо кард, риҷоли номиро ба дор кашид, равзаи муқаддаси ҳазрати имом Ризоро ба зарби тӯб хароб кард… Давлати Ингилис садди роҳ шуда инонашро кашид… харгӯши нимҷони Эронро аз чангаш раҳонид» ( саҳ. 229-230).

Равшан аст, ки оҳанги сухани муаллиф чи нисбат ба золимони истеъморгар, чи нисбат ба онҳое, ки натавонистанд дасти тааррузи истеъморгарро аз сари миллат кӯтоҳ кунанд, хеле сахт аст. Дар ин маврид низ албатта амирони Бухоро, ки аз дифоъи миллату кишвар оҷиз омадаанд, дар назаранд. Садри Зиё дар бораи Носириддиншоҳи қоҷор мегӯяд: «Носириддиншоҳ муддати чиҳил сол дар айёми салтанати худ фориғбол бе монеъаву

мунозеъе ба сар бурда, аксари умри гаронмояро сарфи сайру саёҳат ва айшу ишрат карда, барои дину миллат ва мулку давлат коре накард» (саҳ. 227). Банда шак надорам, ки дар ин маврид ишора ба амирони Бухоро ҳаст, чунон маънои таҳтуллафз мавҷуд аст, ки амирони Бухоро низ чунинанд. Бо тавсифи муфассали Пётри Кабир, Микодуи жопун ва амир Абдурраҳмонхони афғон, ки «қаҳрамони миллат», «падари меҳрбони миллат» ва намунаи ибратанд, он масъала ки шоҳ бояд чӣ гуна бошад ва ба чӣ тарзҳо кишвардориву миллатпарварӣ бикунад, аммо бо баёни ҳоли Носириддиншоҳ ва чанде дигар ин масъала, ки шоҳ чӣ гуна бояд набошад, матраҳ мешавад. Ва дар ҳар ду маврид ҳам аҳволу атвори амирони Бухоро лаҳзае аз назар дур нест, вале нависанда ин назардоштро низ ба забон наёвардааст.

Аммо чунин ба назар мерасад, ки Садри Зиё нисбат ба ду амири Бухоро — Музффархон ва Абдулаҳадхон сипосгузор аст, ки ба ҳар ҳол нагузоштанд, ки Русия ба Бухоро дохил шавад. Дар асл Русия ба чанд сабаби сиёсӣ аз даромадан ба Бухоро худдорӣ карда буд. аммо бархе аз равшанфикрони Бухоро гумон доштанд, ки он ду амир вуруди русҳоро пешгирӣ карданд. Яке аз чунин равшанфикрон Садри Зиё буд.

Маънидоди сиёсати мустамликадорони Русия, ки дар боби « Сабаби харобӣ ва шикасти давлати Рус» омадааст, басе ҷолиб аст. Инак мухтасари он:

*Асоси адолат бадал шуд ба ҷавр,*
*Рифоҳи раъият сар омад ба давр.*
*Гаҳе аз яҳудон кашидӣ димор,*
*Ки гаштанд овораи ҳар диёр.*
*Гаҳе арманиро намудӣ ситам,*
*Ки хатту забоншон равад дар адам.*
*Ба амволу авқофашон даст охт,*
*Калисоашонро зи нахват битохт…*
*Сипас муслиминро барошуфт кор,*
*Ки бар тарки мазҳаб шудандӣ дучор…*
*Ба занҳо ҳамехост тарки ҳиҷоб,*
*Ба мардон басе кард қаҳру итоб…*
*Чу карданд бо зердастон ситам,*
*Мубаддал шуд он айшу ишрат ба ғам.*
*Равоқи бузургии давлат шикаст,*
*Бар эшон ситам боби нусрат бубаст.*
*Худоро зи худ хашмгин сохтанд,*
*Ба худ теғи қаҳри Худо охтанд…*
*Агар Рус ҳам расми Питри Кабир*
*Намекард матмусу пинҳону зер,*
*Намешуд чунин кору бораш хароб,*
*Намерафт киштеш дар қаъри об…*
*Вале чун ба мардум ситам пеша кард,*
*Ҳама бех вайрон аз он теша кард.*
*Дили халқро хаставу реш кард,*
*Ҳама халқро душмани хеш кард.*

(саҳ. 185).

Инҳоро нависанда сабаби шикасти Русия дар ҷанги Жопун, ҳамчунин сабаби сар задани нахустин инқилоби Русия, инқилоби соли 1905 донистааст. Бо чунин жарфнигарӣ дидани сабабҳои якумин инқилоби Русия дар адабиёти тоҷикии оғози садаи бистум ҳодисаи камназир аст. Жарфбинӣ дар ин зоҳир шудааст, ки на танҳо падидаҳои зоҳирии зулми истеъмогарон, балки моҳияти аслии он эзоҳ ёфтааст. Дар байтҳои боло зулми истисморгарони Русия танҳо ситами иҷтимоъӣ, фақат бераҳмӣ ва поймол шудани инсофу адолат нест, танҳо азоби ҷисмонӣ ва талафоти ҷониву молӣ намеорад, балки чизе зиёдтар аз онҳост, зулмест, ки одамизодро рӯҳан нобуд мекунад, аз маънавият маҳрум месозад. Садри Зиё баъзе падидаҳои муҳимми ҳастии маънавии инсонро номбар кардааст, ки хатту забон, дину оин, калисо аз ҳамин ҷумла аст. Инҳо аз нишонаҳои асосии ҳувияти миллӣ низ мебошанд. Зулми миллӣ асли маънавӣ ва ҳувияти миллии мардумонро аз байн мебарад, маънавиятзудоӣ, миллиятситезӣ ва одамиятсӯзӣ мебошад, ҳадафи тири истеъморгар моҳияти одамии мардумон аст.

Ин аст, ки боз ҳам нигоҳи маорифпарварона амиқ рафта буд, ба аломатҳои зоҳирӣ маҳдуд нашуда, мундариҷаи таҳтониву маънавии падидаро намоён овардааст. Биниши Садри Зиё танҳо биниши иҷтимоъиву сиёсӣ нест, балки диди маънавиятҷӯй аст.

(Дар омади гап гӯем, ки адабиёт пас аз инқилоб аз ин назари маънавӣ маҳрум шуд. Идеологияи шӯравӣ фақат арзишҳои синфиву табақотӣ, танҳо арзишҳои иҷтимоъии маҳдудро эътироф карда, моҳиятан бунёди маънавии ҳастиро инкор намуд ва адабиёти шӯравӣ ба тасвири зулми иҷтимоъии синфӣ пардохт, ки маҳдуд ба азобу уқубати ҷисмонӣ ва зоҳирӣ, маҳрум аз ҷанбаи ботинии маънавӣ, аз моҳияти инсонӣ буд. Бозҷусти моҳияти инсониву маънавии масъалаҳои иҷтимоъӣ, ки дар адабиёти маорифпарварӣ мебинем, дар адабиёти инқилобии шӯравӣ бо моҳияти синфиву табақотии маҳдуд иваз гардид. Бартарии ҷаҳонбинии маорифпарварон аз анъанаҳои адабиёти асрҳои пеш, ки адабиёти шӯравӣ бисёре аз онҳоро рад карда буд, ғизо гирифтааст[77]).

Муборизони шӯълавари зидди истеъмор дар Рӯзномаи Садри Зиё мардони таърихи онрӯзаи Шарқ Микодуи Жопун, амир Абдурраҳмонхони афғон, султон Абдулҳамидхони усмонӣ ва монанди инҳоянд «Падарони тарбиятгари миллат» низ аз назари Садри Зиё ҳаминҳо буда, Пётри Кабир низ шахсе мисли онҳост.

Ин мардони таърих ормонҳои гуманистии Садри Зиёро ифода мекунанд. Медонем, ки адабиёти форсӣ дар тӯли таърих ормони худро умуман аз замонҳои гузашта меҷуст. Маорифпарварони тоҷик тимсолҳои ормониву идеалиро аз замони худ ҷустанд. Садри Зиё низ чунин кард. Вале натавонист аз кишвари худ чунин чеҳраи ормонӣ пайдо бикунад, ки пешвои миллат бошад, фақат аз хориҷ пайдо овард.

Амирони Манғити Бухоро аз сифатҳои он қаҳрамонони ормонӣ маҳрум буданд. Нависанда хислатҳои олиҷанобии қаҳрамонони мусбати хориҷиашро ба амирони Бухоро, ба ҳамдиёронаш намунаи ибрат нишон додааст, аз онҳо низ ҳамин хислатҳоро талаб кардааст.

Ҳукуматдорони Бухоро дар пеши ин қаҳрамонони Садри Зиё ба тамом беҳунару беҳамият, нобакор, бехабар аз манфиатҳои мулку миллат ва дур аз андешаи миллӣ буданд. Нависанда ин ақидаро ба забон наоварда, вале гоҳ бо муқоисаи равшан таъкид намудааст. Чунончи боре талошу пархоши миллатҳои ҳамиятманд дар роҳи дину миллат ва мулку давлат муфассал тасвир шуда, қаҳрамонони ин муборизаҳои озодихоҳӣ, сарварони ботадбиру фидокори он муборизони хориҷӣ васф гарида, дар охир якбора нависанда ба ҳоли Бухоро нигоҳе кӯтоҳ мекунад ва нишон медиҳад, ки амир Олимхон ба Бақохоҷаи қозикалон ва мулло Бурҳониддин (қозии Чорҷӯй) фармуд, ки дар чорбоғи подшоҳии Ширбадан ҷашн ва тӯю сур ороянд.

Нахуст Бақохоҷа « муддати понздаҳ –бист рӯз он қадар сарфи молу манол ва он ҳама базли обу таом… намуд, ки муҳосиби вахму хаёл аз тасаввури он лол ва ақли хурдадон аз тахайюлу тахмини он оғӯштаи ихтилол аст» (саҳ. 245). Пас аз ин мулло Бурҳонддини садр чандин рӯз ҳамин гуна як ҷашни бузург ороста, гӯи сабқат аз Бақохоҷаи қозикалон рабуд ва худ ба ҷои ӯ қозикалон шуд ( соли 1331-1913)

Ба ин тариқ дар хориҷ миллатҳо дар роҳи озодӣ ҷонбозӣ мекунанд, сарварони Бухоро ҷашни бузург доранд, тӯй мехӯранд.

Хонандаи Рӯзнома бо муқоисаи фикрӣ айбҳои ҳукуматдорони Бухороро як-як мебинад. Шояд як сабаби сӯзонда шудани дастнависи Рӯзнома аз тарафи ҳукуматдорони амир дар вақти терроре соли 1918 ҳамин нигоҳи танқидӣ, ҳамин ифшокории нависанда буда бошад.

Ба ин ваҷҳ бояд таъкид кард, ки маводи хориҷии Рӯзнома, ки Садри Зиё аз нашрияҳои машҳури он вақт «Сироҷулахбори Афғонистон», «Ҳаблулматин»-и Ҳиндустон, «Чеҳранамо»-и Миср ва ғайра, аз абъзе китобҳо овардааст, на камтар, балки гоҳ зиёдтар аз дигар бахшҳои асари ӯ аҳамият доранд. Онҳоро рӯнависи маҳз аз нашрияҳои вақт набояд донист. Онҳо ҳама иттилооте барои андешаи миллианд. Ақидаҳои маорифпарварии Садри Зиё ва баъзе равшанфикрони дигар гоҳ маҳз аз ҳамин бахшҳои Рӯзнома равшан мешавад. Ин бахшҳо барои муайян кардани идеологияи равшангарии тоҷикӣ ёрӣ хоҳанд кард.

12

[77] Дар ин бора муроҷиат шавад ба навиштаи банда: *Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ*. Ҷусторҳо, Теҳрон, Асотир, 1382=2003, саҳ. 19-50.

Чунонки қисман зикраш гузашт, охири садаи нуздаҳ ва ибтидои садаи бист дар Бухоро давраи муборизаҳои сахти ғоявию маслакӣ буд. Омӯзаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш як идда равшанфикрони замонро ба пайкор бо ҷаҳлу бедонишӣ рӯҳбаланд мекард. Муборизаи чанд тан аз тарафдорони ӯ, чунончи Исо-махдуми Исо (1826-1887), домулло Абдулфазли Сират (ваф. 1898), қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир (1810-1886), Мирзо Азими Сомӣ (1839-1907), Шариф-махдуми Мӯътасим(?-- -?) Шамсиддини Шоҳин (1859-1894) ва чанд нафари дигар, ки ҳама адибони номии замон буданд, дар бисёр мавридҳо ҳанӯз чандон обу ранги маорифпарварӣ надошта, бештар идомаи адолатҷӯии асрҳои пеш буд, ки дар ҷомеа ҳеҷ гоҳ қатъ нагаридааст. Дар оғози қарни бист домулло Муҳаммад Икроми Абдуссаломи машҳур ба муфтӣ Икромча ( 1847-1925) дар байни уламои ҳаққонӣ ба ниҳояти нотарсиву далерӣ ангуштнамои замон шуд. Ҷавонфикрони озодихоҳи Бухорои ду даҳаи нахусти садаи бист Сироҷӣ, Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ, Фитрат Меҳрӣ ва дигарон ин пархошро густариш доданд. Муборизаи онҳо ба тамом хусусияти равшангарӣ пайдо кард. Фаъолияти Беҳбудӣ, Аҷзӣ, Абдулқодири Шакурӣ ва дигарон дар Самарқанд, Асирӣ ва Ҳоҷӣ Юсуф ва ҳамкорони онҳо дар Хуҷанд низ намунаи барҷастае аз маорифпарварии фидокорона буд.

Ба ҳар мизон ки фаъолияти инҳо густариш меёфт, муқобилати ҳукуматдорон ва он қисми пешвоёни рӯҳонӣ, ки Айнӣ «уламои мутаассибу манфиатпараст»[78] номидааст, шиддат мегирифт. Мубориза торафт тезу тунд мегардид. Як сабаби худдории Садри Зиё аз баёни тафсилоти мушаххаси ин муборизаи бузурги таърихӣ шояд он бошад, ки худ дар он ширкат дошт ва аз талошҳои худ сухан кардан нахостааст. Ё шояд аз оқибати баёни ин мубориза андеша карда бошад. Лекин ба ҳар ҳол баъзе ишораҳо ва маълумоте аз ин хусус дар Рӯзнома ҳаст. Ин маълумот ва ишораҳо андаке шарҳу эзоҳ мехоҳад.

Нахуст аз муносибати Садри Зиё ва авлоди Байзо як-ду сухан гуфтан лозим меояд.

Се нафар аз уламои ислом, ки авлоди Байзо ном доштанд, дар муддати бештар аз 50 сол дар Бухоро қозикалон (қозиулқузот) будаанд.

Нахустини онҳо қозӣ Садриддин тахминан аз оғози даҳаи 1860, аз вақти ҷулуси амир Музаффар ( 1860-1885) то соли 1296-1879 қозикалони Бухоро буд. Фарзанди ӯ қозӣ Бадриддин аз 1306-1889 то 1326-1908 ва фарзанди вай қозӣ Бурҳониддин байни солҳои 1331-1913 ва 1338-1920 (ғайр аз чор моҳи март то июли 1917) ин мансаби олиро дар ӯҳда доштанд.

Аз он айём, ки падари Садри Зиё домулло Абдушшакури Оят ба мударрисӣ шуғл дошта, дар фазлу камол ва ҳақгӯӣ шӯҳрат ёфт, миёни ӯ ва мулло Садриддини қозикалон «мунозаат воқеъ шуда буд». Ва чунонки Садри Зиё дар рисолаи «Тарҷумаи ҳоли муаллиф ва обову аҷдоди ӯ», («Наводири зиёъия») мегӯяд, муомилаи Оят ба қозӣ Садриддин ба дараҷае расида буд, ки «дар ҳеҷ маҷлису маҳфил бе мунозараю мубоҳиса набуданд. Аксару ағлаб ба дуруштгӯиву сахтрӯӣ оид мешуд»[79]. Ин хусумат ба авлоди ҳарду ҷониб гузашт. Садри Зиё дар Рӯзнома гуфтааст, ки «аз он таърих то ба ин дам панҷоҳ сол мунқазӣ шуда,.. мо тоифа ва он фирқа мисли обу оташ… шуда, ба ҳеҷ ваҷҳ аз вуҷӯҳ ин кудурат ба сафо ва ин адоват ба вафо мубаддал намегардад» (саҳ.105). Чунон, ки мебинем низоъи миёни авлоди домулло Абдушшакури Оят ва ибни Байзо гӯё ранги шахсӣ гирифта ва ба низоъи хонадонӣ табдил ёфта, қариб ним қарн давом кардааст.

Садри Зиё дар Рӯзнома чун «ду тоифа» ва ё «мо ду тоифа» мегӯяд, аҳли ҳамин ду хонадон ва зидди ҳам рафтани онҳоро дар назар дорад. Ҳар гоҳ, ки ӯ «мо тоифа», «мо ҷамоа» «мо қабила», «мо авлод» мегӯяд, хешовандони падариву модарии шӯҳратманди худро, ки бисёре хушхат буда, лақаби мирзоӣ доштанд, инчунин хешовандону наздикони худро, ки бархе аз онҳо дорои хислатҳои нек ва фазлу камол буданд, дар назар дорад ва аз ин ки дар ҷомеа мақоме басазо ёфтаанд ва бештарашон дар талошҳо иштирок доштанд, сари ифтихор баланд карда, он ҳамаро ба «он фирқа», яъне ба авлоди Байзо зид мегузорад.

«Ин кудурат» ва «ин адоват», ки миёни ду гурӯҳ бо мурури замон авҷ гирифт, ҳаргиз рухдоде шахсӣ ва хусусӣ набуда, заминаи иҷтимоъӣ дошта ва падидае аз муборизаи шадиди ақидатӣ будааст, ки то рафт густариш ёфта, на танҳо шахсҳои ҷудогона, балки хонадонҳоро ба ҳам зид гузоштааст.

Баъзеҳо хостанд, ки ин муборизаро як низоъи хусусӣ ва натиҷаи мансабталошӣ вонамуд бикунанд. Чунончи Абдурраufи Фитрат гуфтааст: «Муҳаммадшарифи садр ( Садри Зиё - - М. Ш.) тарафдори ҷадидон ба шумор мерафт, лекин ҳақиқатан ин мардро ғайр аз мансаби қозикалони Бухоро дигар мақсаде набуд. Ӯ қозикалониро мероси падари

---

[78] *Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 35.

[79] *Садри Зиё.* Наводири зиёъия, дастнависи №983. вар. 11б.

худ медонист (падараш қозикалони Бухоро будааст)»[80]. Ва гӯё аз ҳамин сабаб Садри Зиё бо хонадони Байзо рақобату хусумат варзидааст.

Бовари банда он аст, ки нисбат додани чунин мақсаде ва чунин рафторе ба Садри Зиё асосе надорад. Мо дар боло гӯшзад карда будем, ки Садри Зиё даъвои қозикалонӣ надошт. Амирони Бухоро ду бор Садри Зиёро ба маснади қозиулқузотӣ шинондан хостанд, аммо ӯ қабул накрд. Беҳтар аст алъон қазияро бо андак тафсил равшанӣ андозем.

Садри Зиё дар рисолаи «Тарҷумаи ҳоли муаллиф ва обову аҷдоди ӯ» («Наводири зиёъия») гуфтааст, ки « як мартаба амир Абдулаҳадхон қабили вафоти худ маро ба ҷои Бақохоҷаи қозикалон, вақте маъмури вилои Қаршӣ будам, таклиф намуда буд. Узрҳои муваҷҷаҳ гуфтам, ки хурсандона қабул карда буд. Дуюм мартаба амири ҳолӣ Олимхон дар соли дуюм аз ҷулуси худ вақте ки ба қазои аввалини тумоин Ғиҷдувон маъимурият доштам, ин дафъа низ ба ҷои Бақохоҷаи қозикалон таклиф намуд. Ман узрҳои собиқро ба зиёдат маъруз доштам. Бино бар хурдсолӣ ва камфикрӣ (-и амир—М-Ш.) узрҳои ман дар маърази қабул наяфтода, балки сабаби ранҷиш шуда»[81].

Бешубҳа он чӣ Садри Зиё дар бораи рад кардани мансаби ақзалқузотӣ гуфтааст, айни ҳақиқат аст. Ин аз он ҷо ҳам маълум мешавад, ки дафъаи сеюм соли 1917 низ масъалаи қозикалон таъин шудани ӯ бидуни розигии худаш ҳал шуд. Мо дар оғози ин рисолаи худ дида будем, ки он гоҳ яъне соли 1917 ислоҳотхоҳони тараққипарвар ва элчихонаи Русия барои иҷрои фармоин ислоҳот Садри Зиёро ба қозикалонӣ пешниҳод карданд, амир ин тавсияро қабул намуд ва Садри Зиёро ризо напурсида қозикалон таъин кард. Инро ҳам дида будем, ки Абдуррауфи Фитрат ва Мӯсои Йӯлдош он ҳангом аз элчии Русия Миллер хоҳиш карда буданд, ки ба сабаби қозикалон таъин шудани «қозии Ғиҷдувон Муҳаммадшарифи ҳавохоҳи эътиқодманди ислоҳот ва соҳиби эътибори баланд» ба амир арзи ташаккур расонад. Миллер ташаккури онҳоро ба амир арз кард ва бо телеграф ба Петербург хабар дод. Мо инро дар оғози ин рисолаи худ дидем. Вале чӣ шуд, ки Фитрат пас аз сенздаҳ сол —соли 1930 он пешниҳоду ташаккури худро фаромӯш карда, аз мансабталошии Садри Зиё гап сар кардааст? Шояд сабаби ин ки Фитрат дар ҳаққи Садри Зиё аз хайрхоҳӣ ба бадгумонӣ гузаштааст, ин бошад, ки чун Фитрат пас аз соли 1917 ба ормонҳои маорифпарварӣ хиёнат кард, беимонӣ зоҳир намуд, ба пантуркизму панузбакизм гаравид, аз дин гашт ва дар мақоми вазири Ҷумҳурии Бухоро баъзе нобакориҳо кард ( ва банда аз ин бобат дар як мақола андак батафсил сухан рондаам)[82], Садри Зиё ин ҳамаро сахт маҳкум кард ва дар « Тазкори ашъор» навишт:

*Пас он гаҳ зи роҳи салоҳу садод*
*Баромад, даромад ба роҳи фасод.*
*Фурӯ рафт андар хатову залал,*
*Аз ин роҳ омад ба динаш халал.*
*Ба дунё зи дин барнагирад ҳисоб,*
*Ба уқбо надонам чи гӯяд ҷавоб.*
*Чу шуд андар ин сарзамин инқилоб,*
*Ба олӣ маротиб бишуд комёб.*
*Ба таҳсили молу ба такмили зар*
*Ҳамекард ҷаҳду ҳамебурд бар.*
*Зи Фиръавну Қорун ба молу манол*
*Намедид касро қарину ҳамол*[83].

Мебинем ки ин ҷо Садри Зиё чеҳраи нохуби як шахси беимонро нишон додааст, ки маромномаи маорифпарвариро поймол карда буд. Гумон намекунам, ки Садри Зиё кӯшида бошад, ки ин байтҳоро аз Фитрат ниҳон бидорад ё Фитрат аз онҳо бехабар монда бошад.

Дар «Тазкори ашъор» ҷуз шахсияти пурзиддияти Фитрат ҳеҷ шоиреро чунин сифатҳо нисбат дода нашудааст.

Шояд ҳамин хашму танаффур, ҳамин сахтгӯиҳои Садри Зиё мӯҷиб омада бошад, ки Фитрат аз ӯ ранҷида, дар китоби соли 1930 дар ҳаққи ӯ дур аз инсоф қалам ронда буд. Аз ин рӯ, наметавонем гуфтаи Фитратро дар бораи Садри Зиё гувоҳии айнӣ ва беғаразона

---

[80] *Фитрат.* Давраи ҳукмронии амир Олимхон. Душанбе, 1991, саҳ. 29.
[81] Садри Зиё. Наводири зиёъия, нусхаи №983, вар. 30 б-31а.
[82] Ниг: Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Аз маорифпарварӣ то ба чингизпарастӣ. Авранг, 2001, №3, саҳ. 15-37.
[83] Садри Зиё. Тазкори ашъор. Теҳрон, Суруш, 1380-2001. саҳ. 166.

бидонем. Наметавонем аз гуфтаи Фитрат натиҷа бигирем, ки Садри Зиё мансабталошӣ доштааст ё худ хусумати миёни Садри Зиё ва хонадони Байзо ранги хусусӣ доштааст. Ба суроғи ҳақиқат ба манбаъҳои дигар рӯ овардан лозим аст.

Инак, барои ин ки масъала бо партави воқеият равшан шавад, ба сарчашмаҳои таърихӣ, ки далели қонеъкунанда доранд, нигоҳ меандозем.

Мо аз Рӯзномаи Садри Зиё, аз «Наводири зиёъия»-и вай, ки соли 1991 дар Душанбе ва соли 1377=1998 дар Теҳрон чоп шуда буд, аз навиштаҳои Садриддини Айнӣ ва дигар шоҳидони замон, ки қисман дар болоҳо зикр шуд, медонем, ки Садри Зиё чи равияи иҷтимоъӣ дошт. Акнун андаке мебинем, ки авлоди Байзо чи қиёфае доштаанд. Он гоҳ чигунагии муборизаи ғоявию маслакии он замон хубтар падид хоҳад омад ва хоҳем донист, ки Садри Зиё ва дигар маорифпарварон бо чи қувваҳое мубориза мекарданд.

Нахуст қозӣ Садриддин– якумини Байзоиён, ки ҳосили умри ӯро Садри Зиё дар Рӯзнома ин тавр хулоса кардааст: « Мулло Садриддини Хатлонӣ возеъи қоидаи аминона ва муҳаввили авқоф ба ранги мозода ба хизонаи омира аст» (саҳ. 208-209).

Ин гап чӣ маънӣ дорад? Шарҳи ин ду ишора аз дигар таърихномаҳо ошкор мегардад. Чунончи Айнӣ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» гуфтааст: «Амир Музаффар… ба машварати қозӣ Садриддин хеле авқофро ба унвони саҳми мозода ба ҳисоби ҳукумат мусодара намуд, ки ошхонаи Чорбикр, Шайхулислом, Баҳоуддин ва хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ аз ин ҷумла аст. Ғайр аз инҳо гӯрхонаҳо ва саримазорҳое, ки ҳуҷарот ва авқоф дошт, тамом даррабуд» (10 –97)

Ин аст, ки вақфро мусодира кардан ва ба хазинаи амир фиристодан коре хилофи шаръи шариф буд, ки аз қозии шариат содир шуд.

Андози аминона низ чизе дур аз инсоф буд. Айнӣ ҳам мулло Садриддинро муассиси аминона донистааст: «Қозӣ Садриддин … ба унвони аминона дар бозорҳо молиёти тоза гузошт» (10-98). Дар баъзе сарчашмаҳо омадааст, ки аминона аз молу мулк ба андозаи яку ним фоизи арзиши он ситонида мешуд. Аммо Аҳмади Дониш мегӯяд: « Агар бевазане каловае оварад ва ба се фулус байъ кунад ду фулуси он баҳри амин бошад. Ва агар касе як хирвор ҳима орад ва ба се дирам бифурӯшад, ду қисми он ҳаққи амин бошад. Турфа номи золимеро амин кардаанд!»[84]. Чунонки дида мешавад аминонаи қозӣ Садриддин балое ба сари мардум оварда буд.

Домулло Абдушшакури Оят бо ҳамин қозӣ Садриддин «дуруштгӯиву сахтрӯӣ» мекардааст ва бегумон ин муборизаи ӯро коре савоб бояд донист. Дидем, ки Аҳмади Дониш низ дар ин маврид бо «сахтрӯйии» тамом сухан рондааст.

Садри Зиё дар Рӯзнома гуфтааст, ки дар санаи 1328=1910 қозии Насаф (Қаршӣ) шуд ва дид, ки « ба раҳнамоии уламои сӯъи ҷасур сиҳоми тадрисӣ ва ҳуҷароти мадраса… ба мустаҳиқонаш нарасида аксарӣ дар зайли мозода ба хизонаи омира роҷеъ шуда» (саҳ.219)

Садри Зиё ба амир арз карда ва иҷозати ӯро гирифта, ин расмро, ки дар вақташ қозӣ Садриддин ҷорӣ карда буд лоаққал дар як гӯшаи кишвар аз байн бардошт. Бояд гӯем, ки коре савоб кард.

Моем ба сари қозӣ Бадриддин, ки фарзанди қозӣ Садриддин аст ва пас аз Абдушшакури Оят қозикалон шуд. Садри Зиё қозӣ Бадриддинро чунин таъриф кардааст: «Арозилу авбошро дӯст медошт, асилу наҷиброхоҳиш надошт. Ҳар хасе ба наздаш касе буд, ҳар шахсе даъвии шайхӣ менамуд. Муллоӣ ба аҳдаш бузургии аммома буду калонии зеҳи ҷома» (саҳ. 209).. Ин тавсиф ба гувоҳии дигар нигорандагони замон тасвиб мешавад. Аз ҷумла Айнӣ гуфтааст: «Амир Абдулаҳад яке аз саррофони ҳариси аҳди худ ба шумор мерафт. Ҳамеша ба қоимаҳои давлати рус ба симу зар байъу шаро мекард. Воситаи саррофиаш ҳамеша қозӣ Бадриддин буд (10-121). Ин гуфтаи Айнӣ аз «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-ст. Айнӣ дар ин китоб боз мегӯяд: «Дар аҳди амир Абдулаҳад касе монанди қозии мазкур соҳибнуфуз набуд. Қушбегӣ, ки расман вазир ва вакили аввали амир ба шумор мерафт, дар истеҳсоли ризои қозӣ Бадриддин маҷбур буд» (10-118). Дар бораи ин ки қозӣ Бадриддин то чи андоза уламоро мутеъи худ ва амир медошт, устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-аш ҳикояте овардааст: Азбаски Яҳёхоҷа (аз маҷлиси Аҳмади Дониш ва маҳфили Садри Зиё) забони бурро ва андак қиёфаи девонагӣ гирифта буд, боре ба пеши қозӣ Бадриддин даромадааст. «Қозӣ ӯро мунофиқона ҳурмат намуда, ... аз ӯ дар ҳаққи худ «дуои хайр» талаб кардааст... Яҳёхоҷа... монанди дуокунандагон дастони худро ба ҳаво бардошта гуфтааст:

---

[84] *Аҳмади Дониш*. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития, Душанбе, Сарват, 1992, *саҳ. 48.*

— Илоҳӣ, Худоё, Худовандо, қозӣ Бадриддинро ба ҷои худ худо кунӣ!

Қозӣ аз ин дуо ба ҳайрат афтода:

— Эй... эй.. эй! Қабоҳат шуд! — гуфтааст.

– Ҳеҷ ҷои қабоҳат ҳам несту аҷобат ҳам, — гуфтааст Яҳёхоҷа дар ҷавоб, — ту имрӯзҳо дар Бухоро аз амир ҳам калонтар мебошӣ, ихтиёри мурдаву зиндаи ҳамаи мардуми мамлакати Бухоро дар дасти туст. Ту хоҳӣ, касеро месӯзӣ ва хоҳӣ, касеро месозӣ ва ҳеҷ кас ба ту «чуну чаро» гуфта наметавонад. Акнун ғайр аз мартабаи худоӣ мартабае намонд, ки ту орзуи расидан ба он дошта бошӣ... Ба аҳволи деҳқонони хонавайроншуда, ятимони бепадар мондаи моли меросиашон аз тарафи ту забтгардида, ба рӯзи сиёҳи занони бева ва бачагони бепарастор, ки шавҳару падаронашон дар зиндони ту хобидаанд, ту ҷавобгар мебошӣ. Эҳтимол аз ғазаби Худо тарсида, дар айшат халале расад. Агар Худо шавӣ, аз ҳама тараф хотирҷамъ шуда кордорӣ кардан мегирӣ ва бе ҳеҷ бими бозхост хазина бар болои хазина меандӯзӣ, чунки Худо ҳеҷ гоҳ худро бозхост намекунад» (7-14-15).

Садри Зиё ва аҳли маҳфили ӯ, ки Яҳёхоҷа яке аз онҳо буд, бо чунин ҷаҳонхӯри тавонмарде мубориза мекарданд.

Қозӣ Бадриддин тангчашм буд. Бақохоҷа, ки баъди фавти ӯ қозикалон шуд, гаронгӯш будааст. Азизхоҷаи Азиз, ки аз шоирони номашҳури он замон аст, ин байт бигуфт:

*Аз Бухоро кӯр рафту кар ба ҷои ӯ нишаст,*
*Дар Бухорои шариф ин кар балои дигар аст.*

Садриддини Айнӣ дар мисраъи дуюми ин байт «кар бало»-ро якҷо бо ҳарфи калон навиштааст, то ки дашти Карбалоро ифода намояд (7-26). Онро хоҳ якҷо бихонем, хоҳ ҷудо, маънӣ ҳамин хоҳад буд, ки ҳукуматдорони он вақт ё кар буданд ё кӯр ва қобилияте надоштанд, ки аз манфиатҳои халқу кишвар чизе бубинанд ё бишнаванд. Ба сари миллат шӯри Карбало оварда буданд.

Пас аз фавти Бақохоҷа Бурҳониддин фарзанди қозӣ Бадриддин қозикалон шуд. Ҳама медонистаанд, ки ин қозикалони нав ҳам кӯр аст, ҳам кар ва ҳам гунг, аз шариатпаноҳӣ фарсахҳо дур. Аз ин ҷост, ки Садри Зиё дар Рӯзнома гуфтааст: «Бурҳониддин ҷаҳли мураккаб ва накбати муҷассам буд» (саҳ. 259) ва дар бораи ноинсофиву бераҳмии ӯ дар рисолаи «Сабабҳои инқилоби Бухоро» аз дидаву шунидаҳояш чанд ҳикоя ба қалам овардааст. Бисёре аз қаламкашҳои он замон аз хабосату ҷаҳолати ӯ қиссаҳо доранд. Масалан Абдурраауфи Фитрат навиштааст: «Қозӣ Бурҳониддин як марди аҳмақи бесаводе буд. Бо вуҷуди он, ки раиси рӯҳониён ва маъмурини адлия ба шумор мерафт, аз хондани хатҳои одӣ оҷиз буд».[85] Айнӣ дар ин бобат бо андак тафсил сухан рондааст ва гуфтааст, ки «ин одам илм он тараф истад, аз ақлу идрок ҳам бенасиб буд... дар дараҷаҳои аввали фитнаангезӣ ва мунофиқӣ меистод... Дар таассуби кӯр-кӯрона ба дараҷае буд, ки агар ӯро мисдоқи муҷассами таассуби ҷоҳилия биномем, дурӯғ намешавад. Аз корҳои дунё ба ғайри пул ғундоштан, манту хӯрдан ва бо занҳо нишастан чизи дигареро намедонист. Ба ҷоҳу мансаб ба дараҷае ҳарис буд, ки дар ин роҳ ҳама чиз, ҳатто номусу шарафи инсониашро ҳам (агар бошад) ба фидо кардан ҳозир буд».[86]

Бешак шахсе бо чунин «таассуби ҷоҳилия» аз шинохти манфиатҳои миллату кишвар оҷиз буд ва фақат барои манфиатҳои худ ва «тоифаи худ» кор мекард. Вай бар зидди ҳар як падидаи маорифпарвариву равшангарӣ, бар зидди мактаби нави ҷавонони тозафикри миллатпарвар мубориза мебурд. Вай сарвари душманони «инқилоби илмӣ» ва «инқилоби фикрӣ» буд.

Александр Семёнов дар консулхонаи Русия дар Бухоро кор мекард ва як рӯз бо консул ба назди амир Олимхон омада, аз зарурати иҷозат додан ба мактабҳои усули ҷадид сухан ба миён оварданд. Амир изҳор дошт, ки ҳаргиз зидди мактаби нав нест, вале Бурҳониддини қозикалон розӣ намешавад ва розӣ кардани ӯ шояд ба шумо муяссар гардад.

---

[85] *Фитрат.* Ҳамон асар, саҳ. 30.
[86] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 44-45.

Он гоҳ элчӣ ва Семёнов ба назди Бурҳониддин рафтанд. Ҳамин ки онҳо аз мактаби нав гап сар карданд, Бурҳониддин арбада бардошт, ки «ҷадидон душмани ислому мӯъминанд... пояҳои динро суст мекунанд» ва ҳоказо. Аз ин музахрафот он қадар гуфт, ки элчиву Семёнов дигар натавонистанд чизе бигӯянд ва бидуни натиҷае аз қозихона берун шуданд.[87] Ба сари соҳибони мактабҳои нави усули савтия чи азобҳо овардани қозӣ Бурҳониддин ва иртиҷоъпарастони ӯ дар осори Айнӣ, аз ҷумла дар се «Таърих»-и вай ва «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» баён шудааст.

Ба касофати қозӣ Бурҳониддин бештарини ҳамшаҳриҳои ӯ, яъне хатлониёни Бухоро фаъолони муборизаи зидди маорифпарварӣ ва тараққихоҳӣ буданд. Падидаҳои ин ҳақиқати талхро аз Рӯзнома мебинем.

Чунонки А. А. Семёнов гувоҳӣ медиҳад, дар солҳои шиддати муборизаи ҷадиду қадим муллобачаҳо (донишҷӯёни мадрасаҳо)-и Бухоро ба ду гурӯҳ тақсим шуда буданд, ки якеро «талабаи тумонӣ» ва дигареро «талабаи кӯҳистонӣ» меномиданд.[88] «Талабаи тумонӣ» онҳое буданд, ки аз гуманҳо, яъне аз ноҳияҳои водиҳову воҳаҳо омадаанд, «талабаи кӯҳистонӣ» асосан хатлониёни фармонбардори қозӣ Бурҳониддин будаанд, ки аз ним нигоҳи ӯ рамуз гирифта ба табаҳкорӣ медавиданд.

Байни ин ду тоифаи муллобачагон мубориза торафт шиддат меёфт, ки низ аксаран муборизаи маслакӣ буд. Баъзе падидаҳои ин мубориза дар адабиёт акс андохтааст. Чунончи дар ин қитъаи Садриддини Айнӣ, ки ба соли 1325 қ = 1907 м. тааллуқ дорад:

*Субҳоноллоҳ,*
*Имрӯз ба мо ҳодисаи саъб расид,*
*Гаштем хароб,*
*Аз хоҳиши чархи фалаки дӯлобӣ.*
*Пурсанд зи ҳол, оҳи бепоён каш,*
*Баргӯй: бад ҳол.*
*Ҷангидан гиҷдувониву кӯлобӣ,*
*Ин аст ҷавоб.*[89]

Аз ин қитъа маълум нест, ки ҷанги ғиҷдувониву кӯлобӣ хусусияти иҷимоиву сиёсӣ дошт ё не, вале равшан аст, ки шоир онро рӯйдоди мудҳиш — «ҳодисаи саъб» мешуморад ва мебинад, ки «ҳол бад» аст ва ҷабҳагирии гурӯҳҳо барои ҷомеа натиҷаи баде хоҳад дошт.

Дар ҳақиқат пас аз се сол мутаассибони кӯрдил ҷанги сунниву шеаро дар Бухоро барпо карданд, ки боиси талаф шудани панҷоҳ нафар бегуноҳ гардид. Ҷомеаро ба «тумониву кӯҳистонӣ», «сунниву шеа», «ҷадиду қадим» ва ғайра ҷудо карда, аз ин ҷудоӣ ба манфиати худ истифода менамуданд.

Дар баъзе мавридҳо задухӯрди гурӯҳҳо ошкоро заминаи иҷимоъиву сиёсӣ дорад. Садриддин Айнӣ дар «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» ҳаракати «талабаи тумонӣ»-ро дар назар дошта чунон қайд карда буд, ки соли 1917 «чун истибдоди қозикалон ва худсарии вукалои муллоён аз хад гузашт, талабаи мадрасаҳои Бухоро ба муқобили қозӣ Бурҳониддин ва вукалои муллоён қиём карда, азли эшонро аз ҳукумат талаб намуданд» (10-171). «Вукалои муллоён», ки ин ҷо зикр шудааст, ҳайъате иборат аз панҷ нафар буд, ки муллоҳои иртиҷоъии тарафдори қозӣ Бурҳониддин 29-и ҷумодиуссонии 1335 яъне 8 апрели 1918 аз тарафи худ намоянда интихоб ва маъмури кори рӯҳониён таъин карда буданд. «Талабаи тумонӣ» ба муқобили ҳамин «вукалои муллоён» ва қозӣ Бурҳониддин, ки «истибдод ва худсарии онҳо аз ҳад гузашт», қиём карда буданд.

Аз Рӯзномаи Садри Зиё бармеояд, ки дар натиҷа тафриқаи миёни муллоён ва роҳбарони мазҳабии Бухоро амиқтар рафт. Абдулғафур-махдум–додари Садри Зиё соли 1918 ба Насаф барои Садри Зиё хабар овард, ки «дар ин овон аҳолии Бухоро ду фирқа шуда, тоифаи кӯҳистонӣ тарафдори қозикалони ҳолӣ (яъне қозӣ Бурҳониддин—М.Ш.) шуда», «ҷамоаи бухорӣ» ҳавохоҳи Садри Зиё будаанд. «Ҷомеаи бухорӣ» хостаанд, ки Садри Зиё ё, ки Изомуддини Садр қозикалон таъин шавад (саҳ. 274). Ин Изомуддини садри

---

[87] *А.А.* Семёнов, ҳамон асар, саҳ.988.
[88] Ҳамон асар, саҳ.988-989.
[89] *С. Айнӣ.* Куллиёт ҷ . 8, саҳ. 167. Ғиҷдувон яке аз тумон (ноҳия)-ҳои бузурги вилояти Бухорост ва устод Айнӣ аз ин ноҳия аст.

раис ҳамони Изомиддин-махдуми Мусанниф аст, ки дар Рӯзномаи Садри Зиё, ҳар се «Таърих»-и Айнӣ ва баъзе манбаъҳои дигар номаш гоҳ-гоҳ ба назар мерасад.

Ин аст, ки боз сухан аз «ду тоифа» ва тафриқа меравад, боз яке аз он фирқаҳо «тоифаи кӯҳистонӣ» будааст. Ин ҳама муллову муллобачаҳои ҳаводори Бурҳониддин, ки аз манфиатҳои миллату кишвар фарсаххо дурӣ доштанд фаъолони аксулҳаракати иртиҷоъӣ ва террори соли 1917 ва 1918 буданд.

Пас аз инқилоби феврали 1917-и Русия мубориза дар Бухоро басо тезу тунд шуд, пас аз инқилоби октабри он сол ба вежа аз баҳори соли 1918, яъне баъди рӯйдодҳои ба номи «воқеаи Колесов» (аз Тошканд ба Бухоро лашкар кашидани сарвазири ҳукумати болшевикии Туркистон Фёдор Колесов ва шикаст хӯрдану ба шармандагӣ ақиб нишастани ӯ) дар байни ҷадидони маорифпарвари Бухоро низ тафриқа қувват гирифт ва онҳо ба чанд гурӯҳ ҷудо шуданд. Аз ҷумла яке аз сарварони онҳо Абдулқодир Муҳиддинов дар сарсухани китоби Фитрат «Давраи ҳукмронии амир Олимхон» (1930) ҳамаро ба ду фирқаи калони «ҷадидони коммунист» ва «ҷадидони ғайри коммунист» тақсим кардааст. Ин ҳам маълум аст, ки дар миёни ҳар яке аз ин гурӯҳҳо низ равияҳои мухталиф вуҷуд дошт.

Хуллас, ки дар айни авҷи мубориза дар Бухоро қувваҳои мухталифи иҷимоъиву сиёсӣ амал мекарданд, гурӯҳҳои гуногун ба хам дарафтода буданд ва ҳар кадоме дар роҳи марому маслаки худ талош менамуданд. Садри Зиё бо гурӯҳи уламои пешқадами тозафикри тараққипарвар буда, бо ҳамдастии ҳоҷӣ домулло Икроми судури муфтӣ (домулло Икромча), домулло Абдураззоқи судури муфтӣ ва ҷадидони ислоҳотхоҳ (ҷавонбухориёни тараққипарвар) ба муқобили қозӣ Бурҳониддин, ки сарвари уламои иртиҷоъии фасодкор буд, мубориза мекард. Ва баъд иртиҷоъиёни байзоӣ маорифпарвариро шикаст доданд ва Садри Зиёро аз майдони пархош берун карданд, чунонки дидем, дар табъид (бадарғагӣ) ва зери назорати сахт ба сар мебурд. Сарнавишти муфтӣ Икромча низ ҳамин шуд. Дигар маорифпарварон низ кушта ё саргурез гардиданд.

Аз он чи гуфта шуд, равшан аст, ки ситези Садри Зиё бо авлоди Байзо на ба он сабаб ба миён омада буд, ки аҳли хонадони Байзо дар асл бухороӣ набуданд. Не, сабаби аслӣ ҳаргиз ин набудааст. Аз асарҳои Садри Зиё, аз ҷумла аз Рӯзнома ошкор аст, ки вай аз маҳалгароӣ ориву барӣ буд. Дар Рӯзнома чанд бор дӯстону ҳамнишинон ва ҳамфикрону ҳамкорони худро ном бурдааст ва мебинем, ки дар байни онҳо мардумони ноҳияву вилоятҳои гуногуни аморати Бухоро ва beруни он ҳастанд (ниг. саҳ. 208). Аз навиштаҳои Айнӣ ҳам маълум аст, ки аҳли завқ, аҳли илму адаб бо Садри Зиё наздикӣ меҷустанд вай ҳамсӯҳбативу ҳамдастии бештарини онҳоро рад накардааст ва онҳо ҳама аз ҷойҳои гуногун будаанд.

Дар миёни дӯстони Садри Зиё аҳли фазли Хатлон низ будаанд. Ӯ дар рисолаи «Набзе аз гузоришоти аҳволи бандаи шикастабол...» Шаҳобиддин-махдуми хатлонии мутахаллис ба Афсарро аз наздиктарин дӯстони худ доинста, дар бораи Афсар ва Шоҳин гуфтааст: «Он ду нафар аҳиббои (ҳабибҳо, дӯстони — М.Ш.) роқими саводанд».[90]

Эҳтироми Садри Зиё нисбат ба Шамсиддин-махдуми Шоҳини Хатлонӣ ҳадду канор надоштааст. Шоҳин низ бо вуҷуди он ки «аз роҳи ғурур ба касе иқрор ва ба камолоти дигаре муътариф набуд..., қасидаи ғаррое дар мадҳи Дониш гуфта... басе лаолии обдор суфта»[91] буд, дар мадҳи Садри Зиё низ қасидае дорад ва аз ҷумла гуфтааст:

*Бошад зи фикри сақибу маънии равшанат*
*Хуршед дар баробару оина дар канор.*
*Ҷуз табъи софи ту, ки дорад сафои об,*
*Дар мазраъи камоли ту касе нест обёр.*
*Фарзанди арҷманди хидеви замонаӣ,*
*Ки он кӣ ёфт пояи давлат бад-ӯ қарор...*
*Маҳкам бувад иродати ту дар замири ман,*
*Чунонки сим дар дили санг аст устувор.*
*Шоҳин ҳамеша сайди кабӯтар кунад, вале*
*Ин турфа шуд кабӯтари хулқи туро шикор.*

---

[90] ***Садри Зиё***. Набзе аз гузоришоти аҳволи бандаи шикастабол..., дастнависи Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Берунӣ (Тошканд), № 1304, саҳ. 37

[91] ***Садри Зиё***. Наводири зиёъия, Душанбе, Адиб, 1991, саҳ. 48.

Ин аст, ки Шоҳин ва Садри Зиё қадри якдигар медонистаанд ва ҳаммаслак будаанд. Шоҳин ба падари Садри Зиё низ эҳтироме дошта ва ӯро «хидеви замона» хондааст. Ҷолиб аст, ки қозӣ Бадриддини мазкур (дувумини ибни Байзо) на танҳо душмани Абдушшакури Оят (падари Садри Зиё) буд, балки ба Шоҳин низ муомилаи хуш надоштааст. Чунончи боре «қозӣ Бадриддин Шоҳинро носазову нафрини бешумор гуфта, уқуботи алима ва авоқиби ваҳимаро ба назари Шоҳин ҷилва дода буд».[92]

Қозӣ Бадриддин ва Шоҳин ҳарду хатлонӣ буданд, вале чунонки мебинем, дӯстӣ надоштанд. Муомила на аз рӯйи он будааст, ки ҳамшаҳрианд ё не, балки аз рӯйи мавқеи иҷтимоъӣ ва маслак будааст.

Ин таъкидҳо аз он сабаб зарур омад, ки дар охири қарни бистум дар Тоҷикистон маҳалгароӣ ба ниҳояти дараҷа расид. Ва чун хонандаи имрӯзаи Рӯзнома ё «Сабаби инқилоби Бухоро» ва ё дигар асари Садри Зиё мебинад, ки муаллиф ба хонадони Байзо ва бетамизони фармонбардорашон «мисли обу оташ» будааст, аз эҳтимол дур нест, ки ба ӯ айби маҳалгароӣ нисбат бидиҳад. На, ҳақ надорем, ки дар ин маврид ба Садри Зиё гуноҳи маҳалгароӣ ё бадкинагӣ ва ситезакории шахсиву хусусӣ нисбат бидиҳем. Машраби ӯ олӣ буд ва андешаи ӯ дар бораи ҳамзамононаш ва ё дигар шудани фикраш дар бораи баъзе аз онҳо сабабҳои ҷиддии ахлоқӣ дошт.

Кудурату адовати рӯзафзуни Абдушшакури Оят ва Садри Зиё нисбат ба мулло Садриддин, Бадриддин ва Бурҳониддин намунае аз муборизаи собитқадамонаи уламои равшанзамир бар зидди уламои сӯъ ва манфиатҷӯй, бар зидди ҳукуматдорони золиму ҷоҳил буд. Ин мубориза дар ҳама давру замон дар ҷомеа доман паҳн карда буд ва гоҳ ҳатто дар доираи як хонадон аз насл ба насл гузашта шиддат меафзуд. Муборизаи роҳи адлу инсоф ва фарҳангу маънавият дар фаъолияти Садри Зиё муборизаи хонадонӣ ва меросӣ буд.

Садриддини Айнӣ ба соли 1920 навиштааст: «Ҳукумати Бухоро хобгоҳи дар усули қуруни вусто сохташудаи як ҷамоаи нодону ваҳшӣ буд».[93] Садри Зиё дар мӯбориза бо ҳамин «ҷамоаи ваҳшӣ» аз бузургони гузашта ва аз падар меросбарӣ доштааст.

Муборизаи ӯ бахше аз талошҳои рӯзафзуни маорифпарварони тоҷик буд, ки як барномаи мукаммали растагории миллӣ ба вуҷуд овардан, ҷавру ҷаҳолат ва кӯтоҳбиниву манфиатҷӯии иҷтимоъиро реша кандан, миллатро ба роҳи васеъи пешрафт баровардан мехостанд.

Фалсафаи иҷтимоъии маорифпарварон, ки поя бар шинохти амиқи манфиатҳои мулку миллат дошт, бо таҳаввулу инкишофи таърихӣ дар даҳаи бисту сии садаи бист бунёди шуури миллии мардуми тоҷикро ташкил кард, аммо тафаккури маҳдуди гурӯҳии муҳофзаткорони поёни садаи нуздаҳ ва оғози садаи бист пас аз инқилоб идеологияи маҳалгароии марказгурезро ғизо дод.

13

Маорифпарварони Бухоро дар ақидаҳои сиёсиву иҷтимоъии худ салтанатхоҳ будаанд. Дигарсозии инқилобии сохтори иҷтимоъиву сиёсии кишвар ба барномаҳои онҳо дохил нашуда буд. Онҳо фақат ба он дараҷа, ки барои бозсозиҳои куллии фарҳангиву илмӣ ва маънавиву ахлоқӣ замина омода шавад, тағйироти иҷтимоъиву сиёсӣ мехостанд. Абдулқодир Муҳиддинов пас аз инқилоб гуфтааст: «Ҷадидҳо бо усули идораи аморат муқобил набуданд, балки мехостанд, ки бо савобдиди амир ва атрофиёнаш дар усули идораи ҳукумати амирислоҳоте ба вуҷуд оранд».[94]

Садри Зиё низ монанди баъзе ҷадидони маорифпарвар машрутахоҳ будааст. Аз он чи дар бораи импиротури Жопун Микоду ва тоҷдорони дигар дар Рӯзнома гуфтааст, ба ин ҳақиқат бовар ҳосил мекунем. Вай аз ин, ки дар санаи 1318=1900 «табдили ҳукумати истибдодии ҳафтсадсолаи давлати усмонӣ бо салтанати машрута» шуд, бо мамнуният сухан рондааст. Дар бораи Микоду низ бо хайрхоҳӣ гуфтааст, ки «чун миллатро мустаъид дид, дар санаи 1304=1886 мелодӣ эълони машрута дод, амр ба интихоби вукало ва ифтитоҳи порламинт ва маҷлиси аъён кард, қонуне аз қонуни Нопилюни Фаронса иқтибос ва ба

[92] Ҳамон асар, саҳ. 51.
[93] *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 37.

иқтизои ҳоли жопуниён маводе бар он афзуд ва иҷро намуд» (саҳ. 223). Пайдост, ки нависанда эълони машрута, интихоби порлумон ва маҷлиси аъён, таъсиси қонун ва намуна гирифтан аз қонунҳои Аврупоро маъқул донистааст.

Вай кишварро бидуни «зоти шавкатсимоти» «подшоҳи азимушшаън», бидуни шукӯҳи олии давлату салтанат (агарчи дарбори манғитиён шукӯҳи ночизу дурӯғин дошт) наметавонист ба тасаввур оварад. Азамати подшоҳиро барои истиқлоли кишвару миллат зарур медонист. Аз ин рӯ бо вуҷуди саркашиҳо амирро мадҳ мегуфт, мекӯшид, ки «пайваста ҳукми соҳиби миллатро пешниҳоди хотир дорад» (саҳ. 114). Яъне подшоҳро сояи Худо дар рӯйи замин ва «соҳиби миллат», сарвару сарпарасти он медонист, бо вуҷуди норозигиҳо барои адои хизмат ва иҷрои фармони амир камари ҳиммат баста буд, аз меҳрбониҳои ӯ шод мешуд, хурсанд буд, ки масалан «наввобони даргоҳи кайвоннишон арзаи ғуломиамро манзури назари олӣ гардониданд» (саҳ. 22). Ва дар айни замон ба амир бо ин суханон рӯ оварда буд:

*Раҳу расми шоҳони озода гир,*
*Чу истодаӣ, дасти афтода гир.*

(саҳ. 117).

Яъне арзи садоқат ба ӯ имкон медод, ки аз амир адлу инсоф талаб бикунад, дар хидмати ӯ ҳақгӯӣ пеша намояд.

Садри Зиё (шояд чун бархе аз равшанфикрон) чунонки гуфтем, гумон дошт, ки амир дасти Русияро аз Бухоро кӯтоҳ медорад, дар ин ки Русия ба ҳар ҳол Бухороро аз миён набардоштааст, дироят ва хидмати амир ҳам ҳаст. Ин пиндор боиси афзудани эҳтиром нисбат ба амир Абдулаҳадхон гардид.

Тараққихоҳон нахуст аз амир Абдулаҳадхон (1885-1910), ки дар Петербург таҳсил дида ва аз ҷаҳон огоҳӣ ёфта буд, ислоҳот умед доштанд. Ӯ низ ислоҳот ҷорӣ кардан мехост, вале унсурҳои иртиҷоъӣ ва қозӣ Бадриддин нагузоштанд, ки амир дар ин роҳ қадаме бардорад. Амир Абдулаҳад аз фишори «уламои беилм» ба дод омада, оқибат аз пойтахт саргурез шуд ва ба соли 1897 иқоматгоҳи худро аз Бухоро ба Кармина ном ҷое (дар 100-километрии шимоли шарқии Бухоро) бикӯчонид.

Он гоҳ равшанфикрон чашми умед ба амир Олимхон (1910-1920) дӯхтанд ва дар ҷулуси ӯ гуфтанд (афсӯс, ки Садри Зиё номи шоирро наовардааст ва аз услуби шеър метавон пай бурд, ки моли худи Садри Зиё нест):

*Чу эзид хост ислоҳоти куллӣ*
*Бухоро андар ин айём ёбад.*
*Сайид Олим Баҳодурхони одил,*
*Ки аз адлаш ҷаҳон ором ёбад*
*Ба тахти салтанат биншаст аз бахт,*
*Зи тахту бахт ё раб ком ёбад.*
*Кунун аз рӯйи қонуни адолат*
*Умури мамлакат анҷом ёбад.*
*Равад бунёди зулму ҷавр бар бод,*
*Асоси шаръ истеҳком ёбад.*
*Ба таърихи ҷулусаш ҳотифе гуфт:*
*Тараққӣ миллати ислом ёбад.*

(саҳ. 217).

Чунонки мебинем, дар ин шеър усули асосии машрутахоҳон баён шудааст, ки таваҷҷӯҳ ба қонун барои низом ёфтани ҳаёти ҷомеа, пешгирии ҷавру худсарӣ, таъмини пешрафти фарҳангӣ аз куллиёти он аст. Чун Садри Зиё ин шеърро дар Рӯзнома ба муносибати ҷулуси амир Олимхон овардааст, тавон гуфт, ки ӯ низ ҳамфикри сарояндаи ин шеър буда, аз амири нав умедвориҳое доштааст.

Вале ҳайҳот беҳ нашуд, батар шуд. Ба қавли мардум он замон «Олими гӯсола гов шуд» ва рӯз то рӯз эътибор аз даст медод. Вай бозичаи дасти тангназарони муҳофизаткор ва қозӣ Бурҳониддини ҷоҳил гардид. Дар Рӯзномаи Садри Зиё ситоишҳое чун «шаҳаншоҳи маъдалатгустар» ва «марҳамати султонӣ ва макрамати ҳасими хоқонӣ», ки нисбат ба амир Абдулаҳад гуфта шудааст, дар ҳаққи амир Олим торафт камтар омада, нишонаҳои

---

[94] *Муҳиддинов.* Сарсухан, дар китоби: Фитрат. Давраи ҳукмронии амир Олимхон, саҳ. 6.

дилмондагиву дилхунукии муаллиф андак-андак афзуда, дар охир ибораи «амири бетадбир» бештар ба кор рафтааст. Саранҷом террори соли 1917 ва 1918 боиси ин шуд, ки нафрати ӯ аз амиру атрофиёнаш ҳатто аз Абдулаҳадхон ба нуқтаи авҷ расид.[95]

Ҷадидони равшангар пас аз воқеаҳои соли 1917 ва 1918 ба чанд гурӯҳ ҷудо шуда, як қисмашон аз нияти «инқилоби илмӣ» даст кашиданд, худро ба паноҳи пантуркизм ва болшевизми гушнапурзӯрон гирифтанд, ба роҳи зӯроварии туркӣ ва ҳокимиятҷӯии ҳаром даромаданд ва аз паси лашкари ишғолгари шӯравӣ ба Бухоро ворид шуда, як ҳукумати дастнишонда рӯйи кор оварданд.

Муносибати Садри Зиё ба инқилоби Бухоро дар аввал гӯё андаке зиддиятомез будааст. Вай медонист, ки дар ҷанги болшевик «фаразан ин бор ҳам чун пор (яъне чун соли 1918 ва воқеаи Колесов — М.Ш.) агар амир ғолиб меомад, дайёре аз мо мардум дар арсаи рӯзгор зинда намегузошт, чунончи дар муҳорибаи Колисуф шуд» (саҳ.283). Аз ин рӯ Садри Зиё пирӯзии амирро намехост. Вале аз пирӯзии болшевикон низ наметавонист чизе умед бикунад. Маорифпарварони меҳанпараст миёни обу оташ монда буданд. Наҳзати маорифпарварӣ ҳам аз дарун ва ҳам аз беруни кишвар ба ҳамла рӯ ба рӯ омада буд. Фоҷиаи таърих иборат аз он буд, ки ҳамаи кишвар, ҷамъи миллат, аз ҷумла идеологияи растагории миллӣ зери хавфи дохиливу хориҷӣ қарор ёфта буд. Пешқадамоне чун Садри Зиё дар чунин вазъе он чиро ки инқилоби Бухоро ном дорад, пешвоз гирифтанд.

Рӯзномаи Садри Зиё шояд ягона асаре бошад, ки «инқилоби Бухоро» дар он на ба сифати як инқилоби иҷтимоъӣ, балки ба сифати таҷовузи лашкари ғоратгари бегона тасвир шудааст.

Дар нахустин рӯзҳои инқилоб Садри Зиё ба Афғонистон нагурехт, балки бо ҷамъияте бештар аз чиҳил нафар аз Насаф (Қаршӣ) сӯи Бухоро шитофт. Аз бероҳаҳо, ҷӯлу биёбон тай карда, чун ба ободии тумони Коми Абемуслим (Вағонзе) расид, дид, ки «ҳама аҳли қишлоқ аз бими саллотҳои (солдатҳо, сарбозон — М.Ш.) Русия фирор карда буданд. Ҳавилиҳо тамоман холӣ аз одам буд» (саҳ. 285). Маълум шуд, ки «хавфи саллот буд, ки ба қишлоқот мегаштанд, зирӯҳеро ки ба назарашон медаромад, било таваққуф ба милтиқ (туфанг — М.Ш.) мепарронданд, чизе, ки дошта бошад, мегирифтанд (саҳ. 285). Ин аст, ки лашкари болшевикон ба Бухоро на барои озодӣ овардан, балки барои ғорат омада буданд. Ин ҳақиқат аз рӯйдодҳои баъд низ ошкор гардид.

Чун Садри Зиё дар деҳаи Бӯстон «аз ахбори Бухоро истисфор кард», гуфтанд: «Асокири Русия мутасаррифи Бухоро буда, саргарми ғоратанд... Мумкин нест, ки аз қишлоқе ба қишлоқе рафта шавад» (саҳ. 286). Яъне русҳо ҳама атрофро чун мӯру малах зер карда буданд.

Дар шаҳри Бухоро низ аҳвол ҳамин будааст. Садри Зиё мегӯяд, ки даруни шаҳри Бухоро «тамоми иморати рафеъбунёд аз зарби тӯби қалъакӯб (ва бомбаборони ёздаҳ ҳавопаймо — М.Ш.) мутазарриру вайрон гашта, хусусан атрофи Арки Бухоро ва Растаи нави қозикалон то Таҳи Мунор даште буд ҷоншикор..., ки аз дидани он ваҳм муставлӣ мешуд, даҳшат ориз мегашт» (саҳ. 287). Муаллиф поинтар боз таъкид мекунад, ки «гӯё тамоми амволу ашёи ман ба ғорат рафт, ки дарвешу муфлис гаштам. Баъд аз инқилоб ба тангиву усрат мегузарондам» (саҳ. 289). Ва ҳоказо.

Чунин аст тасвири инқилоб дар Рӯзномаи Садри Зиё. Дар назари ӯ воқиаи соли 1920 ҷанги Русияву Бухоро буда, «асҳоби тараққӣ», яъне ҷадидони инқилобхоҳ ба ин ҷанг аз тарафи душман ҳамроҳ буданд.

Инқилоб дар ягон ҷои Рӯзнома андаке маънои баланди башардӯстӣ пайдо накардааст, моҳиятан ба ормонҳои гуманистии маорифпарварӣ наздик наомадааст, аз ҳамаи инҳо дур аст.

Ин ҳам ҷолиб аст, ки Садри Зиё дар Рӯзнома аз баёни рӯйдодҳои пас аз инқилоб қариб тамоман лаб фурӯ бастааст. Вай танҳо ҳаминро қайд кардааст, ки худашро «ба назорати (вазорат — М.Ш.) авқоф ва мумаййизи уламо маъмур» карданд, (саҳ. 291), «дар санаи 1342... якбора балое ба сар (и ӯ) омад»: сиву панҷ рӯз зиндонӣ шуд ва «анвоъи азиятро кашид» (саҳ. 297). Ин дувумин бор зиндонӣ шудани ӯ буд, ки бори якум соли 1918 дар замони амир рӯй дода буд (ва бори севум маҳбусии ӯ соли 1350 қ. = 1932 м боиси даргузашти ӯ гардид, ки инро низ дар боло дида будем).

Дар охири Рӯзнома ғайр аз инҳо боз ду-се хабар аз ҷанги босмачиён (дастаҳое, ки дар ноҳияҳои дурдаст бо артиши сурхи болшевикон меҷангиданд) овардааст, аз воқеаҳои хориҷӣ аҳволи Афғонистон, Туркия, Эрон, Жопун, Туркманистон ва ғайра хикоя кардааст,

[95] Инро аз рисолаи «Сабаби инқилоби Бухоро» бештар мебинем.

аммо дар бораи Бухоро чизе нагуфтааст, ҳатто ба чунин воқеаи сарнавиштсӯз, ки соли 1924 ҷумҳурии Бухороро барҳам зада, ба Туркистони Русияи шӯравӣ илҳоқ намуданд ва ҷумҳурие ба номи Ӯзбекистон таъсис карданд (ки Бухоро як бахши он шуд), лаб накушодааст. Он сол дар дурдасттарин ва ақибмондатарин гӯшаи қаламрави Бухоро ҷмуҳурии мухтори Тоҷикистонро ба вуҷуд оварданд, ки Садри Зиё аз ин ҳам хомӯш мондааст. Гӯё воқеае рӯй надода буд. Ҳатто барҳам хӯрдани давлати Бухоро, ки дар тӯли асрҳо вуҷуд дошт, гӯё чандон воқеае набуд, ки сазовори зикр бошад.

Ба назари мо ин хомӯш монданҳои Садри Зиё нишонаи саҳлангорӣ ва беэътиноӣ нест. Дурусттар хоҳад буд бигӯем: ӯ аҳд кардааст, ки нагӯяму насӯзам. Агар гӯяд, забонаш месӯзад. Фиғони дилро фурӯ нишонда сукут ихтиёр кардааст.

Аз бахшҳои поёнии Рӯзнома ин падидор аст, ки Садри Зиё то охири умр тарафдори салтанати машрута буда, ҷумҳуриятро напазируфтааст.

Инро низ нагуфтааст, вале аз лаҳни сухани ӯ метавон пай бурд. Чунончи мегӯяд, ки Мустафо Камол пошшо дар Туркия «эълони ҷумҳурият дода саргарми ташкили он аст» (саҳ. 297). «Дар мамлакати Эрон низ ин ош дар коса буда, ин ғавғо дар миён аст. Инқилобчиён мамлакатро як дараҷа аз дасти салтанатхоҳон гирифта... вилоятро зеру забар карданд... фитна бедор, осоиш мунъадим гашт» (саҳ. 297).

Равшан аст, ки нависанда ба сӯи салтанатхоҳон таваҷҷӯҳ дорад ва инқилобу инқилобкоронро намеписандад. Ҳусни таваҷҷӯҳи ӯ нисбат ба салтанатхоҳон аз дигар маврид ҳам эҳсос мешавад, ки гуфтааст: «Имрӯз дар олами ислом (Осиёи Марказӣ — М.Ш.) ҷое, ки амир дошта бошад, фақат Афғонистон аст, амир Амонуллоҳхон... дар байни ду давлати қавишавкати Ингилис ва Рус ҳаракати мазбӯҳӣ дорад» ва «гӯё ҳукумати Афғонистон дар байни он ду шери жаён ва ин ду бабри дамон саддест ва ҳоилест қавӣ» (саҳ. 298). Аз ин гуфтаҳо оҳанги ризояту мамнуният ва таҳсину офарин ба гӯш мерасад, агарчи маъюсие дар миён аст, ки гуфтааст: «Лиҳозо ба назари роқим ҳукумати Афғонистон сароб ё нақше дар об менамояд» (саҳ. 298), яъне нахоҳанд гузошт, ки вуҷуд дошта бошад.

Аммо чун ба воқеаҳои соли 1347 қ. = 1929 м. расидем мебинем, ки аз амир Амонуллоҳхон низ ихлоси нависанда гаштааст, чунки «Амонуллоҳхон… асоси ҷумҳуриятро ба мамлакати худ иҷро карданӣ шуд». Медонем, ки Амонуллоҳхон чунин нияте надоштааст ва маълум нест, ки гумони Садри Зиё аз куҷо пайдо шудааст. Ба ҳар ҳол эҳтимоли ҷумҳуриятхоҳӣ боиси дилхунукии Садри Зиё аз Амонуллоҳхон гардидааст. Акнун ҳусни таваҷҷӯҳи ӯ ба сӯи Бачаи Саққост, ки ба бовари ӯ «марде ғаюру далер... мутаассибу диндор баромада садди роҳи Амонуллоҳхон, монеъи ин навъ рафтори ӯ (ҷумҳуриятхоҳии ӯ — М.Ш.) шуд» (саҳ. 302). Садри Зиё дар бораи Бачаи Саққо гуфтааст: «Ин қадар ғайрату ҷалодате, ки имрӯз дар муқобили Амонуллоҳхон аз вай ба зуҳур омад, фақат аз роҳи таассуби дин буд ва нигоҳ доштани расму ойин, на талоши давлату мансабу сипоҳ. Пиру муршиди мазкур низ имдоди ӯ менамоянд» (саҳ. 302).

Охирин сатрҳои Рӯзномаи Садри Зиё ҳамин аст. Рӯзнома нотамом аст, лекин охири сухани Садри Зиё дар ин асар дар муҳофизати дини мубин ва расму ойин ва суннату анъана, ба дастгирии пири муршиде ки ба сӯи ҳаққу ҳаққоният раҳнамоӣ мекунад, бозгӯи маънои зиндагии худи Садри Зиёст, ки дар роҳи адлу инсоф ва ҳаққонияту одамият ба харҷ рафт.

«Инқилоби Бухоро» ва «ҷумҳурияти халқӣ», ки фарзанди он «инқилоб» аст, хилофи марому маслаки Садри Зиё буд, чаро ки истило ва истеъмор овард, натиҷаи хиёнат ба меҳану миллат буд, ки боиси аз даст рафтани истиқлоли сиёсӣ ва фарҳангиву маънавии Бухоро гардид. Аз ин ҷост, ки Садри Зиё ба инкилобу ҷумҳурият бадбинӣ пайдо карда буд.

Дар масъалаи ин ки чаро ихлоси Садри Зиё аз Амонуллоҳхон гашт ва ба Бачаи Саққо таваҷҷӯҳ пайдо кард, бояд боз ёдрас овард, ки Амонуллоҳхон ба кишварҳои Ғарб зиёд сафар кард, ба Русияи шӯравӣ бисёр наздик шуд, ки дар натиҷа гӯё «идораи ҳукуматиро ба ранги ҷумҳурияти шӯроӣ ташкил карда буд» (саҳ. 300) ва ҳамин шояд сабаби дилмондагии Садри Зиё аз Амонуллоҳхон гардида бошад. Сабаби таваҷҷӯҳи вежае нисбат ба Бачаи Саққо шояд ин ҳам бошад, ки тоҷик буд ва ният дошт Бухорову Самарқандро аз тасарруфи русҳо ва Ӯзбакистони шӯравӣ озод кунад. Як шиори ӯ ин будааст: «Бухороро озод мекунем!» Аз ин шиор ба дили ватандӯстону миллатпарварони Бухоро умед пайдо шуд.

Садри Зиё аз байни маорифпарварони тоҷик шояд ягона касе бошад, ки пас аз даҳ соли ҳокимияти шӯравӣ аз чунин изҳорот, ки ҳавохоҳи машрутият ва зидди ҷумҳурият аст, худдорӣ накардааст. Ва ҳол он, ки ин кор баробари он буд, ки алайҳи низоми ҷумҳурии шӯравӣ овоз баланд карда бошад.

Аз оғоз то анҷоми Рӯзнома чанд хоби Садри Зиё тасвир шудааст. Тасвири хоб яке аз вежагиҳои Рӯзномаи Садри Зиёст, ки дар дигар асарҳои он замон ба ин шаклу равия дида намешавад. Ба назари мо баъзеи ин хобҳо аҳамияти ҷудогона доранд.

Дар аввалҳои асар ин хобҳо (чунончи хобҳои нависанда пас аз даргузашти қиблагоҳаш) гӯё чандон бори иҷтимоъиву адабӣ надоранд, вале ба ҳар ҳол дар зиндагии худаш каму беш аҳамиятеро моликанд. Лекин пас аз муддате хоббинии ӯ ҳар чи бештар аҳамият пайдо карда, торафт ҳавлангез шуда ва маънии рамзӣ гирифта, моҳияти иҷтимоъии баъзе рӯйнамудҳои даҳшатомези замонро падид овардаст, ба вазъи замон ва зиндагии қаҳрамон (ки худи муаллиф аст) шомил шуда, оҳанги фоҷиавӣ ворид намудааст.

Пас аз ҷулуси амир Олимхон (1328 қ. = 1910) дар Рӯзнома нигоришҳо чунон аст, ки рӯйдодҳои зиндагониро кам-кам шиддату даҳшате фаро гирифта, гӯё ба сари кишвар наҳсияте фурӯ рехтан гирифт, фалокате азим на танҳо Бухоро, балки тамоми ҷаҳонро таҳдид кардан дошт. Эҳсоси наздик расидани даҳшат аз зуҳури ситораи думдори Ҳоллай (ки Садри Зиё Ғоллай навиштааст) дар соли 1910 оғоз ёфт. Ҳоллай «тамоми осмонро фаро гирифта буд» (саҳ. 218) ва нигоранда инро чунин маънӣ додааст, ки «анқариб бояд фитнае ба зуҳур ояд, ки аз шарқ то гарб рӯйи заминро фаро гирад» (саҳ. 218). Ин аст, ки фалокате, ки дар кишвар эҳтимоли рух додан дошт, бахше аз як фалокати ҷаҳонӣ буд.

Пас аз ин аз бисёр тасвирҳо чашмдошти фалокате эҳсос мегардад ва дар ҳақиқат фалокатҳое пеш меояд, ки калонтарини онҳо ҷанги ҷаҳонии якум дар соли 1914 буд.

Ҷанги якуми ҷаҳон, ҷангҳои дигар, ки пеш аз он ба вуқӯъ омадаанд, яъне ҷанги Туркия, Болқон, Эрон, Шарқи Дур, Афғонистон ва ғайра ҳама хеле дур аз Бухоро рӯй дода буданд, вале кам-кам бо ҳама даҳшатҳо ба Бухоро наздик омада, оқибат ворид гардида, ба сарнавишти муаллиф алоқамандӣ пайдо карданд, ба сари ӯ, ба сари миллат балоҳо оварданд.

Маънои таърихии ин рухнамудҳо аз роҳи хоб кушода шудааст. Хоб василаи падид овардани маънои таҳтонии рӯйдодҳо, моҳияти аслии онҳост, ки ҳама даҳшати онҳоро бо қувваи тамом намудор меорад. Солҳои 1917, 1918 ва 1920 дар тақдири Бухоро ва ҳамчунин дар сарнавишти Садри Зиё пурдаҳшаттарин замоне, замони пирӯзии иртиҷоъиён, террору хунрезиҳои бениҳоят, даврони инқилоб ва ғалабаи пантуркизми болшевикӣ буд. Бисёре аз ин воқиаҳоро Садри Зиё дар Рӯзнома тасвир накардааст ва наметавонист ё намехост тасвир бикунад, лекин моҳияти онҳо ва маънои умумии замон бо тасвири ҳаяҷономези хоб баён шудааст.

Аз оғози Рӯзнома то поёни он нигоришҳо чунон аст, ки Бухоро аз ҷаҳон ҷудо нест, ҳама рухнамудҳои бузурги кишварҳои Шарқу Ғарб каму беш ба Бухоро соя меандозанд, ошкору ниҳон ба Бухоро дахл мекунанд ва омада дар охир тақдири Бухоро ва мардуми онро ҳал мекунанд. Садри Зиё то инқилоб аз ҳудуди давлати Бухоро берун нарафта ва ҷаҳонро надида, як қисми умраш ҳатто на дар тахтгоҳи кишвар, балки ба қозигӣ дар музофот гузашта буд. Бо вуҷуди ин чашмандозаш густурдагие дошта, ҳама ҷаҳонро фаро гирифтааст ва Бухороро чун бахше аз ҷаҳон, рӯйдодҳои Бухороро чун натиҷаи равандҳои бузурги иҷтимоъиву сиёсии ҷаҳон дидааст.

Ин вобастагиву пайвастагӣ, инчунин худхоссагии воқеаҳои Бухоро ва наҳсияти ҷаҳонии Ҳоллай бо даҳшати хобҳо таъкид шудааст.

Он рӯйдодҳои сарнавиштшикани Бухоро соли 1335=1917 оғоз шуд, аммо хобҳои Садри Зиё аз соли № 1334=1916 шурӯъ гардида, то соли 1920 ҳамагӣ шаш хоб ба нигориш омадааст, ки яке аз дигаре пурдаҳшаттар аст. Нахустини онҳо ба фавти фарзанди дувунимсолаи ӯ Абӯсаъид вобаста аст, ки пас аз вафоти ҳафт фарзанд рӯй дода буд. Муаллиф доғи фарзанд зиёд дида буд. Аз ин сабаб бемории Абӯсаъид ва марги ӯ муаллифро зиёда ба сӯзу гудоз овард. Баёни сӯзу гудози падар як достончаи ҳаяҷонангезест, ки банда бо номи «Хоби парешони падар» дар маҳномаи «Бунёди адиб» чоп карда будам (соли аввал — 1375=1996, №1). Хобу хоббинӣ дар ин достонча василаи асосии тасвири ҳолати рӯҳиву равонии инсон аст. Камина аз адабиёти форсии тоҷикии садаи бистум дигар достонеро дар ёд надорам, ки хоб барои намоён кардани ҳиссу ҳаяҷони қаҳрамон то ин андоза муассир афтода бошад.

Тасвир аз он ҷо оғоз ёфтааст, ки муаллиф мегӯяд: «Дар санаи 1334 ҳафдаҳуми рабеъуссонӣ шаб дар воқиа дидам: Бандаи беғам ба гилбурҷи қалъаи рафеъе нишаста ба кафи дасти худ чӯҷаи мурғи сафеде ба камоли раъноӣ дошта, маҳви тамошои ӯ будам. Якбора чӯҷаи раъно аз кафи дастам парида, ба обгире, ки зери қалъа буд, афтод. Фиғон аз

ниҳодам туғён карда, каф ба каф занон бедор аз ғафлат ҳушёр гашта, фарзанди дилбандам чӯҷаи сафед Абӯсаъидро дар канорам мушохида кардам дар ҳолате ки аз овози доду фиғонам бедор шуда, ба сад тарсу ҳарос худро ба оғӯшам расонида» (саҳ. 249).

Пасон бемории кӯдак оғоз ёфту хавфу риҷоъи падар, изтирору изтироби ӯ баён шудааст ва чун ҳаяҷон шиддат гирифт, хоби дигаре тасвир гардидааст: «Дидаи пуробам як лаҳза қарини хоб гашта. Кош намегашт то чунон хоби нобоб намедидам... Вақте ки мижа бар ҳам ниҳодам дидам: фарзанди дилбандам дар муқобилам истода, тапончае (туфангчае—М.Ш.) дар даст қасди ман дорад. То ба худ ҷунбидам, хандон-хандон синаамро ҳадафи тири тапонча намуд. Якбора сар то поям оташ гирифт. Ларзидаву тарсида ҳушёр гаштам. Оқибат рост шуд ин хоби парешони падар» (саҳ. 250-251, мисраъи Абдурраҳмони Ҷомӣ).

Ба ин тарз достонча моломол аз ҳиссу ҳаяҷон ва оху нолаи падари мусибатзадаест ва мо «ба ҳой-ҳой гиристани» ӯро байниҳӣ мешунавем.

Тасвири даргузашти кӯдаки маъсуми хурдсол, хобҳои пурдаҳшат ва ин ҳама сӯзу гудози падари меҳрбон, ки хар сол доғи фарзанд медид, маънои рамзиву самбулии амиқ дорад. Хоб рамзу намодест, ки маънои рӯйдодеро аз чорчӯбаи мушаххаси хусусӣ берун карда ва басо густариш дода, ба сатҳи иҷтимоъии ҳамагонӣ мерасонад, аз фоҷиаҳое, ки ба сари кишвару миллат омада истодааст, хабар медиҳад. Мусибате, ки ба сари қаҳрамон (муаллиф) омада буд, бо даҳшатҳои хоб хеле қувват ёфта, ва бузург шуда, ба мусибати ҳамагонӣ табдил меёбад ва хабар аз он медиҳад, ки фардои халқу кишвар дар хатар аст, ба сари наслҳои наврас хавфе азим омадааст. Ин хобҳо гӯё пешгӯи он фитнаву фасоди хунини муҳофизакорону иртиҷоъиён ба сарварии мулло Бурҳониддин буданд, ки пас аз як сол, аз апрели соли 1917 оғоз ёфт ва пеш аз ҳама ҷавонбухориёни тозафикри фидокор аз дами шамшер гузаштанд. Ин ҳам ҷолиб аст, ки бархе аз он ҷавонбухориёни ҷадиду тараққипарвар, ки рӯзи 8 апрели 1917 ҷон ба саломат бурданд, чунончи зикраш гузашт, ба сиёсатбозӣ даромаданд ва силоҳи гушнапурзӯрони болшевик ба бозӣ гирифта, синаи падар — ватанро нишон қарор доданд. Ин худ чизе ба ҷуз он набуд, ки «фарзанди дилбанд хандон-хандон синаи падар хадафи тири тапонча намуда» бошад. Шояд саҳв намешавад бигӯем, ки он хоби пурҳавли Садри Зиё аз маънои аслии амалкарди гурӯҳҳое, чун хизби навтаъсиси «ҷавонбухороиёни инқилобхоҳ», аз моҳияти инқилоби Бухоро пешгӯй мекунад.[96]

Аз донишмандони садаи бист, ки дар фалсафаи хоб изҳори ақида кардаанд, Мишел Фуко таъкид кардааст, ки хоббинӣ чандон «такрори осебдидагии гузашта» нест, балки «пешгӯии таърих» аст. Мишел Фуко мегӯяд: «Дар хоббинӣ муҳимтар на он аст, ки чизе аз гузаштаро дубора зинда мекунад, балки он аст, ки чизе аз оянда хабар медиҳад»[97]

Чунин пешгӯии таърих, пешгӯии як фоҷиаи калони таърихиро дар «хоби парешони падар», ки Садри Зиё тасвир кардааст, мебинем. Инро ҳам бояд гӯшгузор овард, ки ин хоб на ин ки фақат пешгӯии воқеаест, балки «пешгӯии таърих» аст, маънидоди як фоҷиаи бузурги таърихиро, ки натиҷаи бадқасдӣ нисбат ба мулку миллат буд, дар бар мегирад.

Маънои бисёр воқиаҳои инқилоби Бухоро аз рамзи хоб падидор омадааст.

Дар бораи инқилоби Бухоро се рӯъёи ҳавлнок омадааст. Якуму дувуми он ба як ҳафтаи пеш аз инқилоб тааллуқ дорад. Ҷузъиёти хоби якум ин аст: «Шаб дар хоб дидам, ки дар самти шарқии Бухоро дар болои тале бузург ва маконе рафеъ истодаам... аз он макон машғули тамошои ватани муқаддаси худ будам. Дар ин ҳин якбора тамоми қусур (қасрҳо—М.Ш.) ва имороту биноҳои шаҳр ғайри боису сабаб муталошиву вайрон гашт... Ба сад афсӯс каф ба каф судам. Фарёду фиғон мекардам... Аз хавфи ин хоби ҳавлнок раъша бар аъзо ва ларза дар аҳшоям афтода буд» (саҳ. 217-218).

Нуктаи асосӣ дар ин рӯъё «Ватани муқаддас»— Бухорои Шариф ва аз ҳам пош хӯрдану вайрон шудани он аст, ки «аз ғайри боису сабаб» будааст, гӯё балое ногаҳонӣ

---

[96] *Ин ҷо он чиз дар назар аст, ки ҷавонбухоронён (яъне ҷадидон, тараққипарварон, ислоҳотталабон) аз соли 1908 фаъолияти маорифпарварӣ доштанд, вале бархе аз онҳо аз соли 1917 ба роҳи ифрот ва зӯроварӣ даромада, ба номи кумитаи иҷроияи фирқаи ҷавонбухороиён як созмоне ташкил доданд ва соли 1920 дар Тошканд ба номи «Ҷавонбухороиёни инқилобӣ» (ё «инқилобиюни ҷавонбухороӣ») ҳизбе таъсис карданд, ки баъд ба ҳизби коммунист илҳоқ шуд. Сарвари ин созмонҳо Файзуллоҳ Хоҷаи 22-23 солаи пантуркисти ҳокимиятхоҳ буд, ки ду бор лашкари болшевикии Русияро ба сари Бухоро овард ва бо пирӯзии онҳо ба ҳокимият соҳиб шуд.* Ниг.: *Ф.Хоҷаев*. Избранные труды (осори мунтахаб), ч. 1. Тошканд, 1970 ва дигар асарҳое, ки ба таърихи инқилоби Бухоро оиданд.

[97] *Мишель Фуко*. Воля к истине. По ту сторону знания, власти и сексуальности. М., 1998, стр. 417

омадааст. Нуктаҳои дигар фарёду фиғон ва раъшаву ларзааст, ки баъди бедорӣ ҳам давом кардааст.

Ба гуфти Мишел Фуко «он ки хоб мебинад, гӯё ба кӯҳ мебарояд ва пеши чашмаш манзарае ки дурии ғайриодӣ дорад боз мешавад». Садри Зиё дар «Хоби парешони падар» худро «ба гилбурҷи қалъаи рафеъ» дид ва дар ҳақиқат аз он ҷо як фоҷиае, ки муддати дуру дароз пайовардҳои даҳшатомез дошта аст, намоён гардид. «Хоби парешони падар» замонашиносӣ ва дурбинии таърихии ӯро дар худ инъикос карда буд.

Дар хоби якуми пеш аз инқилоб низ ӯ «дар болои тале бузург ва маконе рафеъ истода», аз он ҷо «машғули тамошои ватани муқаддаси худ» будааст. Ин баландии рамзии эҳсосоти як ватандӯсти шӯълавар, ки маҳви «тамошои ватани муқаддаси худ» буд, чашми ӯро биноие бахшидааст, ки дурнамои фоҷиаи «фитнаи инқилоб»-ро равшану возеҳ дид. «Ватани муқаддас» мафҳуми тозае буд, ки аз ормонҳои волои маорифпарварӣ ба ҳосил омада буд. Ин хоб моҳияти як фоҷиаи бузурги таърихиро, ки он рӯзҳо «инқилоби халқӣ» ном гирифта буд, аз дидгоҳи волои маорифпарварӣ нишон медиҳад. Маънои ин хоб равшан аст. Он чи дар Бухоро он рӯзҳо рух намуд, нобудии «ватани муқаддас» буд, на инқилоб ва фаро расидани озодии иҷтимоъӣ.

Дувумин хоби пеш аз инқилоб айнан мисли хоби якум аст: «Ба қутре аз қитори даруни Бухоро будам. Якбора овози ғулғула аз даруни шаҳр баланд шуд. Сабабашро пурсидам. Гуфтанд: Дар тамоми шаҳр оташ афтод. Ба макони рафеъ баромада дидам: нисфе аз дохили шаҳр оташ гирифта, дуду шӯълааш ба фалак мепечад. Саросема қарини ҳазор гуна воҳима... худро ба ҳавилӣ... расонида дидам: шӯълаи оташ навоҳии ҳавилиро фаро гирифта... Ногоҳ ба хотирам расид, ки ... азони бемаҳал дофеъи балво ва рофеъи балост. Балову балво аз ин зиёда нахоҳад буд. Бад-ин мулоҳиза дар васати ҳавилӣ бо овози баланд оғози азон кардам. Ба баракати азон шарораи оташ паст шуд, якбора шиддату ҳиддати он фурӯ нишаст... Маскани роқим ва атрофу ҷавонибаш аз ҳарқу ҳадм солим монд… Пагоҳ таъбирномаро дидам, навишта, ки касе дар хоб дид, ки даруни ватанаш бо овози баланд азон мегӯяд, таъбири ин хоб чунин аст, ки ватани соҳиби рӯъё аз фитнаи азимае ки ба зуҳур хоҳад омад, маҳфузу солим монад, валекин соҳиби рӯъё дарвешу мискин гардад» (саҳ. 288).

Ин хоб мураккаб аст. Боз ҳам офат якбора омад, балои ногаҳонӣ, қазои осмонист. Боз ҳам ҳамаро аз макони рафеъ дид. Боз ҳам он чи дучори бало шуд, ватан аст. Вале акнун соҳиби хоб ду ватанро дид, ки яке ба истилоҳ «ватани бузург» — Бухорост ва дигаре «ватани кӯчак» — ҳавлӣ. «Дар тамоми шаҳр оташ афтод», вале ба шарофати азони бемаҳал соҳиби хоб ва ҳавлии ӯ махфуз монд. Воқиа ин дафъа ба чанд ном зикр шудааст: «фитнаи азима», «балво», «бало» («балову, балво аз ин зиёда нахоҳад буд», яъне ба ниҳояти дараҷа расидааст). Маънои ин калимаҳо як аст: фитна — шӯру шар, исён, ҷанг; балво—ҷунбиши издиҳом, шӯриш, исён; бало— натиҷаи онҳо, яъне офат, мусибат, бадбахтӣ ва монанди инҳо. Ҳаминҳоянд, ки ба сари «ватани бузург» омадаанд ва ҳама якҷоя инқилоб ном гирифтаанд. Дигар аз Бухоро чизе боқӣ нест, ҳама ба коми оташи фитна рафт. Агарчи роқим ва «ватани кӯчаки» ӯ боқӣ монд, ҳоли табоҳ дорад ва нишона азояндаи нек нест.

Дар охири садаи бист шоири тоҷик Лоиқ дар чунин маврид гӯё аз забони Садри Зиё ба ватан чунин мурочиат кард:

*Гиряи ман на аз он аст, ки бечора шудам,*
*Ҳам на з-он аст, ки фарсуда бувад пираҳанам.*
*Гирям аз он ки туро ҳукм ба куштан карданд,*
*Эй ту ҳам появу ҳам мояи инсон буданам*!

Ин аст, ки маънои аслии воқеаҳои замон дар ин хоби Садри Зиё низ нест шудани «ватани муқаддас» — Бухорои Шариф аст. «Ватани кӯчак» ва ҳавлии соҳиби хоб низ фақат вонамуд мешавад, ки наҷот ёфтанд. Соҳиби хоб дар сари хокистари ватани бузургу кӯчак, ба ҳоли мулку миллат мегиряд.

Аз истиқлоли сиёсии давлатӣ ба куллӣ маҳрум шудани Бухоро аз хоби севум аён аст. Ин севумин «рӯъёи содиқа» низ чанд рӯз пеш аз инқилоб вокеъ шуда буд. Муаллиф гуфтааст: «Шабе дар воқиа дидам: Ба Ситорамоҳи Хоса (чорбоғи амир дар беруни шаҳр —

М.Ш.) ба дарбори амир ҳастам... Вақте амир аз даруни чаҳорбоғ савора зоҳир шуд. Аҳолии хадама ва роқими савод ба рикобаш пиёда мерафтем... Ногоҳ аз тарафи масҷиди ҷомеъ... чангу ғубори бисёре бархост. Аз байни гард як фавҷ аскари сиёҳпӯши мусаллаҳи мукаммал зоҳир шуд. Амир саросема гашт, инони асб бигардонд.... танҳо ба биёбон асб меронд. Мо ҳама... ҳар қадар ҷаҳд намудем, ба гардаш нарасидем. Хидматгорон... ҳайрон буданд, намедонистанд чи кунанд» (саҳ.289).

Ин хоб аз чанд ҷиҳат ҷолиб аст. Якум он ки агарчи аён аст, ки сухан аз кадом амир меравад, ба ҳар ҳол чандон маълум нест, ки кадом амир аз чорбоғ баромад. Амир таъкидан мушаххас нашудааст. Дувум он ки муносибати соҳиби рӯъё ба амир, ҳусни таваҷҷӯҳи нависанда ба ӯ намоён нест, ки ин шояд нишонаи дилмондагӣ аз амир Олимхон бошад. Вале ба ҳар ҳол нависанда бо «аҳолии хадама» «дар рикоби» амир «пиёда мерафт». Яъне худро аз «аҳолии хадама», аз аҳли рикоб медонад, ба дарбор, ба амир содиқу вафодор аст. Сеюм он ки онҳое ки қасди ҷони амир доштанд, «як фавҷ аскари сиёҳпӯши мусаллаҳу мукаммал»-анд, яъне як нерӯйи сиёҳдиланд ва нишонаҳои болшевикони «Русияи рӯсияҳ»-ро доранд. Чорум он ки «амир чун ин ҷамъи касирро дид, саросема гашт, инони асб бигардонид, аз муқобили хасм ба тарафи чап майл мекард, ба даҳшат тозиёна бар асб мезад, аз байни хадаму ҳашам ҷудо шуд, танҳо ба биёбон асб меронд». Ин ҷо нишонаҳои нотавонии амир, даҳшатзадагии ӯ хувайдост, ки мулкро гузошта ҷони худ халос кард. Дар айни ҳол нависанда мегӯяд, ки «мо ҳама пиёда будем, ҳар қадар ҷаҳд намудем, ба гардаш нарасидем». Ин аст, ки ҳамроҳони амир, ҳама «хадаму хашам» низ оҷизу нотавонанд ва омодаи дастгирии амир ва ё рӯ ба рӯ шудан бо хасм нестанд.

Ин хоб бозгӯи фоҷиаи маҳрумият аз «соҳиби миллат», фоҷиаи халқу кишварест, ки бесарвару бепешво, бедавлату беҳиммат мондааст. Агарчи Садри Зиё бавежа аз охирин амири Бухоро бисёр ҷафо дид ва ӯро «амири бетадбир» ба шумор меовард, аз тахту тоҷи салтанат ва шукӯҳу ҷалоли он маҳрум шудани «ватани муқаддас» дар назари ӯ фоҷиаи бузурге буд ва орзуву умедҳоеро, ки аз машрутият дошт, низ бар боди фано бурд. Бухоро, «соҳиби миллат» ва армонҳои маорифпарварӣ бар бод рафтанд.

Зигмунд Фрейд гуфта буд: «Хоббинӣ як навъи вокуниши рӯҳ ба он сарманшаъи асабоният аст, ки дар хоб ба ҷунбиш омадааст». (Сновидение — это способ реагирования души на действующие во сне раздражителей[98]). З. Фрейд мекӯшидааст, ки он «сарманшаи асабониятро, ки дар хоб ба ҷунбиш омадааст», пайдо бикунад. Ҷустану пайдо кардани муҳаррикҳо аҳамият доштааст. Дар хобшиносӣ бештарини муҳаққиқон таъкид кардаанд, ки «бояд донист, ки кадоми ёдмондаҳо дар хоб дахле доштанд ва ангезаи хоббинӣ чӣ будааст?»[99] Чун хоббинӣ «пешгӯии таърих» аст, муҳим аст бидонем, ки ин пешгӯӣ чӣ далелу бурҳоне дошт, аз чи сарчашмаҳо ғизо гирифт. Ҷустуҷӯи ангезаҳои хоббинӣ моро ба дарёфти сабабгори вокеаи таърихӣ меоварад. Хоббинӣ сабабу мусаббабро бо ҳам дар бар дорад ва барои шинохти ҳар ду имкон фароҳам меоварад.

Мо дар боло ба ангезаҳои умумии бештарини хобҳои Садри Зиё ишора кардем. Маънии аслии хобҳои Садри Зиё ки нобуд шудани «ватани муқаддас» ва ба боди фано рафтани Бухорои бузург аст, сабабҳои гуногуни дохилӣ ва хориҷӣ, айнию зеҳнӣ дошт ва бахше аз он сабабҳо дар Рӯзнома омадааст. На танҳо равандҳои ҷаҳонӣ, ки Садри Зиё бархе аз онҳоро бо камоли диққат аз назар гузаронидааст, балки фарояндҳои иҷтимоиву сиёсии дохилӣ, аз ҷумла инқирози сохтори феодалии пӯсида, ки нуфузи нерӯҳои монеъи пешрафтро бениҳоят афзоиш дод ва падидаҳои харобкору даҳшатбори онро низ Садри Зиё гоҳ ба тафсил ба нигориш гирифтааст, дар Бухоро сарнавиштсӯз омаданд. Акнун ки «Рӯзнома» ва мухтасари «Наводири зиёъия» ва мукаммали «Тазкори ашъор» (бо замимаҳои хеле муҳим) чоп шудааст, ангезаҳои он хобҳои ҳавлнок, сабабҳои он «рӯъёҳои содиқа»-и ӯро бо ҷузъиёташон муайян кардан мумкин аст. Ин кор шояд дар оянда анҷом ёбад.

Ҳоло танҳо ҳаминро таъкид мекунем, ки хобҳои Садри Зиё бознамои фоҷиаи таърихии Бухорои бузург аст, миқёсу абъоди як фалокати мудҳиш, як «фитнаи азим»-ро, ки ба сари миллати тоҷик ва халқҳои кишвар омад, нишон медиҳад. Дурусттар хоҳад буд бигӯем, ки ин хобҳо бозгӯи фоҷиаи охири умри таърихии Бухорои бостонист.

Аз ин хобҳо шахсияти иқтидорманди Садри Зиё ҳувайдост. Аз ҳар хоб, ки дар боло овардем, падидор аст, ки ӯ шахсияти тавоно дошт, соҳиби ҳиссиёти баланде буд, аз камоли қувваи шинохту дарёфт дар ояндабинӣ қобилияти вежа пайдо кардабуд, ба хусус наздик

---

[98] *З. Фрейд. Введение в психоанализ. М., 1989, стр.*

[99] *С. Табачникова. Мишель Фуко — историк настоящего. Охирсухани ктиоби мазкури М. Фуко, саҳ. 74.*

расидани фалокати бузургро қаблан ҳис карда буд ва маънои иҷтимоъии онро амиқан сарфаҳм рафта буд. Нерӯйи азими бинишу фаҳмиш ва бознамуд чунон будааст, ки ҳатто бидуни нигориши рухдодҳои асосӣ, бидуни нишон додани воқиаҳои калони пас аз инқилоби Бухоро бо рамзбандӣ моҳияти таърихии замонро аён овардааст.

**Хобҳои Садри Зиё нолаву фиғони як ватандӯсти ҷонсӯз дар сари харобазори таърихи пуршукӯҳи Бухорои Шариф аст.**

15

Дар охир як-ду сухан дар бориа забони нигоштаҳои Садри Зиё гуфтан мехоҳем.

Яке аз фазилатҳое, ки равшангарӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ овард, тақвияти соданависӣ буд. Нахуст бо таблиғу ташвиқи Ахмади Дониш ба муқобили муғлақбаёниҳои пайравони ношуди сабки бедилӣ мубориза шурӯъ шуд. Садриддини Айнӣ дар китоби «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» дар бораи охирин чоряки қарни нуздаҳ мегӯяд: «Беҳтарин муншӣ ва мактубнавис ҳамон кас ҳисоб меёфт, ки муддаоеро, ки бо як ҷумла ифода карданаш мумкин аст, дар ду саҳифа ба калимаҳои қофиядор печонад. Мактубҳо ва иншоҳо айнан мисли «Нукот»-и Бедил буд» (1-54). Маорифпарварон бо ҳамин равия мубориза сар карда, содагӣ ва бетакаллуфии насри форсии Хуросон, аз ҷумла Мовароуннаҳрро, ки аз аҳди Сомониён идома дошт, бештар қувват доданд. Аксари нависандагони Бухоро, дар Самарқанд Аҷзӣ, дар Хуҷанд Асирӣ, дар Истаравшан Зуфархони Ҷавҳарӣ гоҳ дар доираи сабки бедилӣ бошад ҳам, соданависӣ пеш гирифтанд.

Садриддини Айнӣ мегӯяд: «Шарифҷон-махдум (Садри Зиё — М.Ш.), ки аз иншонависони машҳури замони худ буд, аз мухлисони Ахмади Калла (Дониш — М. Ш.) ва Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро боз ҳам соддатар ва оммафаҳмтар карда менавишт» (1-54). Ин ҷо бояд илова кунем, ки худи Садриддини Айнӣ ва Абдуррауфи Фитрат дар ин роҳ боз пештар рафтанд ва зуд дар софгӯӣ шӯҳрат ёфтанд. Бавежа Айнӣ дар даҳаи бистуму сиюми садаи бист услуби рӯзноманигориро бағоят сайқал дод, дар насри адабӣ сабки реалистӣ ба вуҷуд овард, ки тасвирҳояш дақиқу мушаххас ва қобили дид буданд, сухан хеле равон, мусиқидор, гӯшнавозу дилнавоз омада, тапиши дил, ҳиссиёту ҳаяҷонро ба тарзи нав, ба тариқи вуқӯънигорӣ, дақиқ ва пуртаъсир ифода менамояд.

Садри Зиё бо соданигорӣ дар байни Аҳмади Дониш ва Садриддини Айнӣ қарор ёфтааст. Сабки ӯ марҳилаи гузариш аз тарзи Аҳмади Дониш ба шеваи Садриддини Айнист. Дониш дар бахшҳои адабии осораш соданависӣ ихтиёр карда бошад ҳам, умуман насри ӯ нисбат ба насри Садри Зиё хеле мураккаб буда, бавежа дар бахшҳои фалсафӣ ба назари хонандаи охири садаи бистум дандоншикан менамояд. Насри Садри Зиё содатар аст, вале аз боқимондаҳои такаллуфоти иншонависӣ ва насри маснӯъ, аз арабиҳои ғализ ҳанӯз халос нашудааст.

Дар баъзе мавридҳо насри Садри Зиё хеле сода аст. Бархе аз ҳикояҳои ӯро ба воқеъгароии маорифпарварӣ метавон нисбат дод ё чизе наздик ба воқеъгароии асри мо метавон донист. Дар ин пораҳо баёни рухдодҳо аз ороиши нозарур озод аст, чигунагии воқиа ва ҳолати рӯҳиву равонии инсонро дақиқан нишон медиҳад. Чунончи ҳикояе, ки дар мунтахаби «Наводири зиёъия» (чопи Душанбе, 1991 Теҳрон, 1377) таҳти шумораи 7 омадааст, аз ин ҷиҳат ҷолиб аст, ки ҳолати кӯдак, падари ӯ ва модаркалонашро реалистона тасвир кардааст. Як пораи он ин аст: «Аз ин ҷиҳат ҳазрати қиблагоҳам аҷаб ҳолате шуда буданд, музтару ҳайрон гаштанд. Ман изтирору изтироби ҳазрати қиблагоҳамро дида беихтиёр гиристам. Қиблагоҳӣ аз ҷояшон бархостанд ва дасти маро ба дасташон дар ҳоле, ки меларзид, гирифтанд ва раҳсипор гардиданд. Расидем ба ҷое, ки ҷаддаам нишаста буданд. Ҳамин ки қиблагоҳам ба ҷаддаам муқобил шуданд, ҷаддаам аз ҷои худ бархостанд ва ба ҳазрати қиблагоҳам салом карданд. Ҳазрати қиблагоҳам давон омаданд, дастҳои ҷаддаамро бӯсиданд, ба чашмонашон молиданд. Ҷаддаам низ сару рӯйи қиблагоҳамро ба дасти худ молида бӯсида гуфтанд: Дар ин қадар муддат ман қадри туро надонистам ва рутбаи туро нафаҳмидам».

Чунонки дида мешавад баён ба ниҳояти содагӣ расидааст, ҳеҷ унсури зиёдатӣ ба дид намеояд, муаллиф гӯё аз кӯшиши суханороӣ ва хунарнамоӣ ба куллӣ даст кашидааст.

Вале нигоштаҳои Садри Зиё на ҳамеша чунинанд. Метавон гуфт, ки вай урёнбаёнӣ пеша накардааст. Унсурҳои суханороӣ ва ҳунарнамоӣ дар насри ӯ кам нест. Сухани ӯ асил ва матин аст ва аз баъзе унсурҳое, ки асолату матонати суханро устувор мекунанд, парҳез накардааст.

Айнӣ ва Фитрат дар ду даҳаи аввали қарни бист баъзе асарҳояшонро барои мактабиён навишта буданд. Дар ин навиштаҳо як навъ содагии хоси кӯдак дида мешавад. Ин содагиро дар баъзе мавридҳо хусусияти ҳамагонии забони адабӣ донистан раво нест. Зеро фақат фаҳми кӯдакон ё калонсолони навсаводро дар назар дорад, ва дорои вежагиҳоест, ки аз сатҳи умумии забони адабӣ пасттаранд. Айнӣ дар даҳаи сивуму чиҳилум бештар барои авом, барои навсаводони таҳсилнодида асар менавишт ва онҳоеро, ки солҳои пас аз инқилоб аз муҳити фарҳангии асрҳои гузашта канда шуда буданд, ба назар мегирифт. Аз ин рӯ суханаш на ин, ки сода, балки гоҳе одӣ мешуд, сухани авомона буд.

Садри Зиё чизе барои авом ва кӯдак нанавиштааст. Ҳар чизе, ки аз қалами ӯ таровида буд, барои муҳити анъанию суннатии фарҳангиён ба рӯйи коғаз омадааст. Аз ин рӯ содагии нигоштаҳои ӯ бисёр нишонаҳои содагии анъании форсии Мовароуннаҳриро нигаҳ доштааст, содагии асил ва шукӯҳмандест.

Дар охирҳои садаи нуздаҳ ва ибтидои садаи бист бисёр вежагиҳои форсии Мовароуннаҳр, хусусан Бухорову Самарқанд ба назму наср дохил гардид. Дар Рӯзномаи Садри Зиё чунин махсусиятҳои забонӣ ҳастанд, ки шояд сад-дусад соли пеш дар забони адабӣ нишоне аз онҳо набуд, вале маорифпарварон ба навиштаҳо дохил шудани онҳоро ба хотири содагарой раво дидаанд ва Садри Зиё низ онҳоро пайравӣ кардааст. Чунончи дар Рӯзнома мехонем: Тону матон дору мадоре мекардам. Ин тону матон аз феъли тонистан (тавонистан) аст ба маънои тавонистану натавонистан; дору мадор ба маънои созиш мудоро ва муомилаи маҷбурист.

Аз ҷумлаи ин махсусот *ҳозир* ба маънои алъон: Ҳозир кор бад-ин минвол аст. *Таклиф* ба маънои пешниҳод ва даъват низ аз ҳамин қабил аст: Давлати рус ин таклифро рад карда; таклифи қозигӣ намуданд. Ин маънои *таклиф* аз садаи ёздаҳи мелодӣ дар сурудаҳои хуросониён, чунончи Анварӣ қайд шудааст ва мисолаш дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» омадааст.

Сифати феълӣ (сифати фоъилӣ), ки бо пасванди - гӣ сохта шуда бошад, дар осори Аҳмади Дониш гоҳ-гоҳе ба назар мерасад, дар Рӯзномаи Садри Зиё бисёр омадааст: хизматкорони ном бурдагӣ — хидматкорони номбурда; дандони озор медодагӣ — дандоне, ки озор медод; чаҳорбоғи дар Саъдакон будагӣ — чаҳорбоғе, ки дар деҳи Саъдакон аст; нишона мондагӣ буд - нишона монда буд.

Пасванди –гӣ ба ҷои ӣ дар калимаҳое, ки бо алиф ба охир расида бошад, низ ба кор рафтааст: мирзогӣ ба ҷои мирзой — гоҳо унвони мирзогиашон зуҳур ёфта.

Пешванди феълии би–бигуфт, бирафт, биё ва ғайра дар гуфтугӯи Мовароуннаҳр гоҳ бу–талаффуз мешавад: бурав, бубин. Дар баъзе нусхаҳои садаи 17 чунин калимаҳо аломати пеш доранд. Аммо дар Рӯзномаи Садри Зиё ҳатто ба вов навишта шудаанд: бубаст, бупардохт, бубояд, бубинем.

Дар Рӯзномаи Садри Зиё на танҳо калимаҳои *хурд*, *хуршед*, балки вожаи *хурсанд*, ва *хурсандӣ* ба вов навишта шудааст вожаи *зиндагонӣ*, вожаи арабии *дӯкон* вов гирифтааст: дар вожаи *ҷавон* ҷим пеш дорад: *ҷувон*, дар аксари мавридҳо *хизмат*, *хизматгузор*, *устоз*, *гунбаз* омадааст. Инҳо ҳама аз таъсири талаффузи маҳаллист. Азбаски дар Мовароуннаҳр ж ба ҷ мегузарад ва **жола** аксаран *ҷола* талаффуз мешавад, дар Рӯзнома навишти *шаҳнаҷод* дида шуд.

Шакли қадимии феъли давомдор, ки ба феъли ёвари *истодан* сохта мешавад ва дар осори нависандагони Мовароуннаҳри охири садаи нуздаҳ ва ибтидои садаи бист гоҳ-гоҳ ба чашм мехӯрад, дар Рӯзнома як бор омадааст: ҳукумати ҳозира ташкил ёфта истодааст. Феълҳое аз қабили *гузар карда натавонист, баромада рафт, даромада дидам, тарсида* Бухоро *омад*, ки дар осори нависандагони тоҷик бавежа аз оғози садаи бист хеле фаровон истифода мешаванд, дар Рӯзнома ва баъзе асарҳои дигари Садри Зиё низ зиёд ба назар расид. Дар Рӯзнома аз қолабҳои гуфтории сухан қолабе чун: *асбобу анҷомро аз баҳраш гузашт* ба дид расид, ки аз баҳри чизҳову лавозимот гузашт гуфтан аст.

Хусусиятҳои мовароуннаҳрӣ, ки баъзеашон ҳатто хусусияти маҳаллии бухороиянд, дар забони навиштаҳои Садри Зиё зиёданд ва забоншиносоне, ки шохаҳои миллии забони

форсии кунуниро бо ҳам, аз ҷумла форсии тоҷикиро бо дигар шохаҳои форсӣ муқоиса кардан мехоҳанд фаровон мадорик ба даст хоҳанд овард.

Аз забони осори Садри Зиё низ баъзе хусусиятҳои адабиёти маорифпарварии тоҷикони Мовароуннаҳр равшан мешавад. Маорифпарварон рӯ ба воқеияти иҷтимоъии рӯз оварда, миён барои таҳқиқи диққаткоронаи он баста буданд. Хусусияти вежаи форсии тоҷикӣ чун як ҷузъи ҳамин зиндагонии воқеӣ ба адабиёт ҳар чи бештар ворид мешуд. Сода шудани забон ва ба осори адабӣ фаровон роҳ ёфтани вежагиҳои гуфтори мардуми Мовароуннаҳр яке аз мухимтарин хусусиятҳои адабиёти маорифпарварӣ буд. Ин хусусият бо устувор шудани бунёди реалистии адабиёт аз даҳаи сиюми қарни бист ҷилваҳои тоза пайдо кард ва метавон гуфт, ки бештари вежагиҳои форсии тоҷикии Мовароуннаҳр дар адабиёт инъикос ёфт. Ин раванд аз бозҷустҳои маорифпарварон оғоз ёфта буд ва Садри Зиё низ дар таҳаввули он саҳме гузоштааст.

1996-2003

## «ТАЗКОРИ АШЪОР»
### ва масъалаи пайдоиши шеъри нав

1

Фаъолияти эҷодкории Садри Зиё дар тазкиранависӣ аз дигар тазкиранависон ба чанд ҷиҳат фарқ дорад. Фарқи асосӣ он аст, ки ӯ на як, балки чандин тазкира тартиб додааст. Тазкираҳои ӯро нахуст ба ду гурӯҳ тақсим кардан лозим аст.

Ба гурӯҳи якум тазкираҳое дохил мешаванд, ки дар бораи шахсиятҳои шинохтаи давраҳои гуногун, гузаштаи дуру наздик навишта шуда, гоҳе давраи муосирро низ фаро мегиранд. «Тазкиратулвузаро», «Тазкиратулҳукамо», «Тазкиратулхаттотин» аз ҳамин қабиланд. Баъзе шахсҳое, ки зикрашон дар ин асарҳо омадааст, шоир ҳам буданд, вале аз шеъру шоирии онҳо камтар сухан рафтааст. Онҳо диққати нависандаро бештар ба сифати хушнавис ё ба унвони вазире ва ҳоказо ба худ кашидаанд.

Чунин тазкираҳои Садри Зиё як ҷузъи таърихпажӯҳии ӯ буда, назари ӯро ба таърихи иҷтимоъиву сиёсӣ (чунончи ба воситаи фаъолияти вазирони замонҳои гуногун) ва фарҳангиву маънавӣ (чунончи тавассути ҳунари хаттотони машҳур) ифода менамоянд. Гоҳ ӯ нақлро то замони худ меорад ва замонҳои гузаштаро бо аҳди муосир мепайвандад, замони худро дар партави замонҳои гузашта равшан мекунад, масъалаҳои замони худро дар асоси таҷрибаи таърихӣ месанҷад.

Гурӯҳи дувуми тазкираҳои Садри Зиё фақат дар бораи шуарову фузалост. Бештарини ин тазкираҳо дар бораи муосирон буда, муаллиф гоҳ ба наздикони замони худ ва гузаштаи дуртаре низ нигоҳ меандозад. Боз ҳам «Тазкиратушшуарои мутақаддимин» дар паҳлӯи «Шуарои мутааххирин» ва «Фузалои мутааххирин» ва «Тазкори ашъор» омада, Садри Зиё дирӯзу париӯзро бо рӯзгори худ мепайвандад, дурусттар он ки замони худро бо замонҳои гузашта мепайвандад. Ин пайванд барои ин ки биниши таърихии нависандаро бифаҳмем, хеле муҳим аст. Чунончи дар таърихпажӯҳии умумии Садри Зиё ҳаст, дар тазкиранависии ӯ низ пайванди замонҳо имкон медиҳад, ки тасаввури яклухти таърихӣ ба вуҷуд биёяд, таърих муҳимтарин воситае барои фаҳмиши моҳияти равандҳои ҷории рӯз бошад. Барои фаҳмидани маънои рухнамудҳои имрӯз нигоҳ афкандан ба дирӯз дар адабиёти маорифпарварӣ густариш ёфта, шаклҳои нави диди таърихиро ба миён меоварd ва тазкираҳои Садри Зиё қадаме дар ҳамин роҳ аст. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки Садри Зиё на як-ду, балки чанд тазкира навиштааст, то замони худро аз чанд паҳлӯ санҷида бошад.

Бегумон мақсади аслӣ таҳқиқи замони худ ва чеҳраи маънавии он буд. Садри Зиё тавон гуфт жанри тазкираро ба яке аз воситаҳои таҳқиқи гуногунпаҳлӯ ва ҳамаҷонибаи замони худ табдил дод. Ӯ дар ҳар тазкираи худ замонро аз як ҷиҳати асосӣ ба пажӯҳиш мегирад ва ҳама тазкираҳо ба якҷоягӣ манзараи умумии ҳаёти маънавии ҷомеаро намоён меоваранд.

Чунонки дар мавриде таъкид карда будем, Садри Зиё фоҷиаи бузурги таърихӣ, фоҷиаи поён ёфтани умри таърихии Бухорои бузургро аз сар гузаронид. Вай хост, ки ҳастии маънавии «ватани муқаддаси» худро то ҳадди имкон мукаммалтар намудор оварад ва дар сафҳаи таърих сабт намояд, то онро ҳеҷ насле аз ояндагон фаромӯш накунад. Ӯ меҳани азиз ва замони худро умри ҷовидон бахшидан мехост ва ин корро пеш аз ҳама бо баёни аҳволу атвори уламову фузалову шуаро наҷом доданӣ шуд.

Ҳисси баланди меҳанпарварӣ натавонист чашмандози иҷтимоъии Садри Зиёро маҳдуд намояд. Ӯ фақат мадҳиясарои шаъну шараф ва ифтихороти ватани азиз нест. Чашмандози густаришноки маорифпарварӣ имкон дод, ки ӯ неку бади ҷомеаро баробар бубинад ҳамабинӣ ва баробар чашм дӯхтан ба раванди пешбару ақибкаш аз тазкираҳои Садри Зиё ҳам намудор аст. Дар охирин таҳрири «Тазкори ашъор» на танҳо равияҳои адабии нави оянддор, балки равияҳои бемаҳсул ва намунаҳои жожхоии адабӣ низ матраҳ шудааст.

Зиёда аз ин, Садри Зиё ҳатто «Тазкиратулҳумақо» — тазкираи аҳмақон навиштааст. Вай дар ин тазкира аҳмақони зиёдеро аз ҷумлаи шуаро ва уламо ва умаро як ҷо гирд оварда, ба хандахариш гузоштааст. Албатта, дар адабиёти мо маҷмӯаи ҳикояҳои ҳаҷвӣ ва танқидӣ мавҷуд буд вале анъанаи адабӣ дар тазкира асосан зикри хайрро дар назар дошт. Садри Зиё хилофи анъана рафта, тазкираро ба як навъи ҳаҷвии адабиёт табдил дод, аз қатори жанрҳои адабиётшиносӣ берун карда, ба сафи анвоъи бадеъӣ гузаронд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки «Тазкиратулҳумақо» дар миёни осори Садри Зиё монанди дигар тазкираҳояш алоҳида наомада, ба таркиби «Наводири зиёъия» дохил шудааст.

Хуллас, ки дар эҷодиёти Садри Зиё анъанаҳои тазкиранависӣ як каме вежагӣ дорад. Лозим аст, ки тазкираҳои ӯ аз ин дидгоҳ мавриди пажӯҳиш қарор бигиранд. Ин пажӯҳиш бо таҳқиқоти Расули Ҳодизода ва Саҳобиддини Сиддиқӣ шурӯъ шудааст. Шодравон Саҳобиддини Сиддиқӣ китобе дорад бо номи «Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ» ки он ҷо гоҳ мухтасаран ва гоҳ муфассалан тавсифи ҳама тазкираҳои Садри Зиё омадааст. Мутаассифона, ин китоб ҳанӯз чоп нашудааст. Ба чопи ин китоб бисёре аз масъалаҳое ки ба тазкиранависии Садри Зиё вобастагие дорад, равшан хоҳад шуд.

Алъон банда мехоҳам чанде аз андешаҳоеро, ки ҳангоми омода кардани чопи «Тазкори ашъор» ҳосил шуда буд, ба иҷмол баён намоям.

2

Муҳимтарин асаре дар байни тазкираҳо ва тазкирагунаҳои Садри Зиё «Тазкори ашъор»-и манзум аст. Ин тазкира чанд таҳрир дорад ва таҳрири якуми он солҳои 1322-1324 ҳиҷрии қамарӣ баробар ба 1905-1907 исавӣ анҷом ёфта буд. Таҳрири аввал шомили иддаи зиёде аз шоирони замон, яъне нимаи дувуми садаи 19 ва ду даҳаи аввали садаи 20 буда, вале чун соли 1918 дар маҳбусии Қаршӣ «Тазкори ашъор» бо «Рӯзнома» ва дигар навиштаҳои Садри Зиё сӯзонда шуд ва ба гуфти муаллиф «дар фитнаи инқилоб маъдум ва ноёб гашт»,[100] муаллиф баъд аз инқилоби Бухоро, яъне баъди соли 1920 дубора онро таълиф кард. Таҳрири дувум мухтасар буд.

Дар охирин таҳрири «Тазкори ашъор», ки муаллиф соли 1350 ҳ.қ.=1932 яъне дар охирин соли умраш анҷом додааст, мегӯяд, ки дар таҳрири якуми «Тазкори ашъор» шоироне, ки зикр шуда буданд, «аз дусад нафар мутаҷоаиз буд».[101]

Садриддини Айнӣ дар як зиндагиномаи мухтасари Садри Зиё, ки тахминан солҳои 1924-1925 навиштааст мегӯяд, ки Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» «аз муосирон қариби 130 нафар шоирро бо тарҷумаи ҳол ва намунаи шеърашон зикр кардааст».[102] Аз эҳтимол дур нест, ки устод Айнӣ ин ҷо таҳрири дувуми «Тазкори ашъор»-ро, ки шояд пеш аз инқилоби 1920 ба вуҷуд омада буд ва ё таҳрири дигареро, ки пас аз инқилоб ба миён омада будааст (вале имрӯз мавҷуд нест), дар назар дошта бошад. Ҳеҷ як аз нусхаҳои «Тазкори ашъор», ки то имрӯз ба даст омадааст, ин миқдор шоир, яъне 130 ё 200 нафарро фаро нагирифтааст.

Дар ин маврид бояд таъкид кунем, ки «Тазкори ашъор» танҳо шоирони Бухороро дар бар гирифтааст. Садри Зиё фақат шоирони зодгоҳи худро, ки нағз шинохта буд ва зиндагиномаву намунаи шеърашонро ба дараҷаи кофӣ тавонист гирд оварад, зикр намудааст. Дар ин сурат бояд гӯем, ки он ҳангом шумораи шоирон дар Бухоро кам набудааст: Имрӯз, яъне дар солҳои аввали қарни 21 дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз ҳама ҳавзаҳои адабии ҷумҳурӣ 306 нафар узвият доранд. Чанде аз онҳо насрнавис ва драманигор ва публисист мебошанд. Онҳое, ки шоир ҳисоб мешаванд, андаке бештар аз 200 нафаранд. Ба ин қиёс метавон гуфт, ки дар оғози садаи бист дар як худи Бухоро қариб ҳамин миқдор ки имрӯз дар созмони нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд, шоир будааст. Агар инро низ ба назар бигирем, ки алъон як идда шоирон ҳанӯз ба

---

[100] *Садри Зиё.* Тазкори ашъор. Теҳрон, Суруш, 1380-2001, саҳ. 236.
[101] Ҳамон асар, саҳ. 236.
[102] *С. Айнӣ.* Қозӣ Шарифҷон (Зиё), дастнавис, бойгонии С. Айнӣ, воҳиди ҳифзи №11, саҳ. 2.

узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта нашудаанд, метавон тахмин кард, ки шумораи шоирони Бухоро дар оғози садаи бист андаке камтар аз шумораи шоирони Тоҷикистони кунунӣ будааст. Ин низ кам нест.

Пурсише пеш меояд, ки имрӯз аҳволи шеъри форсии тоҷикӣ дар Бухоро чӣ бошад? Сарвари ройзании фарҳангии Эрон дар Ӯзбекистон дар даҳаи навади садаи 20 хосст, ки шорони форсигӯи Ӯзбекистонро дар Самарқанд гирд биёварад ва маҷлиси шеър биёрояд. Ва ӯ аз Бухоро шоири тоҷики порсигӯй ҷуст... ва танҳо як нафар пайдо кард. Бубин, тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо! Ҳукмронии пантуркист дар Бухоро дар зарфи 80 сол шумораи шоирони тоҷикро аз 200 ба 1 овард.

Бо пӯзиш аз хонандаи мӯҳтарам барои ин ки андаке аз мавзӯъ дур шудем, боз меоем ба сари мақсади аслӣ.

Дар ҳеҷ як аз нусхаҳои мавҷудаи «Тазкори ашъор» 200 ё 130 тан аз шоирон зикр нашудааст.

Дар он нусхаи ҷомеъи «Тазкори ашъор», ки Саҳобиддини Сиддиқӣ бо пажӯҳиши илмӣ фароҳам оварда, таҳрири дувуми «Тазкори ашъор» ҳисобидааст ва банда соли 2001 дар Теҳрон ба чоп расонидаам, шарҳи ҳоли 49 нафар шоир ва намунаи шеъри онҳо омадааст. Ҳамаи онҳо шоирони охири қарни 13 ва нимаи аввали қарни 14 ҳиҷрӣ, яъне чоряки аввали қарни бисти мелодӣ мебошанд.

Ҳаҷми матни «Тазкори ашъор», яъне бахшҳое, ки ба қалами соҳиби тазкира тааллуқ доранд, 1444 байт аст. Намунаи шеъри соҳибони тарҷумаи ҳол, ки Садри Зиё мисол овардааст, 2616 байтро ташкил мекунад. Матни тазкира ба вазни мутақорибi мусаммани мақсур омадааст.

Ин ҳам гуфтанист, ки Садри Зиё дар бораи нигоштаҳои худ фармуда: «Ҳар қадар, ки ароиз ва маросилот ва ахбор ва ҳикоёт ва «Тазкори ашъор» ва таҳрири «Рӯзнома» воқеъ шуда, ҳамагӣ ғайри мусаввада қаламӣ гашта».[103] Яъне бидуни сиёҳнавис таълиф шудааст.

Дар охирҳои садаи 19 ва оғози садаи 20 дар Бухоро ҳафт тазкира навишта шуда буд: Тазкираи қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Тӯҳфатулаҳбоб фӣ тазкиратиласҳоб» (таълиф 1288 ҳ.қ. = 1871 м.), «Тазкиратуш-шуарои» ҳоҷи Азими Шаръӣ, «Тазкиратушшуаро»-и Мир Сиддиқи Ҳашмат (таълиф 1321-1322=1904-1905), «Афзалуттазкор фӣ зикришшуаро ва-л ашъор» (таълиф 1321=1904) навиштаи Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Тазкиратушшуарои мутаххирини Бухоро» (таълиф 1320-1904) навиштаи Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Тазкиратушшуаро»-асари Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Мӯҳтарам ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё. Ҳар кадоме аз инҳо чун маъхази адабиёти форсии тоҷикии он давра аҳамият доранд. Арзиши онҳоро профессор Расули Ҳодизода дар таҳқиқи муқоисавӣ, ки бо номи «Сарчашмаҳои таҳқиқи адабиёти тоҷикии нимаи дувуми садаи 19» ба русӣ чоп шуда буд,[104] таъйин кардааст.

Нахустин пажӯҳишгари «Тазкори ашъор» низ Расули Ҳодизода мебошад, ки дар китоби мазкур дар бораи он хеле батафсил сухан рондааст. Чун бо пажӯҳиши Р. Ҳодизода аҳамияти вежаи «Тазкори ашъор» маълум гардид, шодравон Саҳобиддини Сиддиқӣ (даргузашти ӯ 1993) бо роҳбарии илмии Турсунбой Неъматзода ва нависандаи ин сатрҳо ин тазкираро махсусан ба таҳқиқ гирифт.

Саҳобиддини Сиддиқӣ ба ин ақида омад, ки «тазкираи Садри Зиё дар ҷавоби тазкираҳои Афзал ва Абдӣ навишта шудааст»[105]. Тазкираи Афзал ва Абдӣ, ки бо супориши амири Бухоро Абдулаҳадхон таълиф ёфта буд, назари доираҳои расмиро ифода карда ва гоҳ арзёбии муаллифон дур аз ҳаққоният будааст. Садри Зиё дар ҳаққи тазкираи Афзал-махдум гуфтааст, ки «ғассу самин бисёр дорад, хилофи воқеъ бешумор, мӯҳтоҷи тасҳеҳ ва танқеҳ аст».[106] Ин аст, ки сабаби асосии шурӯъ кардани Садри Зиё ба таълифи тазкира на тақлид ба Афзалу Абдӣ, балки ислоҳи хатоҳое будааст, ки онҳо содир кардаанд, ҳамчунин

---

[103] Рӯзномаи Садри Зиё. Теҳрон, Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишӣ, 1382=2003, саҳ.139.

[104] *Р. Хадди-Заде*. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века. Сталинабад, 1956.

[105] *С. Сиддиқӣ*. Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ, дастнавис, 1987, саҳ. 97.

[106] *Саддри Зиё*. Асомиул кутуб, захираи дастнависҳои Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Абӯрайҳони Берунӣ (Тошканд), дастнависи № 2460, вар. 141.

додани маълумоти дуруст дар бораи эҷодиёту шахсияти шоироне будааст, ки Афзалу Абдӣ ба онҳо баҳои нодуруст доданд».[107]

Чунончи аз аввал аз пажӯҳиши Расули Ҳодизода ошкор гардида буд, аҳамияти «Тазкори ашъор» иборат аз он аст, ки муаллиф дар бораи нависандагони пешқадами замон, агарчи бо сиёсати зимомодорони вақт мухолифат карданд ва аз дарбор ронда ва ба ҷазоҳо гирифтор шуданд, аз рӯйи ҳаққоният маълумот медиҳад. Ин бартарии тазкираи Садри Зиёро аз он чи дар бораи Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, қорӣ Раҳмуталлоҳи Возеҳ, Мирзо Азими Сомӣ, Мирзо Ҳайити Саҳбо, Садриддини Айнӣ ва ғайра гуфтааст, метавон дид. Садри Зиё дар ин кор гоҳ бо ҷасорати тамом амал кардааст. Расули Ҳодизода мегӯяд: «Ҳеҷ як аз тазкиранависон ҷуръат накардааст, ки дар бораи осори Шоҳин чун Садри Зиё ошкоро ва бо ростгӯӣ қалам биронад».[108] Ҳақгӯӣ ва ҳаққониятгароӣ муҳимтарин хусусияти муаллифи «Тазкори ашъор» аст.

3

Мақсуди Садри Зиё танҳо зикри шоирони замони худ ва шеъри онҳо набудааст. Агар мақсуд фақат шарҳи ҳоли шоирон ва зикри шеъри онҳо мебуд, шумораи шоирон дар «Тазкори ашъор» аз таҳрир то таҳрир кам намешуд, балки меафзуд. Шояд бо мурури замон, ба вежа пас аз он, ки соли 1918 ҳангоми маҳбусӣ дастнависҳои Садри Зиё аз ҷумла «Тазкори ашъор»-ро сӯзониданд, ӯ ба ин андеша омада бошад, ки дар вақти дубора барқарор кардани «Тазкори ашъор» на ҳамаи шоирон, балки зубдаи онҳоро зикр кардан лозим аст. Ӯ дар боби «Зикри ҳоли муаллиф ва баёни сабаби таълифи «Тазкори ашъор» мегӯяд:

*Намудам дар ин нусха ман илтизом,*
*Ки аз шоироне, ки доранд ном,*
*Дар ин шева машҳури ҳар кишваранд,*
*Дар ин пеша аз дигарон бартаранд,*
*Намоям зи шоирфанон интихоб,*
*Кунам зикрашон зинати ин китоб.*
*Аз он софтабъон, ки худ моҳиранд,*
*Валекин раҳи шеъри нав биспаранд.*
*Ба шеъри баланду ба фикри расо*
*Бигаштанд мақбули табъи Зиё.*
*Накардам назаршон ба хурдии сол,*
*Ки манзури ман буд ҳусни мақол.*[109]

Аз эҳтимол дур нест, ки дар таҳрири якуми соли 1905-1907 сарсухан ин набуд дигар буд. Агар таҳрири якум 200 ё 130 танро дар бар гирифта бошад, шояд муаллиф чунин сарсухане наменавишт. Ин пешгуфтор муносиби таҳрири баъдӣ, таҳрире, ки имрӯз мо ба даст дорем, мебошад.

Пайдост, ки Садри Зиё танҳо онҳоеро, ки ба диди ӯ «аз дигарон бартаранд», «софтабъи моҳир»-анд, «шеъри баланду фикри расо» доранд, инчунин онҳоеро, ки «шеъри нав» мегӯянд, сарфи назар аз синну сол, танҳо ба эътибори «ҳусни мақол» интихоб намудааст.

Ба ин тариқ на ҳар касе, ки шеър мегӯяд, балки танҳо он, ки ба ақидаи Садри Зиё, шеъраш аз чанд ҷиҳат ҷолиб аст, бо чанд фазилати худ адабиёт ба вуҷуд меоварад, адабиётро андаке ҳам бошад пеш мебарад, номаш ба ин тазкира дохил шудааст. На ҳама шеъргӯйҳо, балки онҳое, ки шеърашон чигунагии адабиёти форсии тоҷикии як давраи муҳимро нишон медиҳад, чигунагии тамоюлоту равияҳо ва равандҳои асосии адабии замонро намоиш медиҳад, дар ин тазкира гирд омадаанд.

Ин як фарқи асосии «Тазкори ашъор» аз дигар тазкираҳои замони ӯст.

---

[107] *С. Сиддиқӣ.* Ҳамон асар, саҳ. 97.
[108] *Р. Ҳодизода*, ҳамон асар, саҳ. 67.
[109] Тазкори ашъор, саҳ. 25.

Тазкиранависони дигар ҳама шоирони замони худро дар тазкира ҷамъ овардаанд, ҳамаро пахлӯи ҳам гузоштаанд. Ҳамаро бетарафона як-як ба чашми мо намоён кардан мехоҳанд, ки ин як принсипи муҳими анъанавист. Вале аз тавсифҳои соҳибони тазкира, ки гоҳ ҳамранг ва камфарқ аст, муайян кардани ин, ки намояндагони асосии адабиёт кадоманд ва омилҳои пешрафти адабиёт чӣ буд, душвор аст. Ба вежа агар гоҳе аз ҳаққоният дур бираванд, дар бораи адабиёт пиндори нодурусте ба миён меоранд. Садри Зиё баръакс гӯё падидаҳои асосии равияҳои мухталифи адабӣ ва намояндагони асосии онҳоро нишон додан мехоҳад гӯё маводу мадорикро сара карда, ва табақабандӣ намуда ва барои кушодани моҳияти ҳар кадоме кӯшида, гӯё барои муҳаққиқони имрӯз, ки бояд таърихи адабиёти он рӯзро бинависанд, маводе банизом омода сохтааст. Мумкин аст муҳаққиқи имрӯза ба баъзе фикрҳои Садри Зиё розӣ нашавад, лекин ба ҳар сурат баҳо ва арзёбии Садри Зиё муҳим аст.

Пеш аз он, ки равияҳои адабиеро, ки Садри Зиё нишон додааст ва чигунагии арзёбии ӯро аз назар гузаронем, мехоҳем ба як нуқта диққат ҷалб намоем.

Чунин ба назар мерасад, ки мақсуди аслии Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» ба таъқид нишон додани шахсияти он адибону фозилонест, ки дар ҳаёти иҷтимоъӣ бештар фаъолият доштанд, барои қувват гирифтани мундариҷаи иҷтимоъии адабиёт ва моҳияти маорифпарваронаи он бештар саҳм гузоштаанд. Дар «Тазкори ашъор» онҳое, ки мо баъдтар, тахминан аз нимаи садаи бист маорифпарвар номидем, мавқеи асосӣ доранд ва ҳамаи онҳо муборизи фаъол буда, ҳар кадоме ба таври худ фаъолияти назаррас доштанд. Мафҳуми маорифпарварӣ (равшангарӣ) ва пархошгарӣ қариб ҳаммаъноанд ва тавъам омадаанд.

Аз 49 нафаре, ки дар «Тазкори ашъор» зикр ёфтаанд, 20 нафар муборизи фаъол, бештарин маорифпарвар ва бархе аз ҳавохоҳони маорифпарварӣ буданд.

Бархе аз удабову фузалое, ки дар «Тазкори ашъор» ба назар мерасанд, шоири каммаҳсуле буданд. Бо вуҷуди ин ба тазкира дохил шудаанд. На танҳо Аҳмади Дониш шоири камнавис (ва бештар файласуфу насрнавис) буда, муфтӣ Икром — домулло Икромчаи мутахаллис ба Акрам[110] низ кам шеър мегуфтааст, Садри Сарир, Гулшанӣ, Мӯҳтарам, Лутфӣ, Офарин ва чанде дигар низ аз шоирони камшеър буда, аммо ҳар кадоме ба навъе фаъолияти иҷтимоъӣ доштаанд, чигунагии талоши пешқадамони замон аз шеър ё аз рафтори онҳо маълум мешудааст. Аз ин рӯ онҳо дар «Тазкори ашъор» баробари баъзе шоирони пурмаҳсул ва ҳатто бештар аз онҳо мавқеъ ишғол кардаанд.

Гумон меравад, ки аз аввал «Тазкори ашъор» барои ҳимояи равшангарон, барои дифоъ аз онҳо, барои тарафдорӣ ва дастгирӣ навишта шуда буд. Ҳар боби ин асар монанди дигар тазкираҳо тавсифномаи як шоир аст. Аммо ин тавсифнома чунон тартиб ёфтааст, ки муаллиф чун шарҳи ҳоли шоир, хислатҳову ҳунарҳо ва фазлу камоли ӯро мегӯяд, ҳар таърифу ситоишаш ҷавобе ба даъвои бадхоҳон аст, даъвоҳои бадгӯёнро рад мекунад, сифатҳои неки соҳиби тарҷумаи ҳолро ба носазоҳои душманонаш муқобил мегузорад.

Медонем, ки дар бораи Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Исо-махдуми Исо, Абдулмаҷиди Музтариб, муфтӣ Икромча (домулло Икроми Акрам), Садриддини Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Мирзо Ҳайити Саҳбо, Абдуррауфи Фитрат, Сайидҷон махдуми Назмӣ, Абдулмаҷиди Офарини Дӯзахӣ, Мирзо Азими Сомӣ, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ва монанди инҳо дар доираҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ гоҳ андак ва гоҳ хеле тасаввуроти нораво мавҷуд буд, дар ҳаққи онҳо носазо мегуфтанд, онҳоро таъқиб мекарданд ва баъзеи онҳоро оқибат ба қатл расониданд. Лекин тавсифномаҳои «Тазкори ашъор» гӯё ҳар байте як раддияи қатъии даъвоҳои бадхоҳон аст. Садри Зиё бо тавсифу ситоиши маорифпарварон ба муқобили душманони маорифпарварӣ мубориза мекунад.

Барои ин ки чигунагии тарафгирӣ ва ҳимоятгарии Садри Зиё маълум шавад, як мисол меоварем. Инак чанд байт аз боби «Зикри фозили некноми баландмақом ҳоҷӣ мулло Икром» (яъне муфтӣ Икромча).

---

[110] Тахаллуси муфтӣ Икром (домулло Икромча) дар «Энсиклопедияи адабиёту санъат» (Душанбе, 1988, саҳ. 497) Икром омадааст., ки дуруст нест. Аз шеъраш ҳам маълум аст, ки тахаллуси ӯ Акрам будааст.

*Фақоҳатшиоре зи аҳли Бухор,*
*Фазилатдисоре[111] зи хайли кибор.*
*Азизулвуҷуде ба иззу шараф,*
*Зулэҳтироме адимуттараф.*
*Диёнатқарин орифи покдин,*
*Шарафҳамнишин олими ростбин…*
*Улуме ки машҳур андар Бухор.*
*Фунуне, ки маъруф дар ҳар диёр,*
*Бувад зоти олишро баркамол.*
*Набошад касеро бад-ӯ қилу қол…*
*Ба қадре ки фазлу камолаш фузуд,*
*Ба олӣ маносиб тараққӣ намуд.*
*Ба ифтову тадриси Мири Араб*
*Муаззиз шуд он фозили боадаб.*
*Аз ӯ гашт таснифи чандин китоб*
*Ба аҳди Аҳадхони моликрикоб…*
*Ки асҳоби дониш ҳама иттифоқ*
*Намуданд бар хубиаш бенифоқ.[112]*

Дар ин порча чанд моддае аз айбномаи нонавишта, ки дар ҳаққи домулло Икром омода карда буданд, рад шудааст. Рӯҳониёни расмӣ муфтӣ Икромчаро сустимон мегуфтанд ва як китоби ӯро, ки «Иқозунноимин ва эъмолулҷоҳилин» ном дошта нав аз чоп баромада буд аз фурӯшгоҳҳо гирифта ба коми оташ андохта буданд. Аммо Садри Зиё мегӯяд, ки муфтӣ Икром «диёнатқарин орифи покдин» ва «олими ростбин» аст, ҳамаи китобҳояш чунонанд, ки «асҳоби дониш» «намуданд бар хубиаш иттифоқ», яъне ҳар кӣ дар ҳаққи китобҳои мулло Икром бадгӯӣ мекунад, аз «аҳли дониш» нест. Инҳо ҳама раддияест ва мақсади Садри Зиё мусоидат кардан ба радди бало, дафъи қазо аз сари мулло Икроми бузургвор аст.

Ин низ муҳим аст, ки Садри Зиё дар охири тавсифномааш амир Абдулаҳадхонро ном гирифтааст. Аз мазмуни байтҳои охир чунин бармеояд, ки Садри Зиё зимнан ба амир Абдулаҳадхон муроҷиат кардааст ва гуфтааст, ки ту худ муфтӣ Икромро ба «олӣ маносиб», ба муфтигӣ, ба мударрисии мадрасаи машҳури Мири Араб расонидӣ ва китобҳояш низ «ба аҳди Аҳадхон» навишта шудаанд ва аз ин рӯ минбаъд ҳам қадри ӯ бояд бидонӣ ва ба сухани ҷоҳилони бадкирдор гӯш надиҳӣ. Байтҳои охир монанди насиҳату маслиҳате ба амир Абдулаҳадхон буд, ки чӣ тавр пазируфта шудани он маълум нест. Маълум ин аст, ки фарзанди амир Абдулаҳадхон амир Олимхон муфтӣ Икромро бисёр азият дод ду бор ва бори дувум соли 1918 ба Хузор табъид (бадарға) намуд ва писараш Абдурраҳмонро дар пеши чашми ӯ куштанд. Садри Зиё ба ҳимояи чунин шахсе бархоста буд.[113]

Аз пораи боло маълум нест, ки «айб» ва «гуноҳ»-ҳое, ки душманон ба муфтӣ Икром нисбат медоданд, иборат аз чӣ буд. Аз дигар фаслҳои «Тазкори ашъор», ки аз маорифпарварони машҳуру номашҳур сухан меравад, чунончи дар фасли Сайидҷон-махдуми Назмӣ, ки соли 1918 ба қатл расониданд, дар бораи Садриддини Айнӣ, ки соли 1917 ӯро 75 чӯб ҷазо доданд, дар бораи Абдулвоҳиди Мунзим, ки агар соли 1917 ё 1918 ба даст афтад, ҳатман мекуштандаш, низ Садри Зиё модда ба модда ба айбномаҳо ҷавоб гуфтааст, вале худи он «айб»-ҳову «гуноҳ»-ҳоеро, ки ба онҳо нисбат медоданд, нагуфтааст, фаъолияти фидокоронаи маорифпарварон дар фасле баён нашудааст, ба тамом маълум аст, ки соҳиби тазкира фаъолияти иҷтимоъӣ ва ақидаҳои маорифпарварии онҳоро маъқул медонад ва аз ин сабаб ба ситоиши онҳо пардохта, ба душманони онҳо, ки душмани худи соҳиби тазкира низ буданд, ҷавобе босавоб мегӯяд ва дар бораи соҳибони тарҷума тасаввури дуруст аз рӯйи воқеияти ҳол ба вуҷуд овардан мехоҳад.

---

111 Дисор — ҷома, либоси рӯй.

112 Тазкори ашъор, саҳ. 41.

113 Дар бораи муфтӣ Икром зиндаёд Маъруфи Раҷабӣ дар мақолае ба унвони «Озодмарди фидокор ва ягонаи даврон» ахборе чанд овардааст. Ниг.: *М. Раҷабӣ.* Ба фикри ман, Душанбе Деваштич, 2003, саҳ. 86-92. Рисолаи муфтӣ Икром «Ийқозунноимин ва эъмолулҷоҳилин» соли 2003 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дубора чоп шуд.

Лаҳзаҳои ҷудогонаи муборизаи маорифпарварон бо ҷаҳолатпарастон ва беадолатиҳои иҷтимоъӣ дар дигар нигоштаҳои Садри Зиё омадааст. Чунончи дар рисолаи Садри Зиё «Сабабҳои инқилоби Бухоро», ки чунонки аз номаш маълум аст, пас аз соли 1920 таълиф ёфтааст, аз муфтӣ Икром низ сухан меравад. Садри Зиё аз ҷумла гуфтааст:

*«Гӯши суханшунав куҷо, дидаи эътибор ку? Афсӯс, ҳазор афсӯс, ки касе панду насиҳаташонро нашунид, балки амиру вазир ва уламову умаро муттафиқан ба адоваташ бархостанд. Дар мабодӣ бо ранги истеҳзо, ахиран мартаба носазоҳо мегуфтагӣ шуданд. Дар ҳар маҷлису маърака муқобалату мухосамат менамуданд. Ҳоҷӣ домулло Икром ҳам он қадар соҳиби ҷуръату ҷалодат буданд, ки бо вуҷуди яккаву танҳо будан ва касе тарафдорӣ накардан дар баробари ин ҳама уламои сӯъ ва кордорони шум дар ҳар мартаба мунозараву мудофаъа карда, ҳар як аз масолику муқаддимоти рисолаашонро ба бароҳин исбот ва ба далоил мудаллал менамуданд».*[114]

Чунонки мебинем, ин ҷо оҳанги сухани Садри Зиё ба куллӣ дигар аст. Дар «Тазкори ашъор» сухани ӯ нарм аст, ӯ муфтӣ Икромро ситоишу муаррифӣ мекунад, сифатҳо ва фазлу камоли ӯро баён менамояд, то ба муноидон ҷавоб гуфта бошад. Аммо дар ин пораи насрӣ бо ҳиссу ҳаяҷон ва сӯзу гудоз қалам рондааст. Ин ҷо матонати сухани Садри Зиё монанди устувории муфтӣ Икром дар мубориза аст.

Чун бо густариши равшангарӣ мубориза тезу тунд шудан гирифт, бо «уламои сӯъ ва кордорони шум» талош кардан хеле душвор буд. Медонем, ки бо ҷоҳилон баҳс кардан, маталберо исбот намудан чунон душвор аст, ки тавон гуфт, имконпазир нест. Ҷоҳил ҷоҳилона фарёд мекунад ва касе наметавонад ӯро хомӯш намояд, суханеро ба ӯ маъқул кунонад. Аз ин рӯ олимон аз баҳси ҷоҳилон худдорӣ мекунанд. Дар ибтидои садаи бист дар Бухоро танҳо муфтӣ Икром чунон ҷасорат ва қувваи ботинӣ дошт, ки беибо ба маъракаи ҷоҳилон медаромад, бо онҳо баҳс мекард ва оқибат ҳамаро мулзам менамуд. Танҳо домулло Икром чунин ҷалодату шуҷоат дошт. Дар нимаи дувуми қарни 19 домулло Абдушшакури Оят — падари Садри Зиё соҳиби чунин ҷасорат будааст. Муфтӣ Икром шогирди Абдушшакури Оят буд[115] ва шояд аз устод низ ҷасорату шуҷоат омӯхта ва идомакори устод бошад. Ҳар асру ҳар замоне чунин яккатозони майдони талошҳои маънавӣ доштааст. Мардони майдони адолатҷӯӣ ва равшангарӣ дар чанд асари Садри Зиё низ ба ҷавлонанд.

Аз ин рӯ «Тазкори ашъор» аз дигар тазкираҳо чунин тавофуте дорад, ки силоҳи мубориза дар майдони маорифпарварист, равшангаронро дар арсаи талош қувват медиҳад. Тибқи талаботи жанри тазкира (агар тазкираро як жанри адабиётшиносӣ гуфтан ҷоиз бошад) на нигориши қаҳрамонҳо, балки тавсифу ситоиши онҳо ва таблиғу ташвиқи маорифпарварӣ бештар аҳамият пайдо кардааст. Он солҳо чигунагии муборизаи муборизонро бисёрҳо медонистаанд, маънидоди фаъолияти онҳо, васф ва дастгириву тарғиби ғояҳои маорифпарварӣ бештар аҳамият дошта ва «Тазкори ашъор» чунин рисолате доштааст.

Аз ин ҷо посухи он пурсиш ба даст меояд, ки чаро маъмурони амир соли 1918 чун Садри Зиёро ба зиндон мебурданд, дар байни чанд асари ӯ дастнависи «Тазкори ашъор»-ро низ сӯзонданд. Ба назар мерасад, ки «Тазкори ашъор»-ро ба унвони як намуна аз таблиғу ташвиқи маорифпарварӣ, ба сифати як силоҳи дасти маорифпарварон, ки бар зидди ҷаҳолатпешагон кор мекард, ба кӯи нестӣ фиристодан хостанд.

Чунонки гуфтем, чунин вазифа ки дар «Тазкори ашъор» иҷро шудааст, Садри Зиё дар баъзе осори дигари худ, чунончи дар «Фузалои мутааххирин», «Шуарои мутааххирин», «Тазкиратушшуаро»-и наср, «Наводири зиёъия», «Набзе аз гузоришоти аҳволи бандаи шикастабол» ва ғайра низ адо намудааст. Ин асарҳо ба наср навишта шуда, на танҳо ситоишу тавсифи уламову фузалову шуаро, балки ҷузъиёти мушаххасеро аз фаъолияти амалии эшон низ ёдовар шудаанд. Порае, ки дар боло дар бораи муфтӣ Икроми Акрам ба наср овардем, аз чунин асарест. Баъзеи ин асарҳо пас аз инқилоби 1920-и Бухоро ба қалам омадаанд ва нигоранда бештар имкон доштааст, ки аз баёни тафсилоти мушаххас худдорӣ накунад ва хеле ошкоро қалам биронад. Ин асарҳо дар мавридҳое маълумоти «Тазкори ашъор»-ро хеле такмил медиҳанд. Ба ин ваҷҳ равоншод Саҳобиддини Сиддиқӣ пораҳое аз ин осори насрии Садри Зиё гирд оварда буд, то ба матни «Тазкори ашъор» илова намояд. Ҳамин пораҳои гирдовардаи С. Сиддиқӣ ҳангоми омода кардани чопи «Тазкори ашъор» «Замимаи 2»-ро ташкил карданд.

---

[114] Тазкори ашъор, замимаи 2, саҳ.286.

[115] Ниг.: Тазкори ашъор, саҳ. 41.

Асарҳои зикршуда, ки пораҳояшон дар «Замимаи 2» омадааст, баъзе рӯйдодҳо, ҳикоятҳои ширин, ҷузъиёти воқеаҳо, андешаву мулоҳизарониҳое, ки дар ин пораҳо мебинем, ба гумони қавӣ аз сӯҳбатҳое, ки дар маҳфили адабии Садри Зиё барпо мешуд, сарчашма мегирад. Устод Айнӣ гуфта буд, ки «дар маҷлисҳое, ки дар хонаи Шарифҷон-махдум барпо мешуд.., аз бадкирдориҳои роҳбарони ҳукумат ва калонони ҳамон замон шикоят мерафт, инчунин хубиҳои баъзе касони намоён ҳам зикр меёфт».[116] Устод дар ҷои дигар гӯшрас меоварад, ки аҳли маҳфили адабии Садри Зиё «ҳамеша як навъ ҳаракатҳои оппозиитсионӣ нишон медоданд».[117] Яъне норозигӣ аз тартибот ва зимомдорони замон, зикри хайри онҳое, ки бар зидди помол шудани адолати иҷтимоъӣ, бар зидди ҷаҳолату хурофотпарварӣ мубориза мебурданд, аз мавзӯъҳои асосии сӯҳбатҳои маҳфил буд.

Агар гӯем, ки ҳамин сӯҳбатҳои маҳфили адабӣ дар он пораҳои «Замимаи 2» истифода гардидааст ё таъсири он сӯҳбатҳо зиёд эҳсос мешавад, шояд хато накарда бошем. Чанде аз порчаҳои «Замимаи 2» моломол аз падидаҳои муборизаи сахти маорифпарварон аст. Бештарини он порчаҳо бо таҷрибаи рӯзгорон, бо диди иҷтимоъии нигоранда, бо ҷандалаву ҷонсупориҳои равшангарон сахт вобастагӣ доранд.

Дар бархе аз онҳо фаҳмишу шинохти иҷтимоъии нав, ки аз инқилоби Бухоро ҳосил гардид, гоҳ каме ва гоҳ хеле акс андохтааст; барои ин ки таҷрибаи маорифпарварӣ дар партави замони инқилоб ва дигаргуниҳои иҷтимоъиву сиёсӣ амиқтар фаҳмида шавад, мусоидат кардааст.

Дар таҳрири пасазинқилобии «Тазкори ашъор» ва баъзеи дигар осори Садри Зиё пайкору пархоши маорифпарварон - он соҳибдилони сарбаланд ва хизматгузорони фидокори миллат ҳамоно идома дорад. Нигоранда бо анҷом додани таҳрири тозаи асарҳои худ низ ҳанӯз муборизаи худро давом медод. Дар сафаҳоти осори ӯ рӯҳи поки ду-се насли муборизон ҳозир ва ҳанӯз ба ҷавлон буд, то умед аз оянда бар бод наравад. Равшангарон барои оянда, барои растагории миллат ҷаҳду ҷадал доштанд ва «Тазкори ашъор» барои нерӯ афзудани ин муборизон ёрмандӣ мекард.

## 4

Як масъалаи муҳим, ки аз «Тазкори ашъор» пеш меояд ва ба ақидаи банда таҳқиқи махсуси он дар адабиётшиносӣ зарур аст, масъалаи «шеъри нав» аст.

Садри Зиё бар ин бовар аст, ки дар замони ӯ, яъне аввалҳои қарни 14 ҳ.қ., ки баробари охирҳои қарни 19 ва оғози қарни 20 м. хоҳад буд, дар адабиёти форсии Мовароуннаҳр шеъри нав ба вуҷуд омадааст. Маълум нест, ки ӯ адабиёти форсии тамоми Мовароуннаҳрро ба назар дорад ё не, вале дар ин ки манзури ӯ ҳавзаи адабии Бухорост, шак наметавон овард.

Масъалаи «шеъри нав» аз аввали «Тазкори ашъор», аз боби якум — «Зикри ҳоли муаллиф ва баёни сабаби таълифи «Тазкори ашъор» пеш гузошта шудааст. Тасаввуре ба миён меояд, ки яке аз сабабҳои таълифи «Тазкори ашъор» муаррифии шеъри нав аст. Ӯ мегӯяд:

*Намоям зи шоирфанон интихоб,*
*Кунам зикрашон зинати ин китоб,*
*Аз он софтабъон, ки худ моҳиранд,*
*Валекин раҳи шеъри нав биспаранд.*[118]

Аз байти дувум ҳатто мумкин аст пиндоре пайдо шавад, ки соҳиби тазкира аз «софтабъони моҳир» фақат онҳоеро, ки «раҳи шеъри нав биспаранд», интихоб намудааст. Аз шиносоӣ бо «Тазкори ашъор» ошкор мегардад, ки сарояндагони «шеъри куҳан» низ ба ин тазкира даромадаанд. Чунончи дар боби Гулшанӣ мегӯяд, ки ин шоир «диҳад ёд аз

---

[116] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 7. Саҳ. 26-27.
[117] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 1. Саҳ. 33.
[118] Тазкори ашъор, саҳ. 25.

шоирони куҳан». Дар «Тазкори ашъор» баъзе шоирони дигар низ монанди Гулшанӣ аз «шоирони куҳан» мебошанд. Яъне дар «Тазкори ашъор» ҳадди ақал аз ду навъи шеър намуна омадааст, ки якеро худи Садри Зиё «шеъри нав» номидааст ва дигареро ба ин қиёс «шеъри куҳан» метавон номзад кард.

Бисёре аз мо адабиётшиносон (ва шоирон низ) ба ин пиндор будем, ки шеъри нав дар адабиёти форсии тоҷикии Варорӯд аз солҳои шастуми садаи бистум пайдо шуд ва аз Эрону Афғонистон ба Тоҷикистон омада, ин ҷо боз вежагиҳое пайдо кард. Аммо аз «Тазкори ашъор» маълум мешавад, ки истилоҳи «шеъри нав» дар адабиёти тоҷикӣ аз солҳои 1905-1907 вуҷуд доштааст ё ки аз таҳрири дувуми «Тазкори ашъор», яъне аз даҳаи бисти садаи бист пайдо шудааст.

Пас оё ин ақида дуруст аст? Оё он чиро, ки Садри Зиё шеъри нав номидааст, дар ҳақиқат имрӯз ҳам метавонем чунин номгузорӣ бикунем?

Барои посух гуфтан ба ин пурсиш бояд шеърҳоеро, ки Садри Зиё чун намунаи «шеъри нав» овардааст, аз назар гузаронем ва он гоҳ ба гумони мо ошкор мегардад, ки ақидаи ӯ ҳақиқат дорад.

Таърифи «шеъри нав» дар «Тазкори ашъор» нест ва дар дигар навиштаҳои ӯ ҳанӯз ба назар нарасидааст. Дар «Тазкори ашъор» низ истилоҳи «шеъри нав» як бор дар боби якум дар байте, ки болотар овардем, ба дид омад. Дар мавридҳои дигар муродифҳое аз қабили «услуби тоза» ва «тарзи ҷадид» ва ғайра ба кор рафтааст. Маънои ин истилоҳот маълум шавад, маънои «шеъри нав» низ равшан хоҳад гардид. Бояд бубинем, ки ин истилоҳот нисбат ба чи гуна шеърҳое корбаст омадааст.

Аз ҷумла дар боби Аҳмадҷон-махдуми Абӯсаъидзодаи Ҳамдӣ як шеъри ӯ чунин муаррифӣ шудааст: «Ин ғазали рангин ба услуби тоза ва тарзи ҷадид зодаи табъи ибни Абӯсаъид»:

*Рӯйи чаманат хандазани Пориҷу Маскав,*
*Мӯи зақанат таънадеҳи Ботуму Варшав.*
*Дар тозагӣ, эй рашки бутони загаронич,*[119]
*Дар чобукӣ, эй ибрати хубони фаронсав.*
*Дар давлати ҳусни ту намуд он ки хиёнат,*
*Дар маҳкамаи каҳри ту афтод ба тиргав*[120].
*Абрӯйи ту зинатдеҳи меҳроб ба масҷид,*
*Гесӯи ту ошӯби чалипост ба чиркав.*[121]
*Ҳамрахти рухи содаи ту суффи Тақиев,*[122]
*Ҳамтои танат пахтаи кантӯри Бурислав.*[123]
*Эй атру гул аз накҳати мӯи ту парастуй*[124],
*Аз тобиши рӯят гули атрӣ шуда фалшав.*[125]
*Дар ишки ту машҳури ҷаҳонем ба сайёз,*[126]
*Дар меҳри ту мақбули замонем ба сайлав.*[127]
*Чун нест ба мо дигар аз ин кофия, Ҳамдӣ,*
*Бояд ки заказ карда биёрем зи Маскав.*

Дар ин ғазал «услуби тоза» ва «тарзи ҷадид» бо мафҳумҳои нав, ки дар зиндагии мардум пайдо шудаанд, вобастагӣ дорад. Номҳои наве чун Маскав, Пориҷ (Париж), Варшав, Братислав, ки баъзе аҷибу ғариб ва ғайриодӣ менамуданд, калимаҳое чун «кантӯр» (контора), «загронич», «заказ» (заказ карда овардан) ва ғайра ҳама рамзи ҳаёти тоза, муносибатҳои нави фарҳангӣ ва иқтисодӣ ва сиёсиву иҷтимоъӣ мебошанд, ки пас аз тасарруфи Русия Мовароуннаҳрро пайдо шуда, аз иқтисоди бозаргонӣ ва муносибатҳои

[119] Загронич — русии заграничный, яъне хориҷӣ.
[120] Тиргав — ба ӯбакӣ тафтиш.
[121] Чиркав — русӣ. Церковь, яъне ибодатгоҳ.
[122] Тақиев — номи соҳиби як корхонаи Боку, ки суфаш дар Мовароуннаҳр шӯҳрат доштааст.
[123] Бурислав — Борислава-номи шаҳре дар Лаҳистон.
[124] Парастуй-русӣ: простой, яъне одӣ.
[125] Фалшав — руси: фальшивый, яъне сохта, сунъӣ, бадалӣ.
[126] Сийёз — русӣ: съезд, яъне анҷуман.
[127] Сайлав — ӯзбакӣ: интихоб, интихобот.

сармоядорӣ, ки ба вежа дар ҳудуди ду садаи 19 ва 20 ривоҷ ёфтан гирифт сар задаанд. Он ҷо ки мазмун поя бар навиҳои зиндагӣ ва рамзҳои он дорад, «услуби тоза» ба миён омадааст.

Садри Зиё дар бораи шеъри Садриддини Айнӣ мегӯяд:

*Агар бингарӣ сар ба сар шеъри ӯ,*
*Зи мазмуни пешин наёбӣ дар ӯ.*[128]

Ин аст, ки мазмуни шеъри Айнӣ ба тамом нав будааст. Пас ин «мазмуни нав» иборат аз чӣ бошад? Нахустин шеъре, ки аз Айнӣ барои нишон додани мазмуни тозаи сурудаҳои вай оварда шудааст, як қасидаи машҳури ӯст, ки «қасида... фӣ-л-мусталаҳотилурфия» ном гирифтааст. Ин шеър дар китоби «Ёддоштҳо»-и Айнӣ ба номи «Қасидаи даҳяк» омадааст.[129] Дар «Тазкори ашъор» ин қасида аз 84 байт иборат буда, чанд байти аввалааш (насибаш) ин аст:

*Боз ор зи бозор, шарик, аз пули даҳяк*
*Ҳалвову мураббову кабобу маю шӯрак.*
*Як халта пур аз соягиву пиставу бодом,*
*Як қуттӣ пур аз кӯфтаву руставу пашмак.*
*Асбоби тараб - чангу дутору маю танбӯр,*
*Лозим бувад имрӯз ба зангу наю ғиҷҷак.*
*Дарёб дуҳулзан, ки агар нест нақора,*
*Мутриб натавон ёфт раҳи зеру баму бак...*
*Гармони Ғулом ин ҳама оҳанг надорад,*
*Тайёр кун имрӯз Ашур-қозии думбак.*
*Бе ёри накӯ нест тараб, зуд талаб кун,*
*Он дилбараки хурдтараки ғурраки шӯхак...*
*Ҳушёр шав, аз содадилӣ боз наёрӣ,*
*Онро ки шуда содарух аз зирниху оҳак...*
*Саҳро ба тамошову тараб нек бувад, лек*
*Андар раҳи саҳро натавон рафт ба кӯтак...*
*Гар тангаи даҳяк ҳама шуд харҷ, махӯр ғам,*
*К-имрӯз намонӣ ба ҷаҳон бепулу пучак.*
*Дар асри шаҳаншоҳи карампеша, ки бахшад,*
*Аз дирҳаму динор ба ҳар бор дусад лак...*[130]

Дар ин насиб «мазмуни нав» шояд иборат аз он бошад, ки шеър ба мавзӯъи тозае гуфта шуда, падидаҳои зиндагии лоуболонаи муллобачагон (талабаҳои мадраса), ки базми даҳяк оростан мехоҳанд, номи шириниҳо, асбоби мусиқӣ бархе созандагону сарояндагони машҳуру номашҳур ва ғайра паи ҳам омада, ҳар кадоми онҳо, ба вежа паи ҳам зикр шуданашон рӯҳияи шодмонӣ ва ҳазлу шӯхӣ эҷод мекунад. Вазни шеър ва оҳанги сухан низ сабуку шӯх аст ва он рӯҳияро тақвият мекунад. Бештарини номи шириниҳо ва асбоби тараб ва ғайра «мусталаҳоти урфия»-анд, яъне аз гуфтори одӣ ва гӯиш гирифта шудаанд ва бархе он гоҳ ба забони адабӣ ҳанӯз вуҷуд надоштанд. Ҳангоми омода кардани чопи форсии «Тазкори ашъор» он вожаҳоро, истилоҳот ва маҷозҳои мардумро эзоҳ додан лозим омад.

Ҳамин мавзӯи нав ва лавҳаҳои ҳаёти одии маъмулӣ, ки пеш ба адабиёт дохил нашуда буданд, инчунин унсурҳои муҳовароти урфӣ, ки нав ба забони адабӣ медаромаданд, дар ин қасидаи Айнӣ нишонаҳои шеъри нав аст.

Дар ин фасли «Тазкори ашъор» аз Айнӣ 17 шеър омадааст. Агар сабки шоир ва мӯҳтавои ин шеърҳои ӯ таҳлил шавад, ба назарам масъалаи ин ки Садри Зиё чиро шеъри нав гуфтааст, равшан мегардад. Садри Зиё инчунин гуфтааст, ки Айнӣ «тарзи хос» дорад. Ин таъкидро шояд ба он маънӣ бояд фаҳмид, ки Айнӣ дар доираи «шеъри нав» мавқеи хосеро соҳиб аст. Агар аломатҳои ин «тарзи хоси» Айниро муайян кардан хоҳем, ба фаҳми мо аз ҳама пеш онро ба назар гирифтан лозим аст, ки шеъри ӯ бисёр содаву равон, сабуку хушоҳанг, дар ниҳояти самимият аст. Шеъри Айнӣ тобишҳои реалистии зиёд дорад ва банда дар як навиштаи худ аз унсурҳои реалистӣ дар шеъри Айнӣ (шеъре, ки дар ду даҳаи

---

[128] Тазкори ашъор, саҳ. 152.
[129] Ниг.: *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 7, саҳ. 593-594.
[130] Тазкори ашъор, саҳ. 153-154.

нахустини садаи бист сурудааст) баҳс ба миён оварда будам, ки шеъри ӯ ба реализми маорифпарварӣ, ба оғозгоҳи реализми аврупоӣ наздик аст.[131]

Аз намунаи сурудаҳои шоирон, ки дар «Тазкори ашъор» зиёд омадааст, равшан аст, ки сабки сабуки мардумӣ, шеъри содаву равони дорои унсурҳои гуфтори одӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ дар нимаи дувуми садаи 19 хеле ривоҷ ёфтааст. Аз намунаи сершумори шеъри Шамсиддини Шоҳин ва Абдулмаҷиди Музтариб ва дигарон, ки дар «Тазкори ашъор» омадааст, мебинем, ки сабукии мардумӣ ва унсурҳои гуфтори одӣ матонату устувории сухани шоиронаро кам накардааст. Шеъри нав паст шудани маҳаки шоирӣ нест, балки пайдоиши сифати тозаи эстетикист. Ба ин ҳақиқат дар боло аз шеъри Айнӣ бовар ҳосил кардем.

Дар баъзе мавридҳо матонати сухан гӯё андак паст шудааст. Чунончи дар ин шеъри Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, ки дар «Тазкори ашъор» мисоли истифодаи «мусталаҳоти урфӣ» аст:

*Саҳар ба кӯи харобот турфа валвала шуд,*
*Ба саъйи пири мугон хуми май магар яла шуд.*
*Манам, ки дину дил хуш доштам вақте,*
*Ба ғорати нигоҳу нозу ғамзаат тала шуд.*
*Ду рӯз шуд, ки асират набуд ҷуз дили ман,*
*Кунун хунобахӯри наргиси ту як ғала шуд.*
*Сари калобаи аҳволи марду зан гум гашт,*
*Зи куфри турраи зулфи ту шаҳр ҳалҳала шуд.*
*Магар муолиҷи Ҳайрат шавӣ зи нармии васл,*
*Ки ногаҳе шаби ҳаҷри гузаштаат хала шуд.*[132]

Оҳанге наздик ба гуфтугӯи одӣ, таъбиру маҷозҳои халқӣ ва калимаҳои маҳаллие чун яла, ғала ва ғайра, ки дувуми инҳо туркии ӯзбекист, дар ин ғазал унсури умдаи «шеъри нав» аст.

Ҷуз ин, ғазале аз Ҳайрат омадааст, ки «дар ағлоти урфия» будааст. Матлаъи он ғазал ин аст:

*Гашт дил волаву шайдои ту, майлаш-дия-е,*
*Рехт хунам ба таманнои ту, майлаш-дия-е.*[133]

Аз ибораи «ағлоти урфӣ» манзур радифи ин шеър «майлаш-дия-е» мебошад. «Ағлот» ҷамъи «ғалат» аст. Яъне Садри Зиё таркиби «майлаш-дия-е»-ро аз ғалатҳои гуфтугӯи одӣ мешуморад. Бо вуҷуди ин, онро дар шеъри нав шояд ҷоиз дониста бошад, ки намуна овардааст.

Ба ҳар ҳол унсурҳои «муҳовароти урфия», гуфтори омиёна, маҷозҳои халқӣ ва ташбеҳу истиораҳои тоза, ки аз «муҳовароти урфия» гирифта шудаанд, нахустин аломати «шеъри нав» дар «Тазкори ашъор» аст.

5

Итминон тавон дошт, ки истилоҳи «мазмуни нав» ҳама мавзӯъҳои тозаеро, ки маорифпарварӣ ба адабиёт ворид овард, дар бар мегирад. Яке аз мавзӯъҳои замони нав мавзӯи Ватан ва ватанпарварӣ буд. Вожаи «ватан» мазмуни иҷтимоъӣ гирифт: на танҳо зодгоҳ ва бомгӯаи падар, балки будгоҳи миллатро чунончи марказҳои бузурги фарҳанг Бухоро ва Самарқандро низ ифода намуд. Бухорову Самарқанд ва фарҳанги бостонии онҳо (он чӣ имрӯз тамаддуни бузурги шаҳрӣ меномем) мояи ифтихори маорифпарварон буд. Яке

---

[131] Ниг.: *М. Шукуров.* Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ. Душанбе, Ирфон, 1987, саҳ. 15-56.
[132] Тазкори ашъор, саҳ. 81.
[133] Ҳамон асар, саҳ. 80.

аз беҳтарин намунаҳои шеъри ватандӯстӣ шеъри Абдурраufи Фитрат бар васфи Бухорост, ки матлаъаш ин аст:

*Эй модари азизи ман, эй хиттаи Бухор!*
*Эй бо ту ифтихораму в-эй бо ту эътибор*![134]

Мутаассифона, Садри Зиё нагуфтааст, ки «мазмуни нав»-ро ба чӣ маънӣ бояд фаҳмид. Лекин ба ин пурсиш аз шеърҳое, ки ӯ мисол овардааст, посух ёфтан мумкин аст. Ба ин маънӣ, ки мавзӯъи Меҳан ва меҳанпарварӣ аз муҳимтарин рукнҳои «шеъри нав» аст, аз он ҷо тавон пай бурд, ки дар фасли Айнӣ як шеъри ӯ бо номи «Дар мадҳи Самарқанду Бухоро» омадааст. Ин шеър дар Куллиёти Айнӣ (ҷ. 8, саҳ. 225-226) бо номи «Самарқанду Бухоро» дида мешавад ва нахустин бор дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» соли 1919 (№11) чоп шуда буд, вале аз эҳтимол дур нест, ки пас аз ҳиҷрати Айнӣ ба Самарқанд соли 1917 ё баъди ба дасти ҷаллодони амири Бухоро кушта шудани додари ӯ Сироҷиддин, яъне соли 1918 гуфта шуда бошад. Аммо ба «Тазкори ашъор» кай дохил шудани он маълум нест. Ба ҳар ҳол ба «Тазкори ашъор» дохил шудааст ва ин аз чанд ҷиҳат аҳамият дорад.

Якум. Ба «Тазкори ашъор» дохил шудани шеъри «Дар мадҳи Самарқанду Бухоро» гувоҳӣ медиҳад, ки ин ду шаҳри бузург, инчунин мавзӯи Ватан ва дирӯзу имрӯйи он аз муҳимтарин мавзӯъоти маорифпарварӣ будааст ва аз ин рӯ шеъри мазкур ба охири фасли Айни илова гардидааст. Аз шеъри зикршудаи Фитрат ва ин шеъри Айнӣ ошкор мегардад, ки дар ду даҳаи аввали садаи бист ёди таърихӣ мӯҳтавои тозаи иҷтимоъӣ пайдо карда ва амиқ рафта, ба мояи ифтихори миллӣ табдил ёфта, ба раванди худшиносии таърихиву фарҳангии миллат мусоидат намудааст. Шеър ин тавр шурӯъ шудааст:

*Ҳаббазо, шаҳри Самарқанди биҳиштитимсол,*
*Ҷуз биҳишташ ба тароват натавон ёфт мисол.*

Шоир пас аз ҳафт байт ба ситоиши Бухоро мегузарад:

*Ин ҳамон мулки Бухорост, зи ҷаҳди аҳлаш,*
*Манбаъи илм ба ислом шуда чандин сол.*

Ба фикри мо, агар ин ифтихори ватандӯстона ва ғамхорӣ дар ҳаққи Ватанро як мавзӯъи «шеъри нав» дар ду даҳаи аввали садаи бист бишуморем, аз тасаввуроти Садри Зиё дур нахоҳем рафт, баръакс ба он наздик хоҳем шуд.

Дувум. Он мавзӯи анъании адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ки шикоят аз замон ва поймол шудани адолати иҷтимоъӣ ва афзоиши ҷавру зулм аст дар ҳамбастагӣ бо мавзӯи ватан ва ифтихори миллӣ маънои наве пайдо кард ва он маънои нав ин аст, ки як мавзӯи муҳимми иҷтимоъиву сиёсӣ бештар бо тобиши маънавӣ ба ҷилва омад. Мавзӯи Ватан ва ифтихори миллӣ (ифтихор аз ин ки Бухоро ва Самарқанд дар тӯли асрҳо маркази илму фарҳанг буданд, ифтихор аз Имоми Бухорӣ ва Ибни Сино ва Абӯлайси Фақеҳ, аз Сомониён ва эҳёи маънавии даврони Сомонӣ), мавзӯи ёди фарҳангӣ ва тақвияти ҳисси миллӣ мавзӯъҳои вобаста ба маънавиятанд ва бо мавзӯъҳои иҷимоъиву сиёсии замон омехтани онҳо чунин натиҷа дод, ки ормон (идеал)-ҳои маорифпарварӣ бунёди маънавии адабиётро қувват дод.

Инро аз он ҷо мебинем, ки дар шеъри мазкури Айнӣ шикоят аз замон ва беадолатиҳои он бо ифтихори миллӣ ва ҳофизаи фарҳангӣ як шуда, тобиши тозаи аҷибе гирифтааст. Шикоят аз замон дар шеъри устод бо нерӯйи азиме садо медиҳад:

*Меҳру шафқат ба ҷаҳон нест, агар ҳаст, риё,*
*Одамият ба замон нест, агар ҳаст, хиёл.*
*Мил бар дида гузоранду бигӯянд: хамӯш,*
*Тир бар сина халонанду бигӯянд: манол.*

[134] Ниг.: Намунаи адабиёти тоҷик., саҳ. 533.

*Ёрманд̣ӣ ба банӣ-навъ бидонанд ҳаром,*
*Хуни ислом ба ислом бидонанд ҳалол.*
*Ҳокими шаръ мутеъ аст ба амри авбош,*
*Муфтии шаръ асир аст ба дасти арзол.*
*Ҳукми такфири мусулмон биситонанд ба зӯр,*
*Амри татҳир зи исён бифурӯшанд ба мол.*
*Ҳоли мо сахт парешон шуда, эй фахри расул,*
*Дастгирӣ накунӣ, зуд яқин аст завол.*
*Чашми лутфе тарафи олами ислом фикан,*
*Дасти меҳре ба сари уммати мазлум бимол.*[135]

Дар худи ин байтҳо ҳам зулми иҷтимоъӣ гоҳ масалан, он ҳангом, ки сухан аз шариъатфурӯшӣ ва такфир меравад, обу ранги маънавӣ мегирад ва ба зулми маънавӣ табдил меёбад. Аммо ин байтҳо бо байтҳои боло, бо гузаштаи пурифтихори Самарқанду Бухоро, бо номи Имоми Бухорӣ, Ибни Сино, Абӯлайс ва Сомониён алоқаманд шуда, дарунмояи маънавии рӯҳияи ситамситезиро яке бар чанд меафзоянд.

Моҳияти маънавӣ пайдо кардани мафҳуми ситам ва ситамситезӣ дар адабиёти маорифпарварӣ чунин маънӣ дорад, ки мафҳуми «зулми иҷтимоъӣ» танҳо бо азоби ҷисмонии инсон маҳдуд нашуда, маънии амиқтаре гирифта ва ҷаҳони рӯҳонии инсонро низ дар бар овард.

Банда дар ҷои дигар бо мисоли «Рӯзнома»-и Садри Зиё гӯшрас оварда будам, ки дар адабиёти маорифпарварӣ мафҳуми зулм бештар аз категорияи иҷимоъӣ ба категорияи маънавӣ гузаштааст ва ин аз амиқрафти биниши иҷимоъии равшангарони тоҷик дарак медиҳад.[136] Дар натиҷа инсонгарой ва гуманизм маънои баландтар ва амиқтар ба худ гирифт.

Он ҷо чунин ёдовар шуда будем, ки адабиёти шӯравӣ аз ин роҳ гашт. Дар адабиёти шӯравӣ мафҳуми зулм танҳо маънои иҷтимоъӣ дошта, ҳамин маънои иҷтимоъӣ ҳам тангтар шуда, ба маънои зулми иҷтимоъии синфӣ меояд ва то «Ёддоштҳо»-и Айнӣ аз ранги маънавӣ ба тамом ориву барӣ буд. Ба ин маънӣ адабиёти шӯравӣ аз адабиёти маорифпарварӣ хеле дурӣ ҷуста, ақиб рафт.

Адабиёти маорифпарварӣ ҳастии ҷисмониву рӯҳонӣ ва моддиву маънавии инсонро ҳамбастаи якдигар ба баррасӣ гирифта буд. Ин ҳамбастагӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ормонҳои зебоишинохтӣ (идеали эстетикӣ)-и маорифпарварони тоҷик хеле баланд рафта буд.

Инъикоси болорафти меъёрҳои маънавӣ ва ормонҳои зебоишинохтии маорифпарварӣ дар асар яке аз нишонаҳои «шеъри нави» форсии тоҷикӣ дар ду даҳаи аввали садаи бист аст. Ба ин ҳақиқат пештар аз ҳама аз «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё бовар ҳосил мекунем.

Дар охир инро низ бигӯем, ки шеъри Айнӣ «Дар мадҳи Самарқанду Бухоро» дар «Тазкори ашъор» 29 байт дорад, аммо дар Куллиёти Айнӣ 22 байт аст. Тартибдиҳандагони ҷилди 8-и Куллиёт Салоҳати Айнӣ, Холидаи Айнӣ ва Камоли Айнӣ дар тавзеҳот хабар додаанд, ки аз матни ин шеър байтҳои 5,14,19,26,28, яъне 5 байтро ихроҷ кардаанд.[137] Сабаби ин ихроҷ шояд мазмуни динии байтҳо бошад. Агар ба матни Куллиёт он 5 байти ихроҷшударо низ илова кунем, матн иборат аз 27 байт хоҳад шуд. Яъне дар ин сурат ҳам матни ин шеъри Айнӣ дар «Тазкори ашъор» ду байт бештар дорад. Инро барои муҳаққиқони шеъри Айнӣ гӯшзад меорем. Ғайр аз ин, баъзе байтҳо дар «Тазкори ашъор» аз Куллиёт фарқ доранд. Инро низ ба назар гирифтани мо даркор аст.

## 6

Барои фаҳмидани ин ки мафҳуми «шеъри нав» дар «Тазкори ашъор» чи паҳлӯҳо дорад, ба назари мо, фасле ки дар бораи Абдурраӯфи Фитрат аст, ҷолиб менамояд.

Шарҳи ҳоли Абдурраӯфи Фитрат дар «Тазкори ашъор» аз ду бахш иборат аст: бахши кӯчаке ба солҳои ҷавонӣ («бадви ҳол»)-и ӯ ва бахши бештаре ба солҳои ширкати вай ба инқилоб ва дар ҳайъати ҳукумати ҷумҳурии Бухро бахшида шудааст. Оҳанги сухан дар ин

---

[135] Тазкори ашъор, саҳ. 1601-61.
[136] Ниг.: *Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ.* Садри Бухоро, Теҳрон, Маркази аснод ва таърихи дипломусӣ, 1380 ҳ.қ.=2002 м., саҳ. 61-62.
[137] Ниг.: *С. Айнӣ.* Куллиёт, ч. 8, саҳ. 481.

ду бахш аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунад, хилофи якдигар аст. Дар бахши якум аз фаъолияти маорифпарварӣ ва шеъри иҷтимоъии ӯ бо хайрхоҳӣ ва оҳанги қабулдошт сухан рафта, дар бахши дувум мароми маслаки Фитрат, дурусттар он ки бемаслакӣ ва беимонии вай сахт танқид шудааст.

Аз бахши якуми ин фасл баъзе нишонаҳои «шеъри нав»-ро тавон дид.

Садри Зиё албатта бо назардошти он шеърҳои Фитрат, ки дар маҷмӯаи «Сайҳа» соли 1329=1911 чоп шуда ба гуфти Айнӣ «ба хонандагон чун қувваи электр таъсири сареъ ва қавӣ» кардааст,[138] дар бораи фаъолияти маорифпарварӣ ва адабии ӯ чунин мегӯяд:

*Ба ашъори миллӣ, ба эҳкоми дин,*
*Ба эҳёи суннат, ба рои матин.*
*Ба аъдои миллат басе қилу қол*
*Намудӣ ба сад ҷаҳд дар бадви ҳол.*[139]

Ин ҷо  вожаи «миллат» комилан маънои иҷтимоъӣ дорад ва «ашъори миллӣ» ба фаҳми мо ашъореро гуфтааст, ки дарди дили миллатро мегӯяд, бо душманони миллат меҷангад, барои эҳёи анъанаҳои мазҳабиву маънавии миллат хидмат мекунад.

Ин маънидод аз он ду байти Садри Зиё ҳосил мешавад ва фаҳмиши ӯро ифода мекунад. Аз ин мебарояд, ки Садри Зиё ба шеъри иҷимоъӣ ва фаъолияти маорифпарварии Абдуррауфи Фитрат бисёр  баҳои баланд додааст. Устод Айнӣ ҳам ба Фитрат чунин баҳо дода ва гуфта буд: «Дар таърихи инқилоби Бухоро Фитрат ва асарҳои вай мавқеи муҳимме доранд»[140].

Аз он чи ин ҷо Садри Зиё гуфтааст, ибораи «аъдои миллат», яъне душманони миллат ба назари мо хеле муҳим метобад. Шоир киро «аъдои миллат» мегӯяд? Ба диди ӯ «душманони миллат» киҳоянд? Посухи ин пурсишро ба фикри мо бояд аз он ҷо биҷӯем, ки Абдуррауфи Фитрат то соли 1917 ба муқобили киҳо мубориза мекард. Аз асарҳое, ки Фитрат дар даҳаи  дувуми садаи бистум ба форсии тоҷикӣ навиштааст (яъне ба ҷуз чизҳое, ки шояд ба туркии усмонӣ навишта ва дар Туркия чоп карда бошад, ки мо аз онҳо ҳанӯз огоҳӣ надорем), яъне аз назму насри онвақтаи ӯ маълум аст, ки ҳама фаъолияти равшангарӣ ва сухани бадеъии ӯ ба муқобили зулми иҷтимоъӣ  ва ҷаҳлу ҷаҳолат, бар зидди ҳукуматдорони бесалиқа ва ноинсоф, уламои манфиатҷӯву худғараз ва муллоҳои ҷоҳил, бар зидди онҳое, ки андешаи миллӣ надоранд ва монеъи пешрафти миллатанд, равон шуда буд. Ҳаминҳоянд, ки Фитрат ҳадафи тири адоват қарор дода буд. Пас ҳаминҳо «аъдои миллат»-анд.

Он ду байти боло хоҳ пеш аз инқилоб навишта шуда бошад, хоҳ пас аз инқилоб, аз он ҷиҳат муҳим аст, ки Садри Зиё душманони равшангариро «аъдои миллат» медонад ва ҳол он ки худи ӯ ҳам аз равшангарон буд ва низ бо «аъдои миллат» пайкор дошт. Пас пархоши Садри Зиё ва Фитрат ва ҳаммаслакоти онҳо на рӯйдоде хусусӣ, балки бахше аз муборизаи роҳи растагории миллӣ буд. Ин фаҳмиш аз он ҷиҳат муҳим аст, ки Садри Зиё монанди баъзе маорифпарварон (на ҳамаи онҳо) моҳияти таърихии муборизаи худро амиқан дарк намудааст.

Хулосаи дигар аз ин ҷо ҳамин аст, ки адабиёти тоҷикии ду даҳаи оғози қарни бист адабиёти миллӣ шуда истода буд. Пайдоиши истилоҳи «ашъори миллӣ» аз ҳамин ҳақиқат гувоҳӣ медиҳад. Мо аз бобати пайдоиши адабиёти миллӣ дар дигар як навиштаи худ сухан рондаем ва ҳоло ҳамин ишораро басанда медонем.

Ин ҷо сазовори таъкид он аст, ки Садри Зиё ҳамаи ашъори иҷимоъии Фитратро, яъне қариб тамоми ашъори мавҷудаи ӯро ба ҷуз ашъори ишқии ӯ, ки дар аввали кор бо тахаллуси Миҷмар гуфта буд, шеъри нав ба шумор меорад. Инро ӯ худ нагуфтааст вале ба қиёс тавон пай бурд. Ӯ шеъреро, ки мазмуну мӯҳтавои тозаи замонӣ дорад, шеъри нав номидааст ва ҳол он ки ашъори Абдуррауфи Фитрат ҳама дар мавзӯъу мазмун маҳсули замони нав буданд. Чунонки дар болоҳо дидем, дар «Тазкори ашъор» на танҳо унсурҳои гуфтугӯӣ (ҳатто «ағлоти урфӣ»), маҷозҳои мардумӣ, ташбеҳу истиораҳои нави ҳаётӣ,

---

[138] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, Душанбе, «Адиб», 1987, саҳ. 102.
[139] Тазкори ашъор, саҳ.116.

мазмуну мавзӯъҳои тоза, ки ба замони нав ва ормонҳои маорифпарварӣ вобастагӣ доранд, аз ҷумла ҳиссиёти меҳанпарварӣ ва мадҳи Самарқанду Бухоро ва монанди инҳо мутааллиқ ба «шеъри нав» дониста шудаанд. Модомки чунин аст, ки ба маънои иҷтимоъии миллат, ба ин мафҳуми нави садаи бист алоқаманд аст ва дарду аламҳои миллатро баён мекунад, шеъре, ки силоҳе дар ҷанги бо «аъдои миллат» аст, барои «эҳкоми (устувор кардани) дин» ва «эҳёи суннат» мусоидат менамояд, низ бояд мутааллиқ ба «шеъри нав» дониста шавад. Мантиқи андешаронихои соҳиби тазкира ҳамин аст. Бинобар ин дар қисми намунаҳои шеъри Абдурраүфи Фитрат як мусаддаси ӯ оварда шудааст, ки дар бораи дини мубини ислом дар қарни бист ва зарурати устувор кардани пояҳои ислом аст.

Мавзӯи дин ва ашъори мазҳабӣ дар адабиёти форсии тоҷикии садаи 19 ё 20 чизи нав набуд, балки анъанаҳои бостонӣ дошт, лекин шикасти кишварҳои исломӣ дар ҷангҳои бузург ба он тарз ки дар садаи 20 рӯй дод, як рухнамуди бадфарҷоми замони нав талаққӣ шудааст. Дар ҳақиқат ин шеъри Фитрат худ як рухдоди муҳим дар адабиёти форсии тоҷикии садаи бист аст, ки эҳсосоти мазҳабии мардумро ба тарзи нав ва хеле пурсӯз ифода месозад. Шоир аҳли Исломро ба муборизаи сахт даъват мекунад.

*Эй уммати Муҳаммад, эй бандаи Худой,*
*Дини ту мондаст ҳаме дар доми бало.*
*Бархез, то ману ту зи баҳри наҷоти ӯ,*
*Созем молу ҷону сари хеш фидо.*
*Ё ҷон диҳем дар раҳи Ислом мардвор,*
*Ё мурдавор ҷой бигирем дар мазор.*[141]

Чунин шеър худ як намуна аз пархошҳои роҳи эҳёи миллӣ, роҳи эҳёи анъанаҳои маънавии миллат, намунае аз муборизаи миллии озодихоҳии мардумии тоҷик буд. Чунин шеъри олиро, ки натиҷаи муборизаи озодихоҳии миллӣ буда, эҳсосоти баланди муборизонро ифода кардааст ва навиҳое дар шакл, чунончи дар қофиябандӣ низ дорад, ҳақ дорем шеъри нав бигӯем. Банда бовар дорам, ки Садри Зиё низ онро чун намунаи шеъри нав овардааст. Аммо маснавии «Мавлуди шариф», ки низ чун намунаи эҷодиёти давраи маорифпарварии Фитрат омадааст, албатта шеъри маорифпарварист, вале шеъри нав нест. Ин асар ҳам дар мазмун ва ҳам дар шакл шеъри анъанӣ буда, аз ин ки дар эҷодиёти баъзе шоирон, шояд дар осори бештарини онҳо, аз ҷумла дар эҷодиёти Фитрат пеш аз инқилоб тарзи нав ва анъанӣ баробар вуҷуд дошт, гувоҳӣ медиҳад. Шояд дар байни сурудаҳои шоироне, ки «раҳи шеъри нав биспаранд», шеъри кӯҳан зиёдтар бошад.

7

Дигар намунаҳои шеъри нав низ аз «Тазкори ашъор» шояд ёфт шавад. Бархе аз падидаҳои он аз ҳавзаи адабии Самарқанд, Истаравшан, Хуҷанд, Ҳисор ва ғайра дар ду даҳаи аввали садаи бист ё пештар аз он шояд ба даст ояд. Ба назари банда ҳоло роҳи ҷустуҷӯи падидаҳои гуногуни «шеъри нав» аз адабиёти тоҷикӣ боз аст.

Ҳоло натиҷагирии мо бояд ин бошад, ки Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» нишонаҳои «шеъри нав»-ро нагуфта бошад ҳам, муҳим он аст, ки аз пайдоиши он мужда расонидааст, намунаи зиёде аз он чунон интихоб кардааст, ки аз онҳо хусусиятҳои шеъри навро дидан мумкин аст. Аз ин намунаҳо ва аз баъзе ишораҳои Садри Зиё ошкор аст, ки «услуби тоза» ва «тарзи ҷадид» ва «сабки нав» падидаҳои гуногун дорад. Мо дар боло аз байни ин падидаҳо истифодаи «муҳовароти урфия» ва мазмуни нав (акси мазмуни пешин — «зи мазмуни пешин набинӣ дар ӯ») ва эҳсосоти иҷтимоъии тоза чун меҳанпарварӣ ва ёди фарҳангӣ (ҳофизаи маданӣ) ва ифтихори миллӣ ва мубориза дар роҳи «эҳкоми дин» ва «эҳёи суннат» (яъне эҳёи мазҳабиву маънавии миллат), қолабшиканӣ дар сохтори шеър, қофиябандии нав (аз қабили: *аабавв* дар шеъри Абдурауфи Фитрат «Ҷанги Болқон»)-ро

---

140 *С. Айнӣ*. Ҳамон асар, саҳ. 111.
141 Тазкори ашъор, саҳ. 168.

дидем. «Шеъри нав» аз нахуст як мафҳуми пургунҷоиши гуногунпаҳлӯ будааст ва бисёр дигаргуниҳоеро, ки ҷунбиши маорифпарварӣ ба мазмуну шакли шеър ворид овард, дар бар мегирифтааст. Шеъри нав яке аз муҳимтарин бозовардҳои маорифпарварӣ дар адабиёт буд.

Гумон мекунам, акнун ҳақ дорем аз доираи «Тазкори ашъор» андак сар берун бикашем ва боз як намунаи «шеъри нави» он солҳо (ду даҳаи аввали садаи бист)-ро, ки Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» зикр накардааст, ба мутолиа бигирем, то тасаввури мо дар ин масъала пурратар бошад.

Банда соли 1997 дар як мақолаи худ таъкид карда будам, ки дар даҳаи якуми садаи бистум кӯшиши дигаре ҳам дар қолабшиканӣ рӯй дода, дар вазни шеър низ дигаргуние пайдо шуда будааст[142]. Банда он ҷо ин қитъаи Садриддини Айниро, ки соли 1324 ҳ. қ. = 1907 м. гуфтааст, оварда будам, ки вазни мисраъҳои он баробар нест:

Субҳоноллоҳ,
Имрӯз ба мо ҳодисае саъб расид,
гаштем хароб
Аз хоҳиши чархи фалаки дӯлобӣ.
Оҳи бепоён каш, пурсанд чӣ ҳол?
Баргӯй: бад ҳол!
Ҷангидани ғиҷдувониву кӯлобӣ,
ин аст ҷавоб.[143]

Ин шеър шояд дар замонаш шӯҳрат надошта бошад, ки қолабшикании сарояндаи он аз назари Садри Зиё ва дигарон дур мондааст. Ва ҳол он ки хеле ҷолиб аст. Ҷолибият иборат аз он аст, ки ин шеър ба вазн рубоъӣ, ба қофиябандӣ қитъа аст. Агарчи ба вазни ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар (ва маҷбуб) омада аст, рубоъӣ нест, чаро ки қофиябандии он ба таври қитъа мебошад. Фиқраи мустазоди он низ гӯё қофиябандии номаълум дорад. Мисраъи дувум мустазод нест, дурусттар он ки фиқраи мустазоди он дар аввали шеър омадааст, ки «субҳоноллоҳ» аст. Яъне қоидаи мустазод вайрон шудааст ранге ғайри чашмдошт гирифтааст. Гумон меравад, ки ин ҷо устод Айнӣ қолабшикании ҷасурона зоҳир намудааст.

Қатъи назар аз он ки монанди ин шеъре дар адабиёти форсии тоҷикии даҳаи якуми қарни бистум ё пеш аз он ва ё пас аз он вуҷуд дошт ё не, ҳатто дар сурате ки ҳамин яке будаву бас, кӯшиши қолабшиканӣ, кӯшиши навоварӣ дар вазну қофияро қадаме ба сӯи он чи «шеъри нав» номидаанд, метавон донист. Агарчи ин кӯшиш ҳанӯз чандон натиҷае надодааст, аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки аз сар шудани ҷустуҷӯи роҳхои навангезӣ огоҳӣ медиҳад.

Гуфтанист, ки имрӯз адабиётшиносони Эрон низ нисбат ба он қитъарубоии мустазоди устод Айнӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карданд[144]. Бегумон ин шеъри устод, дигар шеърҳое, ки Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» ба унвони шеъри нав овардааст ва ғайри он агар бо шеъри форсии Эрону Афғонистони оғози садаи бист муқоиса шавад ва ба алоқамандӣ баррасӣ гардад, натиҷаҳои муҳимме барои таърихи адабиёти форсии муштараки мо ба даст хоҳад омад.

8

Шеъри нав дар адабиёти маорифпарварии тоҷикони Мовароуннаҳр оқибат ба ғояи инқилобӣ расид ва баландтарин нуқтаи инкишофи шеъри нави маорифпарварии тоҷикӣ шеъри инқилобист. Ба ақидаи мо шеъри машҳури Садриддини Айнӣ «Суруди озодӣ» (ё «Марши ҳуррият»)-ро баландтарин ва охирин дастоварди шеъри нави маорифпарварии тоҷикӣ метавон ба ҳисоб гирифт.

---

[142] Ниг.: *Муҳаммадҷони Шакурӣ*. Сайри адабии Садриддини Айнӣ ва марҳалаҳои он. «Номаи Фарҳангистон»(-и забону адаби форсӣ), соли севум, пойизи 1376 ҳ.қ.= 1997 м., №11, саҳ. 81; Ҷашнномаи Айнӣ, ч. 9. Душанбе, Дониш.. 2002, саҳ. 49-50.
[143] *Айнӣ*. Куллиёт. Ҷ. 8. Саҳ. 167.
[144] Ниг.: *Алиасгари Буванди Шаҳриёрӣ*. Сайри таҳаввули шеъри нав дар адабиёти тоҷикӣ, рисолаи номзадӣ (дуктуро), дастнавис, Теҳрон — Душанбе, 2002, саҳ. 48-49.

Ин шеър низ дар «Тазкори ашъор» нест. Бо вуҷуди ин, бояд онро аз назари баррасӣ бигзаронем, зеро баҳси шеъри нави тоҷикиро бидуни ин сурудаи Садриддини Айнӣ наметавон ба ҷое расонид.

Садридддини Айнӣ «Суруди озодӣ» («Марши ҳуррият»)-ро соли 1918, яъне пас аз пирӯзии инқилоби севуми Русия (октабри соли 1917) дар Самарқанд ба қалам гирифтааст. Рӯзи ҷашни нахустин солгарди таъсиси ҳокимияти шӯравӣ шогирдони Айнии омӯзгор онро суруда ба ҷашнгоҳ омада буданд. «Суруди озодӣ» ба ҳавои «Марселйеза» — суруди инқилобхоҳони фаронсавӣ, ки ҳоло суруди миллии Фаронса аст, гуфта шудааст. Ва саропо аз хитобу даъватҳои инқилобӣ иборат аст. Инак ду банди он:

*Эй ситамдидагон, эй асирон!*
*Вақти озодии мо расид.*
*Муждагонӣ диҳед, эй рафиқон!*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.*

*То ба кай ғусса хӯрдан ба ҳасрат,*
*Баъд аз ин шодмонӣ намо!*
*Бас ҷафо, бас ситам!... Эй адолат!*
*Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо!*

Ин хитоби шӯълавари инқилобӣ мазмуни наве ба адабиёти тоҷикӣ овард. Шакли ин шеър низ комилан тоза буд. Айнӣ барои ифодаи оҳанги «Марселйеза» аз рукнҳои ду баҳри арӯз як вазни нав сохтааст. Ӯ дар номае ки ба Мирзо Турсунзода 27 декабри 1948 навишта буд, гуфтааст: «Вазни ин сурудро мувофиқи шеъре, ки ба русӣ ба хамин вазн гуфта шудааст, ба хусусияти вазни шеъри тоҷикӣ тақтеъ карда, дар охир ҳамин вазнро баровардам:

*Фоилун, фоилун, фоилотун*
*Фоилун, фоилун, фоилотун (ду бор)*

Дар нақароти ин суруд

*Фоилун, фоилун, фоилотун (2 бор) ва*
*Фоилун, фоилун, фоилун (1 бор)* [145]

«Фоилун рукни солими баҳри мутадорик буда, дар натиҷаи илова кардани як ҳиҷо дар охири баъзе мисраъҳо фоилотун шудааст, ки рукни солими баҳри рамал мебошад. Пас вазни «Марши ҳуррият» дар асоси омезиши рукнҳои аслии баҳрҳои рамал ва мутадорик ба миён омадааст, ки дар таърихи арӯз ҳодисаи нав мебошад»[146].

Устод Айнӣ дар ин ҷо ба сохтори шеър чанд дигаргунӣ дохил кардааст, ки яке аз онҳо қофиябандии нав аст. Вай қофияи мураббаъ (ааба)-ро ин тавр тағйир додааст: *аабб, абаб.*[147] Яъне ин бандҳо танҳо ба эътибори шумораи мисраъҳо мураббаъанд, аммо аз ҷиҳати қофиябандӣ навъи нави шеъранд, ки ҳар банди он мумкин қофиябандии дигаре дошта бошад... Аз ҷумла қофияи ду-ду, яъне маснавигуна — *аабб*, ки шояд онро қофиябандии маснавигун номидан мумкин бошад. Гоҳ қофия ба тарзи *абаб* меояд, ки банда онро қофияи якдармиён номгузорӣ карда будам, гоҳ ба шакли *абба* медарояд, ки онро банда қофияи дудармиён ном дода будам.

Ин тарзи қофиябандиро дар шеъри Абдуррауфи Фитрат «Ҷанги Болқон» низ дида будем. Чи дар он шеъри Фитрат ва чи дар шеъри Айнӣ «Суруди озодӣ» ин тартиби қофиябандӣ аз шеъри урупоӣ ва русӣ омад.

Ба ин тариқ дар қофиябандии шеъри тоҷикӣ як усули нав ба миён омад, ки барои пайдо кардани навъҳои тоза ба тоза дар қофиябандӣ роҳ кушод. Бо «Суруди озодӣ» дар вазн низ усули тоза пайдо шуд, ки имкон дод бо истифодаи унсурҳои баҳрҳои гуногун вани

---

145 Аз мактубҳои Айнӣ ба адибони тоҷик. «Шарқи сурх», 1956, №4, саҳ. 109.
146 *С.Давронов.* Вазни ашъори Абулқосими Лоҳутӣ, Душанбе, Дониш, 1974, саҳ. 8.
147 Таърихи адабиёти советии тоҷик, ҷ. 1. Душанбе, 1984, саҳ. 175.

арӯзии нав ба нав ба даст оварем. Дар натиҷа ба зобитаҳои арӯз рахна расид, вале ин қонуншиканӣ боиси аз байн рафтани тартибу қоидаи қатъӣ нагардид, балки қонунмандии тоза ва низоми нав эҷод кард ва равиши тозае барои ин ки шеър ба роҳҳои такомул бидарояд, пеш овард.

Ба ин маънӣ он раванде, ки дар шеъри нави тоҷикӣ аз аввалҳои садаи 14 ҳ.қ., яъне аз охир садаи 19 ё аввали садаи 20 м. оғоз ёфта буд, соли 1918 бо шеъри Айнӣ «Суруди озодӣ» («Марши ҳуррият») ба нуқтае расид, ки натиҷаи муҳимме дод ва ин натиҷа иборат аз ин буд, ки бо ин шеър барои шаклгирии қонуну қоидаҳои тозае роҳ боз шуд. Аз ин рӯ мо «Суруди озодӣ»-ро охири марҳилаи якуми рушди шеъри нав дар адабиёти форсии тоҷикӣ, охири давраи расидан ба қонунмандиҳои тоза медонем. Азбаски бо ин қонунмандиҳои тоза давраи дувуми шеъри нав дар адабиёти тоҷикӣ оғоз меёбад, «Суруди озодӣ»-ро оғоз давраи дувуми шеъри нави тоҷикӣ низ тавон номид. Ба назари мо «Суруди озодӣ» дар марзи ду давра, дар ҳудуди давраи якуму дувуми таҳаввули шеъри нави тоҷикӣ қарор ёфтааст: як давраро ба поён расонида, давраи дигарро оғоз додааст.

Моро пиндор ин аст, ки даврони дувуми такомули шеъри нав дар адабиёти тоҷикии Мовароуннаҳр аз даҳаи бистуми садаи бистум то охирҳои даҳаи панҷоҳум давом ёфт. Дар ин давра устод Лоҳутӣ, Пайрав, Турсунзода, Юсуфӣ ва дигарон дастовардҳои шеъри навро хеле такмил доданд, шаклҳои нави шеърӣ, тозагиҳое дар воситаҳои тасвир, омезишҳои наве аз аркони баҳрҳои гуногуни арӯз кашф карданд, вазни ҳиҷоро ба кор бурданд ва мазмуну мӯҳтавои шеъри тоҷикӣ низ ба куллӣ нав шуд. Аз дигаргуниҳои ҷиддӣ, ки дар шаклу вазни шеър дар ин давра рӯй дод, Субҳон Давронов дар китоби «Вазни ашъори Абулқосими Лоҳутӣ» (Душанбе, Дониш, 1974) ба тафсил сухан рондааст.

Лекин дар адабиёт ва нақду адабиётшиносии тоҷикии ин давра нисбат ба ин дигаргуниҳои куллии шаклу вазн ва мӯҳтавои шеър истилоҳи «шеъри нав» ба кор нарафтааст. Ин истилоҳ, ки дар «Тазкори ашъор» аз соли 1905 ё ки аз даҳаи бистум арзи вуҷуд карда буд, аз назарҳо дур монда, диққати аҳли адабро ба сӯи худ накашид. Ҳама навангезиҳо дар мазмуну шакли шеъри тоҷикӣ чун падидаҳои реализми сотсиалистӣ, ки дар адабиёт дигаргуниҳои бунёдӣ овард, маънидод мегардид ва номи алоҳида надошт.

Аммо он ҳангом шеъри форсии тоҷикии солҳои бисту сиро дар Эрон мутааллиқ ба шеъри нав донистаанд. Банда боре ёдовар шуда будам, ки пас аз ҷанги дувуми ҷаҳон дар Эрон китобе ба номи «Намунаҳои шеъри нав» чоп шуда буд, ки тартибдиҳандаи он доктор Парвези Дориюш аз Пайрав шеъри «1905», аз устод Лоҳутӣ шеърҳои «Вафо ба аҳд» ва «Суруди оҳангарон» (аз операномаи «Коваи оҳангар»), аз Турсунзода шеърҳои «Мамлакати тиллоӣ» ва «Оҳанрабо»-ро ба унвони намунаи шеъри нави форсӣ оварда буд[148]. Дар ҳақиқат ин шеърҳо ва шеърҳое монанди инҳо, ба вежа шеърҳое, ки дар пажӯҳиши С. Давронов ва китоби мазкури ӯ истифода шудаанд, хусусиятҳои шеъри нави тоҷикиро дар давраи дувуми таҳаввули он нишон медиҳанд.

Дар даҳаи бисту сӣ ба гумони қавӣ баъзе шоирони тоҷик, лоақал устод Лоҳутӣ, ки бо Эрон каму беш алоқае дошт ва Пайрав, ки ба Эрону Афғонистон чанд гоҳ зиста буд, аз пайдоиши шеъри нимоӣ огоҳ буданд ва то андозае аз навҷӯиву бозёфтҳои Нимо Юшиҷ баҳраманд шудаанд.

Нуфузи тарзи Нимо Юшиҷ дар шеъри тоҷикӣ аз солҳои шасти қарни бист қувват ёфт. Ба ақидаи мо аз даҳаи шаст давраи севуми рушди шеъри нави тоҷикӣ оғоз ёфт. Дар ин давра робитаҳои адабии байналмилалӣ андак густариш ёфт, бо Эрону Афғонистон як каме рафтуомад пайдо шуд ва баъзе вежагиҳои шеъри нави Эрону Афғонистон ба Тоҷикистон омад. Дар ин давра, яъне аз солҳои шасти асри бист истилоҳи «шеъри нав» низ аз Эрону Афғонистон бо шеъри нимоӣ ба Тоҷикистон омад ва вирди забонҳо шуд. Дар ин солҳо низ аз ин ки истилоҳи «шеъри нав»-ро Садри Зиё аз ибтидои асри бист истифода бурдааст, огоҳӣ надоштем. Адабиётшиносони мо аз ин ҳақиқат танҳо соли 2001, ки «Тазкори ашъор» ба чоп расид, яъне қариб пас аз сад соли пайдоиши он огоҳ гардиданд.

Албатта таърихи пайдоишу пешрафти шеъри нави тоҷикии Варорӯд дар оянда ба пажӯҳиш гирифта хоҳад шуд. Аминем, ки он гоҳ назариёте, ки Садри Зиё дар «Тазкори

---

148 Ниг.: *Парвези Дориюш.* Намунаҳои шеъри нав. Теҳрон, Сухан, соли чоп номаълум, саҳ. 25-26, 27-28 (Лоҳутӣ), 144-145 (Пайрав), 129-132 (Турсунзода)

ашъор» ва дигар осораш дар бораи шеъри нав дорад, барои ҳалли баъзе масъалаҳо ёрмандӣ хоҳад кард.

9

Аз он чи гуфта шуд, набояд гумон бурд, ки «Тазкори ашъор» тазкираи шеъри нав аст. Муаллифи ин тазкира аз равияҳои гуногуни шеъри замони худ маълумот медиҳад. Чунонки гуфта будем, ӯ аз шоироне ки услуби кӯҳна доштаанд, сухан меронад ва Гулшаниро ном мебарад. Пайдост, ки «шеъри нав» бо «шеъри куҳан» ҳамдӯш меомад.

Ин ҳам муҳим аст, ки Садри Зиё Гулшанӣ ё дигар намояндагони «сабки куҳан» ё ин ки пайравони сабки бедилӣ ва ғайраро сарзаниш накардааст. Ошкор аст, ки Садри Зиё ба «шеъри нав» ва шоирони навангез ҳусни таваҷҷӯҳ дорад, вале ба ҳар ҳол то андозае бетарафиро риоя кардааст. Як сабаби риоя шудани бетарафӣ бояд ин бошад, ки дар байни кӯҳнагароён шахсиятҳои бузурге чун Садри Сарир ва Сират ва Исо ва муфтӣ Икроми Акрам ва ғайра низ будаанд. Бештари онҳо мубориз будаанд. Ҳатто Сайидҷон-махдуми Назмӣ (аз хешовандони Садри Зиё), ки шеъраш сустбунёд будааст, ба роҳи равшангарӣ даромада, ба ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол» ҳар моҳ пинҳонӣ пул медодааст (мисли худи Садри Зиё)[149] ва оқибат соли 1918 ҷаллодони амир ӯро қатл карданд. Садри Зиё дар бораи ӯ бо эҳтироми тамом қалам рондааст.

Аз ин рӯ наметавонем бигӯем, ки чун шеъри нав пайдо шуд, «сабки куҳан» хусусияти иртиҷоъӣ пайдо кард. Не. «шеъри куҳан» низ ҳамчунон вазифаи таърихии худро иҷро менамуд.

Диди моҳиятҷӯи Садри Зиё хусусияти таърихӣ дорад. Ӯ ба эҷодиёти ҳар шоире бо нигоҳи таърихӣ менигарад, равандҳои адабӣ ва мавқеи ҳар шоирро дар таърихи адабиёт меҷӯяд.

Дар «Тазкори ашъор» шоироне ҳам зикр шудаанд, ки шеърашон суст будааст. Чунони Муҳаммадшарифи Анбар чандон шоире набуда, лекин ба амир Абдулаҳадхон наздикӣ дошта, қариб ба дараҷаи маликушшуароӣ расида ва номаш дар шеърҳои Абдулаҳадхони Оҷиз гоҳ-гоҳе ба дид меояд. Шояд ба ин сабаб ба «Тазкори ашъор» дохил шудани номи Анбар зарур омадааст. Илова бар ин Анбар аз дигар шоирон фарқе доштааст. Ӯ таърихгӯй буда, бештари ашъораш дорои моддаи таърих будаанд. Бархе аз таърихҳои Анбар мавриди ҳаҷву истеҳзои ҳамзамононаш қарор ёфта буданд. Садри Зиё дар он пораҳо, ки Саҳобиддини Сиддиқӣ ба «Тазкори ашъор» илова кард, Анбарро сахт танқид кардааст. Вай мегӯяд, ки «дар ҳудуди Бухоро офтобаи бедаста ва кӯзаи гарданшикастае мавҷуд набуд, ки (Анбар) таърихе барояш ногуфта бошад»[150].

Зикри шеъри шоири расмие чун Анбар ва баъзе дигар шоирони сустгӯй чунин натиҷае дод, ки шеъри шоирони пешқадам ва намунаҳои шеъри нав дар паҳлӯи он шеърҳо қарор ёфта, бартарӣ ва аҳамияти худро бештар намудор карданд. Ин ҳам шояд як роҳи таъкиди аҳамияти равияву равандҳои пешбари адабӣ бошад.

Зикри баъзе шоироне, ки шеърашон чандон баланд набудааст, гоҳ шояд аз рӯйи замонасозӣ сурат гирифта бошад ё ин ки бархе аз онҳоро Садри Зиё дар ҳақиқат сазовори таваҷҷӯҳ медонистааст ва аз «Тазкори ашъор» берун мондани онҳоро нораво шумурдааст.

Дар чунин маридҳо, ҳангоми баҳо додан ба ҳамзамонон ва рӯйдодҳои адабиёти замони худ Садри Зиё бештарин саҳв намекардааст. Садриддини Айнӣ дар «Ёддоштҳо» мегӯяд: «Шарифҷон-махдум дар хушхаттӣ, хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд»[151]. Устод Айнӣ инро ҳам дар асоси мушоҳидаҳои чандинсола ва шояд инчунин бо назардошти мутолиаи «Тазкори ашъор» гуфтааст. Хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстии Садри Зиё, ки устод Айнӣ таъкид намудааст, аз «Тазкори ашъор» ба хубӣ намоён аст.

Чунонки гуфтем, мақсади аслӣ дар «Тазкори ашъор» ба вуҷуд овардани тасаввури пурратаре дар бораи равандҳои мухталифи адабӣ, дар бораи шоирони пешқадам ва шахсияти талошгарони ҷасоратманди тараққихоҳ, мубориони зидди ақибмондагии кишвар ва ҷавру зулм буд. Ин ҷо бо истифода аз таъбироти мазкури устод Айнӣ, ки Садри

---

[149] Ниг.: *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби Бухоро Душанбе, Адиб, 1987, саҳ, 133.
[150] Тазкори ашъор, саҳ. 328.
[151] *С.Айнӣ*. Куллиёт, ҷ.7, саҳ. 9.

Зиёро дар «хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ қариб ягона» дониста буд, бояд илова бикунем, ки Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» на танҳо чун як шеърфаҳми асолатшинос адабиёти замони худро аз назар гузаронида сараро аз носара ҷудо кардан хост, балки моҳияти ин сараву носараро дар партави маорифдӯстӣ ва равшангарӣ ба тобиш оварданӣ шуд.

Ба иборати дигар, «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё кӯшише дар роҳи баррасии адабиёти давраи маорифпарварии тоҷикӣ аз назари маорифпарварон буд. Соҳиби тазкира ба адабиёти замони худ, дурусттар он ки ба адабиёти тоҷикии ҳавзаи Бухоро ба чашми маорифпарварон нигаристан, онро бо биниши маорифпарварон санҷидан ва баҳо додан мехоҳад. Ӯ бо қобилияти расои шеърфаҳмӣ ва мароми маорифдӯстӣ, имкон дошт, ки барои санҷиши холисона меъёрҳои дақиқи зебоишинохтӣ ба кор бигирад. Аз ин ҷост, ки ба ӯ муяссар шуд моҳияти аслии рухнамудҳои адабӣ ва маънои аслии фаъолияти мардони бузурги замонро дар бештарин мавридҳо дуруст ва бо диди тараққиҳоҳон муайян намояд. Чунин маънидоди аз диди маорифпарварон барои ба вуҷуд овардани консипсиюн (фаҳмишу назария)-и таърихи адабиёти форсии тоҷикии нимаи дувуми қарни 19 ва оғози қарни 20 зиёда зарур буд ва Садри Зиё бо «Тазкори ашъор» ва баъзе асарҳои дигараш ба ин сӯ роҳ оғоз кард.

Пас аз инқилоби октябри 1917-и Русия ва сентябри 1920-и Бухоро устод Садриддини Айнӣ низ дар чанд китоб ба адабиёти замони худ аз бинишгоҳи маорифпарварони ҳамсафаш нигоҳ андохт. Якумини ин китобҳо «Таърихи инқилоби Бухоро» (1920) ва дигаре «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) буд. Устод Айнӣ бо китоби якум дар роҳи шинохти таърихи навини тоҷикони Варорӯд ва адабиёти навини тоҷикӣ, бо китоби дувум дар бораи ба вуҷуд овардани назарияи таърихи ҳазорсолаи адабиёти форсии тоҷикӣ ва таърихи фарҳанги тоҷикон заминаи илмӣ омода кард. Агарчи дар даҳаи сиюм консипсиюни таърихи фарҳанги тоҷикон дар омӯзаҳои Айнӣ дигар шуд, «Намунаи адабиёти тоҷик» дар шаклгирии назариёти илмии тоза марҳалаи муҳимме буд. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳар дафъа чун сухан аз адабиёти нимаи дувуми садаи 19 ва ибтидои садаи 20 сар шуд, бештар ба «Тазкори ашъор» такя мекунад ва гоҳ ҳамфикрии Айнӣ бо Садри Зиё намоён аст. Садри Зиё дар бораи замонаш ва шахсиятҳои барҷастаи он (чунончи дар бораи Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, муфтӣ Икроми Акрам ва чанде дигар) назари хосе дошт ва ақидаҳои ӯ, ки дар осораш ва сӯҳбатҳои маҳфили адабии ӯ ифода мегардид, дар шаклгирии ҷаҳонбинии бархе маорифпарварон, аз ҷумла Садриддини Айнӣ нақше гузошта буд. Ҳамин нақш дар осори Айнӣ «Таърихи инқилоби Бухоро» ва «Намунаи адабиёти тоҷик», инчунин дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1940) ва «Ёддоштҳо» (1948-1953) ва ғайра гоҳ-гоҳе намоён меояд.

Ҳаққонияти арзёбиҳои Садри Зиё вобаста ба ин ҳам буд, ки аз вазъи замон ва аҳволи уламову удабо огоҳии хуб дошт. Як хулосаи пажӯҳиши қиёсии Расули Ҳодизода ин аст, ки Садри Зиё «дар бораи бештарин шоирони нимаи дувуми қарни 19 муфассалтар аз дигар тазкиранависон мадорик (материал) оварда, гоҳ мадорики тозае чи аз шарҳи ҳол ва чи дар тавсифи осори онҳо ба дастраси мо мегузорад»[152].

Ин ҷо бояд афзуд, ки дар дигар навиштаҳои Садри Зиё, ки бештарин ёддошт ва хотиротанд, низ маълумоти арзишманде аз ҳаёти фарҳангӣ ва адабии Бухорои охири садаи 19 ва аввали садаи 20 гирд омадааст. Гумон намеравад, ки маълумоте ба ин фаровонӣ ва аҳамият аз эҷодиёти дигар касе аз ҳамзамонони ӯ ба даст меомада бошад. Дар ин маврид низ шояд танҳо Садриддини Айнӣ бар ӯ бартарӣ дошта бошад. Аз ҷиҳати густариши фарогирии замон низ Садри Зиё ва Айнӣ ба ҳам наздикие доранд.

---

[152] *Р. Ҳодизода*. Источники к изучению Таджикской литературы второй половыни XIX века. Сталинобод, 1958, с.66.

Чунонки зикраш гузашт, Саҳобиддини Сиддиқӣ аҳамияти бузурги маводи таърихии осори Садри Зиёро ба назар гирифта, як қисми маълумоти роҷеъ ба шоирони зикршуда дар «Тазкори ашъор»-ро аз дигар навиштаҳои Садри Зиё гирд оварда, ҳангоми тайёр кардани чопи «Тазкори ашъор» ба он илова кард, ки дар чопи соли 1380 = 2001 замимаи дувум аст. Аз шиносоӣ бо ин замима зуд метавон дарёфт, ки Садри Зиё бисёр ҷузъиёти мушаххаси муҳим хабар медиҳад, онҳоро маънидод ва шарҳу эзоҳ мекунад, гоҳ ба таҳлили иҷтимоъии замон мепардозад, хулосаҳои умда мебарорад, фаҳмиши равшангароии нозукбини замонро зоҳир менамояд. Инқилоби Бухоро имконе фароҳам оварл, ки баъзеи ин маълумот ва маънидод ошкоро гуфта шавад, ба тезиву тундӣ баён гардад.

Ин замимаи Саҳобиддини Сиддиқӣ арзиши тазкираи Садри Зиёро яке бар чанд афзуд. «Тазкори ашъор» бо ин замима яке аз мукамалтарин сарчашмаҳои таҳқиқи адабиёти форсии тоҷикии нимаи дуввуми садаи 19 ва оғози садаи 20 аст ва Садри Зиё адабиёти замон ва равандҳои асосии адабиро аз бинишгоҳи маорифпарварӣ баҳо медиҳад.

2003.

## «ҶОДАИ ҲАҚ ПАЙМУДАМ»

1

Фақат ду-се соли охири умри қиблагоҳам Шарифҷон-махдуми Садри Зиёро дар ёд дорам, ки ба солҳои 1929-1930 ва 1931-1932 рост меояд. Бештар ҳаминро дар ёд дорам, ки қаламу коғаз ҳеҷ аз даст намегузошту ҳамеша чизе менавишт. Пагоҳӣ, ки аз хоб хестам, ӯро дар сари навиштан медидам. Берун равам, чун баргардам, боз медидам, ки ҳанӯз навиштан дорад. Имрӯз ҳам гоҳ аз дилам мегузарад, ки наход фақат барои намоз аз сари навиштан мехесту баъд боз зуд менишаст? Агар ба охирин ҳавлии ӯ дароем, ба дасти чап хонае ҳаст, ки дар саҳни баланд — болотар аз дигар хонаҳо воқеъ гардидааст. Падарам дар пешгоҳи ин хона, дар пеши тиреза, болои кӯрпача чорзону менишасту коғазро ба дасти чап дуқат дошта, рӯйи зонуи чап мегузошт ва қаламро рӯйи он озод ба ҳаракат медаровард. Аз тарафи рост дар пеши кӯрпача, дар болои гилем ё қолин қаламдоне меистод, ки аз дарунаш сиёҳидон, чанд найқалам, лос, қаламтарош ва ғайра асбоби навишт менамуд. Афсӯс, ки қалам тарошиданаш, сиёҳӣ об карданаш ва дигар тайёриҳои навиштро дар ёд надорам.

Шахси ӯ ҳар дафъа дар пеши чашмам асосан дар ҳолати таълиф таҷассум меёбад, ки харобу адо, чашмонаш чӯкида, аз чеҳрааш осори азобдидагӣ ва ранҷурӣ ҳувайдо буд, вале дасташ дар қаламронӣ чобук менамуд.

Сабаби шитоби ӯ дар навиштан ба ман баъди чанд сол, пас аз вафоти ӯ маълум шуд. Сабаби онро аз модарам фаҳмидам. Боре модарам ҳикоя кард, ки дар замони амир, соли 1918, ки Садри Зиё дар вилояти Насаф (Нахшаб, Қаршӣ) қозии шариат буд, ногаҳон ӯро ҳабс намуданд. Модарам воқеаҳои он маҳбусии падарро оҳиста-оҳиста, бо овози паст бо баъзе ҷузъиёту тафсилот чунон нақл кард, ки он ҳама саргузашти пуралами падар гӯё аз пеши чашми ман як-як гузашт. Ман гӯё бо чашми худ дидам, ки навкарони зобиту бетамиз бо суханҳои дурушт ҳама чизҳои хонаро ғундошта, ба аробаҳо бор карданд ва ба мусодира фиристоданд. Онҳо коғазу китобҳои ӯро титу парешон карда, аз он миён навиштаҳои худи ӯро — ҳар чи ба дасташон афтид, ҷудо карда гирифтанд ва дар миёнҷои ҳавлӣ ба оташ партофтанд. Дар сурате, ки ба ҷои дастнависҳои азиз як-ду мушт хокистари сӯзон дар рӯйи ҳавлӣ монда буд, Садри Зиё гирён-гирён пеш-пеши одамони ҳоким сӯи қӯрғони ҳокимхона равон шуд.

Ин воқеа 2 апрели соли 1918 рӯй дод. Ӯ медонист, ки дар Бухоро маъракаи «ҷадидкушӣ» сар шудааст. Фёдор Колесов — сарвари ҳукумати болшавикии Туркистони

Русия ба Бухоро ҳамла овард ва аморатро барҳам доданд ва Бухороро ба Русия ҳамроҳ кардан хост, вале шикаст хӯрд ва ақиб нишаст. Амир аз пирӯзӣ рӯҳ гирифта, дар кишвар террор оғоз кард ва равшанфикронеро, ки мухолифи ҳукуматдорон ба шумор мерафтанд, гурӯҳ-гурӯҳ куштан гирифт.

Бегумон Садри Зиё яке аз онҳое буд, ки бояд ба қатл расанд. Ӯ инро медонист. Инак, Садри Зиё бо бародараш Ғафурҷон-махдум, бо бародарзодааш Абдулвакили ҷавони барно – фарзанди Абдулҷалил-махдум дар қӯрғони Қаршӣ, дар як бандихона ба ҳоли табоҳе нишаста буданд, ҳар лаҳза ба ҳар яке аз онҳо марг таҳдид мекард.

Абдулвакил аз ҷадидони равшангар буд, ки пас аз тӯи арӯсӣ, дар рӯзҳои навдомодӣ дастгир шудааст ва дар ҳолате, ки дар бар ҷомаи домодӣ дошт, ба асп баста аз Бухоро ба Қаршӣ овардаанд. Ҳамон рӯзи 2 апрел бегоҳӣ дар қӯрғон Абдулвакилро куштанд. Ҷаллод пеш аз куштан ҷомаи домодиро аз тани Абдулвакил кашида гирифт ва худ пӯшид. Дар кисабағали ҷома як носқуттии нуқра будааст. Ҷаллод рӯзҳои дигар он ҷома дар бар ҳар замон бо ҳавобаландӣ ва намоишкорӣ худро ба Садри Зиё ва Ғафурҷон нишон медод ва носқуттиро кушода бо қошуқчаи он ба таги забон нос мепартофт. Ҳар дафъа ки ҷаллод бо ин намоишкорӣ аз пеши бандихона мегузашт, Садри Зиё марги худро наздиктар медид.

Ҳамаи он 15 нафар, ки он шаб ба қатл расиданд, монанди Абдулвакил ҷавон буданд ва шояд чанде аз онҳо мисли ӯ зираку тозаандеш ҳам бошанд. Аммо дар байни 450 нафари дигар, ки он рӯз — дар оғози кушокуши Қаршӣ тири аҷал хӯрданд, кудакон ҳам буданд. Ин кушторро низ Садри Зиё ба чашми худ дид. Ошкор буд, ки иртиҷоъиён ба насли наврас, ба хиради ҷавони миллат бадқасдӣ кардаанд. Садри Зиё дигар ҷавон набуд, вале аз уламое буд, ки ҷавонони тараққихоҳ чашм ба сӯи онҳо доштанд, ба онҳо бо чашми умед, бо нигоҳи ибратҷӯй менигаристанд. Ин аст, ки имшаб ӯ низ бояд кушта шавад. Он шаб ва ҳар шаби дигар омодаи нӯш кардан аз шарбати шаҳодат менишаст. Он рӯз Рӯзномаи ӯро сӯзониданд, гӯё варақҳои зиндагиномаи ӯро аз дафтари замон канда партофтанд, орзуномаи ҷонпарварди ӯро ба коми оташ андохтанд, акнун мехоҳанд, ки худашро нест кунанд. Замон сахт душмани аҳли фазл, душмани миллатпарварону ватандӯстон омада буд.

Лекин он гоҳ Садри Зиё аз чанголи аҷал раҳоӣ ёфт. Пас аз азобу уқубати маҳбусии 70-рӯза озод шуд.

Пас аз озодӣ вай фаҳмид, ки наҷот ба шарофати қаҳрамонии мухлисаш ҳокими Қаршӣ Аҳроркулибек муяссар шудааст. Садри Зиё як умр сипосгузори Аҳроркулибек - ин марди нотарс буд, ки ҳукми қатли ӯро ба сабаби ин ки амир мӯҳр нагузошта буд, иҷро накардааст ва беибо ҳукмномаро ба Бухоро бозпас фиристодааст. Дар «маъракаи ҷадидкушӣ», яъне террори соли 1918 ҳукми қатлро бидуни мӯҳри амир ҳам иҷро мекардаанд. Лекин Аҳроркулибек ба амир нома навиштааст, ки ҳукми қатли шахсе чун Шарифҷон-махдумро бидуни мӯҳри Ҷаноби Олӣ наметавонад ба иҷро оварад. Ниҳоят 8 июни 1918 аз Бухоро фармони озодии Садри Зиё расид ва ӯ бо дили фигор барои иҷрои вазифаи нав ба қозигии Кеш (Шаҳри Сабз) равон шуд.

Инак, ӯ боз қозӣ таъйин шуд. Вале ин қозигӣ аз қозигиҳои пештара хеле фарқ дорад. Акнун ӯ қозии беҳуқуқ аст, ки дар бадарғагӣ ва табъид қозигӣ мекунад. Бо дасту пои баста бояд амал намояд, ба забони кӯтоҳ гап занад, бо тарсу ларз қадаме ба пеш гузорад. Ӯ дигар пештара ҳақгӯи бебок нест, ки дар пеши амиру вазир ва қозикалону ҳоким бо ҷасорат сухан мекард. Вай дар як шеъраш гуфтааст:

*Гоҳ иҷрои шариат буд, гоҳе дафъи зулм,*
*Алгараз бекор неву кору боре доштем.*

Акнун оё метавонад, ки боз «кору боре дошта» боз «иҷрои шариат» ва «дафъи зулм» кунад? Орзую ормонҳои маорифпарварӣ бар бод рафт, аммо иҷрои ҳаққонияти одӣ оё даст медода бошад?

Чунин рӯҳия Садри Зиёро як сол пеш аз ин фаро гирифта буд. Як сол аст, ки ӯ дар чунин ҳолати нотавонӣ ва азоби рӯҳист. Як сол пеш аз ин, моҳи апрели соли гузашта, соли 1917 қувваҳои иртиҷоъӣ ҷунбиши маорифпарвариро торумор карда, Садри Зиёро ба дами марг оварда буданд.

Рӯзи 9 апрели 1917 издиҳоми иртиҷоъиёни ҷоҳил дар пеши Арки Бухоро ба Садр Зиё ҳуҷум оварда, ӯро аз асп афтонда, бо фарёди «бизанед ин қозии ҷадиди бединро!» он қадар лагадкӯб карданд, ки аз ҳуш рафт ва либосҳояш пора-пора шуд.

Вай он рӯз ҳам аз чанголи аҷал наҷот ёфт, вале доғи ҷафои он рӯзҳо, доғи ормонҳои иҷтимоъии барбодрафта як умр дар дилаш монд. Он рӯз рӯзи шикасти маорифпарварӣ дар

Бухоро буд. Ӯро маҷбуран ба Қаршӣ қозӣ карда фиристоданд ва аз ҳамон вақт аст, ки ӯ шариатпаноҳи беҳуқуқ ва маорифпарвари нотавон аст. Кулли явмин батар ва оянда номуайян аст.

Ҳарчи бошад, апрели соли 1917 китобхонаи Садри Зиё ва навиштаҳои худи ӯ осеб надид. Аммо баъди як сол моҳи апрели соли 1918 на молу мулк монд, на дастхати асарҳои худаш. Қариб ҳама ҳосили умраш бар бод рафт.

2

Акнун, тахминан пас аз даҳ-дувоздаҳ соли он воқеаҳо, дар охири солҳои бист, дар овони пиронсоливу барҷомондагӣ ҳамон асарҳояшро дубора менавишт. Шукр мегуфт, ки он вақт яъне соли 1917-1918 аз дами теғи аҷал раҳоӣ ёфт, ба дасти ҷаллодони амир кушта нашуд ва имрӯз имкон дорад, ки баъзе асарҳояшро дубора нависад, лоақал мухтасаран аз нав барқарор кунад. Хайрият, ки Худованд ҳофизаи қавӣ додааст, воқеаҳои чандин соли пеш, ҳар гоҳ лозим шаванд, равшану возеҳ пеши назараш меоянд, бисёре аз он усули тасвир, ки дафъаи аввал ба кор бурда буд, боз ба хотираш мерасанд. Ҳоло ки ҳанӯз андак қуввату мадор ҳаст, он ҳикояҳоро ҳар чи зудтар ба рӯйи коғаз овардан даркор аст, то ки ба ёдгор монад, ба мардуми фардову пасфардо сабақ шавад, шояд ки нависандаро ба некӣ ёд кунанд.

Танаш мадор надошт, як чашмаш батамом аз кор монда, чашми дигар камнур шуда буд. Дар як мусаввадааш ба хизмати хонанда чунин узре пеш овардааст: «Имрӯз на қуввати рафтор дорам, на тоқати гуфтор... ин чанд номарбутро бидуни он ки нуги қаламро бинам ё худ саҳифаро дида тавонам ба хазор афсӯсу надомат навиштам. Шаб рафту ҳадиси мо ба поён нарасид».

Ин қайд дар «Осори зиёия» таърихи 1348 дорад, ки баробари 1929-1930 мебошад.

Садри Зиё дар охири умр танҳову бекас монда буд. Ёрону дӯстонаш ҳар тараф парешон шуда буданд.-Воқеаҳои пуршӯри солҳои баъди инқилоб онҳоро ба коми худ фурӯ бурд ё ба мушхонаҳо ҷо кард ва имкон намедод, ки сар берун оранд. Хешу табор қариб намонда, рафту омад қатъ гардида буд.

Солҳои пеш аз инқилоб мулло Олими Хуҷандӣ ном ҷавоне дар мадрасаҳои Бухоро мехонд ва бо аҳли илму адаб, аз ҷумла бо Айнӣ ва Садри Зиё дӯстӣ пайдо карда буд. Баъди инқилоби соли 1920 мулло Олим ба Хуҷанд рафт. Пас аз чанд сол боз орзӯи дидори дӯстони дерини фозил дар дилаш ба ҷунбиш омад ва роҳи Бухороро пеш гирифт. Дар Бухоро ба зиёрати Садри Зиё шитофт. Чун ба ҳавлии Садри Зиё даромад, дид, ки ӯ аз утоқ баромадааст ва ба пешвози меҳмон меояд. Мулло Олим оғӯш кушода бо шавқ «Тақсир!» гӯён садо дод. Садри Зиё аз дур ӯро нашинохт ва дафъатан ин байт гуфт:

*Пирам, зи заъф бо ту нигоҳам намерасад,*
*Эй нури дида, як-ду қадам пештар биё*[153].

Мулло Олим давон омад ва ҳар ду якдигарро ба оғӯш гирифтанду гиристанд, ба хона даромада, сӯҳбати пурдард оростанд, солҳоеро ба ёд оварданд, ки дар деги ҳаёт меҷӯшиданд, баробари замон ба хурӯш меомаданд. Алами афтодаҳолӣ, аз рафти замон берун мондан дили ҳардуро фишор медод[154].

Камина он вақтҳо 5-6 сол доштам ва аз дастам коре намеомад, ба кори ҳавливу рӯзгор ёрмандӣ карда наметавонистам. Модарам нав 34 ё 35-ро пур карда ва хонанишин буду ҳама ташвиши рӯзгор асосан ба гардани ӯ афтода буд.

Ман як бародар доштам Зарифхон ном (1896-1970). Мо модарҷудо будем. Синни ӯ қариб сӣ сол афзунтар аз ман буд. Дар ноҳияи Ғиҷдувон муаллимӣ мекард. Вай аз аҳволи падар ҳеҷ хабар намегирифт. Азбаски падар мулло буда, дар замони амир қозиву қозикалон шудааст, бо ӯ рафтуомад кардани муаллими шӯроӣ мумкин набудааст: агар ба падар алоқае дошта бошад ва инро касе донад, ӯро аз муаллимӣ мерондаанд ва азоб

---

153 Ин байт аз Садри Сарир аст.

154 Мулло Олими Хуҷандӣ падари нависанда Муҳиддин Хоҷаев аст. Бо устод Айнӣ дӯсти қарин буд. Аввали солҳои сӣ бо аҳли хонаводааш ба кишвари Ставропол бадарға шуд. Пас аз бозгашт дар Хуҷанд фавтидааст. Он ҷузъиёти вохӯрии ӯ бо Садри Зиё, ки дар боло нақл шуд, ба муаллифи ин сатрҳо аз гуфти нависанда Аъзам Сидқӣ маълум аст. А. Сидқӣ онро аз Хуҷанд шунида будааст.

медодаанд. Аз ин рӯ Зарифхон ба хонаи мо намеомад ва гӯё аз дур пинҳонӣ ҳам ба падар ёрие намерасонд.

Як тобистон хабар расид, ки Зарифхон ба Бухоро (шояд ба бозомӯзӣ –курси такмили ихтисоси муаллимон) омадааст. Падарам одам фиристода илтимос кард, ки боре ба хонаи мо ояд. Зарифхон ваъда додааст, ки фалон рӯз, пас аз нисфи шаб меояд, то ки омадани ӯро касе набинад. Он шаб модарам дар рӯйи ҳавлӣ шолу кӯрпача партофта ҷои нишаст тайёр кард. Дар миёни нишастгоҳ як лампаи даҳум даргиронда ва дастурхон гузошта, мунтазири омадани бародарам нишастем. Хоби ман омада буд, вале маро хобидан нмегузоштанд, ки ҳозир акаатро набинӣ, боз кай дидор муяссар мешавад? Лекин охир хоби ман бурдааст. Рӯзи дигар маълум шуд, ки шабона Зарифхон наомадааст, фардо шаб меомадааст.

Фардо шаб боз падару модарам ба пешвози Зарифхон омодагӣ диданд ва обу явғоне ҳозир карданд. Боз маро хоб кардан намонданд. Ба азоб худро аз хоб нигоҳ медоштам. Як вақти шаб бародарам омад. Дар партави чароғи хирасӯз дидам, ки ӯ ба падарам хеле монанд аст: чашмонаш, бинӣ ва лабу даҳонаш чунонанд, ки гӯё айнан аз падар нусха гирифтаанд.

Дар ёд дорам, ки падар он шаб бо Зариф андак коҳишомез сухан карданд ва аз ин, ки писари калони баркамол аз ҳоли падар хабар намегирад, ӯро танҳову бедастёр гузоштааст, шикоят оғоз намуданд. Дигар намедонам, ки байни онҳо чи гуфтугузор шуд: кайҳо маро хоб зер карда буд ва зуд хобам бурдааст.

Агар хато накунам, баъд аз ин бародарам ягон бор ба хонаи мо наомад. Ин гурезпоии писар ба падар алам мекард. Ба назарам ӯ аз писари калонӣ хеле норозӣ буд, вале бештар аз каҷрафтории фалак тааҷҷуб мекард. Охир, чи гуноҳе аз ӯ гузашт, ки замона ӯро аз фарзанд, аз ягона умедгоҳ ва пушту паноҳи овони пирӣ ҷудо кард? Наход чунин касе ки умраш дар роҳи хизмати мардум, дар роҳи шеъру сухан ва мактабу маориф сарф шудааст, имрӯз барои ҷамъият ҳамин қадар зарар дошта бошад, ки аз ӯ ҳазар мекунанд. Ӯро мардудвор аз байн баровардаанд ва ҳатто лозим будааст, ки фарзанд аз хонаи ӯ пой канад? Чаро ин тавр шуд? Ин дунё ба кадом тараф роҳ пеш гирифтааст?

Гӯё соли 1931 буд. Қаҳтиву қиматӣ ҳукм меронд. Дар дуконҳо орду нон намонд. Барои нони хлеб талон баромад. Лекин аз хонаводаи мо фақат ба ман талон доданд. Ба падару модарам талон додан мумкин набудааст, чунки онҳо дар ҷое кор намекарданд, хонанишин буданд. Онҳо ҳақ надоштаанд, ки аз дӯкони давлат нони бӯлка бигиранд. Давлат онҳоро аз як даҳан нон, аз қути лоямуте хам маҳрум медошт. То ҳамин дараҷа бе ҳаққу ҳуқуқ медонист! Гӯё ба гушнамаргӣ маҳкум кардааст.

Вале ба назарам хонаводаи мо он гоҳ гуруснагӣ накашид. Мо дар болохонаи тарафи рост, ки дару тирезаҳояш доим пӯшидагӣ ва аз ин сабаб торику салқин буд, дар хумҳо орд, биринҷ, равған ва ғайра доштем. Зимистон дар таги девор як қатор харбуза меистод. Ман намедонам, ки инҳо аз куҷо ба кадом пул меомад. Шояд падарам чиз фурухта, барои аҳли оила мадади маош фароҳам меовард. Эҳтимол ин захира чандон набуд, ки дер пояд. Ба ҳар ҳол он сол мо таъмин будем. Вале ба гумон аст, ки ин таъминӣ боиси осудагии хотири падар бошад. Вазъи замон ӯро хеле ба ташвиш оварда буд. Ман ӯро ҳамеша парешонхотиру ғамгин медидам. Ягон бор хандидану лаб ба табассум бурданаш дар ёдам нест. Лекин боре надидаам, ки ба хашму ғазаб омада бошад, ба сари модарам ё ман доду фарёд бардошта бошад. Аксаран хомӯш буд.

Андак болидани табъашро як бор дида будам. Рӯзе гӯё падарам дар хона зиқ шуд, ки мо ҳарду ба кӯча баромадем, дар таги дарвоза, дар лаби суфача нишастем ва раҳгузаронро тамошо мекардем. Аз дур чанд нафар пайдо шуданд, ки асперо етак карда меоварданд. Онҳо пеши мо истоданд, бо падар аҳволпурсӣ карданд. Маълум гардид, ки яке аз онҳо он аспро хариданӣ будааст, овардааст, ки онро ба падарам нишон диҳад ва маслиҳат пурсад. Падарам, ки то ин вақт малулу хомӯш нишаста буданд, якбора ҷон гирифтанд, аз ҷо хеста, сар то пои асп бодиққат аз назар гузарониданд, лабҳои онро бардошта дандонҳояшро диданд, гардану сағриашро молида навозиш карданд ва аз соҳиби асп иҷозат пурсида, пой ба узангу гузоштанду сабук худро ба хонаи зин гирифтанд. Чашмонашон медурахшид, якбора ҷавон шуда буданд. Лаҷомро андак ҷунбонида буданд, ки асп ба роҳ даромад. Аз ақиб дидам, ки болои асп рост нишастаанд, қоматашон ҳеҷ хамидагӣ надорад. Асп ронда рафтанд ва дар хамгашти кӯча аз назар пинҳон шуданд. Ба тарафи чап рафта буданд, пас аз андаке аз тарафи рости кӯча пайдо шуданд, ки дар рӯяшон нишонаҳои шодиву хурсандӣ намудор буд. Фуруд омаданду лаҷомро ба дасти харидор доданд ва гуфтанд, ки аспи хубест.

Намедонам, пас аз чанд сол буд фахмидам, ки падар дар овони ҷавонӣ аспбоз будаанд. Як асари хурд ҳам доранд, ки дар васфи ҳайвоноти баҳуш аст ва он ҷо дар бораи аспҳои зирак ҳам чанд ҳикояи воқеии ҷолиб ҳаст

3

Аксарияти ҳавлиҳои Бухоро хонаи тобистониву зимистонӣ дошт ва онро хонаи рӯ ба боло ва рӯ ба поин меномиданд, ки рӯ ба шимолу рӯ ба ҷануб гуфтан аст. Ғайр аз ин, ҳатман таҳхонае буд, ки камтирезаву торик ва салқин буда, он ҷо тобистон хусусан баъди пешин–дар айни гармӣ хоб мекарданд.

Он ҳавлиро, ки устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» тасвир кардааст ва аз бобоям қозӣ Абдушшакури Оят мерос монда, бисёр калон - даруну берун буд, падару модарам натавонистанд саришта бикунанд. Азбаски онҳо дар охир танҳо монда буданд, наметавонистанд ба нигоҳубини ин ҳавлӣ расидагӣ бикунанд. Шояд бо илтимосу илтиҷои падарам бошад, ки талабаҳои кадом мактабе ҳар сари чанд гоҳ ба ҳавлии мо меомаданд ва ба рӯбучини он ёрӣ медоданд. Модарам ба онҳо сардорӣ ва ман ҳамдастӣ мекардам. Вале бо чунин ёрмандиҳо ҳам мушкилҳо осон намешуд. Оқибат падар маҷбур шуданд, ки он ҳавлии калонро охири солҳои бист фурӯхта, аз кӯчаи ақиби ин ҳавлӣ, ки мутааллиқ ба гузари Чорхарос аст, ҳавлии хурдтаре хариданд, ки ҳоло ҳавлии кӯчаи Коммунист 13 аст. Ҳавлии нав, ҳамагӣ 5 хона дошт. Дар тарафи дасти чап баландтар аз сатҳи дигар хонаҳо, чунонки гуфтем, як хонаи калони равшан воқеъ гардида буд ва ба падарам тааллуқ дошт. Хонаи дасти рост аз они модарам буд. Баъд аз он таҳхонае буд. Болои таҳхона — болохонаи калони барҳаво, болои хонаи модарам — шабгаҳ, яъне нишастгоҳи тобистонӣ, болои дарвозахона - як меҳмонхонаи баланд бекор меистод ва ҳоло нест. Дигар хонаҳо ҳама бар ҷост.

Хоби рӯзонаи тобистонӣ дар таҳхонаи мо аҷаб роҳате дошт. Кӯзаи савр (кӯзаи сафоли хокистарранг) обро хунук нигоҳ медошт. Ба даҳани он дока баста, дар паҳлӯяш тос мегузоштанд. Он ҷо як коса ғӯлунгоби хунук низ ҳамеша тайёр буд ва ман онро бисёр дӯст медоштам. Таҳхонаи мо мадони калоне ҳам дошт. Ба мадон кам медаромаданд. Гирдогирди мадон чандин яхдон - сандуқи чармини калон, ки қариб баробарпаҳлӯст, гузошта буданд. Як вақт фаҳмидам, ки ин яхдонҳо пури китоб будааст. Баъдтар маълум шуд, ки ин китобҳо ҳама дастнависи камёби форсиву арабӣ будаанд, ки ё ба дасти муаллиф, ё дар замони наздик ба вақти таълиф ё ки ба қалами ягон хушнависи машҳур китобат шудаанд. Аз байни онҳо муҳимтарин намунаҳои адабиёти бадеъии муосир ва асрҳои гузашта, ва дигар китобҳои нодире дарёб кардан мумкин аст. Гирдоварии ин китобхонаи дастнависҳои камёбро падари Садри Зиё — Абдушшакури Оят сар карда, худи Садри Зиё як умр давом додааст. Вай китобҳоро тақсимбандӣ карда, як китобнома — каталог тартиб дода буд. Китобномаи ӯ «Асомиулкутуб» ном дорад ва дорои эзоҳоте буда, маълумотеро дар бораи муаллифу мавзӯи китоб, соли таълифи он, хаттот ва замону макони китобат, вақту ҷой ва чигунагии хариди нусха, нархи он ва ҳоказо дар бар мегирад, ки ҳамаро худи Садри Зиё навиштааст. Ин феҳрист маълумотеро дар бар мегирад, ки «барои таърихи фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна арзиши фавқулъода доранд»[155]. Аз ин сабаб худ як сарчашмаи муҳими таърих ва китобшиносии тоҷик аст.

Барои ин ки арзиши китобхонаи Садри Зиё маълум шавад, як мисол меорем. Дар байни китобҳои ӯ ба номи «Маҷмӯаи муросалот» мураққаъе ҳаст, ки ҳоло дар ганҷинаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон зери №2178 маҳфуз аст. Ин мураккаъ 594 номаро дар бар мегирад ва аз ҷумла 337 адад нома ба қалами Абдурраҳмони Ҷомӣ (садаи XV) тааллуқ дорад. Номаҳои Ҷомӣ ҳама ба дастхатти муаллиф буда, ба номи Алишери Навоӣ,

---

[155] *С. А. Азимҷонова., Д.Т. Вороновский.* Собрание восточних рукописей Академии наук Узбекской ССР (Ҷамъоварии дастнависҳои шарқии фарҳангистони улуми ҶШС Узбекистон), дар китоби: Востоковедные фонды крупнейших библиотек Советского Союза (Андӯхтаҳои шарқшиносии бузургтарин китобхонаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ). М., 1963, саҳ. 119. Инчунин муроҷиат шавад ба: *У. Ҳамроев.* Биршахсий китобхона ва унунг каталоги ҳақида (Дар бораи як китобхонаи шахсӣ ва феҳристи он), дар китоби: Научные работы и сообщения (Навиштаҳои илмӣ ва ахборот), ҷ. 6, Тошканд, 1963, саҳ. 387-395, *Сайид Алии Мавҷонӣ*, Китобат ва китобдорӣ дар Бухоро, маҷаллаи «Садои Шарқ», 1999, № 10-12, саҳ. 114-120.

Хоҷа Аҳрор ва дигар шахсони машҳури замон навишта шудаанд. Ба тахмини Садри Зиё тартибдиҳандаи ин мураққаъ Алишери Навоист. Номи «Маҷмӯаи мурсалот»-ро худи Садри Зиё додааст. Профессор Асомиддин Ӯрунбоев материалҳои ин мураққаъро муфассалан таҳқиқ карда дар се китоб бо тарҷумаи русӣ ва шарҳу эзоҳ чоп кард: 1. Письма-автографы Абдуррахмана Джами из «Альбома Навои». Тошканд, 1982, 2. Номаҳои дастнависи Ҷомӣ, бо ҳамкорӣ ва муқаддимаи Моили Ҳиравӣ, Кобул, 1985, 3. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Номаҳо, бо ҳамкории Асрор Раҳмонов, Душанбе, 1989.

Баъзе дастнависҳои дигари киобхонаи Садри Зиё низ солҳои охир ба чоп расид ё ҳангоми тайёр кардани чопи сарчашмае чун нусхаи мӯътабар истифода гардид.

Модарам ва аммаам дар бораи ин китобхона ва нусхаҳои алоҳидаи он ҳикояҳои аҷиб мекарданд, ки баъзан ба афсона монанд буд. Саргузашти баъзе китобҳо дар ҳақиқат мисли сарнавишти инсон ва ҳаёти нависандагону олимон аҷаб печу тоби ибратомӯз доштааст. Инак, яке аз онҳо.

Вақте, ки Садри Зиё қозии Чорҷӯй буд, зане ба дари қозихона омад ва гуфт:

— Шунидам, ки қозӣ китоб мехарад, як китоб овардам.

Ӯро пеши Садри Зиё бурданд. Садри Зиё китобро варақ заду ҳуш аз сараш парид: Ин китоб як нусхаи мӯътабари «Хамса»-и Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325) будааст. Аз ин мӯътабартар нусхае магар метавонад буд, ки пас аз андак муддати вафоти муаллифи бузург китобат шудааст ва китобати он дар дигар тарафи олами форсигӯён — дар Шероз анҷом ёфта, се достони онро дигар шоири бузурге — Хоҷа Ҳофиз (1321-1389) ба дасти худ нусха бардоштааст. Садри Зиё ба чашми худ бовар намекард. Вай гаштаю баргашта китобро варақ зада, аз сифати коғази кӯҳна ва ҳусни хати он ҳаловат мебурд. Шодии ӯро ҳадду андоза набуд. Охир, вай чунон чизи табаррукро дар даст дошт, ки ба хироҷи як мамлакат меарзад! Якумин бор дар умраш хати Ҳофизро мебинад. Оё дар ин шаш сад сол ба чанд нафар фозилон муяссар шуда бошад, ки хати Ҳофизро ба чашми худ бубинанд? Аҷаб бахте даст додааст. Садри Зиё хатро бо диққат аз назар гузаронд. Ҳоҷа басо хати зебое доштааст. Ҳар як ҳарфу ҳар як унсури он тибқи қоидаҳо санъаткорона бароварда шудааст. Садри Зиё худ монанди падараш хаттот (яке аз охирин намояндагони барҷастаи мактаби хушнависии Бухоро) буд ва қадри хати Хоҷаро ба хубӣ фаҳм кард, ки хати олист.

Вай сар бардошта нигоҳ кард, ки занак соҳиби китоб ҳанӯз он ҷо нишастааст. Нарх пурсид ва дид, ки занак арзиши китобашро чандон намедонад. Мувофиқи қимати китоб ба дасти занак пул дод. Занак хурсанд шуду дуо гуфта тараддуди рафтан кард. Садри Зиё аз ӯ пурсид, ки оё боз чунин китобҳо дорад? Маълум шуд, ки аз шавҳараш як миқдор китоби дастнавис монда будааст. Садри Зиё илтимос намуд, ки агар пул лозим бошад, он киобҳоро биёрад ва фурӯшад. Занак боз хурсанд шуд ва гуфт, ки ҳоло ҳозир хоҳад овард.

Дар дасти занак ду кӯдак буд - ду писараки хурд, ки ду-се сола менамуданд. Занак илтимос намуд, ки ин кӯдакҳоро ин ҷо монда равад ва зуд аз хона китоб биёрад. Садри Зиё розӣ шуд. Занак рафт, лекин дигар наомад. На китоб овард, на омада бачагонашро бурд.

Ҳавлии ӯро касе аз хизматгорону мулозимони қозихона намедонист. Пурсуҷӯ ҳам натиҷае надод. Он ду кӯдак дар хонаи Садри Зиё монданд. Яке баъди чанд сол вафот кард, дигаре ҳангоми таҳсили илми мадраса ҷадид шуд, ба инқилоби Бухоро иштирок кард. Аммо маълум нест, ки тақдири баъдии ӯ чист.

Садри Зиё ҳар вақт ин воқеаро ҳикоя кунад, дар охир ҳазломез мегуфтааст:

— Он вақт фалон ҳазор танга додам ва як китобу ду дарди сар харидам. Хайрият, ки якаш баъд марҳами ҷон шуд.

Ин нусхаи «Хамса»-и Хусрави Деҳлави ҳоло дар олами эроншиносӣ маълум аст. Фотосурати саҳифаҳои охирини ҳар се достон, ки номи котиб ва санаи китобат навишта шудааст ва дар паҳлӯ мӯҳри Садри Зиё ҳам ба хубӣ хонда мешавад, дар Эрон низ чоп шуда буд. Китобшиносону хатшиносони Иттиҳоди Шӯравӣ, Эрон ва дигар кишварҳо дар бораи ин нусха фикру мулоҳизаи мухталиф баён кардаанд. Аз ҷумла ақидае изҳор шудааст, ки ин хати Ҳофизи бузург нест, балки хати хушнависест, ки дар он аср мезист ва ҳама ҷузъҳои номаш айнан монанди номи Хоҷа — Шамсиддин Муҳаммади Ҳофизи Шерозӣ буд. Як далели ин, ки он достонҳо ба хатти Хоҷа нусхабардорӣ нашудаанд, он аст, ки дар навишти баъзе калимаҳо саҳви қалами котиб ба назар мерасад. Аз ҷумла академик Абдулғанӣ Мирзоев инро бурҳони қотеъ барои чунин ҳукм, ки китобати он достонҳо ба қалами Хоҷа

Ҳофиз тааллуқ надорад медонист. Албатта, кас ҳеҷ намехоҳад ба дил фикре роҳ бидиҳад, ки Ҳофизи бузург ҳам дар навишт гоҳ саҳв мекардааст. Лекин ба ҳар ҳол одамизод шири хомхӯрда. Гоҳ аз қалами бузургон ҳам саҳве мегузарад. Ибораи «саҳви қалам» худ дар ҳамин гуна мавридҳо пайдо шудааст. Одатан дар чунин мавридҳо, масалан намегӯянд, ки фалон бузургвор ғалат гуфтааст, — ба ин сухан забони мухлисон намегардад ва мегӯянд: Аз қаламаш ғалат рафтааст. Бинобар ин мо ҳам дар боло ибораи «саҳви қалам»-ро ба кор овардем. Кӣ медонад, шояд дар ин маврид низ мо дар ҳақиқат чунин хатоеро мебинем.

Ба ҳар ҳол баъзе пажӯҳишгарони намоён шубҳа накардаанд, ки китобати ин нусха ба Ҳофиз нисбат дорад. Чунончи ховаршиноси машҳури замони мо профессор Евгений Бертелс бовар дошт, ки ин нусхаро «лирики бузурги Шероз ба дасти худ китобат кардааст»[156].

Ин дастнавис фарзан дар ҳақиқат қисман ба қалами Ҳофиз рӯнавис нашуда бошад ҳам, аҳамияти таърихӣ дорад. Пас аз чанд соли таълиф дар Шероз рӯбардор шудани он гувоҳӣ медиҳад, ки асарҳои Хусрави Деҳлавӣ зуд шӯҳрати азим пайдо карда ва ба сайри таърихӣ баромада, аз Ҳинд ба дигар канори олами форсиён расида будааст. Аз ин мебарояд, ки дар қарнҳои миёна ҳам дар пеши асари ҳунари олӣ масофаҳои бузург оҷиз будаанд ва дар андак муддат тай мешудаанд. Аз ин рӯ, на ҳамеша шоён аст, ки қуруни вусторо замони дурафтодагӣ аз якдигар, дарбастагӣ ва парокандагӣ шуморем.

Ин ҳам ҷолиб аст, ки чунин дастнависи мӯътабаре шаш сад сол зинда монда, даст ба даст рафта, охируламр ба Чорҷӯй афтодааст. Ин ҷо ҳам чизе ибратомӯз ҳаст: қадршиносони чунин китобҳо на танҳо дар марказҳо, дар Нишопур, Балх, Марв, Бухоро, Самарқанд, Истаравшан, Хуҷанд ва ғайра, балки дар музофоти дурдаст, дар кӯҳсорону регзорон низ будаанд. Аз китобномаи Садри Зиё маълум мешавад, ки ӯ баъзе китобҳои камёбро аз музофот харида буд.

Китобхонаи олиҷаноб ва шахсияти соҳиби он, ки суханвару маънирас ва сабукрӯҳу хушгӯй буд, аҳли адабро ба худ мекашид. Донишмандон, шоирону шеършиносон ва хуштабъони вақт ба сӯҳбати ӯ, ба маҳфили адабие, ки дар ҳавлии вай ташкил шуда буд, роҳ меҷустанд.

Садриддини Айнӣ аз он китобхона ва сӯҳбатҳои Садри Зиё бисёр истифода кардааст. Вай солҳои ҷавонӣ бовар ҳосил карда буд, ки «китобхонаи Шарифҷон-махдум (Садри Зиё — М.Ш.) беҳтарин ва бойтарини китобхонаҳои Бухорост», барои ҷавононе мисли ӯ, мисли Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим «барои ҳар як талабаи маъниҷӯй як хазинаи маълумоти беинтиҳост». Айнӣ мегӯяд, ки Шарифҷон-махдум «баъзан китобҳоро ба мо хононда хатоҳоямонро ислоҳ мекард ва ҷоҳои нофаҳмидагии моро эзоҳ дода мефаҳмонд». Ин аст, ки ба гуфти Айнӣ дар ҳавлии Садри Зиё «хазинаи дониши кас аз лафз ва маънӣ пур мешуд»[157].

Ҳар дафъа, ки Садри Зиё ба шаҳре қозӣ таъин шуда мерафт китобхона албатта дар Бухоро мемонд. Соли 1918, ки молу мулки ӯ мусодира шуд, соли 1920, ки дар «фитнаи инқилоб» ба ҳавлии ӯ тири тӯп расид, ҳавлӣ осеб дид ва ғорат шуд, боз баъзе нигоштаҳои худаш нобуд гардиданд, хушбахтона китобхона аз офатҳо эмин монд.

Пас аз инқилоб ҳукумати шӯравии Бухоро як қисми он чиро, ки амир мусодира карда буд, ба Садри Зиё баргардонд. Вай боз соҳиби ҳавлии падарӣ ва чорбоғи Сепулон гардид.

Дар замони шӯравӣ мақомоти расмӣ чандин бор ба Садри Зиё муроҷиат карданд, ки киобхонаашро ба давлат фурӯшад. Вале ӯ аз китобҳо дил канда натавонист. Ниҳоят дар охири умр гуфт:

— То зинда ҳастам, китобҳоро ба касе намедиҳам, аммо баъди сарам бепул гиред.

Ҳукуматдорон ин суханро васият донистанд ва баъди вафоти ӯ китобхонаро мусодира намуданд. Дафъатан баъди вафоти ӯ шояд рӯзи ҳафт бошад, ки таъзиягӯйҳо ду-ду, се-се меомаданд ва гиряи занҳо идома дошт, ҳукуматдорони шаҳр низ омаданд ва баъд аз фотеҳа яхдонҳоро кушода китобҳоро ба фойтуну аробаҳо бор карданд. Чун фойтуну аробаҳо ба роҳ даромад, китобҳо аз ҳар тараф шоридан гирифт. Аз эҳтимол дур нест, ки то

---

[156] *Е.Э. Бертельс.* Литература на персидском языке в Средней Азии (Адабиёти форсизабон дар Осиёи Миёна), дар маҷмӯаи: Советское востоковедение (Шарқшиносии шӯравӣ), ч. 5, М. — Л., 1948, саҳ. 201.
[157] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 7. Саҳ. 43.

ба китобхонаи шаҳрии Ибни Сино расидани ин корвон чанде аз китобҳо талаф шуда бошад.

Муҳаққиқон С. А. Азимҷонова ва Д.Г. Вороновский навиштаанд: «Китобхонаи давлатии ҶШС Ӯзбекистон пас аз вафоти ин китобдӯст (яъне Садри Зиё — М.Ш, коллексияи ӯро аз меросхӯронаш харид» (После смерти библиофиля коллекция была приобретена у его наследников Государственной библиотекой Уз. ССР)[158]. Онҳо ин матлабро боз дар дигар ҷои мақолаи мазкур (саҳ. 119) таъкидан такрор кардаанд. Ин гап аз ду ҷиҳат дуруст нест. Аввалан давлат китобхонаи Садри Зиёро аз меросхӯрон нахарида, балки ба тарзи мусодира гирифта буд. Ман инро ба яқин медонам. Агар давлат он гоҳ арзиши китобҳоро андаке мепардохт, шояд модарамро муолиҷа кардан муяссар мешуд ва мани сағира то калон шудан аз нодорӣ азоб намекашидам. Сониян, китобҳои Садри Зиёро на китобхонаи давлатии ба номи Навоии Ӯзбекистон, балки китобхонаи Ибни Синои Бухоро гирифта буд ва соли 1935 онҳоро ба ноҳақ ба Тошканд бурда, ба китобхонаи Навоӣ супурданд. Он гоҳ он чи моли Бухоро буд, моли Тошканд шуд. Пас аз ҷанги дувуми ҷаҳон китобҳоро аз ин китобхона гирифтанд ва ба ганҷинаи пажӯҳишгоҳи ховаршиносии ба номи Абӯрайҳони Берунӣ (Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон) илова карданд.

Ҳоло зиёда аз 300 ҷилд китоби Садри Зиё дар ҳамин захирагоҳ нигаҳдорӣ мешавад ва яке аз беҳтарин қисмҳои онро ташкил медиҳад. Баъзе китобҳои ӯ дар ганҷинаи Пажӯҳишгоҳи мероси хаттии Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе) ва китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ ҳаст.

## 4

Пас аз он, ки Садри Зиё мадрасаро хатм карду аз соли 1893 ба туману вилоятҳо ба иҷрои вазифаи қозигӣ баромад, ҳар дафъа қозигии ӯ дер давом намекард: ягон суханаш, ки воқеанависҳо зуд ба амир мерасониданд, ягон рафтор ё ҳукми қозигиаш, ки ба амир, қушбегӣ ё қозикалон маъқул намеомад, боис мегардид, ки зуд ӯро аз қозигӣ дур мекарданд ва ба Бухоро баргашта чанд вақт бекор менишаст.

Инак як воқеа, ки боре сабаби бекор шудани ӯ аз қозигӣ гардид. Вақте ки Садри Зиё дар Чорҷӯй қозигӣ мекард, бародари Остонақули қушбегӣ (сарвазир) ҳокими вилоят буд ва Мирзо Зайнуддин ном шахсе ба курсии ноиби ҳоким менишаст. Мирзо Зайнуддин зани ҷавону зебои хизматгораш Тошхоҷаро зӯран дар ҳавлии худ нигоҳ дошта, Тошхоҷаро маҷбур кардааст, ки ба бадали 700 танга занашро талоқ диҳад. Васиқаи пули бадалро барои мӯҳр кардан ба қозихона, ба Садри Зиё оварданд. Садри Зиё ба қавли худаш «аҷзу нотавонӣ, суханони дилсӯз, оҳи ҷонгудози он мазлум» — Тошхоҷаро дида, васиқаро мӯҳр накард, ба назди Мирзо Зайнуддин одам фиристода талаб намуд, ки зани Тошхоҷа низ барои хати талоқ гирифтан ба қозихона ҳозир шавад. Чун зан омад ва «зану шавҳар якдигарро диданд, шӯри маҳшаре барпо карданд». Садри Зиё занро ба шавҳар супурд, «гирёну дуокунон баромада рафтанд». Мирзо Зайнуддин дафъатан аз қозӣ ба амир чи шикояте кард ва баъди як ҳафта фармони аз қозигӣ маъзул шудани Садри Зиё расид.

Ҳамин тарз ҳар дафъа сабабе мебаромаду вай ба ғазаби амир дучор мешуд. Ҳамин ки аз қозигӣ бекор мекарданд, боз ба Бухоро меомад, дар чорбоғи Сепулон, ки мулки худаш буд, қарор мегирифт. Боз равшанфикрону хуштабъон ба гирди ӯ ҷамъ меомаданд ва сӯҳбатҳои адабӣ ва иҷтимоъӣ ҳамчунон давом мекард.

Соли 1920 Садри Зиё дар Насаф (Қаршӣ) қозӣ буд ва моҳи сентабр, ки инқилоби Бухоро рӯй дод, ӯ бо одамони амир ба Афғонистон нагурехт, балки ба навъе худро аз даруни онҳо берун кашида, ба ҳазор таҳлука ба Бухоро расид.

Чун Ҳукумати Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро Садри Зиёро ба хизмати маъмурӣ кашид, вай ин даъватро рад накард. Фақат соли 1924, ки тақсими ҳудуди миллии Осиёи

---

[158] *С. А. Азимҷонова, Д. Г. Вороновский*, мақолаи мазкур, саҳ. 112.

Миёна сурат гирифт ва давлати Бухороро барҳам дода онро ба Ӯзбекистони навтаъсис, яъне ба Иттиҳоди Шӯравӣ иҳлоқ карданд, Садри Зиёро , чунонки худаш гуфтааст, «аз хизматҳои ҳукумати шӯроӣ фароғате ба ҳам расид».

Муҳаққиқе дар бораи воқеаҳои Бухорои соли 1926 менависад: «Ҳангоми ислоҳоти замину об дар сафи рӯҳониёни ислом ҷудоӣ рӯй дод. Қисми иртиҷоъии онҳо ба ислоҳот сахт муқобил баромаданд, онро хилофи асосҳои ислом донистанд ва гуфтанд: Ислом ба як мусулмон (дар ин маврид ба деҳқони безамин) аз худ кардани молу мулки мусулмони дигаре (дар ин маврид мусодираи замини феодалҳои калон)-ро манъ кардааст. Он қисми рӯҳониён, ки ҳокимияти шӯравиро эътироф карда буданд, ислоҳотро дастгирӣ намуданд. Сардори ин қисми рӯхониён қонундони баэътибори мусулмонон Шариф-махдум (Садри Зиё — М.Ш.) буд. Вай дар гузашта қозикалони давлати хонияи Бухоро буд. Баъди инқилоби Бухоро (1920) ҷалои ватан накард, дар Ҷумҳурияти Халқии Бухоро монд ва китобдори китобхона буд. Шариф-махдум фатвои шаръӣ тартиб дод ва дар он фатво ба Қуръон такя карда исбот намуд, ки ислоҳоти замину об хилофи фармудаи Худованд нест. ИН ҳуҷҷатро чанд муллои намоён имзо карданд ва барои бартараф шудани калавиши деҳқонони диндор, барои анҷом додани ислоҳоти замину об хеле ёрӣ расонид»[159].

Шояд Садри Зиё дар баъзе чорабиниҳои дигари шӯравиён низ кӯмак карда бошад.

Дар охири умр, аз солҳои 1923-1924 дар идорае кор намекард. Он гоҳ бештар имкон ёфт, ки ба таълифи дубораи асарҳояш машғул шавад. Лекин боз ҳам бисёр чизҳо ба ин кор халал мерасонид. Яке аз монеаҳо беморӣ буд. Охири умри Садри Зиё ба касалмандӣ мегузашт. Хафақон дошт, чанд гоҳ ба дарде гирифтор шуд, ки онро худаш истисқо мегуфт. Дар баданаш об ҷамъ мешуд ва онро кашида мегирифтанд. Дар ёдам ҳаст, ки солҳои охир пӯсти бозувонаш монанди халтаи холӣ овезон буд, зеро аз танаш об кашида буданд ё зиёда лоғар шуда буд.

Шояд барои муолиҷа бошад, ки як вақт ба сафар баромад ва то Ӯш рафт. Мани хурдсол (намедонам, он гоҳ чанд сол доштам) дар ин сафар бо ӯ будам. Дар роҳ баСамарқанду Тошканд фуруд омада, чанд гоҳ истодем. Аранг-аранг дар ёдам хаст, ки ба ҳавлиҳое ба меҳмонӣ мерафтем, салладорҳо ҷамъ мешуданд, бо хавоси парешон оҳиста-оҳиста сӯҳбатҳое мекарданд.

Дар Самарқанд ба мадрасае фуруд омадем. Пас аз чандин сол фаҳмидам, ки ба ҳуҷраи Ғуломи Изомӣ фуруд омада будаем. Ғ. Изомӣ аз хушнависони машҳури Бухоро буда, баъди инқилоб барои ба тартиб овардани китобхонаи Садри Зиё ёрмандӣ карда буд. Ин дӯсти дерин ҳоло дар Самарқанд Садри Зиёро ба ҳуҷраи худ меҳмон намуд.

Ҳамин ки ҷойгир шудем, падарам Ғ. Изомиро илтимос кард, ки аз омадани мо ӯ ба Садриддини Айнӣ хабар диҳад. Чанд сол боз Айниро надида буд ва зоҳиран ҳоло шавқи дидори ӯ дар дилаш ҷӯш мезад.

Ӯ бо Садриддини Айнӣ шиносии кӯҳна ва ба як ҳисоб ба ӯ ҳаққи устодӣ дошт. Ӯ буд, ки дар як деҳи Бухоро аз зиракии Садриддинхоҷаи 11-12 сола пай бурда, ӯро барои хондан ба Бухоро оваронид ва чанд вақт дар ҳавлии худ ҷой дод. Пас аз ин Садри Зиё ба Айнӣ аз мадарасаи Кӯкалтош ҳуҷрае харида дод, ки Айнӣ солҳои 1907-1917 он ҷо зиндагӣ мекард. Ӯ барои бародари Айнӣ ҳам ҳуҷра ёфта дода буд. Айнӣ аз китобхонаи Садри Зиё, аз сӯҳбатҳои маърифатомӯз ва файзу баракати маънавии вай хеле баҳра бурда буд ва ӯро «аввалин тарбиятгари маънавии худ медонист»[160].

Дӯстии Садри Зиё ва Айнӣ дар асоси ҳаммаслакӣ ба вуҷуд омада, бо ҳамкории ҳангоми муборизаҳо устувор шуда ва ба бародариву додарӣ гузашта буд.

Аз ин рӯ, ҳеҷ ҷои таажҷуб нест, ки Садри Зиё чун ба Самарқанд омад, аввал Айниро дидан хост.

Бозии фалакро бинед, ки Айнӣ он рӯз ва рӯзҳои дигар ҳам ба дидани Садри Зиё наомад. Шояд аз мулоқот бо Садри Зиё тарсид, ки агар ба чунин як «боқимондаи дунёи кӯҳна» ва «унсури бегона» омадурафт кунад ва инро касе фахмад, оқибати бад хоҳад дошт.

---

[159] *Х.Н. Дриккар.* Опыт Таджикистана в преобразовании классовой структуры (Таҷрибаи Тоҷикистон дар дигар кардани сохтори синфӣ), маҷаллаи «Народы Азии и Африки» («Халқҳои Осиёву Африқо»), 1982, №6, саҳ.112.

Аз тарси устод Айнӣ бояд ҳайрон нашавем. Модомки фарзанди азизи Садри Зиё Зариф маҷбур шуда буд, ки аз падар тамоман алоқа бурад, аз дигарон чи ҷои гила! Лекин шояд Садри Зиё дар он айёми пириву танҳоӣ аз Айнӣ нисбат ба фарзанди худ зиёдтар дилбардорӣ ва мадади маънавӣ умед дошт. Охир дӯстиву рафоқати ӯ бо Айнӣ ба хешиву таборӣ не, балки ба пайвандҳои маънавӣ асос ёфта буд. Зотан пайванди маънавӣ аз пайванди хунӣ пурзӯртар аст.

Боз як каси дигар буд, ки Садри Зиё бо ӯ пайванди ногусастанӣ дошт. Ин шахс Абдулвоҳиди Мунзим — шоири маорифпарвар ва инқилобкори намоёни тоҷик аст, ки солҳои кӯдакӣ дар ҳавлии Садри Зиё тарбия ёфта буд. Садри Зиё нисбат ба Мунзим ва Айнӣ самимияти махсус дошта, ҳамеша аз онҳо нисбат ба худ чунин самимият медид. Аз ҷумла дар «Тазкори ашъор» дар бораи ин ду нафар гуфтааст:

*Вафокеш мардум бидидам басе,*
*Чу Айниву Мунзим надидам касе.*
*Тавон гуфт Айнист як чашми ман,*
*Дигар чашм Мунзим дар ин анҷуман.*
*Бинозам ба гетӣ ба-д-он ду нафар,*
*Ки мурги диламро чу боланду ба пар.*

Ин аст, ки ҳоло яке аз содиқтарин вафокешҳо Айнӣ аз Садри Зиё дурӣ ҷуст. Оё аз хамин сабаб бошад, ки Садри Зиё чанд гоҳ боз аз як чашм қариб тамоман маҳрум шудааст? Наход, ки маҳрумияти ҷисмонӣ ишораи рамзие ба маҳрумият аз як ҷузъи пайвандҳои маънавӣ бошад? Ба ҳар ҳол алами маҳрумияти ҳозира зӯртар аз якумист.

Садри Зиё намехост бидонад, ки ҳоло муносибати Мунзим ба ӯ чи бошад. Намехост бидонад, зеро Худо нокарда, агар Мунзим низ чунин муомила кунад, ин худ зарбае хоҳад буд, ки ба он тоқат кардан шояд дигар имконпазир нагардад.

Албатта Садри Зиё медонист, ки ба мулоқоти ӯ наомадани Айнӣ на аз он сабаб буд, ки аз ӯ дилаш мондааст, ранҷидааст. Не, чизе дар миён нест, ки боиси ранҷиш шуда бошад.

Ҳоло наздиктарин шахсон ин пири оҷизи беозор ва мӯҳтоҷи ёриро ба ҳоли худ партофта бошанд, донед, ки замон бағоят фосид шудааст. Охир, ҳангоми террори умумии соли 1917, ки ӯ аз дасти аҳли балво қариб ҳалок шуда буд, ё дар айёми дувумин мавҷи пурталотуми ҷадидкушӣ, ки соли 1918 фаро расид ва ҳукми қатли Садри Зиё ба тасодуфе иҷро нашуд, хешу табор, ёру дӯстон аз ӯ мисли имрӯз ҳазар накарда буданд, аз ӯ дурӣ наҷустанд, қатъи алоқа накарданд, балки баръакс дар рӯзҳои сахт ҳамдаму мӯнис ва мададгори ӯ шуданд. Аммо ... имрӯз, ки наздиктарин азизон нисбат ба ӯ як навъ сангдилӣ пеш гирифтанд, месазад, ки он байтҳои машҳур, ки гӯё дар айёми истилои муғул гуфта шудаанд, вирди забон бошад:

*Ин чи шӯрест, ки дар даври қамар мебинам?*
*Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар мебинам...*
*Духтаронро ҳама ҷанг асту ҷадал бо модар,*
*Писаронро ҳама бадхоҳи падар мебинам.*
*Ҳеҷ раҳме на бародар ба бародар дорад,*
*Ҳеҷ шафқат на падарро ба писар мебинам...*

Бо чунин рӯҳияву кайфият дар сурате, ки дар роҳи оҳан бесару сомонӣ ҳукмрон буд, давом додани сафар хеле душвор омад. Аммо Садри Зиё сафарро то охир давом дод.

Ба фикрам, ин аввалин ва охирин дафъа буд, ки Садри Зиё чунин сафари тӯлонӣ пеш гирифта, аз ҳудуди собиқ аморати Бухоро баромад. Дигар хонанишинӣ ихтиёр карда буд. Азбаски Зариф аз падар гурезон буд, падар ба Ғиҷдувон ҳам намерафт, ба дидани наберахо ҳам ҳавсала нмекард.

Гоҳ-гоҳ пас аз ду-се рӯз ё ҳафтае як бор ба сари кӯчаи калон мебаромад, дар рӯ ба рӯйи мазори Турки Ҷандӣ, дар пеши дукони баққоле ва ё сартарошхонае ба курсӣ

---

[160] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ч.7, саҳ. 50.

менишаст, бо соҳиби дукон ва харидорону ҳоҷатмандони ӯ андак-андак гуфтугӯ мекард, гӯё мекӯшид, ки аз аҳволи замон ва дигаргуниҳои ҳаррӯзаи он бехабар намонад. Нағз дар хотир дорам, ки чанд бор ҳодисаеро дидем: аз кӯчаи калон аробае, ки пур аз чизҳои рӯзгор - кӯрпаву кӯрпача, гилему қолин ва монанди инҳо буд, мегузашт ва атрофаш соҳибони ин чизҳо гирёну нолон ва афтону хезон қадам мезаданд, ду-се нафар милисаҳо ва чарминапӯшҳо милтиқу тапонча ба даст аз пешу пас онҳоро мебурданд. Шак нест, онҳоро ба ҳасбхона мебурданд ва молашон мусодира шуда буд. Падарам ва дигар ҳозирони мушоҳидагар гиребони худро гирифта тавба мегуфтанду дигар хомӯш мемонданд.

Боре падарам чунин манзараи ба ҳабс бурдани одамонро диданду ду даст ба гиребони худ бурданд ва зери лаб гуфтанд: «Худоё, паноҳ деҳ».

Ман намедонистам, ки он бадбахтҳо чи касоне буданд ва чаро молашон мусодира шудаасту худашонро бандӣ кардаанд. Падарам шояд медонист ва рӯз то рӯз маҳзуниву ғамгинии ӯ зиёдтар мешуд, хомӯшияш низ меафзуд. Чи ҳам мегуфт? Ба кӣ ҳам мегуфт? Мӯнису ҳамдаме набошад, ки дарди дил бигӯяду бишнавад.

Шояд дар чунин мавриде бошад, ки дар як дафтари мусаввадаи ӯ чунин байтҳое сабт шудаанд:

*Гуфтам: Ба ҷаҳони шӯришоҳанг*
*Чун ҳеҷ касе ба ғам чу ман нест,*
*Шодона даме занем? Бигуфтанд:*
*Хомӯш, ки ҷои дам задан нест.*

## 5

Инак, соли 1931-1932 ва маъракаи ҷамъоварии тилло расид. Ҳар кас тиллову тилловор, масалан асбоби ороиши занҳо — ҳалқаву ангуштарин, дастпонаву тапиш ва ғайра дошта бошад, аз ӯ ба зӯрӣ мегирифтанд. Шояд мардуми Бухоро дар даст тиллову тиловор бисёр доштанд. Тиллову тилловор дар дасти мардуми шаҳрҳои калони Осиёи Миёна низ шояд кам набуд. Азбаски хазинаи шӯравӣ холӣ монд, қарор доданд, ки ин тиллоро аз мардум ҷамъ кунанд. Лекин «моли мӯъмин - хуни мӯъмин», касе ихтиёран тилло намесупурд. Бино бар ин ба гирифтугир даромаданд. Ҳар кас андак гумонбар шавад, ки тилло дорад, ҳабс мекарданд ва ба шиканҷа мекашиданд. Бисёр воқеъ шудааст, ки онҳое, ки тилло надоштанд, ба шиканҷа тоб наоварда маҷбур гардиданд, ки як навъ карда тилло ёбанд ва онро супурда, ҷони худро халос кунанд.

Рӯзе пагоҳии барвақт модарам маро бедор кард. Дидам, ки дар миёнҷои хона ду чарминапӯш рост истодаанд. Модарам мегиряду ин сӯ-он сӯи хона меравад. Падарам парешонҳол ҷома мепӯшанд. Ниҳоят, дар ҳолате, ки ман ҳанӯз аз кат нафаромада будам ва модарам ба поям ҷулоб мепӯшонид, падар салла ба сар гузоштанду ба пеши ман омаданд ва ба оғӯш гирифта бӯсиданд ва пичиррос зада «бачекам, туро ба Худо амонат супурдам», гӯён оби чашм пок карданду аз хона берун шуданд. Он ду сиёҳпӯш аз ду тарафашон гузашта, бурданд. Садои гиряву нолаи модарам баландтар баромад. Дар ҳамин ҳол ба суоли ман ҷавоб дод, ки падарро ба ҳабс гирифтанд.

Мо баъд аз ин дигар падарро надидем. Рӯзҳои муайян хӯроке мебурдем, дар маҳшаргоҳи назди ҳабсхона ба навбат истода, бо афтударафти бисёре ба даричае мерасидему овардаамонро ба он дарича дароз мекардем, хизматчиёни ҳабсхона мегирифтанд. Гоҳ пас аз хеле мунтазирӣ косаву табақи дафъаи гузаштаро ба мо меоварданд, гоҳ намеоварданд. Намедонистем, ки аз сари падар чиҳо мегузарад. Аз озодшудагон ҳам касе ба хонаи мо намеомад, ки аҳволи падарро фаҳмем.

Ҳабсхона мадрасаи Мирзо Муҳаммадшариф буд, ки дар гузари Ғозиён, дар рӯ ба рӯйи ҳаммоми русӣ воқеъ шудааст. Ин мадраса ҳамноми Садри Зиёст, номи ӯ ҳам Мирзо Муҳаммадшариф аст. Тасодуфро бинед, ки акнун мадрасаи ҳабсхона низ Мирзо Муҳаммадшариф ном дорад! Садри Зиё ин мадрасаро хуб медонист. Як вақтҳо падари ӯ домулло Абдушшакури Оят дар ин мадраса дарс медод. Садри Зиё дар ин мадраса дарс хонда буд ва ҳуҷрае дошт, ки дар болои дарвозахона воқеъ буд. Онро ба шоири ҷавони мӯҳтоҷ Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дода буд, ки зиндагӣ кунад. Мунзими хаттот маҳз дар ҳамин ҳуҷра соли 1898 ё 1899 бо супориши Садри Зиё «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Донишро аз як нусхаи дастхатти муаллиф рӯбардор карда буд. Мунзим он гоҳ дари ҳуҷраро аз дарун қулф карда пинҳонӣ ин корро анҷом дода буд. Баъд Айниву Ҳайрат бо

Мунзим дар ин ҳуҷра чанд гоҳ пинҳон шуда, он нусхаи рӯнависро бо нусхаи асл ҷумла ба ҷумла муқоиса карданд, то ки саҳвҳои котиб ислоҳ шавад. Дар натиҷа як нусхаи мӯътабари «Наводир-ул-вақоеъ» ба миён омад. Ин нусха дар дасти Садри Зиё буд, вале чи шуду пас аз инқилоб ба чи роҳе ба ганҷинаи китобхонаи Фирдавсии Душанбе даромад ва ҳоло дар пажӯҳишгоҳи мероси хаттии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст.

Акнун дар ҳамин мадраса Садри Зиё бандӣ буд. Мо намедонем, ки ӯро дар кадом ҳуҷра ҳабс карданд. Наход ки тасодуфан ба ҳамон ҳуҷраи худаш афтода бошад? Ҳар чи бошад, он ҷо, ки дирӯз илмхона буд, имрӯз ҳабсхона аст. Дирӯз дар як ҳуҷра як кас зиндагӣ мекард ва илм меомӯхт, акнун чандин нафар ба якдигар ҷафс шуда нишастаанд ва ҷунбида наметавонанду интизори марг мекашанд. Дар ин мадраса, ки яке аз осори барҷастаи таърих буда, рӯзҳои азизи ҳаёти пештараи Садри Зиё ба он вобастагӣ дошт, ба ҳабс афтодани ӯ боз як зарбаи сахти тақдир буд, ки бояд ба он тоб меовард.

Он вақтҳо ин мадраса ва боз чанд мадрасаи дигар, ки низ ба турма табдил ёфта буд, пур аз маҳбусон гардида, доимо аз тирезаи ҳар ҳуҷра чанд нафар намудор буданд ва аз байни ҷамъомадагони сершумори берун хешу табори худро меҷустанд. Дар даруну беруни мадраса ҳамеша шӯру вовайлое ҳукм меронд: оҳу нола ва фиғону фарёд ба фалак печида буд.

Кай ба ҳабс гирифтор шудани Садри Зиёро намедонам. Ба фикрам, ҳаво на хунук буд, на гарм. Шояд аввали баҳор бошад. Вақти даргузашти ӯ аниқтар дар ёд мондааст: охири апрел буд. Аввал аз зиндон  хатчае гирифтем, ки ба дасти худи ӯ навишта шуда буд: пасфардо рӯзи 25 апрел озод хоҳам шуд, азбаски нотоб ҳастам, барои бурдани ман фойтун, як ҷомаи серпахта ва асо биёред. Мо аз хабари озодии падар хурсанд шудем ва модарам рӯфтурӯби ҳавлиро ба ман фармуда, худ ба тоза кардани хонаҳо сар карданд. Рӯзи дигар, ки мо ҳанӯз ба пешвози падар ҳавливу хона тоза мекардем, касе дарвозаро тақ-тақ кард. Ӯ хабар оварда буд, ки Шарифҷон-махдум аз дунё гузаштанд.

Модарам нолаву фиғон бардошт. Оби чашмаш шашқатор маро ба оғӯш гирифта ва бо дастони ларзон сарамро молида гуфт: «О дадаҷонаш, ин сағиракро ба кӣ монда рафтед? Акнун ман бо ин ятимча куҷо равам? Дод аз дасти замон! Бачекам, дадаҷонат шаҳид шуданд!»

Лекин шаҳид шудани падарро дигар аз ӯ нашунидам. Модарам он рӯз ва рӯзҳои дигар бисёр овоз андохта гиря кард, вале аз шаҳид шудани падар дигар чизе намегуфт, албатта метарсид, ки ин гап ба сарамон балое оварад. Бешак ба забон овардани чунин гапе бисёр хавф дошт. Модар чандин бор ба ман гуфт, ки «падарат бо ғами ту рафтанд, дар дами вопасин дар дилашон ғами ту буд, ки баъд аз сари ман ҳоли ин сағира чӣ мешуда бошад? Дар он лаҳзаҳо ғами худашонро не, ғами туро мехӯрданд».

Дар ҳақиқат ҳазрати қиблагоҳам дар охири умр, чанд моҳи пеш аз фавт дар бораи ин камина навиштаанд: «Фарзанди дигарам Муҳаммадҷон ном, ки ҳозир шашсола аст, намедонам замон мусоъид шуда, чароғи обову аҷдодашро равшан мекунад ё дар зулматободи ҷаҳолат мемонад».

Оре, падари бузургворам дар дами вопасин дар ғами мани хурдсол будаанд, Шукри Худованд, ки оҳи ҳазрати қиблагоҳамро шунид ва раво надид, ки банда ба «зулматободи ҷаҳолат» биафтам.

Ҳар чи бошад, он чи Садри Зиё дар бораи Шоҳин гуфта буд, ба сари худаш омад:

*Ба ҳасрат аз ин хокдони хароб,*
*Бурун рафт бо дидагони пуроб.*

Масъалаи сабаби даргузашти ӯ ҷавоби босавоб надорад. Ҷавоби расмӣ ин буд, ки ба ӯ бемории тиф расид. Ҳатто намехостанд, ки ҷасади ӯро барои ба хок супурдан ба мо бидиҳанд. Гӯё агар мо худ маросими дафн иҷро кунем ва гӯронем, бемории ӯ ба мо мегузаштааст. Лекин мо талаб кардем, ки ҷасадро диҳанд. Тағоиям Ҳабибуллоҳ - махдуми Авҳадӣ (Ҳабибулло Ибодуллоев), ки дар оилаи мо ягона мард ва саробон буд, ба Коган (Бухорои нав) рафта, баъди даводав аз кадом духтур иҷозат овард, ки худ ба хок супорем, вале рухсат нашуда буд, ки ба хона орем, аз ҳабсхона рост ба гӯристон — ба мазори Хоҷа Исмат бурдем.Ин вақт бекасии мо тамоман маълум шуд. Солҳои сол одами бисёре дар атрофи Садри Зиё буданд, аммо имрӯз касе нест, ки ӯро ба роҳи охирин барад. Ҳатто Зариф

наомад. Маҷбур шудем, ки чор нафар тобуткаш киро кунем. Аз паси тобут ману модарам ва Авҳадӣ равон шудем. Раиси гузарқум низ бо мо буд. Баъдтар фаҳмидем, ки одатан занону кӯдаконро ба сари хок намебаранд ва ману модарам он рӯз, ки аз паси тобут рафта будем, расму одатро вайрон кардем.

Дар рӯ ба рӯйи мазори Хоҷа Исмат масҷиде буд. Дар таҳоратхонаи он масҷид ҷасадро шустанд, дар айвони масҷид намози ҷаноза хонданд. Як сағонаи кӯҳнаро кушода тайёр карда будаанд, ҷасадро ба он сағона гузоштанд. Дар ин лаҳза нолаву фиғони модарам дилхарош буд. Вале ман гиря намекрдам. Модарам гуфт:

— Бачекам гиря кун, падаратро ба хок месупоранд, гиря кун.

Аммо чи шуд, ки гиряи ман наомад. Он гоҳ модарам гуфт:

— Ҷои қабри падаратро фаромӯш накун. Бин, рӯ ба мазор истодаем, аз тарафи чап дар сари пайраҳаи якум сағонаи сеюм аст. Аз ёдат набарояд, сағонаи сеюм, — таъкид мекард модарам. Овози гиряолуди вай ҳанӯз дар гӯшам садо медиҳад. Он манзара ҳанӯз дар пеши чашми ман аст.

То соли 1938 ман дар Бухоро будам. Ҳар гоҳ, ки ба зиёрати қабри падарам меомадам, мақбараи Хоҷа Исмат, сағонаи падар ва атрофи онҳоро ба тарзи пештара медидам. Баъд мо ба Душанбе кӯчидем. Чун пас аз ҷанги Олмон, тахминан соли 1947 ба Бухоро омадам, дидам, ки гунбази болои қабри Хоча Исмат нест на сағонаи падар ва дигар сағонаҳои атроф мондаасту на масҷиду таҳоратхонаи он. Он гунбазу сағонаҳо аз хишти аълосифати қадимӣ сохта шуда буданд. Солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон ин хиштҳоро канда бурдаанд ва барои иморатҳо истифода кардаанд. Ҳамин тавр қабри Садри Зиё баъди 10-12 сол нест шуд.

Моҳи сентябри соли1989 ба муносибати 80-умин солгашти умри нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ як гурӯҳ адибони тоҷик, аз ҷумла Бозор Собир, Гулназар, Убайд Раҷаб ва камина ба Бухоро сафар кардем. Ба зиёрати мазори Хоҷа Исмат ва хокҷои Садри Зиё рафтем. Ман ҷои қабри Садри Зиёро ба онҳо нишон додам. Нависандагон андаке дар пеши оромгоҳи Садри Зиё хомӯш истода, ба андеша рафтанд. Муҳиддини Олимпур манзараро ба навор гирифт.

Пас аз як соли дигар — 14 июни соли 1990 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ин шеъри Гулназар чоп шуд:

*Барои Муҳаммадҷон Шукуров*

*Гиря кун, гиря кун чун абри баҳор,*
*Дар сари гӯри бенишони падар.*
*Магар аз оби хуфта бархезад*
*Лолаҳое чу доғи банди ҷигар.*

*Ин замин сар ба сар яке дахма-ст,*
*Дахмаи шайху шоири сарҳанг.*
*Сари ҳар пушта метавон бигрист,*
*Аз ғами бенишонии фарҳанг.*

*Ин замин сар ба сар қабр аст,*
*Марқади хашму шӯру тӯфонҳо.*
*Оби чашмони ту магар шӯяд*
*Гарди даврону хоки насёнҳо.*

*Оби чашмат гар кунад лабрез*
*Чашмаҳои дари лаббаста.*
*Сангҳое магар кашад боре*
*Ҳасрати кӯзаҳои бишкаста.*

*Тоҷик ин ҷо агар асар дорад,*
*Ҷуз мазори харобу яксон нест.*
*Мадфани бепаноҳи сомонӣ*
*Пуштибони ҷалоли Сомон нест.*

*Кай зи дӯши манораҳои баланд*
*Осмонҳо фуруд меояд?*
*Аз раҳи оби Зарфишон рӯзе*
*Шоири Панҷрӯд меояд?*

*Панҷаи зарнисори настаълиқ*
*Мекашад домани забони маро,*
*Сабзае, ки зи ашки ту сабз аст,*
*Мекушад, мекушад хазони маро!*

*Гиря кун, гиря кун чун абри баҳор,*
*Бар сари гӯри бенишони падар.*
*Хушксорӣ ҳушат намеояд*
*Дар Бухорои ҷовидони падар.*

6

Пас аз чанд рӯзи маҳбусии падар модарамро низ ба ҳабс гирифтанд. Тағоиям Авҳадӣ маро ба ҳавлии худ бурд. Намедонам, модар чанд гоҳ ҳабс буд. Ба ҳар ҳол хеле пештар аз фавти падар озод гардид. Аз он чи дар ҳабсхона аз сар гузаронид, чизе намегуфт. Ё мумкин аст, дар пеши ман намегуфт.

Чунин рӯйдоде ба ёдам мондааст. Рӯзе дандони модарам сахт дард кард. Ба падар хӯрок бурда натавонисту хӯрокро бо касе фиристод. Бо он кас хатчае ҳам фиристода аз падарам суол кард, ки дандонро чи илоҷ кунад, дармонҳо асар надорад. Хайрият кадом дарбони нармдили зиндон раҳм кардааст ва ин хатчаро бурда, ба падар дода, ҷавоб овардааст. Ҷавоб ин буд, ки пагоҳ фалон соат рӯймолчаеро гиреҳ карда, ба дандон бигаз ва сӯи турма нигарон бош, ман дуо хонда, куф мекунам, сиҳат меёбӣ. Модарам дар он соат ин гуфтаро ба ҷо овард, дар ҳақиқат дарди дандонаш монд.

Ман худ гувоҳи ин ҳодиса ҳастам ва ҳанӯз аз қувваи ботинии падар ҳайратам меояд. Як нусхаи сиёҳнависи асарҳои ӯ дар дасти ман ҳаст, ки дар даруни муқоваи он бо номи дуои дарди дандон, дуои дарди чашм ва ғайра чанд дуо ба дасти падарам навишта шудааст. Аммаам гуфта буд, ки падарам баъзе дардҳои хушк - дарди гӯш, дарди дандон, дарди сар ва ғайраро бо дуо муолиҷа мекарданд.

Модарам бисёр камгап, сархам ва ором буд. Рӯйи сабзина, чашму абрӯйи сиёҳ, мижгони дарози хамхӯрда, мӯйҳои сиёҳи ғафси дароз дошт. Ба назарам, хело зебо буд. Кӯча барояд, чодир ба сар мегирифт. Чашмбанд ҳам дошт.

Ҳеҷ гуомн надоштам, ки модарам бемор аст. Хеле меҳнатӣ менамуд. Аз пагоҳ то бегоҳ ба кори хона овора буд ва лаҳзае ором намегирифт. Кас гумон мекард, ки сиҳаташ хуб аст, бақувват аст. Лекин бемор будааст. Мегуфтанд, ки аз ҳабсхона касалие ба ӯ часпидааст. Маълум шуд, ки касалии сил будааст.

Он вақт, ки падарам ҳабс шуданд, модарам дуҷон будааст. Баъди вафоти падар духтарчае таваллуд шуд, ки Вориса ном доданд. Вале умр вафо накард, ки ворисаи падар шавад. Пас аз андак муддат аз дунё гузашт. Баъд аз ин модар ҳам дигар ба худ наомад.

Мо дар ҳавлии тағоям Ҳабибуллоҳи Авҳадӣ будем. Он сол ман ба мактаб рафтам. Чун ним соли таҳсил поён ёфт, муаллима ба ман гуфт, ки вақти таътили январ нисфи китоби синфи 2-ро хонам, баъди таътил маро ба синфи 2 мегузаронанд, дар як сол ду синфро тамом мекунам. Ман аз ин хабар хурсанд шудаму афсӯс ки модарро хурсанд карда натавонистам. Ӯ сахт бетоб буд, гоҳ баҳушу гоҳ беҳуш мехобид ва ҳамин ки ман ба синфи 2 гузаштам, ӯ аз дунё гузашт. Даргузашти ӯ бояд дар январ ё феврали соли 1933 воқеъ шуда бошад. Дар андак муддати камтар аз як сол мани сарсахт ҳам аз падару ҳам аз модар ҷудо шудам. Модарам он вақт 37 сол доштааст.

Баъди даргузашти падар мероси ӯро тарака карда буданд. Бародарам Зарифхон, ки ба дафни падар наомада буд, ба сари тарака ҳозир шуд. Рафтуомад бо падар гуноҳ будаасту

дар сари мероси ӯ талош кардан айб набудааст. Намедонам, мероси падар ба ӯ насиб кард ё не, ба мо насиб накард. Ҳар чи монда буд, пас аз вафоти модар фурӯхтанд, ки аз 3000 сӯм зиёдтар шуд. Онро ба номи ман дар амонаткасса гузоштанд, фақат баъди расидан ба синни 16 ҳақ пайдо мекардам, ки онро бигирам. Авҳадиро васии мани ятим таъин карданд, ки ҳақ дошт, барои саробонии ман ҳар соле аз он пули ман андак маблағ бигирад.

Ҳавлии падар аз даст рафт. Баъд аз он ки мо бо модарам ба ҳавлии тағоям кӯчидем, сардори НКВД-и Бухоро, ки Боишеви тотор мегуфтанд, ҳавлиро ишғол карду ба ҳар хонаи он як оилаи тоторҳову русҳои навомадро шинонд. Онҳо ё фарзандони онҳо ҳанӯз дар он ҳавлӣ зиндагӣ мекунанд.

Тақдирро бинед, ки умри тағоиам — васии ман Авҳадӣ ҳам дароз набудааст. Ду тағоии дигарам солҳои НЭП дукони баққолӣ кушода буданд. Як вақт Сталин зидди нэпманҳо мубориза сар кард тағоиҳоямро бо андозҳои тоқатфарсо ва чи роҳҳои дигар танг кардан гирифтанд. Охируламр онҳо тоқат карда натавонистанд ва модарашонро гирифта ба Афғонистон гурехтанд. Он вақтҳо сарҳад кушода будааст, бемамониат гузашта, дар шаҳри Андхӯй иқоматгоҳе ёфтаанд.

Тағоии хурдиам Авҳадӣ дар Бухоро монд. Мегуфтааст, ки ман аз ҷадидон будам, бино бар ин шӯравиён ба ман осеб нахоҳанд расонид, ҷалои ватан зарурат надорад. Вай дар китобхонаи Ибни Сино кор мекард. Гоҳ-гоҳ шеъраш дар рӯзномаи Бухоро чоп мешуд. Бисёр одами ботамкину солор ва камгапу ором буд. Баъзе бегоҳиҳо аз кор ки омад, намедонам агар бисёр хурсанд бошад ё баръакс ғаму нохурсандие ба дилаш роҳ ёфта бошад, танбӯрро гирифта дар пешгоҳи хона менишасту навохтан оғоз менамуд. Ман дар поини хона нишаста гӯш меандохтам ва аз нохунаш чашм намекандам, бозии ангуштро тамошо мекардам. Навохтанаш ба ман мефорид, дилро роҳат мебахшид.

Бародаронаш баъди он ки дар Афғонистон андак осудагӣ даст дод, бо ӯ алоқа барқарор кардаанд ё барқарор кардан хостаанд. Як номаи онҳо ба дасти сарҳадбонон афтодааст. Марзбонон номаро хонда дидаанд, ки бародаронаш Авҳадиро ба Афғонистон даъват мекунанд. Дар сарҳад аз нома фотонусха бардошта, боз ба дасти туркмани номабар додаанд, ки бурда ба Авҳадӣ супорад. Баъд Авҳадиро ҳабс карданд ва бо вуҷуди он, ки ӯ ба гуноҳи алоқа доштан бо бародарон иқрор нашудааст, бо он фотонусха «гуноҳашро» ба гарданаш дайн карда, ба Сибир фиристодаанд. Ин ҳол соли 1936 ё 1937 рӯй дод.

Пас аз андаке хабари вафоти Авҳадӣ омад. Дар зарфи ду-се соли дигар ҳамсари ӯ ва ягона фарзандаш Искандари хурдсол ҳам ба хориву зорӣ ин дунёи бевафоро тарк гуфтанд. Пас аз зиндонӣ шудани Авҳадӣ ман ба хонаи аммаам гузаштам.

Аммаам Иқболхон танҳо монда будааст. Ягона духтараш Асолатхон бо шавҳару фарзанд ба Сталинобод — Душанбеи ҳозира кӯчида будаанд. Аммаи пирам дар як ҳавличаи, ҳамон гузари Чорхарос — ягон панҷоҳ метр дуртар аз ҳавлии падарам зиндагӣ дошт. Ман дастёри ӯ шуда омадам.

Инак, дар паҳлӯи пештара ҳавлии худамон зиндагӣ мекардаму вақти мактаб рафта омадан аз пеши он ҳавлӣ мегузаштам, ба бозӣ бароям ҳам, дар пеши дарвозаи он бозӣ мекардам, лекин аммаам таъйин карда буд, ки ба ҳавлии падар надароям: азбаски он ҷо одамони бегона зиндагӣ мекунанд, кӣ медонад, даромадани ман ба онҳо маъқул мешавад ё не. Дар шаҳр овоза буд, ки ин ҳама бегонаҳои омада, ки шаҳрро зер кардаанд, бадзоту бадкирдор мебошанд ва як «ҳунарашон» бачадуздист. Аз онҳо дур будан беҳтар аст. Аз ин сабаб аммаам таъйин карда буд, ки ба он ҳавлӣ надароям. Бо вуҷуди ин гоҳ якбора дилам мехост, ки дароям, хонаи падар, хонаи модарро бинам, донам, ки ҳавлии мо ба чи ҳол аст. Чанд бор ҷуръат кардаму даромадам. Лекин ба хонаи падар ва хонаи модар аз тиреза нигоҳ карда натавонистам, ҷуръатам нарасид. Дар рӯйи ҳавлӣ истода, оҳиста ба ҳар тараф чашм медавондам, ба назарам чунон менамуд, ки ҳавлӣ фатарот шуда истодааст, ба шикастурехташ нигоҳ намекунанд. Бо дили кашол баромада мерафтам.

Аммаам зани хушгапу хушсавод буд. Як баёз дошт, ки солҳои ҷавонӣ ҳар шеър аз гузаштагон ё муосирон маъқул шуда бошад, навишта монда будааст. Баъзе шеърҳо бо дасти дугонаҳояш навишта шудаанд. Ҳар вақт зиқ шавад, духтараш Асолатхон ва наберааш Муҳаммадхонро, ки дар Душанбе буданд, ёд кунад, аз бекасиву танҳоӣ ба танг ояд, он баёзро мегирифт, паст-паст ва ба оҳанги аҷибе шеър мехонду мегирист. Ба назарам, ин тарз ба забони шеър нола карданҳои аммаам дили сангро об мекард. Ман ҳам дар дами пирии аммаам як сарбории зиёдатӣ шудам. Аммаам аз танҳоиву нодорӣ азоб кашида, боре ҳасратомез ба ман гуфт:

— О бачем, худам дар ба дарам, туя ба дари кӣ барам?

Ҳамин тарз гиряи ӯ, гап задани ӯ ҳам шеърмонанд буд.

Зимистонҳо хонаи аммаам серодам мешуд. Шабҳои дарози зимистон аммаам китоб мехонду занҳои ҳамсоя ҷамъ шуда гӯш мекарданд, аз корномаҳои қаҳрамонони «Шоҳнома»-и мансур, «Абӯмуслимнома», «Замчинома», «Амир Ҳамза» ва дигар ҷангномаҳо, аз саховати маънавии Ҳотами Той, аз аҷобати ҳикояҳои «Ҳазору як шаб» ва ғайра ба ваҷд меомаданд. Гоҳ «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, девони Ҳофиз, мунтахаби девони Бедил ва монанди инҳоро мешунидем. Аммаам ҳар шеърро ба оҳанги дигаре мехонд, гӯё ки месуруд ва торҳои дили моро ҳам оҳиста нохун зада ба танинандозӣ меовард. Гӯё ҳама шеърҳо дардомез буданд, ки аз чашми занҳои ҳамсоя об мебаромад.

Гоҳ аммаам аз ман илтимос мекард, ки «китобҳои охирзамонро» барои ӯ хонам. Боре гуфт, ки ягон китоби Садриддинхоҷаи Айниро биёрам ва хонам. Ман «Дохунда»-ро аз китобхонаи мактаб овардам ва ба китобхонии худи аммаам тақлид карда оҳангдор ва бо бароварду фуровард хондан гирифтам. Амаам бо диққат гӯш кард ва аз саргузашти Ёдгору Гулнор мутаассир шуд. Вале чун ба воқиаҳои Бухоро ва зиндагии пешазинқилобии он расидем, тасвири ноинсофию бенизомиҳое, ки Айнӣ нишон додааст, ба ӯ маъқул нашуд. Ҳар замон оташин шуда, хашмаш боло мегирифт ва гоҳ мегуфт:

— Бас кун, ин гапҳо дурӯғанд. Садриддинхоҷа дуруғгӯй будааст, дурӯғ бофтааст.

Ман китобро мепӯшидаму аз паи кори худам мешудам. Аммо баъди чанд гоҳ боз аммаам хоҳиш мекард, ки киоби Айниро хонам.

Ҳамин тарз зиндагии ман дар хонаи аммаам бештар ба китобхонӣ мегузашт. Ӯ ҳам аламзада буд ва аламҳои дилашро бо китоб таскин медод, аз китоб барои решҳои дил марҳам меҷуст. Гоҳ гузаштаро ёд мекард, солҳои ҷавонии худ ва баъзе воқеаҳои он айёмро ба хотир меовард ва ба ҳасрат ҳикоя мекард. Ман ҳар чи дар бораи падарам, ғайр аз навиштаҳои Айнӣ медонам, аз нақлҳои ӯст.

Ниҳоят, аммаам ба бекасӣ тоқат карда натавонисту ба Сталинобод ба назди фарзандаш рафт. Он вақт ман ҳам ба омӯзишгоҳи педагогии Бухоро ба таҳсил гузашта будам. Пас аз як сол аммабачаам Асолатхон ва хамсари нависанда Ҷалоли Икромӣ — Саодатхон аз Сталинобод омаданду маро ба ҳолам намонда бо худ ба Тоҷикистон оварданд ва ба хонаи аммаам фуромадам. Аз ҳамон вақт, яъне тахминан аз соли 1938 ё 1939 дар Душанбе зиндагӣ мекунам.

## 7

Ҳар вақт, ки ба тавассути Ҷалол Икромӣ ба сӯҳбати нависандагони Тоҷикистон меафтодам, инчунин он гоҳ ки ба факултаи адабиёти Институти омӯзгории Душанбе ба хондан даромадам (1941) ва муаллимон аз адабиёти арафаи инқилоб ё аз Айнӣ сухан оғоз намоянд, бо диққат гӯш мекардам, ки дар бораи Садри Зиё ҳам чизе медонанд ё не. Вале ӯро касе ном намегирифт. Ман худ намедонистам, ки ӯ чиҳо навиштааст ва дар байни навиштаҳои вай чизе баарзиш ҳаст ё не. Аз ин хусус аммаам низ ҳеҷ намедонист ва ман аз ӯ боре номи ягон асари падарамро нашунида будам.

Дар ҳама мавридхои зарурӣ, аз ҷумла ҳангоми ба комсомол даромадан рӯйрост гуфта будам, ки падарам дар ҳабсхона вафот кардааст. Сабаби ҳабс шуданашро пурсанд, он чи медонистам, батафсил мегуфтам. Пеш аз инқилоб қариби 25 сол қозигӣ карданашро низ гуфтам. Дар ин хусусҳо чизеро аз мардум пинҳон доштан намехостам. Лекин ҳунари нависандагӣ доштанаш ва китобҳои кӯҳна ҷамъ карданашро нагуфта будам. Инҳоро гуфтан бисёр хавф дошт.

Ҳама китобҳои қадимӣ, ки ба хати арабӣ навишта шудаанд, дар замони шӯравӣ китоби динӣ ва чизи зарарнок ҳисоб мешуданд ва ман худ дида будам, ки касе дар хона ба хати арабӣ китоб дошта бошаду ин ошкор шавад, ба азобҳои сахт гирифтор мегардид. Бино бар ин аз китобхонаи падар лаб намекушодам. Аз нависандагии ӯ сухан кардан аз он ҷиҳат хавф дошт, ки мазмуни навиштаҳои ӯ аён набуд. Азбаски ӯ дар замони шӯравӣ мардуду хонанишин шуд, мабодо ки баъзе чизҳои зиддишӯравӣ навишта бошад. Агар чунин бошад, аҳволи ман чи мешавад. Аз ин рӯ қарор додам, ки алҳол дар ин хусус чизе гуфтан салоҳ нест.

Солҳои донишҷӯӣ хондани хати тоҷикии арабиро андак ёд гирифтам ва гоҳ-гоҳ ба шӯъбаи дастхатҳои китобхонаи умумии Фирдавсӣ медаромадам. Чун фаҳмидам ки дар ин шӯъбаи китобхона баъзе асарҳои Садри Зиё ҳаст, маро аҷаб ҳолате рӯй дод. Ҳам бениҳоят хурсанд шудам, ки навиштаҳои вай ҳатто дар Душанбе маҳфузанд ва ман ҳоло ҳозир метавонам онҳоро бигираму бихонам ва бубинам, ки он пири барҷомонда солҳо хит-хит қалам ронда чиҳо навишта будааст. Ҳам маро даҳшате фаро гирифт, ки раваду аз байни

навиштаҳои ӯ чизҳои зиддишӯравӣ барояд, он гоҳ чи кор мекунам? Боз худро тасаллӣ додам, ки агар гапҳои зидди шӯравӣ медошт, магар дар китобхонаи шӯравӣ нигоҳ медоштанд? Не, кайҳо месӯзониданд.

Бо ҳаяҷони тамом навиштаҳои падарро ба даст гирифтам. Дар китобхонаи Фирдавсӣ нусхае аз тазкираи манзуми «Тазкори ашъор» ва як нусха аз «Наводири зиёъия» мавҷуд будааст. Сарам ба осмон расид, ки ҳар ду нусха ҳам ба қалами хушнависон ба хати зебову хоно китобат шудааст ва монанди китобе, ки бо ороиши хубе нав аз чопхона баромада бошад, дилкаш аст. Китобдори шӯъбаи дастнависҳо М. Тоҷиддинов ном марди бухороӣ хабар дод, ки ҳар ду нусха ба тавсияи Айнӣ ва ба супориши китобхонаи Фирдавсӣ аз рӯйи автографи китобхонаи Ибни Сино рӯнавис шудааст...Модом, ки аслаш дастнависи муаллиф аст, нусхаи мӯътабар ба шумор меравад. М. Тоҷиддинов инчунин гуфт, ки «Тазкори ашъор» эҳтимол ба қалами Ҳабибуллоҳ-махдуми Авҳадӣ нусха шуда бошад. Ин номро шунида будам, ки хурсандии ман дучанд шуд, вале нагуфтам, ки ин шоири хушхат тағоии ман буд. Агар мегуфтам, лозим меомад, ки аз охири умри ӯ ҳам чизе бигӯям, аммо аз ин хусус гап задан ҳаргиз намехостам.

Дилам аз сипосгузорӣ лабрез шуд, ки падарам қадршиносони асил доштаанд, дар охири умр аз дунё на фақат носипосиву хорӣ диданд, балки қадршиносоне будаанд, ки ҳатто баъди даргузашти эшон аз Самарқанд то Душанбе ва аз он ҷо то Бухоро дар ҳаққи эшон ғамхориҳо кардаанд. Оре, некон ҳамеша ва дар ҳама ҷо ҳастанд. Дунё бӯқаламун аст, некон бӯқаламункуш.

Он ду нусха китобхонаи Фирдавсиро устод Айнӣ хонда будааст ва дар ҳошия қайдҳое дорад. Баъди чанд сол ба ман маълум гардид, ки Айнӣ бо навиштаҳои Садри Зиё пеш аз инқилоб, яъне бо таҳрири якуми онҳо шинос шудааст. Инро аз «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) фаҳмидан мумкин аст. Ин ҷо ӯ асарҳои Садри Зиёро ном бурда ва ба онҳо баҳои баланд дода, ба ҳасрат қайд намудааст: «Афсӯс, ки Рӯзнома ва баъзе муншаоти муҳиммаи Зиё дар фалокати маҳбусии Қаршӣ талаф шуда» (саҳ. 402). Шояд аз ҳамин сабаб таҳрири нави онҳоро, ки Садри Зиё дар охири умр анҷом дод, Айнӣ бо диққати тамом хонда бошад, то бидонад, ки назари нависанда аз таҳрири якум то таҳрири дувум ба чи андоза дигар шудааст. Аз қайдҳое, ки Айнӣ дар ҳошияи дастнависи китобхонаи Фирдавсӣ дорад, ман чунин тасаввур ҳосил кардам, ки устод аз таҳрири дувуми навиштаҳои Садри Зиё қаноатманд аст, дар ҳақиқат ба қадри он чи ӯ навиштааст, мерасад. Ҳангоме, ки чунин тасаввур ҳосил шуд ва аз шиносоии шахсӣ итминон пайдо кардам, ки эҷодиёти Садри Зиёро ба қисми пешраву пешбари адабиёти замон дохил кардан мумкин аст, дигар сарбаландии мароканор набуд.

Баҳори соли 1945, он вақтҳо ки барои хатми институти омӯзгорӣ тайёрӣ медидам, дар миёни донишҷӯён овоза паҳн шуд, ки устод Айнӣ аз Самарқанд омадааст ва ба чорбоғи ҳукумат фуромадааст. Ду-се нафар аз донишҷӯёни баҷуръат хоҳиш пайдо карданд, ки ба зиёрати Айнӣ биравад ва маро ҳам розӣ карда бо худ бурданд.

Дар як хонаи калони чорбоғ чор курсиро қатор гузошта моро шинонданд ва дар рӯ ба рӯйи мо курсии дигаре гузоштанд, ки пас аз андаке устод Айнӣ пайдо шуду он ҷо нишаст. Агарчи мо устодро пештар надида будем ва наметавонистем, ки аҳволи пештараву кунунии ӯро андоза карда муайян намоем, ки ҳоло аҳволаш беҳтар аст ё бадтар, бисёр пир шудааст ё не, ба назарам чунин намуд, ки нотавонӣ дар ҷисми ӯ тасаллут дорад. Шояд ин ба он сабаб бошад, ки ҳанӯз бори сахтфишори ҷангро аз китф напартофтаем ва ба китфи пирии ӯ ҳам фишор меорад. Устод бо овози хаста сухан карда, як-як аз ҳар кадоми мо ном пурсид, дар кадом факулта хондан, аз кадом шаҳру қишлоқ омадани моро суол кард. Дар охир навбат ба ман расид. Чун устод аз Бухоро омаданамро фаҳмид, дафъатан гузари моро пурсид ва ҳамин ки номи Чорхаросро шунид, чунонки ҳама бошандагони ин гузарро медониста бошад, зуд пурсон шуд, ки писари кистам. Гуфтам, ки писари қозӣ Шарифҷон ҳастам. Якбора чашмони устод дурахшиданд, гӯё тани нотавонаш ҷон гирифту қоматаш андак рост шуд. Нахустин суоле, ки дод, ин буд, ки:

— Сабаби ба ҳабс афтодани падаратон чӣ буд?

Аз дил гузаронидам, ки наход устод инро ҳеҷ нашунида бошад? Бо вуҷуди он, ки нисбат ба зарурату самимияти суол шубҳае пайдо шуд, ҳар чи медонистам, гуфтам, ба суолҳои дигар ҳам муфассалан ҷавоб додам: падарам дар маъракаи тиллоғундорӣ ҳабс шуда буданд, тилло доштанду супурданд ё не — намедонам, сабаби вафоташон — бемории арақӣ буд ва ғайра.

Устод ин ҳама бишунид, андак хомӯш монд ва бо қатъият гуфт:

— Муҳаммадҷон, донед, ки падаратон бо гуноҳи сиёсӣ нарафтаанд. Инро фаромӯш накунед.

Он гоҳ маънии ин таъкиди устодро пай набурда бошам ҳам, ба хар ҳол дар дилам як далерӣ пайдо гардид. Баъд аз ин ҳар вақт, ки дар бораи падарам ба расмият ё ғайри расмӣ сухан сар мешуд, андак далертар гап мезадам.

Устод хабар дод, ки дар китобхонаи Тошканд ҳама китобҳои падар, аз ҷумла навиштаҳои худи ӯ нигаҳдорӣ мешаванд, бо онҳо шинос шудан лозим аст. Сипас устод хешу табори дуру наздики моро як-як пурсидан гирифт. Ман онҳоро намедонистам. Устод аз ин бевуқуфии ман ҳайрон шуда, дар бораи ҳар кадоми хешовандонам чизҳои ҷолибе гуфт, воқеаҳои аҷиберо ба тафсил ҳикоя кард, ба ҳар муносибат чанд шеър хонд, ки баъзе шеъри ягон хеши ман ва баъзе аз шеърҳои худи Айнӣ буданду ба ягон хеши ман вобастагие доштанд. Азбаски табъи устод шукуфта буд, хеле бисёр гап зад, бисёр касонро ном гирифт, солҳои ҷавониашро ёд кард. Агар он рӯз магнитофоне медоштему гуфтаҳои ӯро сабт мекардем, шояд саргузашту тавсифи ҳама хешу табори худро пурра мефаҳмидам. Ман он рӯз якумин бор аз ҳофизаи камназири Айнӣ ба хайрат мондам (ва ин ҳайрати ман солҳои баъд боз чанд бор такрор шуд. Хусусан аз хондани «Ёддоштҳо»-и ӯ афзун гардид). Инчунин бовар ҳосил кардам, ки солҳои ҷавонии устод на фақат бо Садри Зиё, балки бо хешовандони ӯ ҳам вобастагие доштааст.

Устод Айнӣ барои ин, ки баъзе ҳамзамононаш ба гумномӣ намонанд ва ё барои ин, ки моҳияти шахсияту эҷодиёти онҳоро мо дуруст фаҳмем, бисёр хидмат кардааст. Чунончи шахсияти Аҳмади Дониш, Шоҳин, Ҳайрат ва монанди инҳоро мо асосан аз рӯйи навиштаҳои Айнӣ медонем. Садри Зиё низ яке аз чунин шахсиятҳои садаи XIX ва ибтидои садаи XX аст, ки Айнӣ ба ӯ ихлоси тамом дорад ва аз соли 1920 то охири умраш дар асарҳои гуногунаш дар бораи ӯ маълумоти аҷибе додааст.

Бисёр касоне, ки дар ҳаққи «тозагии ғоявӣ»-и адабиёти шӯравӣ аз ҳад зиёд ғамхорӣ мекарданд ё аз замона метарсиданд, ба ин кӯшиши Айнӣ монеъ мешуданд. Аз ҷумла М. Турсунзода, А. Деҳотӣ ва С. Бородини тарҷумон сахт истода Айниро маҷбур карданд, ки соли 1950 дар ҷилди севуму чоруми «Ёддоштҳо»-яш номи Садри Зиё «Шарифҷон-махдум»-ро ба «Латифҷон-махдум» иваз кунад. Дар сурате, ки дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ ҳама персонажҳо ба номи аслии худ зикр шудаанд ва устод номи нафареро дигар накардааст, ба ӯ лозим омад, ки ба тағйир додани номи Шарифҷон-махдум розӣ шавад. Боз ҳам дар сурате, ки дар дастнависи Айнӣ, инчунин дар чопи якуми ҷилди дувуми «Ёддоштҳо» ҳама ҷо «Шарифҷон-махдум» навишата шудааст, чопи якуми ҷилди саввуму чорум ба тоҷикӣ, русӣ ва ӯбекӣ бо «Латифҷон-махдум» баромад. Фақат аз охири солҳои панҷоҳ аз рӯйи дастхати муаллиф номи аслӣ барқарор шуд, аммо ба ӯзбекӣ ҳоло ҳам «Латифҷон-махдум» чоп шуда истодааст.

Мирзо Турсунзода соли 1978 дар як маҷлиси калон бо хашму ғазаб ба ман эрод гирифт, ки дар як мақолаам падарамро ном гирифта, асарҳояшро зикр кардаам, — дар шаш сатр дар бораи ӯ сухан рондаам, бори дигар аз забони асарҳои ӯ калимаю ҷумлаҳое ба «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ки луғати тафсирист) дохил кардаам. М. Турсунзода мегуфт, ки Садри Зиё қозӣ буд, истисморгар буд, устод Айнӣ хизматгории ӯро иҷро намудааст, таги аспҳои ӯро тоза кардааст. Ӯ аз ин гуна «гуноҳҳои» Садри Зиё бисёр номбар кард. Аҷабо, устод Айнӣ аз адои хизмати шахсоне чун Садри Зиё дар солҳои кӯдакиву ҷавонӣ ор накарда буд, ҳатто дар охири умр ҳам аз гуфтану навиштани он ораш наомад, аммо Турсунзодаро ор гирифтааст! Алҳақ, ин коса аз ош гармтар будааст.

Адои хизмати аҳли фазл дар солҳои ҷавонӣ коре савоб ба шумор меомад. Бисёр падарон кӯшиш мекарданд, ки фарзандон аз ин савоб намонанд. Чунин хидмат дар китобҳо низ ба роҳи савобҷӯӣ аз зарурот дониста шудааст. Чунончи Абдуллоҳи Ансорӣ (XI) дар охирин боби «Тӯҳфатулмулук» «хидмати уламову сулаҳову фуқаро»-ро «асли саодати дуҷаҳонӣ» ҳисобидааст. Аз ин ҷост, ки Садри Зиё ҳарчанд фарзанди яке аз уламову мансабдорони калони Бухоро буд, дар 13-солагӣ бо супориши падар хидмати шоир Исо-махдуми Исоро «ба қадри қудрату тавон ба ҷо оварда» буд. Ӯ дар тарҷумаи ҳоли худ аз ин хусус бо сарбаландӣ хабар додааст (Ниг. ганҷинаи Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Ӯзбекистон, № 1304/3, саҳ. 145).

Ин аст, ки Мирзо Турсунзода аз хидматкории солҳои кӯдакии Айнӣ беҳуда хиҷолат кашида буд. Айнӣ то андозае ба шарофати он хизматгузориҳо ба ҷое расид. Вай Садри Зиёро «аввалин тарбиятгари маънавии худ» медонист.[161]

---

[161] *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 7. Саҳ. 50.

Солҳои ҳафтодум ману Саҳобиддини Сиддиқӣ, ки мутахассиси эҷодиёти Садри Зиё буд, як маҷӯаи асарҳои Садри Зиёро ба чоп тайёр карда будем. Пас аз суханронии мазкури М. Турсунзода он маҷмӯаро аз чоп нигоҳ доштанд, баҳона карданд, ки калон аст. Мо онро кӯтоҳ карда ба 5 ҷузъи чопӣ овардем. Бо ин ҳама чанд гоҳ чоп нашуд ва фақат соли 1991 бо номи «Наводири зиёъия» ба табъ расид.

Агарчи профессор Расули Ҳодизода ва шодравон Саҳобиддини Сиддиқӣ, дар бораи ҳаёту эҷодиёти Садри Зиё асарҳое таълиф карда, бисёр масъалаҳоро як андоза равшан карданд, бо вуҷуди инҳо суханҳои дур аз инсоф, ки дар ҳаққи Садри Зиё дар муддати 20-30 соли охир аз ноогоҳон шунидему хондем, бисёранд. Ҳамаи онҳоро ин ҷо зикр кардан зарур нест. Аз ҷумлаи зарурат ба фикри мо ҳоло фақат таъкиди ин монд, ки аз саргузашти Садри Зиё сабақ бояд омӯхт. Рӯзҳое, ки ба сари Садри Зиё омад, муносибате ки ӯ пеш аз инқилоб ва баъд аз он дид, бешак яке аз натиҷаҳои гумроҳии замон, натиҷаи хор доштани инсон буд. Аз ҷумла дар аҳди шӯравӣ ба инсон асосан чун ба намояндаи синфу табақае, гурӯҳи иҷтимоие, ҷараёне, ҳизбе, касбу ихтисосе нигоҳ мекардем, аммо парвое аз он надоштем, ки ӯ чи инсонест, одамияти ӯ ба кадом андоза аст. Мафҳумҳое чун одамият ва гуманизм дар натиҷаи он биниши маҳдуди иҷимоъиву синфӣ мазмуни яктарафа пайдо карда, маънои густурдаи башарии худро аз даст дод, на манфиати инсон ва ҷомеа, балки асосан манфиатҳои синфҳоеву гурӯҳҳоеро ифода карду бас. Ва ҳол он ки инсони асил ҳамеша ва дар ҳама ҷо ҳаст, қатъи назар аз зиддиятҳои шахсияташ, бевафоиҳои дунёву ғалатбиниҳо собитқадамона амал мекунад.

*Барнагарданд зи ҳақ софзамирон ҳаргиз,*
*Ҳарфи ин тоифа чун оина як рӯ дорад.*

Мардони софзамир ва ҳақҷӯю ҳақшинос дар шахси худ моҳияти ҳастии инсон, моҳияти замон ва печу тоби онро беҳтар ифода мекунанд. Ба ақидаи мо Садри Зиё яке аз онҳост. Ӯ гуфта буд: «Ҷодаи ҳақ паймудам». Алҳақ, дар хидмати миллат аз собитқадамтарин ҳақҷӯёну ҳақгӯёни замон буд.

1991

## БАХШИ 2

### Чу анқоро баланд аст ошёна

1

Чандест, ки баъзе нависандагон, ҳатто касоне, ки ба роҳи пажӯҳиш қадам гузоштаанд, дар ҳаққи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё суханҳое паҳн мекунанд. Сухани онҳо бештар ба тахминҳо ва шунидҳо, ба фарзияҳои беасос, ба сарфи назар кардан аз навиштаҳои устод Айнӣ ё хониши бедиққати асарҳои ӯ такя дорад. Асли мақсади даъвогарҳо гӯё ғамхорӣ барои тоза доштани мафкураи синфӣ (табақотӣ), кӯшише барои ёфтани падидаҳои синфият аз адабиёти тоҷикӣ ва инкишофи ҷомеа, аз шахсияти мардони таърих аст. Шояд чунин ғамхориву кӯшишҳо зарурат дошта бошад. Синфиятҷӯӣ, нигоҳи синфӣ ба ҳодисаҳои ҷомеа ва рӯйдодҳои адабиёту санъат аз дастурҳои материализми таърихист. Корбурди ин принсип дар баъзе мавридҳо яке аз падидаҳои моҳиятҷӯии илмист. Вале фақат яке аз падидаҳо, яке аз шеваҳои ҳалли масъалаи илмист. Имрӯз бовар ҳосил кардем, ки таҳқиқи илмиро бо биниши синфӣ маҳдуд кардан хатост. Сабаби ҳама

рухнамудҳоро танҳо аз манфиатҳои синфӣ ҷустан мумкин нест. Аз назари синфии маҳдуд дурӣ ҷуста, чашмандозро фароҳӣ додан даркор аст. Афсӯс ки бисёре аз мо ба сари ин ҳақиқат дер расидем, бархе ҳанӯз нарасидаем. Дар оғози даҳаи навад танҳо андешапарвароне чун Чингиз Айтматов бо қатъияти тамом изҳор карданд: «Замона нишон дод, ки ҳеҷ қатъияте дар ягон навъи синфиятҷӯӣ арзишманд ва ҳаётан комил нахоҳад буд. Синфиятгароӣ ногузир зӯроварӣ ба миён меоварад — ҳамин аст сабақи таърихи мо».[162]

Ва ҳол он ки бештарини мо то нимаи даҳаи ҳаштод аз ҳама ҷо танҳо синфият меҷустем. Аз бузургтарин намояндагони адабиёт ва андешапарварон ҳам маҳдудияти синфиву таърихӣ ёфтан шарти ҳатмии бозҷустанҳои илмӣ буд. Дар синфгароӣ чунон ифрот варзидем, ки корамон ба нуқтаҳои ниҳоии иҷтимоъиятгароии дурушти авомона, ба сотсиологизми вулгар расид.

Камина бовар дорам, ки ба шахсияти Садри Зиё бо айбҷӯии маҳз нигаристани баъзе қаламкашҳо натиҷаи ҳамин равияи нораво буд. Чун Садри Зиё қозизода буд ва чанде қозиву қозикалон (қозиулқузот) шуд, аз ӯ ҳатман айбҳои синфӣ ҷустан лозим буд, дар бораи ӯ суханҳои нек гуфтан ва ё ки ӯро танҳо ба некӣ ёд кардан хавфе дошт, ки айби «нобиноии синфӣ» ба гардани гӯянда гузошта шавад. Хусусан ки Садри Зиё дар зиндони шӯравӣ чашм аз ҷаҳон бастааст.

Вале бисёрии он «айбҳои синфӣ», ки то ҳол аз Садри Зиё «ёфтаанд», ба назари мо воқеан айбе нестанд, балки натиҷаи ҳамон каҷфаҳмиҳои сиёсӣ мебошанд, ки бисёр дидаем ва ҳанӯз мебинем.

Ман намегӯям, ки Шарифҷон-махдуми Садри Зиё моҳи беайб буд. Бешубҳа ӯ норасоиҳое, ки имрӯз маҳдудияти синфӣ ва таърихӣ меномем, инчунин камбудиҳои шахсиву хусусӣ дошт ва шояд бисёр дошта бошад. Инро таҳқиқоти минбаъда нишон медиҳад. Шояд ҳақ ба ҷониби Соҳиб Табаров бошад, ки гуфтааст: «Амирони Бухоро Абдулаҳад ва Олимхон барои мустаҳкам гардондани рукни давлати худ аз мақом, қадру қиммат ва манзилати қозӣ Шарифҷон-Махдум барин шахсони донишманд ва аз байни даҳҳо қозиҳои ҷоҳилу ғосиб, разилу хонахаробкунандаи халқ ба ин гуна шахсон ҳам мансабҳои баланди давлатиро инъом менамуданд, то ки ақлу дониш ва обрӯю эътибори ин қабил соҳибмансабони бомаърифату тараққипарварро ҳамчун садде баҳри пешгирии эътирози халқи мазлум истифода баранд».[163] Оре аҷаб нест, ки ҳукмдорони нобакоре чандин бор кӯшиш карда бошанд, ки Садри Зиёро чун силоҳи дасти худ истифода намоянд ва гоҳо ба баъзе сабабҳо комёб ҳам шуда бошанд.

Аз эҳтимол дур нест, ки дар фаъолияти хусусӣ ва ҷамъиятии Садри Зиё, ҳангоми иҷрои вазифаи қозигӣ аз ӯ кӯтоҳиву хатоҳо содир шуда бошад, беихтиёр ё баихтиёр, аз рӯйи маҷбурият ё худ саҳван ноинсофиҳое рӯй дода бошад. Шояд, одамизод шири хом хӯрда. Аммо моҳияти асосии фаъолияти иҷтимоъии ӯ ҳамоно бо риояи қонунҳои шариат ҷабру зулмро пешгирӣ кардан будааст. Ин ҳақиқат аз асарҳои худи ӯ, ки қисман чоп шудаанд, ошкор аст. Он шарҳу эзоҳи тарзи зиндагӣ ва фаъолияти иҷтимоъии Садри Зиё, ки дар навиштаҳои устод Айнӣ мебинем, низ дар аксари кулли мавридҳо боварбахш аст.

Ба Садри Зиё ва монанди ӯ равшанфикрони замонаш оё ҳамеша муяссар мешуд, ки маромномаи худро амалӣ кунанд? Оё онҳо имкон меёфтанд, ки дар фаъолияти иҷтимоъӣ, дар мансабҳои низомиву шаръӣ доимо пайгирона аз рӯйи адлу инсоф амал намоянд? Равшан аст, ки ба чунин суолҳо як ҷавоб додан, яъне фақат ҷавоби мусбат ё танҳо ҷавоби манфӣ гуфтан имконпзир нахоҳад буд. Бегумон адолатгустарӣ ба онҳо гоҳ муяссар мешуд, гоҳ не. Ин як ҳақиқати одист ва ба он набояд шубҳа кунем.

Бале, дунё чунин аст, ки ниятҳои нек кам амалӣ мегардад. Дунё бештар ба муроди аҳли дил намеравад. Метавон гуфт, ки аз ин ваҷҳ дили Садри Зиё ҳамеша хун буд.

Месазад, ки ҳаёти гуногунмазмуни мардоне чун Садри Зиёро бо ҳама пасту баланд ва зиддияту ихтилофоташ намудор оварда, бо биниши ибратомӯзӣ бисанҷем. Ин аз вазифаҳои муҳиммест. Ин ҷо андешаварзиву эҳтиёту ҳаққоният аз шартҳои асосист.

2

С. Табаров мегӯяд, ки «қозӣ Шарифҷон-махдумро ҳатман лозим меомад, ки бевосита вазифаи маъмурии худро ба ҷо орад. Вагарна амир ӯро ба яке аз ҳафт тумани Бухоро ё ягон вилояти дигар бо иродати хеш қозӣ таъин намекард». Боз С. Табаров таъкид

[162] Литературная газета, 20 дек, 1989, № 51

[163] *С. Табаров.* Амали носавоб. Садои Шарк, 1989, № 9. Саҳ. 120.

менамояд: «Қозӣ Шарифҷон-махдум маҷбур буд вазифаи қозигии (судиягии) худро мувофиқи қонунҳои маъмулии шаръӣ ва ҳукмҳои амирони Бухоро ба ҷо орад. Ин мансаби (?— тақозои мансаби – М.Ш.) маъмурии ӯ буд, на вазифаи инсониии граждание. Ӯ мебоист мансаби (?— вазифаи — М.Ш.). қозигиашро ҳатман иҷро намояд (?– менамуд– М.Ш.), вагарна аз он маъзул мегашт»[164].

Албатта ба Садри Зиё лозим меомад, ки вазифаҳои қозии шариатро то ҳадди имкон пурра иҷро намояд, лекин на аз тарси он ки мабодо ӯро аз қозигӣ маъзул кунанд. Не, ӯ аксаран аз маъзулӣ наметарсид. Хидмати қозигиро ба ҷидду ҷаҳд иҷро кардани ӯ бештар фармудаи виҷдон ва гоҳ аз рӯйи маҷбурият буда, вале ҳеҷ гоҳ аз рӯйи мансабпарастӣ набудааст. Баръакс аз мансабдорӣ безор будааст. Шояд хусусан баъдҳо, ки ба гуфти худаш «иҷрои шариат» ва «дафъи зулм» торафт душвор шудан гирифт, аз қозигӣ нафрат пайдо карда будааст. Ӯ гуфтааст: «Ҳама вақт аз хидмати қозигӣ мутанаффиру гурезон будам ва ба касе мулозамат намекардам ба умеде, ки шояд аз баҳри ман гузаранд, то ки кирдори мурдору атвори нобакори соҳибмансабонро на бинаму на сӯзам». Ба ин гуфтаи ӯ бовар кардан мумкин аст, зеро дар ҳақиқат дар ягон тумону вилоят қозигии ӯ дер накашидааст, ӯро зуд-зуд маъзул мекарданд. Ҳатто қозикалонӣ (ақзалқузоти)-и Садри Зиё соли 1917 бидуни розигии худи ӯ сурат гирифт ва ҳамагӣ шонздаҳ рӯз давом ёфт.

Аз ин рӯ ба чунин талқини С. Табаров розӣ шудан мумкин нест, ки гӯё фаъолияти маорифпарварии Садри Зиё ва хидмати қозигии ӯ аз ҳам хеле фарқ доранд ва хилофи якдигаранд. С. Табаров мегӯяд: «Устод Айнӣ хеле хуб медонист, ки қозӣ Шарифҷон-махдум ҳамчун инсон шахси донишманд, равшанфикр, маорифпарвар ва махсусан ҳомӣ ва мураббии як қатор адибони пешқадами замони худ буд. Аммо ӯ дар тумату вилоятҳои Ҷондор, Чорҷӯй, Ғиҷдувон, Вобканд, Қаршӣ, Шахрисабз ва ғайра аз соли 1896 то соли 1920 бевосита на ба кори маорифпарварӣ, фуқаропарастӣ (?), тарғиби илму фарҳанг ва ё ба эҷоди асарҳои адабиву таърихӣ, балки пеш аз ҳама ҳукмоварии шаръӣ дар ҳаққи гунаҳкорон, додхоҳон, душманони амир ва аморат ва монанди инҳо машғул мешуд» (саҳ. 117).

Чунонки мебинам, С. Табаров ин гапҳоро аз номи устод Айнӣ гуфтааст ва ҳол он ки монанди ин гуфтае дар асарҳои устод нест. Айнӣ фаъолияти маорифпарварӣ ва хидмати қозигии Садри Зиёро аз ҳам ҷудо накардааст ва ё ба ҳам зид нагузоштааст. Дар ҳақиқат ҳеҷ имкон надорад ки ду ҷиҳати фаъолияти шахс аз алоқамандӣ маҳрум бошад. Албатта мумкин аст, ки миёни ду соҳаи фаъолият гоҳ зиддияту ихтилоф ё номувофиқатие рӯй диҳад, вале бе алоқа давом кардани онҳо эҳтимол имконпазир набошад. Ба фикри мо фаъолияти маорифпарварӣ ва хизмати расмии Садри Зиё баробар ва ҳамзамон ҳамбаста давом ёфта, ҳамеша ба якдигар таъсир доштанд, ба якдигар нақше мегузоштанд. Инро аз ин ҷо ҳам мефаҳмем, ки асарҳои асосии ӯ солҳои қозигӣ навишта шудаанд, маҳз дар ҳамин солҳо барои мактаби нави Мунзиму Айнӣ ва ҷамъияти пинҳонкори «Тарбияи атфол» ҳар моҳ пинҳонӣ пул медод, фарзанди худ Зарифро ба он мактаб гузошта буд (ва ин кори ӯ барои бардоштани обрӯйи он мактаб, барои ин, ки дигарон ҳам ба чунин коре далер шаванд, аҳамияти махсус дошт) ва ҳоказо, яъне солҳои қозигӣ низ дар фаъолияти тозафикрони тараққихоҳ монанди пештара иштирок мекард ва маҳфили адабии ӯ (гоҳ бо андак таваққуф) ҳамчунон идома дошт.

Аз ин рӯ ба мулоҳизаҳои С. Табаров, ки дар боло дидем, наметавонем розӣ бишавем.

Дар порчаи боло С. Табаров аз забони устод Айнӣ сухан ронда («устод Айнӣ хеле хуб медонист, ки…») таъкид менамояд, ки гӯё Садри Зиё солҳои қозигӣ дар ҳаққи «душманони амир ва аморат» низ «ҳукмоварии шаръӣ» мекард. С. Табаров ба ин ҳукм исрор дорад ва ба такрор мегӯяд, ки Садри Зиё «ба маънои томаш қозии даврони худ, ҳукмбарории шаръӣ, иҷрокунандаи тамоми (?) қонунҳои шариат ва ҳатто ҷазодиҳандаи эътирозмандон ва норозиёни даврони худ дар байни солҳои 1896-1920 будааст» (саҳ. 119).

Муаллиф ба чӣ асос дар ҳаққи Садри Зиё чунин ҳукми қатъӣ бароварда, боз онро аз забони Айнӣ гуфтааст? Чаро ӯ аз рӯйи шариат ҳукм баровардани қозиро гуноҳмеҳисобад? Магар он вақтҳо қонуни дигаре ғайр аз шариат вуҷуд дошт, ки қозӣ ба кор бигирад? Ҳеҷ маълум нест, ки чаро С. Табаров онҳоеро, ки Садри Зиё ҳангоми қозигӣ ҷазо дода буд, «эътирозмандон ва норозиёни даврони худ», яъне таъқибдидаҳои сиёсӣ мешуморад? Барои чунин хулосаву даъвоҳои калон чӣ далелу бурҳоне дар дасти муаллиф ҳаст? С. Табаров

---

164 Ҳамон маҷалла. Саҳ. 117-119

далелу бурҳоне нишон надодааст ва фақат дар натиҷаи фаҳмиши нораво ва тахминҳои бебунёд аробаро холӣ медавонад.

«Далели» С. Табаров ин аст: дар романи устод Айнӣ «Дохунда», дар боби «Сабаби наҷот аст ё гирифторӣ?» тасвир шудааст, ки Ёдгори «Дохунда», ки аз зиндон гурехта буд, дар тумони Вобканд ба даст афтод ва қозии Вобканд ӯро боз ба зиндони Бухоро фиристод. Ин лаҳзаи воқиаҳои «Дохунда» монанди бисёре аз лаҳзаҳои сужети ин ромн ва дигар асарҳои Айнӣ асоси воқеъӣ доштааст, яъне дар ҳақиқат боре бандиёни зиндони Бухоро нақб канда гурехта будаанд ва яке аз гурезагонро Садри Зиё, ки он гоҳ қозии Вобканд будааст, дастгир кардааст. Баъдҳо Садри Зиё ин воқиаро ба Айнӣ ҳикоят карда будааст. Устод Айнӣ ҳангоми таълифи романи «Дохунда» гурези бандиёни зиндонро дар сужетбофӣ чун як ҷузъи саргузашти Ёдгор истифода намудааст. Мо ин ҷо «сужетбофӣ» гуфтем, чунки ҳарчанд бисёр тасвирҳои романи «Дохунда» воқеъӣ ҳастанд, яъне бисёре аз онҳо дар ҳақиқат рӯй дода буданд, агар сужетро ба яклухтӣ бигирем, бофтаи нависанда аст: Ёдгору Гулнор, Бозор ва дигар персонажҳо қаҳрамони воқеъиву таърихӣ нестанд. Чунин шахсҳо вуҷуд надоштанд, саргузашти онҳоро худи нависанда бофтааст. Лекин устод Айнӣ дар ин бофтаи худ ҷо-ҷо руҳдодҳои воқеъӣ дохил карда, гоҳ асоси воқеъии сужетро хеле фарох гирифта, бунёди таърихии романро басе устуворӣ бахшидааст. Яке аз чунин бахшҳои воқеии сужет аз зиндон гурехтан ва боз дастгир шудани қаҳрамон аст. Агарчи қаҳрамон шахси воқеъӣ нест, ин лаҳза ва дигар чанд лаҳзаи саргузашти ӯ воқеист. Ин ҷо диалектикаи инкишофи сужет, диалектикаи таносуби асоси воқеъӣ ва бофтаи бадеӣ намоён мешавад. Ин муносибат хеле мураккаб, гуногунпаҳлӯ, нозук буда, печидагиҳое дорад ва аз имкон дур нест, ки муносибати ин ду ҷанба дар як эпизоди хурд чанд бор ранги дигар бигирад. С. Табаров ҳамин рангомезиҳоро дида наметавонад, зеро чашми мо ҳамеша фақат якрангӣ меҷуст ва ҷаҳонро якрангу беранг медид.

Рафти фикри С. Табаров ин аст, ки чун дар боби «Сабаби наҷот аст ё гирифторӣ?» як ё чанд нуқтаи сужет, чунончи дастгир шудани зиндонии гуреза, инчунин шояд маҳз аз тарафи оқсақоле дастгир шудани вай, аз тарафи қозии Вобканд боз ба Бухоро фиристода шудани бандӣ асоси воқеӣ дорад, С. Табаров пиндоштааст, ки пас ҳама ҷузъиёти воқиаҳои ин боб воқеъӣ ҳастанд, аз ҷумла диалогҳои персонажҳо воқеист ва аз ин рӯ ин боб як ҳуҷҷати таърих аст («ин санади таърихӣ, ки устод Айнӣ шаҳодат медиҳад», — саҳ. 119, «ин санад ҳақиқати таърихист»— саҳ. 120). Аз ин сабаб С. Табаров як муколама (диалог)-и калони ин боби роман — гуфтушуниди байни қозӣ ва Ёдгорро иқтибос оварда, ба исрор таъкид мекунад, ки чун қозӣ дар ин гуфтушунид як мансабдори золим аст, азбаски Садри Зиё прототипи ин қозӣ мебошад, Садри Зиёро низ қозии беинсоф ҳисоб кардан лозим аст. Гӯё устод Айнӣ «образи ӯро ҳамчун қозии золим, бешафқат, ҷазодиҳандаи одамони бегуноҳи мазлум тасвир менамояд» (саҳ.118).

Ҳамин аст «мантиқи» фикри С. Табаров. Не, мо ҳеҷ асос надорем, чунин фикр кунем, асос надорем, ки ҳама ҷузъиёти воқеаҳои ин боброрухнамудҳои воқеӣ ҳисоб кунем, ягон порчаи боб ё ки тамоми бобро ба сифати санади таърих қабул намоем. Илм тасвири бадеъиро ба муқобили касе чун санаду айбнома қабул накардааст. Тасвири бадеӣ асоси воқеъӣ дошта бошад ҳам, ба сифати санаду ҳуҷҷат қувват надорад, чунки ба ҳар ҳол нигориши бадеъист ва ҳол он ки нигориши бадеъӣ дар ҳеҷ сурат нусхаи фотографии воқеият нест, балки кам ё беш омехтаи тахайюли бадеъӣ, ҳатман бозоварди парвози хаёл аст. Бечиз нест, ки В.И. Ленин гуфта буд: «Санъат талаб надорад, ки асарҳои онро чун воқеият эътироф бикунанд».[165]

Аз ин рӯ кайҳост, ки илм арзиши санадии тасвири бадеъиро рад кардааст, тасвири бадеъиро, ба хусус ҷузъиёти ҷудогонаи онро чун ҳуҷҷати таърих истифода намекунад. Ҷузъиёти сужети асари бадеъиро айни воқеият донистан ҳамоно хеле одӣ ва содалавҳона фаҳмидани тасвири типӣ дар адабиёт аст.

С. Табаров, ки адабиёт ва назарияи адабиёту танқиди адабиро дарс медиҳад ва дар ин мавзӯъ навиштаҳое дорад, чаро ин нозукиҳои муносибати тип ва прототипро ба назар намегирад?

Таносуби тип ва прототип дар адабиёти бадеъӣ, на танҳо дар адабиёти реалистӣ, балки ҳатто дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ рӯйдоде бас мураккаб аст. Тип ва прототип айни як чиз нест ва аз якдигар фарқ дорад. Типро нусхае аз прототип набояд донист ва ба ҷои прототип набояд пазируфт. Аз прототип то тип фосилае ҳаст ва

---

[165] *В.И. Ленин.* О литературе и искусстве. М., 1976, стр. 82.

нависанда аз он то ин роҳи дуру дарозро тай мекунад, ки роҳи эҷодкории ҳамроҳ бо тахайюл аст.

Агар Садри Зиё дар мавриди мазкур фаразан прототип қарор ёфта бошад ҳам, бояд бидонем, ки миёни ӯ ва он персонажи романи «Дохунда» фосилае ҳаст, ки шояд дуру дароз бошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонем онро байниҳӣ нусхаи аслии тип ба шумор оварем.

Бешубҳа асари бадеъӣ, ба хусус ҳар асари барҷастаи ҳар нависандаи бузург як рӯйдоди таърихист ва ба ин маънӣ як санади таърих низ мебошад. «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо» ва баъзе офаридаҳои дигари устод Айнӣ аз ҳамин ҷумлаанд. Вале аҳамияти таърихии онҳо ба ин маънист, ки дар ин асарҳо фаҳмишу биниши хоси нависанда ва рӯҳияву вазъияти замони таълифи онҳо нақш гузоштааст, онҳо комилан маҳсули як замони таърихиянд. Ғайр аз ин, он асарҳо муҳимтарин намунаи адабиёти тоҷикии як давраи муайянанд ва барои ташаккулу таҳаввули ин адабиёт аҳамияти таърихӣ пайдо кардаанд. Ба ин сабаб ва шояд боз бо сабабҳои дигаре он асарҳо дорои аҳамияти таърихӣ мебошанд, ба сифати гувоҳномаи таърих эътибори куллӣ доранд. Вале моҳияти масъала маҳз чунин падид меояд, ки аҳамияти таърихии асари бадеӣ ва дараҷаи баланди таърихияти он низ асос намедиҳад, ки тасвирҳо ва ҳама ҷузъиёту тафсилоти асари бадеъӣ ба сифати айни воқеъият пазируфта шавад. Ҳатто баъзе бахшҳои «Ёддоштҳо»-и Айнӣ, чунин бобҳои он, ки ба ҳикоя наздиканд ва тахайюли бадеӣ дар онҳо бештар ширкат дорад, гоҳ набояд чун айни воқеият пазируфта шаванд. Дар баъзе ҳикояҳои китоби «Ёддоштҳо» айнияти воқеии бархе аз ҷузъиёт, лаҳазот ва ғайра ошкоро ё пардапӯш ишора шудааст (худи нависанда ишора кардааст), ки онҳоро бояд аз чашм нагурезонем ва дар мавриди даркорӣ истифода кунем. Чанде аз бобҳои «Ёддоштҳо», чунончи бобҳое, ки бештар оҳанги публисистӣ, очеркӣ дошта, нависанда аз истифодаи унсурҳои бадеъият ва парвоз додани мурғи тахайюл қадри имкон худдорӣ варзида вазифаи худро бо баёни маълумоти умумии таърихӣ маҳдуд кардааст, бештар аҳамияти ҳуҷҷатӣ пайдо намудаанд ва мумкин аст ба сифати санади таърихӣ ба кор гирфита шаванд. Дар ин сурат ҳам эҳтиёти махсус лозим аст, ки аз каҷфаҳмӣ ва фаҳмиши рӯякӣ эмин бошем. Хусусияти бобҳои публисистии «Ёддоштҳо» дар якнигошт (монография)-и банда, ки дар бораи ин асар аст, ба тафсил баррасӣ шудааст ва аз он баррасӣ зарурати эҳтиёт таъкид шудааст.

Инчунин лаҳзаҳои алоҳидаи «Одина», «Дохунда», «Ғуломон» ва ғайра, ки нависанда ошкоро бо таъкиди публисистӣ ба маълумоти таърихӣ такя кардааст ва гоҳ сарчашмаи илмиро низ зикр намудааст, аҳамияти санадӣ касб мекунанд, чунин лаҳзаҳо аксаран чун иловаи лавҳаи бадеъӣ аз тасвир ҷудо шуда, истодаанд. Боз баъзе падидаҳои дигари ин рухнамуд низ шояд бошад, вале аҳамияти ҳуҷҷатӣ дар бештари ин мавридҳо нисбат ба табиати бадеъии асар чун як навъ истисно зуҳур мекунад.

Арзиши санадии нигориши бадеъӣ ва ҷузъиёту тафсилоти онро илм эътироф надорад ва ин ҳақиқат кайҳост, ки ба аҳли илму адаб маълум аст. Аммо маълум нест, ки чаро С. Табаров чанд сол боз (аз соли 1966, ки дар бораи асоси воқъии он боби «Дохунда» сухан меронад) чунин ҳақиқати равшанро нодида мегузарад.

## 3

Он чи фикри С. Табаровро ба хато бурдааст, як ишораи устод Айнист. Устод Айнӣ дар мақолаи «Ҷавоби ман» (1933) аз хусуси асоси воқеъии нигоришҳои боби «Сабаби наҷот аст ё гирифторӣ?» чунин маълумоте дода буд:

«Қозии Вобканд, ки яке аз бандиёнро аз дуои тӯмори калапӯшаш ёфта гирифта буд, Шарифҷон-махдум буд, ки ман дар аввалҳои Бухоро рафтанам хизмати хонаи ӯро мекардам (ҳамин бандиро ман бо номи «Дохунда» ба воқиъа иштирок кунонидам)»[166].

С. Табаров ин маълумоти Айниро ба он маънӣ фаҳмидааст, ки модом дар воқеъият қозии Вобканд Шарифҷон-махдуми Садри Зиё будааст, пас дар тасвирҳои боби мазкури роман низ қозӣ ӯст. Аммо камина бар ин боварам, ки аз он ишораи Айнӣ ҳаргиз чунин маънӣ намебароояд ва чунин маъние набояд кашид.

Ин ҷо ҳар кас ба мароми сухан диққат кунад, мебинад, ки Айнӣ фақат аз ин ки бандӣ бо номи Дохунда ба ин боби роман даромад сухан рондааст, лекин нагуфтааст, ки Садри Зиёро низ дар воқеаҳои он боб иштирок кунонида буд. Садри Зиё касест, ки барои

---

[166] *С. Айнӣ*. Куллиёт. Ҷ. II қ. 1. Саҳ. 186.

ин боб материал дод, яъне чигунагии дастгир шудани як зиндонии гурезаро ба Айнӣ ҳикоят карда буд. Садри Зиё манбаъи материали ин боб аст, на персонажи он. Айнӣ аз Садри Зиё материал гирифтааст, аммо ӯро тасвир накардааст.

Ба ин ваҷҳ ба фикри мо чунин таъкидоти С. Табаров низ бебунёд аст, ки мегӯяд: гӯё устод Айнӣ дар ин боби романи «Дохунда» образи Садри Зиёро ба сифати қозие офардидааст. С. Табаров даъво мекунад, ки Айнӣ дар асарҳои дигараш Садри Зиёро равшанфикру маорифпарвар тасвир карда бошад, дар ин боби романи «Дохунда» чун қозии шариат, чун як мансабдори амир нишон додааст, гӯё Шарифҷон-махдум прототипи ҳамон қозии Вобканд аст, ки дар ин боби роман тасвир шудааст (саҳ. 119). С. Табаров аз чунин тахмину хулосаҳо тамоман сари калобаро гум карда боре ҳатто гуфтааст, ки «қозии тумани Вобканд прототипи Шарифҷон-махдум дар «Дохунда» мебошад» (саҳ. 120). Ва ҳол он, ки фаразан агар бошад ҳам, Садри Зиё прототипи қозии Вобканд будагист, на ин ки қозии Вобканд прототипи Садри Зиё бошад. С. Табаров аз таассуб ва хашму ғазаб бехабар мондааст, ки суханаш по дар ҳаво дорад.

Садри Зиёро прототипи қозии он боби «Дохунда» донистани С. Табаров соли 1966 дар мақолаи «Баъзе масъалаҳои ақоиди эстетикӣ ва лабораторияи эҷодии С. Айнӣ»[167] баён шуда буд. Камина дар мақолаи «Шаммае аз рӯзгори Садри Зиё» («Садои Шарқ», 1989, № 1) ин ақидаро рад карда будам. Аммо С. Табаров дар мақолаи «Амали носавоб» («Садои Шарқ», 1989 №9), ки ҷавоби он мақолаи камина аст, ба ақидаи пештарааш пофишорӣ карда, онро тафсил дод.

Аз ин рӯ агарчи сухани С. Табаров асосе надорад, ба масъалаи типу прототип боз андак таваққуф кардан лозим меояд.

Фарз кардем, ки Садри Зиё дар ҳақиқат прототипи он қозиест, ки дар романи «Дохунда», дар боби «Сабаби наҷот аст ё гирифторӣ?» тасвир ёфтааст. Фарз кардем, ки дар ин масъала ҳақ ба ҷониби С. Табаров аст. Дар ҳамин сурат ҳам бояд гуфт, ки чунонки дар илми адаб гаштаву баргашта таъкид шудааст ва мо низ дар боло ишора кардем, типу прототип яке нест, яъне типро нусхаи айнии прототип набояд донист. Ҳатто дар сурате, ки тип ба нусхаи аслии худ, ба прототип хеле наздику монанд аст, боз ҳам аз он фарқ дорад. Гоҳ фарқи прототип хеле калон аст ва якеро аз дигаре шинохтан имконпазир нест.

Ба ин сабаб ҳам ҳар чиро, ки устод Айнӣ дар ин боби «Дохунда» ба қозии Вобканд нисбат додааст, айнан ва пурра ба прототипи он, ба Садри Зиё нисбат додан беэҳтиётӣ мебуд.

Дар ҷомеаи шӯравӣ аз аввали инқилоб пиндоре пайдо шуд, ки гӯё пеш аз инқилоб ҳама зиндониён мардуми бегуноҳ ва мазлум буданд. Касе дар ҷомеаи истисморӣ ба зиндон афтода бошад бе чуну чаро зидди синфҳои ҳукмрон ва ҳукуматдорон, ҷафодида аз тартиботи замон ба шумор меомад. С. Табаров низ чи дар мақолаи соли 1966 ва чи дар мақолаи соли 1989 ба  ҳамин пиндор аст. Ҳатто он  дигаргуниҳои куллӣ, ки пас аз соли 1985, бо ошкорбаёнии горбачёвӣ дар ақидаҳои мардумони кишвари шӯравӣ ба суръат ба вуҷуд омадан гирифт, натавонист чашми С. Табаровро ба ҳақиқат бикушояд. Ӯ соли 1989 ҳам ба ин пиндор аст, ки ҳама зиндониёни замони амир бегуноҳ буданд.

Ба ақидаи С. Табаров он бандии гурезае, ки Садри Зиё дастгир карда будааст, ҷавони бегуноҳ, мазлум, ҳатто аз душманони сохти амирӣ буд ва бино бар ин Садри Зиёро ҷазодиҳандаи бегуноҳону мазлумон ва мубориззони адолатҷӯй бояд донист. Ва ҳол он ки бегуноҳ донистани ҳама зиндониёни пеш аз инқилоб як пиндори ботил, балки содалавҳонаест. Албатта дар ҷомеаи феодалӣ ва бояд гуфт, ки дар ҷомеаи шӯравӣ низ умуман дар ҳар ҷомеа бисёр бегуноҳон ба зиндон меафтиданд ва ҳанӯз меафтанд, бисёр гунаҳкорони воқеъӣ ба озодӣ мегаштанд ва ҳанӯз мегарданд. Вале дар ҳар асру замон ба зиндон гунаҳкорони воқеъӣ низ кам набуданд. Ин аз бадеҳиёт аст, ки ҳоҷат ба далелу бурҳон ва исбот надорад.

Бино бар ин дар ҳар замоне маъмурону масъулон, балки ҳар касе вазифадор буд, ки чун бандии гурезаро дид агар тавонад дастигр бикунад ва ба мақомоти марбута бисупорад.

Ба ин сабаб ба таъкид бояд гуфт, ки Садри Зиё чун бандии гурезаро дастгир кард, вазифаи ҳатмии худро иҷро намуд, яъне бандиро ба он ҷо ки аз он ҷо гурехта буд, фиристод. Ин кори ӯ ниҳояти вазифашиносӣ ва иҷрогарӣ буд. Аз ин рӯ ҳақ надорем, ки Садри Зиёро ба ин сабаб золим ва ҷазодиҳандаи бегуноҳон бихонем.

Дар ин маврид  ба хаёлоти С. Табаров аҷаб печидагие рӯй додааст. Азбаски қаҳрамони Айнӣ, яъне Ёдгори Дохунда зиндонии бегуноҳ буд ва гурехтану дастгир шудани

[167] Ниг: *С. Табаров*. Ҳаёт, адабиёт, реализм, Китоби чорум. Душанбе, Адиб, 1984.

ӯро Айнӣ бо таассуф ва сӯзу гудоз ба нигориш овардааст, С. Табаров ба хулосае омадааст, ки он бандии гуреза, ки Садри Зиё дастгир карда буд, низ бегуноҳ буд ва Садри Зиёро золим ва ҷазодиҳандаи бегунохон бояд донист. Инсоф диҳед, ҳеҷ асос надорем, ки чунин «мулоҳиза» биронем ва хулоса барорем. Гунаҳкор ё бегуноҳ будани бандии гуреза, ки Садри Зиё дастгир карда будааст, маълум нест. Устод Айнӣ дар ин бора ишорае надорад. Қаҳрамони романи Айнӣ яъне Ёдгор бегуноҳ буд, лекин намедонем, ки прототипи ӯ бегуноҳ буд, ё не. Мӯҳтарам С. Табаров, прототипро ба ҷои персонаж нагузоред, ҳолати персонажро ба прототип нисбат надиҳед, фаромӯш накунед, ки прототип ва персонаж яке нестанд, мумкин аст аз ҳам тафовут дошта бошанд.

С. Табаров аз рӯйи сарнавишти қаҳрамони роман сарнавишти прототипро муайян кардан мехоҳад, маънои як воқеаро, ки дар ҳаёт рӯй дода буд, аз рӯйи тасвири он, ки дар роман омадааст, фаҳмидан мехоҳад. Ва ҳол он ки дар ин маврид аз рӯйи саргузашти персонаж дар бораи прототип ҳукм баровардан норавост. Аз рӯйи сарнавишти персонажи адабӣ дар бораи прототипи вай он гоҳ ҳукм баровардан мумкин аст, ки нависанда ишорае дошта бошад, таҳқиқоти илмии махсусе анҷом дода шавад ва мувофиқати комили саргузашти персонажу прототип ё лаҳзаҳои ҷудогонаи он исбот гардад. Бидуни чунин таҳқиқи махсус ҳастии персонажу прототипро наметавон як донист.

Ин ҳам як ҷанбаи масъалаи типу прототип аст, ки С. Табаров онро ба гӯшаи хотир роҳ надодааст.

Ба ин муносибат аз он боби романи «Дохунда» муколамаи қозӣ ва Ёдгорро аз назар мегузаронем.

С. Табаров ин муколамаро дар мақолаи худ пурра нақл карда, дар асоси суханҳое, ки Айнӣ аз забони қозӣ оварда буд, Садри Зиёро «қозии золим, бешафқат, ҷазодиҳандаи одамони бегуноҳи мазлум» меномад. Вале ба чӣ асос суханеро, ки персонаж гуфтааст, мунаққид сухани прототип ҳисоб мекунад? Не, боз ҳам ин кори мунаққид як худсаристу бас. Ҳеҷ кор ва сухани персонажро бидуни таҳқиқи махсус ба прототипи ӯ нисбат додан мумкин нест. Устод Айнӣ дар ягон ҷо нагуфтааст, ки суханони қозӣ дар он боби роман айнан суханони Садри Зиё мебошанд. Айнӣ таъкид накардааст, ки суханони персонаж ба прототип ҳам нисбат дорад. Аз эҳтимол дур нест, ки чун Садри Зиё дар вақташ воқиаи дастгир шудани як гурезаро ба Айнӣ нақл мекард, мазмуни гуфтугузори байни худ ва он бандиро иҷмолан гуфта бошад лекин мумкин аст, ки мазмуни гуфтушунидашонро нагуфта бошад ва ё ҳатто миёни онҳо гуфтугӯе рӯй надода бошад. Ҳамчунин мумкин аст, ки байни онҳо дар воқеъ тамоман як гуфтугӯи дигаре сурат гирифта буд, аммо ба Айнӣ ҳангоми таълифи он боби роман лозим омад, ки муколамаи дигаре аз худ бибофад.

Хуллас, ҳоло ҳеҷ маълум нест, ки суханони қозии персонаж айни суханони прототип мебошанд ё не. Барои ин ки дар ин бора монанди С. Табаров як ҳукми қатъӣ барорем, чанд далелу бурҳони қотеъ дарокор аст. Ҳоло чунин далелу бурҳон дар даст нест. Шояд минбаъд чизе пайдо шаваду ба масъала равшанӣ андозад.

Он рӯзҳо, ки камина ба навиштани ин мақола тайёрӣ медидам, яке аз ҳамкорони ман чунин воқиаро ба ёд овард, ки барои равшан кардани масъалаи муносибати типу прототип ҷолиб аст. Нависандаи маъруфи тоҷик Саттор Турсун низ қаҳрамононашро бевосита аз ҳаёт, бештар аз зодгоҳи худ мегирад. Маълум мешавад, ки баъзеи он қаҳрамонон аз прототипи худ бисёр дур нарафтаанд, ба он монанд мебошанд. Аз ҳамин сабаб буд, ки чанд бор прототипҳо аз асарҳои Саттор Турсун худро шинохтаанд. Онҳо аз нависанда ранҷидаанд ва ба сари ӯ даъво карда омадаанд, ки нависанда ба онҳо корҳоеро, ки накардаанд, гапҳоеро, ки нагуфтаанд, ҳамнишиниву мулоқотеро ки рӯй надода буд, нисбат додааст. Онҳо айби дурӯғгӯӣ ва тӯҳмату бӯҳтон ба гардани нависанда гузошта талаб карданд, ки ӯ ҷазо дода шавад. Саттор Турсун дар ҷамъомади кормандони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ эзоҳ дод, ки дар воқеъ бисёр персонажҳои ӯ аз прототип хеле фарохтар буда, баъзе рухдодҳоеро, ки на дар зодгоҳи ӯ, яъне ватани прототип, балки дар ноҳияҳои дигаре ба вуқӯъ пайваста буданд фаро гирифтаанд. Ҳамин ҷузъиёту тафсилотеро, ки нависанда аз захираи мушоҳидаҳои чандинсола ва гуногунмавриду гуногунмакон гирифта, ба тасвири қаҳрамон гоҳ каме ва гоҳ хеле илова кардааст, прототипҳо дурӯғу тӯҳмат номида, нависандаро сазовори ҷазо донистаанд.

Чунонки он ҷузъиёти нисбатиро бӯҳтон донистани прототипҳои насри Саттор Турсун кори нодурусте буд, он муколамаи персонажҳои як боби романи Айниро беасос ба прототип нисбат додани С. Табаров, ба гардани Садри Зиё айбҳои ҷиддӣ гузоштани ӯ низ дуруст нест.

Азбаски прототипҳои эҷодиёти Саттор Турсун аз қонунҳои эҷодкории бадеъӣ бехабар будаанд, шояд даъвои онҳо якдарача афвпазир бошад. Лекин С. Табаров ки адабиётшиносу мунаққиди касбист, дар масъалаи таносуби типу прототип ин қадар ноогоҳӣ зоҳир намояд, магар айб нест

Камина чунин ҳукмҳоеро, ки ӯ соли 1966 дар маколаи «Баъзе масъалаҳои ақоиди эстетикӣ ва лабараторияи эҷодии С. Айнӣ» бароварда буд, ба нармӣ «иштибоҳи афвнопазир» номида будам. Афсӯс, ки ӯ ба ҷои ин ки ба андеша равад, ба шӯр омадааст ва ҳамон «Амали носавоб»-и худро ба миён овардааст. Ин ҳам ба назарам узри бадтар аз гуноҳ аст.

4

Аз ин ҳама бармеояд, ки чунин гуфтаҳои С. Табаров, ки гӯё устод Айнӣ дар он боби романи «Дохунда» «ба Шарифҷон-махдум ҳамчун ба қозӣ — ба мансабдори замони амирӣ назар меафканад», «ҳамчун ба образи бадеъии қозӣ наздик мешавад» («Амали носавоб», саҳ. 117), розӣ шудан мумкин нест. Камина ақида дорам, ки устод на дар «Дохунда», на дар дигар асари бадеъӣ Садри Зиёро на танҳо бо номи худи ӯ, балки бидуни номбурд ҳам ба сифати қозие тасвир накардааст. Ва ин ҷои таассуф дорад. Афсӯс, ки устод вазифаи эҷодие чун тасвири қозигии Садри Зиё назди худ нагузоштааст. Агар чунин иқдоме аз тарафи ӯ мешуд, шояд дар ҳақиқат боз баъзе ҷиҳатҳои шахсияти Садри Зиё ва фаҳмиши Айнӣ маълум мегардид. Ба ҳар ҳол шояд он гоҳ тасаввури мо дар бораи Садри Зиё мукаммалтар мебуд.

Сабаби иқдом накардани устод Айнӣ ба иҷрои чунин вазифаи эҷодӣ шояд ин бошад, ки ӯ дар «Ёддоштҳо» як равшанфикри дигар — Абдулвоҳиди Садри Сарирро ба сифати қозие тасвир карда буд. Азбаски бо тимсоли Садри Сарир як вазифаи муҳими эҷодӣ — тасвири равшанфикри намоёне чун мансабдор то андозае иҷро шуда буд, эҳтимол Айнӣ бо тасвири Садри Зиё ё маорифпарварони дигаре боз ба иҷрои чунин вазифа рӯ оварданро зарур надониста бошад. Бо вуҷуди ин агар устод боз ба ин вазифа баргашта, паҳлӯҳои дигари масъаларо ба таҳқиқ мегирифт, албатта таҳқиқи бадеъии воқеияти замон дар эҷодиёти вай шояд такмил меёфт. Лекин азбаски мо мунаққидон ё бъзе аз мо бисёр мехоҳем, ки чунин вазифаҳои муҳиммеро аз тарафи устод иҷрошуда бубинем, эҳтимол он чи дил мехоҳад дар як боби «Дохунда» ба назари С. Табаров муҷассам вонамуд гардидааст. Оре, он чи дилаш мехост, дидааст, на он чи дар воқеъ ҳаст.

Ҳастанд касоне, ки корашон аз таги нохуни дигарон чирк кофтан аст. Ба хусус танқидгарони ҳизбӣ хоҳонанд аз домани шахсиятҳои намоён, накӯкорону некномон, ки аз синфи поин нестанд, доғе биёбанд ва ба ҳама нишон бидиҳанд. Онҳо фақат ҳаминро ҳақҷӯиву ҳақгӯӣ медонанд.

Дар ду даҳаи аввали қарни бист ҳукуматдорони амирӣ дар Бухоро навиштаҳои се нафарро мусодира карда ва сӯзонида буданд. Яке аз ин маорифпарварон муфтӣ Икром буд, ки китобаш «Иқозунноимин» чун нав баромада буд аз фурӯш чиданд ва ба коми оташ андохтанд. Дигаре Абдуррауфи Фитрат буд, ки як қисми тиражи китобҳояш ҳангоми аз хориҷ овардан ба дасти ҳукуматдорон меафтод ва ба коми нобудӣ мерафт. Севумӣ Садри Зиё буд, ки соли 1918 ҳангоми маҳбусии ӯ дар Насаф (Қаршӣ) «Рӯзнома», «Тазкори ашъор», «Наводири зиёъия» ва дигар нигоштаҳои ӯро, ки ҳама дастнавис ва як нусха буданд, дар пеши чашми ӯ сӯзониданд. Садри Зиё баъзеи он асарҳояшро пас аз чанд сол дубора навишт. Имрӯз, ки он асарҳои мулло Икром, Фитрат ва Садри Зиёро мехонем, зуд пай мебарем, ки аз ин асарҳо тарсидани ҳукуматдорони вакт бесабаб набудааст. Аз ҷумла Садри Зиё чи дар фаъолияти иҷтимоӣ ва чи дар навиштаҳояш маорифпарвари шӯълавар, дилсӯзи миллату меҳан ва як умр бо худкомони дур аз андешаи миллӣ даст ба гиребон будааст. Аз ҳамин сабаб кӯрдилон нигоштаҳои ӯро сӯзонда буданд. Ба ҳамин сабаб ӯ се бор ба зиндон афтод ва оқибат дар зиндон ҷон дод. Ин бас набуд, ки имрӯз ӯро як «қозии золим ва ҷазодиҳандаи мазлумон» меноманд. Касеро, ки бар зидди ҷавру зулм мубориза мекард, имрӯз золим мегӯянд! Ҳамин ҳам инсоф шуд?

Агарчи ҳоло нисбат ба соли 1966, яъне нисбат ба мақолаи «Баъзе ақоиди эстетикӣ ва лабораторияи эҷодии С. Айнӣ» оташи хашми С. Табаров дар ҳаққи Садри Зиё андак фурӯ нишаста, дар носазогӯӣ дамаш андаке паст шудааст, мароми маслакаш ҳанӯз ҳамон аст, ки буд. Ӯ ҳанӯз ҳар чи бештар айбу гуноҳ меҷӯяд. Ва мебофад. Вале дар мавриди шахсоне чун Садри Зиё дар бораи ин кӯшишҳои С. Табаров бояд бигӯем:

*Бирав ин дом бар мурғи дигар неҳ,*
*Ки анқоро баланд аст ошёна!*

5

Садри Зиё, ки мубориз буд, ҳам дӯсти ҷонӣ бисёр дошт, ҳам душмани ҷон. Пас аз инқилоб дӯстонаш кам, душманонаш зиёд шудан гирифтанд. Ӯро ҳам замони амирӣ рад карда буд, ҳам даврони шӯравӣ. Фоҷиаи рад шудан аз тарафи ҷомеаи расмӣ, аз сӯи ҳар ду ҷомеаи кӯҳнаву нав дар замони задухӯрдҳои сахт ва ба гуфти худи ӯ дар давраи «фитнаи инқилоб» ба сари бисёр соҳибдилон омада буд.

Азбаски Садри Зиё дар зиндони шӯравӣ соли 1932 аз ҷаҳон чашм пӯшид, ӯро душмани халқ мехисобиданд. Ба ин ваҷҳ чун «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ба русӣ тарҷума мешуд, Сергей Бородини тарҷумон ва баъзе дигарон устод Айниро бар ин водоштанд, ки розӣ шавад, то номи Садри Зиё дар қисми севуму чоруми «Ёддоштҳо» на Шарифҷон-махдум, балки Латифҷон-махдум навишта шавад. Дар чопи якуми тоҷикии қисмии севум низ номи Садри Зиё Латифҷон-махдум омада буд. Бисёре аз мардуми Бухорои кунунӣ, ки адабиёти тоҷикиро аз тарҷумаи ӯзбекӣ мехонанд ва «Ёддоштҳо»-ро низ ба ӯзбекӣ хондаанд, Садри Зиёро бо номи қалбакӣ шинохтаанд ва намедонанд, ки Садри Зиё, ки ҳамшаҳрии онҳост ва дар шаҳрашон кӯчае ба номи ӯ ҳаст, дар асл номи дигаре дошт.

Банда «Наводири зиёъия»-и Садри Зиёро дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) истифода карда будам. Яке аз муҳаррирони ин фарҳанг будам ва хостам, ки маводи адабиёти форсӣ-тоҷикии пас аз садаи 15 дар ин китоб зиёдтар бошад, то ки вежагиҳои форсии Мовароуннаҳр, ба хусус вежагиҳои садаҳои охир бештар нишон дода шавад. Биноан аз осори Мушфиқӣ, Сайидо, Фитрати Зардӯз, Шоҳин, Асирӣ, дар ин қатор аз Садри Зиё низ ба «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бисёр мисолу шоҳид илова кардам. Он солҳо (даҳаи шаст) Фитрат, Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳакими Сироҷӣ ва чанд тане дигар миллатгарои буржуазӣ ҳисоб мешуданд. Аз онҳо барои «Фарҳанг» мисол гирифтан мумкин набуд. Аз ин ҷиҳат барои оғози садаи бист аз Садри Зиё бештар мисол овардан хостам. Сарвари мо шодравон Носирҷони Маъсумӣ ба ин хоҳиши банда розӣ шуданд.

Чун «Фарҳанги забони тоҷикӣ» аз чоп баромад, дохил шудани номи Садри Зиё хашму ғазаби баъзеҳоро овард ва онҳо Мирзо Турсунзодаро шӯр андохтанд. Чигунагии шӯридани Мирзои Турсунзодаро банда дар ҷои дигар ҳикоят кардаам ва хонандаи мӯҳтарам дар ҷояш хоҳад хонд.

Банда ва зиндаёд Саҳобиддини Сиддиқӣ ба муносибати садумин зодсоли Садри Зиё (1967) мухтасари «Наводири зиёъия»-ро ба чоп омода кардем. Андаке аз он дар соли 1967 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуд. Лекин барои ин ки «Наводири зиёъия» ба шакли китоб чоп шавад, он суханронии сахти домулло Турсунзода монеъ шуд. Китобро аз чоп нигоҳ доштанд.

Дигар як нависандаи тоҷик ба муносибати тайёр шудани чопи «Наводири зиёъия» ба Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон рафта ва гуфтааст, ки ҳангоме ки Садри Зиё қозикалони Бухоро буд, Садриддини Айнӣ ҷазо дид ва 75 чӯб хӯрд, яъне дар содир шудани фармони ин ҷазо Садри Зиё низ даст дошт.

Он гоҳ банда барои Кумитаи Марказӣ ба забони русӣ зиндагиномаи мухтасари Садри Зиёро навиштам, то ки он бӯҳтонҳоро, ки сарварони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бофтаанд, рад бикунам. Банда зиндагиномаи Садри Зиёро бештар дар асоси гуфтаҳои устод Айнӣ навиштам, яъне аз он чи ки устод дар зарфи чандин сол дар бораи Садри Зиё навишта буд, аз он ҳама баҳои баланд, ки дар ҳаққи Садри Зиё дар нигоштахои устод ҳаст, андак-андак гирифтам. Зиндагиномаи худнавишти Садри Зиёро қариб тамоман истифода накардам, то ки аз забони худи ӯ камтар сухан гуфта бештар ба он чи Айнӣ бетарафона ва холисона, аз рӯйи инсоф ва бо меҳру самимият гуфта буд, такя оварда бошам. Чун гуфтаҳои Айниро аз асарҳои гуногуни ӯ як ҷо гирд овардам, ҳатто дар сурате ки натавонистам ҳамаи онро истифода бикунам, ҳолномаи Садри Зиё хеле ҷолиб ва таъсирбахш баромад.

Кумитаи Марказӣ чун аризаи банда ва он муаррифиномаро гирифт, кумисиюне иборат аз чанд тан нависанда ва мутахассис таъсис кард. Ин кумиссиюн ба зиндагинома ва

дигар мадорик шинос шуда, дар Кумитаи Марказӣ масъаларо баррасӣ кардааст. Банда ба ҳайати кумиссиюн дохил набудам ва дар маҷлиси баррасӣ ҳузур надоштам. Ҳатто ба камина нагуфтанд, ки ҳайати комиссиюн иборат аз киҳост. Баррасӣ натиҷаи мусбат додааст ва Кумитаи Марказӣ иҷозат дод, ки «Наводири зиёъия» чоп шавад. Саранҷом нашриёти «Адиб» соли 1991 «Наводири зиёъия»-ро чоп кард. Тарҷумаи тоҷикии зиндагиномаи Садри Зиё, ки банда барои Кумитаи Марказӣ навишта будам, дар он китоб бо номи «Шаммае аз рӯзгори Садри Зиё» чун охирсухане чоп шуд.

Пас аз он ки масъалаи Садри Зиё аз сӯрохи сӯзани Кумитаи марказии ҳизб гузашт ва барои чопи «Наводири зиёъия» иҷозат шуд, камина гумон карда будам, ки синфиятҷӯёну ҳизбиятхоҳон дигар ором хоҳанд ёфт ва даст аз гиребони ӯ кӯтоҳ хоҳанд кард. Мутаассифона ин тавр нашуд. Бадгумонии замони шӯравӣ, даъвоҳои бебунёд ва бӯҳтон дар ҳаққи Садри Зиё ҳанӯз давом дорад.

Соли 2002 китоби Раҳим Масов чоп шуд, ки чунин ном дорад: «Наследие мангитской власти или о предательстве, трусости, лицемерии и беспринципности, как позорных явлениях нашей истории», яъне «Мероси ҳокимияти манғитиён ё ки хиёнат, буздилӣ, дурӯягӣ ва беақидатӣ ба сифати падидаҳои нангини таърихи мо». Аз ин ном ошкор аст, ки муаллифи он китоб даъвоҳои калоне дорад. Ин китоб дар бораи бандаи нигоранда Муҳаммадҷони Шакурист ва он ҳама сифатҳои бад, ки дар номи китоб чида шудааст, ба банда, ҳамчунин ба қиблагоҳи банда, ки Садри Зиёст ва фарзандони банда нисбат дода шудааст. Дар бораи бисёре аз музахрафоти Р. Масов алъон банда чизе намегӯям. Як гурӯҳ зиёъиёни тоҷик ба китоби мазкури Р. Масов ва мақолаҳои чанд тан тарафдорони беандешаи ӯ ҷавоби босавоб ва раддияи қотеъи муфассал навишта буданд.[168] Банда ҷавобу раддияи онҳоро кофӣ медонам ва ҳоло аз худ чизе илова намекунам. Ин ҷо танҳо аз он чи Р. Масов дар бораи Садри Зиё гуфтааст, сухан кардан мехоҳам.

Як «гуноҳ», ки Р. Масов ба Садри Зиё нисбат додааст, боз ҳамон аст, ки гӯё Садри Зиё дар 75 чӯб хӯрдани Садриддини Айнӣ даст доштааст. Р. Масов мегӯяд: «... падари академики кунунӣ М. Шукуров дар Бухоро соҳиби мансаби баланди қозикалонӣ буд ва он ҳангом Садриддини Айнӣ, ки баъд бунёдгузори адабиёти шӯравии тоҷикӣ, баъдтар Қаҳрамони Тоҷикистон шуд, 75 чӯб хӯрд ва пас аз чунин танбеҳи бадании пурваҳшат ӯро аскарони сурхи рус аз ҳалокат раҳоӣ бахшиданд».[169]

Ин ҷо ва дар мавридҳои дигар ҳар чи Р. Масов гуфтааст, надониста гуфтааст, аз рӯйи шунид, тахмин ва ангору пиндори нораво гап задааст. Чунончи ӯ намедонад, ки таъзири Айнӣ кай рӯй дода буд ва мегӯяд, ки Айниро аскарони сурх наҷот доданд. Ва ҳол он ки 75 чӯб хӯрдани устод Айнӣ 9 апрели соли 1917, яъне пас аз инқилоби феврал ва хеле

---

168 Ниг.: *Юсуфи Акбарзод, Нозирҷони Арабзода, Ғаффор Ҷӯраев, Асадуллоҳ Сӯфиев, Дорои Дӯст, Аъламхон Кӯчаров, Саъидҷаъфари Қодирӣ, Мазҳабшои Муҳаббатшо, Сайфиддини Назарзода, Ҷӯрахон Бақозода.* Чаро гиребони худиро мегирем? Необолшевизм чӣ мехоҳад? Ҳафтаномаи «Нерӯи сухан», 10 апрели 2003, № 10, саҳ. 7 ва 11, 17 апрели 2003, № 11, саҳ. 7 ва 11

169 *Р. Масов* «Наследие мангитской власти или о предательстве, трусости, лицемерии и беспринципности как позорных явлениях нашей истории». Душанбе, Национальный музей древности, 2002, стр. 13

пештар аз инқилоби октабр  ба вуқӯъ пайваст. Ва он гоҳ артиши сурх ҳанӯз вуҷуд надошт. Арттиши сурх 23 феврали 1918 таъсис ёфт. Ҳеҷ мумкин набуд, ки сарбозони артиши сурх қариб як сол пештар аз таъсиси ин артиш Айниро аз зиндон озод бикунанд. Агар Р. Масов, ки таърихшинос ба шумор меравад, ҷузъиёти воқиаро андаке тафтиш мекард, чунин хатои фоҳиш аз ӯ намегузашт.

Он гоҳ масъалаи ин ки Садри Зиё ба таъзири Айнӣ ширкат дошт ё не, низ равшан мегардид. Камина дар китоби «Садри Бухоро» (Теҳрон, 1381=2002) ва чанд соли пеш дар навиштаҳои дигари худ таъкид кардаам ва равоншод Саҳобиддини Сиддқӣ низ дар нигоштаҳоаш гӯшгузор оварда буд, ки Садри Зиё наметавонист дар содир шудани фармони таъзири Айнӣ ширкат дошта бошад. Оре, Саҳобиддини Сиддиқӣ ва банда ин масъаларо чанд бор эзоҳ дода будем ва эзоҳи мо чоп шуда буд. Аммо касоне чун Р. Масов онро ба назар гирифтан намехоҳанд ва аз он ба хубӣ огоҳ бошанд ҳам, бо дурӯғи маҳз хонандаи ноогоҳ  ва содадилро ба гумроҳӣ бурдан мехоҳанд. Аз ин рӯ ин ҷо боз як бори дигар масъаларо шарҳ медиҳем.

Нахуст бояд ёдовар бишавем, ки чунонки аз гуфтаҳои худи Садриддини Айнӣ маълум аст, ҳангоме ки дар ҳузури амир бадхоҳони Айнӣ масъала гузошта буданд, ки Айнӣ бояд дастгир шавад, Садри Зиё ба камоли қатъият гуфт: «Амирам, ҷаноби олӣ! Раҳм кунед! Айнӣ ягонаи даврон аст. Аз гуноҳаш гузаред!» Ин гуфти Садри Зиёро Айнӣ медонистааст ва ба аҳли хонадонаш гуфтааст ва фарзанди ӯ Камоли Айнӣ ба камина гуфта буд.

Дар он гуфтаи Садри Зиё «Аз гуноҳаш гузаред» на ба он маънист, ки Айнӣ дар ҳақиқат  гуноҳ карда буд ва акнун гуноҳи ӯро бахшидан лозим аст. На, ин гап ба поси хотири амир гуфта шудааст ва ба он маънист, ки он чи гуноҳи Айнӣ медонанд, гуноҳе нест ва аз он метавон гузашт.

Бо вуҷуди он ки Садри Зиё сахт муқобилат кард, фармони таъзири Айнӣ содир шуд. Маълум нест, ки ин фармон кай содир шуд ва кӣ онро содир кард. Барои он ки ба чунин суолҳо ҷавобе бигирем, ба андешаи мо лозим аст ба баъзе ҷузъиёти воқиа диққат бикунем.

Устод Айнӣ воқиаро хеле муфассал тасвир кардааст. Аз тасвири ӯ маълум мешавад, ки рӯзи якшанбеи 9 апрели 1917 субҳи барвақт, он гоҳ ки акнун рӯз сафед мешуд, одамони қушбегӣ ӯро аз ҳуҷраи мадрасаи Кӯкалтош (ҳамон ҳуҷра, ки Садри Зиё барои Айнӣ харида буд ва имрӯз Музеи Айнӣ шудааст) дастгир карда ба Арк оварданд. Устод дар дигар навиштаи худ кадом соат дастгир шудани худро дақиқан гуфтааст. Ӯ мегӯяд: «Ба ҳамон қадар фоҷиа ва мусибате ки имрӯз аз соати ҳафт то соати чаҳор (аср) ба сарам омад, рӯҳан ва ҷисман чӣ қадар мутаассир ва мутааллим шуда бошам ҳам…»[170].  Яъне Айниро 9 апрели 1917 соати 7 пагоҳӣ дастгир карданд. Ин рақам, яъне соати 7 пагоҳиро бояд фаромӯш накунем, зеро баъдтар даркор хоҳад шуд.

Айниро ба Арк оварданд ва ба пеши Насруллоҳи қушбегӣ (сарвазир) даровbooарданд. Насруллоҳи қушбегӣ бо Айнӣ сахт гап зад ва чунин фармон дод: «Инро бурда ба

---

[170] *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, Теҳрон, Суруш, 1381= 2003, саҳ. 137

тӯпчибошӣ супоред. Ин ва Мирзо Абдулвоҳид (Мунзим — М.Ш.) аз мамлакат ихроҷ мешаванд».[171] Бо ин фармон Айниро ба зиндони Обхона партофтанд.

Яъне субҳи 9 апрел ҳанӯз фармони 75 чӯб вуҷуд надошт. Он ҳангом фармон фақат аз кишвар берун рондани Айнӣ ва Мунзим буд.

Пас чӣ шуд? Пас «тахминан соатҳои даҳ буд»,[172] ки Айниро аз Обхона берун кашиданд ва ба пеши дарвозаи Арк оварданд. Он ҷо Насруллоҳи қушбегӣ истода буд ва ишора кард, ки Айниро чӯб зананд. Аммо ҳукмро кӣ ва кай содир кард, боз ҳам маълум нест. Ба ҳар ҳол маълум аст, ки субҳи зуд, соати 7 фармони 75 чӯб ҳанӯз вуҷуд надошт, он гоҳ фармон фақат аз кишвар берун рондани Айнӣ буд. Пас аз соати 7 то «тахмин соати даҳ» фармони 75 чӯб содир шуд.

Акнун бубинем, ки дар ин ҳангом Садри Зиё дар куҷо буд.

Садри Зиё дар «Рӯзнома»-и худ рӯзи якшанбеи 9 апрели 1917-ро ба тафсил тасвир кардааст. Лаҳзаҳои асосии воқиаҳое, ки он рӯзи наҳс ба сари Садри Зиё омаданд, ин аст:

Субҳи барвақт (шояд соатҳои 6-7 бошад) аз «маркази вазорат», яъне аз дастгоҳи қушбегӣ (сарвазир) ба Садри Зиё телефон карданд, ки дар саҳни мадрасаи Турсунҷон як гурӯҳ балвогарон гирд омадаанд ва фитна ангехтан мехоҳанд. Ба Садри Зиё супориш шуд, ки ба мадрасаи Турсунҷон биравад ва балворо фурӯ нишонад. Садри Зиё зуд ба мадрасаи Турсунҷон омад ва дид, ки як гурӯҳ муллоҳои зидди ислоҳот ва тарафдори мулло Бурҳониддин, ки сарвари иртиҷоиён буд, гирд омадаанд ва бо шӯру ғавғо «во шариато!» мегӯянд. Садри Зиё хост, ки онҳоро ором кунад. Шӯру ғавғои онҳо камтар шуд, вале ӯро миёнагир карда, ба ӯ ҳамла овардан хостанд. Мулло Дӯстмуҳаммади Нодири Бойсунӣ (ки аз шогирдони домулло Абдушшакури Оят — падари Садри Зиё буд) Садри Зиёро дастгирӣ карда, барои ин ки Садри Зиё аз ҳалқаи онҳо берун шавад, ёрмандӣ карда ӯро ба сӯи Арк гусел кард.

Маълум нест, ки тахминан соати чанд Садри Зиё аз мадрасаи Турсунҷон ба сӯи Арк равон шуд. Аз воқиаҳои баъд ошкор мегардад, ки ӯ тахминан соати 7-8 ба сӯи Арк роҳ пеш гирифт. Яъне он гоҳ, ки Айнӣ дар Обхона хобида буд ва шояд фармони таъзири ӯ содир шуд, Садри Зиё дар мадрасаи Турсунҷон ва ё дар роҳи Арк буд. Агар он гоҳ дар Арк фармони таъзири Айнӣ содир шуда бошад, Садри Зиё он гоҳ дар Арк набуд ва наметавонист ба судури фармон ширкат дошта бошад.

Баъд чӣ? Пас аз он, тахминан соати 8-9 Садри Зиё ба майдони Регистон, майдони пеши Арк расид. Вай дид, ки дар Регистон гурӯҳ-гурӯҳ муллову муллобачаҳо ва муллонамоҳо ва аҳли балво ҷамъ омадаанд.

Садри Зиё аз байни балвогарон мегузашт, ки яке аз онҳо фарёд кард: «Бизанед, ин қозии ҷадиди бединро, ки ин қадар шӯр аз ин ба вуқӯъ омад ва илло ҷадидон ин қадар ҳаракат наметавонанд (наметавонистанд бикунанд—М.Ш.)».[173] Садри Зиёро аз асп афтонданд ва ба зарбу лат кашиданд, ки либосаш ҳама пора шуд ва хуншору беҳуш зери лагадҳо афтод. Амири бетадбир аз болои Арк ин ҳолро медид ва гӯё тамошо мекард.

[171] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро. Душанбе, 1987, саҳ. 170
[172] Ҳамон асар. саҳ. 173.
[173] *Муҳаммад Алӣ бинни Муҳаммад Сайиди Балҷувонӣ.* Таърихи нофеъ. Ба эҳтимоми Аҳрор Мухторов. Душанбе, Ирфон, 1994, саҳ. 45. ба хатти форсӣ.

Оқибат амир фармон дод ва одамонаш омада, Садри Зиёро аз зери лагадкӯб бардошта, ба Арк бурданд ва ба як хонаи тангу торик партофтанд, ки беҳуш хобида буд.

Ҳамин буд даҳшате ки 9 апрели 1917 ба сари Садри Зиё омад. Ин рӯйдоди ҳалокатборро худи Садри Зиё ва Муҳаммадалии Балҷувонӣ тасвир кардаанд ва тасвири онҳо чанд бор чоп шуд. Аз ин рӯ ҳоло ба тафсилот намепардозем. Алъон муҳимтар он аст, ки кӯшише пеш бигирем, то муайян бикунем, ки ин воқиа чӣ вақти рӯз, тахминан дар кадом соат рӯй дод. Барои ин ки вақту соати воқиа маълум шавад, идомаи онро бояд аз назар гузаронем.

Идомаи рӯйдод ин аст: рӯзи 10-11 апрел Садри Зиё беҳолу бемадор ва бо тани абгору дили фигор хобида буд ва мегӯяд: «Пас аз он ба ифоқа омада, бо ҳолати парешон бар сари кори худ рафтам. Аз дигар вақоеъи дурӯза хабар надоштам. Баъд мо ки филҷумла ба ифоқа омадам, шунидам, ки баъд аз воқеаи ҳосили дирӯза вақте ки дар Арки Бухоро ба хонаи тангу торик бешуур афтода будам, бародари мӯҳтарамам мулло Садриддинхоҷаи ғиҷдувонии Айнитахаллусро (…) ба иқтизои аҳли балво ҳафтоду панҷ чӯб таъзир кардаанд ва ба яке аз маҳбасҳои он ҷо ки обхона меноманд, ба ҳамон ҳол андохтаанд. Аҳолии кунсулхона (Ожонси сиёсии Русия дар Бухоро — М.Ш.) дар ҷамъи ин мавод фақат ҳамин қадар карданд, ки мазрубину маҷрӯҳинро аз он маҳбас бароварда, ба Когон бурданд, ба духтурхона супурданд».[174]

Мо ин пораро андак кӯтоҳ кардем. Пурраи онро дар поинтар хоҳем овард. Ҳоло диққати хонандаи азизро бояд ба ин ҷалб кунем, ки Садри Зиё дар пораи боло гуфтааст: «Вақте, ки дар Арки Бухоро ба хонаи тангу торик бешуур афтода будам», Садриддини Айниро 75 чӯб таъзир кардаанд. Аз ин мебарояд, ки он гоҳ ки Айниро 75 чӯб заданд, яъне «тахминан соатҳои даҳ» Садри Зиё дар «хонаи тангу торики Арк» беҳуш хобида буд. Яъне ҷазо дидани Садри Зиё аз ҷазо дидани Айнӣ андак пештар, тақрибан 1-2 соат пеш аз он, яъне соати 8-9 сурат гирифтааст. Ва ҳол он ки чунонки дар боло дидем, маҳз дар ҳамин вақт, тақрибан дар байни соати 7-8 ва 9-10 ҳукми 75 чӯби Айнӣ содир шуда буд. Дар ин фосила Садри Зиё дар пеши Арк лагадкӯб мешуд ва баъд дар як хонаи Арк беҳуш хобида буд. Аз ин ҳам бовар ҳосил мекунем, ки Садри Зиё дар судури ҳукми 75 чӯби Айнӣ ширкат надошт.

Инро ҳам гӯшрас оварем, ки агар фармони 75 чӯб як рӯз пеш, яъне 8 апрел содир мешуд, аз эҳтимол дур нест, ки ҳангоми судури он Садри Зиё низ ҳузур медошт. Ин эҳтимол низ кам аст. Аз «Рӯзнома»-и Садри Зиё маълум мегардад, ки рӯзи 8 апрел, яъне рӯзи «намоиши шукрона»-и ҷадидон ва оғози балвои иртиҷоъиён барои Садри Зиё рӯзи вазнине буд ва гумон намеравад, ки ӯ бо амиру вазир ба машварати тӯлонӣ нишаста бошад. Бо вуҷуди ин, метавон гуфт, ки эҳтимоли ширкати ӯ ба машварти 8 апрел як каме ҳаст. Аммо дар машварати 9 апрел ширкати ӯ қатъиян имконнопазир буд. Чунонки зикраш гузашт, тасмими муҷозоти 75 чӯб тақрибан пас аз соати 7, дар байни соати 7 то 10 гирифта шуд. Вале маълум нест, ки ин тасмимро ки гирифт — қушбегӣ ё амир ва ё ҳарду ва ё бо ширкати шахсони дигаре ва ғайра. Садри Зиё дар порчаи боло гуфтааст, ки Айниро «ба иқтизои аҳли балво» таъзир кардаанд. Лекин ӯ ишора накардааст, ки ин «аҳли балво» киҳо буданд. Тавон пай бурд, ки дар судури фармони муҷозоти Айнӣ ба 75 чӯб, дар ин ки фармони якум (берун рондан аз кишвар) дар байни ду-се соат тағйир ёфта ба 75 чӯб қарор гирифт, чанд нафар ширкат доштаанд. Вале ба яқин медонем, ки дар байни онҳо Садри Зиё набуд, зеро судури фармон ба фосилаи миёни соати 7 то 10 марбут аст ва Садри Зиё дар ин соатҳо худ гирифтори лагадкӯб буд ва дар Арк беҳуш ва оғуштаи хун мехобид.

Алғараз, рӯзи 9 апрели 1917 Садри Зиё ва Садриддини Айнӣ ҳамтақдир буданд. Онҳо ки аз нахуст ҳамфикру ҳаммаслак буданд, дар як лаҳзаи ҳассоси таърих ба ҳамтақдирӣ расиданд. Ҳамтақдирӣ иборат аз ин буд, ки ҳар ду ҳам сахт ҷазо диданд. Ҷазо дидани Айнӣ ва ҷазо дидани Садри Зиё дар як рӯз қариб дар як ҷо ва қариб дар як соат (бо андак фарқи 1-2 соат) воқеъ шуда буд. Ҳар ду аз қувваҳои иҷтимоъиву сиёсии ҳамгун ҷазо диданд: Айнӣ аз ҳукуматдорон, ки пушту паноҳи нерӯҳои иртиҷоъӣ буданд ва Садри Зиё аз намояндагони худи он қувваҳои иртиҷоъӣ, ки як ҷо бо ҳукуматдорон монеъи роҳи эҳёи маънавии миллат омада буданд. Садри Зиё ва Садриддини Айнӣ ҳарду ба як сабаб — ба «гуноҳи» маорифпарварӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои растагории миллӣ муҷозот шуданд. Он ҳар ду дар он овон аз ҳар ҷиҳат ҳаммаслаку ҳамтақдир буданд. Аз ин рӯ ҳеҷ мумкин нест, ки онҳоро ба ҳам зид гузорем. Миёни онҳо ихтилофе набуд. Дар пешбурди ҷомеа ҳамдасту ҳампо буданд, бино бар ин ҳамтақдир шуданд.

---

[174] Рӯзномаи Садри Зиё. Теҳрон, Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишӣ, 1382, саҳ. 268

Онҳое, ки бо осори Айнӣ сару кор доранд, бояд бидонанд ва камина медонам, ки устод Айнӣ неку бади мардумро ҳеҷ фаромӯш намекард ва аз касе андак некӣ ё бадӣ дида бошад, дар навиштаҳояш ба муносибате ишора менамуд ва бештарин ба таъкид гӯшгузор меовард. Ҳар неку бади ҷиддиро махсусан то беху реша тафтиш ва ҳақиқат карда дар нигоштаҳояш сабт менамуд. То он ҷо ки ба камина маълум аст, устод Айнӣ дар ҳеҷ як аз навиштаҳояш ишорае бар ин ки Садри Зиё дар судури фармони таъзири ӯ ширкат доштааст, надорад. Дар чунин мавридҳои ҳассос он чӣ Айнӣ худ ба таъкид нагуфтааст, эътибор надорад.

Муносибати Садри Зиё ба Айнӣ ва ба ҷазо дидани ӯ аз ин ҳам ба хубӣ падидор меояд, ки ҳангоме ки Садри Зиё дар «Рӯзнома» даҳшати воқиаҳои апрели 1917-ро ба қалам гирифт, гуфтааст:

«Бародари мӯҳтарамам Садриддинхоҷаи ғиҷдувонии Айнитахаллусро ки назман ва насран аввали Амир Ховандд (Мирхонд—М.Ш.) ва сонии Саъдии Шерозӣ ва дар ҳадди зоташ ранҷуру касалманд буд аз мадрасаи Кӯкалтош ба ҳоли аҷибе оварда, ба дарвозаи Арки Бухоро бераҳмона ва бешармона амиру вазир ба иқтизои аҳли балво ҳафтоду панҷ чӯб таъзир кардаанд ва ба яке аз маҳбасҳои он ҷо, ки Обхона меноманд ба ҳамон ҳол андохтаанд».[175] Ин суханҳои Садри Зиё нахустин бор соли 1966 дар як мақолаи зиндаёд Саҳобиддини Сиддиқӣ оварда шуда,[176] пас аз он ҳам чанд бор дар навиштаҳои дигар зикр гардида буд, аммо Р. Масов ҳанӯз аз он хабар надоштааст ва бо вуҷуди ноогоҳӣ бо даъвоҳои калон овоз баланд мекунад.

Ҳам меҳру эҳтироми Садри Зиё нисбат ба Садриддини Айнӣ ва эҷодиёти ӯ, ҳам нафрати Садри Зиё аз ҳукуматдорони вақт ва «аҳли балво», яъне «муллоҳои» ҷоҳил ва иртиҷоъиён, ки ба сари кишвар рӯзҳои сахт оварданд, ба хубӣ маълум аст. Садри Зиё устод Айниро дар назму наср аз Мирхонди муаллифи «Равзатуссафо» болотар гузошта, Саъдии дувум ба шумор овардааст, ки инро баландтарин баҳое бояд донист. Ҳаққонияти ин баҳои баланди Садри Зиё он солҳо аз шеъри Айнӣ маълум бошад ҳам, аз насраш пас аз чанд сол, пас аз он ки аз қалами вай осоре чун «Одина», «Дохунда», Ғуломон» ва ғайра битаровид, тасдиқ шуд. Аммо Садри Зиё пеш аз пайдоши ин асарҳои классикии устод Айнӣ аз рӯйи нахустин намунаҳои насри ӯ, чунончи «Таҳзибуссибиён» ончунон арзише додааст, ки баландтар аз он арзише нахоҳад буд ва пешгӯие чун ғайбгӯии ҳайратангез буд.

Касе, ки инҳоро ба андеша мегирад, бояд бигӯяд, ки шахсе чун Садри Зиё ҳеҷ наметавонист ба ҷазо додани шахсе чун Садриддини Айнӣ (боз ҳам ҷазои сахти 75 чӯб, ки баробари қатл буд) розӣ бишавад.

Ба ин ваҷҳ банда ба масъулиятшиносии тамом ва қатъият мегӯям, ки Садри Зиё дар судури фармони муҷозоти устод Айнӣ ширкат надоштааст. Садри Зиё тарбиятгар, ҳамфикру ҳамкори Айнӣ ва дар зарфи чанд сол пушту паноҳи ӯ буд, на содиркунандаи ҳукми қатли ӯ.

Он танқидгарон, ки аз машраби олӣ ва тинати соф огоҳӣ надоранд, қобил нестанд, ки наҷобати дили инсони асилро бишиносанд.

Дар хондани китоби мазкури Р. Масов ҳар чи пештар меравем, ба ин ҳақиқат бештар бовар меоварем.

6

Мақсади Р. Масов дар китоби «Мероси ҳокимияти манғитиён» аз оғоз то анҷом таҳқиқи илмӣ ва падид овардани ҳақиқат нест, балки танҳо ба вуҷуд овардани пиндори нодуруст ва бадном кардани касе мебошад. Ӯ фақат бо айбҷӯии бадғаразона ва нияти бад, ба хашму ғазаб қалам меронад. Р. Масов дар бадҷаҳлӣ ва мантиқбезорӣ аз С. Табаров пеш гузаштааст. Дар интихоби факту далел аз ҳаққоният ва инсоф дур меравад. Аз муносибати Садри Зиё ва Садриддини Айнӣ, ки хеле дӯстонаву самимӣ буда, падидаҳои оличаноб ва

---

[175] Рӯзномаи Садри Зиё, саҳ. 268.

[176] Ниг.: *С. Сиддиқов.* Маълумоти С. Айнӣ ва Садри Зиё дар бораи якдигар — Ҷашнномаи Айнӣ, ч.3, Душанбе, Дониш, 1996.

ибратомӯз доштааст, Р. Масов чизе намегӯяд, аммо бо биниши заҳролуд айбҷӯиву айбшуморӣ мекунад. Аз ҷумла мегӯяд, ки гӯё Садриддини Айнӣ «дар хонаи қозикалони Бухоро Шарифҷон — махдум (падари академик М. Шакуров) коркуни муздур (наёмный работник) буд»[177] ва барои хидмати ҳаштмоҳа ба ӯ музд надоданд. Р. Масов танҳо ҳаминро ба хонанда назаррас меорад, то ки хонандаи ноогоҳ боз як тасаввури баде дар бораи Садри Зиё пайдо бикунад. Бадниятиро бинед, ки Р. Масов чунончи намегӯяд, ки Садри Зиё барои Айнӣ аз мадрасаи Кӯкалтош, ки донишгоҳи бузург ва серваќф буд, ҳуҷрае харид, Айнӣ дар ин ҳуҷра аз соли 1902 то 1917 зиндагӣ кард ва аз вақфи он ҳисса гирифт, ки ӯро мадади маош буд. Садри Зиё барои бародари Айнӣ ҳам аз мадрасае ҳуҷра ёфта дода буд. Р. Масов инро ҳам намегӯяд, ки Садри Зиё барои мактаби усули ҷадид, ки Мунзим, Айнӣ ва дигарон соли 1908 кушоданд, барои созмони пинҳонкори «Тарбияи атфол», ки онҳо таъсис намуданд ва кушодани мактабҳои нав ва чоп кардани китобҳои дарсии онро дар ӯҳда дошт, ҳар моҳ пинҳонӣ кумакпулӣ медод ва аз хешовандони худ Сайидҷон-махдуми Назмиро низ водор кард, ки ҳар моҳ барои он созмон маблағе бидиҳад ва ҳоказо. Р. Масов инҳоро аз мухлисони ноогоҳи худ пинҳон медорад.

Инро ҳам бояд бигӯем, ки Садриддини Айнӣ ба солҳои наврасӣ дар ҳавлии Садри Зиё моҳиятан на хидматгор ва «коркуни муздур» (багуфти Р. Масов), балки шогирд буд, ки аз соҳиби хона тарбият медид, аз сӯҳбатҳои аҷиби шоирону донишмандоне, ки ҳар ҳафта се рӯз ба маҳфили адабии он хона гирд меомаданд, баҳра мебурд ва маҳфили адабӣ мактаби бузурге ва донишгоҳи бобаракате буд ва аз ин рӯ Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат — ин шоири номдори тоҷик гуфта буд: «Шарифҷон-махдум фозили машҳури замони мо буда, ҳавлии ӯ мактаби адабиёти ҳамин давра аст.[178] Садриддини Айнӣ дар ҳамин мактаб таҳсил кардааст ва аз ин рӯ Садри Зиёро «аввалин тарбиятгари маънавии худ» медонист.[179] Устод Айнӣ гуфтааст: «Шарифҷон-махдум бешубҳа аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд».[180] Ин аст, ки Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ ва дигарон ба он маҳфили адабӣ ва «мактаби адабиёти давра», ки Садри Зиё таъсис карда буд, ба шогирдӣ даромаданд ва аз он ҷо дар ҳолате берун шуданд, ки маорифпарвари пурдону серғайрат ва пархошгари ҷонсупор буданд. Ва пас аз чанд гоҳ ин сифатҳои онҳо ба дараҷаи аъло зоҳир шуд.

Мо маҷбурем инҳоро ба такрор гӯшгузор оварем, ки шояд ба гӯши гарони баъзе танқидгарони ноинсоф андаке бирасад.

Соҳиб Табаров, ки чанд соли умрашро ба ҷустани айбе аз Садри Зиё сарф кард, аз ҷумла чунин вонамуд кардан мехохад, ки гӯё устод Айнӣ Садри Зиёро ба қатори устодони худ ба ҳисоб намеовард. С. Табаров гуфтааст: «Гарчанде дар ҳангоми донишҷӯиаш устод Айнӣ Садри Зиёро устоди худ гуфтааст»[181]..., Яъне гӯё Айнӣ дар овони наврасӣ ва навҷавонӣ шояд саҳван Садри Зиёро устоди худ номида буд. Не, рафиқ С. Табаров, ҳаргиз чунин нест. Он суханҳои Айнӣ дар бораи Садри Зиё, ки мо болотар овардаем, чунонки дар зернавишти саҳифа гуфтем, аз ҷилди 7-и Куллиёти Айнӣ, яъне аз «Ёддоштҳо»-и ӯст, ки охирин асари ӯ буда, дар поёни умраш навиштааст. Устод Айнӣ на дар солҳои наврасӣ ва ҷавонӣ, балки дар фуроварди умр, яъне пас аз андешаҳои зиёди солҳои камолот ба бовари тамом Садри Зиёро «аввалин тарбиятгари маънавии худ» номид. Айнӣ маҳз дар охири умр, саргузашту сарнавишти ҳама ҳамзамонони худро бо фикру мулоҳизаҳои тӯлонӣ ба хубӣ санҷида ва ба тарозуи мисқолии таърих баркашида ба ин ақида омад, ки дар ҳақиқат ҳавлии Садри Зиё «мактаби адабиёти давра» буд ва бисёре аз пешқадамтарин маорифпарварони тоҷик хатмкардагони ин мактаб буданд. Ин гап андак гапе нест, рафиқ С. Табаров. Он гуфтаи устод Айнӣ маънои бузург дорад ва маънои он ҳамин аст, ки маҳфли адабии Садри Зиё донишгоҳи олие буд, ки дарсҳои ин донишгоҳ ва мубоҳисаҳои атрофи он барои ҷавонони ҷӯянда роҳи фикрро боз кард, раги ҳамияти миллиро ба ҷунбиш овард, барои пешрафти адабиёт, барои ҷомаи амал пӯшонидан ба омӯзаҳои маорифпарварии Аҳмад-махдуми Дониш, барои фаъол шудани маорифпарварон ва ба фаъолияти амалӣ оғоз кардани онҳо роҳ кушод. Маънои суханҳои устод Айнӣ ҳамин аст ва инро С. Табаров ва Р. Масов ва пайравони онҳо бояд ба гӯш бигиранд.

---

[177] *Р. Масов.* Ҳамон асар, саҳ. 14

[178] Ниг.: *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 7, саҳ. 228.

[179] Ҳамон асар, саҳ. 50.

[180] Ҳамон асар, саҳ. 44.

[181] *С. Табаров.* Мубоҳисаи «зиёъии деҳотӣ» ва «музофотишуур» бо «зиёии шаҳрӣ» ва «шаҳришуур», Душанбе, 2003, саҳ. 16.

Устод Айнӣ дар ҳамон ҷилди чаҳоруми «Ёддоштҳо» мегӯяд: «Шарифҷон-махдум дар хушхаттӣ, хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд».[182] Аз хонандаи азиз хоҳиш мекунам, ки ин гуфтаи Айниро бо диққати том ба андеша бигиранд. Дар боло дида будем, ки Айнӣ Садри Зиёро «аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ» ба ҳисоб оварда буд. Акнун таъкид шудааст, ки бо бисёр сифатҳо, аз ҷумла бо «маорифдӯстӣ» дар байни як тоифаи мардум «қариб ягона буд». Аз чунин касе, ки аз баъзе ҷиҳатҳо қариб ягонаи даврон будааст, танҳо айб ҷустан гуноҳ аст, аз фазлу камоли ӯ, аҳамияти фаъолияти иҷтимоъии вай чашм пӯшидан, надида гирфитани як бахши равандҳои муҳими фарҳангии ҷомеа аст. Р. масов ва С. Табаров ба роҳи таҳрифи таърих қадам гузоштаанд.

Устод Айнӣ худ дар «Ёддоштҳо» муфассалан ҳикоят кардааст, ки чи тавр дар солҳои кӯдакии ӯ истеъдоди фавқулоъдаи ӯро Садри Зиё пай бурд, боиси омадани ӯ ба Бухоро шуд, ӯро зери боли худ гирифт ва на ҳашт моҳи аввал, балки чандин сол аз ҳоли ӯ огоҳӣ меҷуст, бо муфтӣ Икром пушту паноҳи ӯ шуд, тарбияи ӯро идома дод.

Ба ин муносибат бояд бигӯем, ки Садри Зиё Айниро барои ҷомеаи он рӯз, барои адабиёти тоҷикӣ кашф кард. Ва бо ғамхорӣ ва пуштибонӣ барои ин ки Айнӣ дар ҷомеа, дар адабиёт мақоми басазо ишғол намояд мусоидат намуд. Ин ҳам ҷолиб аст, ки Садри Зиё Айниро кашф кард, баъд Айнӣ Садри Зиёро барои таърихи адабиёти тоҷикӣ кашф намуд. Садриддини Айнӣ бо «Намунаи адабиёти тоҷик» ва баъзе осори илмиву публисистӣ ва бадеӣ номи чанд нафарро ба таърих дохил кард, аз ҷумла Садри Зиё нахуст бо кӯшишҳои чандинбораи устод Айнӣ, бо таъкидоти махсуси ҳамешагии ӯ шинохта шуд.

Ба ин тариқ Садри Зиё ва Садриддини Айнӣ якдигарро кашф кардаанд. Ҳатто метавон гуфт, ки онҳо ба воситаи якдигар худро кашф кардаанд, зиндагиву фаъолияти яке барои худшиносии маънавии дигаре хидмат кардааст. Сарнавишти онҳо ҳамбастагие дошт. Онҳоро аз ҳам ҷудо натавон кард.

Раҳим Масов аз ин ҳамбастагии сарнавишти Садри Зиё ва Садриддини Айнӣ огоҳӣ надорад ва надониста қалам месояд. Аммо Соҳиб Табаров чӣ? Ӯ адабиётшинос аст ва медонад. Вале дидаву дониста Садри Зиё ва Садриддини Айниро аз ҳам ҷудо кардан ба ҳам зид гузоштан мехоҳад.

С. Табаров хуб медонад, ки Садри Зиё барои тарбияи Абдулвоҳиди Мунзим ва шаклгирии шахсияти ӯ, барои расидани ӯ чун як талошгари собитқадам хеле саҳм дорад. Аммо дар китоби С. Табаров «Мунзим ва Беҳбудӣ» мебинем, ки омили умда дар фаъолияти маорифпарварии Мунзим шиносоии ӯ бо мактаби тотории Бурнашев ва Абдураҳмони Саъидӣ будааст. Онҳо дар Бухоро барои бачаҳои тотор мактаби усули нав боз карда буданд. Дар ин мактаб чанд тан тоҷикбачаҳо низ мехонданд ва Садриддини Айнӣ барои онҳо дарсро тарҷума мекард. Аз китоби мазкури С. Табаров чунин вонамуд мешавад, ки гӯё фаъолияти Мунзим (ва шояд Айнӣ низ) аз шиносоӣ бо ҳамин мактаби тоторӣ оғоз ёфтааст. Гӯё пеш аз ин Аҳмади Дониш вуҷуд надошт, омили дигаре пайдо набуд, маҳфили Садри Зиё дар шуури Мунзим нақше нагузошт. Аз ин ки Мунзим чанд сол дар ҳавлии Садри Зиё дар рӯҳи маорифпарварӣ тарбият ёфт, аз ин ки Садри Зиё бо хонондани «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмад-махдуми Дониш дар дили Айнӣ ва Мунзим ва Ҳайрат ба гуфти устод Айнӣ як «инқилоби фикрӣ» ба вуҷуд овард ва ба воситаи ин се нафар он «инқилоби фикрӣ»-ро ба миёни дигар ҷавонони он вақт интишор дод ва ҳоказо аз инҳо С.Табаров лаб фурӯ бастааст. Ӯ натанҳо Садри Зиё, балки Аҳмади Донишро низ ном набурдааст. Дар натиҷа чунин вонамуд шудааст, ки гӯё шиносоӣ бо мактаби тоторҳои

---

[182] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 7, саҳ. 9

Бухоро сароғози ҳама фаъолияти маорифпарварӣ ва инқилобии Мунзим буд. Чунин вонамуд таҳрифи таърих, дурӣ аз инсофи илмист.

С. Табаров даъво дорад, ки «М. Шакурӣ мақоми таърихиву адабӣ ва ҷамъиятии Садри Зиёро дар як қатор бо Аҳмад-махдуми Дониш ва устод С. Айнӣ мегузорад».[183] Ин корро кардани ин каминаи М. Шакурӣ гӯё ба он ранг сурат гирифта будааст, ки ҳам Аҳмади Дониш ва ҳам Садри Зиёро устодони С. Айнӣ гуфтаам: «Агарчи устодонаш Аҳмади Дониш ва Садри Зиё аз мансаб рӯ нагардонда буданд, қозигӣ карданд, устод Айнӣ мансабро қатъиян рад кард». Чунонки мебинед, ин ҷо банда нагуфтаам, ки Аҳмади Дониш, Садри Зиё ва Садриддини Айнӣ ба як мартабаанд. Банда гуфтам, ки Аҳмади Дониш ва Садри Зиё устодони Айнӣ буданд. Ин гап ҳаргиз чунин маънӣ нахоҳад дошт, ки «мақоми таърихиву адабӣ ва ҷамъиятии Садри Зиё» бо Дониш ва Айнӣ баробар аст. Банда чунин нагуфтаам. Дар ҳақиқат Аҳмади Дониш ғоибона ва Садри Зиё ҳозирона аз устодони Айнӣ будаанд, ки инро худи Айнӣ чандин бор таъкид кардааст (ва мо дар боло суханони ӯро овардем). Агар ду нафар устоди як нафар бошанд, ҳаргиз набояд гумон кард, ки он ду тан ба як пояанд. Банда ҳаргиз наметавонистам чунин андешае пеш биронам. Банда бар инам, ки дар садаҳои 19 ва 20 ҳатто тавон гуфт, аз садаи 16 то 20 дар таърихи мардуми тоҷик касе нест, ки ӯро бо Аҳмади Дониш баробар тавон гузошт. Аҳмади Дониш ба сифати як абармарди таърих бениҳоят бузург ва нотакрор аст. Дуруст аст, ки Садриддини Айнӣ ба ақидаи банда дар намудор овардани ғаномандӣ ва ҳусни камназири сухани форсии тоҷикӣ аз Аҳмади Дониш пештар рафт. Ба ҷуз ин Айнӣ аз нимаи даҳаи бист то поёни даҳаи сӣ пешвои маънавии пархошҳои озодихоҳии миллии тоҷикҳои Фарорӯд буда, дар раванди худшиносии таърихиву фарҳангӣ, дар шаклгирии худогоҳии миллии онҳо нақши асосӣ ифо намуд ва масалан аз Бобоҷон Ғафуров унвони «падари миллат»-ро гирифт[184]. Аз ин ҷиҳат устод Айнӣ фармудаи таърихро чунончи Аҳмади Дониш дар замони худ иҷро карда буд, иҷро кард. Лекин замони шӯравӣ, ки маънавиятзидо буд, тааммуқи маънавӣ, шинохти фалсафии воқеияти иҷтимоъӣ ва ҳастии инсонро намеписандид ва устод Айнӣ дар осори бадеъии худ барои ҷамъбастҳои пурвусъати фалсафӣ кам ҷуръат кардааст. Дар мавриди дарки амикрави фалсафӣ Айнӣ бо Аҳмади Дониш ҳамсангӣ надорад. Вале мавқеъи таърихии ӯ ба фикри ман аз Аҳмади Дониш камтар нест.

Банда бар ин ақида ҳастам, ки Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ моҳияти замони худро бо шахсияти худ ба мукамалӣ ифода кардаанд ва замонро пеш бурдаанд. Онҳо ҳар кадоме дар як марҳилаи сарнавиштсози таърих пешвои маънавии нерӯҳои пешбари ҷомеа, пешвои маънавии миллат будаанд. Аз ин рӯ дар таърихи тоҷикони Фарорӯд қарни 19 асри Аҳмади Дониш ва қарни 20 асри Садриддини Айнӣ буд. Мӯҳтавои таърихии замон дар шахсияти ин ду бузургвор ифода ёфтааст ва замонро пеш бурдаанд. Агар моҳияти аслии равандҳои таърихии садаи 19 ва 20-ро донистан бихоҳем, бояд мероси адабии онҳоро ба мутолиа бигирем. Агар дар садаи 21 барои миллат роҳу равиши тоза пайдо кардан бихоҳем, боз ҳам нахуст бояд ба осори Дониш ва Айнӣ рӯ оварем. Дар садаи 21 даст ба даст бо Донишу Айнӣ роҳҳои тоза тавон паймуд.

Дигар маорифпарварони мо бо ҳама бузургӣ натавонистанд ба дараҷаи Донишу Айнӣ бирасанд. Аз ин рӯ банда наметавонистам Садри Зиёро бо Аҳмади Дониш баробар бигузорам. Паҳлӯи ҳам гузоштани номи чанд нафар гоҳ ҳаргиз чунин маънӣ надорад, ки онҳо ҳама ҳамрангу ҳампояанд.

С. Табаров дар бораи ҷумлаи мазкури банда чунин ҳукм баровардааст: «Мусанниф… бо ҷумлаҳои боло собит сохтанист, ки ин фозилони тоҷик — Аҳмади Дониш ва Садри Зиё дар даврони аморати Манғит ва устод Айнӣ дар замони шӯравӣ «сарони миллат»[185] буданд. Банда пас аз дидани ин хулосаи С. Табаров ҷойҳои марбутаи китоби худ «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ»-ро аз назар гузаронидам, аммо он ҷо ибораи «сарони миллат»-ро пайдо накардам. Банда ин ибораро нисбат ба Садри Зиё ба кор набурдаам. Камина медонам, ки ӯ аз уламои пешқадами замон, аз пешоҳангони ҷунбиши маорифпарварӣ буд, барои такмили ормон (идеал)-ҳои равшангарӣ, амиқбурди худшиносии иҷтимоъиву маънавии равшангарон, барои ин ки онҳо муттаҳид ва ба амалӣ кардани омӯзаҳои Аҳмади Дониш сафарбар шаванд, як андоза нақши сарварӣ доштааст.

---

183 *С. Табаров*. Мубоҳисаи зиёии деҳотӣ…, саҳ. 16

184 Дар ин бора ниг.: *М. Шакурӣ*. Садриддини Айнӣ— равшангари бузурги таърихи тоҷикон. Хуҷанд, Нури маърифат, 2001, саҳ. 9-10.

185 *С. Табаров*. Ҳамон асар, саҳ. 16

Вай бо ин хидмати худ дар таърихи андешаи иҷтимоъии тоҷикони Фарорӯд ҷойгоҳе хос пайдо кардааст. Инро банда чандин бор таъкид кардаам.

Баъзе аз донишмандон равшанфикронро сари миллат ба шумор овардаанд ва ин таърифро банда қабул дорам ва ин албатта ба Садри Зиё низ нисбат пайдо мекунад

Оре, Садри Зиё яке аз намоёнтарин маорифпарварон ва тараққихоҳони тоҷик буд. Чунончи дар рисолаи «Садри Бухоро» баён шудааст, Садри Зиё инқилобхоҳ набудааст, инқилоби болшевикиву пантуркистии Бухороро напазируфта аст, низоми ҷумҳуриро низ написандидааст ва дар замони шӯравӣ ҳам аз ақидаҳои машрутахоҳӣ дил накандааст. Ӯ аз уламои ислом, аз аҳли фазлу камол, яке аз бофарҳангтарин зиёъиёни замон ва ягонаи даврон будааст. Пас барои арзёбии фаъолияти Садри Зиё, лаҳзаҳои ҷудогонаи зиндагии ӯ, бархе аз ақидаҳои адабӣ ё илмӣ ва иҷтимоъиву сиёсии вай аз дидгоҳи муносиби ҳолаш бояд нигарист. Аммо Раҳим Масов ва Соҳиб Табаров дар бештарини мавридҳо ба арзёбии фаъолияти Садри Зиё бо меъёрҳои инқилобӣ ва аз бинишгоҳи инқилоби болшевикӣ наздик шудаанд. Садри Зиё ин инқилобро рад карда буд ва акнун ба ӯ аз урдугоҳи муқобили ӯ менигаранд, аз бошишгоҳи душманонаш, ки ӯ оқибат дар зиндони онҳо ҷон дод, баҳо медиҳанд. Медонем, ки болшевикон зиёъиёни бофарҳанг ва баландмаданиятро «гнилая интеллигенция»— «равшанфикрони пӯсидаву тосида» номида буданд. Аз ин ҷо табиъист, ки аз ӯ бештар айб ҷустаанд. Меъёрҳои инқилобӣ тақозо дошт, ки барои шинохти шахсияти инсон пеш аз хама «баромади иҷтимоъӣ» ва «мансубияти синфии» ӯ бояд ба назар гирифта шавад. Р. масов ва С. Табаров танҳо ҳамин меъёрҳоро ба кор гирифтаанд. Ӯро танҳо як қозизода, қозиву қозикалон, мансабдори баландмартабаи замони амирон дидаанд. Меъёрҳои дастгоҳи идеологии замони шӯравӣ имкон намедод, ки аз чунин шахс сифатҳои неки инсонӣ бубинанд. Аз ин рӯ натавонистанд, ки ҷусторҳои ақлонаву эҷодӣ, фаъолияти фарҳангиву равшангарии Садри Зиёро дуруст арзиш бидиҳанд.

Ба такрор гӯшрас меоварем, ки меъёрҳое чун «аслу насаби иҷтимоъӣ» ва «вобастагии синфиву табақотӣ» дар баъзе мавридҳо барои шинохти шахсиятҳои таърихӣ шояд ба кор оянд. Мо ин эҳтимолро инкор намекунем. Вале аз баррасии навиштаҳои С. Табаров ва Р. Масов ба андешаи мо бовар ҳосил шуд, ки маҳдуд шудан бо ин меъёрҳои санҷиш пажӯҳишгарро ба натиҷагирии яктарафа меоварад, ҳатто аз ҳақиқати айнӣ дур мебарад. Саргармӣ бо меъёрҳои иҷтимоъии синфӣ чашмандози илмиро танг карда, мумкин аст, баъзе аз муҳимтарин паҳлӯҳои ҳақиқати воқеиро аз доираи назар берун гузорад.

Ба фикри мо аз ҳамин сабаб аст, ки ҳатто С. Табаров, ки бо пажӯҳиши адабиёти маорифпарварии тоҷикони Фарорӯд машғул аст, мақоми маҳфили адабии Садри Зиёро дар таърихи ин маорифпарварӣ натавонист бубуинад. Инкори аҳамияти маҳфили адабии Садри Зиё ва шахсияти ӯ, инкори нақше, ки онҳо дар таҳаввули маорифпарварӣ доштаанд, баробари он аст, ки ҷузъе аз таърихи маорифпарварӣ фурӯгузор бишавад. Ба ақидаи мо ин ҷузъи таърихи маорифпарварӣ хеле муҳим аст ва инкори он ё чашм пӯшидан аз он боиси таҳрифи таърих мегардад.

## 7

Як «айби» Садри Зиё ба қавли Раҳим Масов ин будааст, ки гӯё «монанди бисёр касони дигар ба ҳимояи забони тоҷикӣ ба по барнахост»[186] ва «ёддоштҳои худ «Тазкорулашъор»-ро ба шакли тазкираи манзум ба забони арабӣ навишт ва соли 1910, яъне амалан дар остонаи барқарор шудани ҳокимияти шӯравӣ дар аморати Бухоро таълифро ба поён расонид».[187]

Дар ин гуфтаҳои Р. Масов чанд ғалат раҳ ёфтааст. Якум он ки Садри Зиё нисбат ба форсии тоҷикии Мовароуннаҳр ҳаргиз бепарво набудааст. Вай аз паи Аҳмади Дониш рафта, барои инкишофи забон, барои сода шудани он, ба ибораи дигар, барои демократӣ шудани он дар садаи бист ҷидду ҷаҳд кардааст. Айнӣ мегӯяд: «Шарифҷон-махдум, ки аз иншонависони машҳури замони худ буд, аз мухлисони Аҳмади Калла ва Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро боз ҳам соддатар ва оммафаҳмтар карда менавишт».[188] Яъне ин ҷо низ номи Садри Зиё бо номи Аҳмади Дониш алоқамандӣ пайдо мекунад ва ошкор мегардад, ки ӯ ба пешбартарин равияе, ки Аҳмади Дониш тавсия карда буд, пайваста буд. Агарчи пас аз инқилоб пантуркистҳо ба сари қудрат омада форсии тоҷикиро аз доираҳои

---

[186] *Р. Масов*, ҳҳамон асар, саҳ. 13

[187] Ҳамон асар. Саҳ. 17

[188] *С. Айнӣ* Куллиёт, ч. 1, саҳ. 54.

расмӣ, аз мактаб ва матбуоту нашриёт берун ронданд, Садри Зиё ҳамчунон ба форсии тоҷикӣ китоб менавишт. Ин худ як поймардӣ ва талош барои забони модарии азиз, забони зебову шевои форсии точикӣ буд. Аз ин сабаб як моддаи айбшумории Р. Масов, ки мегӯяд: Садри Зиё «ба ҳимояи забони тоҷикӣ ба по барнахост», бебунёд аст.

Дувум он ки Р. Масов «Тазкори ашъор»-ро ёддоштҳо (мемуари) номидааст, ки дуруст нест. Ёддоштҳои Садри Зиё «Рӯзнома» ном дорад. «Тазкори ашъор» чунонки аз номаш пайдост, тазкира аст ва соли 1380 қ.=2001 дар Теҳрон (Суруш) чоп шуд. Ин тазкираро мемуар номидани Р. Масов аз бевуқуфист.

Севум он ки Р. Масов чун номи «Тазкори ашъор»-ро ба шакли «Тазкорулашъор» дидааст, гумон кардааст ки ин асар ба забони арабӣ навишта шудааст ва ин низ гӯё беҳурматӣ ба забони тоҷикист. Ин пиндор ҳам тамоман ба ҳақиқат рост намеояд. «Тазкори ашъор» ба форсии ноб, ба тоҷикии асил навишта шудааст.

Чаҳорум он ки Р. Масов соли таълифи «Тазкори ашъор»-ро 1910 гуфтааст, ки низ чандон дуруст нест. Таҳрири якуми ин асар соли 1904-1907 анҷом ёфта буд.

Ба ин тариқ дар гуфтаи Р. Масов ҳадди ақал чаҳор ғалат гузаштааст. Ин ҳам як гувоҳ аз бесалоҳиятии ӯст. Мақсади ӯ фақат бадгӯӣ ва айбҷӯист. Дар ин кор то дараҷае расидааст, ки дар ҳаққи Садри Зиё ва фарзанди ӯ ки банда бошам, гуфтааст, ки онҳо тоҷик нестанд, «ӯзбаки точикзабон» мебошанд ва аз ҳамин сабаб ба миллати точик ва забони тоҷикӣ хиёнат кардаанд (саҳ. 18). Аҷаб иддаои ҷоҳилона! Намедонам дар ҷавоб чӣ гӯям. Шояд танҳо ҳамин қадар бояд бигӯям, ки агар ҳазрати қиблагоҳам ва банда тоҷик набошем, дар ҷаҳон як тоҷик нест!

Дар замони мо дар Тоҷикистон дар миёни чанде аз кӯрдилон расме пайдо шудааст, ки ҳар киро бад бинанд ва бисёр бад гуфтан хоҳанд, ӯзбак меноманд. Иддае аз фарти тангназарии музофотӣ тоҷикони шимолӣ, яъне тоҷикони шаҳрӣ ва намояндагони тамаддуни шаҳриро ӯзбак ва манғит қаламдод мекунанд ва ба онҳо ҳама хислатҳои бадро нисбат медиҳанд. Китоби Р. Масов намунаи барҷастаи ҳамин шимолситезии саҳроӣ ва «назарияи манғитизм» аст. Р. Масов он ҳама хислатҳои бадро, ки дар номи китобаш зикр кардааст ва баъзе хислатҳои бадтар аз онро ки дар дохили китобаш ба қаҳру ҷаҳл фаровон овардааст, на танҳо ба Садри Зиё ва фарзанди ӯ балки ба ҳама тоҷикони шимолӣ бавежа ба бухороиён нисбат дода, аз ҷумла хислатҳое чун хушомадгӯӣ ва худкомӣ (чоплусӣ ба пеши манғитиён ва манфиатҷӯӣ аз адои хизмати онҳо) ва ғайраро номбар карда, чунин хулоса баровардааст: «Ҳамаи ин хислатҳои манфии нафратангези намояндагони аҳли зиёъи эҷодкор дар (дили) мардуми Бухоро сахтҷон омадаанд ва баъдтар — дар замони шӯравӣ низ чунин буд ва дар айёми мо низ чунин аст». (Все эти отрицательные, отвратительные свойства характера представителей творческой интеллигенции оказались живучи у выходцев Бухары и позже — в советское время в наши дни).[189]

Ниҳояти ҷаҳолат аст, ки касе ки даъвои муаррихӣ дорад, дар бораи мардуми шарофатманди Бухорои шариф, ки дар тӯли умри миллат дар сари гаҳвораи фарҳанги тоҷикӣ шабзиндадорӣ кардаанд, чунин гапҳое бигӯяд. Ростӣ, ин музахрафот натиҷаи бесаводии таърихист. Охир, танҳо замони навро бигирем, аз байни мардуми Бухоро ва равшанфикрони бешумори бинову доно ва муборизу фидокори он дар сад соли охир ду абармарди таърихи тоҷикон бархост, ки яке Аҳмади Дониш ва дигаре Садриддини Айнӣ буда, фаъолияти ҳар ду ҳам дар муҳимтарин даврае сарнавиштсоз омад. Ҷуз ин ҳам ҷасоратмандони қаҳрамон аз миёни зиёъиёни Бухоро зиёд бархоста буданд, ки ҳамеша дар хидмати миллат будаанд.

Ғубори бадниятӣ чашми Р. масовро гирифтааст, ки наметавонад номи онҳоро аз саҳифаҳои таърих бубинад. Ин ҳам як намуна аз кӯрдилист. Банда итминон дорам, ки Р. Масов аз он фарзандони содиқи миллат, ки бо кароҳат «зиёъиёни эҷодкор» (творческая интеллигенция), «ба истилоҳ мардуми таҳсилдида» («так называемые образованные люди») яъне «шоирону нависандагон» номидааст, аз навиштаҳову сурудаҳои онҳо як сатру як байт ба забони асл нахондааст, зеро медонем, ки саводи тоҷикӣ надорад, агар чизе аз онҳо бихонад ҳам, наметавонад бифаҳмад, наметавонад бидонад, ки аз дили он шоир ё нависанда чи гузаштааст, пас ҷуръати ӯ ба носазо гуфтан дар ҳаққи онҳо ниҳояти ҷаҳолат аст. Ӯ фақат аз рӯйи ошноии рӯякӣ бо баъзе маводи бойгониҳои ноқис, он ҳам маводе ки дигарон барои ӯ омода кардаанд, масъалаҳои таърихро ҳал кардан мехоҳад. Қабоҳат аст, ки бо ҳамин бесаводӣ ҷуръат кардааст, ки дар бораи забони Фирдавсӣ чизҳое бигӯяд, қабеҳтар он аст, ки «Шоҳнома»-ро иборат аз «васфи режимҳои мустабидду золимона,

[189] Ҳамон асар. Саҳ. 15.

зиддихалқӣ, иртиҷоъӣ» донистааст. Бинед ӯ чӣ мегӯяд: «Разве художественные произведения той поры (давраи классикӣ — М.Ш.) не носили панегерического налёта, не восхваляли деспотические, антинародные режимы нашей прошлой истории? Вспомним лишь один яркий пример тому — бессметрное творение Фирдоуси, Шахнаме».[190]

Оре, ин ҳама қабоҳат аст, вале аҷиб ин аст, ки ин қабоҳат ба чашми баъзеҳо илм менамояд.

Банда аз хонандаи азиз узр мехоҳам, ки сахтгӯӣ карда истодаам. Агар беодобӣ шуда бошад, пӯзиш мепурсам. Сухан аз ҷаҳли мураккаб меравад ва гоҳ дар чунин мавридҳо наметавонем ба оромӣ сухан бигӯем.

Мо дар дигар навиштаҳои худ хотиррасон карда будем, ки дар ду даҳаи нахустини садаи бист дар Бухоро мардуми моро ба ҷадиду қадим, сунниву шеа, тумониву кӯҳистонӣ ва ғайра ҷудо карда буданд ва ин ҷудоиандозӣ оқибат мӯҷиби хунрезиҳо шуд. Дар солҳои навади қарни бист дар Тоҷикистон моро ба вовчику юрчик ҷудо карданд ва сахткӯшӣ дар ҷудоиандозӣ боз ба хунрезӣ, ба ҷанги бародаркушӣ овард. Имрӯз, яъне дар оғози садаи бисту як моро ба шимоливу ҷанубӣ тақсим кардаанд. Касоне чун Р. Масов ва онҳое, ки ба дастгирии китоби мазкури ӯ як силсила мақола навиштаанд ва бисёр дигарон, ки мақола нанавиштаанд, вале ҳамфикру ҳамнияти он қаламдастҳо мебошанд, агарчи баъзе аз онҳо худро таърихшинос меноманд, қобилияти сабақ омӯхтан аз таърихро надоранд, намефаҳманд, ки имрӯз ба ҳам муқобил гузоштани тоҷикони ҷанубиву шимолӣ хеле хавф дорад. Ин муқобилгузорӣ миллатро пора мекунад ва пораҳоро зидди якдигар ангезиш медиҳад. Ин як хиёнати миллист, ки қобил аст ягонагии миллатро халал оварад.

На танҳо шахсоне чун Абдулқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Чинор Имомзода, Садри Зиё ва чанде дигарро бадном кардан мехоҳанд, балки ба тақозои шуури пасти маҳаллӣ diniста ё надониста бар зидди тамаддуни бузурги шаҳрии мо бархостаанд, бо пешбурди «назарияи манғитгароӣ» он тамаддунро ба дигарон вогузоштан мехоҳанд. Ин рӯҳия агар интишор биёбад, ягонагии миллат ва фарҳанги маънавии онро зери хатар мегузорад.

Шимолситезиву ҷанубситезӣ теша ба пои миллат мезанад. Ба худ биёед, ғофилон! Баргардед аз ин роҳ, ки миллатро ба сӯи нобудӣ мебарад!

*Тарсам нарасӣ ба Каъба, эй аъробӣ,*
*Ин раҳ ки ту меравӣ, ба Туркистон* аст.

8

Дар охир мехоҳам, ки як санадро ки аз бойгонии устод Айнӣ ёфт шуд ва хеле муҳим менамояд, ба диққати мутахассисон ва хонандагони ҳавасманд пешкаш бикунам. Ин як навиштаи устод Айнӣ дар бораи Садри Зиёст ва ба маълумотномаи мухтасар монанд аст. Шояд барои ягон идорахонаи давлати шӯравӣ ё бо илтимоси он ба мақсади фаҳмондани ин ки Садри Зиё чи касест, чун шиносномае навишта шуда бошад.

Агарчи мухтасар аст, баъзе маълумотеро дар бар овардааст, ки дар дигар навиштаҳои устод Айнӣ нест ва агар хато накунам, бархе аз онҳо аз асарҳои худи Садри Зиё низ ба назар намерасад.

Гумон меравад, ки вақти навишта шудани ин муаррифинома нимаи солҳои бисти қарни бист, шояд андаке пештар аз таълифи китоби машҳури «Намунаи адабиёти тоҷик» (1925) бошад.

Диққати моро ҳамин чиз ба худ кашид, ки устод Айнӣ ин ҷо бо номи «Ҳаёти расмии ӯ» як бобчаи махсус кушода, фақат аз азобҳое ки Садри Зиё дар хизмати расмӣ кашида буд, сухан рондааст, вале боз ҳам ба ҷиҳатҳои манфии фаъолияти қозигии ӯ заррае ишора нест. Агар фаъолияти қозигии Садри Зиё ҷиҳатҳои манфие чун ноинсофӣ ва золимиву бешафқатӣ медошт ва ин сифатҳои манфӣ ба ҳамзамононаш то андозае маълум мебуд, устод Айнӣ наметавонист аз онҳо хомӯш бимонад. Чунонки дар дигар навиштаҳои устод мебинем, дар ин муаррифинома низ Садри Зиё ҷафодидаест, на ҷафокор.

Асли ин ҳуҷҷат, ба забони ӯзбакӣ буда, дар ду саҳфа ба хатти арабӣ, ба имлои нави савтия (янгалиф) навишта шудааст, худнавишти Айнӣ нест, ба дасти каси дигаре китобат шудааст. Дар аввалу охири матн номи «С. Айнӣ» сабт гардидааст.

---

[190] Ҳамон асар, саҳ. 23-24

Ин нусха дар бойгонии Айнӣ таҳти шумораи II маҳфуз аст. Тарҷумаи тоҷикии онро мо анҷом додем. Инак матн:

Қозӣ Шарифҷон (Зиё)

С. Айнӣ

Падари қозӣ Шарифҷон домулло Абдушшакур[191] аст, ки дар даруни шаҳри Бухоро, дар гузари Мирзо Ғафур дар оилаи як косиб (шустагар) таваллуд шуда дар замони худ ба дараҷаи олими якум расидааст.

Ҳангоме ки ҳамин домулло Абдушшакур дар кенти Зиёуддини тобеъи тумани ҳозираи Кармина қози буд, соҳиби тарҷума (қозӣ Шарифҷон — М.Ш.) дар 1282-и ҳиҷрӣ (1864), 27-и моҳи рамазон таваллуд ёфтааст. Ба муносибати ин, ки дар Зиёуддин таваллуд шудааст, «Зиёуддин» (ном карда), ба сабаби ин ки дар моҳи рамазон ба ҷаҳон омадааст, «Шариф» номида, ба ду исм исм кардаанд. Азбаски баъдтар ба номи Шарифҷон машҳур шуд, «Зиё»-ро ба худ лақаб (тахаллус) кард.

**Таҳсилаш ва устодаш**. Саводи қозӣ Шарифҷон дар хонаи худ дар сурати хусусӣ баромада, таҳсили боло ва расмиро дар пеши падар кардааст. Лекин бо ҳусни хат, иншо ва адабиёт худ ба сурати хусусӣ машғул шудааст ва дар ин роҳ ба сафи машҳурони замон гузаштааст.

**Қозӣ Шарифҷон ва асарҳои кӯҳна**. Қозӣ Шарифҷон аз ҷавонӣ ошиқи китобҳои нафис ва асарҳои кӯҳна будааст. Аз ин роҳ китоби бисёре, расмҳо, дастхатти одамони машҳур ва асарҳои кӯҳна гирд овардааст. Китобҳоеро ки ба даст овардан мумкин набуд, худ рӯнавис карда ё ки аз ягон каси дигар нусха кунонида мегирифт. Аз асарҳои пурқимате ки дар дасти ӯст, мо инҳоро медонем:

Ҳофиз ки ба дасти худи Ҳофиз навишта шудааст.[192]

Дастхатти мавлоно Ҳусайни Воиз

Як нусхаи Қуръон, ки ба дасти Ёқути Ҳамавӣ китобат шудааст.

Дастхатти Алишери Навоӣ, мавлоно Ҷомӣ, хоҷа Аҳрор.[193]

Қозӣ Шарифҷон барои инҳо, барои ҷамъ овардани асарҳои пурқимат ва нодир бисёр меҳнатҳо кашидааст. Ин асарҳои пурқиматро пора-пора, ҷузъ-ҷузъ гирд овардааст.

Ғайр аз ин, дар дасти ӯ расмҳои таърихӣ ва суратҳои нафиси дохили китобҳо ҳаст, ки дар асрҳои 14 ва 15 кашида шудаанд ва аз нуқтаи назари нафосату санъат ба аҳамияти калон моликанд. Бино ба мулоҳизаи мутахассисон инҳо ҳама чизҳоеанд, ки хеле аҳамият доранд.

**Асарҳои худаш.** 1)Тазкиратушшуарои манзум ба забони форсӣ. Дар ин асар аз муосирон қариби 130 нафар шоирро ба тарҷумаи ҳол ва намунаи шеърашон зикр кардааст.

2) Тазкиратулхаттотин — дар ин асар тарҷумаи ҳоли дусад нафар аз хушнависони машҳур навишта ва аз дастнависашон намуна нишон дода шудааст.

3) Наводири зиёъия — ин асар тахминан 10 ҷузв[194] буда, мундариҷаи он иборат аз ҳикояҳову латифаҳои хандаомез аст, ки дар миёни ҳамзамонони муҳаррир гузаштаанд.

4) Рӯзнома. Ин ҷо воқиаҳои чил сол, ки аз сари худаш гузаштаанд, ҳодисаҳои муҳимме, ки дар замони ӯ дар ҷаҳон рӯй додаанд, навишта шудаанд.

Фақат чоруминии ин асарҳо тамоман, қисми муҳими дигар се асар бо як қисми китобҳои кӯҳна ҳангоми аз тарафи амир дар Қаршӣ ҳабс шудани ӯ талаф шудааст.

**Ҳаёти расмии ӯ**. Амир Олимхон чун 1917 ба муносибати инқилоби феврал фармони ислоҳот баровард, қозӣ Шарифҷонро тарафдори ислоҳот гӯён ба таклифи ҷавонон (ҷавонбухороиёни маорифпарвар — М.Ш.) дар Бухоро қозикалон кард. Амир пас аз он ки аксулҳаракат хезонда фармони ислоҳотро аз иҷро боздошт, (қозӣ Шарифҷонро — М.Ш.) аз

---

[191] Ин ном ба янгалиф на «Шукур», балки «Шакур» навишта шудааст, ки ҳамин дуруст аст. (М.Ш.

[192] Дар масъалаи ин ки дар китобхонаи Садри Зиё девони Ҳофиз ба дастхатти худи ӯ мавҷуд будааст, шояд аз устод Айнӣ саҳви қалам гузашта бошад. Чунин китобе аз китобхонаи Садри Зиё ёфт нашуд. Дар ин китобхона як Хамсаи Хусрави Деҳлавӣ буд, ки гӯё ба қалами Ҳофиз китобат шудааст. (М.Ш.)

[193] Ҳамон «Маҷмӯаи муросалот» дар назар аст, ки аз муроққаи номаҳо иборат буда, қисман ба номи «Письма-авюграфы Абдуррахмана Джами из Альбома Навои» (Тошканд, 1982), «Номаҳои дастнависи Ҷомӣ» (Кобул, 1364) ва «Абдураҳмони Ҷомӣ. Номаҳо» (Душанбе, 1989) чоп шуд. (М.Ш.)

[194] Ҳар ҷузв 22 саҳифаи мошиннавис ё 16 саҳифаи чоп аст (М.Ш.)

қозикалонӣ бекор карда ба тариқи бадарға ба тарафи вилояти Қаршӣ — «Беҳбудӣ»[195] қозикалон карда фиристод.

Моҳи марти соли 1918 чун воқиаи Кулисуф бархост, (қозӣ Шарифҷон — М.Ш.) бо бародару бародарзодааш аз тарафи амир дар зиндони Қаршӣ ба ҳабс гирифта шуд. Он гоҳ бародарзодааш кушта шуд, худаш бо бародараш баъди 70 рӯз аз ҳабс баромада ба Шаҳрисабз барои қозигӣ фиристода шуд. То охири соли 1919 он ҷо дар назарбанди ҷаллоди машҳур Акрамхон — амаки амир Олим истода буд.

Он вақтҳо ҳаракатҳои инқилобии ҷавонон қувват гирифта, азбаски Шаҳрисабз ба Самарқанд наздик аст, он ҷо ташвиқоти инқилобӣ вусъат ёфт. Аз ин сабаб қозӣ Шарифҷон аз он ҷо гирифта ва ба Қаршӣ ки дар миёнатари мамлакат аст кӯчонида шуд.

Ҳангоме ки аскари сурх ба Қаршӣ ҳуҷум кард (қозӣ Шарифҷон — М.Ш.) аз миёни одамони амир гурехта, худро ба «Бухорои сурх» расонид.

Ҳоло дар Бухоро зиндагӣ мекунад.

Чунонки дидем, ин зиндагиномаи Садри Зиё, ки устод Айнӣ хеле мӯҷаз ва пурмаъно ба қалам овардааст, сар то по хайрхоҳона аст. Гарчанде ки дар ин сатрҳо ситоиши Садри Зиё нест, эҳтироми бепоёни устод Айнӣ нисбат ба ӯ равшану возеҳ падидор аст. Вале андаке ҳам бошад, оҳанги сарзаниш ва норизоӣ ва ишорае бар ин ки гӯё Садри Зиё беинсоф ва золим будааст (чунонки С. Табров мегӯяд) ё худ лаҳзае нисбат ба миллату кишвар ва ормонҳои маорифпарварӣ хиёнате раво дида бошад (чунонки Р. Масов талқин мекунад) дар ин нигоштаи Айнӣ ба назар намерасад. Банда медонам, ки навиштаҳои Айнӣ дар бораи Садри Зиёро як ҷо гирд оварем, ситоишномаи бузурге ба миён меояд, вале як зарра ишорае ба беинсофиву золимӣ ва хиёнаткории Садри Зиё пайдо намекунем. Устод чунин сифатҳое ба Садри Зиё нисбат надодааст. Ин корро фақат С. Табаров ва Р. Масов кардаанд. Он ақидаи С. Табаров ва Р. Масов ки гӯё дар бораи Садри Зиё ва ҳамзамонони ӯ бештар аз он ки Айнӣ дониш доранд, як даъвои нони қоқ асту бас. Албатта пажӯҳиши илмӣ густариш биёбад ва амиқ равад, шояд рӯзе бештар аз он ки Айнӣ медонист, иттилоъ ба даст ояд. Аммо ҳоло ба ин дараҷа нарасидаем.

Оре, Садриддин Айнӣ дар чанд асари бузурги худ чунончи «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (1918). «Таърихи инқилоби Бухоро» (1920), «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926), «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1940), «Ёддоштҳо» (1948-1953) ва дар баъзе асарҳои хурд Садри Зиёро ёд карда, ба пеши Садри Зиё, хислатҳои нек ва фазлу камоли вай сари таъзим фуруд овардааст, дар бузургдошти ӯ суханони самимӣ гуфтааст. Садри Зиё низ дар нигоштаҳои худ дар бораи Айнӣ суханҳои нек гуфтааст. С. Сиддиқӣ ва дигарон он гуфтаҳои Садри Зиё дар бораи Айниро чандин бор зикр кардаанд ва банда низ ёдовар шуда будам.

Аз он чи Садри Зиё ва Айнӣ дар бораи якдигар навиштаанд, ҳувайдост, ки ин ду бузургвор мақому манзалати якдигарро шинохта буданд. Садри Зиё ва Садриддини Айнӣ дар аввал устоду шогирд буданд, баъд ҳаммаслак ва дӯсти ҷонӣ шуданд. Дӯстиву рафоқат ва ҳамфикриву ҳамкории онҳо дар таърихи фарҳанги тоҷикони Варорӯд аз рӯйдодҳои камназири ибратомӯз аст ва натиҷаҳои фавқулъода дод.

Ба фикрам агар гӯем ки муносибати Садри Зиё ва Садриддини Айнӣ то андозае ба муносибати Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ монандӣ дорад, саҳв намекунем. Ҷомиву Навоӣ ҳам аввал устоду шогирд буданд, баъд дӯсту ҳаммаслак шуданд ва ҳамкории онҳо дар таърихи мардуми турку тоҷик аз ҷолибтарин саҳифаҳост. Инро устод Айнӣ дар рисолаи «Алишери Навоӣ»,, хеле хуб нишон додааст. Навоӣ шогирди одӣ набуд, шогирде буд ки дар ҳайрат кунад устодро. Кам-кам мақоми таърихии Навоӣ дар адабиёт аз мақоми таърихии Ҷомӣ болотар рафт. Навоӣ бунёдгузори адабиёти классикии ӯзбекӣ шуд, аммо Ҷомӣ яке аз классикони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ буд. Коре, ки Навоӣ дар адабиёти ӯзбекӣ кард дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Рӯдакӣ карда буд (панҷсад сол пештар аз Ҷомиву Навоӣ). Дар натиҷа Ҷомӣ бо он бузургӣ дар таърихи адабиёти халқи худ мақоми пасттар аз мақоме, ки Навоӣ дар таърихи адабиёти халқи худ дошт, ёфт.

Ҳамин ҳолатро дар мавриди Садри Зиё ва Айнӣ низ мебинем. Садри Зиё яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти форсии тоҷикӣ дар садаи бист, аммо Садриддини Айнӣ асосгузори адабиёти навин ва насри реалистии тоҷикӣ ва адбиётшиносии тозаи тоҷикони Мовароуннаҳр шуд. Яъне дар адабиёти халқи худ мақоми таърихие баландтар аз мақоми таърихии устоди худ ишғол намуд. Шогирд аз устод хеле ва хеле пештар рафт Садри Зиё

[195] Азбаски Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ соли 1919 дар Қаршӣ аз тарафи одамони амир кушта шуда буд, баъди инқилоби Бухоро Қарширо шаҳри Беҳбудӣ ном карда буданд. (М.Ш.)

яке аз пешравони маорифпарварӣ ва таблиғгарони он ва муборизи фаъол буд, Садриддини Айнӣ дар як давраи ҳассос пешвои муборизаи озодихоҳии миллии халқи худ шуд.

Садриддини Айнӣ он муборизаи бузургеро, ки Аҳмади Дониш сар карда ва чандин нафар шогирдону пайравони ӯ давом доданд, ба нуқтаи олӣ, аз баъзе ҷиҳатҳо ба натиҷаи ниҳоӣ расонид. Як сари занҷираи қавии мубориза дар дасти Аҳмади Дониш ва сари дигари он дар дасти Айнӣ буд. Садри Зиё яке аз қавитарин ҳалқаҳои миёнаи ин занҷира аст.

Ин аст, ки дар шоҳроҳи таърихи тоҷикони Варорӯди садаи бист Садри Зиё ва Садриддини Айниро аз ҳам ҷудо кардан, ба вежа зидди ҳам гузоштан корест ношуданӣ. Имрӯз пас аз чандин соли даргузашташон онҳоро ба ҳам ҷанг андохтан (чунонки С. Табаров ва Р. Масов мехоҳанд) гуноҳи бузургест, беэҳтиромӣ нисбат ба арзишҳои маънавии миллат аст, ки дӯстии Садри Зиё ва Садриддини Айнӣ як падидаи дурахшони он аризшҳои маънавист.

Аз гуфтаи Садри Зиё, Садриддини Айнӣ ва дигарон маълум аст, ки падари Садри Зиё домулло Абдушшакури Оят аз донишмандони дараҷаи як (ба гуфти Айнӣ) ва намоёнтарин шахсиятҳои фарҳангии замон буд.Сари ифтихори Садри Зиё аз падари бузургвор ба осмон расида буд ва гуфтааст:

*Маро тоҷи иззат ҳамин бас ба сар,*
*Ки омад маро инчунин кас падар.*

Банда ин байтро нисбат ба қиблагоҳи худ Садри Зиё вирди забон дорам. Аз ин ки ин бузургвор қиблагоҳи ман будааст, бениҳоят фахр мекунам ва аз ин ҷиҳат худро аз хушбахттарин мардумон медонам.

Бовар дорам, ки ҳар пажӯҳишгаре бо диди ҳаққониятҷӯӣ ба осори Садри Зиё ва гуфтаҳои Айнӣ дар бораи ӯ бингарад, оқибат хоҳад дарёфт, ки агар баъзеҳо бо кӯтоҳбинӣ аз зери нохуни бузургон чирк бикованд, дар пеши таърих рӯсиёҳ хоҳанд буд.

1990-2003

## БАЙЗОИЯТ Ё МАОРИФПАРВАРӢ?

1

Соли 2003 китоби Ибни Қурбон номе ба унвони «Фавоҳиш ва раҳоиш» аз чоп баромад. Дар номи ин китоб вожаи «фавоҳиш» ба маънои бадиву бадкорӣ ва «раҳоиш» ба маънои халосиву растагорӣ омадааст. Бештари ин китоб дар бораи Садри Зиёест. Муаллиф ақида дорад, ки Садри Зиё «фавоҳиш» зиёд карда буд ва имрӯз аз оқибатҳои он «раҳоиш» бояд ёфт.

Ба гуфти Ибни Қурбон «фавоҳиш» иборат аз он аст, ки Садри Зиё дар рисолаи «Сабабҳои инқилоби Бухоро», ки як бахши «Наводири зиёъия» аст ва дар зиндагиномаи худ, ки низ дар «Наводири зиёъия» омадааст, мардуми кӯҳистони тоҷик ва эрониёни Бухороро бисёр мазаммат кардааст, дар бораи онҳо суханҳои таҳқиромез гуфтааст.

Шарифҷон махдуми Садри Зиё сабаби беэҳтиромии худро нисбат ба аҳли кӯҳистон ва эрониёни маҳаллӣ чунин эзоҳ додааст, ки «асбоби заволи давлати Бухоро дар танпарварӣ ва бевуқуфӣ ва дунёпарастии се амир шуд», яъне охирин амирони манғития амир Музаффархон, Абдулаҳадхон ва Олимхон заволи Бухороро омода карданд. Ақидаи Садри Зиё ин аст, ки ин амирон ин корро ба дасти кӯҳистониён ва эрониёни Бухоро анҷом доданд. Ба қавли Садри Зиё ин амирон он ду тоифаро дар Бухоро ривоҷу тараққӣ доданд, «ҳар ҷо мансабе илмӣ буд» ва «ҳар ҷо корҳои ҳукумативу сиёсӣ буд», ба он ду гурӯҳ супурданд. Он ду гурӯҳ дасти тааддӣ кушоданд, худсарӣ пеш гирифтанд ва анвоъи ҷавру зулмро ба халоиқ раво диданд. Чунонки Садри Зиё мегӯяд, «рӯзу умри аҳли ватан ба мазалату хорӣ ва усрату тангӣ мегузашт. Касеро ёрои лаб кушодану дам задан набуд». Ин ҳол «дар айёми қозикалонии авлоди Байзо ки се нафар буданд: қозӣ Садриддин ва қозӣ Бадриддин ва қозӣ Бурҳониддин ки муддати тасаллуташон дар балдаи фохираи Бухоро 55 сол тақрибан буд», идома дошт.

Садри Зиё дар бораи хонадони Байзо ва дастёрони онҳо бо хашму ғазаб сухан рондааст, дар ҳаққи онҳо суханҳои таҳқиромез ба кор бурдааст, онҳоро дуни бадасл, ноаҳл, баднажод, шаттоҳ ва ғайра, ҳатто ҷамоаи разила ва тоифаи дания номидааст. Ба ин ваҷҳ

Ибни Қурбон дар китоби «Фавоҳиш ва раҳоиш» ба ин фикр омадааст, ки Садри Зиё душмани кӯҳистониён буда, «тафаккури ӯ орӣ аз ҷавҳари миллӣ буд, метавон ӯро дар радифи асосгузорони андешаи маҳалпарастӣ ва тафриқаангези миллати тоҷик қарор дод».[196]

Ба гуфти Ибни Қурбон гӯё Садри Зиё бо ин «андешаи маҳалпарастӣ» бисёр «фавоҳиш» кард. Чанде аз он «фавоҳиш» дар китоби Ибни Қурбон як-як зикр шудааст. Чунончи Ибни Қурбон мегӯяд, ки Садри Зиё «ҳар фисқу фуҷуреро ки дар қаламрави давлат ё дарбор мушоҳида мекард ва ё ҳар амале ки музирри шахсияти ӯ буд, ба сари кӯҳистониён меборид (яъне бор мекард — М.Ш.) ва эшонро то метавонист сиёҳ мекард, ба ибораи дигар қасоси худ аз эшон мегирифт»[197], яъне ба чи сабабе Садри Зиё дар китоби худ аз онҳо интиқом гирифт. Ин яке аз гуноҳҳоест, ки ба гардани Садри Зиё гузошта шудааст. Лекин ҳеҷ гуфта нашудааст, ки чаро ӯ аз эшон қасос гирифт, қасоси чиро гирифт. Ин пурсиш муҳим аст. Модом ки қасос мегирифтааст, пас онҳо коре дар ҳаққи ӯ карда буданд, дар «фисқу фуҷур» ва ғайра ширкате доштаанд, ки «музири шахсияти» Садри Зиё омадааст. Пас ин «қасос», чунин ниқоркашӣ амали ҷавобист, амалест, ки Садри Зиё дар ҷавоби амале пеш гирифтааст. Пас нахуст амалкарди якумро бояд гуфт, то бубинем, ки амали ҷавобӣ то чи андоза сазовори амали якумист. Ё ин ки исбот кардан лозим буд, ки қозӣ Бурҳониддин ё Ибни Байзои дигаре «ба фисқу фуҷуре ки дар қаламрави давлат ё дарбор мушоҳида мешуд», робитае надоштааст. Он гоҳ мо бовар ҳосил мекардем, ки «қасосгирии» Садри Зиё кори нодуруст будааст.

Ибни Қурбон даъвоҳои калон бисёр дорад. Лозим аст, ки ҳамаи онҳоро ягон-ягон аз назар бигузаронем.

Аз даъвоҳои Ибни Қурбон танҳо яке то андозае беасос нест.Ин ҳам бошад, аҳли хонадони Байзо ва ҳама чокарони мутеъу фармонбардори онҳоро нафрин кардани Садри Зиёст. Ҳама айбшумориҳои Р. Масов ва С. Табаров ва дигарон, ки аз Садри Зиё гуноҳҳои зиёде «ёфтаанд», асосе надорад ва дур аз ҳаққоният аст. Танҳо эроди Ибни Қурбон ки мегӯяд: Садри Зиё нисбат ба эрониён ва кӯҳистониёни Бухоро суханҳои хашмгин ва таҳқиромез раво дидааст, ҳақиқат дорад. Аз ин рӯ, мо ҳоло ба баррасии ҳамин масъала мепардозем.

2

Наметавон гуфт, ки Ибни Қурбон — муаллифи «Фавоҳишу раҳоиш» бо чуну чаро андешае нарондааст. Як бор дар аввалҳои китоб кӯшише пеш гирифтааст, ки ба пурсиши «чаро?» посух бигӯяд. Ӯ суол мегузорад, ки иллат чи буд, ки амир Музаффархони манғит бисёре аз лаҷомиҳои сиёсиву мазҳабиро ба дасти кӯҳистониён ва эрониёни Бухоро супурд ва онҳоро ба сари мардуми вилоятҳои марказии аморат нишонид? Ин чӣ сиёсате буд ва чӣ ҳадафҳое дошт, чӣ натиҷаҳое дод? Ва Ибни Қурбон ба ин гуна пурсишҳо аҷаб посухе ёфтааст. Инак андешаи Ибни Қурбон:

«Амир Музаффархони турк… мардуми кӯҳистонро ба мадориси Самарқанду Бухоро хонд ва имтиёзоте барои эшон таҳия кард, ки гӯӣ тоҷиконро дар миёни сарзамини туркзада бурд, то асли ин мардум аз миён наравад ва ҳамчунон дигар эрониёнро дар корҳои идории давлат мадхал дод, то ҷавҳари волои давлатдории аҷдоди тоҷикон (эрониён) дар марокизи Сомониёни собиқ бори дигар нумув кунад. Яъне чунон менамуд, ки амир Музаффар пай бурд, ки суфуфи донишмандони мамлакатро аз шумори кӯҳистониёни донишманд бояд тақвият бахшад (ва ба ҳар фарди соҳибақл маълум аст, ки нерӯҳои бузурги ақлонии мамлакатро танҳо аз аҳолии шаҳр тарбият кардан кифоя нест) ва аз таҷоруби давлатдории эрониён истифода бояд бурд.[198]

Ҳамин будааст сабаби сари кор овардани авлоди Байзо ва эрониён дар Бухоро! Андаке диққат бикунед, хонандаи азиз. Гӯё амир Музаффархони турки мангит махсусан ғамхорӣ кардааст, ки «дар сарзамини туркзада»-и Бухоро «асли мардум аз миён наравад», яъне тоҷикияту эроният кам нашавад ва халал набинад. Гӯё амир Музаффар кӯшида будааст, ки «сафи донишмандони мамлакатро аз шумори (? из числа? — М.Ш.) кӯҳистониёни донишманд бояд тақвият бахшад! Амир Музаффар дар ғами илму дониш ва маънавият будааст!

---

[196] Ибни Қурбон. Фавоҳиш ва раҳоит. Душанбе, R. Graph 2003 саҳ. 18
[197] Ҳамон асар, саҳ. 224
[198] *Ибни Қурбон*. Фавоҳиш ва раҳоиш, саҳ. 12

Аҷаб хомандешӣ! Шак нест ки ин пиндори ботил аз ноогоҳии таърихӣ сар задааст. Ошкор аст, ки Ибни Қурбон Манғитиён, ба вежа аҳволи амир Музаффархонро ҳеҷ намедонад. Ва ё худро ба нодонӣ мезанад. Ба таърихномаҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Азими Сомӣ, Садриддини Айнӣ ва дигарон андаке чашм давонем, ошкор мегардад, ки устувор кардани пояҳои маънавии ҷомеа, тақвияти рӯҳи тоҷикиву эронӣ дар Бухоро ҳаргиз наметавонист бахше аз сиёсати Манғитиён бошад, Баръакс ба куллӣ хилофи сиёсати онҳо буд.

Пас мақсад аз сари кор гузоштани эрониёну кӯҳистониёни Бухоро дар асл чӣ будааст? Пеш аз он ки ба чунин пурсише посух биҷӯем, ба як масъалаи дигар ки дар пиндорҳои Ибни Қурбон аз оғоз то анҷом бозтоб дорад, андаке таваққуф бояд кард.

Ин гумон бебунёд аст, ки гӯё Бухоро дар ҳудуди садаҳои 19 ва 20 тамоман «сарзамини туркзадае» ва дур аз тоҷикияту эроният будааст. Ва гӯё эҳтиёҷ бар ин доштааст, ки киҳое аз куҷое биёянд ва тоҷикият, илму фарҳанг биёранд. На, ин пиндор низ аз ноогоҳӣ пайдо шудааст. Осори устод Айниро бихонед, ин пиндор бартараф хоҳад шуд. Устод дар «Ёддоштҳо» шаҳри Бухоро ва атрофи онро хеле батафсил ба нигориш гирифтааст ва мебинам, ки ҳама ҷо на танҳо ҷавру зулми Манғитиён ва косалесони онҳо, балки бештар аз он ҳамчунон фарҳанги баланди эрониву тоҷикӣ ҳукмрон аст.

Аз ин рӯ имкон пайдо шуд, ки аз Бухоро дар андак муддат — аз нимаи садаи 19 то нимаи садаи 20 дар зарфи 100 сол ду абармарди таърихи тоҷикон, ки яке Аҳмади Дониш ва дигаре Садриддини Айнист, бархостанд. Агар Бухоро дар садаи 19 «сарзамини туркзада» мебуд, магар метавонист, ки ин ду бузургвор ва даҳҳо зиёиёни барҷастаи тоҷикро ба воя бирасонад?

Ба қатъияти тамом бояд гуфт, ки «назарияи манғитгароӣ», яъне манғитзадагӣ ва манғитиятпазирии мардум, мутеъиву фармонбардории зиёъиён, «назарияе» ки ба мубориозони шӯълавар хоиниву миллатфурӯшӣ нисбат медиҳад, поя бар воқеият надорад.

Ибни Қурбон пайрави ҳамин «назарияи манғитгароии» Р. Масов ва С. Табаров аст ва мехоҳад бигӯяд, ки кӯҳистониён ва эрониён ба ёрии аҳли «сарзамини туркзадаи» Бухоро шитофтанд, то рӯҳияи тоҷикиятро ба он сарзамин боз биёваранд. На, дар ҳудуди садаҳои 19 ва 20, дар нимаи дувуми садаи 19 ва даҳаи аввали садаи 20 Бухоро чунин эҳтиёҷе надошт. Ин эҳтиёҷ дар Бухоро тақрибан аз нимаи садаи 20 пайдо шуд ва имрӯз ҳар чи бештар афзоиш меёбад. Ва сабаби ин низ он нест, ки ҳавохоҳони «назарияи манғитгароӣ» мегӯянд. Сабабҳои дигар аст ва чанде аз онҳоро поинтар ба ҳар муносибат хоҳем дид.

Аз нимаи даҳаи ҳаштоди садаи бист, аз оғози ошкорбаёнии Горбачёв дар Бухоро (ва дигар ҷойҳои Ӯзбекистон) ҳисси миллии тоҷикӣ қуват гирифт. Он гоҳ бисёре аз куҳистониёни Тоҷикистон ба Бухоро рафтанд, он ҷо иқомат ихтиёр карданд, то ки ба тақвияти ҳисси миллии тоҷикии мардуми Бухоро ёрмандӣ бикунанд. Солҳои бисту сӣ ва пас аз он бухориён ба Тоҷикистон омада буданд, то ки Тоҷикистон бисозанд ва барои қомат рост кардани Тоҷикистони азизи худ хидмат карданд. Дар солҳои ҳаштод акси ин раванд сурат гирифт: мардуми кӯҳистони тоҷик ба ёрии мардуми Бухоро шитофтанд. Бисёре аз он мардуми куҳистон ки аз даҳаи ҳаштод то нимаи даҳаи навад ба Бухоро кӯчида буданд, ҳанӯз он ҷо зиндагӣ доранд ва дар душвортарин шароите рисолати таърихӣ иҷро мекунанд.

Ибни Қурбон аз ин руҳдоди таърихӣ, ки дар охири қарни бист мардуми куҳистони тоҷик (чӣ масчоиву фалғарӣ чӣ раштиву кулобӣ ва ғайра) барои қувват додани тоҷикияту эроният ба Бухоро рафтанд ёдовар нашудааст, вале шояд бо назардошти ҳамин рӯйдод гумон кардааст, ки кӯҳистониён аз оғози нимаи дувуми садаи 19 низ чунин рисолати таърихӣ дар Бухоро иҷро карданд. Ибни Қурбон инро низ дар назар доштааст, ки дар давлати хонияи Қӯқанд низ кадом вақте «тоҷикони кӯҳистони Қӯқанд мисли кӯҳистониёни давлати Бухоро айнан ба ҳамин мақсад (бо мақсади қувват додани илм ва ба низом овардани ҳокимият — М.Ш.) ба маркази илмиву идории давлат кашида шуда буданд».[199] Банда аз ин ҷиҳати таърихи давлати хонияи Хӯқанд ҳанӯз огоҳӣ надорам ва бино бар ин наметавонам дар ин бора чизе бигӯям, лекин медонам, ки дар Бухоро дар садаи 19 ба ҳокимият кашида шудани кӯҳистониён ва эрониёни маҳаллӣ бо мақсадҳои дигаре ба вуқӯъ пайваст.

Албатта, дар ҳама асру замон дар давлатҳои хурду калони Варорӯд (Мовароуннаҳр) ба кишвардорӣ ва корҳои шаръия на танҳо намояндагони мардуми пойтахт, балки намояндагони минтақаҳои гуногун ва вилоятҳои дуру наздик ширкат доштанд. Агар

---

[199] *Ибни Қурбон*, ҳамон асар, саҳ. 77.

бигӯем, ки ҳеҷ гоҳе мансабҳои калони давлатӣ танҳо дар дасти аҳли пойтахт набудааст, шояд хато накарда бошем. Аз ин рӯ, дар ин ки се нафар аз мардуми Кӯлоб дар Бухоро ба қозиулқузотӣ расидаанд, дар назари аввал ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест. Ин ҳам маълум аст, ки дар ҳама давру замон ҳокимони турк аз эрониён, аз ҷумла тоҷикон вазир мегирифтанд, дар дигар мансабҳои мулкӣ (ғайри сипоҳӣ) мардуми маҳаллиро таъйин мекарданд. Ҳокимияти сиёсӣ дар дасти туркҳо, кишвардорӣ, ба вежа ҳаёти маънавӣ дар дасти эрониён, аз ҷумла тоҷикон буд. Ин ҳақиқат ба ҳама маълум аст. Ба ин сабаб эрониёни Бухороро ба мансабҳои калону хурди давлат, аз ҷумла ба мансабҳои сипоҳӣ роҳ додани Манғитиён дар назари аввал як кори маъмулӣ менамояд. Аммо танҳо дар назари аввал чунин менамояд. Дар асл он чи дар садаи 19 рух намуд, маънии вежа дошт, кӯҳистониён ва эрониёни Бухоро бо ҳадафҳои вежа ба мансабҳои калону хурди сиёсӣ ва мазҳабӣ таъйин шуданд ва ин таъйинот натиҷаҳои вежа овард. Ҳоло ба сабабҳои ин рӯйдод нигоҳе меафканем.

3

Дар садаҳои 17 ва 18, ба вежа 19 мубориза турку тоҷик дар Варорӯд бештар тезиву тундӣ пайдо кард ва ба шаклҳои нав ба нав падид омад: Як сабаби ин ҳолат ҳамон аст, ки чандин бор ишора кардаем: Дар садаи 18 қабилаҳои гуногуни турку муғул ҳар сол аз даштҳои Қазоқистон ба Варорӯд сарозер мешуданд. Онҳо як бор ҳафт сол, бори дигар бист сол ҳар тирамоҳ ба водиҳои зархез ҳамла оварда, ҳосили деҳқонро ба ғорат бурданд. Мардуми тоҷик солҳои сол аз ҳосили заҳматашон маҳрум монданд. Қаҳтӣ, гуруснагӣ, муромурӣ солҳо идома ёфт ва саломатмондагон ҳар тараф фирор карданд. Дар Бухоро ду гузар одам монд. Дар Самарқанд касе намонд ва ин шаҳри бузург бештар аз панҷоҳ сол беодам буд. Ҳисор чанд гоҳ холӣ монд. Минтақаҳои дигар ҳамчунин.

Ин яке аз бузургтарин фоҷиаҳое буд, ки бар сари мардуми тоҷик омадааст.

Пас аз он ки сулолаи Манғитиён ба сари кор омад (соли 1756), заминаи муносибати байни туркҳову тоҷикҳо беҳ нашуд, бадтар шуд.

Дар нимаи аввали қарни 19 ховаршиноси рус Николай Хаников ба Бухоро сафар карда, чанд гоҳ ин кишварро бо диққат таҳқиқ кард. Вай мушоҳида намуд, ки дар аҳди Манғитиён мардуми кишвари Бухороро иборат аз ду тоифа медонистанд. Як тоифаро уруқдор ва дигареро шогирдпеша меномиданд. Николай Хаников мегӯяд: «Ба гурӯҳи якум ҳама ӯзбакҳо тааллуқ доранд, ки дорои қабилаву эл, яъне дорои аҷдоде ҳастанд, ки пайваста барои хонҳои Бухоро хидмат кардаанд ва кӯшишҳо нишон додаанд. Ба гурӯҳи дувум ҳама тоҷикон ва форсиёни муҳоҷир ва ғуломҳои озодшуда ва умуман мардумоне, ки аслу насаби онҳо паст будааст, тааллуқ доранд».[200]

Ин аст, ки ҳама мардуми бумии давлати Бухоро, инчунин эрониёни муҳоҷир пастнасиб ва шогирдпешаву хизматгор ба шумор рафтаанд. Онҳо дар хидмати уруқдорони манғит, яъне ӯзбак ва турку муғул бояд камарбаста меистоданд. На танҳо фуқаро, балки аъёну ашрофи бумӣ ва уламои ислом дар ҳамин ҳол будаанд. Ин табақабандии ҷомеа, ба ду табақаи боло ва поин тақсим шудани он ки ранги қавмӣ дошта, як қавми ҳукмрони камшуморро аз ҳама боло ва дигар қавми мутеъи сершуморро ба хориву зорӣ медошт, то охири садаи 19 ва дар оғози садаи 20 низ давом ёфт. Зулми иҷтимоӣ ва миллӣ торафт сахттар мешуд ва норозигии «шогирдпешагон», яъне тоҷикон ва аъёну ашрофи онҳо инчунин уламои ислом боло мерафт. Албатта бахше аз мардуми бумӣ, қисме аз аъёну ашроф бештарини уламои сӯъ аз сари ору номус гузашта, ба хидмати уруқдорон остин барзаданд. Лекин бисёре аз тоҷикони сарбаланд, аз ҷумла аъёну ашроф ва уламои баномус сар фуруд наоварданд, ҳар чӣ бештар муқобилат нишон медоданд.

Амир Ҳайдар (вафот 1828) ва амир Насруллоҳ (1828-1860) баъзе ҷораҳо дида бошанд ҳам, муқобилати бумиён кам нашуд. Ба вежа дар аҳди амир Музаффар (1860-1885), ки манғитиён дар ҷанги Русия сахт шикаст хӯрданд ва кишвар харобу давлат суст шуд, саркашии бумиён, аъёну ашрофи онҳо ва уламо бештар хавфу хатар пеш овард. Амир Музаффархон аъёну ашроф ва уламоро бештар зери фишор гирифт, аз бисёр имтиёзот ва имконот маҳрум кард. Сиёсати амир Музаффар иборат аз ин буд, ки мардумони бумии тоҷикро ба дасти худи онҳо ба шиканҷа кашидан ва саркӯб доштан хост. «Шогирдпешагон»-ро бо дасти намояндагони худи онҳо саркӯб доштан аз замони амирони пеш сар шуда буд, вале дар аҳди Музаффархон ба вежа пас аз шикаст дар ҷанги Русия ба яке аз рукнҳои асосии сиёсат табдил ёфт.

---

200 *Н. Ханыков*. Описание Бухарского ханства. Спб. 1843, стр. 182.

Моҳияти ин сиёсат он аст, ки бумиёни вилоятҳои марказии аморатро ба унсурҳои «бегона» ва «омада», ба эрониёни маҳаллӣ ва кӯҳистониён супориданд. Дар корҳои идориву маъмурӣ ҳукмро ба ихтиёри эрониён ва дар корҳои шаръӣ ба ихтиёри кӯҳистониён доданд. Ин «ҳудиҳои» «омада», ки андак «бегонаги» ҳам доштанд, сиёсати «уруқдорон»-ро ба сари «шогирдпешагон» бо сахтии бештаре бояд иҷро мекарданд.

Ибни Қурбон дар китоби «Фавоиҳиш ва раҳоиш» аҷаб пиндори содалавҳонае дорад, ки гӯё амир Музаффар илмдӯстӣ ва софдилии кӯҳистониёнро ба назар гирифта онҳоро ҳокимияти номаҳдуд дод. Ибни Қурбон мегӯяд: «Мардуми кӯҳистон бо илмдӯстӣ ва содагии беолоиши худ метавонист ба воситаи фарзандони фарзонаи худ пеши ин селобро (селоби худсарӣ ва фиску фуҷурро — М.Ш.) бигирад»[201].

Ҳайҳот, чунин андешае сиёсати манғитиёнро муайян накарда буд. Барои иҷрои сиёсати амири манғит на «илмдӯстиву беолошӣ», балки «дуруштии кӯҳистонӣ», ки Садри Зиё ба таъкид зикр кардааст, даркор буд. Кӯҳистониён, чунончи қозӣ Садриддин ибни Байзо ва ҳамдиёрони нуфӯз пайдо кардаи ӯ силоҳи дасти амир Музаффар дар мубоpизаи зидди тоҷикони ситамдидаи адолатҷӯй буданд.

Ҳадафи аслии Мангитиён тафриқаандозӣ дар ҷомеа буд. Сиёсати онҳо ба асли (принсипи) машҳури аврупоиён, ки мегӯянд: «Пора бисозу ҳукумат бирон!» (Разделяй и властвуй!) хеле наздикӣ дорад. Онҳо ҷомеаро чанд пора карда, пораҳоро ба ҳам зид гузошта ва ба ҳам ҷанг андохта, гиребони худро аз дасти мухолифони ҳақталаб халос кардан мехостанд. Барои расидан ба ин мақсад аз хамон андак «бегонагӣ», ки эрониён ва кӯҳистониёни Бухоро нисбат ба аҳолии маҳаллӣ доштанд, истифода намуданд. Дар ин сурат пораҳоро ба ҳам зид гузоштан, шаҳриро зидди кӯҳистонӣ, сунниро зидди шеа равона кардан осонтар буд. Дурусттар он ки хостанд шеаро ба муқобили суннӣ, кӯҳистониро бар хилофи шаҳриву тумонӣ тезонида ва ҳукмравоӣ дода, якумиро ба саркӯбии дувумӣ равона карда, пояҳои салтанати Манғитияро устувор бикунанд. Ва бояд гуфт, ки тирашон чандон хок нахӯрд ва дар бисёр мавридҳо ба ҳадаф расид.

Акнун бубинем, ки ин сиёсат чӣ тавр амалӣ шуд ва чӣ натиҷаҳо дод. Он гоҳ боз ба сари даъвоҳои Ибни Қурбон хоҳем омад.

## 4

Банда эрониёни Бухороро як андак медонам ва чандин бор бовармандӣ пайдо кардаам, ки бештарини онҳо мардуми шарифанд. Дар Душанбе бо чанде аз онҳо шинос шудам, ҳамкорӣ кардам. Дӯстиву рафоқат доштем. Дар ҳеҷ маврид аз онҳо номеҳрбонӣ ва камлутфӣ надидаам, ҳама дар одоби муоширaт комил буданд.

Бештари эрониён дар Бухоро муҳоҷиронеанд, ки Шоҳмуроди манғит (1784-1801) ҳангоми хароб кардани Марв кӯчонида оварда буд. Бархе аз онҳоро туркманҳо бо ғуломтозӣ аз Хуросони Эрон оварда фурӯхта буданд. Даҳшатҳои ғуломтозиро устод Айнӣ дар романи «Ғуломон» тасвир кардааст ва ҳама тасвирҳои ӯ асоси воқеӣ дошта, баъдтар бо мадорики бойгонӣ тасдиқ шуд. Ин ғуломҳо дар даҳаи ҳафтоди садаи нуздаҳ озод шуданд.

Қисме аз ғуломони эронии Бухоро асирони ҷанг будаанд, ки амирони манғит ҳангоми юришҳои ғоратгарӣ аз Хуросони Эрон овардаанд. Бахши каме аз эрониёни Бухоро ғулому ғуломзода ва бештари онҳо озод то андозае ба истилоҳ баробарҳуқуқ бо дигар мардуми кишвар буданд.

Эрониёни Бухоро қариб ҳама хушсавод буда, аз миёни онҳо донишмандони барҷаста, шоирони номдор, ҳунармандони чирадаст бисёр баромадаанд. Эрониён дар ҳаёти фарҳангии Бухоро ҷойгоҳе хос дошта, бо фаъолияти онҳо ривоҷи санъати тоҷик ва гуногуниву рангорангии он афзудааст. Ба вежа «маврихонӣ», ки як навъи санъати мусиқии тоҷикист, бо ширкати эрониён хеле тараққӣ ва густариш ёфта, дар тамоми кишвар, то Дарвоз, то эҷодгоҳҳои устодоне чун Шарифи Ҷӯра доман пахн карда буд. Дар маорифпарварӣ, аз ҷумла дар созмони пинҳонкори «Тарбияи атфол», ки ҷавонбухороиён таъсис дода буданд, ширкати эрониён чашмрас аст. Ин ҳам сазовори таъкид аст, ки нахустин вазир (комиссари халқӣ)-и маорифи Тоҷикистон аз эрониёни Бухоро Аббос Алиев буда, устод Лоҳутӣ муовини ӯ буд. Аббос Алиев инчунин нахустин профессори тоҷик буд ва банда ифтихор дорам, ки дар донишгоҳи омӯзгории Душанбе моро дарс гуфтааст. Бисёре аз бухороиёне, ки дар даҳаи бисту сии садаи бист ба Тоҷикистон омада, дар

---

[201] *Ибни Қурбон.* Фавоҳиш ва раҳоиш, саҳ. 14

сохтмони ҷумҳурии тоҷикон аз дилу ҷон хизмат кардаанд, аз эрониён буданд. Онҳо ҳанӯз ҳам дар Тоҷикистон кам нестанд.

Модом ки мардуми эронӣ фазилатҳои беҳисоб доштанд, онҳоро ба кишвардорӣ, ба мансабҳои калону хурди давлатӣ кашидани амирони манғит бояд мӯҷиби тааҷҷуб нашавад. Ибни Қурбон мегӯяд, ки чун эрониён дар кишвардорӣ таҷрибаи зиёд доштанд, арабҳо дар оғози истилои Фарорӯд «маволии» эронӣ оварда, таҷрибаи эшонро ба кор гирифта буданд, низ «амирони Бухоро хостанд, ки он таҷрибаро ба кор баранд ва бад-ин сабаб вазоифи баланди давлатиро ба ихтиёри эшон супурданд».[202]

Бандаи нигоранда низ чанд соли пеш чунин гумон доштам. Банда ба ин пиндор будам, ки гӯё дар замони амирони мангит қоидаи нонавиштае мавҷуд будааст, ки маъмурияти марказӣ, мансабҳои калони давлатиро дар байни аҳолии минтақаҳои гуногуни кишвар тақсим карда будаанд, яъне кӯшише ба кор бурдаанд, ки ба мансабҳои калони марказ ва мансабҳои хурдтари тумону вилоятҳо аз минтақаҳои гуногун, аз тоифаҳои гуногуни аҳолӣ одам бигиранд ва ба ҳаимн сабаб ақзалқузот (қозикалон)-ҳоро аз кӯҳистониён таъйин кардаанд. Ин қоида агар ҷорӣ мешуд, албатта поя бар як асли одилона медошт. Чунончи дар Тоҷикистони шӯравӣ дар баъзе давраҳо, чунончи он солҳо, ки Бобоҷон Ғафуров шахси якум буд, чунин қоидаи нонавиштае вуҷуд дошт ва дар маркази ҷумҳурӣ мансабҳои баланд дар байни мардумони вилоятҳои гуногун қариб баробар тақсим шуда буд, то ки мардуми ҳама минтақаҳо дар ҳокимияту маъмурияти иҷроияи маркази ҷумҳурӣ намоянда дошта бошанд. Чунин қоидае дар Ӯзбакистон низ аз соли 1924 то охири даҳаи сӣ будааст. Банда гумон доштам, ки қоидае монанди ин дар садаи 19 дар аморати Бухоро низ риоя шудааст. Вале чун 15-20 сол пеш ба таҳқиқи адабиёти маорифпарварии тоҷикӣ машғул шудан лозим омад ва бо бархе аз равандҳои иҷтимоъиву сиёсии нимаи дувуми садаи 19 ва оғози садаи 20 шинос шудам, кам-кам бовар падо шуд, ки он гумон дуруст набудааст. Рафта-рафта ба тамом равшан шуд, ки манғития дар ҳама мавридҳо аз адлу инсоф дур буда, ҳеҷ масъала ҳеҷ мушкили кишварро бо назардошти манфиатҳои миллат ҳал накардаанд. Амал кардан аз рӯйи ақли салим дар чунин мавридҳо ба сиришти уруқдории онҳо созгор набудааст. «Тақсими мансабҳо» низ дар аҳди манғития на ба он тарз ки камина гумон доштам ва имрӯз Ибни Қурбон гумон дорад, балки ба тарзи ваҳшониятпешагии манғитӣ амалӣ шудааст.

Аз эрониён на мардони заковатманди кордон ва адолатпеша, балки онҳое, ки метавонистанд сиёсати уруқдории Манғитияро бо зӯру заҷр ба амл ҷорӣ  намоянд, ба мансабҳо насб шудаанд.

Сиёсати уруқдорӣ ва истифодаи эрониёну кӯҳистониён барои иҷрои он аз оғоз эътирози сахти аҳли бинишро ба миён овард. Ҳама маорифпарварон ба ин сиёсат назари манфӣ доштаанд. Нахустин шахсе аз маорифпарварон, ки ин сиёсатро сахт маҳкум кард, Аҳмад-махдуми Дониш буд.

Аҳмади Дониш моҳияти сиёсати уруқдориро падид овардааст. Вай мегӯяд: «Касоне ки аз дасту забони онҳо таваккӯъи корнамоие буд, дар аҳди ин амири саффоку беақл (амир Музаффархон — М.Ш.) мақтул шуданд, чун Иброҳимбии парвоначӣ ва Қаноатшоҳбии додхоҳ ва Азизбии қушбегии вазир ва Ибодуллоҳбии парвоначии тӯпчибошӣ ва ғайруҳум. Ва ба ҷои инҳо он ғуломон, ки ҳаммактабу ҳамсабақи амир буданд, чун Шералӣ ва Яъқуб ва Муҳаммадшоҳ ва Дурбин ва Салимбӣ ва Баротбек дар сарири маносибу аъмол баромаданд».[203]

Ин ҷо аз «ғуломон» ҳамон асирон ва асирзодагон ва бардаҳои харида дар назаранд, ки аз кӯдакӣ ба хидмати амирзодагон будаанд ва  чун амирзода ба тахт нишаст, ё ба мансабҳои калон соҳиб шуд, як умр хидмати ӯро кардаанд. Албатта ҳар кадоми онҳо чандин нафар ғулому ғуломзодаи дигарро ба гирди худ ҷамъ овардаанд ва дар маҳалҳои дуру наздик ба кор гузоштаанд ва хоҳиши амири худро бо як дастгоҳи калоне ба иҷро расонидаанд. Бисёре аз ин дастнишондаҳо ғулом набошанд ҳам, ба тинат ҳамранги сарварашон буданд.

Чигунагии амали ин ғуломону ғуломтинатонро Аҳмади Дониш, ки шоҳиди ҳол буд, батафсил баён кардааст. Аз ҷумла гуфтааст, ки онҳо «ба ҳар ҷо ки ҳоким буданд, хароб карданду мардумро бисёр газиданд».[204]Аҳмади Дониш бо дарду алам ва хашму ғазаб

---

[202] *Ибни Қурбон*, ҳамон асар, саҳ. 36.
[203] *Аҳмади Дониш*. Рисола ё худ мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. Душанбе, Сарват, 1992., саҳ. 46-47
[204] Ҳамон ҷо.

таъкид кардааст, ки онҳо номи кишварро « ба шумию беҳамиятию беғайратӣ паст карданд ва Бухорову Самарқанд, ки ба адлу инсоф ва дину диёнат ва илму амонат ба соири билод ифтихор оварда ва мумтоз буд, инҳо бадноме карданд, ки то сури растохез аз олам наравад ва аз таворих маҳв нашавад».[205]

Ба диди банда, моҳияти масъала, маънои аслии равандҳои иҷтимоъиву сиёсии замони худро ба ин равшанӣ ва амиқӣ намоён овардан, ки ба Аҳмади Дониш, ба ин андешапарвари бузург муяссар шудааст, ба кам касе даст медиҳад. Манғитиён ва иҷорагарони сиёсати уруқдорӣ дар ғами тахту тоҷ ва мансабу манзалати худ буданд, Аҳмади Дониш ғами мулку миллатро мехӯрд ва аз паст шудани шаъни халқу ватан ба фиғон омада буд. Рисолаи Аҳмади Дониш таърихномаест, ки онро саропо аз ҳисси баланди ватандӯстӣ ва миллатпарварӣ сириштаанд. Ин сириштагӣ яке аз нишонаҳои асосии адабиёти маорифпарварист.

Ошкор аст, ки маҳкум кардани сиёсати уруқдорӣ на аз Садри Зиё, балки аз Аҳмади Дониш сар шуда будааст. Аҳмади Дониш аввалин ва Садри Зиё охирин маорифпарвар аст, ки аз дасти иҷрогарони сиёсати манфури саркӯбии тоҷикони мазлуму саркаш ба дод омадаанд ва овози эътироз баланд кардаанд. Чун «тоҷикони мазлуму саркаш» мегӯем, ба ин мафҳум эрониёни Бухоро, он эрониёни асили заҳматкаш, ки аз ҳамон сиёсатгузорони бефаҳму бераҳм ҷафо медиданд, низ дохил мешаванд.

Мехоҳем ҳамфикрии Садри Зиё ва Аҳмади Донишро ба вежа таъкид бикунем. Садри Зиё дар бархе аз масъалаҳои муҳими иҷтимоъиву сиёсӣ ва илмиву адабӣ ҳамфикри Аҳмади Дониш, дурусттар он ки идомадиҳандаи афкору афъоли ӯст. Садриддини Айнӣ гуфта буд: «Яке аз дӯстдорони ӯ (Аҳмади Дониш — М.Ш.), ки ба ақидаи ман аз ҳама бештар ба ӯ баҳои баланд медод, Шарифҷон — махдум (Садри Зиё — М.Ш.) буд».[206] Устод Айнӣ дар ҳамин ҷои «Ёддоштҳо» афзудааст: «Шарифҷон-махдум ошиқи асарҳои Аҳмад-махдум буд»,[207] яъне онҳоро бисёр мехонд. Ба ин роҳ, Садри Зиё аз мактаби маорифпарварии Аҳмади Дониш дарс омӯхта, аз рӯйи сабақҳои он амал кардааст.

Гуфтаҳои Садри Зиё гоҳе айнан ҳамон аст, ки Аҳмади Дониш гуфтааст. Чунончи Садри Зиё мегӯяд, ки эрониён «ҳар ранг зулму тааддиро ба сари мусулмонон ва абнои ватан меоварданд ва анҳои бедодиро дареғ намедоштанд»[208] Ибни Қурбон ин гуфтаи Садри Зиёро овардааст, вале агар онро бо нигоштаҳои Аҳмади Дониш, чунончи ба он навиштаҳои ӯ, ки мо дар боло овардем, муқоиса мекард, зуд ошкор мегардид, ки гуфтаи ҳар ду як мазмун дорад.

Садри Зиё ғуломони ҳалқабаргӯш ва иҷрогарони раъйи уруқдоронро «тоифаи дания» номидааст[209] (ва инро Ибни Қурбон зикр кардааст), Аҳмади Дониш низ онҳоро «одамҳои дун» гуфтааст: «Одамҳои дун фармонфармо буданд»[210] Маълум аст, ки «тоифаи дания» ва «одамҳои дун» ҳар ду як маънӣ дорад ва лафзи сахт аст. Аҳмади Дониш, ки яке аз бузургтарин бузургони мост, дар ин мавридҳо низ аз сахтгӯӣ худдорӣ накардааст.

Акнун боз як сухани Садри Зиёро меорем, ки Ибни Қурбон низ овардааст. «Ин тоифаи дуну забун нангу номуси дини мубинро бар бод доданд ва обрӯйи мулку миллатро бар хоки мазаллат рехтанд, шарофати ватанро шарри офат карданд… дин хароб ва ҷигарҳо кабоб аз дасти ин ду тоифаи куштанбоб аст»[211].

Инро низ ба он гуфтаи Аҳмади Дониш муқоиса кунед, мебинед, ки боз ҳаммазмунии муҳимме ҳаст. Аҳмади Дониш гуфта буд, ки сиёсатгузорон «ба шумиву беҳамиятиву беғайратӣ» номи ватанро «паст карданд, ки … аз таворих маҳв нашавад». Садри Зиё низ айнан ҳаминро гуфтааст: «нангу номуси дини мубинро бар бод доданд ва обрӯйи мулку миллатро бар хоки мазаллат рехтанд». Боз ҳам натиҷагирии Аҳмади Дониш ва Садри Зиё ба як гуна аст.

Ибни Қурбон он суханҳои Садри Зиёро нақл карда, пас аз ҷумлаи «обрӯйи мулку миллатро… рехтанд» аломати суол гузоштааст, яъне маънии ин ҷумларо нафаҳмидааст.

---

[205] Ҳамон ҷо.
[206] *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 7, саҳ. 438
[207] Ҳамон асар, саҳ. 444
[208] *Садри Зиё*. Наводири зиёъия. Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон, дастнавис № 983, вар. 106.
[209] Ҳамон асар, вар. 105 б.
[210] *Аҳмади Дониш*. Рисола, саҳ. 28.
[211] *Садри Зиё*, ҳамон асар, вар. 115 б.

Бале, Ибни Қурбон, ки ба масъала фақат аз бинишгоҳи ҳамдеҳаҳои худ менигарад ва аз мазаммат шудани онҳо ранҷидааст, дигар ғами ватан ва миллатро намефаҳмад.

Аҳмади Дониш, маорифпарварон, аз ҷумла Садри Зиё фарзанди содиқи милату ватан буданд, ору номуси миллӣ доштанд, дар роҳи растагории миллат, дар роҳи раҳо кардани миллат аз дасти ситампешагону нодонҳо талош карданд, аммо даъвогарони имрӯза, Ибни Қурбон ва устодону ҳамдастони ӯ ҳанӯз аз чорчӯбаи танги шуури музофотӣ сар берун накашидаанд. Аз ин сабаб ба ибораи «обрӯйи мулку миллат» суол мегузоранд.

Дар он суханҳои Аҳмади Дониш, ки дар боло овардем, ситам, ҷавру зулм танҳо мафҳуми моддӣ набуда, асоси маънавӣ дорад. Ба гуфти Аҳмади Дониш зулми иҷтимоъӣ на танҳо азоби ҷисмонӣ меорад («Мардумро бисёр газиданд»), балки натиҷаи рӯҳониву маънавӣ низ дошта, шаъну шарафи инсон, обрӯйи миллату ватанро паст мекунад. Таъкиди ҷанбаи маънавии мафҳуми зулм намоёнгари он буд, ки шуури иҷтимоъӣ хеле боло рафтааст ва ормонҳои маорифпарварӣ бештар ба гуманизми олӣ такя овардааст ва ба мафҳумҳое чун ватан ва миллат маънои нави иҷтимоъӣ бахшидан дорад. Ба чунин фаҳмиши амиқи масъалаи зулми иҷтимоъӣ чанде аз маорифпарварон дастрас доштанд. Аз ҷумла, чунонки дар рисолаи «Садри Бухоро» таъкид карда будем, Садри Зиё падидаҳои маънавии ситами истеъморӣ (зулми мустамликавӣ)-ро ҷуста ва намудор овардааст. Дар ин маврид низ Садри Зиё пайрави омӯзаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш аст ва масъалаи ситам ва ситамгаронро густурдатар ва амиқтар аз он ки Ибни Қурбон ва устодону ҳамкорони ӯ мефаҳманд, матраҳ кардааст.

5

Бештари Манғития зотан душмани ақли салим ва аҳли фаҳм будаанд ва кам ба дид омадааст, ки донишмандон ва кордонҳоро мансаби муносиб дода бошанд. Аблаҳону нодонҳое, ки фармоишро бечуну чаро ва беҳтар аз хоҳиши соҳибдавлаташон иҷро мекарданд, ба дарбор, ҳокимхона ва дигар хонаҳои ҳукуматӣ бештар гирд омада буданд. Аз таърихномаҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Азими Сомӣ, Садриддини Айнӣ ва дигарон, аз ҷумла Садри Зиё маълум аст, ки аз эрониёни Бухоро низ аҳли дониш, онҳое ки дар корсозиву чораандешӣ қобилияте доштанд, бештар аз назари ҳукуматдорон дур монда, нобакорон баландӣ ёфтаанд.

Аҳмади Дониш дар ҳаққи баъзе аз эрониёни амалдор бисёр сахтгӯӣ кардааст. Чунончи дар бораи Муҳаммадшоҳи қушбегии вазир мегӯяд: «Вазорати Бухоро ба дасти Муҳаммадшоҳи қушбегӣ буд ва ин марди сафеҳ, бесавод, беақл буд… Лоҷарам умури миллативу давлатӣ ихтилофи куллӣ ёфта, осудагӣ аз миёни сипоҳу фуқаро карона гирифт. Ва ҳол он ки бисоту фусуҳати мамлакат фатонату матонати раъйи вазир аст. Агар вазир бетартиб бувад, дар он мулку давлат бояд гирист»[212].

Аз ин ҷо калимаҳои «сафеҳ, бесавод, беақл»-ро бояд ба ёд бидорем, ки дар поинтари ин навиштаи мо лозим хоҳад шуд ва аз нигоштаҳои Садри Зиё низ хоҳем дид.

Аҳмади Дониш дар марги Муҳаммадшоҳи қушбегӣ марсияи ҳаҷвияе гуфта буд, ки ин аст:

*Шоҳ Муҳаммад вазири қушбегӣ,*
*Бурд аз давлати Бухоро шукӯҳ*
*Аз ситам чок шуд гиребонҳо,*
*Ҷайби пироҳане накарда руфӯ (ҳ)*
*Буд бемор то ҳаёташ буд,*
*Рафта дар нор ба ҳазор андӯҳ.*[213]

Яке аз машҳуртарин шахсиятҳои Манғития дар нимаи дувуми садаи 19 Шералии иноқ аст, ки аз эрониён буда шӯҳрати ӯ аз бефаҳмиву хунхорӣ буд. Он гоҳ ки Шералӣ ҳокими Самарқанд буд, аз ситамкории ӯ корд ба устухони мардум расид ва мулловy муллобачаҳо, баъд ҳама мардуми ҳамиятманди Самарқанд ба шӯр омаданд. Аҳмади Дониш гуфтааст: «Чун фуқарои Самарқанд ин бедодӣ аз Шералӣ диданд, ба ҳимояти дин тарафи мусулмонон ва талабаи илм шуда, зану мард ба аскарияи дохили Самарқанд дарафтоданд,

[212] *Аҳмади Дониш*. Рисола, саҳ. 21
[213] Ҳамон асар, саҳ. 62

ки ҷӯйҳои хун даркӯчаҳо равон шуд».[214] Ин рӯйдоди пурдаҳшатро муаллифони мазкури дигар таърихномаҳо батафсил баён кардаанд ва хабар додаанд, ки чун амир Музаффар дар ҷанги Русия шикаст хӯрда, ақиб нишаст, мардуми ғаюри Самарқанд дарвозаҳои шаҳр ба рӯйи ӯ бастанд ва чун лашкари Русия расид, дарвозаҳо боз карданд ва сабаби ин дарбандиву даркушоиро дар як ҷамъомади мардуми шаҳр муфтӣ Камолиддин ном пешвои халқ ба он маънӣ эзоҳ дод, ки подшоҳи кофири одил беҳтар аз подшоҳи мусулмони золим аст. Ба ин сабаб амир Музаффарро ба шаҳр роҳ надоданд, лашкари русро роҳ доданд Камолиддини муфтии самарқандӣ гуфт: «Аз салотини ӯзбакия бо вуҷуди даъвои ислом ҷӣ зулмҳо надидаем. Ҳукмрони адолатхоҳ кофир ҳам бошад, ҳокимиятро нигоҳ дошта метавонад, лекин ҳокими золим муслим бошад ҳам, ҳокимияташ шикаст мехӯрад».[215]

Чунонки мебинем, муфтӣ Камолиддин бовар ҳосил кардааст, ки салотини ӯзбакия фақат даъвои ислом доранд, аз ислом, аз дину диёнат дуранд ва касоне чун Шералӣ иродаи номусулмонҳоро иҷро менамоянд. Сиёсати уруқдорӣ падидае аз номусулмонӣ буд.

Дигар шак намонд ки беитоатӣ ва саркашии «шогирдпешагон» — мардуми тоҷик, аъёну ашрофи онҳо ва уламои ислом на мубориза зидди эрониён ё кӯҳистониён, балки пархош бо «салотини ӯзбакия», бо уруқдорон буд, ранги пархоши озодихоҳии миллиро дошт.

Ин мубориза хеле қувват гирифта ва хавфи калон пеш оварда аст. Барои пешгирии ин хавфи калони рӯзафзун ҳаққу ҳуқуқи ҳукуматдорони эронӣ ва аҳли хонадони Байзоро ба маротиб зиёд карданд, ба онҳо барои саркӯб доштани мардум ҳокимияти номаҳдуд доданд.

Акнун бинед, ки дар бораи бедодии ғуломони иҷрогари сиёсати фосид устод Айнӣ дар «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» ҷӣ мегӯяд. Садриддини Айнӣ гуфтааст: «Аз ғуломони муқарраби подшоҳӣ Якуб қушбегӣ, Ӯткурбӣ ва чанд нафари дигар... дар мизоҷи амир хуб тасарруф пайдо карда буданд. Аз ин сабаб бе салоҳдиди эшон касеро ҷуръати мадхалияти амре набуд. Аз умаро ҳар касе ки пайравии эшон мекард, ҷон ба саломат мебурд ва илло ба бадтарин ҳолате гирфтор гардида, сари худро дар сари ин кор ба бод медод. Аз ибтидои ҷулуси ин подшоҳ (амир Музаффар — М.Ш.) ҳамин шева шиор шуда, сабаби касри қулуби умарои боақлу дониш гардида буд».[216]

Ин ҷо сухан аз ҷабр дидани «умарои боақлу дониш» рафтааст. Ҳоҷат ба гуфтан нест, ки дар ин сурат ҳоли фуқаро ҷӣ буд. Ҳоли мардуми одӣ дар вилоятҳо аз ин бадтар буд, ки беҳтар набуд.

Бисёр ҷолиб аст, ки Аҳмади Дониш аз он ҳама ҷабру зулм, безабтиву бесомонӣ, аз аҳволу атвори амиру вазир, кордорони давлат ва соҳибони шариат сухан ронда, таъкид карда буд, ки инҳо боиси заволи давлат, сабаби фитнаву инқилобот хоҳанд шуд. Чунончи дар пораи поин, ки дар бораи Муҳаммадшоҳи қушбегии вазир аст, вожаи «инқилобот»-ро ба кор бурдааст. Ва гуфтааст:

«Ва филвоқеъ агар нек дарнигарӣ, ҳамаи инқилоботу футуре ки дар ин давлат зоҳир шуд ва нуқсонот ки дар ин салтанат рӯй дод, ҳама аз ракокати раъйи вазир, сустиву беақливу коҳилии ӯ буд. Бале, дар гашти давлату таназзули он албатта сабаби зоҳирӣ бояд ва он сабаб ба ҳасби зоҳир Муҳаммадшоҳи қушбегӣ буд».[217]

Аҳмади Дониш касофати амирону вазирони ҷоҳил ва маъмурони корношояму бенӯхтаро боиси инқилобот ва заволи давлат дониста бошад, Садри Зиё дар рисолаи «Сабабҳои инқилоби Бухоро» аз оғоз то анҷом ҳамин ақидаи Аҳмади Донишро тасдиқ намудааст.

Садри Зиё аз таҳлили иҷтимоъии авзоъи Бухорои чиҳил-панҷоҳ соли охири садаи 19 ва аввали садаи 20 чунин хулоса баровардааст: «Асбоби заволи давлати Бухоро дар сояи танпарварӣ ва бевуқуфӣ ва дунёпарастии се амир шуд ба воситаи ривоҷу тараққии ду тоифаи дания ва ду ҷомеаи разилаи кӯҳистониву эронӣ»,[218] яъне шахсоне чун Муҳаммадшоҳи қушбегӣ, Шералии иноқ, аҳли хонадони Байзо ва монанди инҳо. Дар ин маврид низ гуфтаи Садри Зиё чун сахтгапиҳои Аҳмади Дониш аст. Аҳмади Дониш инқилоби Бухороро пешгӯӣ карда буд (ва академик Абдулғанӣ Мирзоев дар бораи ин пешгӯии Аҳмади Дониш мақолае дорад), Садри Зиё аз вуқӯъи он инқилоб хабар медиҳад. Ва Аҳмади Донишро таҳсину офарин гӯён бо мисоли бисёре нишон додааст, ки сабаби

---

[214] Ҳамон асар, саҳ.31.
[215] *Мирзо Азими Сомӣ*. Таърихи салотини манғития. М., Наука, 1962, саҳ. 55-56
[216] *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 10. Саҳ. 55-56.
[217] *Аҳмади Дониш*. Рисола, саҳ. 41.
[218] *Садри Зиё*. Наводири зиёъия, ҳамон нусха, вар. 105 б.

инқилоб ва заволи давлати Манғития ҳамон аст, ки Аҳмади Дониш гуфта буд: ҳамон амирону вазирон, ҳамон «тоифаи дания» ва «ҷамоаи разила» Бухороро ба инқирози куллӣ оварданд. Садри Зиё эълом доштааст, ки пешгӯии Аҳмади Дониш дуруст баромад.

Бояд гуфт, ки таҳлили иҷтимоъии Садри Зиё дар рисолаи «Сабабҳои инқилоби Бухоро» хеле ҷолиб буда, натиҷагириҳои ӯ аз бисёр ҷиҳатҳо мӯътамаданд. Ин таҳлилу хулосабарориҳои Садри Зиё гоҳ-гоҳ рӯҳи танқидии нигоштаҳои Аҳмади Донишро ба ёд меоранд ва нақше аз он доранд. Ин нақш ҳам чунонки гуфтем, аломати меҳанпарастиву миллатпарварист, на маҳалгароӣ, ки Ибни Қурбон мегӯяд.

Аҳмади Дониш — ин андешапарвари бузург бо нозукбинӣ ва маънирасӣ ва навназарӣ моҳияти рӯйдодҳои замонро амиқан падид оварда, барои он ки пайравони моҳиятҷӯи ӯ, равшанфикрони поёни садаи 19 ва оғози садаи 20 битавонанд маънои аслии равандҳои иҷтимоъиву сиёсӣ ва фарҳангиву маънавии ҷомеаро аз дидгоҳи ормонҳои баланди маорифпарварӣ дарёбанд, замина омода сохт. Меросбарӣ ва идомакории маорифпарварон монеъи истиқлоли табъ ва навангезии онҳо наомадааст, балки биниши онҳоро тезие ато намуда, дар ҷустуҷӯи роҳҳои растагории миллӣ ҳар дафъа ба тавре нақш гузоштааст. Чунин нақшеро гоҳ-гоҳ аз осори Садри Зиё низ мебинем. Фаҳмиши моҳияти сиёсати уруқдорӣ ва оқибатҳои наҳсбори он дар осори Садри Зиё аз чунин мавридҳост, ки робитае қавӣ ба Аҳмади Дониш дорад.

Мисоли истифода шудани эрониёни ситампеша барои иҷрои сиёсат дар «Рисола»-и Аҳмади Дониш бисёр омадааст (чунончи дар саҳ. 19, 24, 28, 40, 87 ва ғайра). Ахбори муҳимме дар ин ибора аз чакидаи хомаи дигар нависандагону таърихнигорони садаи 19 ва 20, аз ҷумла аз рисолаи Садриддини Айнӣ «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» ба даст меояд. Ба сабаби ин ки сухани мо ба дарозо кашид, аз он навиштаҳо шохиде намеорем. Фақат порае аз қасидаи Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, ки «Дабистони ибрат» ном дорад, зикр мекунем. Инак, чанд байт аз «Дабистони ибрат», ки шеъре бузург ва ҳама дар бораи ҳамон эрониёнест, ки аз ҷониби уруқдорон ба бадкирдорӣ ҳидоят шуда буданд:

*Бо нифоқу бо тагофул дар субути нафъу зар,*
*Дар нуфузи муддао рафтанд чун дар фахми нор.*
*Кофаи дарбори шоҳиро ҳамегаштанд вакил,*
*То вазорат мансаби аълом шуд баршон қарор.*
*Он яке соҳибиёлат в-он дигар саркори шаб,*
*Хайле дар ахзи хироҷу ҷамъе дар боҷи туҷор.*
*З-ин абидон чун гуломон хонавори мӯҳтарам,*
*З-ин анидон чун асирон дудмони эътибор.*
*Бериоя дар риоё, дар мурувват нораво,*
*Дар футувват лотафиву бо фақирон зулфиқор.*
*Ахзи сулҳу рубъу хориҷ ба даҳяки ном шуд,*
*Таллаву тороҷ фарзу зукути кирдигор.*
*Исми фақру расми мискин аз миён бардоштанд,*
*Соҳиби мунишӣ мунаххаз чун ганиву молдор.*
*Сеъри қиматҳо музааф шуд аз ин аҳли саир,*
*Роҳ з-ин ноаминон танг шуд бар раҳгузор.*
*Кошки ин ҷумла ойид шудӣ бо байти мол,*
*Бар гарибони миллат ё ба фақирони диёр,*
*Навъи бидъатро зуҳуру ҷинси ҳурматро ҳузур.*
*Кизбҳо амри зарур фисқҳо бо айбу ор.*
*Шарбати уммулхабоис ҳамчу Замзам мӯҳтарам,*
*Тахтаи шатранҷ ҳамчу лавҳи Қуръон дар канор*[219]*…*

Ин аст, ки аҳволу атвори манфури бадкирдорон аз чашмҳо пинҳон намонда буд. Садри Зиё яке аз онҳоест, ки онро дидаанд ва на танҳо фош кардаанд, балки бо он мубориза пеш гирифтаанд. Маҳфили адабии Садри Зиё, ки устод Айнӣ дар навиштаҳои худ, аз ҷумла дар «Ёддоштҳо» тасвир кардааст ва мо дар рисолаи «Садри Бухоро» барои нишон додани аҳамияти таърихии ин маҳфил тафсилоте овардаем ва дар поинтар боз хоҳем дид, яке аз марказҳои мубориза бо сиёсати уруқдорӣ буд. Шояд уруқдорӣ як мавзӯи сӯҳбатҳо дар ин маҳфил будааст ва аз ҳамин сабаб масъалаи иҷрогарони сиёсати уруқдорӣ

---

[219] *Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ.* Душанбе, Ирфон, 1998, саҳ. 375-376.

дар нигоштаҳои Садри Зиё ва дигар аъзои он маҳфил (чунончи Айнӣ) ба маркази диққат қарор ёфтааст.

Бегумон «фавоҳиш», ки Ибни Қурбон мегӯяд, иҷрогарони сиёсати уруқдорӣ зоҳир кардаанд, на Садри Зиё.Инчунин Ибни Қурбонҳо фавоҳиш зоҳир карда истодаанд, ки ноҳақ бидуни тафтишу таҳқиқ онро ба Садри Зиё нисбат медиҳанд.

Акнун Ибни Қурбонҳо аз ин ҷавобномаи мо фаҳмиданд, ки Аҳмади Дониш, Садриддини Айнӣ, Хоҷӣ Ҳусайн ва дигарон низ дар бораи сиёсатгузорони уруқдорӣ сухан рондаанд ва гоҳ сахтгӯӣ кардаанд, шояд пагоҳ ба Аҳмади Дониш, Айнӣ, Хоҷӣ Ҳусайн ва чандин нафари дигар ҳам маҳалгароӣ, душмании эрониён, «фавоиҳиш» нисбат бидиҳанд. Ин аз эҳтимол дур нест, зеро Ибни Қурбонҳо ба роҳи чашмпӯшӣ аз ҳақиқат, ба роҳи таҳрифи таърих даромадаанд, то ки «назарияҳои» бофтаю сохтаи худро исбот бикунанд.

***

Он чӣ зикраш гузашт, чунин маънӣ надорад, ки ҳама эрониёне, ки дар пойтахт ва вилоятҳо ба мансабҳои калону хурд соҳиб шуда буданд, одамони баде буданд. На, дар байни онҳо мардумони нек, ки аз рӯйи виҷдон кор бикунанд, кам набуданд. Бархе аз онҳо ноҳақ ба сафи амалдорон афтода бошанд, бархе барҳақ ба амал расида буданд. Аз байни дувумиҳо Остонақули қушбегиро метавон ном бурд. Остонақули қушбегӣ марди ҳушманд, вазири ботадбир, сиёсатмадори нозукбин буд. Академик Аҳрор Мухторов дар мақолае зиндагиномаи Остонақули қушбегиро мухтасаран баррасӣ карда буд. Дар ин мақола баъзе хислатҳои неки Остонақул зикр шудааст. Ӯ чанд гоҳ ҳокими Ҳисори Шодмон буда, Исомахдуми Исоро, ки аз наздикони Аҳмади Дониш буд ба Ҳисор ба мансаби қозигӣ овард. Остонақул бо Аҳмади Дониш низ муносибати хуш доштааст. Чанд сол қушбегӣ (сарвазир)-и Бухоро буд. Аз маорифпарварон Абдурраufи Фитрат, ки душворписанд буда, аз мансабдорони калони Бухоро кам касеро ситоиш кардааст, дар бораи он давра, ки Остонақул қушбегӣ буд, гуфтааст: «Остонақулқушбегӣ дар маснади вазоратпаноҳӣ нишаста, корҳои хубе аз ӯ ба вуқӯъ омад. Аз он ҷумла, базми амрадбозӣ ва арақхӯрӣ ва амсоли ин навъ фавоҳиши халоикро манъи сахт карда, зиёда ба ободӣ ва тартиби мамлакат кӯшида, аз ваҷҳи гаронии тарафҳои бозорҳо низ хабардорӣ карда, дар бораи арзониву фаровонии ғалла ва нархҳо сухан мегуфт. Лекин суханаш ба мулло Бурҳониддини раиси садр сахт мерасид».[220] Оқибат Бурҳониддин ба Остонақул душман шуда, соли 1910 ба бадкинагӣ аз ӯ сахт қасос гирифт, ки мо инро дар поинтар хоҳем дид.

На танҳо Аҳмади Дониш, Исо, Фитрат, балки ҳама маорифпарварон ба мардоне чун Останоқули қушбегӣ эҳтиром гузоштаанд. Садри Зиё низ чун дар бораи «тоифаи данияи эронӣ» бо сӯзу гудоз ва нафрат қалам меронад, фақат ҳамон зумраи манҳусонро, ки дар ин фасл нишон додем, дар назар дорад, на ҳама эрониёни Бухоро ё ин ки умуман мардуми Эронро. Ӯ фақат онҳоеро ба назар дорад, ки чунончи дидем, боиси хашму ғазаби аҳли инсоф қарор ёфта буданд. Ба дигар эрониён муносибати Садри Зиё мусбат будааст.

Садри Зиё аз ҷумлаи қадршиносони Остонақули қушбегӣ буд. Вай ҳар бор Остонқули қушбегиро ба некӣ ёд мекунад. Зиёда аз ин, Садри Зиё дар бораи Остонақули қушбегӣ рисолае навишта буд, ки «Тарҷумаи ҳоли Остонақули қушбегӣ» ном дорад. Ин рисола як ситоишномаи самимӣ дар ҳаққи Остонақул аст. Садри Зиё Остонақулро бо Мирзо Насруллоҳи қушбегӣ, ки дар ҷавонӣ ба хидмати Остонақул буда, баъд низ ба вазирӣ расид, муқоисакунон ҳардуро баробар ситоиш намудааст. Чунончи Садри Зиё мегӯяд: «Остонақули қушбегии вазир марде буд дар тамоми авсофи ҳамида ва ахлоқи ситуда. Бешубҳа аз ғайри муболиға ба Мирзо Насруллоҳи қушбегии вазири мазкур шабеҳу саҳим буда, авзоъу атвор ва афъолу кирдори ҳар ду ба як тавр ва ба як қарор буда. Хушхӯиву хушгӯӣ ва тамкину виқор, иззату эътибори ду нафар ба як ранг ва ба як насақ буд».[221]

---

[220] *Фитрат.* Давраи ҳукмронии амир Олимхон, Душанбе, Палатаи китоб, 1991, саҳ, 19
[221] *Садри Зиё.* Осори зиёъия, сиёҳнависе ки дар дасти ин камина аст, саҳ. 164 б.

Чунонки мебинем, ин ҷо Садри Зиё аз таассуб дур аст. Вай ҳарду сарвазирро ба як чашм дидааст, ба як поя гузоштааст, баробар сифат кардааст. Ба назари ӯ аҳамият надорад, ки яке аз онҳо эронӣ ва дигаре бухороист. Дар назари ӯ танҳо сифатҳои инсонии онҳо ва чигунагии кирдорашон дар маснади вазорат аҳамият дораду бас.

Остонақули қушбегӣ сиёсатмадори хирадманд ва аз дунё бохабар буд. Аз ин рӯ ба фаъолияти ҷавонбухороиёни тараққипарвар (ҷадидон) ва мактаби нави онҳо мамониат накард. Мирзо Насруллоҳи қушбегӣ низ аз дунё огоҳӣ дошта ва аз номи амир мадрасае бино кард, ки барномаи дарсаш аз барномаи мадрасаҳои кӯҳна фарқ дошта, ба талаботи ҷадидон наздик буд ва аз ҳисоб, ҳандаса, ҳусни хат ва дарсҳои дигар мударрис дошт.[222] Ба ғайр аз ин Насруллоҳи қушбегӣ тарафдори ислоҳот буда, соли 1917 баргузории ислоҳотро ба ӯҳда гирифт, вале ҳамчунон ки баъдтар хоҳем дид, аҳли иртиҷоъ, аз ҳама пеш Бурҳониддини ибни Байзо ва тарафдорони ӯ нагузоштанд, ки ислоҳот ба вуқӯъ ояд.

Бурҳониддини Байзоӣ душмани ҳар гуна навназарӣ буда, дар иғвову фитна устухон надошт ва коре кард, ки соли 1910 Остонақулро аз кор гирифтанд ва соли 1918 ба ҳукмномаи қатли Насруллоҳи қушбегӣ мӯҳр гузошт.

Остонақул ва шогирди ӯ Мирзо Насруллоҳ хатоҳо низ доштаанд, на ҳамеша собитқадам буданд, дар баъзе мавридҳо ноустуворӣ зоҳир намуданд. Чунончи Мирзо Насруллоҳ натавонист дар соли 1917 балвои иртиҷоъиёнро ҷилавгирӣ бикунад. Ӯ дар таъзири Садриддини Айнӣ сардор буд ва ҳоказо. Бо вуҷуди онҳо, чунин ба назар мерасад, ки шахсияти Остонақул ва Мирзо Насруллоҳ сазовори он аст, ки мавриди пажӯҳиши вежа қарор бигирад.

Дар ин маврид бархӯрди Садри Зиё чи ба Остонақули қушбегӣ ва Насруллоҳи қушбегӣ, чӣ ба Бурҳониддини ибни Байзо аз рӯйи мавқеи иҷтимоъии онҳо, аз рӯйи мазмуни иҷтимоъии рафтору кирдорашон будааст, на аз рӯйи мансубияти мазҳабӣ ё миллӣ ва ё ҷуғрофиёии онҳо.

Садри Зиё медонист, ки бархе аз эрониёни Бухоро дар созмони пинҳонкори маорифпарварии «Тарбияи атфол» ширкат варзиданд ва ин шояд боиси афзоиши эҳтироми ӯ нисбат ба онҳо шуда бошад.

Он гоҳ ки Садри Зиё дар Янги Қурғон ном ҷое қозӣ буд, ҳоҷӣ Азими Шаръӣ — яке аз эрониёни Бухоро дар он ҷо раис будааст. Садри Зиё дар «Рӯзнома»-и худ мегӯяд, ки ӯ ва Шаръӣ чанде мӯнису ҳамдам буданд. Инро Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» низ хабар дода ва гуфтааст:

*Ҳамон дам дар он мулк будӣ раис,*
*Маро буд зебо анису ҷалис.*
*Ба андак замон рахти ҳастӣ кашид,*
*Зи тан мурги рӯҳаш дар он ҷо парид.*
*Бинолидам аз фурқаташ чанд рӯз,*
*Намерафт ҳаргиз зи ман дарду сӯз.*

Аз ин байтҳои Садри Зиё самимияти комил хувайдост. Бобе, ки дар «Тазкори ашъор» дар бораи Шаръӣ омадааст, чунин ном дорад: «Зикри фозили балоғатанис ҳоҷӣ Азими Шаръӣтахаллуси фасоҳатахассус». Аз ин сарлавҳа маълум аст, ки арзёбии умумии шахсияти Шаръӣ ва сурудаҳои ӯ мусбат аст. Шаръӣ тазкирае ҳам навишта ва Аҳмади Дониш онро сахт ҳаҷв карда буд. Садри Зиё ин ҳаҷвро оварда, бо вуҷуди ин гуфтааст:

*Ба тазкори ҷумҳури ҳар тоифа*
*Китобе намудаст пурфоида.*

Ин ҷо фикри Садри Зиё аз андешаи Аҳмади Дониш андаке фарқ кардааст ва ин нишон медиҳад, ки ӯ бо вуҷуди он ки эҳтироми бепоён нисбат ба Аҳмади Дониш дошт ва аз пайравони ӯ буд, тавонистааст бо истиқлоли табъ холисона ва бетарафона сухан биронад, ба гуфти худаш «ҷодаи ҳақ паймояд».

---

[222] Ниг.: *Фитрат*, ҳамон асар, саҳ. 35-36.

Дар дигар тазкираи Садри Зиё ки «Шуарои мутааххирин» унвон гирифтааст, аз ҳоҷӣ Ҷаҳонгирбеки Маҷнун ба некӣ ёд шудааст, ки низ аз эрониёни Бухоро ва аслаш аз Марв будааст. Садри Зиё намунаи шеъри Маҷнунро низ овардааст.

Дар нигоштаҳои Садри Зиё аз эрониёни Бухоро ба вежа қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ арзише баланд гирифтааст. Дар «Тазкори ашъор» зикри Возеҳ охирин ва яке аз калонтарин бобҳост. Оғози он боб ин аст:

*Дигар фозили ҳушманди закӣ,*
*Меҳин чокари хонадони Алӣ.*
*Хирадманду донову санҷидагӯ,*
*Ҳашевори некусухан, некхӯ…*[223]

Ин ҷо нахуст аз аҳли ташайӯъ будани Возеҳ таъкид шудааст. Ҳамон сон, ки дар дигар навиштаҳои Садри Зиё ситампешагӣ, бераҳамӣ ва пастиву нокасии иҷрогарони сиёсати уруқдорӣ сарзаниш шуда буд, дар мавриди Возеҳ некукорӣ ва беозории ӯ махсусан гӯшгузор омадааст:

*Наранҷонд касро наранҷид ҳам,*
*Матоъи ҷаҳон ҳимматаш гуфт кам.*

Ин таъкиди Садри Зиё чунин маънӣ дорад, ки ҷафокориву мардумозорӣ танҳо аз он эрониён, ки ба роҳи бадкорӣ даромада буданд, зоҳир мешуд, на аз ҳама эрониён, он ҳама нафрину ҳақоратҳои Садри Зиё дар ҳаққи ҳама эрониён нест, танҳо дар ҳаққи ноодамон, дар ҳаққи «тоифаи дания» асту бас. Дигар эрониён, ки аз ин тоифа нестанд, аз Садри Зиё арҷгузорӣ дидаанд ва Садри Зиё онҳоро арҷу фар қоил аст. Дар ин боб Садри Зиё ҳамеша инсоф додааст. Инро аз арзёбии шахсияти Возеҳ ва шеъри ӯ ба хубӣ мебинем. Аз «Тазкори ашъор», ба вежа аз пораҳое, ки дар замимаи дувуми он омадаанд, равшан аст, ки Садри Зиё қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳро аз шоирони тарози аввал дар замони худ медонист.

Ин аст, ки он моддаи даъвономаи Ибни Қурбон, ки гӯё Садри Зиё душмани эрониён буда ва онҳоро дашном додааст, бунёд надорад.

Агар инро моддаи якуми даъвономаи Ибни Қурбон «Фавоҳиш ва раҳоиш» бигӯем, ба фикри мо мумкин аст, ки ин ҷо суханро дар бораи моддаи якум ба поён бибарем ва ба сари моддаи дувум биёем.

6

Роҷеъ ба ин ки чаро Садри Зиё дар бораи аҳли хонадони Байзо назари баде дошт ва ин хонадон бо иртиҷоъпарастӣ ва муборизаи зидди озодандешӣ ва ҳақҷӯӣ дар ҷомеа чӣ мавқеъе ишғол карда буд, банда дар рисолаи «Садри Бухоро» (2002) бо далелу бурҳон шарҳу эзоҳе дода будам. Аммо Ибни Қурбон дар китоби «Фавоҳиш» ва раҳоиш» ин баёнотро ба назар нагирфитааст, дар бораи он далелу бурҳони банда чизе нагуфтааст, чунонки худро бехабар аз гуфтаҳои Аҳмади Дониш ва дигар таърихнависон дар бора уруқдории бархе эрониён вонамуд карда буд (ва мо инро дар ду фасли боло дидем), дар мавриди авлоди Байзо низ чунон вонамудан мехоҳад, ки гӯё дар таърихномаҳои мӯътабар дар бораи бадкирдории онҳо хабаре нест. Ибни Қурбон аз таърих ва санадҳои таърихӣ ба куллӣ чашм пӯшидааст. Гӯё ки онҳо вуҷуд надоранд. Ӯ бо қатъи назар аз таърих «назарияи таърихӣ» ба вуҷуд овардан мехоҳад.

Модом ки чунин аст, мо ин ҷо боз чанд бурҳони қотеъ биёварем ҳам, барои Ибни Қурбон ва «назарияи» ӯ, барои устодону шогирдони вай аҳамияте нахоҳад дошт. Бо вуҷуди ин мо ин корро мекунем, боз ба санаду мадорики таърихӣ рӯ меоварем. Ин муроҷиати мо ба таърих барои хонандагони ҳақшинос зиёда зарур аст. Ба ин восита мехохем фикру андешаи мутахассисонро бидонем, ки шояд мулоҳизаҳое баён бикунанд. На банда, на Ибни Қурбон ва устодони ӯ (ки мо онҳоро медонем) мутахассиси таърихи нимаи дувуми қарни 19 ва оғози қарни 20 нестем. Ҳалли масъала ба дасти мутахассисон хоҳад буд.

Чунончи дар фасли якум оварда будем, ибни Қурбон бисёр кӯшидааст моро бовар бикунонад, ки амири манғит рӯзе фаҳмид, ки кишварро аз рӯйи илму дониш идора кардан даркор аст ва кӯҳистониёнро, ки ҳама илмдӯст будаанд, ба сари кор овард. Ибни Қурбон ин

---

223 Ҳамон асар, саҳ. 224.

ақидаро чандин бор баён намудааст. Чунончи мегӯяд: «Умаро ба хотири беҳбудии мамлакат аҳли кӯҳистонро ба корҳои илмиву давлатӣ васеъ ҷалб карданд, зеро онҳо мефаҳмиданд, ки давлатро аз роҳи илм пеш бурдан шояд, на за тариқи дуздиву ғорати мардум (ки туркҳо ба дуздиву ғорат машғул буданд — М.Ш.). Яъне умаро аз он огоҳӣ доштанд, ки давлатҳои минтақа ҳамеша ба дасти мардумони эронитабор рушду нумӯ кардаанд».[224] Банда намедонам, ки амир Музаффархон то чӣ андоза аз таърих огоҳӣ дошт, вале медонам, ки аз кӯчаи илм нагузашта буд ва аҳамияти илму донишро барои идораи давлат ҳеҷ намедонист. Агар андаке медонист, Аҳмад-махдумро аз дарбор намеронд, чунонки дар ду фасли пеш дидем, «умарои боақлу дониш»-ро ( ба гуфти устод Айнӣ) аз кор гирифта ва қатл карда, ҳама бесаводон ва аҳмақони бадҷаҳлро дар пойтахту музофот маснаднишин намекард.

Чун ба аҳволи хонадони Байзо, ба се тан қозикалони Бухоро — Садриддин, фарзанди ӯ Бадриддин ва фарзанди Бадриддин Бурҳониддин нигоҳе меандозем, боз як бори дигар ба он ҳақиқат, ки амирони манғит аз кӯчаи илму инсоф нагузашта буданд, бовар ҳосил мекунем. Мақсади амирони мангит ҷомаи амал пӯшонидан ба сиёсати уруқдорӣ, саркӯб доштани «шогирдпешагон», мардуми бумии кишвар, яъне тоҷикон ва эрониёни заҳматкашу ҳунарманд будааст. Барои иҷрои ин сиёсат бештар мардумони бедониш ё камдониш ва ноинсофу бераҳм лозим буданд. Ҳар се нафар аз авлоди Байзо ба ин талабот ҷавобгӯ будаанд. Аз ин рӯ, амир Музаффархон ва Абдулаҳадхон ва Олимхон корҳои шаръӣ ва уламоро ба дасти хонадони Байзо супурданд. Яъне ихтиёри ҳама аҳли фаҳм ва зиёъиёни тозафикр ва маорифпарварон ба дасти Ибни Байзо буд, ки бояд он ҳамаро ба қабзаи қудрат мутеъи фармонбар нигоҳ бидоранд.

Садри Зиё дар бораи ҳар се ибни Байзо ва ҳама ҳамдастони онҳо гуфтааст: «Ҳатто аксари ҳамин тоифа бе муболиғаву бе тойибаи кизб хатте ки номашонро навишта тавонанд ё савод ки номи худашонро хонанд, надоштанд».[225] Ба ин гап бояд бовар бикунем, зеро онро дигар таърихнигорон тасдиқ кардаанд, ки баъд хоҳем дид. Агар байзоиён беилму бесавод намебуданд, амирон ихтиёри донишмандон ва маорифпарваронро ба дасти онҳо намедоданд. Халқро ба дасти бераҳмҳо ва донишмандонро ба дасти бедонишҳо супурдан дар аҳди Манғития расм буд. Фақат гоҳе ба ҳукми тасодуфе ин расм риоя нашудааст.

Баръакс, як моддаи даъвономаи Ибни Қурбон ин аст, ки байзоъиён ҳама илмдӯсту донишманд буданд ва аз ҳамин сабаб амирон онҳоро ҳукумати беҳудуд доданд. Ибни Қурбон дар бораи нахустин Ибни Байзо ки мулло Садриддин мебошад, мегӯяд: «Қозиулқуззоти нави Бухоро Садриддин ибни Байзо, ки марди донишманд ва орӣ аз таассуботи динӣ буд, дар роҳи наҷоти миллат хидматҳои босазо кард».[226]

Ибни Қурбон дар миёни ин ҷумла камонак гузошта гуфтааст: «Ҳатто Садри Зиё ҳам ноилоҷ аз донишмандии ӯ ҳарф мезанад». Ин гап чандон дуруст нест. Садри Зиё гуфтааст, ки қозӣ Садриддин «беилм набуд». Бубинед, нагуфтааст, ки илм дошт, балки гуфтааст, ки «беилм набуд». Яъне як каме илм дошту бас. Олиме набуд, ки сарвари уламо шавад. «Беилм набуд», вале дар амал бадтар аз беилмҳо рафтор кард. Алъон чанд мисол меорем. Нахуст он мисолеро, ки дар рисолаи «Садри Бухоро» оварда будем, боз як бор аз назар мегузаронем.

Ибни Қурбон мегӯяд, ки Садриддин «орӣ аз таассуби динӣ буд». Оре, мардумони кӯҳистон аз таассуби динӣ дур буданд ва дуранд, лекин қозӣ Садриддин ба таассуби динӣ ғӯтида буд ва аз ин роҳ гуноҳҳое содир кард, ки хиёнат ба миллат буд. Мисоли якуми он ин аст.

Чун лашкари Русия ба марзҳои Бухоро расид (Тошкандро тасарруф кард), рост буд ё дурӯғ, ба Бухоро сулҳ пешниҳод намуд. Хабари сулҳро чун баъзе муллоҳои Бухоро фаҳмиданд, бо даву ғеҷи Бақохоҷаи раиси Бухоро муллову муллобачаи бисёре ҷамъ омада, ғазоталаб шуданд. Сарвари онҳо Садриддини қозикалон буд. Ғазоталабон «бо ҳуҷуми ом дар Регистони Бухоро омада ба дарвозаи Арк давида, «Алҷиҳод» гӯён нафир

---

[224] *Ибни Қурбон*. Фавоҳиш ва раҳоиш». Саҳ. 73
[225] *Садри Зиё*. Наводири зиёъия, ҳамон нусха, саҳ. 102-103.
[226] *Ибни Қурбон*, ҳамон асар, саҳ. 76-77.

бардоштанд».[227] Ва мегуфтанд: «Ҷиҳод фарз шуда!»[228] Онҳо ба куффор сулҳ карданро гуноҳи азим донистанд.

Пас аз он ки ҷанг оғоз ёфт ва сипоҳи Бухоро шикаст хӯрдан гирифт, амир Музаффар боз маҷлиси машварат ороста, масъалаи сулҳ бо Русияро пеш гузошт. Амир ба ин мушовира «аз уламо қозӣ Садриддин— қозикалони Бухоро, Абдулҳамидхоҷаи аълам ва Маҳмудхоҷаи қозикалони Самарқанд» ва чанд нафар аз умароро даъват карда буд. Боз ҳам уламо бо сарварии Садриддин «сулҳ бо куффор»-ро ор дониста идомаи ҷангро салоҳ диданд.[229] Ва ҳол он ки он гоҳ тамоман равшан гашт, ки аз пирӯзӣ дигар ҳеҷ умед нест ва идомаи ҷанг боиси талафоти моливу ҷонии бештар ва аз даст рафтани қисми зиёди кишвар хоҳад гардид. Ва дар ҳақиқат чунин шуд.

Дар ин маврид оё метавонем қозӣ Садриддинро «марди донишманду орӣ аз таассуби динӣ» бидонем ва бигӯем, ки «дар роҳи наҷоти миллат хидматҳои босахо кард»? На, он овон ки маълум буд, ки Бухоро қудрати ҷангидан бо Русияро надорад, рӯ гардондан аз сулҳ ниҳояти беандешагӣ, нишонаи таассуби динӣ ва хиёнат ба манфиатҳои мулку миллат буд, ки чанде аз уламо ба сардории Садриддини қозикалон содир карданд.

Чун пас аз солҳои 1917-1918 таҳдиди Русия ба Бухоро афзудан гирифт, Садри Зиё ба амир Олимхон тавсия карда будааст, ки «давлати Бухоро дар муқобили шавкати асокири булшавик тоби муқовамату тоқати муқобалат надорад, беҳтар ҳамин ки ҷодаи мудоро паймоем, роҳи мувосо пеш гирем».[230]

Банда шак надорам, ки ин пешниҳод аз мушоҳидаи аҳволи кишвар ва тақозои ақли салим сар зада буд. Аммо Ибни Қурбон монанди бобокалони худ қозӣ Садриддин андеша меронад ва мегӯяд, ки агар Садри Зиё «воқеан ҳам бидуни ғаразе ки дар аврoқ дорад, аз дину ватан ҳимоят мекард, ҳангоми наздик расидани лашкари сурхи «бедин» ва «ғасб»-и ватани худ маслиҳат намедод… ҷодаи мудоро паймоем ва роҳи мувосо пеш гирем».[231] Ин ҷо Ибни Қурбон монанди Ибни Байзо аҷаб тасаввуре дар бораи «ҳимоят аз дину ватан» дорад. Албатта «ҳимоят аз дину ватан» вазифаи муқаддас аст, вале ин ҳимоят, ин дифоъ мумкин аст дар ҳар маврид ранги дигар ва гоҳе шакли сулҳомез дошта бошад. Беҳуда худро ба шер задан аз рӯйи ақл нест. Бояд бидонем, ки гуфтаанд: «Чун ҷанг натонӣ, оштӣ айб мадор!»

*На дониш бошад он касро, на фарҳанг,*
*Ки вақти оштӣ пеш оварад ҷанг.*

Садри Зиё чун аз зарурати мувосову мудоро бо болшевикони гушнапурзӯр сухан рондааст, ин ҳикматро ба назар доштааст, ки Ҳофиз фармуда:

*Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,*
*Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.*

Ибни Байзои «донишманд» аз ин ҳикмат хабар надошт, афсӯс ки имрӯз Ибни Қурбон низ хабар надорад.

Хуллас, ки қозӣ Садриддин дар давраи ҷанги Бухоро ва Русия на донишмандӣ зоҳир кард, на бетаассубӣ. Ӯ он гоҳ аз дигар мансабдорони беандешаи атрофи амир, ки дар байни онҳо манғит, бухороиву самарқандӣ эронӣ ва ғайра, намояндагони ҳар тоифа буданд, фарқ надошт. Ва натавонист дар душвортарин айёме барои «наҷоти миллат хидмати босазо», ки Ибни Қурбон гуфтааст адо намояд.

Аз ин сабаб бояд хулоса кард, ки дар ин маврид он чи Садри Зиё гуфтааст, рост мебарояд ва он чи имрӯз Ибни Қурбон мегӯяд, хилофи ҳақиқати воқеист. Қозиву қозикалонро шариатпаноҳ мегӯянд, ки пушту паноҳи шариатанд. Аммо Садриддини қозикалон хилофи аҳкоми шариат кор кард. Як кор ки ӯ хилофи шаръи шариф кард, мусодираи вақфҳо буд. Вай вақфҳоро барои ҳукумати амирӣ ва хазинаи амир мусодира кард. Чунонки дар рисолаи «Садри Бухоро» овардем, ба Садри Зиё муяссар шуда буд, ки

---

227 *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 10, саҳ. 48.
228 *Аҳмади Дониш.* Рисола, саҳ. 24.
229 *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 10. саҳ. 68-69
230 *Садри Зиё.* Наводири зиёъия, вар, 124 б.
231 *Ибни Қурбон*, ҳамон асар, саҳ. 40

боре (ва шояд боз чанд бори дигар) ҳукми ин мусодираро бекор карда, пули вақфро аз роҳи хазина гардонда ба соҳибонаш бисупорад. Маорифпарварон зидди ин мусодира буданд. Кӯшиши Садри Зиё, ки лоақал дар баъзе ҷойҳо ки ӯ қозӣ будааст, ҳукми мусодираи авқофро бекор бикунад, бахше аз муборизаи маорифпарварон аст.

Дигар коре ки Садриддини қозикалон хилофи шариат анҷом дод, таъсиси андози нав ба номи аминона буд. Чун дар ҷанги Русия аҳволи Бухоро бад ва хазина холӣ шуд, «қозӣ Садриддини кӯлобӣ ба ранге ки дар боло арз шуд, хеле авқофро ба ҳисоби ҳукумат мусодира намуд, ба унвони аминона дар бозорҳо молиёти тоза гузошт»[232] . Ин хабарро устод Айнӣ дар рисолаи «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» овардааст. Агар донистан хоҳем, ки аминона чӣ андозе будааст, ба ин гуфтаи Аҳмади Дониш гӯш медиҳем: «Агар бевазане каловае (ба бозор — М.Ш.) оварад ва се фулус байъ кунад, ду фулуси он барои амин бошад ва агар касе як хирвор ҳима (ҳезум— М.Ш.) орад ва ба се дирам бифурӯшад, ду қисми он ҳаққи амин бошад. Номи турфа золимеро амин кардаанд!»[233]. Чунонки мебинем, боз ҳам Дониш, ки дили пуршӯр дошт, сахтгӯӣ кардааст. Ин сахтгӯиҳои ӯ ба маорифпарварон ва аз ҷумла ба Садри Зиё гузашта буд. Маорифпарварон ба муқобили аминона сахт мубориза кардаанд. Чун соли 1911 пас аз ҷулуси амир Олимхон масъалаи ислоҳот бардошта шуд, яке аз дархостҳои маорифпарварон манъи аминона буд. Соли 1917, ки боз масъалаи ислоҳот пеш омад, Насрулоҳи қушбегии сарвазир ва Миллери раиси консулхонаи Русия манъи аминонаро ба пешнависи фармони ислоҳот дохил карданд. Бурҳониддини қозикалон (набераи қозӣ Садриддин) аз ин лоиҳа огоҳ шуда, сахт эътироз кард, аз ҷумла ба моддаи аминона зид баромад. Вай ба Миллер гуфт: «Аминона шаръист ва ҳаққуликораи бозори подшоҳист»[234]. Ин эътирози ӯ қабул нагардид, вале азбаски фармони ислоҳоти 7 апрели 1917 иҷро нашуд, андози аминона низ то инқилоби соли 1920 ҳамчунон идома дошт.

Устод Айнӣ овардааст: «Илова бар инҳо расми ҳадя ва тортуқи қозиён дар аҳди ин амир (Музаффархон — М.Ш.) ранги мадохили ҳукуматро гирифт. Амир ба қозиён ихтиёр дод, ки аз раия ба унвонҳои мухталиф пул ҷамъ мекарданд ва аз онҳо як миқдорашро ба амир ба унвони ҳадя, пешкаш, луқата ва мозода тақдим менамуданд». Дар ин кор ҳам дасти қозӣ Садриддин ҳаст, зеро ихтиёри қозиён дар дасти қозикалон буд, насбу азли онҳо бо пешниҳоди ӯ анҷом меёфт, ҳама тасмимоти муҳим, ки ба онҳо дахл дошт, бо пешниҳод ва розигии вай сурат мегирифт.

Инҳо ҳар кадом як намуна аз хидматгузориҳои қозӣ Садриддин барои ҳалли мушкилоти ҷаноби амир ва дар роҳи иҷрои сиёсати уруқдорӣ буд. Садри Зиё чун қозӣ Садриддинро нафринҳо хондааст, ҳамин коргузориҳоро дар назар доштааст, ки дар ҳақиқат сазовори нафринанд. Ибни Қурбон чун ба ситоиши қозӣ Садриддин қалам меронад, ин корномаи ӯро ба ёд намеорад ё аз он огоҳ нест ё қасдан чашм пӯшидааст. Ибни Қурбон илмдӯстӣ ва олимпарварии қозӣ Садриддини Ибни Байзоро ситоиш намуда, ӯро муборизи зидди уламои мутаассиб ва муллоҳои ҷоҳил қаламдод карда ва ҳол он ки аз воқиаҳои замони ҷанги Бухорову Русия маълум шуд, ки ӯ сардори муллоҳои мутаассиби хурофотпараст будааст. Ибни Қурбон яке аз «користони» Садриддинро иборат аз ин медонад, ки гӯё донишгоҳҳои олии Бухороро аз мударрисони мутаассиб ва нодон тоза кард. Ибни Қурбон мегӯяд, ки мулло Садриддин «ҳатто теъдоди касире аз мударрисони мутаассибро аз маркази давлат берун ронд ва дар шаҳристонҳо қозӣ таъин намуда, бо ин амал гурӯҳи мазкурро пароканда кард, ки падари Садри Зиё низ аз он ҷумла буд».[235]

Оре, чун Садриддин соли 1862 ё 1864 ба қозикалонӣ расид, яке аз нахустин корҳое ки кард ин буд, ки 18 нафар мударриси машҳури калонтарин мадрасаҳои Бухороро аз кор ронда, ба тумону вилоятҳо бадарға кард. Яке аз он 18 нафар падари Садри Зиё домулло Абдушшакури Оят буд, ки ӯро ба қазои вилояти Зиёуддин (Даббус, Наҳрпай, ки Аҳмади Дониш низ бори аввал он ҷо қозӣ, яъне бадарға шуда буд) фиристоданд. Аммо чаро ибни Қурбон мегӯяд, ки ин 18 нафар мударрис, аз ҷумла Абдушшакури Оят мутаассиб буданд? Посухи чунин пурсише дар китоби Ибни Қурбон нест. Ибни Қурбон барои ин даъваои худ низ далелу бурҳоне наовардааст. «Далели» Ибни Қурбон фақат хоҳиши дили ӯст, ки ҳар коре Садриддин бикунад, хуб бошад, ҳар касеро Садриддин бад бинад, бад бошад. «Асли

---

232 *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 10, саҳ.98

233 *Аҳмади Дониш*, Рисола, саҳ. 28

234 *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Теҳрон. Суруш, 1381=2003, саҳ. 101. Ин ҷо аминона «амтиёна» чоп шудааст, ки ғалат аст.

235 *Ибни Қурбон*, ҳамон асар, саҳ.77

илмии» Ибни Қурбон дар ин маврид ҳамин асту бас. Лекин ҳақиқати ҳол хилофи хоҳиши дили Ибни Қурбон аст. Инро аз он ҷо метавон пай бурд, ки аз он 18 нафар яке, ки падари Садри Зиё домулло Абдушшакури Оят бошад, ҳаргиз мутаассиб ва сазовори ҷазо набудааст. Ӯ аз мударрисони номдори замон буд. Ба ёд биёварем, ки устод Айнӣ дар он зиндагиномаи Садри Зиё, ки тахминан солҳои 1924-1925 навишта буд, мегӯяд: «Домулло Абдушшакур дар даруни шаҳри Бухоро, дар гузари мулло Ғафур дар оилаи як косиб (шустагар) таваллуд шуда дар замони худ ба дараҷаи олими якумрасидааст».[236] Мебинем, ки «олими дараҷаи якум», яъне донишманди тарози аввал баҳои хеле баланд аст. Устод Айнӣ чунин баҳоро чанд бор ба такрор гуфта буд. Чунончи фармудааст: «Домулло Абдушшакури Оят аз мунфаридини устодҳои замони худ буда», Садри Зиё «дар сояи маърифати падар касби камол намуда»[237], Ин ҷо низ «мунфарид» ягона гуфтан аст. Яъне Абдушшакури Оят дар илми замон аз ягонаҳои даврон будааст. Фазлу камол домулло Абдушшакурро ҷуръате ато намуда ва ӯро «ҳақгӯй» лақаб додаанд. Садриддини Айнӣ навиштааст, ки «Домулло Абдушшакури шустагар аз фошофош гуфтани ҳила ва риёҳои шаръӣ ҳеҷ ибо намекард»[238]

Аз ин арзиши баланд, ки устод Айнии душворписанд домулло Абдушшакури Оятро қоил аст ва дар баъзе манбаъҳои таърихии дигар низ ба чашм мерасад, ҷои шубҳа нememонад, ки домулло Абдушшакур ҳаргиз мударриси мутаассиб набудааст. Ба гумони қавӣ дигар 17 нафар, ки баробари Абдушшакури Оят аз Бухоро берун ронда шуданд, низ устодони забардаст будаанд. Вагарна Ибни Байзо онҳоро таъқиб намекард. Бегумон, қозӣ Садриддини Ибни Байзо ин мударрисҳоро ба он сабаб аз Бухоро дуртар ронд, ки аз онҳо хавф дошт. Агар чунин уламои қавиилм дар атрофи ӯ бошанд, ӯ наметавонист зиёд худсарӣ бикунад. Ҳар лаҳза эҳтимол меомад, ки миси ӯро бароранд, ӯро фош намоянд. Мулло Садриддин агарчи «беилм набуд», наметавонист бо донишмандони Бухоро баробарӣ бикунад. Аз ин рӯ намоёнтарин донишмандонро дуртар фиристод. Яъне мулло Садриддин аз бадарғаи 18 нафар мударриси Бухоро ҳадафи шахсӣ дошт, на ин ки хоҳише сарзада аз манфиатҳои кишвару давлат.

Ин ҷо мулло Садриддин чун як душмани илму олимон арзи вуҷуд мекунад, аммо Ибни Қурбон ӯро илмдӯсту олимпарвар ба қалам овардан мехоҳад.

Домулло Абдушшакури Оят чанд гоҳ қозии вилояти Зиёуддин буд ва Садри Зиё он ҷо чашм ба дунё кушод ва аз ҳамин ҷиҳат ӯро Зиё тахаллус шуд. Пас домулло Абдушшакур дар мурофиае дар ҳаққи як қотил ҳукми қатл баровард. Ва аз рӯйи қоидаи замон ин ҳукмро ба Бухоро барои тасвиби амир Музаффархон фиристод. Амир Музаффар тибқи таомул аз Садриддини қозикалон назар хост. Қозӣ Садриддин ба ҳукми қозӣ Абдушшакур розӣ нашуд, ба ҷои ҳукми қатл хунбаҳо тавсия кард. Амир Музаффар ҳукмномаи хунбаҳоро ба қозӣ Абдушшакур роҳӣ кард. Қозӣ Абдушшакур ба ин ҳукмномаи амир розӣ нашуд ва нотарсиро бинед, ки ба ҳукми шаръии худ пофишорӣ карда, ба амир нома навишт. Амир ҳалли масъаларо (боз ҳам аз рӯйи қоида) ба уламои Бухоро, ба аълам ва муфтиҳо ҳавола намуд. Уламо ба ин қарор омаданд, ки ҳукми қозӣ Абдушшакур шаръист. Амир Музаффархон ҳукмномаи қатлро ба қозӣ Абдушшакур равон кард. Ҳамин сон дар ин баҳс қозӣ Садриддин мулзам ва шарманда шуд.

Аз ҳамон вақт миёни мулло Садриддин Ибни Байзо ва домулло Абдушшакури Оят душманӣ пайдо шуд. Ин душманӣ сол то сол зӯр гирифт ва ба фарзандони ин ду тан гузашт. Яке аз сабабҳои зоҳирии ин ки Садри Зиё як умр бо Бадриддини қозикалон (фарзанди қозӣ Садриддин) ва Бурҳониддини қозикалон (набераи қозӣ Садриддин) сахт душманӣ варзид, ҳамин буд. Пас сабабҳои маслакӣ илова шуд ва бартарӣ ёфт.

Дар ин сурат Ибни Курбон ҳақ надошт, ки Садри Зиёро барои ин ки ба хонадони Байзо хусумат доштааст, сарзаниш бикунад ва онро як нишонаи душмании Садри Зиё ба кӯҳистониён маънидод намояд. На, ин ҷо на муносибат ба кӯҳистониён, балки

---

[236] *С. Айнӣ.* Қозӣ Шарифҷон (Зиё), бойгонии Айнӣ, № 11, саҳ. 1.
[237] *С. Айнӣ.* Намунаи адабиёти тоҷик, саҳ. 401.
[238] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 7. Саҳ. 483

оштинопазирӣ бо беинсофони ҷафопеша ба назар мерасад, ки яке аз аломатҳои таслимнопазирӣ дар пеши беадолатӣ, яке аз нишонаҳои маорифпарварӣ буд.

Сарвари маорифпарварони тоҷик Аҳмад-махдуми Дониш низ дар замони ҳукуматронии Садриддин аз дарбор ва Бухоро ронда ва ба музофот қозӣ таъин шуд.

Пас аз он ки аз «користони» қозӣ Садриддин чанд лаҳзаеро (на ҳама маълумотеро ки ба дастарси мост, балки танҳо чанд пораи онро) дар боло нақл кардем, ин натиҷагирии Ибни Қурбон, ки гӯё аз фаъолияти Садриддин хулоса баровардааст, танаффурангез менамояд, ки гуфтааст: «Дар натиҷаи ин ислоҳоти» бузурге (ба истилоҳи Садри Зиё «бадбахтии азиме») ки ба дасти амиру кӯҳистониён рафт, тағйиротҳои назаррас зуҳур намуд. Чунончи аз маълумотҳои Гулшанӣ дарёфтем, бештаре аз мардумони кӯҳистони тоҷик ба илм фаро гирифта шуданд, минҳайси мардум дараҷаи саводнокӣ афзуд, муҳимтар аз ҳама он ки дар манотиқи марказии мамлакат фазои тоҷикият аз нав ҷон гирифт»[239].

Аҷабо, ин «аз нав ҷон гирифтани фазои тоҷикият» аз чӣ иборат бошад, дар натиҷаи кадом кори Садриддин рӯй дода бошад, дар натиҷаи ҷиҳод эълон кардани ӯ ки боиси ҳалокати ҳазорон нафар аз ғазоталабони кӯрдили бесилоҳ ва ба тасарруфи Русия даромадани Ҷиззах (Дизак) ва Самарқанд шуд? Ё дар натиҷаи мусодираи фавқ ва ё бо андози хонабарандози аминона ё ин ки бо ронда шудани устодони торози аввал аз Бухоро? Ҳеҷ яке аз инҳо наметавонист барои «эҳё ва густариши муҳити тоҷикӣ шароит фароҳам оварад». Ҳамаи ин натиҷагириҳои Ибни Қурбон аз даъвои нони қоқ бештар чизе нест.

Ибни Қурбон дар он ҳама натиҷагириҳо инро ҳам ба назар дорад, ки дар замони қозӣ Садриддин аҳли кӯҳистон бисёр ба Бухоро барои таҳсил омаданд ва ин дар ҳақиқат паҳлӯи дигар ҳам дорад, ки фаромӯш набояд кард. Садриддин уламои номдорро аз гирду пеши худ дур ронда, мӯҷиби паст шудани сатҳи таҳсили илм, сатҳи дониши толибилмон гардид. Ин як. Дувум он ки Садриддин ҳамдиёрони гапдаро ва фармонбардори зиёдеро гирди худ ҷамъ оварда. Аз ҳамон вақт гирди худ ҷамъ овардани ҳамдиёрони мутеъу беирода ва иҷрогар дар фаъолияти байзоиён расм шуд ва ба ҳукми анъана даромад. Ин корро мулло Бадриддин— Ибни Байзои дувум идома дод ва мулло Бурҳониддин — байзоии севум ба дараҷаи олӣ расонид. Оё бо ҳамин «фазои тоҷикият» метавонист густариш биёбад?

Баъзе «анъана»-ҳои дигари хонадони Байзо низ аз фаъолияти қозӣ Садриддин, аз «ислоҳоти» ӯ (ба гуфти Ибни Қурбон) оғоз ёфтааст, ки ҳоло хоҳем дид.

7

Мулло Садриддин — якумини байзоиён то охири умр, яъне то соли 1879 қозикалон буд. Гуфтаанд, ки қозикалонии ӯ 15 ё 17 сол идома ёфта аст. Яъне соли 1862 ё 1864, чунонки гуфтем, дар аввали ҷулуси амир Музаффар (1860) ба қозикалонӣ расида буд. Дастпарварди ин амир дар иҷрои сиёсати уруқдорӣ будааст.

Пас аз вафоти қозӣ Садриддин дар муддати даҳ сол аз 1879 то 1889 домулло Абдушшакури Оят— падари Садри Зиё қозикалон шуд.

Амир Абдулаҳадхон (1885-1910) мулло Бадриддин байзоии дувумро қозикалон таъин кард. Мир Бадриддин дар солҳои қозикалонии падараш чанд сол раискалон буда, аз падар кор омӯхт. Қозикалонии Мир Бадриддин то охири умраш, то 1908 давом кард. Фарзанди ӯ мулло Бурҳониддин низ нахуст дар сояи давлати падар даври раискалонӣ ронд ва солҳои 1913-1920 дар маснади «меросии» падару бобои худ, яъне дар мақоми қозикалон ҳукмфармоӣ кард.

Ба ин шумурд сулолаи байзоиён дар маснади ақзалқузотӣ (қозикалонӣ) ва мӯҳтасибӣ (раисӣ) дар Бухоро 55 сол ҳукумат ронданд. Шумурди Садри Зиё низ ҳамин шумораро нишон медиҳад.

Дар боло дидаем, ки байзоии як–қозӣ Садриддин ба чи тарз ҳукмронӣ кард. Акнун бубинем, ки қозӣ Бадриддин дар қозиулқузотӣ чӣ роҳу равиш дошт. Он гоҳ беҳтар падид хоҳад омад, ки даъвоҳои Ибни Қурбон то чӣ андоза ба воқеъияти таърихӣ созгор намеояд.

Садриддини Айнӣ дар китоби «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ба номи «Амир Абдулаҳад ва уламо» бобе кушодааст, ки бештар ба қозӣ Бадриддин бахшида шудааст. Устод ин ҷо суханро аз он оғоз ниҳодааст, ки «қозӣ Бадриддин бинни қозӣ Садриддини кӯлобӣ дар тадбир ягонаи асри худ ба шумор мерафт» ва аз ин сабаб амир «саррииштаи кори уламоро ба дасти ӯ супурд»[240] ва қозӣ Бадриддин ҳам «аз ҳар чӣ бештар

---

239

240 С. Айнӣ, Куллиёт, ч. 10, саҳ. 113.

ризои амир ва ҳифзи мансаби худро мехост»[241]. Яъне фаъолияти ӯ ба ду самт — аввал ба ҷо овардани раъйи амир Абдулаҳадхон ва иҷрои сиёсати ӯ, ки ҳанӯз сиёсати уруқдорӣ бахши асосии он буд, сонӣ ба ҳифзи мансаби баланди худ нигаронида шуда буд.

Устод Айнӣ баёни ҳоли Бадриддинро ин тавр идома додааст: «Қозӣ Бадриддин ба тард (аз кор дур кардан — М.Ш.), нафй (табъиду бадарға — М.Ш.) ва азли ду-се нафар мулло чашми ин ҷамоаро аз худ тарсонид».[242] Яъне мулло Бадриддин корро монанди падараш сар кард. Чунонки падараш нахуст 18 мударриси забардастро аз Бухоро ронда, мавқеъи худро устувор карда буд, мулло Бадриддин низ аз тоза кардани роҳи пешрафти худ, аз нест кардани хатари рақибон кор оғоз намуд. Одати кордорони камҳунари зобит ҳамин аст, ки аввал зарби худро мегузаронанд ва гоҳ-гоҳ мардумро аз худ метарсонанд.

Пас аз ин Бадриддин чун падараш ҳамаро ба худ мутеъ кард: «Аз уламо оне, ки мутеъи маҳз буд, ба мансабҳои олӣ иртиқо медод, онеро ки филҷумла осори саркашӣ ва ғурур изҳор мекард, мӯҳтоҷи як луқма нон медошт».[243]

Яъне дар инсондӯстиву олимпарварӣ, ки Ибни Қурбон гаштаву баргашта таъкид мекунад, низ Бадриддин мисли Садриддин буда, танҳо мутеъону хушомадгӯёнро навозиш мекард, аммо онҳоеро, ки андак саркашӣ доштанд, «мӯҳтоҷи як луқма нон медошт». Ин ҳам падидае аз сиёсати уруқдорӣ буд, ки ҳар он ки ору номус дорад, зери фишори сахт медоштанд, то иродаи ӯро бишкананд. Садри Зиё низ ҳаминро гуфтааст, ки абнои ватан маҷоли дам задан надоштанд.

Бадриддин аз роҳи зобитиву худсарӣ ва хидматгузорӣ зуд ба дараҷае расид, ки ҳокими мутлақ шуд. Аз касе наметарсид ва ҳамаро ба қайди итоат гирифт, вале бо зобитӣ дар кишвар безабтиро қувват дод. Устод Айнӣ ҳокимияти мутлақи Бадриддинро ки дар кишвар беинсофиву худсарии кордорон ва муқобилати мазлумонро афзоиш медод, чандин бор гуфтааст. Чунончи устод дар «Таърихи амирон манғитияи Бухоро» менависад: «Дар аҳди амир Абдулаҳад касе монанди қозии мазкур соҳиби нуфуз набуд. Қушбегӣ ки расман вазир ва вакили аввали амир ба шумор мерафт, дар истеҳсоли ризои қозӣ Бадриддин маҷбур буд».[244] Яҳёхоҷа ном равшанфикри ҳақгӯй, ки аз аҳли маҷлиси Аҳмади Дониш ва маҳфили адабии Садри Зиё буд худро ба девонагӣ зада боре рӯ ба рӯйи қозӣ Бадриддин истода, ба хашми тамом гуфт: «Ту имрӯзҳо дар Бухоро аз амир ҳам калонтар мебошӣ. Ихтиёри мурдаву зиндаи ҳама мардуми мамлакат (на танҳо уламо!— М.Ш.) дар дасти туст. Ту хоҳӣ касеро месӯзӣ ва хоҳӣ касеро месозӣ ва ҳеҷ кас ба ту чуну чаро гуфта наметавонад… Ба аҳволи деҳқонони хонавайроншуда, ятимони бепадар мондаи моли меросишон аз тарафи ту забтгардида, ба рӯзи сиёҳи занони бева ва бачагони бепарастор, ки шавҳару падарашон дар зиндони ту хобидаанд, ту ҷавобгӯ мебошӣ!»[245] Инро фикри Садри Зиё низ метавон донист, зеро Яҳёхоҷа ва Садри Зиё ҳамандеша буданд.Ҳамин аст илмдӯстиву адолатгустарии яке аз авлоди Байзо ва «барои наҷоти миллат хидматҳои босазо адо кардани» ӯ, ки Ибни Қурбон гуфта буд. Фаромӯш набояд кард, ки устод Айнӣ шоҳиди ҳол буд ва он чиро ки ба чашми худ дида буд, гуфтааст. Дар он тасвири «Ёддоштҳо» аз оҳанги сухани муаллиф ҳувайдост, ки устод Айнӣ гуфтаҳои Яҳёхоҷаро маъқул медонад ва фикри персонаж ба фаҳми муаллиф наздик аст. Дар ҳақиқат чунин аст ва устод Айнӣ ҳақгӯӣ ва танқидгарии Аҳмади Донишро давом дода, барои ин ки рафтору кирдори қозӣ Бадриддин дар сафҳаи таърих пурратар сабт шуда бошад, хеле кӯшидааст.

Устод Айнӣ дар «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» навиштааст, ки Бадриддин «бо вуҷуди ин ки аз машғалаи қазо ва соири умуроти подшоҳӣ фурсате холӣ надошт ва қувваи илмиаш низ мусоид набуд, дарсгӯиро илтизом кард».[246]

Чунонки мебинем, қозӣ Бадриддин ҳам чандон «қувваи илмия» надоштааст. Яъне байзоии дувум низ монанди байзоии якум будааст, чунонки Садри Зиё гуфта буд, «беилм набуда» вале чандон илме надоштааст. Ин гувоҳии устод Айнӣ имкон медиҳад бигӯем, ки даъвои Ибни Қурбон, ки гӯё аҳли хонадони Байзо ҳама илмдӯст ва донишманд буданд, бунёд надорад. Гуфтаҳои устод Айнӣ он чиро ки Садри Зиё дар ин мавридгуфта буд, тасдиқ мекунад, на даъвоҳои Ибни Қурбонро.

---

241 Ҳамон асар, саҳ. 118
242 Ҳамон асар. Саҳ. 113
243 Ҳамон ҷо.
244 Ҳамон асар, саҳ. 18
245 *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 7, саҳ. 14.
246 *С. Айнӣ*. Куллиётҳо, ҷ. 10. Саҳ. 114

Аз гуфтаҳои устод Айнӣ маълум мешавад, ки Бадриддин дарсгӯиро барои бардоштани обрӯйи худ, устувор кардани пояҳои маснади худ, зиёд кардани сафи тарафдорон, зердастон ва фармонбардорони худ пеша карда буд. Вай ҳуҷраҳои мадрасаҳоро «танҳо ба шогирдони худ медод», даҳяки оммаро «нахуст мартаба ба ононе, ки ба худаш нисбати шогирдӣ пайдо карда буданд, бахшиш мекард», «баъд аз хатми кутуб ҳар муллое, ки толиби имомат ё мударрисӣ мешуд, агар қозикалон биззот нашиносад, яъне ба дарси қозикалон ҳозир нашуда бошад агарчи муллотарини амсолаш бошад, ба чизе намерасид».[247]

Равшан аст, ки Бадриддин дар ин маврид низ ноинсофӣ, дурусттар он ки разолатро ба дараҷаи баланд расонида буд. Ӯ ҳокимияти мутлақ дошта, илму таълимро ба манфиати шахсии худ тобеъ карда аз баски манфиати вай ба «ризои амир» хилоф набуд, барои худкомиву худғаразӣ ва тааддӣ боре ҷазо надид. Зеро амир Абдуллаҳад қозӣ Бадриддинро такягоҳи худ медонист.

Ба ин сабабҳо, ки устод Айнӣ зикр кардааст, дарсҳои қозӣ Бадриддин серодам буда, сафи шогирдони ӯ сол то сол меафзуд. Дар байни ин шогирдон шумораи ҳамдиёрони Бадриддин рӯ ба афзунӣ доштааст. Дар замони қозӣ Бадриддин рӯ ба Бухоро овардани мардуми кӯҳистон хеле зиёд шуд. Маҳз дар ҳамин давра муллобачаҳои Бухоро ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд, ки якеро «талабаи тумонӣ» ва дигареро «талабаи кӯҳистонӣ» номидаанд. Рафта-рафта миёни ин ду гурӯҳ ихтилоф афтод ва «ҷангҳои кӯчагӣ» воқеъ шуданд. Қозӣ Бадриддин пушту паноҳи ҳамдиёронаш буда, ба онҳо чӣ дар давраи шогирдиашон ва чи баъд аз он фаровон имтиёз дод. Дар дасти қозӣ Бадриддин қувваи азиме ҷамъ омада буд, ки барои иҷрои сиёсати уруқдорӣ хуб хидмат кард.

Ин аст, ки чунонки устод Айнӣ дар нахустин таърихномаи худ хабар дода буд, ба муқобили Бадриддин балво хест. Устод менависад: «Чун кор ба ин дараҷаи «олгон олгонники» расид, ҳар кадом аз муллоён сар бардоштанд. Фирқае барои азли қозикалон маҷлисҳо оростанд. Зотан аҳли тумон ва бухориуласлон ба хонаводаи қозӣ Бадриддин, ки кӯлобиуласл буданд, рақобат доштанд. Дар вакти ҳаёти қозӣ Мир Бадриддин низ дар муқобили кӯлобиён дар санаи 1324 (1907— М.Ш.) бархоста буданд, лекин ба ҳусни сиёсат ва тадбири қозӣ Мир Бадриддин фитна ба зӯр таскин ёфта буд».[248]

Модомки мардум ба шӯриш сар бардоштаанд, маълум мешавад, ки боз корд ба устухон расидааст. Аз ин мебарояд, ки сиёсати уруқдорӣ ва ҳокимияти мутлақи байзоиён бо вуҷуди он ки рӯзафзун буд, натавонистааст мардумро ба итоат ва фармонбардории куллӣ биёварад, баръакс муқобилат ва муборазаро тезу тунд намудааст. На танҳо маорифпарварон, балки доираҳои васеътари ҷомеа, на танҳо муллобачаҳо, балки устодони онҳо муллоҳо ва уламо, шояд баъзе тоифаҳои дигар низ ба муқобили байзоиён ба мубориза миён бастаанд. Ин хулосаи якум аз он хабар аст, ки дар таърихномаи устод Айнӣ омадааст. Ба фикри мо натиҷагирии дувум он аст, ки на танҳо муллобачаҳо (шогирдони мадраса), балки дигар табақаҳои ҷомеа низ ба гурӯҳи "«тумонӣ" ва «кӯҳистонӣ» тақсим шуда буданд. Сиёсати уруқдори ҷомеаро ба эрониву тоҷик, ба тумониву кӯҳистонӣ ва ғайра ҷудо намуда, пораҳоро ба ҳам зид гузошта ба талош даровард. Ҷомеа бесубот ва маҳрум аз оромӣ мегардид, пояҳои давлат ларзон мешуд.

Аҳмади Дониш чунонки дидем, ба муқобили ин ҷудоиандозӣ ва зидди ҳам равона кардани пораҳои ҷомеа, ки Манғития об лой карда моҳӣ мегирифтанд мубориза шурӯъ кард. Ин муборизаро пайравони ӯ давом доданд. Маорифпарварон бо ҳама дастнишондагони Манғития чи бо султаи эронӣ ва чи бо султаи байзоиён мубориза оғоз намуданд. Яке аз марказҳои ин мубориза маҳфили Садри Зиё буд. Боз як бор ба ёд оварем, ки устод Айнӣ, ки низ аз аҳли он маҳфил буд, гуфтааст, ки онҳое, ки дар маҳфили Садри Зиё гирд меомаданд ва сӯҳбату мубоҳиса мекарданд, «ҳамеша як навъ ҳаракатҳои оппозитсионӣ нишон медоданд».[249] Садри Зиё яке аз сарварони ҳамин мухолифат бо доираҳои расмӣ, аз ҷумла бо истибдоди авлоди Байзо буд. Нафрати Садри Зиё нисбат ба истибдоди байзоиён бахше аз нафрати маорифпарварони мубориз аст. Дар осори Садри Зиё низ ҳамон рӯҳияи оппозитсионӣ ва зидди сиёсати уруқдорӣ инъикос ёфтааст.

Ба гумонам хулосаи ин фасл ҳамин аст, ки дар аҳволу атвори қозӣ Бадриддин низ аз донишмандиву илмдӯстӣ, тоҷикиятхоҳиву хидмати миллат, ки Ибни Қурбон ба авлоди Байзо нисбат медиҳад, дараке нест. Аз фаъолияти ӯ ҳарчи дидем, хилофи ақли салим,

---

[247] Ҳамон асар. Саҳ. 114

[248] *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Теҳрон, Суруш, 1381= 2003, саҳ. 152

[249] *С. Айнӣ*, Куллиёт, ҷ. 1. Саҳ.33.

хилофи манфиатҳои кишвару миллат буд. Пас гуфтаҳои Садри Зиё дар бораи байзоиён бо муоинаи аҳволи қозӣ Бадриддин тасвибу тасдиқ мешавад.

8

Севумин ва охирини авлоди Байзо Мир Бурҳониддин буд. Ӯ дар сояи давлати падараш, ки Мир Бадриддини мазкур мебошад, чанде раискалони (мӯҳтасиби) Бухоро, баъд қозии Чорҷӯй, ки яке аз калонтарин вилоятҳои кишвар буд, шуд ва аз соли 1913 ба маснади ақзалқузотӣ (қозикалонӣ) расид.

Мулло Бурҳониддин низ мавриди таваҷҷӯҳи Ибни Қурбон дар китоби «Фавоҳиш ва раҳоиш» қарор ёфтааст. Ибни Қурбон ӯро ҳамадон, сиёсатмадор, хидматгузори миллат, чунончиислоҳотхоҳ мешуморад, ки гӯё Садри Зиё ба ӯ низ тӯҳмат кардааст, гуноҳҳои худро ба гардани ӯ партофтааст ва ҳоказо. Вале ин иддаои ӯ низ беш аз пиндори бебунёд нест.

Инак Абдуррауфи Фитрат мегӯяд: «Қозӣ Бурҳониддин як марди аҳмақи бесаводе буд. Бо вуҷуди он ки раиси рӯҳониён ва маъмурини адлия ба шумор мерафт, аз хондани хатҳои оддӣ оҷиз буд. Дар аксари мурофиаҳо васиқа ва ривоятҳоро хонданӣ шуда, бесаводии худашро ба ҳама маълум мекард».[250] Бесаводе, ки «хатҳои одӣ»-ро хонда натавонад, қозиулқузот будааст! Ибни Байзои якум «беилм набуд», Ибни Байзои дувум андаке «қувваи илмия» дошт, Ибни Байзои севум батамом савод надоштааст. Пас низоми давлатӣ рӯ ба таназзул ба нуқтаи охир наздик мешуд.

Садриддинни Айнӣ — ин кунҷкову ҳолдони замон гуфтааст, ки мулло Бурҳониддин «илм он тараф истад аз ақлу идрок ҳам бенасиб буд... Агар ӯро мисдоқи муҷассами таассуби ҷоҳилия биномем, дурӯғ намешавад».[251]

Бинед: «муҷассамаи таассуби ҷоҳилия!» Унвони аъло! Алҳақ Фитрат, ба вежа Айнӣ «муаррифиномаи» Бурҳониддинро чунон овардаанд, ки аз ин равшантар ва гӯётар ва бурротар натавон гуфт. Акнун бинед, ки Садри Зиё чӣ гуфтааст. Садри Зиё мегӯяд: мулло Бурҳон «ба замми қозикалонӣ бо ин хариву нодонӣ шарм накарда дарс ҳам мегуфт»[252].

Расвоиҳои дарсгӯии Бурҳониддинро Абдуррауфи Фитрат тасвир кардааст: «Аҷибтар ин ки ин мард бо вуҷуди бесаводӣ дар тамоми давраи раисӣ ва қозикалонии худаш асло дарсгӯиро тарк накарда буд. Муллоҳо ва муллобачаҳо ки хушомадгӯӣ ва нифоқро пешаи худ карда буданд, барои «истифода» ба дарси ӯ ҳозир мешуданд, чаҳор-панҷ нафар мударрис низ махсусан омада дар вақти дарсгӯии ӯ менишастанд. Ҳамин ки «қории ҷамоаи» муллобачаҳо иборати китобро мехонд, ва навбати тақрир ба қозикалон мерасид, қозикалон бо фориғболӣ носкутиро бароварда як нос мекашид, он чаҳор-панҷ нафар мударрис, ки махсусан барои хидмат омада буданд, фавран дар миёни худҳо шурӯъ ба мунозира мекарданд, шогирдон низ ба ин мунозира шарик мешуданд ва як ғул-ғулаи аҷиб мебардоштанд... ва ба ҳамин масхарагӣ дарс тамом мешуд».[253]

Агар ҳамин масхарабозӣ дарс ном гирфита бошад, пас ҳарчи Садри Зиё гуфтааст, дуруст будааст. Он чӣ Садри Зиё гуфтааст, Айнӣ ва Фитрат тасдиқ кардаанд. Ибни Қурбон он ҷумлаи Садри Зиёро ки мо андак болотар овардем, суханҳои таҳқиромез дар ҳаққи Бурҳониддин донистааст. Оре, пуртаҳқир аст, вале ноҳақ нест. Гуфтаҳои Айнӣ ва Фитрат бештар таҳқир дорад.

Ибни Қурбон Бурҳониддинро аз «бӯҳтонҳо»-и Садри Зиё ҳимоякунон таъкид намудааст, ки Бурҳониддин «солҳо алайҳи сиёсати Туркия кор мебурд ва аз найрангҳои ӯ ба хубӣ огоҳ буд».[254] Чунончи дар дигар мавридҳо (ғайр аз як-ду бор) ҳаст, Ибни Қурбон барои исботи ин даъво ҳеҷ як далелу бурҳон наовардааст. Шояд рӯзе далелу бурҳони ӯ ва ҳамфикронаш маълум шавад, лекин ҳоло он чи мо медонем, ин аст, ки Бурҳониддин аз сиёсатмадорӣ фарсаххо дур буд.

Инак воқеаеро ки дар як нвиштаи худ нақл карда будам, ёдрас меоварам. Боре вакили сиёсии Русия (раиси консулхона) бо Бурҳониддини қозикалон дар бораи зарурати кушодани мактабҳои усули ҷадид, ки Бурҳониддин баста буд, сӯҳбат кардан хост. Ҳамин ки консул аз мактаби нав сухан кушод, Бурҳониддин якбора ба шӯр омад ва ба сари меҳмон

---

[250] *Фитрат.* Давраи ҳукмронии амир Олимхон. Душанбе, 1991, саҳ. 28

[251] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро. Душанбе, 1987, саҳ. 44-45.

[252] *Садри Зиё.* Наводири зиёъия, ҳамон нусха, саҳ. 103 б.

[253] *Фитрат,* ҳамон асар, саҳ. 28-29.

[254] *Ибни Қурбон*, ҳамон асар, саҳ. 76.

фарёд кашид, ки «ҷадидон душмани ислом ва мӯминонанд, пояҳои динро суст мекунанд» ва ҳоказо Меҳмонро дигар сухан кардан намонд. Консул бидуни натиҷае аз қозихона берун шуд.[255] Ҳамин аст намунаи «сӯҳбати дипломатии» Бурҳониддин, ки қозикалон, яъне вазири адлия ва шахси севум дар кишвар буд. Агар ин намояндаи «олимартабаи» кишвар бо намояндаи расмии як давлати бузург чунин «сӯҳбат» бикунад, ки иборат аз доду фарёд бошад, магар аз сиёсатмадорӣ ҷои гап мемонад? «Сиёсат ба як мӯ меравад». Сиёсати байзоиён ба арғамчин ҳам намерафт. Мо инро аз мисоли қозӣ Садриддин, ки дар ҷанги Бухорову Русия ду бор аз сулҳ рӯ тофта буд, низ дидем. Набераи ӯ аз худи ӯ чанд лой болотар будааст.

Ҷаҳолати Бурҳониддин аз муносибати вай ба маорифпарварон (тараққипарварон, ҷавонбухороиён, ҷадидон) ва мактаби усули ҷадид, ки онҳо кушода буданд, беҳтар маълум мешавад. Мактаби нави маорифпарварон чизе хилофи шариат надошт. Инро ҳатто аз номи китобҳои дарсии ин мактабҳо, ки баъзеашро устод Айнӣ навишта буд, фаҳмидан мумкин аст. Аз китобҳои Айнӣ яке «Заруриёти диния» ва дигаре «Тартилул Қуръон» ном дорад. Инҳоро имрӯз ҳам дар мактабҳои динни Тоҷикистон ва дигар кишварҳо ба кор мебаранд. Муфтӣ Икром (домулло Икромча)-и машҳур ҷадвали дарсии мактаби усули навро дида, фатво дода буд, ки ин мактабҳо хилофи шаръи шариф нестанд. Ҳатто қозӣ Бадриддини ибни Байзо дар охири умраш барои кушодани чунин мактабҳо иҷозат дода буд. Аммо Бурҳониддин ин иҷозати падари худро қабул надошт.

Устод Айнӣ дар китоби «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» мегӯяд:

«Бурҳониддин феълан дар Бухоро раис буда (то соли 1913 — М.Ш.) фикри истеҳсоли маснади қозикалонӣ дошт. Ин шахс илова бар ин ки марди мутаассиби ҷоҳил буд, манфиати худро дар эҷоди фитна медонист».[256].

Айнӣ дар ҷои дигар гуфтааст, ки шиори Бурҳониддин ин буд: «Ҳама чиз фидои қозикалонӣ бод!».[257] Устод Айнӣ шарҳ додааст, ки барои расидани Бурҳониддин ба қозикалонӣ асосан Остонақули қушбегӣ (вазир) мамониат мекард «Азбаски қушбегии мазкур филҷумла тарафдори мактаби нав менамуд, агар дар бораи масъалаи мактаб фитна барпо шуда, мухолифин (яъне ҷонибдорони Бурҳониддин — М.Ш.) ғалаба ёбанд, қушбегӣ суқут мекард. Дар ин сурат… Бурҳониддин ба мансаби қозикалонӣ мерасид… Дар рамазони 1327 ҳиҷрӣ (1909— М.Ш.) уламо ба саркардагии Бурҳониддин фитнаи бузурге эҷод карда ба бастани мактаб муваффақ шуданд».[258]

Ин нахустин бор баста шудани мактаби нав буд. Маорифпарварон ошкору ниҳон чандин мактаби дигар боз карданд. Бурҳониддин боз мебандонд. Чунончи дар соли 1331032 ҳиҷрӣ (1913-1914—М.Ш.)… ба ташаббуси қозӣ мир Бурҳониддин ва ёрмандии элчии рус ин мактабҳо баста шуд. Аз муаллимонашон баъд аз ин барои накушодани мактаб дастхат ва имзо гирифта шуд».[259]

Рақобат бо Остонақули қушбегӣ як сабаби зоҳирии мубориза̄и Бурҳониддин дар муқобили мактаби усули нав буд. Сабаби асосӣ он буд, ки Бурҳониддин душмани асосии маорифпарварӣ ва ҳамаи падидаҳои он буд. Ӯ сарвари иртиҷоъиён буда, ҳамаи онҳоеро, ки ба муқобили маорифпарварӣ мубориза мекарданд, муттаҳид намуд ва ба мубориза сафарбар медошт.

Бурҳониддин дар эҷоди иғвову фитна ба аҳди манғития шояд бемонанд буд. Аз фитнаҳои ӯ чанд фоҷиаи бузург рӯй дод. Яке аз ин фоҷиаҳо низоъи шеъаву суннӣ буд. Устод Айнӣ ки аз тафсилоти ҷанги шеъа ва суннӣ дар соли 1910 нағз огоҳӣ дошт, мегӯяд: «Сабаби ҳақиқии фитна Бурҳониддини раис ва баъзе муфтиҳо» буданд.[260] Абдуррауфи Фитрат гуфтааст: «Шаб дар ҷои давра маслиҳат шуда, мулло Бурҳони раиси садр, ки муҷидд ва доманзани ин оташ буд, нимаи шаб чанд нафар муллобачагони тарроррро пинҳонӣ фармуд, ки вақте ки ҳама хуфта буданд, ба ҳар кадоми мадрасаҳои калон чаҳорнафарӣ рафта, аз миёнаи мадраса нидо дардоданд, ки «ғазо воҷиб шуд, пагоҳӣ аз ғазо намонед».[261] Ба ёд меоварем, ки қозӣ Садриддин — бобои Бурҳониддин низ пеш аз ҷанги

---

[255] *А. Семёнов.* К прошлому Бухары. Пасгуфтори китоби С. Айнӣ. Воспоминания. М.— Л., 1960, стр. 988

[256] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 10, саҳ. 116

[257] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, саҳ. 154

[258] *С. Айнӣ*, Куллиёт, ҷ. 10, саҳ. 116

[259] Ҳамон асар, саҳ. 147

[260] *С. Айнӣ*, Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 64.

[261] *Фитрат.* Давраи ҳукмронии амир Олимхон, саҳ. 20

Бухорову Русия чунин нидо дардода буд, ки «ҷиҳод воҷиб шуда». Он кори қозӣ Садриддин аз рӯйи таассуби динӣ шуда буд, ин кори Бурҳониддин ба сабаби ғаразҳои шахсӣ шуд. Бурҳониддин боз ҳам аз Остонақули қушбегии эронӣ ниқор кашиданӣ буда, бо ҳамин мақсад фитна бардошт ва Остонақулро аз сари кор дур карданд. Бурҳониддин ба мақсад расид. Барои ин ки ӯ ба мақсад расад, шербачагонаш дар кӯчаҳо хунрезӣ карданд. Чунонки устод Айнӣ мегӯяд «ашхоси мӯътадил ва мутафаккири ҳар ду тараф, хусусан тоҷик ва эрониёни маҳаллӣ ба қадри имкон ба хунрезӣ монеъ шуданд, чунончи тоҷикҳо эрониёни ҳамсояро дар хонаи худ пинҳон карда, ҳимоя намуданд».[262] Дар ҳамин вақт одамони Бурҳониддин ба куштору ғорат машғул буданд. «Бурҳониддини раис Бухороро оғушта ба хун кард».[263] Тавон гуфт, шиори дигари Бурҳониддин ин буд: «Ҳама чиз, ҳатто хуни халқ фидои манфиатҳои худам бод!»

Ибни Қурбон чунин зотеро илмдӯст, донишманд, сиёсатмадор ба қалам додааст, ки ниҳояти ноинсофӣ, сохтакорӣ ва таҳрифи таърих ба мақсади мувофиқ кардани рӯйдодҳои он ба манфиати шахсӣ ва гурӯҳии худ аст.

Оре. Ибни Қурбон бисёр мехоҳад, ки таърих ба хоҳиши дили ӯ, мувофиқ ба манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳии ӯ пеш рафта бошад. Аммо таърих бо роҳи худ ва ба куллӣ хилофи хоҳишҳои Ибни Қурбон рафтааст. Ибни Қурбон ҳамоно таърихи пиндории худро ба мо мегӯяд, вале ҳеҷ гоҳе ба ёдаш намеояд, ки гуфтаи худро исбот кардан даркор аст ва барои исбот далелу бурҳоне бояд ҷуст.

Аз ҷумла як ҷои дастнависи Садри Зиёро Ибни Қурбон нодуруст хонда, дар асоси фаҳмиши нодурусте даъво кардааст, ки Бурҳониддин ислоҳотхоҳи бузурге буд. Ӯ мегӯяд, ки Садри Зиё «қариб дар тамоми асарҳои ин маҷмӯааш («Наводири зиёъия»—М.Ш.) аз сарзаниши кӯҳистониён даст намекашад. Тамоми корҳои онҳоро ба ҷуз ҳамоқату нодонӣ чизи дигаре намеҳисобад. Ҳатто қозӣ Бурҳониддинро ки дар замони амир Олимхон мехост ба хотири беҳбудии мамлакат ислоҳоти давлатӣ гузаронад, ислоҳоти ӯро тамасхур карда»[264] ва ҳоказо. Аҷабо, кореро ки Бурҳониддин накарда буд, чи тавр тавон тамасхур кард? Ислоҳоти иҷтимоъиву сиёсиву фарҳангиро касе орзу мекунад, ки марому маслаке дорад, дар дил ормонҳои олӣ мепарварад. Бурҳониддин аз бемаслактарин мансабдорони калони аморат буд. Аз чунин касе ислоҳот наметавон умед кард. Садриддини Айнӣ гуфтааст: «Мо дар боло гуфтем, ки ҳукумати Бухоро дар аввали ваҳла барои ҳифзи худ ба як дараҷа ислоҳот розӣ буд. Муроди мо аз ин ҳукумат шахси амир ва Насруллоҳи қушбегӣ аст, аммо соири аркони ҳукумати Бухоро шунидани ҳарфи ислоҳотро ҳам намехостанд, хусусан Бурҳониддини қозикалон ва Мирзо Низомиддини урганҷӣ, ки баъд аз қушбегӣ аввалин ашхоси ҳукумат ба шумор мерафтанд, ба ҳар кор ҷуз «намехоҳем» ҷавобе надоштанд».[265]

Инро устод Айнӣ дар «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» гуфтааст. Ӯ шоҳиди ҳама воқиаҳои мудҳишест, ки аз паси масъалаи ислоҳот пеш омад. Пас сухани ӯро бовар кунем ё сухани Ибни Қурбонро? Шояд Ибни Қурбон ғайр аз ислоҳоти 7 апрели 1917, ки амир Олимхон эълон кард, ислоҳоти дигареро дар назар дорад, ки Бурҳониддин анҷом додан мехост? Ғайр аз нодуруст хондану фаҳмидани як ҷои дастнависи Садри Зиё аз куҷо ба Ибни Қурбон маълум шуд, ки Бурҳониддин мехост ислоҳоте шурӯъ бикунад?

Ин ҳам гуфтанист, ки боре Бурҳониддин ба ислоҳот розӣ шуда будааст. Ин «ризо» достончаи аҷибе дорад, ки шуниданист.

Устод Айнӣ ҳикоят кардааст, ки охири моҳи марти 1917, ки Бурҳониддин ҳанӯз қозикалон буд, Миллер— раиси элчихонаи Русия бо Насруллоҳи қушбегӣ пешнависи фармони ислоҳотро омода карданд. Миллер ин пешнависро пеши Бурҳониддини қозикалон бурд, «ба қозикалон ба тариқи ҳикоят (на аз роҳи машварат) баъзе ҷои лоиҳаеро, ки барои ислоҳот ҳозир шуда буд, накл намуд». Бурҳониддин дид, ки гӯё дигар аз ислоҳот гузир нест, розӣ шуд, лекин ба ҳама моддаҳои лоиҳа тасҳеҳ пешниҳод кард. Чунончи «дар ислоҳоти мактабҳо низ эътироз карда гуфт:… Агар мактабҳои нав ба забони русӣ бошад зарар надорад (дараҷаи таассуб ва инодро бингаред! Ба мактаби миллӣ ва динии мусулмонӣ розӣ намешаванд ва мехоҳанд, ки дар бадали он макотиби аҷнабӣ бар по шавад ва дар чанд сол ҳиссиёти миллия ва диния тамом аз по дарояд). Дар ашхоси мафрузаи маҷлис (порлумон — М.Ш.) низ эътироз намуда гуфт, ки «бояд дар он маҷлис аз тараққипарварон надароянд ва

[262] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 63.
[263] Ҳамон асар, саҳ. 67
[264] *Ибни Қурбон.* Ҳамон асар, саҳ. 22.
[265] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 10, саҳ. 152.

аз уламо низ касеро, ки ман нишон медиҳам ҳамон шахс дароядт, раиси Маҷлис худи ман бошам». Ва Бурҳониддин дар охири мусоҳиба гуфт: «Мардум маро дар ислоҳот мухолиф мегӯянд. Ман қатъан мухолиф нестам. Ба тартибе ки баёнот кардам, агар Маҷлис барпо шавад, иншооллоҳ корҳои хуб мекунем».[266]

Бинед ки Бурҳониддин оқибат аз рӯйи маҷбурият ба ислоҳот розӣ шуда, ба чи шартҳо розӣ шудааст. Ба шарте розӣ шудааст, ки ҳама инони ихтиёрро ба дасти ӯ бидиҳанд, мансаби баландашро аз даст надиҳад, боз як мансаби баланде ба даст оварад, ки раиси маҷлис бошад. Як шарти ӯ ин будааст, ки ба Маҷлис аз уламо ҳар касро ӯ нишон диҳад, дохил кунанд. Яъне муҳофизаткорони фармонбардори ӯро! Чунонки Абдуррауфи Фитрат мегӯяд, Бурҳониддин «тамоми авлоду атбоъи худро ба мансабҳои калон расонида дастёр ва муовини фитнаву фасод қарор дода буд».[267] Акнун мехост, ки ба маҷлиси намояндагон низ одамони худро нишонад, маҷлисро низ ба дасти худ дошта бошад. Ҳамин буд «ислоҳотхоҳии» Бурҳониддин. Ҷаноби Ибни Қурбон, оё аз ин гапҳо хабар доранд?

Шартҳои Бурҳониддин пазируфта нашуд. Ӯро аз қозикалонӣ гирифтанд. Вале чунон беозор гирифтанд, ки устод Айнӣ мегӯяд: «Аз сархайлони фитна қозӣ Бурҳониддини маъзулро дар беруни шахри Бухоро ба чорбоғи худаш ҷой дода, номи инро ҳабс» гузоштанд».[268] Бурҳониддин аз он ҷо, ки аз Бухоро ҳамагӣ 12 километр дурӣ дошт, барои ин ки ислоҳот шурӯъ нашавад ва фармони ислоҳот, ки 7 апрели 1917 содир шуд, иҷро нагардад, ҳар рӯз чанд фитна эҷод кардан гирифт.

Пеш аз он ки амир Олимхон фармони ислоҳот дод, Бурҳониддин «се бор пай дар пай ба амир ариза фиристода барои дафъ ва қатъи масъалаи ислоҳот чораи ягона ҳабс, нафй (бадарға — М.Ш.), зарбу қатли ду-се ҷавонБухороиро номбар карда нишон дод».[269]

Оре, Бурҳониддин ташнаи хун буд ва ба хунхорӣ тайёрӣ медид.

Чанд рӯз пеш аз эълони фармони ислоҳот, 25 марти 1917 Мирзо Муҳаммадшарифи садр (Садри Зиё) қозикалон ва Абдуссамадхоҷаи судури самарқандӣ раискалон таъйин шуданд. Ин ду нафар аз маорифпарварон (аз уламои тараққихоҳ) буданд ва бо пешниҳодоти бархе ҷавонБухороиён барои иҷрои фармони ислоҳот ба ин мансабҳо таъин гардиданд. Ҳар ду ҳам мухолифи Бурҳониддин ва дигар муҳофизакорони душмани ислоҳот ба шумор меомаданд. Ба сари кори ислоҳот омадани Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа Бурҳонидинро сахт ба хашму ғазаб овард.

Аз ҳамон рӯзи 7 апрели 1917 ки фармони ислоҳот эълон шуд, ба вежа аз 8 апрел, ки баъзе ҷавонбухороиёни ислоҳотхоҳ байрақ бардошта, ба «намоиши шодиёна» ва ё «намоиши шукрона» баромаданд, аксулҳаракати сахти дастаи шербачагони таррори Бурҳониддин ва Мирзои Урганҷӣ (Мирзо Низомиддинхоҷа) ва ғайра оғоз шуд. Балвои бузург ва террор оғоз ёфт, ки ислоҳоталабонро дастгир карда ва задаву кӯфта, ба ҳукуматдорон месупурданд, ба зиндон меандохтанд. Чанд нафар, аз ҷумла устод Айнӣ 75 ҷӯб хӯрданд.

Ибни Қурбон он «намоиши шукрона»-ро, ки ҷавонбухороиён, дурусттар ин ки бархе аз ҷадидони ифроткор, ки аз масъулият ношиносӣ ба рохи моҷароҷӯӣ даромада буданд, (чунончи Файзуллоҳ Хоҷаи ватанфурӯш ва мутаассифона, Мунзим низ) бар по карданд, ёдовар шуда ба ногоҳ чунин хулоса баровардааст: «Ин амали ҷадидон дар таърих бо номи «авантюраи сиёсӣ» сахт маъруф аст, ки акнун дар ин авохир маълум мегардад, ки бо мусоидат ва дастгирии қозикалон (яъне Садри Зиё — М.Ш.) (ва чуноне, ки аз ин навиштаҳо бармеояд, ҳатто то дараҷае сарварии ӯ) ба зуҳур пайваста буд».[270]

Ибни Қурбон ин хулосаро ки гӯё «сухани нав» дар таърихнигорист, дар асоси гуфтаҳои Муҳаммадалии Балҷувонӣ, ки ёддоштҳое ба номи «Таърихи нофеъ» навишта буд, баровардааст. Аммо дар ин гуфтаҳои Муҳаммадалӣ, ки Ибни Қурбон иқтибос овардааст, барои чунин натиҷагирӣ ҳеҷ асосе нест. Мо он пораи китоби Муҳаммадалиро дар дигар навиштаҳои худ оварда будем ва боз ин ҷо меорем, то бовар ҳосил шавад, ки дар ҳеҷ ҷои он ишорае бар ин ки Садри Зиё ташкилкунандаи намоиши ҷавонБухороиён будааст, нест. Инак, матни Муҳммадалӣ, ки воқиаи 9 апрели 1917-ро (ки саҳван ба соли 1918 нисбат додааст), яъне ба дасти балвогарони зидди ислоҳот ва фитнагарони Бурҳониддин афтодани Садри Зиёро тасвир кардааст:

---

[266] *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, саҳ. 101.
[267] *Фитрат*. Ҳамон асар. Саҳ. 30
[268] *С. Айнӣ*.ҳамон асар, саҳ.146
[269] *С. Айнӣ*. Куллиёт. Ҷ. 10, саҳ. 153.
[270] *Ибни Қурбон*. Ҳамон асар, саҳ. 29

«Қозиулқузоти аср, яъне қозӣ Шариф-махдум… маа сиву чиҳил нафар мулозимони худ ба садои пӯшт-пӯшт (ба майдон— М.Ш.) ҳозир шуда омада буданд, ки аз як гӯшаи маърака овози баланд баромад, ки «бизанед ин қозии ҷадиди бединро, ки ин қадар шӯр аз ин ба вуқӯъ омад ва илло набошад ҷадидон ин қадар ҳаракат наметавонанд». Дар замон мардуми тамошобин барои беобрӯй ва задани қозикалонро бисерҳо заданд, ки тамоми либосҳои зардӯзӣ пора шудааст… Амир аз болои арки иморате (аз иморати болои Арк---- М.Ш), … ба дасти худ ишора кардаанд, ки « назанед». Ва бисере аз ин маҳрамбошиҳо барои наҷоти қозикалон омада, ба воситаи тамом ин қозикалонро аз таҳти дасти (пои — М.Ш.) саҳроиён ва авомони шерчангол наҷот дода,ба ҳузури амир ба таҳти як куртаву эзор гирифта бурданд. Агар ин одамони амир дар ҳақиқат халос намекарданд, ба ҳалокат мерасид. Ин воқеа азимтарин ва машҳуртарини воқеоти тараққипарварони Бухорост … Баъд аз ин ҳодиса маълум (машҳур) шуд, ки қозии мазкур дар ҳуррият шудани Бухоро ба дараҷае саъю кӯшиш карда будааст ва яке аз раисони тараққипарварон будааст»[271].

Акнун бубинем, ки аз куҷои ин суханҳои Муҳаммадалии Балҷувонӣ ошкор мегардад, ки Садри Зиё ташкилкунандаи « намоиши шодиёнаи» ҷадидони моҷароҷӯй дар 8 апрели 1917 будааст? Аз ҳеҷ ҷои ин матн чунин маънӣ намебарояд. Муҳаммадалӣ овозаҳоеро зикр кардааст, ки гӯё Садри Зиё «яке аз раисони тараққипарварон» буда, барои ҳуррият шудани Бухоро ба дараҷае саъю кӯшиш карда будааст. Ин гапҳо чунин маънӣ надорад, ки намоиши моҷароҷӯёнаи ҷадидонро 8 апрел Садри Зиё ташкил карда бошад, ин намоиши наҳсбор «то дараҷае бо сарварии ӯ» (яъне Садри Зиё) баргузор шуда бошад. На, гуфтаҳои Муҳаммадалӣ чунин маънӣ надорад. Он овозаҳо, ки гӯё Садри Зиё «яке аз раисони тараққипарварон будааст» низ дуруст набуд. Бале, Садри Зиё яке аз фаъолтарин ва баэътибортарин тараққипарварон (маорифпарварон) буд, вале дар ҳеҷ созмони ҷавонбухороиён мақоми раёсат надошт. Садри Зиё дар созмони пинҳонкори ҷавонбухориён, яъне дар ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол» бевосита узвият надошт, аз берун ширкат меварзид, онро аз роҳи моддиву маънавӣ дастгирӣ мекард (ҳар моҳ пинҳонӣ маблағе барои ёрмандӣ медод) ва ҳоказо. Воқиаҳои моҳи апрели соли 1917 дар чандин асар аз тарафи шоҳидон баён шудааст ва дар ҳеҷ кадоме аз онҳо ишорае нест, ки Садри Зиё дар баҳсҳои ҷавонбухороиён, ки пас аз инқилоби феврали Русия хеле тезу тунд сурат гирфт, ширкат дошта бошад, ҳозирона ё ғоибона дар қабул шудани баъзе қарорҳои ҷавонбухориён (чунончи қарори «намоиши шукрона») саҳм гузошта бошад. Чунин ишорае дар ҳеҷ манбаъ, ки дар даст дорем аз ҷумла дар китоби Муҳаммадалии Балҷувонӣ ва пораи мазкури он ба дид намерасад. Он «сухани нав», ки Ибни Қурбон дар таърихи маорифпарварии тоҷикӣ гуфтан хостааст, аз асоси воқеъӣ маҳрум аст, фақат ба каҷфаҳмӣ ва бадхоҳӣ асос ёфтааст.

Он овозаҳо, ки рӯзҳои пурдаҳшати апрели 1917 паҳн мекардаанд, аз ҷумла он овоза, ки гӯё Садри Зиё «аз раисони тараққипарварон будааст», ба вежа агар ин овоза ба он маънӣ фаҳмида шавад, ки аз сардорони расмии ҷавонбухороиён будааст ин овозаҳо аз як ҷиҳат шояд ба он сабаб паҳн карда мешуд, ки онҳое ки рӯзи 9 апрел қасди ҷони Садри Зиё карданд ӯро ҳалок кардан хостанд (ва чунонки Муҳаммадалӣ мегӯяд, агар фиристодагони амир Садри Зиёро «халос намекарданд, ба ҳалокат мерасид»), худро сафед карданӣ буданд, ба кирдори ҷинояткоронаи худ «сабаб» нишон доданӣ буданд. Ибни Қурбон низ имрӯз он иртиҷоъиёни хунхорро сафед кардан, ба ҷинояти онҳо далел ҷӯстан мехоҳад. Вале як кори ношуданиро иҷро кардан хостааст.

*Боз меоем ба сари Бурҳониддин ва «зиндагиномаи» ӯ.*

Бурҳониддин дар миёни созмондиҳандагони балвои зидди тараққипарварони ислоҳотхоҳ, ташкилкунандагони террори даҳшатангези апрели соли 1917 шахси якум буд. Дар моҳи июли соли 1917 Бурҳониддин дубора ақзалқузот таъин шуд ва фаъолияти ӯ бештар густариш ёфт. Устод Айнӣ дар «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» гуфтааст: «Қозӣ Бурҳониддин аз истибдоди ҳукумат истифода карда, худро тамом соҳиби шариат

---

[271] Ниг: *Ибни Қурбон*. Ҳамон асар, саҳ. 28-29. Мо матни Муҳаммадалии балҷувониро он тавр ки Ибни Қурбон иқтибос гирифтааст, овардем, фақат андак ихтисор кардем. Дар навишти Муҳаммадалӣ ғалатҳои забонӣ ва заъфи таълиф зиёд аст. Мо онро ислоҳ накардем.

мешумурд ва ҳар сухане, ки аз даҳонаш (аз даҳони амир Олим— М.Ш.) хоҳ тасодуфан ва хоҳ қасдан мебаромад, «ал-иёзу биллоҳ» ба ҳукми Қуръони Худо ва ҳадиси расул баробар медонист ва мухолифони худро мункири Худо ва расул мепиндошт».[272]

Ин ишораи устод Айнӣ ба фаҳми камина чунин маъно дорад, ки сиёсати уруқдории Манғития дар даҳаи дувуми садаи бист, ба вежа дар соли 1917 ва 1918-1920 асосан маорифпарварон, тараққихоҳони ислоҳотталабро ҳадаф қарор дода буд ва Бурҳониддин ба яке аз иҷрогарони асосии он сиёсат табдил ёфт. Дурусттар ин ки иҷрогари асосӣ ӯ шуд. Абдуррауфи Фитрат мегӯяд: Бурҳониддин «баъд аз воқиаи азли Насруллоҳи қушбегӣ (14 апрели 1917 — М.Ш.) ҳокими мутлақи Бухоро шуда буд. Аҳолии дарборро ба зарби пул тарафдори худ карда чанде аз муллоёни фитнаталаби бесарупоро ба даври худ ҷамъ карда, ба сиёсати хориҷӣ ва дохилии Бухоро таъсирҳои куллӣ мекард. Он қадар хунрезиҳо, тороҷҳо, беинсофиҳо, ки аз воқиаи Колисуф (9 марти 1918— М.Ш.) то инқилоби калони Бухоро (1920—М.Ш.) дар қаламрави амир ба амал омад метавон гуфт, ки Бурҳониддинро дар ҳамаи онҳо дахли куллӣ буд».[273]

Дар боло дида будем, ки қозӣ Бадриддин — падари Бурҳониддин дар Бухоро бо зобитиву золимӣ мақоми ҳокими мутлақро ба даст оварда буд. Ин ҷо Фитрат хабар додааст, ки Бурҳониддин низ оқибат ҳокими мутлақ шуд.

«Ҳокимияти мутлақи» Бурҳониддин барои мубориза бераҳмона бо равшанфикрон, барои устувор кардани пояҳои аморат ва мақоми худ истифода гардид, ки воситаи асосии он хунрезӣ буд. Бурҳониддин хунхори носер буд. Устод Айнӣ баёни инқилоби Бухороро бо ин ҷумлаҳо ба поён расонидааст:

«Мисли қозикалон Бурҳониддин, раис Мусанниф ва соири ашхосе ки дар хунрезӣ аз ҳама пешӣ гузида буданд ба дасти ҷавонон (инқилобиён— М.Ш.) гирифтор шуда, баъд аз муҳокима ба ҷазои эъдом ва қасос маҳкум гардиданд.

*Дидӣ, ки хуни ноҳақи парвона шамъро*
*Чандон амон надод, ки шабро саҳар кунад».*[274]

Мо ҳам «зиндагиномаи» Бурҳониддинро дар ҳамин ҷо ба поён мерасонем. Бисёре аз даҳшатҳову ваҳшатҳое, ки ба номи ӯ вобастагӣ доранд, ин ҷо ғунҷоиш надошт. Бархе аз падидаҳои разолати ӯро дар поинтар боз хоҳем дид.

9

Мо дар се фасли охир чигунагии ҳокимияти се тан байзоии Бухоро мулло Садриддин, мулло Бадриддин ва мулло Бурҳониддинро, ки дар тӯли ним сада қозикалон буданд, аз назар гузаронидем. Акнун лозим аст, ки ба қадри ҳол гуфтаҳоро ҷамъбаст бикунем ва натиҷа бигирем.

Ибни Қурбон дар шиносномаи китоби худ гуфтааст: «Панҷоҳ соли охири «ҳукмронии» кӯҳистониён дар аморати Бухоро бар нафъи миллат будааст ё бар зарари он?».[275] Ибни Қурбон ҷавоб додан ба ин суолро вазифаи худ дар китоби « Фавоҳиш ва Раҳоиш» донистааст. Натиҷагирии ӯ дар ин китоб посухи мусбат ба он пурсиш аст, яъне ин аст, ки панҷоҳ соли ҳукмронии хонадони Байзо дар Бухоро бар нафъи миллат будааст. Ин яке аз моддаҳои асосии даъвономаи Ибни Қурбон аст.

Чун нигоҳи кӯтоҳе ба зиндагиномаи ҳар се Ибни Байзо андохтем, ошкор гардид, ки ин даъвои Ибни Қурбон бебунёд аст. Хулосаи мо ин аст, ки баръакс ҳукмронии аҳли хонадони Байзо дар Бухоро бар зарари миллат сурат гирифт ё дурусттар он ки аз оғоз бар зидди миллат равона шуда буд ва то анҷоми кор ба ҳамин самт рафт.

Мо дар боло вожаи «байзоият»-ро ба кор бурдем. Ақида дорем, ки дар аҳди Манғития як рӯйдоди иҷтимоъиву сиёсӣ ба вуҷуд омад, ки онро байзоият тавон номид. Сабаби пайдоиши байзоият ин буд, ки дар ҷомеа як навъ гурӯҳбандии хос вуҷуд дошта, ин тақсимбандӣ чун омили асосӣ ё яке аз зӯрмандтарин омилҳои иҷтимоъиву сиёсӣ нақш ифо

---

[272] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 10. Саҳ. 170
[273] *Фитрат*, ҳамон асар, саҳ. 30
[274] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 10, саҳ. 185.
[275] *Ибни Қурбон.* Фавоҳиш ва раҳоиш, саҳ. 2.

кардааст. Ҷомеа ба ду гурӯҳи ҳокимон ва маҳкумон тақсим шуда буд. Ин тақсим бештар хосияти қавмӣ дошта, як қавми ҳоким бар сари қавми маҳкум нишаста буд. Қавми ҳоким иборат аз туркони манғити узбак буда ақалиятро ташкил мекард. Қавми маҳкум мардуми бумӣ, асосан тоҷикон буда, аксарияти аҳолиро ташкил мекарданд. Қавми ҳокимро уруқдорон ва маҳкумро шогирдпешагон номида буданд. Уруқдорон мардуми бумиро, аз ҷумла аъёну ашрофи онҳо ва уламои исломро ба маҳкумияти куллӣ нигоҳ доштан мехостанд. Муборизаи қавмӣ то рафт тезу тунд шуда, дигар зиддиятҳои гурӯҳӣ, аз ҷумла муборизаи синфӣ (табақотӣ)-ро, агар вуҷуд дошта бошад ё ба миён биёяд, ба кундӣ мекашид.

Садриддини Айнӣ соли 1925 дар бораи низому сохтори ҷомеа дар Бухоро ва хусусияти ихтилофоти иҷтимоъиву сиёсии он як ақидаи муҳим баён карда буд. Вай дар мақолаи «Ленин ва Шарқ» гуфтааст: «Рафиқ Ленин медонист, ки дар Шарқ аз худи аҳли Шарқ сармоядорони бузург нест, дастгоҳҳои мошинкорӣ ва корхонаҳои асбобсозӣ нест, бино бар ин ҷамоаи муздуроне, ки дар як ҷо гирд омада бошад, ҳоло нестанд, балки дар олами Шарқ аз ҳар табақа ва синф ки бошад, як муштипари мазлум, як фирқаи сомон барбоддода ҳастанд. Ин фирқа (баъзе ашхос истисно шаванд) иборат аз тамоми аҳли Шарқ ва ба иборати дигар як тӯда миллати мазлумаи мағлуба ҳасту бас. Сабаб ин буд, ки рафиқ Ленин бинои озодии Шаркро ба муборизахои синфӣ нагузошта ба ҳаракатҳои миллӣ гузошт».[276]

Муайян кардани ин, ки устод Айнӣ ин омӯзаи В.И.Ленинро дар кадом асари ӯ дидааст, мутаассифона ба мо муяссар нашуд. Гумон меравад, ки шарҳу эзоҳи гуфтаҳои Ленин аз худи Айнист, яъне устод аз кадом як сухани Ленин илҳом гирифта, фаҳмиш ва ақидаи худро баён кардааст. Агарчи дар ин мақолаи Айнӣ сухан аз Шарқи хориҷӣ, аз Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон, Туркия ва ғайра меравад, ба фикрам устод Бухорои аҳди манғитиёнро низ то андозае ба назар дошт. Муҳимтар аз ҳама дар ин мақола он аст, ки озодӣ на ба муборизаи синфӣ, балки ба ҳаракатҳои миллӣ вобастагӣ дорад. Ин омӯза хоҳ аз Ленин аст, хоҳ аз Айнӣ, аз он ҷиҳат муҳим аст, ки барои фаҳмидани сохтору низоми ҷомеаи аҳди Манғития ва зиддиятҳои асосии он, ки чун омили муҳимми иҷтимоъиву сиёсӣ умдатарин равандҳои замонро муайян кардаанд; роҳ боз мекунад.

Дар ҷомеаи Бухорои садаи 19 зиддияти асосӣ зиддияти қавмӣ буд, ки дар байни қавми ҳоким–туркҳо ва қавми маҳкум – асосан тоҷикҳо мавҷуд буд. Эрониёни Бухоро низ дар нимаи дувуми садаи 19 қариб тамоман тоҷик шуда буданд ва агарчи эронӣ ё форс номида мешуданд (бархе аз онҳо дар замони шӯравӣ ҳам дар шиноснома худро форс навиштанд), бо вуҷуди ин дар оғози қарни 20 аз тоҷикон бештар бо он ки шеамазҳаб будаанд, фарқ доштанду бас. Дар ин миён яҳудиёни Бухоро низ буданд, ки аз онҳо фақат чалаҳо тоҷик шуда буданд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми саршумори аҳолӣ, ки соли 1926 баргузор шуд, бо сабабҳои муайян бисёр яҳудиён худро тоҷик нависонданд. Бо вуҷуди ин, онҳоро ба қатори тоҷикҳо ба шумор наоварем ҳам, аксарияти куллиро дар урдугоҳи маҳкумон тоҷикҳо ташкил кардаанд.

Аз ин рӯ тавон гуфт, зиддияти асосӣ дар ҷомеа ҳамон зиддияти дерини турку тоҷик буд. Турки ғолибу ҳоким ва тоҷики мағлубу маҳкум бо ҳам рӯ ба рӯ истода буданд. Албатта дар байни ҳар кадоме аз ин ду гурӯҳ, дар байни туркҳо ва тоҷикҳо низ ихтилофоти дохилӣ мавҷуд буд, вале манфиатҳои умумии қавмӣ он ихтилофоти дохилиро ба худ тобеъ медошт, манфиатҳои қавмӣ ба ҳам зид меистод, як қавм бо манфиатҳои ҳамагонии худ ба қвами дигар зид мерафт. Ҳукмронии туркҳо бар сари тоҷикҳо ба дараҷаи муайян чи ба мардуми одии заҳматкаш, чи ба аъёну ашроф ва уламои ислом қариб баробар ҷорӣ буд. Муборизаи тоҷикон дар роҳи ҳимояи манфиатҳои қавм худ бештар қишрҳои гуногуни ҷомеа — ҳам мардуми одӣ, ҳам уламо, равшанфикрон ва ғайраро ба ҳам наздик ва гоҳ муттаҳид менамуд.

Тоҷикон сарҷамъ ва бо қувваи тамом бо ғосибон пархош мекарданд. Аз ин талошу пархош ки чанд сад сол давом дошт, мардум монда шуда буданд, дигар мадор надоштанд, ки ҷандала кунанд. Бо вуҷуди ин ҳар сари чанд гоҳ мубориза қувват мегирифт. Як мисоли

[276] *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 9, саҳ. 213.

он шӯриши муллову муллобачаҳо ва тамоми мардуми сарбаланди Самарқанд дар ҷавоби ситамкории Шералӣ аст, ки дар боло дидем.

Ин саркашӣ ва муқобалати рӯзафзун аз аҳди амир Музаффар амнияти давлатро хеле бештар зери хатар гузошта буд. Барои пешгирии ин хатар дастгоҳе таъсис шуд, ки мо онро байзоият номидем.

Байзоият ниҳоде буд, ки барои саркӯби мардуми бумии кишвар бо дасти намояндагони бархе аз тоифаҳои худи ин мардуми бумӣ таъсис ёфт. Барои ин ки ҳокимияти аҷнабиён гӯё ба бумиён наздиктар шуда бошад ва бисёр бегона нанамояд, лозим омад, ки дар радаҳои болоиву поинии ҳокимият намояндагони баъзе аз қишрҳои ҷомеа ҷалб шаванд, ки дар назари мардуми таҳҷоӣ «худӣ» бошанд ва дар айни ҳол андаке «бегонагӣ» ҳам дошта бошанд. Дар баъзе мавридҳо ба ин дастнишондагони давлат, ки иҷрогарони фармонбардору ҷонсупори сиёсати уруқдорӣ буданд «ҳокимияти мутлақ» дода шуд, то ки ҳукми аҷнабиёни турк дар сари таҳҷоиҳо бо сангдилии бештар иҷро шавад ва гуноҳи соҳибони аслии давлат яъне аҷнабиёни турки ҳоким камтар намудор ояд. Байзоият ҳокимият додан ба дастнишондагони зархарид, ба ин восита пора кардани ҷомеаи бумиён, ба ҳам зид гузоштани ин пораҳо, душманӣ ба вуҷуд овардан дар байни он пораҳо ва ҷанг андохтани онҳо, истифодаи тафриқа ва ҷудоӣ миёни ин пораҳо барои иҷрои ҳар чи мукаммалтари сиёсати уруқдорӣ, барои дар шиканҷаи ҳамешагӣ нигоҳ доштани қавми маҳкум будааст. Кам ё беш шарик шудан ба ҳокимияти бегонагон лозим дошт, ки дастнишондагон дар ситами қавмӣ бештар аз хоҷагони худ ё лоақал баробари онҳо кӯшо бошанд. Манғитиҳо агарчи панҷсад сол дар Мовароуннаҳр зистанд, ҳанӯз аҷнабӣ буданд ва аз дастнишондагони худ нисбат ба мардуми бумӣ муомилаи ваҳшониятомез мехостанд. Аз ин рӯ байзоиён, чунонки дидем, бениҳоят бераҳмӣ карданд. Аз ҷониби дигар итоат ва садоқати комил ба соҳибдавлати худ, ба уруқдорон ва уруқдорӣ аз шартҳои асосии байзоият буд. Ҳамбастагии сахти «ҳокимияти мутлақ» аз як тараф ва садоқату итоати комил аз тарафи дигар на танҳо аз фаъолияти Садриддину Бадриддину Бурҳониддин, балки аз амалиёти ҳамаи дигар байзоиёни баландмартаба ва пастмартаба дида мешавад.

Албатта ҳар касеро, ки ба хидмати давлат даромад ва ба иҷрои аҳкоми шариат пардохт, натавон байзоӣ номид. Ҳама мансабдорони Бухорои садаи 19 ва оғози садаи 20-ро байзоӣ пиндорем, саҳв хоҳем кард. Бисёр касоне буданд, ки дар душвортарин шароити ҳукмронии сиёсати уркдорӣ барои дастгирии адлу инсоф, барои ҳимояи мардум аз тааррузи уруқдорон, барои хидмати халқ мансабҳои мулкӣ ва шаръӣ мегирифтанд. Бархе аз онҳоро расидан ба ин мақсадҳо каму беш муяссар мегардид. Аз таърихи ҳаёти иҷтимоъӣ, фарҳанг ва адабиёт чандин нафарро медонем, ки соҳиби мансабҳои хурду калон будаанд ва дар роҳи адлу инсоф фидокориҳо кардаанд. Баъзе маорифпарварон аз ҳамин ҷумлаанд. Чанде аз онҳо бо вуҷуди он ки соҳиби мансаб будаанд, дар муборизаи зидди байзоиён фаъолона ширкат доштаанд.

Инро ҳам бояд бигӯем, ки байзоият мафҳуми ҷуғрофиёӣ набуда, мафҳуми иҷтимоъиву сиёсист. Чун номи ин рӯйдоди таърихӣ аз номи Ибни Байзо гирифта шуд ва Ибни Байзоҳо аз кӯҳистони тоҷик будаанд, набояд гумон кард, ки байзоият хоси ин тоифаи миллат будааст. Мафҳуми байзоият чи кӯҳистониёни Бухоро, чи эрониёни маҳалӣ, чӣ бухороиён ва ғайра тоҷикони минтақаҳои гуногунро фаро гирифтааст, моҳияти он барҷастатар аз ҳама дар фаъолияти се байзоии мазкур ва чанд эронии бухороӣ ифода шудааст. Ин нукта низ бояд ба такрор таъкид шавад, ки бештарини эрониёни Бухоро дар нимаи дувуми садаи 19 дигар тоҷик шуда буданд ва дар замони шӯравӣ тоҷик ба шумор омадаанд. Ба ҳар ҳол дар садаи 19 ҳам эрониёни Бухоро дар тазоди «турку тоҷик» худро ба бахши дувуми ин мафҳум медароварданд.

Бисёр рӯҳониёне, ки аз шаҳри Бухоро, тумонҳои атрофи он, вилоятҳои марказии аморат буданд, ба рисолати таърихии худ хиёнат карда, ба байзоиён пайвастанд ва юғи итоати комили манғитиёнро ба гардан гирифтанд. Ҳангоме ки таърихномаҳои садаи 19 ва 20-ро, чунончи навиштаҳои Айнӣ ва Фитратро мутолиа мекунем, бисёр иртиҷоъиёнро мебинем, ки аз шаҳри Бухоро ва тумону вилоятҳои атрофи он будаанд. Иртиҷоъ, хиёнат, ситам ва монанди инҳо чун одамият, ватандӯстӣ, миллатпарварӣ ва ғайра мансубияти ҷуғрофӣ ва миллӣ надорад. Байзоият низ чунин аст. Инро аз як мисоли хурд метавон дид. Чунонки устод Айнӣ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» чун аз террори даҳшатангези соли 1918 сухан меронд, гуфтааст: «Қозикалон Бурҳониддин, раис Мусанниф, вакил Қутбиддин, Ибодуллоҳ ва мулло Холмурод, аз аҳли дарбор: Имомқул, Ҳоҷӣ Латиф Аҳрорқул, аз аҳли бозор: Қоршибек, Усмони Аттор доди хунрезӣ ва торочи моли мардумро

доданд».[277] Аз ин дах нафар медонем, ки Бурхониддин аз ахли кӯхистон буд, Имомкули хазинадор, ки яке аз палидтарин дарбориён буда, разолати ӯро Фитрат ва Садри Зиё ва Айнӣ хеле барҷаста нишон додаанд, шояд аз туркон бошад. Мулло Холмурод гӯё марғинонӣ будааст. Боқӣ ҳама агар хато накунам, аз Бухоро ва атрофи он буданд. Бархе аз инҳо дар як давраи маҳдуд ва андак муддат, бархе солҳои сол, аммо хонандони Байзо дар давоми умри чанд насл дар ҷомеа нақши иртиҷоъӣ доштанд. Таассуб, манфиатҷӯӣ, ҳама фаъолияти иртиҷоъии онҳо падидае аз байзоият буд. Байзоият такягоҳи асосии уруқдорӣ ва ба ин сабаб пушту паноҳи муҳофизакорӣ ва иртиҷоъ буда,ҳама иртиҷоъиёнро, қатъи назар аз ин ки аз кадом минтақаи ҷуғрофӣ будаанд, ба оғӯш гирифта буд.

Ба ин ваҷҳ гӯшгузор меоварем, ки байзоият ҳаргиз мафҳуми ҷуғрофиёӣ набуда, комилан маънои иҷтимоъиву сиёсӣ дошта, дар таърих накши иҷтимоъиву сиёсии иртиҷоъӣ гузоштааст.

Ҳам мулло Садриддин, ҳам мулло Бадриддин, ба вежа Бурҳониддин бисёр кӯшиданд, ки ҳама кӯҳистониёни Бухороро, яъне он ҳамдиёрони худро, ки то рафт бештар ба Бухоро барои таҳсил ё ба ҷустуҷӯи кор меомаданд, ба гирди худ ҷамъ бикунанд, ба худ тобеъ бидоранд, то фармонбардор ва хидматгузори беминнати хонадони Ибни Байзо бошанд. Ба ин мақсад авлоди Байзо ранг ба ранг дом ниҳоданд ва бештарини кӯҳистониёни Бухоро ба дом афтода буданд. Онҳо ба авлоди Байзо, ба ин ҳамдиёрони олимақому иқтидорманди худ эҳтироми хос доштанд ва дониставу надониста раъйи норавои ин пешвоёни худро бе чуну чаро иҷро мекарданд. Ба касофати аҳли хонадони Байзо «талабаи кӯҳистонӣ» ба «талабаи тумонӣ» наомехта ва ни ду гурӯҳ то охири даҳаи дувуми садаи бистум аз ҳам ҷудо ва зидди ҳам қарор доштанд. Чунонки гуфтем, як ҳадаф аз сиёсати уруқдорӣ ҷудоӣ андохтан ба ҷомеа буда, ба ду гурӯҳ тақсим шудани муллову муллобачаҳо як натиҷаи ҳамон сиёсат аст, ки ба дасти се Ибни Байзо иҷро гардид.

Ин ҳам муҳим аст, ки на ҳама зиёиёни кӯҳистонии Бухоро ва талабахои кӯҳистонии мадрасаҳои Бухоро сиёсати уруқдориро пазируфтанд, ба байзоиён пайвастанд ва бархе аз онҳо ҳатто ба муқобили байзоият мубориза карданд. Чунонки байзоиён танҳо аз кӯҳистониёну эрониён иборат набуданд, кӯҳистониёну эрониён низ ҳама байзоӣ нашудаанд. Мо дар як фасли боло дидем, ки эрониёне ки иҷрои сиёсати уруқдориро ба гардан гирифта бошанд, на ҳама эрониёни Бухоро, балки як бахши онҳо будаанд. Кӯҳистониёни Бухоро ба маротиб бештар байзоӣ шуда, вале бисёре аз онҳо ба ин бало гирифтор нагардидаанд, худро аз он дур доштаанд.

## 10

Устод Айнӣ дар баёни ҳоли фаъолони маҳфили адабии Садри Зиё шоир мулло Бурҳон Муштоқии Бисмилро ном мебарад, ки кулобӣ будааст.[278] Устод дар ҷои дигари «Ёддоштҳо» мегӯяд, ки Муштоқии Бисмил «хушгап ва ҳикоябоф буда, дуруштмуомилагии кӯҳистониро бо ширинсухании бухороӣ дар худ ғун карда буд».[279]

Мебинед, ки кӯлобӣ аз ҳамсӯҳбатони Садри Зиё, аз аҳли маҳфили ӯ будааст. Яъне Садри Зиё аз кӯҳистониён рӯ нагардонидааст, агар дили соф дошта ва аҳли сухан бошанд, онҳоро хуш пазируфтааст, чунончи аз ширинсуханӣ ва ҳикоябофиҳои Муштоқии Бисмил ҳаловат бурдааст.

Устод Айнӣ ҳикояҳои ширин ва пурҳиссиёти «Кафш пешмонии ҳазрати Хоҷа Ӯбон» ва «Духтари ноком»-ро дар қисми дувуми «Ёддоштҳо» аз забони Муштоқӣ овардааст. Муштоқии Бисмил ровӣ ва яке аз қаҳрамонони асосии он ҳикояҳо буда фоҷиаи духтари нокомро ба ҳаяҷони романтикӣ баён намуда, расвоиҳои хурофотпарастии падари духтари

[277] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 10, саҳ. 177.

[278] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 7, саҳ. 10
[279] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ.6, саҳ. 358.

нокомро бо ҳаҷви тезу тунд фош кардааст. Аз рӯйи тасвири Айнӣ мулло Бурҳони Муштоқӣ соҳибдили нозук ва ҳассосест ва нисбат ба мутаассибони кӯрдил нафрат дорад. Бешак ҳамин гуна хислатҳо ӯро ба маҳфили Садри Зиё оварда буд. Маҳфили Садри Зиё наҷобати дили равшанфикронро зӯр бахшида, ба мубориза бо байзоият сафарбар кард, ки яке аз онҳо Муштоқии Бисмил будааст.

Пас Садри Зиё ҳама кӯҳистониёнро бад намедидааст.ҳамаи онҳоро «авлоди Байзо» нахондааст, «тоифаи дания» ва «ҷамоаи разила» надонистааст. Пас ӯ фақат аз байзоиёну базоият нафрат доштааст.

Садри Зиё ҳама умр дӯстони ҷони аз вилоятҳои гуногуни Бухоро ва Мовароуннаҳр доштааст. Чунончи солҳои таҳсил, ба вежа баъди даргузашти падараш, ки мотамдор ва дар ғаму андӯҳ буд, чанд нафар ҳамдаму мӯниси ӯ буданд. Ӯ онҳоро дар Рӯзномаи худ ном бурдааст: мулло Абдуссаломи Ғиждувонӣ, мулло Абдулазизхоҷаи Азиз тахаллуси куҳандизӣ (қундузӣ), мулло Назруллоҳи Бухороии мутахаллис ба Лутфӣ, мулло Ошурмуҳаммади Бухороӣ, мулло Муҳиддини хаттоти лаввоҳ, (ки нисбааш зикр нашудааст), мулло Абдулазизи тошкандӣ, мулло Насриддини Қаротегинӣ.[280] Дар ҷои дигар, ки Садри Зиё ҳамнишинони худро номбар кардааст, дар байни онҳо мулло Абдурраззоқи муфтии марғинонӣ ва мулло Дӯсти муфтии бойсунӣ ҳастанд[281].

Чунонки дидем, аз ин чанд нафар танҳо баъзеҳо ҳамшаҳрии Садри Зиё, яъне бухороӣ буданд, дигарон ҳама омадаҳое аз вилоятҳои дуру наздик, яке аз кӯҳистони Қаротегин дигаре аз Бойсун буд. Яъне дӯсти Садри Зиё аз кӯҳистон танҳо Муштоқии Бисмил набудааст. Ғайр аз ин Мулло Дӯстмуҳамади Нодири Бойсунии шоирро, ки ба Садри Зиё некиҳо карда буд, дар поинтар хоҳем дид. Мо дар як навиштаи худ ишора карда будем, ки дар миёни дӯстони ҷонии Садри Зиё аҳли фазл аз минтақаи Хатлон кам набудаанд. Ӯ дар як рисолаи худ Шаҳобиддин- махдуми хатлонии мутахаллис ба Афсарро аз наздиктарин дӯтони худ донистааст. Садри Зиё дар бораи Афсар ва Шоҳин мегуяд: «Он ду нафар аҳиббои роқими саводанд[282]». Аз ин ҷумла оҳанги меҳр шунида мешавад.

Дӯстии Садри Зиё ва Шамсиддин маҳдуми Шоҳини кӯлобӣ як достони дилнишин дорад.

Шамсиддини Шоҳин аз фаъолони маҳфили адабии Садри Зиё будааст. Устод Айнӣ дар қисми севуми «Ёддоштҳо» мегӯяд, ки Шоҳин «то ба дарбор баста шуданаш ҳафтае як бор ба он маҷлисҳо (яъне маҳфили адабии Садри Зиё – М.Ш.) иштирок мекард». [283] Вале баъд аз ин ҳам Шоҳин монанди Аҳмади Дониш дар маҳфили Садри Зиё ҳамеша ғойибона ҳузур дошт. Устод Айнӣ хабар додааст, ки « шеърҳои Шоҳин ҳамеша дар он маҷлисҳо хонда мешуданд ва ҳар шеъре ки ӯ гӯяд, дар рӯзи дувуми гуфта шуданаш ба он ҷо меомад »[284], яъне Шоҳин шеъри навашро нахуст ба Садри Зиё мефиристод. Аҳли маҳфил он шеърҳоро мухокима мекарданд, нафосат ва маъниҳои ниҳонии онҳоро падид оварда, ҳаловат мебурданд. Устод Айнӣ таъкид намудааст: «Ҳамсӯҳбатони Шарифҷон-махдум ҳамагӣ ӯро (Шоҳинро — М.Ш.) ба некӣ ёд мекарданд.»[285] . Аз ин мебарояд , ки аҳли маҳфили Садри Зиё қадри Шоҳин ва шеъри ӯро медонистанд, қадршиноси истеъдоди ӯ буданд. Аммо амир ва қозӣ Бадриддини кӯлобӣ, чунонки дар рисолаи «Садри Бухоро» гуфта будем, қадри Шоҳинро надонистаанд. Ӯро хеле азоб додаанд. Лекин Ибни Қурбон манғитиён ва байзоиёнро тоҷикпарвар ва кӯҳистонидӯст номидаасту Садри Зиёро душмани кӯҳистониён. Воқеаит дар оинайи шуури Ибни Қурбон по дар ҳаво акс андохтааст.

Бинед, ки Садри Зиё дар қадршиносии Шоҳин ва бузургдошти ӯ чиҳо гуфтааст. Ӯ дар рисолаи «Фузалои мутааххирин» Шамсиддини Шоҳинро чунин таъриф кардааст: «Ба ғоят заҳину фаҳим, мулоимхӯву ҳалим, дар шоирӣ беназир, дар хаттотӣ беадил буд. Дар аксари улум соҳиби вуқуф, аз ғолиби фунун бохабар, хоса дар шоирӣ аз тамоми муосирон мумтоз буд[286]».

Дар нигоштаҳои Садри Зиё дар бораи Шоҳин маълумоти муҳим зиёд омадааст. Ин миқдор маълумоти мӯътамади холисона, ин қадар эҳтиром ва меҳру муҳаббат, ки дар осори

---

[280] Ниг: Рӯзномаи Садри Зиё, саҳ. 126-127.
[281] Ҳамон асар, саҳ. 208
[282] *Садри Зиё.* Набзе аз гузоришоти аҳволи бандаи шикастабол,дастнависи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Тошканд,№1304, саҳ. 137.
[283] *С. Айнӣ.* Кулиёт, ҷ. 7, саҳ,29
[284] Ҳамон ҷо.
[285] Ҳамон ҷо
[286] Ниг: *Садри Зиё.* Тазкори ашъор. Теҳрон, Суруш, 1380=2001, саҳ. 310

Садри Зиё нисбат ба Шоҳин ҳаст, дар ҳеҷ яке аз сарчашмаҳои адабии он замон ба дид намеояд. Тазкираи Садри Зиё «Тазкори ашъор» барои тарғибу ташвиқ ба сурудаҳои маорифпарвароне чун Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин ва дигарон, барои шарҳу эзоҳи эҷодиёти онҳо, ба вежа барои ҳимояи онҳо аз ҳамлаву ҳуҷуми мухолифон, барои радди носазои манғитиён ва байзоиён дар ҳаққи онҳо навишта шудааст, ки мо дар ин бора дар як мақолаи дигари худ сухан рондаем. Маълум мешавад, ки аҳли дарбор ва рӯҳониёни расмӣ (аз ҷумла қозӣ Бадриддини хатлонӣ) ба Шоҳин муносибати баде доштаанд. Садри Зиё мегӯяд, ки ба Шоҳин лозим омад ба дарбори амир Музаффар «ночор бояд ҳамеша бо одамони мухолифи маслаки худ мусоҳиб шуда, ба ин як ҷамоаи нархар, ки ҳар як мағрури кисаву камар буда, аз фазлу ҳунар хабар надошта, соҳибони фазлу камол ба назарашон хору залил менамуд, дору мадор кунад»[287] Садри Зиё бо ҳамин «ҷамои нархар» — хоҳ манғитӣ бошанд, хоҳ байзоӣ, мубориза мекард ва азизоне чун Шоҳинро ҳимоя мекард. Аммо Ибни Қурбон имрӯз ҳамон «ҷамоаи нархар»-ро (ба такрор мегӯем) ситоиш ва Садри Зиёро накӯҳиш мекунад. Ба пиндори ӯ ҳамон ҷамоаи манфур тоҷикиятпарвар ва илмдӯст будаанду Садри Зиё душмани кӯҳистониён! Аҷаб пиндори нораво.

Шамсиддин-махдуми Шоҳин дар қасидаи машҳураш, ки ба мадҳи Садри Зиё сурудааст, мегӯяд:

*Не бар ман эътимод касеро, на эътибор,*
*Не бар ман илтифот касеро, на ихтиёр.*
*Инак дар ин диёр манам аз сафои табъ*
*Ойинае ки қадр надорад ба Зангибор.*

Ин аст, ки Шоҳин хор шуда буд, ба дарбор, ба назари амир Абдулаҳад ва дарбориёни ҷоҳил («ҷамоаи нархар» ба гуфти Садри Зиё) эътибор надошт, муҳимтар он ки «ихтиёр» аз даст рафта буд, яъне аз майдатарин падидаҳои озодӣ маҳрум шуда буд.

Шоҳин дар ду байти боло ва бархе аз шеърҳои дигараш аз ҳамин хориву зорӣ ва «беихтиёрӣ» нолиш мекунад. Ин бор аз бахти баргашта ба Садри Зиё шикоят овардааст. Садри Зиё ва аҳли маҳфили адабии ӯ аз онҳое буданд, ки қадри Шоҳин донистанд, ӯро бениҳоят арҷгузорӣ карданд. Шоҳин гӯё барои қадршиносонаш, ки дар маҳфили адабии Садри Зиё буданд, барои Садри Зиё шеър мегуфт ва ҳамин ки гуфт, ба ин маҳфил мефиристод. Ин аст, ки маҳфили адабии Садри Зиё як сарчашмаи илҳоми Шамсиддини Шоҳин буд, аз он тасаллои дил меёфт.

Садри Зиё қадри Шоҳинро баланд бардошта буд, Шоҳин низ дар бораи Садри Зиё дар он қасида аҷаб байтҳои олии пур аз сипос ва самимият гуфтааст:

*Фарзанди арҷманди хидеви замонӣ,*
*Бар он ки ёфт пояи давлат бад-ӯ қарор.*
*Қозикалони шаҳри Бухоро ки номи ӯ*
*Дар ӯлкаҳои Рум занад кӯси иштиҳор.*
*Ӯ осмони рифъату ту моҳи осмон,*
*Ӯ ҷӯйбори ҳикмату ту сарви ҷӯйбор.*
*Дасти сахои туст ба исори симу зар,*
*Аз эҳтизоз бод чу нахли шукуфадор…*
*Маҳкам бувад иродати ту бар замири ман,*
*Чунонки сим дар дили санг аст устувор*
*Шоҳин ҳамеша сайди кабӯтар кунад, вале*
*Ин турфа, шуд кабӯтари хулқи туро шикор.*
*Манзури ман зи мадҳи ту ҷуз дониши ту нест,*
*Ҳаргиз маро зи аҳли таваққӯъ гумон мадор…*
*Бодо туро шукуфта рухи дӯст чун суман,*
*Бодо туро кафида дили хасм чун анор.*

Дуои баде, ки дар охир омадааст, бисёр ҷолиб аст. Хасми Садри Зиё он солҳо қозӣ Бадриддин буд, пас қозӣ Бурҳониддин шуд. Имрӯз Ибни Қурбон аст. Шоҳин ҳамдиёри худро ба хотири Садри Зиё дуои бад кардааст. Дуои бади Шоҳин дар ҳаққи Бадриддину Бурҳониддину мустаҷоб шудааст, ки имрӯз ҳар ду дар пеши таърих рӯсиёҳанд. Банда ҳаргиз

---

[287] *Садри Зиё*, ҳамон асар, саҳ. 313.

раво надорам, ки дуои Шоҳин дар ҳаққи Ибни Қурбон ҳам мустаҷоб шавад. Аз эҳтимол дур нест, ки Ибни Қурбон хатои худро бифаҳмад ва гуноҳи худро бишӯяд.

Ин эҳтимол ҳам ҳаст, ки Шоҳин хасми Садри Зиёро хасми худ медонист. Дар он пораи мадҳияи Шоҳин, ки дар боло овардем, се байти аввал дар мадҳи қозӣ Абдушшакури Оят падари Садри Зиёст. Чунонки дидем, қозӣ Абдушшакури Оят ва қозӣ Садриддини Байзоӣ душмани якдигар буданд, аммо Шоҳин тарафи ҳамшаҳрии худро нагирифтааст ва дар бораи Оят бо эҳтироми тамом шеър сурудааст. Лекин дидгоҳи Шоҳин дар назари Ибни Қурбон аҳамият надорад. Сухани Шоҳин чунонки дар пеши аҳли дарбори Манғития эътибор надошт, ба назари Ибни Қурбон низ эътибор надорад ва аз ин рӯ Ибни Қурбон ба чеҳраи Абдушшакури Оят аз бинишгоҳи ибни Байзо менигарад ва арзиш медиҳад. Меъёри арзёбии шахсиятҳои таърихӣ ва рухнамудҳои ҳар замонеро аз фаҳмиши пешқадамони вақт бояд ҷуст, на аз носазоҳои иртиҷоъиён, вале Ибни Қурбон баръакс амал мекунад. Шоҳин Абдушшакури Оятро «хидеви замон» ва «осмони рифъат» ва «ҷӯйбори ҳикмат» номидааст. Банда дар ин маврид на ба гапи Ибни Байзо ва Ибни Қурбон, балки ба сухани волои Шоҳин, ки «манзури ӯ ҷуз дониш» набудааст, бовар мекунам.

Дар як порае, ки аз сухани Садри Зиё дар боло овардем, гуфта шудааст, ки дарбориён «мухолифи маслаки» Шоҳин буданд, байни Шоҳин ва онҳо мухолифати маслакӣ вуҷуд дошт. Чунин мухолифати маслакӣ дар миёни Шоҳин ва қозӣ Бадриддини байзоӣ низ мавҷуд буд. Дар маҳфили Садри Зиё яке аз мавзӯъҳои сӯҳбат ҳамин мухолифат ва падидаҳои он, инчунин мазаммати рафтору кирдори қозӣ Бадриддин ва иҷрогарони сершумори фармоишҳои ӯ будааст. Зиддияти миёни аҳли маҳфили Садри Зиё ва қозӣ Бадриддин на ба он сабаб будааст, ки Бадриддин кӯҳистонӣ буд, балки ба он ваҷҳ будааст, ки ӯ байзоӣ буд. Зиддияти байни аҳли маҳфили Садри Зиё ва Ибни Байзо падидае аз ҳамон «мухолифати маслакӣ» буд. Мубоизаи маорифпарварон ва байзоиён на мубориза байни мардуми минтақаҳои гуногун, на мубориза маҳалгароӣ, балки талоши ақидатӣ ва ғоявӣ буд. Аз ин ҷост, ки аҳли маҳфили Садри Зиё бо Шамсиддин-махдуми Шоҳини Хатлонӣ дӯст, бо Бадриддини Байзоии Хатлонӣ душман будаанд. Ҳамчунон ки байзоият мафҳуми ҷуғрофиёӣ набуда, маънои иҷтимоъиву сиёсӣ дошт, ҷудоӣ ва мухолифат дар байни мубориз на аз рӯйи нишонаҳои ҷуғрофӣ, балки аз рӯйи марому маслак рӯй дода буд. Ба ҳамин сабаб дар маҳфили Садри Зиё бухорӣ, балхӣ, қундузӣ, марғилонӣ, кӯҳистонии қаротегинӣ, бойсунӣ, кӯлобӣ ва ғайра якҷо гирд омада, ва муттаҳид шуда, бо байзоият мубориза мекарданд. Аз ин рӯ Садри Зиёро душмани кӯҳистониён ба қалам додан, чунонки Ибни Қурбон дар «Фавоҳиш»- и худ кардааст, дуруст нест.

Содиқхоҷаи Гулшанӣ, ки дар китоби «Таърихи ҳумоюн» кӯҳистони Бухоро ва кӯҳистониёнро бисёр ситоиш кардааст. (ва суханони ӯро Ибни Қурбон зиёд овардааст), аз аҳли маҳфили Садри Зиё буд. Устод Айнӣ дар қисми 3-юми «Ёддоштҳо» хабар медиҳад, ки Содиқхоҷаи Гулшанӣ «бо Аҳмад-махдуми Дониш ҳамгузар буда, ҳафтае чанд бор ба сӯҳбати ӯ мерасид»[288]. Гулшанӣ аз сӯҳбати Аҳмад-махдум ба маҳфили Садри Зиё меомад, аз ононе буд, ки ин ду маркази маорифпарвариро ба ҳам пайвастаанд. Ба гуфти устод Айнӣ Гулшанӣ ба ин тариқ «зиндагии озодона ва маорифпарварона»[289] ба сар мебурд. Даргоҳи Аҳмади Дониш ва муҳити маҳфили Садри Зиё барои ин «зиндагии озодона ва маорифпарварона», барои ин ки фикри ҷӯянда бештар ба ҷавлон биёяд, роҳ боз кард. Аз ин озодиандешӣ равшангарӣ як натиҷа ин шуд, ки ҳарчанд Гулшанӣ монанди ҳама аҳли маҳфили Садри Зиё душмани қозӣ Бадриддини байзоӣ буд, ба кӯҳистон низ сафар кард ва дар китоби «Таърихи ҳумоюн» кӯҳистониён, ба вежа илмдӯстии онҳоро бо мафтунӣ таърифу тавсиф кард. Ин китоб падидае аз андешаи маорифпарварӣ буда, нақше аз фазои маънавии маҳфили Садри Зиё дар худ дорад. Маорифпарварӣ, аз ҷумла маҳфили Садри Зиё миллатро ва минтақаҳои гуногуни кишварро ба ҳам наздик ва муттаҳид мекард ва китоби Содиқхоҷаи Гулшанӣ «Таърихи ҳумоюн» аз ҳамин роҳ ба майдон омад.

11

Пешдоварӣ ва аз роҳи бадғаразӣ наздик шудан ба масъалаҳо хавфе азим дорад, ки гоҳ метавонад пажӯҳишгарро ба бадтарин роҳҳои ғалат барад.

Ба Ибни Қурбон, ки Садри Зиёро душмани кӯҳистониён пиндошта, кӯҳистониёнро тоҷикони асил ва «беолоиш» эълон кардааст, лозим омадааст, ки ҳатман Садри Зиё ва

[288] *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 7, саҳ. 21
[289] Ҳамон асар, саҳ. 32

бисёр равшанфикрони Бухороро хоини миллат, туркпараст, руспарвар вонамуд бисозад. Ин яке аз моддаҳои асосии фавоҳишномаи ӯст.

Ибни Қурбон аввал хулосаи калоне бароварда бо каҷфаҳмӣ мегӯяд: «Аз навиштаҳои дигари ӯ (Садри Зиё— М.Ш.), ки дар китоби «Наводири зиёъия» дар қисмати (ё китоби) «Тарҷумаи ҳоли муаллиф» мусаббитанд (вале дар нусхаи чопии он сарфи назар шудаанд) бармеояд, ки барои ӯ чаҳорчӯбаи маҳалпарастӣ тангӣ мекунад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки намояндагони миллати кӯчии минтақаро ба тоҷикон тафзил диҳад (яъне миллатфурӯшӣ кунад), ки гӯё аслан дар табори ӯ тоҷикнасабӣ нест, ё худи ӯ ба ин қавм бегонааст»[290].

Далели ин даъвои калони Ибни Қурбон он будааст, ки Садри Зиё гӯё амирони Бухороро сарзаниш мекунад, ки «барои чӣ асилзодагон — яъне намояндагони қабоили ӯзбакро аз корҳои давлатӣ дур ва ба ҷои онҳо тоҷикони кӯҳистонро соҳибмансаб кардааст?»[291]. Сипас Ибни Қӯрбон ин гуфтаҳои Садри Зиёро далел овардааст: «Музаффархон мисли падараш соҳиби рои мустақим набуд, дунёдӯст буд, аз умарову уламо онон, ки мунофиқи хушомадгӯй буданд, ривоҷ медод, маносибу мадохили умарои наҷиби элотияро (бодиянишинони туркро — И. Қ.) ба ғуломон (яъне ба эрониён-И.Қ.) тафвиз кард»[292].

Оре, ин ҷо Садри Зиё он кори амир Музаффарро, ки «умарои наҷиби элотия»-ро аз мансабҳову мадхалҳо маҳрум сохта, ба ҷои онҳо эрониёнро бардошта буд, кори нодурусте донистааст. Ва сабаби ин арзёбии худро чунин эзоҳ додааст, ки амир ба ин кор «мунофиқону хушомадгӯёнро ривоҷ медод», яъне мансабҳову мадхалҳоро, на ба онҳое, ки сазовор буданд, балки ба чоплусони гапдаро ва фармонбардор арзонӣ дошт. Дар чунин марвидҳо Садри Зиё ба «умарои наҷиби элотия» бартарӣ додааст, онҳоро ба «маносибу мадохил» муносибтар донистааст. Ин ҷо ҳақ ба ҷониби Садри Зиёст. Турк аст, ё тоҷик, марди ҳаққонӣ, кордон, вазифашиносро ба мансаб гузоштан лозим буд. Ва имрӯз низ чунин бояд.

Дар ин масъала Садри Зиё пайрави Аҳмади Дониш буд ва андешаҳои ӯро пайгирӣ кардааст. Аҳмади Дониш амир Насруллоҳ (падари амир Музаффар) –ро коҳиш карда буд, ки «аз ҷиҳати бақои давлати худ ҳама ашхоси элдорро ба замин мутақоид намуда, аксар тоҷику мардуми мусофирро ба сарири маносибу аъмол баровард»[293]. Аз эҳтимол дур нест, ки ин ҷо «тоҷик» ба маънои эронии маҳаллӣ бошад. Манзур аз «мусофир» ҳамоно тоҷикони кӯҳистон аст. Ба ҳар ҳол Аҳмади Дониш аз мансабу амалҳо маҳрум кардани «ашхоси элдор»-ро маъқул надонистааст. Ин гуна андешаҳо дар Рисолаи Аҳмади Дониш чанд бор омадааст. Хайрият, ки Ибни Қурбон китоби Аҳмади Донишро нахонда будааст, вагарна ӯро манғитпараст ва пантуркист мегуфт.

Дар аҳди манғития бисёр воқеъ шуда буд, ки амире дар сари хашм сардорони қабилаҳои турк ва намояндагони элу улусро аз сари кор дур ронда, аз мансабу амал маҳрум мекард ва ба андак сабаб ба куштан медод. Дар ин сурат мардуми баъзе қабилаҳо ва сардорони онҳо сахт ранҷида, чун фурсат даст дод, шӯриш мебардоштанд, байни онҳо ва ҳукумати марказӣ ҷанг бармехост, хунҳо мерехт. Аз ин рӯ, аҳли фаҳм бисёре аз равшанфикрони тоҷик беинсофӣ дар ҳаққи «умарои элотия»-ро сахт маҳкум карданд. Чунин мавқеияти зиёъиёни тоҷик аз чанд ҷиҳат аҳамияти калон дошт. Якум он ки онҳо адлу инсофро на танҳо нисбат ба худ ва халқи худ, балки барои ҳама, барои турку тоҷик мехостанд. Чунин мавқеъияти зиёъиён дар замони маорифпарварӣ (аз Аҳмади Дониш сар карда) қувват ёфт. Дувум он ки беҳуда ҷазо дидан ё кушта шудани намояндагони элотия боиси хунрезӣ шавад, хуни халқ мерехт, аз ҷумла тоҷикон талафоти ҷониву molӣ медоданд, аз ин ҷост, ки Аҳмади Дониш, дигар маорифпарварони тоҷик, аз ҷумла Садри Зиё ба муқобили ин одати туркҳо,ки кадомашон дар мубориза пирӯз шуда бошанд қабилаҳои мағлуб, сардорон ва намояндагони баэтибори онҳоро аз дами шамшер мегузарониданд, ба муқобили падидаҳои гуногуни ин одати шум эътироз доштаанд.

Садри Зиё боз аз як ҷиҳати дигар тарафи сарварони элу улуси туркро гирифтааст. Вай мегӯяд, ки чун амир мансабҳои сипоҳиву низомиро ба ҳар баҳона аз баъзе туркҳо гирифта ба эрониёни маҳаллӣ дод, ё ин ки умарои туркро ба тобеъияти эрониён нишонд, низ беинсофӣ рӯй дод, ки туркҳо ба вежа умарои турк мутеъи ғуломон шуданд ва инро ор медонистанд. Садри Зиё он «умарои элдор»-ро, ки ба чунин пастӣ сар фуровардаанд, сахт

---

290 *Ибни Қурбон*, ҳамон асар, саҳ. 20

291 Ҳамон ҷо.

292 *Садри Зиё*. Наводири зиёъия, вар. 8а

293 *Аҳмади Дониш.* Рисола, саҳ. 19.

сарзаниш мекунад. «Онон ки умарои элдор ё амирони соҳибҳунари номдор буданд… тарки номусу ор карда, ғуломвор ба хидмати ғуломон камари ғуломиву хидматгорӣ ба миёни ҷон баста».[294]

Ибни Қурбон аз ин суханони Садри Зиё аҷаб хулосаҳое баровардааст, ки ба ин маврид рабте надоранд. Як хулосаи ӯ аз ин гуфтаҳои Садри Зиё ин аст: «кӯҳистониёнро то дараҷае бад мебинад, ки…»[295] Алҳақ «деҳ куҷову дарахтон куҷо?». Мантиқи бисёр хулосаҳои Ибни Қурбон монанди он аст, ки гуфтаанд:

*Табар аз осмон афтоду нашкаст,*
*Вагарна ман куҷову бевафоӣ?*

Ба сари мақсад биёем, бояд бигӯем, ки бар масъалаи зарурати риояи эҳтироми саркардаҳои элу улус Садри Зиё боз ҳам пайрави Аҳмади Дониш аст. Аҳмади Дониш чун аз аҳди амир Музаффар ва ҷанги Бухорову Русия сухан меронд, сабаби зуд пароканда шудани артиши Бухороро аз ҷумла, чунин эзоҳ додааст: «Ваҷҳи ин парокандагӣ он аст, ки руасои лашкар ҳама ғуломон буданд, ки ба амир ҳаммактаб буданд. Элу улус хидмати онҳоро нанг медонистанд»[296]. Ин аст, ки ғуломонро ба сари умарои турк нишондан аз нахустин рӯзҳои ҷанги Бухорову Русия зарар овард. Ранҷиши саркардаҳои турк аз ин, ки ғуломе ба сари онҳо гузошта шудааст, пас аз ҷанг низ ҳамеша эҳтимоли фитнаву балво ва хунрезиро бо худ дошт.

Аҳмади Дониш, маорифпарварон, аз ҷумла Садри Зиё чун зарурати эҳтироми саркардаҳои туркро хостаанд, ҳамоно зарурати адлу инсоф дар ҳар кор, инчунин ҳимояи манфиатҳои мулку миллатро ба назар доштаанд. Дар айни ҳол онҳо ба сиёсати ӯрукдорӣ ва падидахои ҷудогонаи он мубориза кардаанд. Дар ин маврид ба маорифпарварон туркпарастӣ ва хиёнати миллӣ нисбат додан аз ноогоҳӣ ё аз бадғаразист. Ибни Қурбон дар чунин мавриде гуфтааст, ки Садри Зиё ориёӣ нест, турк аст, ӯзбак аст, душмани миллати тоҷик аст. Ибни Қурбон ин гуна худсарӣ дар натиҷагириро аз устоди худ Раҳим Масов омӯхтааст. Р. Масов низ боре гуфта буд, ки Садри Зиё ва фарзанди ӯ, ки банда бошам, тоҷик нестанд, турканд[297]. Ӯ барои ин ҳукми қатъӣ далелу бурҳон наоварда буд. Шогирдаш Ибни Қурбон гӯё хатои ӯро ислоҳ кард ва далел овард. Вале далелҳо ва натиҷагириҳои ӯ, чунонки дидем, маҳсули худсарӣ ва бенизомии фикранд,ки ҳар мадорикро бо бадниятӣ ба кор мегирад.

Устоди Ибни Қурбон Раҳим Масов гуфта буд (барои ин ки «аҳамияти» суханони ӯ кам нашавад, ин бор онро ба русӣ айнан меоварам): «Абсалютное большинство исследователей отмечают общую, характерную почти для всех тогдашних так называемых образованных людей, поэтов, писателей—служителей режима Бухары черты: корыстолюбие, стремлене из всего извлечь для себя материальную выгоду, и холуйство которые сохранились на долгие годы, вплоть до наших дней. Все эти отрицательные, отвратительные свойства характера представителей творческой интеллегенции оказались живучи у выходцев Бухары и позже в советское время, и в наши дни»[298].

Мебинем, ки ин ҷо аз ҳар калима нафрат меборад, нафрат аз «таҳсилдидигон, шоирон, нависандагон», аз «зиёъиёни эҷодкор», ки аз Бухоро баромадаанд» («выходцы Бухары»).

Баски муаллиф чунонки медонем аз кӯчаи шеъру шоирӣ ва нависандагӣ, аз кӯчаи «равшанфикрони эҷодкор» нагузаштааст ва дар умраш боре аз маҳсули эҷодкории олии устодони забардасти Бухоро ҳаловат набурдааст ва қобилияти ҳаловат бурдан надорад, ин ҳама тахқирро дар ҳаққи онҳо раво дидааст. Р. Масов бо ҳамин ноогоҳӣ даъво дорад, ки зиёъиёни Бухоро ба «ҳокимияти манғит» фурӯхта шуда, ба миллати тоҷик хиёнат карда буданд (ва равшанфикрони Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан— ҳама «шимолиён» низ). Ӯ барои исботи ин даъво боз ҳам далелу бурҳоне наоварда буд, аммо Ибни Қурбон як андоза «бурҳони қотеъ» овардааст. Он чи аз Ибни Қурбон дар ин фасл овардем, гӯё далели даъвоҳои Р. Масов аст. Ба ин маънӣ ё китоби Р. Масов дар асоси китоби Ибни Қурбон

---

[294] *Садри Зиё.* Наводири зиёъия, вар. 106 б.
[295] *Ибни Қурбон.* Ҳамон асар, саҳ. 32
[296] *Аҳмади Дониш.* Рисола, саҳ. 28
[297] Ниг: *Р. Масов.* Наследие мангитской власти или о предателстве, трусости, лицемерии и беспрнципности, как позорных явлениях нашей истории. Душанбе, 2002, стр.18.
[298] Ҳамон асар, саҳ. 15.

навишта шудааст, ба он такя дорад ва дар асоси маводи он хулосаҳои «илмӣ» баровардa, худи он маводро зикр накардааст ва ё баръакс китоби Ибни Қурбон дар асоси китоби Р. Масов барои исботи хулосаҳои он ба майдон омадааст. Ба ҳар сурат ин ду китоб ба ҳам вобастагӣ доранд.

«Бурҳони қотеъи» Ибни Қурбон ҳамон аст, ки гуфтем: Садри Зиё ғами саркардаҳои элотияро хӯрдааст (аз мансабу амалҳо ронда шудани онҳоро коре нодуруст шуморидааст), аммо кӯҳистониёну эрониёни Бухороро мазаммат намудааст, дар бораи онҳо суханҳои таҳқиромез гуфтааст. Ба такрор мегӯем, ки дар бораи «умарои наҷиби элотия» «ғамхорӣ» кардани Садри Зиё, инчунин Аҳмади Дониш ва дигар маорифпарварони тоҷик моҳиятан ғамхорӣ дар ҳаққи мардуми тоҷик буд ва онро яке аз падидаҳои мубориза бо сиёсати уруқдорӣ бояд донист. Зеро агар қабилае аз туркҳо биранҷад ва шӯриш бардорад, дар ҷанг хуни мардуми бумӣ, яъне тоҷикон мерехт. Туркҳо дар Варорӯд бо якдигар ҳам биҷанганд, хуни тоҷикон мерехт. Маорифпарварон ҳамин балоро аз сари мардуми тоҷик дафъ кардан хостанд.

Бо ҳамин «далелу бурҳони» Ибни Қӯрбон, ки намунае аз каҷфаҳмӣ ё каҷфаҳмонист, ба поён расидааст ва чунин натиҷагирии пурдаъво омадааст, ки чунончи дидем, гӯё барои Садри Зиё «чаҳорчӯбаи маҳалпарастӣ тангӣ мекунад» ва ӯ ба «миллатфурӯшӣ» мепардозад. Дар асоси як далели бебунёд аз рӯйи бевуқуфиву каҷфаҳмӣ чунин даъвои калон пеш рондан ба диди мо ниҳояти бемасъулиятист. Садри Зиё барои дафъи балои хунрезӣ кӯшида бошад, Ибни Қурбон ин кӯшишро миллатфурӯшӣ меномад, ки худ як разолати байзоист.

Ин моддаи фавоҳишномаи Ибни Қурбон, ки Садри Зиёро миллатфурӯш қаламдод кардааст, он моддаи айбномаи Р. Масов, ки ба зиёъиёни Бухоро, ҳатто ба ҳама «выходцы из Бухары»— мардуми шарофатманди Бухорои Шариф «корыстолюбие» (манфиатҷӯӣ), «холуйство» — (чоплусии ғуломона) ва дигар «отвратительные свойства» — (хислатҳои нафратангез) нисбат додааст, бо камоли қатъият рад мешавад, бӯҳтон аст, натиҷаи он аст, ки бо бадғаразии фоҳиш пархошгарони роҳи маорифпарварӣ, растагории миллӣ ва эҳёи маънавии миллатро бадном кардан мехоҳанд. Мақсад аз ин кӯшишҳои хилофи манфиатҳои имрӯзии миллат ҳамоно об лой карда моҳӣ гирифтан аст.

Моҳие, ки аз оби лой гирифтан мехоҳанд, сафед кардани байзоиён аст. Барои ин ки бегонапарварии хонадони Байзо ва уруқдории онро рӯпӯш бикунанд, аз равшанфикрони ҳақгӯй ва муборизи Бухоро айбҳои туркгароӣ ва хиёнати миллӣ ҷустаанд. Ибни Қурбон барои ин ки байзоиёнро сафед бикунад ба сиёҳ кардани маорифпарварон мепардозад. Ӯ мисли Р. Масов вожаи «маорифпарварӣ» -ро ба забон нагирифтааст, ҷуръат накардааст, ки ба маорифпарварон фавоҳиш бигӯяд. Вай аз «ҷадидон» ва «зиёъиёни шаҳрӣ» гиребонгир аст, онҳоро фӯҳш медиҳад. Гӯё бо ин ки Алӣ Хоҷаро Хоҷа Алӣ гуфтааст ба чашми хонанда хок пошиданист. Ҳоло бубинем, ки бо ин хокпошӣ то куҷо расидааст.

12

Дар ин ҷо лозим меояд, ки боз як бор ба он «назарияи» Ибни Қурбон, ки Бухорои садаи 19-ро як «сарзамини туркзада» номидааст, баргардем. Мо нодкрустии ин ақидаро дар боло дар як фасли алоҳида аз назар гузаронида будем. Ҳоло ба паҳлӯҳои дигари масъла нигоҳ андохтан зарур менамояд.

Он пиндори Ибни Қурбон, ки Бухоро дар қарни 19 «сарзамини туркзадае» буд, аз «омӯза»-ҳои устодонаш Р. Масов ва С Табаров ғизо гирифтааст. Мо инро низ хотиррасон карда будем. Устодони ӯ ва ҳамфикрони онҳо, ки кам нестанд, чунин талқин доранд, ки мардуми Бухоро ва Самарқанд ҳама водиҳои фарҳангии бостонӣ, ҳама марказҳои тамаддуни шаҳрии Мовароуннаҳр кайҳо турк шудаанд. Ба гумони Р. Масов агар дар он ҷоҳо ҳанӯз як мушт тоҷик монда бошад, ҳамоно мутеъи туркҳо, миллатфурӯшу хоин аст. Ақидаи Р.Масов дар китоби «Мероси ҳукмронии Манғития» («Наследие мангитской власти») ҳамин аст.

Бояд гуфт, ки оғозгоҳи чунин «ақида»-ҳоро аз навиштаҳои пантуркистҳо бояд биҷӯем. Нависандагони баъзе осори илмиву адабӣ, ки рӯҳияи панӯзбакистӣ доранд ва бархе аз шарқшиносон низ чунин вонамудан мехоҳанд, ки ҳатто аз садаҳои 11-12, ба

вежа пас аз истилои муғул гӯё дар Мовароуннаҳр, ҳама аҳолӣ турк шудаанд, тоҷикон ҷо-ҷо ва хол-хол мондаанд ва гӯё дар ҷазираҳои укёнуси беканори туркҳо зистан доранд, то имрӯз фақат дар баъзе шаҳрҳо андаке мондаанд. Ин вонамуд аз ҷумлаи таҳрифоти таърих аст. Аз нигоштаҳои устод Айнӣ маълум мешавад, кӣ ӯ он чиро ки назарияи «зисти хол- холи тоҷикон» тавон номид, қабул надорад. Навиштаҳои академик Бобоҷон Ғафуров, аз ҷумла китоби «Тоҷикон» низ зимнан бар зидди он «назария» равон шудааст. Аммо чанде аз таърихшиносони имрузаи Тоҷикистон ба осиёи «таърихсозони» панӯзбакист об мерезанд. Пешвоёни мубориза шимолситезӣ дар Тоҷикистон даъвоҳои туркпарастонро барои зидди ҳам гузоштани тоҷикони кӯҳистонӣ ва водинишин истифода мекунанд.

Бинед, С. Табаров чӣ мегуяд: «Таърих гувоҳ аст, ки дар муддати зиёда аз 1000 сол аҳолии Фарғона, Тошканд, Хоразм, Чимқант, Ӯш, ҳатто то андозае Бухоро, Самарқанд ва даҳҳову садҳо «марказҳои бостонии» тоҷикнишин қариб ӯзбекзабон, қирғиззабон, қазоқзабон қароқалпоқзабон гардиданд ва қариб аз «худшиносии иҷтимоъиву маънавии шаҳрии тоҷикиашон маҳрум гардиданд. Аммо мардуми худшиносии иҷтимоъиву маънавии ноҳиявӣ» доштаи Кӯҳистон ва Бухорои Шарқӣ анъанаву суннат, забону адабиёт, илму маданият, ҳунару санъат, психология, урфу одат ва дигар сифатҳои муҳими миллии тоҷикии хешро ҳифз намудаанд»[299]

Чунонки мебинед, водиҳои таърихии фарҳангӣ ва марказҳои тамаддуни шаҳрӣ зиёда аз 1000- сол боз тоҷикият аз даст додаанд, аммо кӯҳистон «сифатҳои муҳимми милли тоҷикии хешро ҳифз намудааст». Ин ҷо С. Табаров (агарчи гоҳ вожаи»қариб»-ро ба кор мебарад) аз соҳибони «назарияи» «зисти хол-холи тоҷикон» ҳам пештар рафтааст.

Ин пешрафти С. Табаров дар тарҷумаи русии он китобаш боз ҳам қатъитар ифода гардидааст. Аз хонандаи азиз барои боз як такрор узр меҳоҳам ва тарҷумаи русии он пораро меорам, то «тараққии» фикри С. Табаровро бубинанд.

«История свидетельствует, что в период свыше двух тысяч лет (на зиёда аз 1000 сол!) население Мерва, Хорезма, Ташкента, Ферганы, Чимкента, Джалалабада, Оша, Тараза и в некоторой степени Бухары и Самарканда и десятков и сотен «древних центров», населенных таджиками, почти полностъю стало тюркоязичным-узбекоязычным, туркменоязичным, киргизоязичным, казахоязичным, каракалпакоязычным и почти потеряло свое городское таджикское «социально - духовное самосознание». В то время как представители «провинсиального социально- духовного самосознания» Кухистана и Восточной Бухары защищали свои историчекие традиции, предписываемые шариатом религиозные обряды, обычаи, сохранили литературу, науку и культуру, искусство, психологию и другие важнейшие национальные и духовные цености и донесли их до нашего и будушего времени»[300]

Ба фикри мо ин як тасаввури нодуруст дар бораи таърихи тоҷикон ва аҳволи кунунии онҳост ва таҳқиромез дар ҳаққи тоҷикони водиҳост, ки гӯё нахостанд забону фарҳанги худро ҳимоя кунанд. Дар тарҷумаи русӣ қатъияти ҳукми С. Табаров чӣ дар сарзаниши тоҷикони воҳаҳои фарҳангӣ ва чи дар таъкиди асолати фарҳангии тоҷикони кӯҳистон, зидгузории ин ду бахши миллат хеле зиёд шудааст, дар қисми якуми сухан муболиғаи пантуркистӣ ва дар қисми дувуми он худситоии музофотӣ афзоиш ёфтааст. «Ҷавҳари фикри» С. Табаров ҳамин аст, ки ба як ривоят «в некоторой степени»- то як андоза, ба ривояти дигар «почти полностью»- қариб тамоман (ки ин ду таъбир мантиқан хилофи якдигаранд ва якдигарро аз ҳисоб соқит мекунанд) дар вилоятҳои номбурда тоҷик намондааст ва агар андаке ҳаст, ноасил аст, аммо тоҷикони кӯҳистон асиланд, сифатҳои муҳими миллии худро ҳифз кардаанд. Ман ҳайронам, ки агар чунин бошад, чаро Аҳмади Дониш ва Садриддини Айнӣ ва даҳҳо фарзандони намоёни миллат аз водиҳо зуҳур кардаанд, на аз кӯҳистон?

Дар ёд дорем, ки солҳои 1989-1990 ва 1991 бархе аз «зиёъиёни» тоҷик, ҳатто чанде аз шоирони номдор даъво карданд, ки фақат тоҷикони фалон вилояти кӯҳистон асиланд ва хунашон тоза аст, хуни дигар тоҷикон вайрон шудааст. Инро ҳам бояд фаромӯш накунем, ки ин даъво яке аз сабабҳои ҷанги дохилии соли 1992 дар Тоҷикистон буд. Ин ҳам донистанист, ки маҳз бадхоҳони миллати тоҷик, онҳое ки рӯҳияи пантуркистӣ

---

[299] *С. Табаров.* Мубоҳисаи «зиёии деҳотӣ» ва «музофоти шуур» бо «зиёии шаҳрӣ» ва шаҳришуур». Душанбе, Осорхонаи миллии бостони Тоҷикистон, 2003, саҳ.5

[300] *С. Табаров.* Спор «деревенского интеллигента» с «городским интеллигентом», Душанбе, 2004, саҳ.7

доранд ва ҳамеша кӯшидаанд, ки тоҷиконро ба кӯҳу дараҳо биронанд ва аз боқимондагони водиҳо ба зӯр турк бисозанд, маҳз чунин баднияток афсонаҳое паҳн мекунанд, ки кадоме аз тоҷикон асиланд ва кадоме ноасил. Афсӯс, ки баъзеҳо аз худи мо ба ин афсонаҳо бовар мекунанд, аз ин афсонаҳо бо бадғаразӣ дастури амал меҷӯянд.

Ба он афсона ки гӯё тоҷикони водиҳои фарҳангии Фарорӯд дар ҷазирачаҳои уқёнуси туркҳо зист доранд, набояд бовар бикунем. Дар ҳеҷ асру замоне ин ҳолат рӯй надода буд ва имрӯз ҳам рӯй надодааст. Банда дар як навиштаи худ дар ин бора чанд далел оварда будам. Ҳоло дар омади гап боз андак баъзе далелҳо ёдрас меоварам.

Мо ҳоло аз ин, ки ковишҳои бостоншиносӣ назарияи «зисти хол-холи тоҷиконро» дар водиҳои Фарорӯд тасдиқ накардааст, чизе намегӯем ва инро баъзе бостоншиносон навиштаанд. Мо алъон танҳо инро хотиррасон мекунем, ки Алишери Навоӣ дар «Муҳокиматуллуғатайн» мегӯяд, ки дар замони ӯ, яъне дар садаи 15 ҳама туркҳо форсиро медонистанд, аммо сортҳо (тоҷикон) туркиро намедонистанд. Аз ин мебарояд, ки пас аз истилои муғул, ҳатто дар аҳди Темуриён ҳам дар Осиёи Марказӣ туркҳо камтар ва тоҷикҳо бештар будаанд. Одатан камтарҳо забони бештарҳоро ёд мегиранд ва мепазиранд. Пас дар замони Ҷомиву Навоӣ тоҷикон аксарияти мутлақро ташкил мекардаанд ва аз ҳамин сабаб туркҳо забони форсиро медонистанд ва онҳо туркиро намедонистанд. Агар он гоҳ тоҷикон дар шумора бартарӣ намедоштанд, фақат бо нуфузи фарҳангӣ наметавонистанд, ки нуфӯзи забони худро дар байни туркҳо ҷорӣ бикунанд. Нуфузи фарҳангӣ барои интишори як забон дар байни халқи дигаре он гоҳ коргар меояд, ки бо бартарии сиёсӣ ва низомӣ ва ё бо бартарии ададии соҳибони он забону фарҳанг тақвият ёфта бошад. Ва ҳол он ки тоҷикон дар садаи 15 на ҳокимияти сиёсӣ доштаанд, на бартарии ҳарбӣ ва зӯроварии ҷисмонӣ, фақат дар шумора ва тавоноии фарҳангӣ дастболо буданд ва аз ин сабаб забонашон дар байни туркҳо интишор ёфт.

Алишери Навоӣ дар «Муҳокиматуллуғатайн» бисёре аз калимаҳои туркиро мисол овардааст, ки ба забони форсӣ гузаштаанд ва сортҳо он калимаҳоро дар гуфтор ба кор мебурдаанд (ва шояд ба навиштор кам роҳ ёфта бошад). Ин хотиррасони Навоӣ нишон медиҳад, ки мардуми тоҷик худро аз забону фарҳанги туркӣ канор нагирифтаанд, ба он майлу рағбат доштаанд, то он ҷо ки зарур аст, аз он истифода кардаанд. Чунонки, ҳар халқе дар ҳар асру замон аз халқҳои ҳамсоя вожагони гуногун, номи ашё ва истилоҳот ба вом мегиранд, тоҷикон аз туркҳо низ вомгирӣ кардаанд. Валле туркҳо нисбат ба тоҷикон ба мавқеъи ҳамсояи наздик буданд, ки вомгирии тоҷикон аз забони туркӣ ба гувоҳии Навоӣ хеле зиёд рӯй дода буд. Лекин бархӯрди забони форсӣ бо туркӣ ба ҳар ҳол дар сатҳи вомгирӣ маҳдуд монда бошад, бояд бидонем, ки туркҳо аксарияти аҳолиро ташкил накардаанд, дар маъишат бо мардуми бумӣ наомехтаанд. Аз ин рӯ бархӯрди забон ба марҳилаи фарогирии комили забони истилогарон аз тарафи бӯмиён ҳанӯз нарасида буд. Агар тоҷикон фақат дар ҷазираҳои уқёнуси туркҳо мебуданд, забони туркӣ кам-кам худ ба худ ноаён аз худ мегардид ва тоҷикон туркигӯй мешуданд.

Аз садаи 16 боз як мавҷи бузурги туркҳо ба Фарорӯд сарозер шуд, вале дар садаҳои 17-18 ҳам дар вазъи забонии ин сарзамин дигаргунии куллӣ рӯй надод. Дар садаи 17-18 ҳам туркӣ надонистани тоҷикон ва тоҷикӣ донистани туркҳо ҳамчунон идома дошт ва дар миёни аҳолии бумӣ дузабонӣ кам ба назар мерасид. Дар Фарғона аз охирҳои садаи 18 дузабонии тоҷикон афзоиш ёфт ва дар баъзе вилоятҳо, чунончи Тошканд, баъзе ҷойҳои Фарғона ва ғайра тоҷикон маҷбуран ё ихтиёрӣ ба забони ӯзбекӣ гузаштаанд. Он тоҷиконе ки забони ӯзбекиро пазируфтаанд, дар садаи 19 ҳанӯз дузабонӣ буданд ва дар водиҳои сабзу хурами Фарорӯд ҳама ҷо забони тоҷикӣ садо медод. Фақат дар охири садаи 19 дар баъзе ҷойҳо чунин ҳолат рӯй дод, ки ӯзбекҳо дар паҳлуи тоҷикҳо зиндагӣ кунанд ҳам, забони тоҷикаро намедонистаанд. Он таносуби забондонӣ дар байни тоҷику турк, ки Навоӣ қайд кардааст, фақат аз қарни 18-19, ба вежа пас аз он ки Фарорӯд ба тасарруфи Русия даромад, ҷиддан дигаргунӣ пазируфт. Бо вуҷуди ин ҳам забони тоҷикӣ дар садаи 20 аз ҳеҷ минтақаи Фарорӯд ба куллӣ нест нашудааст. Мо худ шоҳиди ин ҳастем. Ба ҳамин сабабҳост, ки яҳудиёни Фарорӯд аз нахуст то садаи 20 ба тоҷикӣ гап мезаданд. Яҳудиён дар баъзе ҷойҳо ӯзбекиро омӯхта бошанд ҳам, хуб намедонистаанд. Забони модарии онҳо тоҷикӣ буд. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки забони мардуми он шаҳрҳо тоҷикидон ҳастанд.

Бино бар ин бояд исрор бар ин дошт, ки тасаввури С. Табаров ва бисёр касони дигар, ки гӯё тоҷикони водиҳои Фарорӯд чанд сад сол боз туркигӯй ва турк шудаанд, ба ҳақиқат рост намеояд.

Амир Абдулаҳадхони манғит (даргузашти ӯ 1910) дар сафарномаи худ ба муносибате навиштааст: «Бар зоҳир аст, ки аҳолии Бухорои Шариф ва қурои муттасила бар он дар боби фатонату закоиб ва софии зеҳну қобилият аз мардуми атроки бодиянишин ба дараҷот имтиёз доранд (…) Агар дар илми низом ҳам муаллими моҳире бошад,ки хусусияти ин фанро таълиму талқин намуда, фармояд, ҳар ойина бар фирқаи атрокиву қазоқия руҷҳон хоҳанд ёфт»[301]

Аз ҷумлаи якуми ин пора ба тамом равшан аст, ки дар ҳудуди садаи 19 ва 20 «аҳолии Бухорои Шариф ва қурои муттасила бар он» асосан тоҷик буданд ва аз ҷиҳати шумора низ ба «мардуми атроки бодиянишин» бартарӣ доштаанд. Инро амири манғит иқрор овардааст ва бояд ба гапи ӯ бовар кунем. Маълум аст, ки дар оғози садаи 20 аҳолии аморати Бухоро 75 фоиз тоҷик буд. Аз ин рӯ ҳангоми марзбандии миллии соли 1924 бояд тамоми хоки аморати Бухоро ба Тоҷикистон дода мешуд. Ва вилояти Самарқанд, Истаравшан ва ҷануби Фарғона низ бояд ба ҳудуди Тоҷикистон дохил мегардид. Аммо шӯравиён инро нахостанд ва фақат дар Бухорои Шарқӣ (марказ ва ҷануби Тоҷикистони кунунӣ) ҷумҳурие барои тоҷикон таъсис доданд. Чаро ин тавр шуд? Чаро соли 1924 фақат дар нӯги кӯҳҳо ҷумҳурии хурде ташкил карданд? Ва соли 1929 низ фақат андак аз ҷануби Фарғона ба Тоҷикистон доданду бас. Сабаби инро Р. Масов чунин эзоҳ медиҳад, ки зиёъиёни Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд барои пешгирии он беинсофии сиёсӣ кӯшиш накарданд, мубориза набурданд, ба миллат хиёнат карданд, худашон, ки аз «сарзамини туркзадае» буданд, ба туркҳо фӯрухта шуданд ва ҳоказо. Ба қавли Р. Масов дар он маврид гуноҳ на аз мустамликадорони истеъморгари худсар, балки аз худи тоҷикон, аз «зиёиёни шаҳрӣ» будааст. Гӯё марзбандии миллии Осиёи Миёнаро соли 1924 на ҳизби коммунист, ва комравоёни Маскав, балки «зиёиёни шаҳрии» тоҷик гузаронида бошанд.

Банда ақидаи худро дар бораи ин ки чаро марзбандии миллии Осиёи Миёна соли 1924 на ба суди тоҷикон, балки комилан бар зарари онҳо анҷом ёфт, баён карда будам.[302] Онро ин ҷо такрор намекунам. Ҳоло хоҳиш дорам хонандаи азиз ин нуқтаро ба андеша бигиранд:

Бегоҳии 4 марти соли 2002 як вакили Думаи давлатии Русия аз телевизиони Маскав суханронӣ кард ва аз ҷумла ба ин мазмун гап зад: Тоҷикон дар Тоҷикистон, Афғонистон ваӮзбакистон аксариятро ташкил мекунанд агар онҳо як шаванд, хатаре ба сари Русия меоранд—если они воссоединятся, будут представлять большую угрозу для России- ин айнан гуфтаи депутати Думаи давлатист. Неруҳои сиёсие, ки чунин рӯҳия доранд, ва аз иттиҳоди тоҷикон ва қуват гирифтани онҳо метарсанд, дар Русия ҳамеша мавҷуд буданд ва соли1924 ҳангоми тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна ҳамон нерӯҳои сиёсӣ дар Маскав пирӯзӣ ёфтанд ва марзбандӣ бар зарари тоҷикон анҷом ёфт.

Имрӯз, ки Р. Масовҳо, С. Табаровҳо, Ибни Қурбонҳо водиҳои фарҳангии Фарорӯдро «сарзамини туркзада» мегӯянд, бошандагони ин водиҳоро турк ва «ӯзбаки тоҷикзабон» меноманд, хоину милатфурӯш мехонанд, ҳамоно ба хидмати пантуркистҳо камар бастаанд, ба он нерӯҳои сиёсии хориҷӣ, ки ягонагӣ ва зӯрмандии миллати тоҷикро намехоҳанд, хидмат мекунанд.

Имрӯз дар вилоятҳои Сурхондарё ва Қашқадарё, Бухорову Самарқанд ва Фарғона тоҷикон расман ӯзбак навишта мешаванд, аммо ҳанӯз тоҷиканд. Моҳи августи соли 2003 дар интернет мақолаи донишманди амрикоӣ Давид Карлсон (Донишгоҳи Ҳарвард) пайдо шуд, ки «Ӯзбакистон, таркиби этникӣ ва табъизот» ном дорад. Давид Карлсон дар ин мақола мегӯяд, ки дар ҳудуди садаи 20ва21 дар Ӯзбакистон 40 фоизи аҳолӣ тоҷик буд.[303] Ин омморро як амрикоӣ, як пажуҳишгари бетараф овардааст. Ҳар кас ки аз Ӯзбакистони имрӯз андак хабар дорад, медонад, ки ин омор ҳақиқат аст. Банда бар ин омор низ бовар мекунам, ки фақат 32 дарсади ҷамъияти Ӯзбакистонро ӯзбакҳо ташкил мекунанд.

---

[301] *Амир Абдулаҳадхон.* Саёҳатнома. Таҳрири рӯзномаи сафари хайриятасари вилояти Фитирбурх. Рузномаи «Ҷумҳурият», 15 ноябри 1991, № 221, саҳ.4

[302] Ниг: *Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ.* Тоҷикони Варорӯд дар остонаи асри умед.Садои Шарқ,

[303] David Carlson. Uzbakistan, ethnic Composition and Discriminatsions. Hipt// medlem. Spray.se /Samargand/

Не, ҷанобони «таърихшиноси» охирзамон – С. Табаровҳо, Р. Масовҳо, Ибни Қурбонҳо, шумо тушбераро хом шумурдаед. Бидонед ва огоҳ бошед, ки тоҷик танҳо шумо нестед. Ғайр аз шумо ҳам тоҷик ҳаст. Тоҷикон дар Ӯзбакистон, Афғонистон ва дигар кишварҳо зиёданд, ҳамиятманд ва сарбаланд, дар ҳама ҳастии таърихии миллат нақшҳое чашмгир гузоштаанд ва мннбаъд хоҳанд гузошт. Шумо хоҳед –нахоҳед, онҳо бо шумо хоҳанд буд. Шуморо аз онҳо халосӣ нест. Агар ҳамзистӣ бо онҳоро ёд нагиред, теша ба пои хеш ва ба пои миллат хоҳед зад.

На танҳо «назарияи» пантуркистии «зисти хол-холи тоҷикон» асоси воқеъӣ надорад, балки «назарияи манғитгароии» имрӯза, яъне туркзадагӣ ва манғитпазирии тоҷикони Бухоро, Самарқанд ва ғайра, ки Р. Масов, С. Табаров, Ибни Қурбон ва чанде дигар пеш меронанд, низ на аз воқеият, балки аз тангназарии музофотӣ сар задааст.

13

Ин матлабро, ки «ҷадидон» ва «зиёъиёни шаҳрӣ» гӯё ба миллат хиёнат кардаанд, Ибни Қурбон бо чандин ишора гӯшгузори хонанда меоварад ва гоҳ ошкоро баён мекунад. Чунончи мегӯяд: амир «дарк мекард, ки танҳо мардумони муқимнишини кишвараш метавонанд дар мамлакат суботро мустаҳкам созанд (алҳақ дуруст аст—М. Ш.), махсусан кӯҳистониён, зеро дар шаҳри бузург аллакай зиёъиён рӯ ба буржуазияи рус ва ба «тараққихоҳони Туркия» оварда буданд,ки ҳар ду ҳам мехостанд давлати ӯро (амирро—М. Ш.) мутасарриф шаванд»[304]

Ин ҷо гӯё дар миёни ду бахши ҷумла то «зеро» ва пас аз он чандон робита нест. Бо вуҷуди ин равшан аст, ки «кӯҳистониён» ва «зиёъиёни шаҳр» ба ҳам зид гузошта шудаанд. Якумиҳо устуворкунандаи субот ва дувумиҳо вайронкунандаи он будаанд. Яъне «зиёъиёни шаҳрӣ», аз ҷумла маорифпарварон бо муборизаи зидди байзоиён ва сиёсати уруқдорӣ, таъсиси марказҳое чун маҳфили Садри Зиё ва ё «ғайбатхона» – ҷои ҷамъомади муллобачаҳои тозафикри ҷӯянда, ки Айнӣ дар қисми чоруми «Ёддоштҳо» тасвир кардааст, оромиву осоишро вайрон мекунанд, чунки ба туркҳо, ба Туркия ва Русия фурӯхта шудаанд. Банда охирин ҷумлаи мазкури Ибни Қурбонро ба ҳамин маънӣ фаҳмидам.

Дар ҳақиқат бештарини маорифпарварон (на ҳама «зиёъиёни шаҳрӣ», балки фақат онҳое, ки «ҷавонбухороиён», «тараққипарварон», «ҷадидон», «ислоҳотхоҳон» ном гирифта буданд) муборизи шӯълавари зидди манғитияву байзоия, зидди ҷаҳолату разолат ва ҷавру ситам будаанд ва нагузоштаанд, ки ситамкорон дар оромишу осоиш ба сар баранд.

Ин талоши маорифпарваронро танҳо як рӯйдоди мусбати таърихӣ бояд донист, аммо суботи ҷомеаро на маорифпарварӣ, балки истибдод аз байн бурда буд.

Медонем, ки Аҳмади Дониш ва Мирзо Сироҷи Ҳакими Сироҷӣ истифода аз таҷрибаи таърихии Русия ва кишварҳои Ғарбро тавсия кардаанд, Аҷзӣ ва Беҳбудӣ низ дар ҳамин андеша будаанд, ё ки Абулқодири Шакурии Самарқандӣ, Мунзим, Айнӣ, Ҳамдӣ, Меҳрӣ ва дигарон дар мактабҳои усули ҷадид барои саводомӯзӣ «усули савтияи» мактабҳои Русия ва Шарқи Наздикро ба кор гирифтаанд. Ҳамаи онҳо нисбат ба Туркия ва пешрафтҳои аврупоии он, эҳтиром доштанд, азбаски Туркия маркази ҷаҳони ислом ва султонҳои Туркия халифаи ислом ба шумор мерафтанд, эҳтироми он ба назари равшанфикрон хеле афзуда буд. Имрӯз касоне пайдо шудаанд, ки чунин эҳтиром ба фарҳанги Туркияву Русияро (инчунин гӯё ба ҷонибдории умарои элотия бархостани Аҳмади Дониш, Садри Зиё ва дигаронро) нишонаи туркгароӣ, таваҷҷӯҳ ба пантуркизим ва гоҳе ҳам таваҷҷӯҳ ба Русия, ҳатто ба панславизм қаламдод мекунанд. Бархе «мактаби усули ҷадид» – мактаби нави маорифпарваронро «маркази пантуркистӣ» эълон кардаанд. Ғаффор Ашуров мисли бисёр касони дигар ақида дорад, ки яке аз «манбаъҳое ки барои шаклгирии маслаки он (пантуркизм—М.Ш.) мусоидат кардаанд, омӯзиши ҷавонон дар мактабҳои усули нав аст, ки китобҳои омӯзиши онҳо асосан ба забони тоторӣ навишта шуда буд» [305]. Ва ҳол он ки ин ақида дуруст нест. Маводи омӯзиш дар мактаби тоҷикии ҷадидон ба забони тоҷикӣ буд, на тоторӣ. Мумкин аст, ки дар мактабҳои ӯзбакии ҷадидони Туркистон, дар Тошканд, баъзе ҷойҳои Фарғона ва ғайра китобҳои тоторӣ ё туркии усмонӣ низ истифода шуда бошад. Аммо мактабҳои тоҷикии усули ҷадид асосан бо

---

[304] *Ибни Қурбон*, ҳамон асар, саҳ, 75

[305] *Ғ. Ашуров*. Идейная борьба вокруг книги академика Б.Т. Ғафурова «Таджики». Мероси ниёгон, 2003, №6, саҳ. 73

китобҳои тоҷикӣ таъмин шуда буданд. Дар замони шӯравӣ, ки ҷунбиши ҷадидияро саропо пантуркистӣ ҳисобиданд, чунин тасаввури нодоруст ба миён оварданд, ки гӯё мактабу маориф ва матбуоту адабиёти ҷадидон ҳама пантуркистӣ буд. Ин пиндори ботил дар шуури баъзе касон ҳанӯз ҷо дорад. Р. Масов имрӯз ҳам бо қатъияти тамом ҳукм мекунад, ки «ҷадидон ва пешвоёни онҳо фақат як равиш доштанд, ки равиши пантуркистӣ буд» («Джадиды и их лидеры проводили одну и ту же единственную линию---- пантуркистскую»)[306] Ҳақ ба ҷониби профессор Мансур Бобохонов аст, ки дар бораи ин ҳукми қатъии Р. Масов гуфтааст: «Ин мулоҳизаҳои муаллиф гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ аз он чӣ, ки мавриди пажӯҳиш қарор додааст, чунончи аз ҷадидизм огаҳӣ надорад[307]

Оре, бештари он ҳукмҳои қатъӣ, ки аз замони шӯравӣ мондаанд, натиҷаи ноогоҳӣ ва бевуқуфӣ, натиҷаи рӯ гардондан аз таҳқиқи илмии ҳамаҷониба аст.Албата аз байни маорифпарварон ё аз гирду атрофи онҳо касоне баромаданд, ки олудаи заҳри пантуркизм шуданд ва ба миллати худ хиёнат карданд (чунончи Файзуллоҳ Хоҷа, Абдурауфи Фитрат ва дигарон). Баъзеҳо ба сабаби саҳву хато ба пантуркизм гаравида буданд. (Мунзим, Абдулқодир Муҳиддинов, Зеҳнӣ) ва баъд хатои худро фаҳмида тавбаномаҳо чоп карданд ва хидмати миллат ба ҷон адо намуданд. Бархе аз маорифпарварон тавон гуфт аз пантуркизм дур мондаанд. Айнӣ ва бисёр дӯстони ӯ дар Бухоро, Сиддиқии Аҷзӣ ва Абдулқодири Шакурӣ дар Самарқанд, Тошхоҷаи Асирӣ дар Хуҷанд ва баъзе ҷадидони дигар ба фикри мо аз ҳамин ҷумлаанд. Ба фикри мо ба онҳо туркгароӣ ва пантуркизм нисбат додан нашояд. Дар фаъолияти инҳо низ гоҳ чизҳоеро мебинем, ки дар назари аввал мумкин аст нишони пантуркизм намояд. Чунончи устод Айнӣ пас аз инқилоб дар шеърҳои ӯзбекии худ аз амир Темур ёд кардааст. Чунин падида дар фаолияти Айнӣ ва бархе аз маорифпарварони дигар мвқеи асосӣ надорад. Онҳо ба сабабе пайдо шудаанд ва нақши муҳим дар фаолият нагузоштаанд. Дар арзёбии онҳо эҳтиёт зарур аст. Бо назардошти чунин рӯйдодҳое ба маорифпарварон гуноҳи пантуркистӣ нисбат додан дуруст нахоҳад буд.

Ҳеҷ мумкин набуд, ки ҳама зиёъиёни пешқадами тоҷик дар садаи 19 ё оғози садаи 20 туркгаро бищаванд. Дар ин давра ҳам ҳазар аз турк вуҷуд дошт. Агарчи бахше аз тоҷикони Фарорӯд дар ду се садаи охир забони ӯзбакиро пазируфтанд ва ба ин сабаб ӯзбак ном гирифтанд ва ба ин тариқ халқи тоҷик ва узбак дар ҳақиқат бародархалқ гардиданд, бо вуҷуди ин ҳазар аз турк бартараф нашуда буд. Чунонки дар оғози қарни 10 Ибни Фақеҳ дар «Ал-булдон» туркҳоро душмани Хуросон номида ва гуфта буд: «Ҳамсоягони хуросониён турконанд, ки аз ҳар душмане сарсахттаранд»[308] ва Абуалии Балъамӣ низ дар тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» таъкид карда буд, ки «ҳеҷ душман бадтар аз турк нест»[309] ва ин матлабро чандин бор гӯшгузор оварда буд, дар садаҳои баъд ин ҳақиқат чанд бор ба субот расид ва дар оғози садаи 20 дар Бухоро (шояд дар Самарқанд ва баъзе ҷойҳои дигар низ) ин байт шӯҳрат дошт:

*Аз абри сиёҳ матарсу аз риши бузург,*
*Аз абри сафед тарсу аз кӯсаи турк.*

Ин тарс фарогир буд. Тоҷику ӯзбак дар бисёр ҷойҳо паҳлӯ ба паҳлӯ чун ду бародар бо сулҳу салоҳ мезистанд, вале бими турк аз дили тоҷик ҳанӯз нарафта буд. Тааддии уруқдорони манғит ва он сиёсати уруқдорӣ, ки байзоиён амалӣ мекарданд, муносибати манфӣ ба туркро қувват медод.

Устод Айнӣ дар бораи Манғития дар китоби «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро гуфтааст: «Хунрезӣ лозими зоти ин сулола аст»[310] Устод афзудааст: «Разолат ба ин сулола ирсӣ будааст»[311]. Ин «разолати ирсӣ», ин ваҳшонияти зотии Манғитро на танҳо устод Айнӣ, балки бисёр равшанфикрон дар ҳар қадам ба муойина медиданд.

Омилҳое, ки зиёъиёнро аз туркгароӣ барҳазар бидорад, пурзӯр буд. Танҳо бархе аз мардуми тоҷик, чунончи уламои сӯъ, аз ҷумла аҳли «хонадони Байзо» ва ҳамдастони онҳо ба хидмати манғития камар бастанд. Гоҳ уламои манфиатҷӯ, ки

---

306 *Р. Масов.* Таджики: вытеснение и ассимиляция. Душанбе, 2003, стр.75,
307 *М. Бобохонов.* Острые углы истории. Народная газета, 19 мая 2004, № 20, стр.4
308 *Ибни Фақеҳ.* Хуросон, Душанбе, Сарват, 1991. Саҳ.9.
309 *Абуалии Балъами.* Баҳроми Чӯбин. Душанбе, Маориф, 1992. саҳ.6.
310 *С. Айнӣ.* Қулиёт, ҷ, 10 асҳ, 79
311 Ҳамон асар, саҳ 93.

хидмати урукдоронро ба ҷону дил пазируфта бошанд, зиёд буданд, аммо онҳое, ки ба ин роҳ пой нагузоштанд, низ кам набуданд. Бисёре аз зиёъиён ба туркгароӣ тан надоданд, ба пантуркизм нагаравиданд. Танҳо баъзе аз маорифпарварони тоҷик ба тарғиботу ташвиқоти пантуркистӣ ба фиреби ҷаҳонхӯрони усмонӣ афтида, аз ҷумла ба ин амр, ки рӯҳияи пантуркистӣ ба истилоҳ аз маркази ҷаҳони ислом, аз Туркия меомад фирефта шуданд ва ба пантуркизм гаравиданд. Бархе бо нияти фосиди сиёсӣ, бо орзуҳои қудратталабӣ ба пантуркизм рӯ оварданд ва оқибат бо нияти зӯроварии туркӣ ба болшевизми русӣ паноҳ бурданд. Файзуллоҳ Хоҷа ва Абдуллоҳ Раҳимбоев аз ҳамин ҷумла буданд. Онҳо дар ҳақиқат хоин будаанд.

Ҷолиб аст, ки туркгароиву ифроткории баъзе маорифпарварон ва атрофиёни онҳо чун ошкор шудан гирифт, ба бисёр маорифпарварони содиқу собитқадам писанд наомад. Ба ин муносибат мехоҳем ёдовар бишавем, ки ҳамчунонки устод Айнӣ гуфтааст, Абдурраруфи Фитрат ва Файзуллоҳ Хоҷа ба ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол», яъне ба созмони расмии маорифпарварони Бухоро (ҷавонбухороиён, тараққипарварон, ҷадидон, ислоҳотхоҳон) пазируфта нашуда буданд марту апрели 1917 берун аз ин созмон амал кардаанд. Ин ҳам гувоҳӣ аз он медиҳад, ки зӯроварии туркӣ ва гушнапурзӯрии болшевикӣ, ғояи Туркистони бузург» ва «инқилоби ҷаҳонӣ» ба назари баъзе аз маорифпарварони тоҷик ҷолибият надошт.

Ин аст, ки олудагии бархе аз маорифпарварон бо пантуркизм натиҷаи каҷравист, аз каҷравии бехост ё дидаву дониста ҳосил шудааст. Ин масъала дар мавриди ҳар маорифпарваре таҳқиқи вежа мехоҳад. Лекин пантуркизмро ба тамоми ҷунбиши маорифпарварии тоҷикӣ, ба ҳама маорифпарварони тоҷик ба таври умумӣ ва ба куллӣ нисбат додан мумкин нест.

Дар мактабҳои усули нав дар ду даҳаи аввали садаи бист низ омӯзгороне будаанд, ки рӯҳияи пантуркистӣ доштанд ва онро ба шогирдон мегузарониданд. Лекин ҳама омӯзгорон чунин набудаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ҳама мактабҳои усули ҷадидро маркази пантуркистӣ ба шумор овардан дуруст нест. Агар дар баъзе мактабҳои нави Самарқанд забони ӯзбакиро ба ҷадвали дарс дохил карда бошанд, инро нишонаи гаравиши пантуркистӣ набояд донист. Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ бар ин буд, ки тоҷикони Самарқанд бояд чаҳор забонро бидонанд: забони форсӣ, арабӣ, ӯзбакӣ ва русӣ. Албатта ҳақ ба ҷониби ӯ буд. Самарқандро ки ба Туркистони Русия илҳоқ карданд, донистани забони ӯзбакӣ лозим омад. Эътирофи ин лузумро ба пантуркизм набояд ҳавола кард. Ин як зарурати ҳаётӣ будааст.

Дар Бухоро шароит дигар буд. Дар ду даҳаи нахустини қарни бист ҳама мактабҳои наву кӯҳна тоҷикӣ буданд. Дар Бухоро мактаби тоторӣ ҳам буд, аммо мактаби ӯзбакӣ набуд. Чунки мардум забони ӯзбакиро тавон гуфт намедонистанд. Устод Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» гуфтааст: «Бачагони Бухоро забони тоторӣ он тараф истад ҳатто забони ӯзбекиро ҳам намедонистанд»[312]. На танҳо дар шаҳри Бухоро, балки дар вилоят низ ӯзбакидон кам буд. Худи Айнӣ солҳои ҷавонӣ, он гоҳ ки аз деҳ ба шаҳр омад, ӯзбакиро намедонистааст. Аз оғози садаи бист, ки матбуоти туркӣ ба Бухоро омадан гирифт, Айнӣ барои шинос шудан бо ин матбуот махсусан забони тӯркиро омӯхт ва худаш мегӯяд, ки мухтасари девони Навоӣро «хонда, ба ёд гирифтани забон ва шеъри тӯркӣ кӯшиш мекардам»[313]. Ин таъкидҳои Айнӣ ки мардуми Бухоро ва атрофи он забони ӯзбакиро намедонистанд ва чунин таъкидҳо ки дар навиштаҳои дигарон, чунончи Абдулқодир Муҳиддинов[314] низ дида мешавад, хеле муҳимманд. Модом ки мардум ё бештарини мардум ӯзбакиро намедонистанд, заминаи густариши пантуркизм кам буд. Чун дар Самарқанду Бухоро ҳама мактабҳои нави ҷадидон ба форсии тоҷикӣ боз шуда буданд, ин ҳам имкони тарғиботи пантуркистиро маҳдуд карда буд.

Устод Айнӣ дар ҳамон рисола мегӯяд, ки Абдурраруфи Фитрат ва Усмонхоҷа (яке аз наздикони Файзуллоҳ Хоҷа) пас аз баргаштан аз Туркия «ба мардуми шаҳри Бухоро, ки бештарини онҳо забони ӯзбекиро намедонистанд (боз ҳам таъкид!– М.Ш.) ба забони туркии усмонӣ гап мезаданд».[315] Агар чанде аз ин таҳсилдидагони Туркия, ки бо рӯҳияи

---

[312] *С. Айнӣ*. Кулиёт, ҷ. 1. Саҳ. 59
[313] Ҳамон асар. Саҳ. 45
[314] Ниг: *А. Муҳиддинов*. Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбак? — Дарси хештаншиносӣ. Душанбе. Ирфон, 1989
[315] *С. Айнӣ*, ҳамон асар, саҳ. 71-72

пантуркистӣ баргаштанд, кӯшида бошанд, ки дар баъзе мактабҳои тоҷикии ҷадидони Бухоро туркии усмонӣ роҳ биёбад ва ташвиқоти пантуркистӣ пеш гирифта бошанд, бояд гуфт, ки ин раванд аз нимаи даҳаи дувуми қарни бист (аз вақти аз таҳсили Туркия баргаштани туркпарастҳо) сар шуд, яъне хеле дер оғоз ёфт, кам давом кард, ночиз буд ва дар шуури шогирдон ҳанӯз чандон нуфуз надошт.

Банда чанд нафар аз шогирдони собиқи мактаби нави ҷадидони Бухороро дида ва бо онҳо сӯҳбат кардаам. Яке аз онҳо бародари худам Зафар Шарифов буд. Аз ин сӯҳбатҳо чунин тасаввур гирифтаам, ки мактаби нави ҷадидони Бухоро дар даҳаи дувуми садаи бист асосан пок аз олоиши сиёсати туркпарастӣ--- чи уруқдорӣ ва чи пантуркистӣ будааст. То он ҷо ки банда огоҳӣ дорам, мактаби нави Бухоро то инқилоби 1920 омӯзишгоҳе буд нисбатан мукаммал, ки саводи тозаи замонӣ ва маърифати исломӣ, одамияту маънавият, миллатпарвариву ватандӯстӣ меомӯхт, барои густариши чашмандози фарҳангии шогирдон, барои ин ки онҳо то андозае аз ҷаҳони он рӯз хабар дошта бошанд мекӯшид. Баъзе хусусиятҳои мактаби усули ҷадид аз пажӯҳиши М. Орифӣ, М. Қозиҷонов ва дигарон маълум аст. Мазмуни омӯзишу парвариш дар мактаби нави Бухоро аз китобҳои дарсии он пайдост. Китобҳои устод Айнӣ (ғайр аз алифбое, ки бо Мунзим тартиб дода буданд) «Таҳзибуссибён», «Заруриёти диния» ва «Тартил-ул-Қуръон» аз ҳамин ҷумлаанд. Ҳатто китобҳое, ки Фитрат барои мактабиён пас аз гаравиданаш ба пантуркизм навишта буд, чунончи «Мухтасари таърихи ислом» ва «Мавлуди шариф» ба мавзӯъ чунонанд, ки ба пантуркизм наздик наомадаанд.

Агар дар баъзе мавридҳо омӯзишу парвариш ранги пантуркистӣ гирифта бошад, гоҳе дар Бухорову Самарқанд, ба вежа дар Туркистон, чунончи дар Тошканд ё ҷои дигар мактаби ҷадидон ба талқингоҳи ғояҳои пантуркистӣ табдил ёфта бошад, инро набояд чунин маънӣ дод, ки ҳама мактабҳои ҷадидон як омили иртиҷоъӣ буд. На, ҳаргиз! Пайдоиши мактаби нави маорифпарварон моҳиятан як рухнамуди бузурги таърихӣ, як қадами ҷиддӣ дар роҳи пешрафти фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, дар роҳи эҳёи миллӣ буд. Мо имрӯз олоиши пантуркистии мактаби нави маорифпарваронро, дар мавриде зоҳир шуда бошад, маҳкум мекунем, вале набояд фаромӯш бикунем, ки ин олудагӣ моҳияти аслии мактаби маорифпарварони тоҷикро ташкил намекунад.

Арзёбии мо ҷунбиши маорифпарвариро дар маҷмӯъ низ бояд чунин бошад. Мо пантуркизм ва болшевикгароии баъзе маорифпарваронро, ки ба сари миллат фоҷиаҳо овард, махҳкум мекунем, онҳоеро, ки аз миёни маорифпарварон ё аз атрофи онҳо баромада, ба миллати тоҷик хиёнат карданд, лаънат мефиристем, норасоиҳоеро ки ин ҷунбиш дошт, саҳву хатоҳоеро ки намояндагони алоҳидаи он содир карда буданд, бояд як-як таҳлил бикунем, то ки сабақ гирифтани мо аз таърих ба қадри имкон мукаммал бошад. Лекин ҳаргиз раво нест, ки ба наҳзати маорифпарварӣ фақат аз рӯйи качравиҳои намояндагони ҷудогонаи он баҳо бидиҳем. Мо «назарияи» Р. Масовро ки ба ҳама зиёъиёни пархошгар хиёнат, буздилӣ, дурӯягӣ ва бемаслакӣ (предательство, трусость, лицемерие, беспринципность) нисбат дод, кӯшишҳои пайравони ӯ, аз ҷумла Ибни Қурбонро, ки «зиёъиёни шаҳрӣ» ва «ҷадидон»-ро дастнишондагони Туркияву Русия вонамуд кардан мехоҳанд, бо камоли қатъият рад мекунем, чунин «назария»-ҳоро ғайримиллӣ, хилофи ҳаққонияти таърихӣ ва натиҷаи кӯтоҳбинӣ ё бадғаразӣ медонем.

Маорифпарварӣ як ҷунбиши бузурги таърихӣ буд, ки ғояҳои волои он ба андешаи миллӣ асос ёфта ва манфиатҳои миллии мардуми тоҷикро ифода намуда, бо ҳадафгирии таърихии дуруст барои растагории миллӣ ва эҳёи маънавӣ роҳ ҳамвор мекард. Маорифпарварони тоҷик пархошгарони шӯълаваре буданд, ки дар шароити ҳукмронии уруқдорӣ ва байзоият, таассуби динӣ ва хурофот, сиёсати мустамликадории Русияи подшоҳӣ ҷон бар каф гирифта ба майдон баромаданд ва бисёре аз онҳо дар ин майдон сар бохтанд. Имрӯз аз онҳо «хислатҳои нафратангез» («отвратительные свойсва» Р. Масов) ҷустан гуноҳи азим аст.

Дуруст аст, ки ин пархошгарони равшангар дар байни худ ихтилофи назар низ доштанд, дар дохили маорифпарварӣ ҷараёнҳои мухталиф мавҷуд буд ва бархе аз ин ҷараёнҳо дар ҳасостарин лаҳзаҳои таърих фоҷиабор омаданд. Маорифпарвариро бо ҳамаи мураккабӣ ва зиддиятҳояш, дар айни замон бо ҳама бузургии он ба пажӯҳиш бояд гирифт.

Мутаассифона, дар Тоҷикистон дар даврони истиқлол тамоюлоте пайдо шудааст, ки мехоҳанд маорифпарвариро бадном ва маҳкум бикунанд, бо падидаҳое чун байзоият иваз бинамоянд, ба ҷои маорифпарварӣ байзоиятро бипазиранд.

Оре-оре кор то ҳамн ҷо расидааст.

Бинед, Ибни Қурбон чӣ мегӯяд: «Мушоҳидини вақт бар ин шаҳодат додаанд, ки ибтидои садаи бистум ибтидои таҷаддуди дигарбораи миллати тоҷик аст. Яъне, ҳукуматронии кӯҳистониёну эрониён барои дигарбора зинда шудани миллати тоҷик замина фароҳам овард[316]

Ин аст, ки ҳамон байзоиён, ки аҳволу аъмолашонро дар болоҳо дидем, миллати тоҷикро ба таҷаддуд расонида будаанд! Ҳайҳот, баръакс байзоиён душмани навӣ ва навпардозӣ, душмани мактабу маорифи тоза, ислоҳоти иҷтимоъиву сиёсӣ ва «инқилоби фикрӣ» буданд. Тоифае бо ин ҳама душманиҳо танҳо метавонист роҳи эҳёи маънавиро ба рӯйи миллат бубандад.

Аҳмади Дониш дар байни андешаронињои зиёде, ки дар бораи «таҷдиди миллату давлат» дорад, аз ҷумла гуфтааст: «Самарқанд ба қатли насоро хароб гардад ва Бухоро ба қаҳту тангӣ…. Пас агар дар ин маи (садаи се сад –М.Ш.) таҷдиди миллату давлат шавад, эҳтимол, ки ин қазия аз қувва ба феъл наёяд» [317].

Чунонки мебинем, Аҳмади Дониш эҳёи миллии моро дар садаи 14 ҳиҷрӣ чашм доштааст ва як шарти фаро расидани онро гуфтааст ва он шарт нигоҳдории Самарқанду Бухоро аз нобудӣ будааст. Аҳмади Дониш бовар доштааст, ки бақои умри миллат ба пояндагии Бухорову Самарқанд вобастагӣ дошт. Бухорову Самарқанд дили миллат аст, ки сиҳати он умри миллатро дароз хоҳад кард. Аҳмади Дониш ва ҳама маорифпарварони пайрави ӯ барои устувор намудани пояҳои Бухорову Самарқанд, барои наздик овардани «таҷдиди миллату давлат» фидокорона талош кардаанд. Аммо байзоиён чунонки аз фаслҳои гузашта ҳувайдо омад, барои гузаштани Самарқанд ба дасти аҳли насоро сабаб шуда буданд ва бо ситамкориву хунхорӣ ва ҷаҳолату разолат Бухороро ба сӯи харобӣ мебурданд, ки аз расидани «таҷдиди миллату давлат» умед ҳарчӣ камтар мешуд. Байзоиён мулку миллатро аз эҳё дуртар мебурданд, аммо Ибни Қурбон мегӯяд, ки онҳо таҷаддуди миллӣ оварданд. Талқиноти Ибни Қурбон хилофи воқеъияти таърихӣ, хилофи фаҳмиши Аҳмади Дониш ва дигар маорифпарварон аст. «Назарияи» Ибни Қурбон чизест, ки онро ақли салим наметавонад бипазирад.

Хуллас Ибни Қурбон масъалаи бузурге чун эҳёи миллиро бо як-ду «андешаи» ҳавоии бебунёд ҳал кардан мехоҳад. Ин ҳам аз ҳамон хомхаёлист, ки дар оғоз гуфта будем. Агар пажӯҳиши доманадори дақиқе анҷом биёбад, ки имкон дошта бошад тасаввури мавҷудаи дар бораи «хонадони Байзо» ва эрониёни иҷрогари сиёсати уруқдории Манғитияро ба куллӣ дигар бикунад ва нодурустии фикри Аҳмади Дониш ва дигар маорифпарваронро дар ин бора ба субут бирасонад, — он гоҳ дар бораи мақоми таърихии ин ду нерӯйи иҷтимоиву сиёсии «хонадони Байзо» ва эрониёни ҳукуматдор, яъне дар бораи он, ки байзоияташ номидем, баҳси илмӣ оғоз хоҳад ёфт. Чигунагии ҳалли масъала вобаста ба натиҷаҳои он баҳс хоҳад буд.

Инро ҳам гӯшгузор меоварем, ки масъалаи маорифпарварӣ яке аз бузургтарин масъалаҳои таърихи миллат аст. Бо камвуқуфӣ ва саҳлангорӣ даст задан ба баъзе паҳлӯҳои он, чунонки Ибни Қурбон кардааст, ба такрор бояд бигӯем, ки ниҳояти масъулиятношиносии илмист. Вазифаи худ медонам ҳушдор бидиҳам, ки ин думи шер аст, ба бозӣ магир! Ин як мавзӯъи муқаддас аст, ки ба пои бетаҳорат ба остонаи он наздик набояд шуд.

Барои ин ки масъала мушаххастар равшан шавад, ки шояд Р. Масов ва Ибни Қурбон низ ба моҳияти он сарфаҳм раванд, як мисол меоварем.

Дар байни ҷавонбухороиён ҷавоне буд ба номи Мирзо Назруллоҳи Ғафурзода (Абдулғафурзода). Ба гуфти Садриддини Айнӣ, Мирзо Назруллоҳи Ғафурзода аз аввали таъсиси созмони пинҳонкори «Тарбияи атфол» узви фаъол ва фидокори он буд. Чун 7 апрели 1917 фармони ислоҳот содир шуд ва қувваҳои иртиҷоъӣ шӯриш карданд ва террори зидди ҷавонони ислоҳотхоҳ оғоз ёфт, одамони амир Мирзо Назруллоҳи ҷавонро бо Садриддини Айнӣ дастгир карда, ҳар дуро 75 чӯб заданд ва ба зиндони «Обхона» партофтанд. Мирзо Назруллоҳ он ҷо рӯйи бӯрёе дар ҳолате мехобид, ки «гӯштҳо пора-пора шуда, дар баъзе ҷоҳо устухонҳо намоён буданд»[318] Ӯ дар ҳамин ҳол мегуфт: «Худоё, Ватанро ва бандагони бегунаҳро нигоҳ дор». Яъне Мирзо Назрулоҳ дар дами марг ҳам на дар ғами худ, балки дар ғами Ватан ва миллат буд.

---

[316] *Ибни Қурбон*. Фавоҳиш, саҳ. 78

[317] *Аҳмади Дониш*. Рисола, саҳ. 71

[318] *С.Айнӣ.*Таърихи инқилоюи Бухоро, саҳ.184

Он рӯз (9 апрели 1917) сарбозони консулхонаи Русия зиндониён, аз ҷумла Мирзо Назруллоҳ ва Айниро озод карда, ба бемористони Русия, ки дар Когон буд, бурданд. Дар ин беморхона аҳволи Айнӣ беҳтар, аммо аҳволи Мирзо Назруллоҳ бадтар шудан гирифт. Ва 12 апрел Мирзо Назруллоҳ ҷон ба ҳақ супурд. Пеш аз вафот мегуфт: «Хуни мани бегуноҳ ба ҳадар нахоҳад рафт». Ҳозирин инро мешуниданду мегиристанд. Мирзо Назруллоҳ дар ҳузури устод Айнӣ ва дигарон васиятномае навишт (имло карду нависонд), ки мутаассифона матни он ҳануз ба даст наомадааст. Тарҷумаи русии ин васиятнома аз бойгонии вазорати хориҷии Русия ёфт шуд ва соли 1927 ба чоп расид, ки ин аст:

«Банда дар дами марг хушбахтам, ки Бухоро андаке ҳам бошад, озодӣ ба даст меорад. Маро на ба сифати роҳзане, балки ба унвони як муборизи роҳи озодии мардуми Бухоро дарра заданд. Ман аз гунаҳи ҳама гузаштам. Дасти онҳоро мебӯсам, ки маро дара заданд ва ба ман ёрӣ карданд, ки барои халқи Бухоро ҷонамро фидо бикунам. Саломи паём ба бародарони мусулмони ман, ба сарбозон ва коргарон, ба ҳукумати муваққати Русия»[319]

Бо чунин суханҳо, ки меҳри ватану миллат аз он ҳувайдост, ин ҷавони маъсуми ноком ин ҷаҳонро падруд гуфт. Ӯ нахустин шаҳиди роҳи инқилоби фарҳангии мардуми тоҷик буд. Аз соли 1918 то 1920 шумораи шаҳидон хеле афзуд ва ҳоло касе намедонад, ки маорифпарварӣ чанд шаҳид дод.

Дар байни ҷавонбухороиён чунин шахсоне, ки дар ғами халқу ватан будаанд, ҳисси баланди меҳанпарвариву миллатдӯстӣ ва ба ормонҳои маорифпарварӣ садоқати комил доштаанд, зиёд буданд. Мирзо Назруллоҳ яке аз онҳо ва боз ҳам яке аз номашҳуртарини онҳост, ки имрӯз ҳатто мутахассисон ӯро намешиносанд. Бархе аз адабиётшиносони мо ӯро Мирзо Назруллоҳи Лутфии шоир гумон кардаанд. Ва ҳол он ки Лутфӣ як сол пештар аз Мирзо Назруллоҳи Ғафурзода, яъне соли 1916 вафот карда буд ва Айнӣ дар марги ӯ марсияе дорад. (Куллиёт, ҷ. 8. Саҳ. 86). Бархе пажӯишгарон Мирзо Назруллоҳи Ғафурзодаро фарзанди домулло Икроми муфтӣ (муфтӣ Икромча)-и машҳур гумон кардаанд. Ва ҳол он ки домулло Икром ба ин ном фарзанд надоштааст ва як фарзанди ӯ ки ба мактаби нави Мунзим таҳсил карда ва дар террори соли 1918 кушта шуд, Абдураҳмон ном дошт. Мирзо Назруллоҳи Ғафурзода аз ин номдорон ва ё пайвандони онҳо набуд. Ӯ ҷавоне одӣ ва хоксор буда, «дар тамоми умр ба касе арбадаву ошӯб накарда ва касеро аз ошнову бегона озоре нарасонида» будааст.[320] Бо ин софдилӣ фарзанди садоқатманди халқ будааст, ки аз ҳар суханаш садои пархошгари фидокор шунида мешавад.

Р. Масов ва Ибни Қурбон чунин мардони майдонро бо нописандӣ ва ҳатто бо нафрат дар миёни нохунак «зиёиёни шаҳрӣ», «ҷадидон» мегӯянд, хоину миллатфурӯш меноманд. Валлоҳ, ин гуноҳест азим, ки таърих нахоҳад бахшид.

## 14

«Зиёиёни шаҳрӣ» ва «ҷадидон»-ро бад дидани Ибни Қурбон ба ин сабаб будааст, ки гӯё онҳо кӯҳистониёнро бад медидаанд. Ибни Қурбон сахт кӯшиш дорад хонандагони худ, ба вежа ҳамдиёрони худро бовар кунонад, ки «зиёиёни шаҳрӣ», он «ҷадидон» бо кӯҳистониён мубориза кардаанд. Ба гуфти Ибни Қурбон «гӯё як гурӯҳ аз «ҷадидони» Бухоро бештар зери таъсири навсозиҳо ва миллатгароиҳои Туркия буданд, алайҳи «кӯҳистониёни нодон» бархостанд[321]. Гӯё «миллатгароёни турк» ва «баъзе уламои маҳалпараст» дар бораи кӯҳистониён бӯҳтонҳо мебофтанд ва «дар арсаи ин фавоҳишу бӯҳтоният, ки дар замони зуҳури «ҷадидон»-и хоинпеша (?—хиёнатпеша?—М.Ш.) оғоз пазируфт ва баъдан тӯдае бад-он гаравидаву амал карданд, дар кори миллат халалҳои азим рафт. Тафаккури мардуми бечора мубталои саратони маҳалпарастӣ гардид ва таҳаммул накардани тоҷикони «кӯҳӣ»-ву «даштӣ» якдигарро (бештар ба воситаи зиёъиёну соҳибмансабон) ба таври маснӯъӣ ривоҷ ёфт»[322]. Гӯё ҳамин тавр дар байни мардуми тоҷик маҳалгароӣ пайдо шуд ва то имрӯз давом дорад.

Мо ба ин гуна «эзоҳҳо» наметавонем розӣ бишавем. Мақсад аз ин «эзоҳоти» батакрору батаъкид он аст, ки Ибни Қурбонҳо мехоҳанд «зиёъиёни шаҳрӣ» ва «ҷадидон»,

---

[319] Маҷалаи Красный архив, 1927, №1, саҳ. 94.
[320] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, саҳ. 141.
[321] *Ибни Қурбон*, ҳамон асар, саҳ. 79
[322] Ҳамон асар, саҳ. 82

яъне маорифпарваронро ба мардуми имрӯз бад кунанд, нисбат ба шаҳриён ва тоҷикони Бухоро (ва Самарқанду Хуҷанду ғайра низ) нафрат ба вуҷуд биёваранд. Маҳалгароӣ дар ҷомеаи феодалӣ ҳамеша буд ва чун манғитиён байзоиёнро (яъне як қисми кӯҳистониён ва эрониёни Бухороро) ба сари гурӯҳу табақаҳои дигари ҷомеа шинонданд ва ба онҳо ҳокимияти мутлақ доданд, маҳалгароӣ ба авҷи аъло расид. Гуфта будем ва боз мегӯем, ки ривоҷи маҳалгароӣ дар садаи 19 ва оғози садаи 20 маҳсули сиёсати уруқдорӣ ва ҳукмронии байзоиён аст. Ба фаҳми мо ин моддаи даъвономаи Ибни Қурбон дар фаслҳои гузашта баррасӣ ва рад шуд. Ва ҳамин кофист.

Ибни Қурбон даъво дорад, ки гӯё Садри Зиё мекӯшид, ки «шариатро аз бидъати «бегонагон» ва ватанро аз вуҷуди «аҷнабиён» пок бинад. Ва Бухоро агарчи маркази давлат аст, бояд танҳо барои бухороиён (ва онҳам барои ашрофи он) буда бошад»[323].

На, Садри Зиё дар ҳеҷ ҷо нагуфтааст, ки «Бухоро бояд танҳо барои бухороиён буда бошад». На дар он пораҳо ки Ибни Қурбон иқтибос овардааст, на дар дигар навиштаҳои Садри Зиё чунин ҳукме баён нашудааст. Садри Зиё чандин бор фақат инро гуфтааст, ки ҳар се Ибни Байзо амалу мансабҳоро асосан ба шогирдони худ, ки бештарини онҳо аз ҳамдиёрон, яъне аз кӯҳистониён буданд, тақсим кардаанд ва ба худи бухороиён пасмондае мерасад. Ӯ таъкид кардааст, ки «тамоми маъхазҳои дорулфохира ба ҷониби кӯҳистониҳо тааллуқ ёфта… бухорӣ аҳёнан мудохала накунад ва илло мумкин набуд, ки қариб шуда тавонад».[324]

Чунонки мебинем, байзоиёнанд, ки ноинсофӣ ва маҳалгароӣ мекарданд. Садри Зиё тарафи ҳамшаҳриҳои худро гирифтааст ва имдод хостааст. Ғами ҳамшаҳриҳои худро хӯрдан ва адолат ҷустан маҳалгароӣ ва ноинсофӣ нест. Худро ба мардуми маҳаллӣ зид гузоштани аҳли хонадони Байзо ва ҳуқуқи мардуми маҳаллиро поймол кардани онҳо ба истилоҳи имрӯз маҳалгароӣ ва ба истилоҳи ҳама замонҳо ҷавру зулм ва худкомагист.

Садри Зиё хостааст, ки амирон «ихтиёри шариати мутаҳҳар ва ниёбат, яъне вазоратро дар ӯҳдаи одамони босаодати соҳибдиёнат гузоранд, ки сабаби интизоми дину давлат ва боиси некномии мулку миллат гарданд»[325].

Ин ҳам дархости ҳаққонӣ ва одилона аст, созвор ба фармудаҳои Аҳмади Дониш ва дархостҳои иҷтимоъиву сиёсии пайравони ӯст. Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ, аз ҷумла Садри Зиё хостанд, ки мансабҳои мулкиву мазҳабӣ на ба бедонишону бесаводон (ки мисолашро дар фаслҳои гузашта бисёр дидем), балки ба «одамони босаодати соҳиби диёнат» дода шавад, то ки «боиси некномии мулку миллат гарданд». Садри Зиё дар ғами «мулку миллат» ва «дину давлат» аст. Ӯ монанди дигар маорифпарварон бар зидди низоми бенизомӣ ва ҷаҳолатпарварӣ, барои давлатдории бофарҳанг ва маънавибунёд мубориза кардааст. Ин аз муҳимтарин усул (принсипҳо)-и маорифпарварӣ буд. Дидем, ки Садри Зиё Остонақули қушбегии вазирро, ки эронӣ будааст, ситоиш карда буд. Маорифпарварон давлатдории бофарҳанги адолатпешаро хостаанд ва дар ин маврид аз мансубияти қавмӣ ва гурӯҳиву минтақавии давлатдорон ва соҳибмансабон сарфи назар кардаанд. Сухани Садри Зиёро, ки дар боло овардем ва шомили айбномаи Ибни Қурбон шудааст, ба ҳамин маънӣ бояд фаҳмид, на мансабталошӣ, ки Ибни Қурбон мегӯяд.

Адолатхоҳон ҳамеша таъқиб дидаанд. Онҳо имкон надоштанд, ки овози эътироз баланд бикунанд. Ба гуфти Садри Зиё «рӯзу умри аҳли ватан бад-ин мазаллату хорӣ ва усрату тангӣ мегузашт. Касеро ёрои лаб кушодану дам задан набуд»[326]. Садри Зиё ин матлабро чандин бор таъкид кардааст. Чунончи мегӯяд, ки «ба ҳарҷо уламову уламозода буданд, дар гӯшаи гумномӣ мунзавӣ ва дар зовияи нокомӣ мухтафӣ ба камоли тангдастиву камбизоатӣ… қаноат карда, маҷоли дам задан ва ёрои овоз бардоштан надоштанд. Ҳар гоҳ саҳван ва хатан нафасе рост карданӣ шаванд, муште ба сари худ мехӯрданд»[327].

Ин ҷо яке аз падидаҳои давлатдории бефарҳанг, беадолатии куллӣ ва ҷабру ситами бениҳоят, як шингил аз комравоии комили доираҳои ҳукмрон ва беҳуқуқиву дармондагии ҷаврдидагон, ки дар кишвар доман паҳн карда буд, баён шудааст. Ин ҳолатро устод Айнӣ ин тавр ба қалам оварда буд:

*Мил бар дида гузоранду бигӯянд: Хамӯш!*

---

[323] Ҳамон асар, 39.
[324] *Садри Зиё.* Наводири зиёъия, вар. 106 а.
[325] Ҳамон асар, вар. 115 б.
[326] Ҳамон асар, вар. 79 а.
[327] Ҳамон асар, вар. 106 б.

*Тир бар сина халонанду бигўянд: Манол!*[328]

Оре, Садри Зиё заррае аз ҳамин воқеияти мудҳиш намоён овардааст. Чун Садри Зиё пас аз инқилоб боре ба ин андакнамоӣ ва намунагўӣ бо доду фиғон ва хашму ғазаб даст зад, Ибни Байзоҳои садаи 21 — Ибни Қурбонҳо шикоят оғоз карданд, ки Садри Зиё моро нафрин кардааст. Дар ибтидои садаи 20 Ибни Байзоҳои он замон намегузоштанд, ки касе ба эътироз садо диҳад, дар ибтидои садаи 21 Ибни Қурбонҳо дар хашманд, ки Садри Зиё овоз баланд намудааст. Алҳақ.

*Дар миёни чор дарё тахтабандам кардаӣ,*
*Боз мегўӣ, ки доман тар макун, ҳушёр бош!*

Ба ин ваҷҳ мегўем, ки фавоҳишномаи Ибни Қурбон ойинаи каҷнамоест, ки дар бештари мавридҳо акси рост аз он наметавон дид. Боз ҳам, чунонки чандин бор гўшрас оварда будем, ин каҷнамоиҳои ибни Қурбон бисёр содалавҳона воқеъ шудааст. Содалавҳӣ оё бештар аз ин мешавад, ки вай ҳама кори «ҷадидон»-ро, яъне маорифпарваронро ниқоргирӣ аз кўҳистониён тавҷеҳ кардааст. Ба фаҳми Ибни Қурбон гўё «ҷадидҳо» «ба хотири аз кўҳистониёну эрониён интиқом гирифтан дар сафи Инқилоби сурх рафтанд».[329] Гўё давлати шўравиро дастгирӣ кардани «ҷадидҳо» низ фақат барои ниқор гирифтан аз кўҳистониён будааст: «Ҷавонбухориёни ба корҳову идораҳои шўроӣ воридшуда дар тўли солҳои 1920-1937 ба хотири «интиқом кашидан» аз кўҳистониён хидматҳои «наҷибонае кардаанд»[330]. Гўё маҳз ҳамон «ҷадидони» собиқ дар аҳди шўравӣ «кўшишҳои азим ба харҷ додаанд, ки «аҳли кўҳистон» дигар ба сари илм ва маносиби давлат наравconfigured»».[331] Ва ҳоказо. Гўё «ҷадидон» пеш аз инқилоб ва пас аз он ҳам дигар кору боре надоштаанд ва ҳама орзуву омоли онҳо танҳо «интиқом кашидан аз кўҳистониён» будааст. Ман намедонам, дар бораи чунин «фаҳмиш», чунин «шарҳу баён» чӣ бигўям. Ин на танҳо содалавҳӣ, балки чизе ба ҷуз он аст, вале банда алъон намедонам, ки чист. Охир Ибни Қурбон ҳатто террори сталинии соли 1937-ро ниқоргирии «ҷадидон» аз кўҳистониён ҳисобидааст. Наход ки «содалавҳӣ» то ҳамин дараҷа бошад? Содалавҳист ё боз ҳамон каҷнамоӣ ва каҷфаҳмонӣ? Охир, пас аз инқилоби октябри 1917 дар тамоми кишвари шўравӣ «террори сурх» оғоз ёфт ва ба рангҳои гуногун то охири умри импиротурии шўравӣ идома дошт. Такрор мекунам, «террори сурх» сар то сари кишвари шўравӣ, дар ҳама ҷумҳуриҳо густариш ёфт. Наход, ки дар ҳама ҷумҳуриҳои шўравӣ ин террорро «ҷадидони» тоҷик, «зиёъиёни шаҳрии» Бухоро ҷорӣ карда бошанд? Ё ин ки он ҷумҳуриҳои шўравӣ низ магар пур аз «кўҳистониёни тоҷик» буд, ки «ҷадидон» аз паси он кўҳистониён рафта, ба он ҷоҳо террор бурданд?! Пўшида нест, ки он ҷадидони собиқ чи маорифпарварони асили поксиришт ва чи хоинони ватанфурўшу миллаткуш, ки ноҳақ ҷадид ном гирифтанд, дар аҳди шўравӣ террор шуданд. «Террори сурх» як фоҷиаи мудҳиш буд, ки ба сари ҳама халқҳои импиротурии шўравӣ омада буд. Ибни Қурбон ҳамин фоҷиаи калони ҳамагирро танҳо ба кўҳистониёни тоҷик нисбат додааст, онро фақат интиқомгирии ҷадидон аз кўҳистониён ба шумор овардааст. Ин оё ниҳояти кўтоҳбинӣ ва каҷбинӣ нест? Ба андешаи мо инро аз бадтарин зуҳуроти шуури пасти музофотӣ, аз зарарноктарин оқибатҳои маҳалгароии имрўзӣ бояд донист. Рўйнамудҳои калони таърихиро бо андозаи норасои як маҳдудаи ҷуғрофиёии худ андоза кардаанд, ба воқеаҳои бузурги замон (чи ҷунбиши ҷадидия ва чи «террори сурх») аз даричаи танги як маҳдудаи худ нигаристаанд ва чизеро надидаанд ва нафаҳмидаанд. Онҳо дардҳои мардуми маҳдудаи маҳаллии худро низ дуруст намефаҳманд ва агар мефаҳмиданд, аз шинохти моҳияти рўйдодҳои бузурги замон то ин дараҷа оҷиз намеомаданд.

Оре, кўтоҳбин ҳастанд ва кўтоҳбинии музофотӣ оқибат ба нобиноӣ меоварад.

Ба фаъолияти Садри Зиё дар давраи пас аз инқилоби Бухоро (1920) низ Ибни Қурбон бо чашми каҷбин нигоҳ кардааст.

Вай аҷаб гуноҳҳое ба гардани Садри Зиё гузоштан хостааст. Чунончи гўё соли 1923 бо 113 нафар аз уламои ислом ба дастгирии ҳукумати шўроии Бухоро дар номае имзо гузоштани ў кори норавое будааст. Ибни Қурбон, Р. Масов., С. Табаров мегўянд, ки Ҳукумати Ҷумҳурияти Халқии Шўроии Бухоро равияи пантуркистӣ дошт (ки ин ҳақ асту

---

[328] *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 8, саҳ. 224.
[329] *Ибни Қурбон*. Фавоҳиш… саҳ. 41
[330] Ҳамон асар, саҳ. 42
[331] Ҳамон асар, саҳ. 81

рост), пас Садри Зиё равияи пантуркистии онро дастгирӣ кард, яъне ба миллати тоҷик хиёнат кард. Ба чунин гузориши масъала наметавон розӣ шуд. Якум он ки мо намедонем, ки он 113 тан ё Садри Зиё он баённомаро ба ихтиёри худ имзо карданд ё аз рӯйи маҷбурият. Дувум он ки дастгирии ислоҳоти замин, ёдрас овардани ин ки ислоҳоти замин агар ба ҳукми адолат сурат бигирад, хилофи шариат нест, ба бовари банда гуноҳ нахоҳад буд, ба маҳалгароӣ ё туркпарастӣ алоқае надорад, хилофи манфиатҳои миллӣ нест.

Даромадан ба хидмати шӯравиёнро дар ҳама мавридҳо гуноҳ ҳисобидан ҳаргиз мумкин нест. Дар баъзе мавридҳо онро айни савоб бояд донист. Чунончи фаъолияти Айнӣ, Аҷзӣ, Ҳамдӣ, Абдулқодири Шакурӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, домулло Икром ва дигар маорифпарварони собиқ дар замони шӯравӣ, ки ба идораҳои давлатӣ ё фарҳангӣ ва ё динӣ кор кардаанд, дар бештарини мавридҳо айни савобкорӣ будааст. Бархе аз инҳо аз рӯйи ихлосе, ки ба инқилоб ва ҳокимияти шӯравӣ доштанд, ба хидмат даромаданд, бархе агарчи аз инқилоб ё пайовардҳои он розӣ набуданд, дар мактабу маориф ва матбуоту нашриёт кор карданд, яъне як андоза ҳамон фаъолияти маорифпарварии худро идома доданд, то ки дар хидмати халқ бошанд. Чунонки пеш аз инқилоб фаъолияти равшангарии Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ ё ҳар кадоми дигаре, муаллимии онҳо дар мактаби нав ё кӯҳна ҳаргиз хидмат ба давлати амирӣ набуд, фаъолияти баъзеи онҳо пас аз инқилоб низ на хидмат ба давлати шӯравӣ, балки хидмати ҷомеа буд.

Садри Зиё низ яке аз ҳамон равшангарон буд, ки пас аз инқилоб ҳам фаъолияти фарҳангӣ ва мазҳабии худро ба тарзҳои дигар идома додаанд.

Назари Садри Зиё ба инқилоби Бухоро равшану возеҳ ифода шудааст. Ҳамон тавр ки дар рисолаи «Садри Бухоро» таъкид карда будем, назари ӯ дар бораи инқилоби Бухоро комилан манфист. Вай инқилоби Бухороро бо хобҳои даҳшатноке маънидод карда, аз ҷумла гуфтааст: «Балову балво аз ин зиёда нахоҳад буд»[332]. Ин аст, ки Садри Зиё инқилоби Бухороро балои азим донистааст. Пас фаъолияти иҷтимоъии ӯ пас аз инқилобро пазириши инқилоб, пазириши шиорҳои назарфиребонаи ҳукуматдорони пантуркисти большевикмаъоб набояд донист. Агарчи дар ин ҳукумат дӯстон ва шогирдони ӯ (чунончи Мунзим) шомил буданд, ки шояд ӯро ба кор дилгарм карданд, ӯ ва домулло Икромро хидматгузори давлати шӯравӣ наметавон гуфт. Агарчи домулло Икром инқилобро ба хушӣ пешвоз гирифт.

Садри Зиё пас аз инқилоб чанд гоҳ «мумайизи уламо» буд. Банда ҳоло намедонам, ки вазифаи ӯ ба сифати «мумайизи уламо» чӣ будааст. Ибни Қурбон низ инро намедонад ва худ иқрор мекунад, ки «агарчи маълумоти дақиқ рӯйи даст нест»[333], бо вуҷуди ин ҳукм баровардааст, ки модом Садри Зиё «мумайизи уламо» буд, пас «муллои давлатӣ» будааст, ба ҷазо дидану нобуд шудани муллоҳо, хусусан ба ниқоргирӣ аз кӯҳистониҳо мусоидат кардааст. Лекин Ибни Қурбон барои чунин натиҷагириҳо ҳеҷ далелу бурҳон наовардааст. Дар навиштаҳои Садри Зиё ва сарчашмаҳои дигар ҳанӯз ишорае надидаем, ки ба дурустии ин даъвои Ибни Қурбон далолат бикунад. Агар бидуни асос хулоса баровардан бигирем, аз ҳақиқат, аз инсоф хеле дур меравем. Мафҳуми «муллои давлатӣ» ва «муллои шӯравӣ» аз соли 1943 пайдо шуд. Он гоҳ ҳукумати шӯравӣ дин ва муассисаҳои диниро ба расмият шинохт, идораи динияи ҳукуматӣ таъсис кард, барои назарфиребӣ ба нӯги забон фаъолияти мазҳабиро рухсат дод, вале сахт зери назорат гирифт. Мафҳуми «муллои давлатӣ», яъне дастнишонда он гоҳ пайдо шуд. Онро ба давраҳои пештар, ба даҳаи бисту сӣ бечуну чаро нисбат додан шояд раво набошад.

Дар бораи фаъолияти Садри Зиё дар давраи пас аз инқилоби 1920 мутахассисони таърихи Ҷумҳурии Бухоро чизе нагуфтаанд. Дар ин бора танҳо пас аз он ки бойгонии Ҷумҳурии Бухоро дида шавад ва аз дигар манбаъҳо мадраке ба даст ояд, қазоват кардан имкон хоҳад дошт. Тахминҳои беасоси Ибни Қурбон дар ин бора ба диди мо эътиборе надоранд.

## 15

Ҳоло бармегардем ба давраи пеш аз инқилоб, ба даҳаи якуму дувуми садаи бистум.

Чунонки маълум аст, дар Бухорову Самарқанд кӯҳистониён бисёр буданд. Инро муҳаққиқон, аз ҷумла устод Айнӣ чандин бор гуфтаанд. Дар Самарқанд аз саргаҳи Зарафшон, аз Фалғару Масчоҳ бештар меомаданд. Онҳо баробари халқи маҳаллӣ дар ҳаёти

[332] Рӯзномаи Садри Зиё, Теҳрон, 1382=2003, саҳ.288
[333] *Ибни Қурбон,* ҳамон асар, саҳ. 43.

фарҳангӣ ширкат меварзиданд. Бештари умри Туғрал дар Самарқанд ва Бухоро гузаштааст. Ҳоҷӣ Муини Меҳрии Самарқандӣ дар асл аз Фалғар буд ва ҳоказо. Фалғариҳову масчоҳиҳо дар Бухоро низ кам набуданд. Дар Бухоро аз Бойсун, Ҳисор, Рашт ва Хатлон бештар меомаданд. Як қисми калони муллобачаҳои мадрасаҳои Бухоро, бисёре аз имомҳо, муаззинҳо ва ғайра аз ҷумлаи кӯҳистониён буданд. Аз байни онҳо муллову мударрисҳо низ баромадаанд.

Ибни Қурбон ба гуфтаи устод Айнӣ ва Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва дигарон такя карда таъкид намудааст, ки кӯҳистониён дар Бухоро илмдӯстӣ ва сададилии худро намоиш доданд. Ибни Қурбон илмдӯстӣ, содагиву беолоишӣ, софдиливу ростии кӯҳистониёнро дар китоби худ аз оғоз то анҷом ба такрор овардааст; кӯшидааст, ки инро исбот бикунад. Ва ҳол он ки ин ҷо исбот лозим нест. Ошкор аст, ки тоҷикони кӯҳистон дар донишдӯстиву илмҷӯӣ, содадиливу самимият, дӯстиву рафоқату садоқат тавон гуфт, ҳамто надоранд. Онҳо дар ҷуръату ҷасорат ва зӯрмандиву далерӣ ва бардошту тоқат низ шӯҳрат ёфтаанд. Банда дар ин умри дарозам чандин бор падидаҳои наҷобати дили мардуми кӯҳистонро ба чашми худ дидаам. Дар ин овони пирии ман чанде аз ёрону ёваронам аз аҳли кӯҳистон, ҳам аз Фалғару Мастчоҳ, ҳам аз Хатлону Ҳисору Рашту Бойсун ва ғайраанд, ки ҳамдаму ҳамнафаси банда мебошанд. Ва банда дуогӯи эшонам.

Кӯҳистониён аз рӯйи содагиву софдилӣ зудбовару зудранҷ низ ҳастанд. Инро Сотим Улуғзода дар романи «Восеъ» тасвир кардааст. Аз зудбоварист, ки гоҳ зуд фирефта мешаванд. Дар нимаи дувуми садаи 19 ва оғози садаи 20 бисёре аз кӯҳистониён ки ба Бухоро омаданд, ба доми фиреб афтоданд. Дар ин муддат, чунонки дидем, се тан аз хонадони Байзо пешвои онҳо будаанд. Мутаассифона, ҳар се байзоӣ — ҳам қозӣ Садриддин, ҳам қозӣ Бадриддин ва қозӣ Бурҳониддин хидматгузори ҷонсупори амирони мустабид ва сарвари неруҳои муҳофизакору иртиҷоъии вақт будаанд. Тасаввуре ки Ибни Қурбон дар бораи онҳо ба вуҷуд оварданист, ки гӯё адолатпешаву тоҷикнавоз буда бошанд, чунонки дидем, ба ҳақиқат рост намеояд. Кӯҳистониҳое, ки баБухоро ба гуфти Ибни Қурбон фавҷ-фавҷ меомаданд, бештарин ноогоҳ аз он ки пешво чӣ шахсест, ба гирди ӯ ҷамъ мешуданд, ба домаш меафтиданд. Ё ба хушбовариву эътиқоди кӯр-кӯрона, ки пешво сарвари уламои ислом дар Бухорои шариф аст, меҳргуморӣ мекарданд. «Бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ», бисёре аз муллову муллобачаҳои кӯҳистонӣ бозичаи дасти аҳли хонадони Байзо шуданд.

Ба хусус мулло Бурҳониддин бисёре аз ҳамдиёрони худро ба гирди худ ҷамъ овард. Онҳо мутеъу фармонбардори ӯ буданд. Андак ишора кунад, медавиданд ва фармудаи ӯро аз дилу ҷон иҷро мекарданд. Ва раҳнамоиву фармоишҳои ӯ албатта зидди маорифпарварӣ, зидди мактаби нав, рӯзномаву китобҳои тозачоп ва монанди инҳо буд. Мактабҳои усули ҷадидро мебастанд. Маорифпарварон мактабҳои пинҳонӣ мекушоданд. Одамони қушбегиву қозикалону раискалон дар ҷустуҷӯи ин мактабҳо такопӯ доштанд, то ки бубанданд.

Таъқиби маорифпарварон ҳамроҳ бо худсариву тааддӣ, таҳқиру дашном, задану маъиб кардан буд. Дастаи мулло Бурҳониддин калонтар ва дар ин «бизану бикӯб»-ҳо аз ҳама сахтравтар буд.

Дар мубориза зидди маорифпарварон нерӯҳои зиёди расмиву ғайрирасмӣ даст ба ҳам дода буданд. Маркази вазорат — дастгоҳи қушбегии сарвазир, аълам, муфтиҳо баъзе мударрисон, муллову муллобачаҳои бисёре дар ин мубориза ҳамдастӣ доштанд. Дар байни онҳо бухороиёни таҳҷоӣ бисёр буданд, тотор (чунончи мулло Қамари машҳур), эронӣ, тошкандӣ, хӯқандӣ низ буд. Бахши асосии ин нерӯҳои зидди маорифпарвариро дастаи тарророни Бурҳониддин ташкил карда буд. Душмани асосии маорифпарварӣ дар Бухорои ду даҳаи нахустини қарни 20 Бурҳониддин буд.

Дар аввалҳои таъсиси созмони пинҳонкори «Тарбияи атфол» (1910) бархе аз наздикону ҳамдиёрони Бурҳониддин низ аъзои он будаанд. Чун Бурҳониддин аз ин огоҳ шуд, азбаски сахт «кинаҷӯй, адоватпеша, фосиқ» буд[334], зуд чораҳое андешид, ки вобастагони ӯ аз он созмон дур бошанд. Садриддини Айнӣ менависад, ки соли 1915 «Шулга ном ноиби вакили сиёсии Русия ба қозикалон Бурхониддин мактуб навишта, чанд нафар ҷавонбухороиёнро ном бурда, танбеҳашонро хоҳиш кард… Азбаски дар ин мактуб номҳои чанд нафар бозбастагонаш буд, қозикалон як маблағи бузургеро ба тариқи ришва тақдим

[334] *Фитрат.* Давраи ҳукмронии амир Олимхон, Душанбе, 1991, саҳ. 29

карда, эшонро аз таҳдиди Шулга халос намуд».[335] Ва дигар нагузошт, ки бастагону ҳамдиёронаш ба ҷадидон наздик шаванд.

Ба касофати Бурҳониддин ҳамдиёрони ӯ ба маорифпарварӣ напайвастанд. Хоҳиш мекунам, аз ин нукта сар-сарӣ нагузаред: он ҳама ҳамдиёрони Бурҳониддин, ки дар Бухоро бисёр буданд, аз ҷунбиши маорифпарварӣ берун монданд. Шояд ба ҷуз ду-се нафар. Яке аз ин ду-се тан Икром — махдум ном бародари Бурҳониддин (падари нависанда Ҷалол Икромӣ) буд, ки дар Қарокӯл қозӣ буд ва ба маорифпарварӣ майл пайдо кард ва дар қозихона мактаби усули нав кушод (ва дар он мактаб Ҷалол Икромӣ низ таҳсил карда буд). Шулга ба Бурҳониддин нома навишт, ки «қозии Қарокӯл Икром-махдум сӯҳбатҳои сиёсӣ мекардааст»[336]. Бурҳониддин албатта бародарашро сахт танбеҳ дод ва мактаби тозаусули ӯро баст.[337]

Ҳамин тавр ба сабаби зобитӣ ва сахтгириҳои Бурҳониддин бештари ҳамдиёрони ӯ (ҷуз Шоҳин, Муштоқии Бисмил ва дигар равшанфикрони садаи 19) аз савоби ширкат дар яке аз бузургтарин ҷунбишҳои иҷтимоъиву фарҳангии таърихи мо бенасиб монданд. Ин нишон медиҳад, ки Бурҳониддин бениҳоят мутаассиб будааст. Ибни Қурбон чунин касеро ба ҳимоя гирифта, оқилу доно ва пешқадаму ислоҳотхоҳ вонамудан мехоҳад. Шояд «ҷадидон»-ро бад дидани Ибни Қурбон низ қисман ба ин сабаб бошад, ки дар ҷунбиши маорифпарварӣ дар оғози садаи 20 ҳамдиёрони Ибни Байзо ва Ибни Қурбон ширкат надоштаанд. Яъне боз ҳам Ибни Қурбон ба як рӯйдоди бузурги таърихӣ аз даричаи танги маҳалли худ менигарад.

Ҳамин таассуби гузарои Бурҳониддин буд, ки муҳофизакорӣ ва иртиҷоъро дар Бухоро ривоҷ дод ва худи ӯ аз сардорони иҷрои сиёсати уруқдорӣ ва муборизаи зидди маорифпарварӣ шуд.

Дастаи пуршумори шербачагони Бурҳониддин, ки аз наздикону хешовандон ва ҳамдиёронаш ташкил шуда буд, чун як балои осмонӣ ба сари мардуми Бухоро фалокат меовард. Ин даста бештар ба муборизаи зидди маорифпарварон шуғл дошт. Ин муборизаро бо пасттарин тарзҳои разилона давом медод.

Чунончи шербачагони ӯ фармоиш гирифта буданд, ки «душманони» ӯро дар кӯчаву бозор бубинанд, ба зарбу лат бикашанд. «Душманони» асосии ӯ ҷавонони тозафикри тараққихоҳ буданд, ки хавфи лату кӯби шербачаҳои Бурҳониддин ҳамеша онҳоро таҳдид мекард.

Он тавр, ки Абдуррауфи Фитрат хабар медиҳад, ҳар чокари Бурҳониддин, аз ҷумла бародарзодааш Аминҷон-махдуми Зиё «тарафдорони Муҳаммадшарифи садрро (Садри Зиё — М.Ш.) дар кӯчаву бозор мезад ва мезанонд».[338] На танҳо хешу табори Садри Зиё, балки хидматкорони ӯ низ наметавонистанд ба танҳоӣ ба кӯча бароянд. Одамони Бурҳониддин боре фарзанди Садри Зиё Зарифро, ки дар мактаби ҷадидии Мунзим таҳсил карда буд, дар кӯча бисёр сахт заданд ва қариб Садри Зиё аз ягона писари калонаш маҳрум монда буд. Бадкирдорони Бурҳониддин чунин «ҷанги кӯчагӣ»-ро бо дигар маорифпарварон низ мекарданд. Устодону шогирдони мактабҳои навро дар кӯча мезаданд. Аз ҷумла одамони домулло Икром ва фарзандони ӯро, ки ду нафари онҳо низ дар мактаби Мунзим хонда буданд, дар кӯчаҳо медоштанд ва мезаданд. Домулло Икром фатво дода буд, ки мактаби нави ҷадидон хилофи шариъат нест. Ба ин «гуноҳ» ӯро соате бе таҳдид намегузоштанд ва ду бор табъид (бадарға) карданд ва соли 1918 фарзандаш Абдураҳмонро дар пеши чашмаш куштанд.

Аз навиштаҳои Садриддини Айнӣ медонем, ки дар доираҳои ҳукмрон, дар байни уламои расмӣ ва аҳли иртиҷоъ Аҳмади Донишро бедин, зиндиқ, кофир мегуфтанд. Дар ду даҳаи нахустини қарн домулло Икромро низ бадимон хондаанд. Ҳама маорифпарварон, муаллимони мактабҳои нав ва шогирдони ин мактабҳо, инчунин падарону хешовандони ин шогирдонро кофир меҳисобиданд, шогирдонро кофирбача гӯён дар кӯчаҳо мезаданд. Гоҳ шунида мешуд, ки мегуфтанд: хуни инҳо ҳалол аст.

---

[335] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 10, саҳ. 148.

[336] *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 126-127.

[337] Устод Айнӣ чанд бор Аминҷон-махдуми Зиёӣ ном шахсеро ном гирифтааст, ки аз маорифпарварон будааст, чунончи аз фаъолони рӯзномаи «Бухорои Шариф» ва дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳон узви созмони пинҳонкори ҷавонбухороиён будааст («Таърихи инқилоби Бухоро», саҳ. 109 ва 133). Додарзодаи Бурҳониддин низ чунонки дар китоби Фитрат «Давраи ҳукмронии амир Олимхон» (саҳ. 30) омадааст, Аминҷон-махдуми Зиё ном доштааст. Ба гумони қавӣ ин ду Аминҷон-махдум як кас нест, зеро дувумӣ муборизи зидди ҷадидон будааст.

[338] *Фитрат*, ҳамон асар. Саҳ. 30

Агар разолати Бурҳониддин то ҳамин дараҷа расида бошад, ки аз дасти ӯ мардум ба кӯча баромада наметавонистаанд ва Садри Зиё қариб аз фарзанд маҳрум шуда будааст, магар Садри Зиё ҳақ надошт, ки аз дасти Бурҳониддин ва бадкирдорони ӯ доду фарёд бикунад, онҳоро разил ва «ҷамоаи дания» биномад?

Маорифпарварони ҷавон ҳамеша дар зери таҳдиди як даста разилони аблаҳу авбош будаанд. Ин «тоифаи разила» дар ҳар қадам фитнае эҷод мекарданд, ҷавонони маорифпарвар ҷон ба каф гирифта талошу пархошро идома медоданд. Ва мегуфтанд:

*Гар боди фитна ҳар ду ҷаҳонро ба ҳам занад,*
*Мову чароғи чашму раҳи интизори дӯст.*

16

Рӯзи 25 марти соли 1917 амир Олимхон Садри Зиёро қозикалон (қозиулқузот) таъйин кард. Чунонки гуфта будем, он ҳангом Абдуссамадхоҷаи судури Самарқандӣ раискалон (мӯҳтасиб) таъйин шуд. Насруллоҳи қушбегӣ (вазир), Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа бояд фармони ислоҳотро иҷро мекарданд. Чунонки амир пас аз инқилоби феврали 1917 ва сарнагун шудани тахти подшоҳи рус дар зери фишори ҷадидони ислоҳотхоҳи Бухоро ва консулгарии Русия маҷбуран фармони ислоҳот содир кард (7 апрели 1917), фақат ба сабаби ин ки пешниҳоди ислоҳотталабон ва консулхонаи Русияро рад накарда бошад, бо дили нохоҳам Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷаро ба маснади қозикалонӣ ва раискалонӣ нишонда буд. Зуд ошкор гардид, ки амир ба онҳо бовар надорад.

Садри Зиё ба ҷои Бурҳониддин қозикалон шуда буд. Бурҳониддинро як муддат аз сари кор дур карданд. Оташи ғазаб дар дили Бурҳониддин шӯълавар гардид. Ӯ ба муқобили фармони ислоҳот, бар зидди Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа, инчунин Насруллоҳи қӯшбегӣ фитнаву фасод эҷод кардан гирифт.

Чунонки маълум аст ва мо низ ишора карда будем, рӯзи 7 апрел, ба хусус 8-9 апрел ва рӯзҳои баъд муллову муллобачаҳои бисёре, ҳама сияҳкорони табаҳкор шӯриш бардошта, ба кӯча баромаданд. Онҳо «во дино!», «во шариато!» гӯён дар шаҳр ғулғула андохтанд ва ҳар касро ҷадид ҳисоб кунанд, дастгир карда, задаву кӯфта, ба дасти одамони амир месупурданд ва ба зиндон мефиристоданд. Дар ин маҳшар иртиҷоъиёни ошӯбгар ва маъмурони ҳукумат даст ба даст амал карданд.

Ин ҳам маълум аст, ки яке аз сардорони ин ошӯби зидди ислоҳот ва зидди ҷадидон Бурҳониддин буд. Абдурраруфи Фитрат мегӯяд: «Амир Олимхон фармони ислоҳотро дод ва … дар натиҷаи ин Баённома (фармони ислоҳот, манифест — М.Ш.) намоиши маълуми ҷадидони Бухоро воқеъ гардид (8 апрел — М.Ш.) ва фитнае ки аз тарафи Бурҳониддин тартиб шуда буд, ба вуқӯъ омад»[339]. Ин аст, ки фитнагари асосӣ Бурҳониддин буд ва инро Садриддини Айнӣ тасдиқ кардааст. Устод гуфтааст: «Хонаи ин шахс (Бурҳониддин — М.Ш.) боз маркази фитнаву фасод гардид»[340]. Ин ҷо ба калимаи «боз» низ бояд диққат кард. Хонаи Бурҳониддин солҳои пеш ҳам маркази фитнаву фасод буд ва акнун боз бештари фасодкориҳо аз он ҷо сар зад. Медонем, ки хонаи Садри Зиё чандин сол ҷои ҷамъомади равшангарон ва яке аз марказҳои маорифпарварӣ буд, хонаи Бурҳониддин маркази фитнаву фасод будааст. Ҳамин буд фарқи ин ду хонаву хонадон, ки зидди якдигар қарор ёфта буданд, хилофи якдигар самтгирии иҷтимоъӣ доштанд, душмани якдигар буданд. Ва ҳоло бинем, ки ин душманӣ моҳи апрели соли 1917 чӣ рангҳо гирифт.

Ду-се нафар иртиҷоъӣ, бештар аз ҳама Бурҳониддин ва падарарӯси ӯ Тӯрахоҷаи судур апрели 1917 тарафдорони худро аз деҳоту туманот ба Бухоро оварданд, ки низ «во исломо!», «во шариато!» гӯён фарёд мекарданд, хонаҳоро ғорат мекарданд, одамонро маъиб мекарданд. Мақсади онҳо нест кардани ҷадидон буд. Инчунин Насруллоҳи қушбегӣ, Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа ҳадафи тири кинаи онҳо қарор ёфтанд.

Рӯзи 8 апрел гашти пешин хунташнаҳои бисёре зӯр оварда, ба Арк даромаданд ва ба Насруллоҳи қушбегӣ, Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа ҳамла карданд. Пас аз кашмакаши зиёде чанде аз ошӯбгарон Абдуссамадхоҷаро миёнагир карданд, зери по гирифтанд, лагадкӯб намуданд ва чун Абдусамадхоҷа хуншор ва беҳушу беҳаракат монд, ошӯбгарон гумон карданд, ки ӯро куштанд, андаке ором шуданд ва аз Арк берун рафтанд. Амир зуд

---

[339] *Фитрат.* Асари мазкур, саҳ. 29
[340] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, саҳ. 151

Абдуссамадхоҷаро аз раисӣ бекор кард, ба ҷояш Низомиддини Мусанниф ном як иртиҷоъии гузароро таъйин намуд. Абдуссамадхоҷа як сол дар ҳабс буд ва дар террори соли 1918 кушта шуд. Хуни ӯ ба гардани Бурҳониддин аст.

Рӯзи 8 апрел ба аҳли балво муяссар нашуд, ки ба Насруллоҳи қушбегӣ ва Садри Зиё осеби ҷиддӣ расонанд. Онҳо ин корро ба рӯзи дигар гузоштанд.

Рӯзи дигар 9 апрели 1917 саҳари барвақт аз маркази вазорат — дастгоҳи қушбегӣ ба Садри Зиё телефон карданд, ки дар саҳни мадрасаи Турсунҷон чанде аз шӯришгарон гирд омадаанд ва Садри Зиё бояд «садди роҳи эшон шуда, муолиҷа намояд»[341]. Садри Зиё зуд ба мадрсаи Турсунҷон омад ва дид, ки «ҷамъе касир саргарми доду нафир буда», «аз борхонаи ҷигар «во шариато» мегӯянд». Мусанниф раиси нав оташи ғазаби онҳоро доман мезад. Садри Зиё менависад, ки аҳли балво «маро ба миён гирифта, шӯру ғавғоҳо барпо карданд». Балвогарон қасди ҷони ӯро доштанд. Дар ин асно «мулло Дӯсти муфтӣ (яъне мулло Дӯстмуҳаммади Нодири Бойсунии шоир, ки аз шогирдони падари Садри Зиё буд— М.Ш.) тарафдорӣ ва ионатрасонӣ намуда», ба Садри Зиё муяссар шуд, ки аз миёнагири бадхоҳон раҳоӣ биёбад.

Ин дафъаи дувум буд, ки Садри Зиё аз бадқасдии фитнагарони Бурҳониддин бидуни осеби ҷисмонӣ раҳоӣ ёфт. Аммо бори севум раҳоӣ муяссар нагардид. Ҳамлаи севуми иртиҷоъиён он сӯиқасди машҳур ба ҷони Садри Зиёест, ки ҳамон рӯзи 9 апрел ба вуқӯъ пайваст. Ҳоло лозим аст боз баъзе аз ҷузъиёти он воқиаро хотиррасон бикунем.

Ҳамон рӯзи 9 апрел Садри Зиё аз мадрасаи Турсунҷон баромада, барои машварат бо амиру вазир ба сӯи Арк равон гардид. Ӯ мегӯяд: «Чун ба дарвозаи Арк… расидам, дидам чанде аз ҳар фирқаву ҳар тоифа ҳар ҷо ҷавқа-ҷавқа нишастаанд. Чун маро диданд, фавҷе аз ҷаҳала, яъне талабаи кӯҳистонӣ маро дар миён гирифтанд»[342]. Муҳаммадалии Балҷувонӣ мегӯяд, ки он гоҳ «аз як гӯшаи маъракa овози баланд бармад, ки бизанед ин қозии ҷадиди бединро, ки ин қадар шӯр аз ин ба вуқӯъ омад ва илло набошад, ҷадидон ин қадар ҳаракат наметавонанд»[343]. Садри Зиё идомаи рӯйдодҳоро ин тавр баён кардааст: «Дар ин асно Абдулфаттоҳ ном мударриси кӯлобӣ, ки аз сагони почагири Бурҳониддини қозикалони маъзул буд, омада ба доманам овехт. Чанде дигар ёрмандиаш намуданд. Маро аз асб ғалтониданд. Ба мушту лагад мезаданд. Фурсате шуур доштам, пас аз он нафаҳмидам, ки чӣ карданд». Ба гуфти Муҳаммадалии Балҷувонӣ Садри Зиёро «бисёрҳо заданд, ки тамоми либосҳои зардӯзӣ пора шудааст». Амир ин ҳолатро аз болои Арк дид ва одам фиристод, ки Садри Зиёро хуншору абгору беҳуш ба Арк бурданд. Ба як хонаи тангу торик партофтанд, ки беҳуш хобида буд.

Ҳоло Садри Зиёро дар он хонаи тангу тори Арк ба ҳоли беҳушӣ мегузорем (то баъдтар боз баргардем) ва меравем бар сари ин масъала, ки барпокунандаи ин суиқасд ба ҷони Садри Зиё ҳамоно Бурҳониддин буд. Бурҳониддин «сагони почагир»-ашро фиристода буд ва Садри Зиёро аз байн бардоштан мехост. Инро Айнӣ дар нахустин таърихномаи худ равшану возеҳ гуфтааст. Устод навиштааст, ки Мир Бурҳониддин «муллоёнро ба акси ин шахс (Мирзо Муҳаммадшарифи садр, яъне Садри Зиё — М.Ш.) ҳаракат медод ва мегуфт: «Ин шахс муовини тараққипарварон аст». Устод Айнӣ поинтар боз мегӯяд: «Аз уламои бузург Мусанниф ва баъзеи дигарон, ки дар мансаби қозикалонӣ чашм дӯхта буданд,… бо Мир Бурҳониддин бар хилофи Мирзо Муҳаммадшариф (Садри Зиё — М.Ш.) иттифоқ карда буданд. Имомқулбек (хазинадор, ки аз наздикони амир Олимхон буд — М.Ш.)… низ бо Мир Бурҳониддин ба хилофи Мирзо Муҳаммадшариф иттифоқ карда буд»[344].

Ин аст, ки сӯиқасди зидди Садри Зиё хеле вусъат дошт ва қувваҳои гуногуни иртиҷоъиро як ҷо гирд оварда буд. Дар маркази ин қувваҳо Бурҳониддин қарор дошт.

Дар масъалаи ин ки сӯиқасди 9 апрели 1917-ро «сагони почагир»-и Бурҳониддин ташкил карда буданд, Абдуррауфи Фитрат низ шубҳа надоштааст. Ӯ мегӯяд: «Тарафдорон ва наздикони қозӣ Бурҳониддин қозӣ Муҳаммадшарифи мазкурро аз асп афтонида заданд ва фазиҳат карданд»[345].

Пас шубҳае нест, ки он гуфтаи Садри Зиё, ки 9 апрели 1917 шербачаҳои Бурҳониддин ба ӯ ҳамлавар шуда буданд, дуруст аст.

---

[341] Рӯзномаи Садри Зиё. Теҳрон, 1382=2003, саҳ. 266.

[342] Рӯзномаи Садри Зиё, саҳ. 267.

[343] *Муҳаммадалӣ ибни Муҳаммадсайиди Балҷувонӣ.* Таърихи нофеъ. Душанбе, 1994, саҳ. 46

[344] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, саҳ. 151

[345] *Фитрат.* Ҳамон асар, саҳ. 29

Акнун бубинем, ки он «Абдулфаттоҳ ном мударриси кӯлобӣ», ки Садри Зиёро аз асп афтонда, зери по ба лагадкӯб гирифт ва Садри Зиё ӯро «саги почагири» Бурҳониддин номидааст, кӣ буд, чӣ касе буд, дар «почагирӣ» чӣ користонҳо дошт?

Устод Айнӣ дар қисми севуми «Ёддоштҳо» як ҳикояи ҷолиб дорад, ки «Никоҳи духтари нӯҳсола» номида шудааст. Дар ин ҳикоя «шахсияти» даҳшатбори мулло Абдулфаттоҳ тасвир шудааст. Маълум мешавад, ки мулло Абдулфаттоҳ соли 1892-1893 дар мадрасаи Олимҷон мезистааст ва муаззини ин мадраса будааст.

Садриддини Айнӣ менависад: «Дар мадрасаи Олимҷон Мулло Абдулфаттоҳ ном як муллои кӯлобӣ муаззин буд. Ӯ як одами баландқомати пуропурбадани биринҷирӯй, сурхчамӯй ва мешчашм буда, аммо чашмонаш на ба нури зако ва зиракӣ, балки ба оташи қаҳру ғазаб ҳамеша дурахшида меистоданд. Аз чашмони ӯ бинанда гумон мекард, ки вай ягон одамро ҳозир куштааст ва ё куштан мехоҳад»[346].

Абдулфаттоҳ бисёр хасис буда, «даромади худро кам харҷ мекард» ва бо судхӯрӣ «соҳиби чандин ҳазор танга гардид». Он гоҳ касе пайдо шуд, ки хост духтари нӯҳсолаи худро ба ивази ҳазор танга ба Абдулфаттоҳ никоҳ карда бидиҳад. Ӯ гумон дошт, ки «Абдулфаттоҳ хонадомод шуда ҳамаи доройяш ба хонаи ӯ меравад ва аз они ӯ мешавад. Ба болои ин Абдуфаттоҳ кӯлобист ва қозикалон (Бадриддин — М.Ш.) ҳам, ки кӯлобист, баъд аз хатми дарс ӯро (Абдулфаттоҳро — М.Ш.) ба мансабҳои илмии калон мерасонад ва дар он вақт (падарарӯс — М.Ш.) ба домоди баобрӯ соҳиб мешавад. Аҷаб нест, ки худи ӯ ҳам ба воситаи домодаш ба мансабҳои калони илмӣ расад» (Шояд дар ҳақиқат баъдтар Бадриддин ё Бурҳониддин Абдулфаттоҳро ба ягон мадраса мударрис таъйин карда бошад, ки Садри Зиё Абдулфаттоҳро мударрис, на муаззин гуфтааст — М.Ш.)

Абдуфаттоҳ ба ин пешниҳод розӣ шуд ва ҳазор танга дод, зандору хонадор ҳам шуд, лекин духтари нӯҳсола ба домоди чилсола тан надод. Он гоҳ падараш духтарро чормех кард, домод коми дил ҳосил намуд. Ва духтар дилкаф шуда мурд.

Ҳамин гуна одаме, балки ноодаме буд Абдулфаттоҳ. Ӯ ва падарарӯсаш разили ваҳшитабиатанд, ки барои пулу давлат аз ҳеҷ разолате худдорӣ намекунанд. Ҳамин гуна касоне, ки аз симои инсонӣ маҳруманд, сифлагон, унсурҳои ҷинояткор дар дасти Бурҳониддин хидмат мекарданд ва Бурҳониддин онҳоро ба муқобили равшангарон, ки аз беҳтарин фарзандони миллат буданд, равон карда буд. Чунин нокасон ба ҷони Садри Зиё қасд карда буданд, ва ӯ ҳақ дошт, ки онҳоро «сагони почагир» ва «тоифаи разила» биномад.

Боз меоем ба сари Садри Зиё, ки дар Арк, дар як хонаи тангу тор беҳуш хобида буд.

Он рӯз, яъне 9 апрели 1917 (чун як рӯзи пеш, яъне 8 апрел) балвогарони Регистон (майдони пеши Арк) оқибат боз зӯр оварда ба Арк даромаданд. Шояд онҳо гумон доштанд, ки пагоҳии имрӯз ба Садри Зиё ҳисобро баробар карданд, дирӯз сари Абдуссамадхоҷаро низ хӯрда буданд, акнун ҳисоби Насруллоҳи қушбегиро ёфтан лозим аст. Тӯдаи ҷоҳилони хунташна дар Арк ба ҳавлии қушбегӣ даромаданд ва харобкорӣ оғоз намуданд. Вале ба қӯшбегӣ зарар расонида натавонистанд.

Он гоҳ ки шӯришгарон ба Арк даромаданд, вакили сиёсии Русия Миллер дар Арк будааст. Одамони амир тарсидаанд, ки Миллер ба дасти ошӯбгарони бадҷаҳл наафтад. Онҳо Миллерро ба ҳамон хонаи тангу тор, ки Садри Зиё ҳанӯз беҳуш хобида буд, пинҳон карданд. Миллер навиштааст: «Ман дар як гӯшаи хона нишастам. Дар гӯшаи дигари хона қозикалон Муҳаммадшариф (Садри Зиё — М.Ш.) дар ҳолати заъфи куллии ҷисмониву асабонӣ ва рӯҳиву равонӣ (в полной прострации) хобида буд»[347]. Маълум нест Миллер чанд гоҳ дар он хона бо Садри Зиё буд. Маълум ин аст, ки ҳамон рӯз (ба гуфти В. Генис — рӯзи дигар, ки дуруст нест) Миллер «ба қабули амир омад ва талаб кард, ки ҳама ҷавонбухороиёни зиндонӣ зуд озод карда шаванд, онҳое ки қозикалонро (Садри Зиёро — М.Ш.) таҳқир кардаанд, сахт ҷазо дода шаванд»[348]. Бахши дувуми ин талаби Миллер иҷро нашуд. Маълумоте ба даст надорем, ки аз ҷазо дидани «сагони почагири» Бурҳониддин, ки Садри Зиёро таҳқир карданд, масалан аз ҷазо дидани Абдулфаттоҳи палиди мазкур хабар дода бошад. Устод Айнӣ бо хашм навиштааст: «Аҳли фитна қозӣ Мирзо Муҳаммадшарифи қозикалонро дар назари амиру қушбегӣ зада таҳқир карданд, ҳукумат чизе нагуфт»[349].

---

[346] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 7, саҳ. 78

[347] *В. Генис.* Вице-консул Введенский. Служба в Бухарском ханстве. М., Мысль, 2003, стр. 90.

[348] Ҳамон асар, саҳ. 91

[349] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро, саҳ. 136

Зиёда аз ин, дар баъзе сарчшмаҳо омадааст ва устод Айнӣ низ гуфтааст, ки он рӯзҳо «аз Питругрод ба имзои Милутқуф ва Киринский (Керенский — сардори ҳукумати муваққатаи Русия— М.Ш.) ба номи амир ва Миллер ва ба ҳайати иҷроияи шаҳри Когон ба ин мазмун тилигруф омад: «Аҳволи фоҷиаи Бухоро маълум шуд. Касонеро, ки дар ин фитна сабаб шудаанд ва ба ислоҳот монеъ омадаанд, бояд ҷазои сахт дода шавад. Баъд аз ин ба ҷону моли ҷавонбухориён ҳар зарар ки расад шахси амир ва шахси Миллер масъуланд»[350] .

Пас аз ин ҳам аз гунаҳкорон касе ҷазо надид. На онҳое, ки сабабгори 75 чӯб хӯрдани Садриддини Айнӣ, Мирзо Назруллоҳи Ғафурзода, Мирбобо буданд, на онҳое ки ба ҷони Садри Зиё ва Абдуссамадхоҷа, яъне қозикалону раискалони кишвар суиқасд карданд, на касе аз он анбӯҳи балвогарон, ки ислоҳотталабонро дар кӯчаҳо ба лату кӯб кашиданд, ғорату хонахароб ва зиндонӣ карданд, ҳеҷ касе аз маъмурони ҳукумат ва иртиҷоъиёни фитнакори хунхор ҷазо надид.

Оре, чунонки устод Айнӣ навишта буд, «ҳукумати Бухоро барои таскини фитна ва рафъи балво ҳеҷ ҳаракати ҷиддӣ ба кор набурда буд»[351]. Баръакс ҳукуматдорон бо ошӯбидагони иртиҷоъӣ як шуда, ислоҳотхоҳонро саркӯб карданд ва ҷунбиши маорифпарвариро шикаст доданд. Дар сурате, ки аз фитнагарони иртиҷоъӣ касе ҷазо нагирифт, маорифпарварони ислоҳотҷӯй ва ҳамроҳони онҳо саркӯб шуданд. Иртиҷоъиёни фитнагар пушту паноҳи амиру аморат буданд, вале ба муқобили фармони амири худ шӯриданд, аммо ислоҳотхоҳон, ки барои иҷрои фармони сарвари кишвар талош кардан мехостанд, ба тамом торумор шуданд.

Ҳамон рӯзи 8 апрел, ки «намоиши шукрона» фурӯ нишонда ва террори иртиҷоъиён шурӯъ шуд, бештарини маорифпарварон ва пайвастагони онҳо (аз қабили Файзуллоҳ Хоҷа ва гурӯҳи ӯ) аз Бухоро гурехтаанд. Гурези онҳо 9 апрел ва дигар рӯзҳо идома дошт. Онҳо ба Когон (ки дар тасарруфи Русия буд) ва Самарқанду Тошканд сафар карда ва дар он ҷоҳо фаъолият карданд.

Он гоҳ батамом равшан гардид, ки ҳукуматдорони амир ва байзоиён аз як гиребон сар баровардаанд, як нерӯйи сиёсианд, як сиёсатро амалӣ мекунанд, ки сиёсати уруқдорӣ буд.

Дар моҳи май ва июну июли соли 1917 бисёре аз фаъолони муборизаи зидди маорифпарварон ба мартабаҳои баланд расиданд, мансабу амал ва унвонҳо гирифтанд, ба мансабҳои равғанӣ соҳиб шуданд. Инро низ устод Айнӣ дар рисолаи «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» қайд кардааст.

Чун воқиаҳои он рӯзгорро ба андеша мегирем, шубҳа намемонад, ки амир Олимхон ислоҳот кардан намехост ва ҳадафи ӯ аз судури фармони ислоҳот ин буд, ки бо ин фармон маорифпарварони ислоҳотталабро бештар ба ҷунбиш оварад ва ин ҷунбишро бахона карда, онҳоро ба куллӣ нест бикунад ва аз мухолифаткорон халос бишавад. Гумон меравад, ки ин пиндор ҷон дорад.

Устод Айнӣ он рӯзҳо ин нияти амирро пай бурда буд[352] ва ба «намоиши шукронаи» он гурӯҳи ислоҳотхоҳон, ки ба роҳи ифроткорӣ ва моҷароҷӯӣ даромада буданд (Файзуллоҳ Хоҷа, ҳатто Мунзим ва дигарон), зид баромад, дар намоиш ширкат накард. Ислоҳотхоҳони ифротгаро (чун Абдулвоҳиди Мунзим) ва иғвогарони ҳокимиятхоҳи хиёнаткор (Файзуллоҳ Хоҷа ва ҳамдастҳояш) рӯзи якуми аксулҳаракати иртиҷоъиён, яъне 8 апрел аз шаҳр гурехтанд ва ҷони худро халос карданд. Аммо ислоҳотхоҳони собитқадами эҳтиёткор ба дасти манғития ва байзоияи бадкина афтода ҷазо гирифтанд, ки устод Айнӣ ва Садри Зиё аз хамин ҷумла буданд.

***

Аз ин фасл бояд равшан шуда бошад, ки Садри Зиё аз байзоиён ҷафоҳое дид, ки танҳо разилтарин табаҳкорон ба чунин бадкирдорӣ метавонанд даст бизананд.

Дар поёни ин фасл аз ҷузъиёти воқиаҳои 9 апрели 1917 боз якеро гӯшгузор меоварем. Чунонки Садри Зиё дар «Рӯзнома»-и худ ҳикоят кардааст, ӯ он рӯз дар он хонаи тангу торики Арк (ки шояд аз бандихонаҳо бошад) беҳуш хобид ва барои ӯ табибе ҳам наёварданд. Шабона ӯро либоси тоза пӯшонида, бо фойтун ба ҳавлиаш фиристоданд. Аз як сӯи фойтун мулло Дӯсти Нодиртахаллуси Бойсунии мазкур ва аз тарафи дигари он мулло

[350] Ҳамон асар, саҳ. 146.
[351] Ҳамон асар, саҳ. 144
[352] Ниг: *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 1. Саҳ. 78

Имомиддини садри аъломи Ҳисорӣ нишаста (ё рост истода) буданд. Ин ду муллои машҳури вақт Садри Зиёро посбонӣ доштанд, то ошӯбгаре ба ӯ осеб нарасонад. Ба ин ҳол чанд нафар Садри Зиёро ба манзилаш оварданд.

Ин ки он шаб Садри Зиёро ду тан кӯҳистонӣ — як бойсунӣ ва як ҳисорӣ, ки ҳар ду ҳам аз маорифпарварон набуданд, посбонӣ карданд, хеле ҷолиб аст. Болотар дида будем, ки ссубҳи 9 апрел ҳамин мулло Дӯсти бойсунӣ барои ин ки Садри Зиё аз ҳалқаи бадхоҳон раҳоӣ ёбад, ёрӣ дода ва ӯро ба сӯи Арк гусел карда буд. Аз ин ҷо боз як бор бовар ҳосил мекунем, ки ҳама кӯҳистониён бадхоҳи Садри Зиё набудаанд, на танҳо он кӯҳистонён, ки майли маорифпарварӣ доштаанд (чун Шоҳин, Муштоқии Бисмил, Афсар ва шояд бархе дигар низ), балки онҳое ки аз маорифпарварӣ дур буданд, низ нисбат ба Садри Зиё эҳтиром ва хайрхоҳӣ зоҳир кардаанд. Метавон тахмин кард, ки на фақат мулло Дӯст ва мулло Имомиддин, балки баъзе кӯҳистониёни дигар ҳам ба Садри Зиё муносибати хуб доштаанд.

## 17

Чунонки зикраш гузашт, Ибни Қурбон ихтироъкорие карда буд, ки гӯё Садри Зиё аз созмондиҳандагони «намоиши шукронаи» ҷадидон буд. Гуфта будем, ки ин «ихтироъи» ӯ бебунёд аст. Рӯйдодҳои 7 ва 8 ва 9 апрели 1917, ки дар фасли боло баён шуд, низ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳадси Ибни Қурбон асос надорад. Инро Соҳиб Табаров, ки яке аз устодони Ибни Қурбон дар мубориэаи зидди рӯҳи поки Садри Зиёст, низ дар китоби «Мунзим–раҳбари ҷамъияти ҷавонон ва раиси фирқаи ҷавонБухороиён» тасдиқ кардааст. С. Табаров дар бахши русии ин китоб мегӯяд: «На самом деле Мирза Насрулла-кушбеги и верховный казий Мирза Муҳаммад Шарафджан-махдум (Садри Зия) и их закадычный друг А.Я. Миллер были против проведения шествия и манифестации»[353].

Нахуст бояд гуфт, ки миёни Садри Зиё ва Миллер дӯстӣ вуҷуд надоштааст. Аз дӯстии онҳо хабаре дар даст надорем. Баръакс Садри Зиё дар Рӯзномаи худ аз Миллер ва дигар кормандони консулхона (намояндагии сиёсии Русия) норозигӣ баён намудааст. Ҳамфикрии Миллер ва Садри Зиё дар масъалаи «намоиши шодиёна»-и як гурӯҳ ҷаддион ё масъалаи дигаре ҳаргиз нишонаи дӯстии ин ду нафар наметавонад буд. Устод Айнӣ ҳам муқобили намоиш буд ва ба он ширкат накард. Ин ҳам магар нишонаи дӯстии ӯ бо Миллер хоҳад буд?

Ягона гапи дуруст, ки С. Табаров дар бора Садри Зиё дар ду-се соли охир (оғози садаи 21) гуфт, ҳамин аст, ки Садри Зиё зидди «намоиши шукронаи» ҷадидон буд. Дигар ҳар чӣ гуфт, ба ҳақиқат наздикӣ надорад.

С. Табаров исрор бар ин мекунад, ки гӯё Садри Зиё 8-9 апрели 1917 ва рӯзҳои баъд ба саркӯби маорифпарварони ислоҳотталаб (ҷадидони ҷавонбухороӣ) иштирок дошт. С. Табаров дар мақолаи «Мунзим» (китоби «Мунзим ва Беҳбудӣ») дар он бора фақат ишорае овардааст, ки «дар он соатҳо (яъне аз соати 11-и чошти 8 апрел, ки иртиҷоъиён ба ҷадидони намоишгар ҳамла оғоз карданд — М.Ш.) ба мисли рӯзҳои пеш ду сарвари олимартабаи аморати Бухоро Мирзо Насрулло қушбегӣ ва қозикалон Шарифҷон-махдуми Садри Зиё хеле серкор буданд»[354]. Бо чунин маънои таҳтуллафз дар поитар боз Садри Зиёро ном гирифтааст: «Хулоса бо амру фармони амир ва қушбегӣ садҳо маърифатпарварону озодфикрони ба зиндони амир афтода ҷазо гирифтанд, 75 чӯб занонда ва қатл гардиданд. Дар байни чунин маорифпарварон машҳуртарин шиносҳои Шариф-махдуми Садри Зиё — Айнӣ, Мирзо Аҳмад Мирзо Назрулло, Абдурасул ва бисёр дигарон низ буданд»[355]. Ин ҷо С. Табаров ишора бар он дорад, ки Садри Зиё соҳиби мартабаи баланди қозикалонӣ (қозиулқузоти) бошад ҳам, дар он рӯзи шум ва рӯзҳои дигар ба «машҳуртарин (?— М.Ш.) шиносҳои худ» гӯё дасти ёрӣ дароз накард, гӯё бевафоӣ зоҳир намуд. Мо ақида дорем, ки ин даъвои С. Табаров низ ба истилоҳ даъвои нони қоқ аст.

Аввало, он гуфтаи С. Табаров ки гӯё он айём «садҳо маърифатпарварону озодфикрон… қатл гардиданд», иштибоҳ аст. Дар он рӯзҳои худсарии одамони мулло Бурҳониддин, Мирзои Урганҷӣ, Имомқули хазинадор, «вукалои панҷгона» ва дигар табаҳкорон дар апрелу майи 1917 касе ба қатл нарасидааст. Онҳо анвоъи сиёҳкориро

---

[353] *С. Табаров.* Мунзим — раҳбари ҷамъияти ҷавонон ва раиси фирқаи ҷавонбухороиён. Душанбе, Деваштич, 2004, саҳ. 91

[354] *С. Табаров.* Мунзим ва Беҳбудӣ. Душанбе, 2002, саҳ. 34-35

[355] Ҳамон асар, саҳ. 35

карданд, вале ҳеҷ нафаре аз ихтилофкорон кушта нашуд. Танҳо Мирзо Назруллоҳи Ғафурзода, ки 9 апрел бо Айнӣ 75 чӯб хӯрда буд, пас аз ду рӯз дар беморхонаи Русия вафот кард, шаҳид шуд. Дигарон ба ҳар ҳол ҷон ба саломат бурданд. Баъзе ҷадидони гуреза дур аз ватан ба хориву зорӣ мурданд.

Дувум он ки имову ишораи С. Табаров дар бораи ин ки гӯё Садри Зиё дар маснади ақзалқузотӣ ва ё 8-9 апрел ва ё ин ки пас аз он бар зидди маорифпарварон коре карда бошад ва ё ёрмандиеро аз он ёрони дерини худ дареғ дошта бошад, — ҳама нодуруст аст, на натиҷаи таҳқиқ, балки тахмини беасоси бадхоҳонаесту бас. Мо болотар аҳволи Садри Зиёро дар чанд рӯзи пеш аз фармони ислоҳот ва пас аз он аз назар гузаронидем. Ва дар кирдори ӯ чизе ки бар зидди дӯстони маорифпарвараш равона шуда бошад, надидем. Вале дидем, ки аз ёрмандӣ ба дӯстонаш худдорӣ накардааст. Дар рисолаи «Садри Бухоро» дар омади гап хатиррасон карда будем, ки қушбегӣ дар рӯзҳои аввали қозикалонии Садри Зиё ба ӯ нома навишта буд, ки «бо ислоҳотталабон наздикӣ накунед, раисро (Абдуссамадхоҷаро — М.Ш.) ҳам фаҳмонед, ки худро аз ин гуна корҳо нигоҳдорӣ кунад». Садри Зиё ин номаро ба Айнӣ нишон дод, яъне хилофи дастури сарвазир кор карда, бо Айнӣ, ки аз ислоҳталабон буд, «наздикӣ кард» зиёда аз ин, аз ошкор шудани сирри давлатӣ (мазмуни амрияи махфӣ) ибо накарда дӯсти ҳаммаслаки худро аз эҳтимоли хавф огоҳонид.[356] Аз ин мебарояд, ки Садри Зиё фармоишҳои амиру вазирро кӯр-кӯрона ва бандавор иҷро намекардааст, ӯро иҷрогари маҳз ва мутеъу фармонбардор вонамудани С. Табаров дуруст набудааст.

Аз ин рӯ даъвои С. Табаров, ки гӯё Садри Зиё дар айёми ақзалқузотӣ ёрони худро ёрмандӣ накард, ба ҳақиқат рост намеояд.

Албатта рӯзҳои 8-9 апрели 1917, яъне рӯзҳои намоиши ҷадидон ва фитнаи иртиҷоъиён, чунонки дар фаслҳои боло дидем, ҳеҷ имкон набуд, ки Садри Зиё ба маорифпарварон кумак бикунад, онҳоро аз ҳамлаву таҳдид ва ҷазо раҳоӣ бубуахшад. Он рӯзҳо худи Садри Зиё ба ёрӣ ва наҷоткорӣ эҳтиёҷ дошт. Он ҳангом ӯ худ дармонда буд, ба ҳамлаи «сагони почагири» Мир Бурҳониддин дучор омада, қариб ҷон аз даст дода буд.

Ба қавли С. Табаров гӯё Бурҳониддини байзоӣ «аз хешовандони наздики» Садри Зиё будааст ва муборизаи Садри Зиё ва Бурҳониддинро рақобати мансабталошӣ бояд донист. На, хешовандие байни онҳо вуҷуд надошт. Боре амир барои ин ки хонадони Байзо ва хонадони домулло Абдушшакури Оятро ба ҳам созиш бидиҳад, фармуд, ки домулло Абдушшакур духтари худ Иқболро ба фарзанди Ибни Байзо бидиҳад. Вале Иқболхон зуд бева монд ва ягона фарзандашро худ ба азобе калон кард. Бо бева мондани Иқболхон «хешовандии» Бурҳониддин ва Садри Зиё ба поён расид (Иқболхон ҳамон аммаи бетолеъи ман аст, ки бо духтари ягонааш Асолатхон маро баробари ягона наберааш Муҳаммадҷон Раҳмонов, ки ширхораи ман аст, калон карда ба воя расонид ва ман инро дар ёддоштҳои худ «Ҷодаи ҳақ паймудам" ба қалам овардаам).

Муборизаи Садри Зиё ва Мир Бадриддину Мир Бурххониддин низ аз тарафи Садри Зиё на мансабталошӣ, балки пархоши маслакӣ буд, ки мо инро дар бобу фаслҳои гузашта чандин бор таъкид кардаем. Ва хонандаро бояд бовар ҳосил шуда бошад.

Дар дигар мақолаи С. Табаров, ки низ дар бораи Мунзим аст, мехонем: "Дар ин соатҳо (дар ҳини пароканда шудани "намоиши шодиёнаи" ҷадидон — М.Ш.) ба мисли рӯзҳои пеш Мирзо Насрулло— қӯшбегӣ ва қозикалон Шарифҷон-махдуми Садри Зиё хеле серкор буданд. "Чунончи қозикалон (Садри Зиё — С.Т.) рӯзи шанбе,— менависад Айнӣ, — пагоҳӣ хабари дигари дар байни халқ иғво паҳн карда гаштани ду муллоро шунида, бо телефон аз қушбегӣ "Иғвогаронро дастгир кунам" гуфта пурсид. Ӯ (қозикалон — С.Т.) баръакс ҳар як аксулҳаракатчиро бо эҳтироми зиёд қабул карда, ҳар талабашонро иҷро мекард, ҳар киро зан гӯянд, мезад, ҳабс кун гӯянд ҳабс мекард ва ба ҳамин восита ба аксулҳаракат рӯҳи тоза медод" Хулоса Мирзо Насрулло-қушбегӣ ва Шарифҷон-махдуми Садри Зиё вазифаҳои аз ҷониби амир ба зиммаашон гузоштаро (гузошташударо — М.Ш.) бе гуфтугӯ ва бо дилу ҷон ба ҷо меоварданд"[357].

Чунонки мебинед, хонандаи гиромӣ, С. Табаров боз ҳам (чун соли 1966 ва 1990, муроҷиат шавад ба бахши "Чу анқоро баланд аст ошёна") аз забони устод Айнӣ гап задааст. Ва ҳол он ки Айнӣ ҳаргиз наметавонист чунин суханҳое дар бораи Садри Зиё бигӯяд ва ҳеҷ нагуфтааст.

---

[356] Ниг.: *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 1 саҳ. 76

[357] *С. Табаров*. Мунзим — раҳбари ҷамъияти ҷавонон ва раиси Фирқаи ҷавонбухориён, саҳ. 36 ва 94 ба русӣ.

Мо ҳоло суханҳои устод Айниро ба он тарз, ки дар китоби ӯ ҳаст, бо аввалу охираш меоварем, то хонандаи азиз худ битавонанд қазоват бикунанд.

Он гуфтаи устод Айнӣ дар китоби “Таърихи инқилоби Бухоро” дар боби “Назари амир ва қушбегӣ ба балво” омадааст. Яъне Айнӣ асосан дар бораи амир Олимхон ва Насруллоҳи қушбегӣ сӯҳбат мекунад ва зикри дигарон туфайлист. Устод суханро аз қушбегӣ оғоз карда, пас ба амир гузаштааст. Оғози боб ин аст:

“Қушбегӣ аз балво (шӯриши иртиҷоъиён — М.Ш.) сахт метарсид ва ба хубӣ медонист, ки агар балво бархезад, аввалин қурбонӣ худи ӯ хоҳад шуд. Лекин пас аз сар задани балво (шӯриши иртиҷоъиён дар рӯзи 8 апрели 1917 — М.Ш.) барои пахш кардани он ҳаракат накард, балки барои ҷалби таваҷҷӯҳи аксулҳаракатчиён (иртиҷоъиён — М.Ш.) ба тарафи худ, ба хаёли мустаҳкам кардани мавқеъи худ афтода, ҳар қадар метавонист ба балво ёрӣ дод. Чунончи қозикалон Шарифҷон-махдум рӯзи шанбе, пагоҳӣ хабари дар байни халқ иғво пахн карда гаштани ду муллоро шунида, бо телефон аз қушбегӣ “Иғвогаронро дасгир кунам?” гуфта пурсид. Қушбегӣ “кордор набошед” гуфта ҷавоб дод. Ӯ баръакс ҳар як аксулҳаркатчиро ба эҳтироми зиёд қабул карда, ҳар талабашонро иҷро мекард, ҳар касро зан гӯянд мезад, ҳабс кун гӯянд, ҳабс мекард ва ба ҳамин восита ба аксулҳаракат рӯҳи тоза медод. Амир бошад, дар фикри ҳар чӣ зудтар гардонда гирифтани он фармони манҳус буд.”[358]. Пас сухан аз амир давом мекунад.

Аз хонандаи мӯҳтарам илтимос мекунем, ки ин пораро, ки маҷбуран ба ин калонӣ овардем, боз як бор бихонанд. Ва бубинанд, ки кадоми он корҳоро, ки Айнӣ мегӯяд, Садри Зиё кардааст ва кадомеро Мирзо Насруллоҳи қушбегӣ. Ҳатто бидуни диққати махсус тавон дарёфт, ки коре ки Садри Зиё кард, фақат ин буд, ки ба қушбегӣ телефон кард ва иҷозат пурисд, ки иғвогаронро дастгир бикунад, аммо қушбегӣ иҷозат надод. Коре, ки Садри Зиё кард, ҳамин асту бас. Дигар ҳарчӣ ки Айнӣ мегӯяд, корҳоест, ки қушбегӣ карда буд. Онҳоро ба Садри Зиё нисбат додан мумкин нест. Ба чунин коре мантиқи сухани Айнӣ иҷозат намедиҳад. С. Табаров бо мантиқбезорӣ “Ӯ”-ро дар қавс “қозикалон” гуфтааст. Ва ҳол он ки хабари ҷумлаи пеш “гуфта ҷавоб дод” мебошад. Мубтадои ин ҷумла кадом аст? Мубтадои ин ҷумла “қушбегӣ” мебошад: “Қушбегӣ “кордор набошед” гуфта ҷавоб дод”. Пас “ӯ”, ки пас аз ин омадааст, низ ҳамон қушбегист, на Садри Зиё. Мубтадои ҳар ду ҷумла якест.

Хуллас, ки кореро ки қушбегӣ карда буд, С. Табаров ба Садри Зиё нисбат додааст. Бисёр мехоҳад, ки Садри Зиё бадтарин корҳоро карда бошад. Бисёр мехоҳад, ки устод Айнӣ гувоҳи он бошад. Вале устод ва дигар касе ҳеҷ гоҳ шоҳиди бадкирдории Садри Зиё нашуда буд. С. Табаров, ки даъвои айнишиносӣ низ дорад, бояд бидонад, ки устод Айнӣ дар ҳеҷ яке аз навиштаҳои худ дар бораи ҳаёти иҷтимоъии Садри Зиё заррае сухани бад нагуфтааст. Устод рафтори иҷтимоъии Садри Зиёро дар ҳама мавридҳо маъқул донистааст. Агар Табаровҳо, Масовҳо, Ибни Қурбонҳо чашм аз ғубори каҷдилӣ пок карда, нигоштаҳои устод Айниро бихонанд, хоҳанд донист, ки чун сухан аз фаъолияти иҷтимоъии Садри Зиё меравад, устод доғе дар домани ӯ надидааст.

С. Табаров, ки он гуфтаҳои устод Айниро нодуруст фаҳмида нодуруст эзоҳ додааст, нагуфтааст, ки он гуфтаи устодро аз кадом китоби ӯ ва аз кадом саҳифаи он гирифт. Хонандаи камтаҷриба намедонад, ки агар лозим шавад, он гуфтаи Айниро аз кадом китоб ва кадом саҳифаи он биҷӯяд. Дар дигар мавридҳо ҳам С. Табаров чун аз Айнӣ ва муаллифи дигаре иқтибос меоварад, зернавишт намедиҳад. Ва қоидаи илмиро сахт вайрон мекунад. Иқтибос ва нақли қавл, ки бидуни зернавишт омадааст ва хулосае ки аз он бароварда шудааст, эътибори илмӣ надорад. Дар ҳақиқат хонандаҳое ки ба он иқтибоси С. Табаров бовар карданд, сахт фиреб хӯрданд, на танҳо дар бораи Садри Зиё, дар бораи Айнӣ ҳам тасаввури нодуруст пайдо карданд. С. Табаров мехохад, ки хонандаи ӯ ба ҷустуҷӯи манбаъҳои илмӣ наравад, ба гапи ӯ ба гапи С. Табаров бовар бикунад, ҳар матлабро аз фаҳмиши С. Табаров бифаҳмад, аз паи фаҳмишҳои дигар нагардад. Мақсад аз нишон надодани манбаъи иттилоот ҳамин аст: ҷавонони орзуманди пажӯҳишгариро ба каҷроҳаи худ бурдан мехоҳад, мухлисони хушбовари худро чашм баста аз паси худ кашиданӣ ҳастанд.

Умед аст, ки ҷавонони имрӯз ва фардо метавонанд каҷроҳаҳоро аз роҳи рости илм тафовут бидиҳанд, ба роҳи пажӯҳиши ростин, таҳқиқи амиқу ҳамаҷониба бираванд.

Ҳар дафъа чун сухан аз Садри Зиё оғоз шуд, С. Табаров фақат як ҳадаф дорад, ки ба қадри имкон бад кардани Садри Зиёст. Ягона мақсади ӯ ин аст, ки Садри Зиёро аз сафи

---

[358] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 163-164.

маорифпарварон берун карда, ба доираи иртиҷоъиён, ҷоҳилон ва золимон, ба доираи қозӣ Бурҳониддини байзоӣ бидароварад. Чунончи мегӯяд:

“Одним из таких новых чиновников, который продолжал действия старых сановников, был Мухаммад Шариф-махдум (Садри Зия). По требованию эмира Алимхана и кушбеги Насруллы он тотчас приводил в исполнение любой полученный им приказ и распоряжение. Кровавые трагические события апреля месяца 1917 года, в результате которых сотни джадидов и просветителей, среди которых также были Садриддин Айнӣ и десятки других друзей самого Мухаммад Шарифджан-махдума (Садри Зия) по приказу этих троих — эмира, кушбеги и верховного казия и подверглись страшным наказаниям — казни, избиениям в 75 палок и т.д.”[359].

Ин ҷо ҳар чӣ дар ҳаққи Садри Зиё гуфта шудааст, ҳама бофтаву сохтаи С. Табаров аст ва ҳеҷ воқеъият надорад. С. Табаров барои ин даъвои даҳшатангез, ки дар бораи Садри Зиё гуфтааст, як мисол, як дилелу бурҳон навовардааст, чунки чунин далел вуҷуд надорад. Аз оғоз то анҷоми ин мақолаи каммаънӣ дар бораи Садри Зиё бидуни далелу бурҳон даъвоҳои калон зиёд омадааст. Медонем, ки амир Олимхон ва Насруллоҳи вазир дар моҳи апрели соли 1917 бисёр табаҳкориҳо карданд. Ҳар коре ки онҳо карданд, дар таърихномаҳои он замон, ба вежа дар чандин нигоштаи устод Айнӣ як-як сабт шудааст. Аммо дар ҳамаи ин таърихномаҳо як мисол аз табаҳкории Садри Зиё нест. Ҳатто Абдуррауфи Фитрат, ки ҳангоми навиштани китоби муҳимми “Давраи ҳукмронии амир Олимхон” (1930) аз Садри Зиё ранҷидагӣ дошт (ва мо сабаби ранҷиши ӯро дар китобчаи “Садри Бухоро” гуфта будем), дар бораи ин ки Садри Зиё моҳи апрели 1917 дар ҳаққи ислоҳотхоҳон бадие карда бошад, як воқиаеро ҳикоя накардааст. Файзуллоҳ Хоҷа ва дигарон, ки низ воқиаҳои моҳи апрели соли 1917-ро ҳикоя кардаанд, аз фаъолияти Садри Зиё як рӯйдоди иртиҷоъӣ бо далелу бурҳон ёдовар нашудаанд. Ба гумони қавӣ чунин рӯйдоди иртиҷоъӣ аз Садри Зиё содир нашуда буд.

Устод Айнӣ дар осори худ онҳоеро, ки дар муборизаи зидди маорифпарварон фаъол будаанд, чандин бор ном бурдааст. Чунончи номи иртиҷоъиёни апрели 1917-ро ин тавр овардааст:

“Касоне, ки пеш аз ҳама ба аксулҳаракат (шӯриши зидди ҷавонбухороиён — М.Ш.) ҳамроҳ шуданд, аз муллоҳо: мулло Холмуроди муфтӣ (ки мутаассифона як вақтҳо бо Садри Зиё наздикӣ доштааст— М.Ш.), Ибодуллоҳ-махдум, Ҷунбул-махдум, мулло Қутбиддин, қорӣ Ибод, мулло Қамар (-и тотори машҳур — М.Ш.), Назруллоҳ-махдум, писарони мулло Рӯзии араб (инҳо се нафар), Нақшбандхон (писари Султонхон).

Аз давлатмандони синфи миёна: Маҳмудхони ҳиротӣ (се бародар), қории Сиркоӣ ва бародарони он (аз гузари Пӯстиндӯзон) ва ҳоҷӣ Абдуллоҳи чойфурӯш.

Аз давлатмандон: Абдуррауфи корвонбошӣ, Юсуфбой, Ҷӯрабек, Қаршибек.

Аз сипоҳиён: тамоми аҳли дарбор, одамони қушбегӣ, миршаб ва ҳокимони дигар. Инҳо фақат пас аз сар шудани фитна (шӯриши иртиҷоъиён— М.Ш.) бо ҷиддияти тамом ба кор даромаданд”.[360]

Чунонки мебинед, дар ин рӯйхати иртиҷоъиён номи Садри Зиё нест. Аз рӯйи воҳимае, ки С. Табаров кардааст, бояд ҳатман номи Садри Зиё ба ин рӯйхат дохил мешуд. Вале дохил нашудааст. Устод аз ашхоси олимартаба қушбегиро номбар кардааст, вале қозикалонро ном нагирифтааст. Аммо С. Табаров ба ин гуна ҷузъиёти “майда-реза” аҳамият намедиҳад. С. Табаров ба ин ҳам аҳамият намедиҳад, ки устод Айнӣ ба ҳар муносибат бадкирдориҳои иртиҷоъиёнро як-як нишон додааст, вале дар ин мавридҳо низ ҳеҷ боре Садри Зиёро ба ёд наовардааст.

Пас чун С. Табаров гуфтааст: “Кровавые и трагические события апреля месяца 1917 года, в результате которых сотни джадидов и просветителей… по приказу этих троих — эмира, кушбеги и верховного казия подверглись страшным наказаниям — казни, избиениям в 75 палок и т.д.”, ҳеҷ ҳақ надошт, ки дар байни ҷаллодон номи қозикалон Садри Зиёро дохил бикунад. Садри Зиё ҳеҷ гоҳ иртиҷоъӣ набуд, душмани иртиҷоъиён буд. Ва кӯшишҳои С. Табаров, ки ӯро аз ҷумлаи иртиҷоъиёни бадкирдор вонамудан мехоҳад, нақше дар об аст.

---

[359] *С. Табаров*, ҳамон асар. Саҳ. 87.

[360] *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 160. Баъзе аз муллоҳое, ки ин ҷо номбар шудаанд, дар навиштаҳои Айнӣ аз ҷумла дар «Ёддоштҳо» ба тафсил тасвир шудаанд.

Даъвоҳои С. Табаров нақше дар об аст, чунки барои исботи даъво як далел наметавонад биёварад. Аҷаб замоне шудааст, ки қаламкашҳо бидуни далелу бурҳон, бидуни таҳлилу таҳқиқ ҳукми қатъӣ мебароранд!

Агар хонандаи мӯҳтарам аз ин китоби мо фаслҳои болоро ба ёд оваранд ё бархе фаслҳои "Садри Бухоро"-ро варақ зананд, хоҳанд донист, ки Садри Зиё моҳи апрели соли 1917 ва баъд аз он ҳам аз имкони амали озод, аз имкони иҷрои вазифаҳои ақзалқузотӣ маҳрум, дасту пояш баста, абгору афгор афтода буд, тобу тавони кор надошт.

Дар ҳамин ҳол чунонки Файзуллоҳ Хоҷа дар китоби "Аз таърихи инқилоби Бухоро ва марзбандии миллии Осиёи Миёна" ("К истории революции в Бухаре и нацонального размежевания Средней Азии") хабар дода аст, чун котиби консулхонаи Русия Шулга ба қозикалон номае фиристод ва ба воситаи қозикалон "ба амир маслиҳат дод, ки бо ҷавонбухороиён бераҳм бошад ваъда кард, ки ба қозикалон бо ғайрати тамом ёрмандӣ хоҳад кард ва кумакдори садоқатманди қозикалон хоҳад буд"[361].

Маълум нест, ки Садри Зиё аз рӯйи ин нома чӣ кор кард ва оё тавонист амале пеш бигирад. Аммо дар назари С. Табаров аз Шулга нома гирифтани Садри Зиё худ як гуноҳи азим аст. С. Табаров гаштаву баргашта таъкид мекунад, ки Садри Зиё супориши Шулга, фармони амиру вазирро он тавр ки бояд ва шояд, иҷро мекард, вале боз ҳам С. Табаров як мисол намеоварад, ки Садри Зиё он фармонҳоро чӣ тавр иҷро карда буд. "Мантиқи" сухани С. Табаров ин аст, ки модом, ки Садри Зиё қозиулқозот шуд, маҷбур буд, ки фармонҳои болоро ҳатман иҷро бикунад. Далелу бурҳони С. Табаров фақат ҳамин "ҳадс" асту бас.

Ба қавли С. Табаров Садри Зиё фармони амирро дар рӯзҳои террори моҳи апрели соли 1917 беҳтару бештар аз Мирзо Насруллоҳи қушбегӣ иҷро мекардааст ва аз ҳамин сабаб амир Насруллоҳи қушбегӣ ва Абуссамадхоҷаи раисро зуд маъзул кард ва соли 1918 ба қатл расонид, аммо Садри Зиёро чаҳор моҳ дар маснади қозикалонӣ нигоҳ дошт ва қатл накард. С. Табаров аз ин ки оқибат қушбегиву раисро куштанд, лекин қозикалон ҷон ба саломат бурд, маънои таҳтонии амиқе кашиданӣ мешавад.[362]

Дар фасли боло дидем, ки Садри Зиё чӣ тавр 9 апрел ду бор аз чанголи маргрези иртиҷоъиёни Бурҳониддини байзоӣ раҳоӣ ёфт. Дар фасли оянда боз хоҳем дид, ки соли 1918 ҳам Садри Зиё фақат ба инояти Худованд аз зери теғи ҷаллодони Бурҳониддин халос шуд. Гап дар ин ҳам нест, ки қасди ҷони Садри Зиё аз кӣ зоҳир шуд — аз одамони амир ё аз одамони Бурҳониддин. Манғития ва байзоия як қувваи сиёсӣ буданд ва фарқ надорад, ки суиқасд аз кадоми онҳо ба амал омад.

Аҷобат дар ин ст, ки ба қатл нарасиданро низ як гуноҳи Садри Зиё донистаанд. С. Табаров дар ғазаб аст, ки чаро Садри Зиё ба қатл нарасид. Булъаҷабиро бинед, ки аз ин ки натавонистанд як маорифпарварро бикушанд, С. Табаров шод нашудааст, балки ба ғазаб омадааст, ки ҳамоно ғазаби синфӣ ва падидае аз мухолифони тезиву дигарзидоӣ[363] мебошад. Хашми унсури асосии "таҳқиқи" ӯст.

Дар баробари пурсише, ки С. Табаров дар ин маврид мегузорад, пурсишҳое пеш меоянд, ки посух гуфтан ба онҳо чандон содда нахоҳад буд. Масалан чаро бародари Айнӣ ҳоҷӣ Сироҷиддинро куштанд, аммо худи Айниро накуштанд? Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ баробари Айнӣ аз маҳфили Садри Зиё баромада, баробари Айнӣ дар маорифпарварӣ фаъолият дошт. Ҳатто Айнӣ бештар аз Меҳрӣ фаъолият кард. Аммо Меҳриро куштанду Айниро не. Чаро ин тавр шуд? Ба ҳамин тариқ бародарзодаи Садри Зиё Абдулвакил-махдумро баробари Садри Зиё ҳабс карданд, аммо ӯро шаби аввал куштанду Садри Зиё зинда монд. Аз куҷо фаҳмем, ки чаро ин тавр шуд. Бародари Садри Зиё Ғафурҷон-махдум низ ба ҳабс афтода буд, вале кушта нашуд. Ғайр аз ин, тағоибачаи Садри Зиё қозӣ Сайидҷон-махдуми Назмӣ барои созмони пинҳонкори "Тарбияи атфол" ҳар моҳ пинҳонӣ кӯмакпулӣ медод, соли 1917 зиндонӣ шуд ва соли 1918 ба қатл расид. Боз ҳам Садри Зиё зинда монд. Сабаби ин ҳам маълум нест. Ҳангоме ки Садри Зиёро ба зиндон гирифтанд, дастнависҳои ӯро сӯзониданд, аммо дастнависҳои Айнӣ ҳангоми дастгир шуданаш осеб надид. Ин ҷо чӣ сабабе буд?

Агар суоли С. Табаровро, ки чаро амир қушбегӣ ва раисро кушту Садри Зиёро не, ба ҷиддият бигирем, он гуна суолҳои зиёде паи ҳам омадан мегиранд. Албатта дар баъзе

---

361 *Ф. Ходжаев.* Избранные труды, т. 1, Тошканд, Фан, 1970, саҳ. 110

362 Ниг.: *С. Табаров.* Мунзим-раҳбари ҷавонон, саҳ. 94

363 Дигарзидоӣ – зидоиши дигарон, чунончи ситеза бо дигарандешон, бо намояндагони дигар гурӯҳҳо ва аҳли дигар минтақаҳо ва ғайра, ки ба назари худпарастони маҳалгаро бегона менамоянд.

мавридҳо ба чунин пурсишҳо посух ҷустан даркор аст ва посухи баъзеи онҳо имрӯз маълум аст. Лекин чунин масъала, чунин пурсишро барои сиёҳ кардани касе ба миён гузоштан нахуст нишонаи бадандешӣ бояд бошад. Модомки масъала гузоштӣ, бояд онро ҳал бикунӣ, тадқиқу таҳқиқ бинамоӣ ва натиҷае бигирӣ. Фақат суол гузоштану аз ҷавоб гурехтан, бо як пурсиши иғвоомези авомфиребона касеро сиёҳ кардан кори таҳқиқгари поквиҷдон нест.

С. Табаров дар мақолаи "Мунзим— раҳбари ҷамъияти ҷавонон ва раиси фирқаи ҷавонбухороиён" чанд бор чунин корҳо кардааст. Якум он ки ӯ боз ҳам аз таъсире ки Аҳмади Дониш ва маҳфили Садри Зиё, "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмад-махдум ба Мунзим, Айнӣ, Ҳайрат ва чандин нафари дигар расонид ва ба онҳо "инқилоби фикрӣ" рӯй дод ва онҳо ба роҳи маорифпарварӣ даромаданд, хомӯш мондааст. С. Табаров боз ҳам аҳд кардааст, ки Садри Зиёро боре ба некӣ ёд накунад. Дар натиҷа боз ҳам аз ёдоварии Аҳмад-махдуми Дониш ва аҳамияти омӯзаҳои бузурги ӯ низ худдорӣ кардан лозим омадааст. Аз зикри хайри некмарде гардан тофтан ва ба нафрини ӯ пардохтан, ки нафрини беасос ва бедалелу бебурҳон бошад, низ бегумон дур аз одамият аст.

Дувум он ки С. Табаров бисёр кӯшидааст, то чунон вонамуд кунад, ки Садри Зиё нисбат ба Мунзим нафрат дошт. Инак С. Табаров мегӯяд: "До какой степени ненавидели Мунзима эмир, кушбеги, верховный казий (яъне ки Садри Зиё— М.Ш.) и главари реакции можно предстваить себе из следующего"[364]. Сипас ҳикоят кардааст, ки ба ҷои Абдулвоҳиди Мунзим як Абдулвоҳиди дигарро ба зиндон оварданд. Ва ҳол он ки ба ин кор Садри Зиё даст надошт. Чунонки дидем, он гоҳ ӯ худ гирифтори суиқасди "сагони почагири" Бурҳониддин гардида, беҳуш хобида буд.

Дар ҷумлаи боло Садри Зиёро дар сафи "сардорони иртиҷоъ" (главари реакции) ҷо додан баръакс эзоҳ додани рухнамудҳои таърих аст. С. Табаров аз таърих, аз осори Садри Зиё каме огоҳӣ дорад, ба хусус гуфтаҳои устод Айнӣ дар бораи Садри Зиёро ба хубӣ медонад ва дидаву дониста қасдан сафедро сиёҳ мегӯяд. Мо инро сиёҳкорӣ медонем. Инро номардӣ дар илм низ гуфтан мумкин аст.

Садри Зиё ба Мунзим бархӯрди бад, ба вежа нафрат ҳеҷ гоҳ надоштааст. Баръакс Мунзимро яке аз наздиктарин дӯстони худ медонист. Мунзим хеле бештар аз Айнӣ солҳои навҷавонӣ дар ҳавлии Садри Зиё зиста ва яке аз фаъолони маҳфили адабии ӯ буда, баъдтар устоду шогирд ҳаммаслак шуданд ва дар даргоҳи маорифпарварӣ ҳамкорӣ карданд. Садри Зиё аз миёни шогирдонаш ба Айнӣ ва Мунзим бештар меҳру дилбастагӣ дошт ва аз онҳо меҳру садоқат дид. Барои ин ки дилбастагии вежаи Садри Зиё маълум шавад, зарур медонем чанд байти машҳури ӯро аз "Тазкори ашъор" дубора ёдовар бишавем:

*Вафокеш мардум бидидам басе,*
*Чу Айниву Мунзим надидам касе.*
*Тавон гуфт Айнист як чашми ман,*
*Дигар чашм Мунзим дар ин анҷуман.*
*Бинозам ба гетӣ бад-он ду нафар,*
*Ки мурғи диламро чу боланду пар*[365].

Садри Зиё дар бораи ҳеҷ яке аз дигар дӯстонаш чунин изҳори меҳр накардааст. Инро ҳам бигӯем, ки Садри Зиё ин байтҳоро дар таҳрири дувуми «Тазкори ашъор», ки пас аз соли 1920 анҷом ёфт, нигоҳ доштааст. Агар ба гуфти С. Табаров, ки гӯё Садри Зиё моҳи апрели соли 1917 нисбат ба Мунзим нафрат дошт (ненавидел) дуруст мебуд, магар Садри Зиё ин байтҳоро дар таҳрири дувуми «Тазкори ашъор», яъне пас аз соли 1917 низ нигоҳ медошт? Аз Рӯзномаи Садри Зиё низ маълум мешавад, ки соли 1920 ин устоду шогирд чун пеш ба ҳам садоқати комил доштанд.

Дар байтҳои боло наҷобати эҳсосоти Садри Зиё, Айнӣ ва Мунзим, наҷобати олии ҳамдилии ин дӯстони ҷонӣ ифода шудааст. С. Табаров бо ин ки мегӯяд: Садри Зиё нисбат ба Мунзим нафрат дошт, ҳамин наҷобати олиро таҳқир кардааст. Барои касоне чун С. Табаров чизе муқаддас вуҷуд надорад. Ҳозиранд ҳар муқаддасотеро помол бикунанд.

Дар бахши «Чу анқоро баланд аст ошёна» дида будем, ки С. Табаров ва Р. Масов Айнӣ ва Садри Зиёро ба ҳам зид гузошта ва кӯшида буданд, ки ин ду дӯсти содиқро бадхоҳи якдигар вонамоянд. Акнун С. Табаров дар мақолаи «Мунзим— раҳбари ҷавонон» кӯшиш дорад, ки Садри Зиё ва Мунзимро душмани якдигар вонамуд бикунад. Гӯё мехоҳанд

---

[364] Ҳамон асар, саҳ. 97
[365] *Садри Зиё*. Тазкори ашъор, саҳ. 153

Садри Зиёро як-як аз дӯстонаш ҷудо бикунанд. Умед аст, ки зӯри беҳуда миён мешиканад. Фаромӯш накунем, ки дӯстонро аз ҳам ҷудо кардан кори одамони нохуб аст.

Имрӯз, ки бархе аз осори Садри Зиё ба чоп расидааст, хонандагони азиз ва пажӯҳишгарони ҳақҷӯву ҳақгӯй имкон доранд худ бубинанд, ки Садри Зиё ба садоқат тоқ ва ба идеалҳои маорифпарварӣ ҳамеша содиқ буд.

18

Бадкирдориҳои Бурҳониддин соли 1918 бештар аз пештар фалокат овард.

Рӯзи 2 марти 1918 сардори ҳукумати болшевикии Туркистони Русия Фёдор Колесов ба Бухоро лашкар кашид. Амир Олимхон дар ин ҷанг пирӯз омад. Бо ҳавои ин пирӯзӣ дар Бухоро террори хунин оғоз ёфт. Террори марти 1918 аз террори апрели 1917 сахттар ва густурдатар буд. Тамоми кишвар ба хун ғарқ гардид. С. Айнӣ дар «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» менависад, ки аз рӯзи якуми ҳуҷуми Колесов «тақрибан чаҳорсад нафар раъияи Бухоро дар Арки Бухоро бегуноҳ кушта шуданд»[366]. Садри Зиё хабар медиҳад, ки дар Қаршӣ рӯзи нахусти террор чаҳорсаду панҷоҳ нафар кушта шуданд, ки дар байни онҳо занону кӯдакон ҳам буданд. Дар дигар вилоятҳо низ куштори калон қариб як моҳ давом дошт.

Дар ин кушокуш ба гуфти Айнӣ «усули нави одамкушӣ» ва «мошини одамкушӣ» ихтироъ шуд, ки «аз тарафи қозикалон Бурҳониддин (ки моҳи июли 1917 боз қозикалон таъйин шуда буд — М.Ш.) Низомиддинхоҷаи урганҷӣ ва Абдуррауфи корвонбошӣ ихтироъ ёфта, аз тарафи амир тасдиқ шуда буд»[367]. Чунонки мебинем ин ҷо дар байни ихтироъкорони усули нави одамкушӣ номи Бурҳониддин якум омадааст.

Устод Айнӣ ба муносибати хунрезиҳои моҳи марти соли 1918 дар «Таърихи амирони Манғитияи Бухоро» гуфтааст: «Қозикалон Бурҳониддин, раис Мусанниф, вакил Қутбиддин, Ибодуллоҳ ва мулло Холмуҳаммад, аз аҳли дарбор: Имомқул, Ҳоҷӣ Латиф, Аҳрорқул, аз аҳли бозор: Қаршибек, Усмони аттор доди хунрезӣ ва тороҷи моли мардумро доданд»[368]. Мо ин гуфтаи устод Айниро боз як бор гӯшрас овардем, то таъкид бикунем, ки устод Айнӣ номи ҷаллодони миллатро дар сафҳаи таърих сабт намудааст ва боз номи Бурҳониддин дар ҷои якум аст. Агар амир Олимхонро ҷаллоди якум ба шумор оварем, қозӣ Бурҳониддин ҷаллоди дувум буд.Ин ҳамон мулло Бурҳониддин аст, ки Ибни Қурбон ӯро марди донову бино, сиёсатмадори нозукбин,ислоҳотхоҳ, душмани туркҳову Туркия ва тоҷикпарвар вонамудан мехоҳад.

Дар солҳои 1917-1918 байзоият ба пурзӯртарин нерӯйи иҷтимоъиву сиёсии табаҳкор табдил ёфт. Аз аввали пайдоиши байзоият пай бурдан мумкин буд, ки рӯзе даст ба хунхории куллӣ мезанад. Дар ҳақиқат дар замони тезу тунд шудани муборизаҳои иҷтимоъиву сиёсӣ байзоиён дар пешсафи бераҳмтарин кӯрдилони ваҳшониятпеша амал карданд.

Аз се нафаре, ки мутасаддии иҷрои фармони ислоҳот буданд, Абдуссамдхоҷаи раиси калонро рӯзи дувуми эълони он фармон маъзул ва ба кӯҳистон фиристода, соли 1918 ба қатл расониданд. Садри Зиёро пас аз 16 рӯзи нишастан ба маснадии қозикалонӣ маъюб, хонанишин ва аз кор дур, аз октабри 1917 ба Қаршӣ бадарға намуданд. Насруллоҳи қушбегиро, ки Бурҳониддин ва чанд нафари дигар душмани ӯ буданд, 14 апрели 1917 маъзул карда, соли 1918 бо ҳафтдаҳ нафари бастагонаш ба қатл расониданд.

Сарнавишти ҳама маорифпарварон ва хайрхоҳони эшон, ки ба даст афтоданд, ҳамин шуд. Чунонки Мирзо Ҳайити Саҳборо, ки Бурҳониддин душмани худ медонист, апрели 1917 ҳабс ва ба Қубодиён бадарға карданд ва марти 1918 дар он ҷо кушта, «ҷасади онро ба ӯзбакон доданд, кӯбкорӣ намуданд»[369]. Раҳими Мусулмониён ба наздикӣ номи кушандаи Саҳборо гуфт, ки Тӯрақулӣ Ойқулӣ будааст»[370]. Сайидҷон-махдуми Назмиро, ки тағоибачаи Садри Зиё буда, барои созмони пинҳонкори «Тарбияи атфол» ҳар моҳ кӯмакпулӣ медод[371], соли 1917 ба Балҷувон бадарға ва соли 1918 он ҷо ба шаҳодат расониданд. Ва ҳоказо. Хуни бештарини ин шаҳидон низ ба гардани Бурҳониддин аст.

---

366 *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 10, саҳ. 178
367 *С. Айнӣ*. Куллиёт. Ҷ. 1, саҳ. 107.
368 *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 10. Саҳ. 177
369 Рӯзномаи Садри Зиё, саҳ. 275.
370 Ниг.: *Р. Мусулмониён.* Тоҷики 2500 сол пеш. Садои Шарқ, 2003, № 10-12, саҳ. 119
371 *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 133

Чун соли 1917 натавонистанд Садри Зиёро бикушанд, марти 1918 пас аз «воқеаи Колесов» қасд карданд, ки ба ин мақсад бирасанд. Садри Зиё аз октабри 1917 ба Қаршӣ табъид (бадарға) ва қозии он вилоят буд. Он ҷо ба гуфти Айнӣ моҳи марти 1918 ба гуфти худи Садри Зиё 2 апрели 1918 ӯро ҳабс карданд. Садриддини Айнӣ менависад: «Бо сар шудани ҷанг (-и Колесов ва амир — М.Ш.) қозикалон Бурҳониддин ва қушбегӣ Усмонбек (ки аз золимону ҷоҳилони машҳури вақт буда, дар навиштаҳои Садри Зиё ҳаҷв шудааст[372] — М.Ш.) ба ҳокими Қаршӣ хат фиристода, қозӣ Мирзо Шарифро (Садри Зиёро— М.Ш.) ҳабс кунонида, ҷиянаш Абдулвакилро куштанд»[373]. Мебинед, ки Садри Зиё бо фармони Бурҳониддин ва Усмонбек ҳабс шуд.

Маълум аст, ки Садри Зиёро дар Қаршӣ ба ҳабс гирифтанд, дастнависи навиштаҳои ӯ, аз ҷумла «Рӯзнома», «Тазкори ашъор», «Наводири зиёъия»-ро сӯзониданд. Яъне агар соли 1917 худи ӯро натавонистанд ҷисман маҳв бикунанд, акнун хостанд нахуст маънан маҳв бикунанд, сиёҳнависҳои бепокнависро бисӯзонанд. Оташ додани асарҳои Садри Зиё низ бо ҳамон номаи Бурҳониддин ва Усмонбек, ки дар боло устод Айнӣ гуфтааст, сурат гирифт. Хонандаи азиз инро бояд ба гӯш бигиранд: китобҳои Садри Зиё соли 1918 бо фармони Бурҳониддин ва Усмонбек сӯзонида шудааст!

Сипас худи ӯро нест кардан хостанд. Чунонки пештар ёдовар шуда будем, пас аз чанд рӯзи маҳбусии Садри Зиё дар Қаршӣ ҳукми қатли ӯ расид. Ин ҳукмномаи қатли Садри Зиё бо мӯҳри Усмонбеки қушбегӣ (вазир) ва Бурҳониддини қозикалон омада буд. Одатан ҳукми қатлро қозӣ ва қозикалон ба амир пешниҳод мекарданд ва амир ҳукм содир менамуд. Лекин дар айёми террори соли 1918 азбаски ҳукми қатл хеле бисёр содир шуд, лозим донистанд, ки амирро зиёд ташвиш надиҳанд ва ҳукмномаҳоро бидуни мӯҳри амир Олимхон иҷро намоянд. Иҷрои ҳукми қатл дар ӯҳдаи қушбегӣ ва ҳокими вилоят буд. Ҳокими вилояти Қаршӣ дид, ки ҳукми қатли Садри Зиё низ бидуни мӯҳри амир омадааст. Гуфта будем, ки ҳокими Қаршӣ он рӯзҳо ҳукми қатлро бидуни мӯҳри амир ҳам бисёр иҷро карда буд ва шояд бародарзодаи Садри Зиё Абдулвакил-махдуми ҷавони навдомод чанд рӯз пеш ба ҳукмномаи бидуни мӯҳри амир кушта шуда бошад. Вале азбаски ҳокими Қаршӣ Аҳорқулибек Садри Зиёро бисёр ҳурмат мекардааст, ҳукми қатли ӯро иҷро накард, ба Бухоро баргардонд ва узр гуфт, ки чунин ҳукмномаро бидуни мӯҳри ҷаноби олӣ намтеавонад иҷро бикунад. Пас аз чанд рӯз аз Бухоро фармон омад, ки аз Садри Зиё барои худаш ва бародари ҷадидаш Ғафур-махдум се миллион сӯми русӣ «бадали хун» ситонида шавад ва баъд онҳоро озод бояд кард.

Бинед, нархи хуни Садри Зиё ду миллион сӯм ва нархи хуни бародараш як миллион сӯм таъйин шуда буд. Садри Зиёро маҷбур карданд, ки ҷони худро ба ду миллион сӯм бихарад. Гӯё соҳиби ҳаёту мамоти бузургворе чун Садри Зиё Бурҳониддину Усмонбек буданд, ки ҳар чӣ хоҳанд, мекарданд ва аз террору куштор ҳам дороӣ гирд меоварданд.

Мо воқиаҳои соли 1918-ро дар навиштаҳои пештараи худ ҳикоя карда будем. Мақсад аз ёдоварии батакрор таъкиди ин матлаб аст, ки ҳукми қатли нигоштаҳои Садри Зиё ва ҳукми қатли худи ӯро Бурҳониддини байзоӣ ва Усмонбеки манғит имзо карда буданд. Инро бояд фаромӯш накунем. Онро низ аз ёд набарорем, ки бешак Сайидҷони Назмӣ ва Абдувакили навҷавон низ бо фармони он ду нафар ба шоҳодат расиданд.

Сарнавишти Садри Зиё дар солҳои 1917 ва 1918 намунае аз сарнавишти маорифпарварии тоҷикон аст. Садри Зиё баробари ҷунбиши бузурги маорифпарварӣ зарбаҳо дид, ба нобудӣ маҳкум шуд, вале натавонистанд, ки номашро аз сафҳаи таърих битарошанд. Ӯро саодате даст дод, ки осори сӯхтаашро дубора навишт ва ин осор имрӯз кам-кам чоп мешавад ба дасти пажӯҳишгарон мерасад.

Як натиҷагирии Ибни Қурбон дар поёни фавоҳишномааш ин аст: «Ба итминони комил гуфта метавон, ки аз наомӯхтани осори адабии Садри Зиё адабиёти тоҷик дучори ҳеҷ гуна зарар нахоҳад шуд, вале чун миллати фарҳангдӯсти мо ба ҳар гуна офаридаи тафаккуроти инсонӣ эҳтироме мабзул медорад, бигзор осори ӯ низ ақаллан мисли шоиру нависандагони камнуфузу гумноми адабиёти ҷаҳонгири форс-тоҷик дар хазинаи он нигоҳдорӣ шавад, на бештар аз ин»[374].

Бинед, Ибни Қурбон аҷаб ҳиммат кардааст. Байзоиёни охирзамон, Ибни Қубонҳо медонанд, ки сӯзонидани нигоштаҳои Садри Зиё фоида надорад. Бино бар ин иҷозат додаанд, ки чакидаҳои хомаи Садри Зиё дар ганҷинаи дастнависҳо бошад. Лекин

---

[372] Ниг. *Садри Зиё*. Наводири зиёъия, Душанбе, Адиб, 1991, саҳ. 64

[373] *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 218

[374] *Ибни Қурбон*. Ҳамон асар, саҳ. 52

пажӯҳиши илмии онҳоро манъ кардаанд. Умед аст, ки ин манъсозиҳо накше дар об хоҳад буд. Чунонки ба Бурҳониддин муяссар нашуд, ки навиштаҳои Садри Зиё ва худи ӯро маҳв бисозад, байзоиёни имрӯз низ дар ин роҳ ба мурод нахоҳанд расид.

***

Мо ин ҷо он рӯйдодҳои ваҳшатбори солҳои 1917 ва 1918-ро ба андозае ки ба саргузашти Садри Зиё дахл дорад, аз назар гузаронидем. Азбаски Садри Зиё дар бисёр мавридҳо дар маркази рухнамудҳои асосии замон қарор ёфта будааст, дар ин нақли мо якчанд тафсилоту ҷузъиёти муҳимми моҳиятнамо низ баён шуд, ки маънои аслии замонро ба хубӣ падидор меоварад, чунончи моҳияти маорифпарварии тоҷикиро аз як сӯ, маънои сиёсати урукдорӣ ва байзоиятро аз сӯи дигар равшанӣ меандозад. Ба андешаи мо он чӣ зикраш гузашт, имкон медиҳад, ки пажӯҳишгарон бо баррасии он дар бораи таърихи маорифпарварии тоҷикӣ ва нерӯҳои иртиҷоъии зидди он ба ҷамъбастҳои густурдае бирасанд. Мо ҳоло вобаста ба саргузашти Садри Зиё ба як ҷиҳати масъала диққат ҷалб карданӣ ҳастем.

Чандин бор таъкид шудааст, ки маорифпарварони тоҷик дар Бухоро (ки ба даҳаи нахустини садаи бист ҷавонБухороиён, тараққипарварон, ҷадидон, ислоҳотхоҳон ном гирифта буданд) бо таҳаввули фарҳангӣ ва қувват додани бунёди маънавии ҳаёт ҷомеаро ба растагории миллӣ ва эҳёи маънавӣ расонидан мехостанд. Мақсади онҳо «инқилоби фикрӣ», «инқилоби илмӣ», «инқилоби маданӣ» буд ва ин ҷо «инқилоб» натиҷаи ниҳоии таҳаввули тадриҷии фарҳангиро ифода мекунад. Дар истилоҳоти маорифпарварӣ мафҳуми «инқилоби иҷтимоъӣ» низ маънои натиҷаи дигарсозиву таҳаввули фарҳангиро дошт, на зӯроварӣ ва табаддулоти инқилобиро.

Соли 1910 амир Олимхон бар тахт нишаст ва зуд ошкор гардид, ки ӯ низ қобил нест, ки ислоҳоте ба вуҷуд биёварад ва барои тараққии фарҳангӣ роҳ ҳамвор бикунад. Дар натиҷа аз солҳои 1911-1912 дар миёни бархе аз ҷавонон рӯҳияи радикал пайдо шуд ва чанде аз бухороиёни Истамбул, ки Ҳошими Шоиқ низ бо онҳо буд, қарор доданд, ки агар амир Олимхон ислоҳот ҷорӣ накунад ва тартибе наздик ба машрутаро рад намояд, ӯро сарнагун бояд кард ва ба ҷои ӯ якеро аз хонадони Манғития ба тахт бояд нишонид[375]. Ин хабарро ҷосусон ба Петербург ва амири Бухоро расониданд. Оқибат чӣ шуд, маълум нест. Муҳим он аст, ки ин гурӯҳи тундрав ҳам аз зӯроварӣ ва табаддулот на ҷумҳурият, балки машрутият хостаанд ё чизе монанди машрутиятро ба назар доштанд. Ҳошими Шоиқ аз нимаи даҳаи бистум ба Афғонистон паноҳ бурд ва он ҷо аз шахсиятҳои намоёни фарҳангӣ шуд вале то ҷое ки ин камина медонад барои сарнагун кардани тоҷу тахт ва рӯйи кор овардани ҷумҳурият ҳаракате накард.

Агар гӯем, ки машрутахоҳӣ аз моддаҳои асосии барномаи сиёсии (нонавиштаи) маорифпарварони Бухоро дар даҳаи дувуми садаи бистум буд, ба фикрам хато нахоҳем кард. Маорифпарварон дар сояи инояти «амири ботадбир» ва шоҳи бофарҳанг, ки падари тарбиятгари миллат бошад, инқилоби фарҳангӣ барпо кардан мехостанд. Бархе нуктаҳои ин моддаи барномаи сиёсии маорифпарваронро аз «Рӯзнома»-и Садри Зиё дар рисолаи «Садри Бухоро» дида будем. Онро аз навиштаҳои дигарон низ мебинем. Пайдост, ки онҳо барномаи фарҳанггустарии сулҳҷӯёна доштанд ва онро дар доираи аҳкоми Ислом ва шаръи шариф, дар рӯҳи анъанаҳои волои илму фараҳанги бостонии Фарорӯд ба хотири имрӯзу фардо иҷро карданӣ буданд, то ки ба гуфти устод Айнӣ мардум «аз таърихи олам, аз сиёсати дунё, тадбири манзил, тарбияи авлод, аз маданияти ислом ва Урупо огоҳ бошанд»[376].

Лекин дар чоряки поёни даҳаи дувум ҷунбиши маорифпарварӣ қатъ гардид. Дар Туркистони Русия — дар Самарқанд, Истаравшан, Хуҷанд ва ғайра инқилоби октабри соли 1917 ҷунбиши маъорифпарвариро қатъ кард. Дар Бухоро қатъи маорифпарварӣ бештар аз ҳама бо байзоият вобастагӣ дорад. Ҳукуматдорон, байзоиён, нерӯҳои иртиҷоъӣ моҳи апрели соли 1917 дар Бухоро маорифпарвариро шикаст доданд. Умдатарин нерӯ дар шикасти маорифпарварӣ байзоият буд. Миллат бояд бидонад, ки дар Бухоро маорифпарвариро на инқилоби болшавикӣ, балки асосан байзоиён нест карданд. Ин яке аз бузургтарин ҷиноятҳо дар таърихи миллат буд.

---

375 Ниг.: *Шералӣ Турдиев*. Роль России в подавлении движения джадидов. Маҷаллаи «Центральная Азия (Шветсия), 1999, №1 (13), саҳ. 133.

376 *С. Айнӣ*. Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 43.

Чун муқобилати ҳукуматдорон қувват афзудан гирифт, иртиҷоъ ба авҷи аъло расида, шиддати ҳамлаҳои вахшиёнаи он афзуда, бо ҳаракати иртиҷоъиён дар соли 1917, ба вежа бо террори хунини ҳамагири соли 1918 нерӯҳои пешбари ҷомеа ва ҷунбиши маорифпарвариро тороумор кард, табиъист, ки рӯҳияи радикал ва зӯроварии инқилобиро дар миёни бархе аз маорифпарварон ва атрофиёни онҳо зиёд кард. Бӯҳрони азим, ғалабаи иртиҷоъиён ва шикасти маорифпарварон шароите фароҳам овард, ки ифротиёни моҷароҷӯе чун Файзуллоҳ Хоҷа (1896-1938) дар сари ҷавонбухориён ташаббусро ба даст гирифтанд ва ба мақоми роҳбарӣ расиданд. Бӯҳрони шадиди иҷтимоъиву сиёсӣ, ки аз пирӯзии иртиҷоъиён бо сарварии Бурҳониддин ба ҳосил омад, барои фаъолиятафзоии баъзе ҷадидони хатокор ва манфиатҷӯи ҳокимияттолош, ба вежа Файзуллоҳ Хоҷаи 21-солаи ҷангҷӯи ифротӣ ва гурӯҳи ӯ роҳ кушод. Ин ҳолат барои пантуркизми болшевикӣ як «неъмати худодод» буд, ки онро бе каму кост истифода кард.

Ба ин маънӣ фитнаи азиме, ки уруқдорӣ ва байзоият соли 1917 ва 1918 эҷод карданд, барои хиёнати Файзуллоҳ Хоҷа ва миллатфурӯшии ӯ, барои «инқилоби Бухоро» аз чанд ҷиҳат роҳ кушод. Аз ин рӯ то андозае ҳақ ба ҷониби Садри Зиёст, ки байзоиёнро сабабкори заволи давлати Бухоро донистааст. Чунонки дар оғози ин рисола дида будем, Садри Зиё ақидае дошт, ки «асбоби заволи давлати Бухоро дар сояи танпарварӣ ва бевуқуфӣ ва дунёпарастии се амир»-и охир ба воситаи разолати байзоиён — ин «тоифаи дания ва ҷамоаи разила» ба ҳам омада буд[377]. Инро Садри Зиё дар рисолаи «Сабаби инқилоби Бухоро» гуфта буд. Ин гуфтаи ӯ агарчи наметавонад сабабҳои инқилоби Бухороро ҳамаҷониба шарҳ бидиҳад, ба ҳар ҳол як ҷузъи ҳақиқати таърихиро баён мекунад.

Сиёсати уруқдорӣ ва байзоият, ки солиёни дароз ба ваҳшонияти тамом амал кард, ҳатман бояд кишварро ба фоҷиаи азим меовард ва оқибат овард. Ин оқибати фоҷиавӣ инқилоби Бухоро буд, ки Бухоро ба унвони як маркази бузурги фарҳанги тоҷикон, ки бо дигар марказҳои фарҳангӣ миллатро нисбатан мутамаркиз ва омилҳои марказгурезро як андоза маҳдуд медошт, аз байн рафт ва дар зарфи 15-20 сол ба як шаҳри дурдасти музофотӣ табдил ёфт. Садри Зиё ҳамин натиҷаи сиёсати уруқдорӣ ва фаъолияти байзоиёнро мегӯяд. Дар шакли гуфтаи ӯ носаҳеҳӣ роҳ ёфта бошад ҳам, аз рӯйи инсоф бояд эътироф бикунем, ки айни ҳақиқатро гуфтааст, гуфтаи ӯ моҳиятан ҳақ асту рост.

## 19

С. Табаров дар мақолаи «Мунзим — созмондиҳандаи ташкилоти ҷадидон ва раиси фирқаи ҷавонбухороиён» («Мунзим— организатор общества джадидов и председатель партии младобухарцев») аз рӯйи ҳамон назарияи синфият, ки солҳо бо назарияи ҳизбият (партиявӣ) боиси каҷбаҳоиҳои зиёде дар адабиётшиносӣ шуда буд, боз ҳукми қатъӣ баровардааст, ки «дурӯягӣ ва фиреб хоси ҳукуматдорон, аз ҷумла қозиёни Бухоро буд» ва Садри Зиё низ чун «намояндаи синфи худ» рафтор дошт[378].

Мо ақида дорем, ки ин ҳукми қатъӣ қобили қабул нест. Албатта дар ин китоби мо, ки ҳоло хонандаи гиромӣ дар даст доранд, чеҳраи нафратангези аҳли хонадони Байзоро, ки ақзалкӯзоти Бухоро буданд, нишон додем. Дар ҳамаи таърихномаҳои сулолаи Манғития мисоли ҳукуматдорон, аз ҷумла қозиёне, ки аз сари адлу инсоф басе дур рафтаанд, зиёд омадааст. Бо вуҷуди ин, он ҳукми қатъии С. Табаровро қабул надорем. Дар аҳди Манғития ба миёни ҳукуматдорон, ба вежа қозиён ҳомиёни адлу инсоф низ кам набудаанд. С. Табаров таърихномаҳои устод Айнӣ ва «Ёддоштҳо»-и ӯро андак варқ гардонад, чандон мисоли барҷаста хоҳад ёфт, ки шариатпаноҳон дар роҳи ҳаққу ҳақиқат ҷонфидоиҳо кардаанд. Шояд ғубори «нафрати синфӣ», ки чашми С. Табаровро гирифтааст, имкон намедиҳад, ки инро бубинад.

«Хислатҳои синфии» Садри Зиёро С. Табаров ба ин тарз баён кардааст: «Муҳаммад Шарифджан-махдум (Садри Зия) напоминает персонаж рассказа Л. Н. Толстого «После бала» При представителях своего класса и просвещенных людях Бухары он человечнейший, нравственнейший и просвященнейший человек, но перед подчиненными, слугами, бедными, неимущими и обездоленными вел себя как представитель своего класса и по приказу эмира

---

377 *Садри Зиё*. Наводири зиёъия, дастнависи №983 (дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва меросӣ хаттии Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон), саҳ. 105 б.

378 *С. Табаров*. Мунзим— раҳбари ҷамъияти ҷавонон ва раиси фирқаи ҷавонбухороиён, саҳ. 94.

и кушбеги не отказывался от любых видов наказаний»[379]. Ин ҷо чун аз «таъзирот» («наказаний») сухан рафтааст, террори апрели 1917 ба назар аст.

Ҳар чӣ ин ҷо С. Табаров гуфтааст, дурӯғ аст. Дурӯғу бӯҳтони маҳз асту бас. Ӯ боз ҳам як мисол барои исботи даъво наовардааст. Даъвое ки барои исботи он мисол ва далелу бурҳон наовардаанд, эътибор надорад. Нафрати синфӣ ҷои далелу бурҳонро írнаметавонад бигирад. Ҳукмҳои назарияи синфиятгароӣ низ! Назарияпардозони охирзамон ба дараҷае расидаанд, ки ҳукмҳои назарияро ба ҷои падидаҳои мушаххаси воқъияти таърихӣ мепазиранд. Модомки чунин назарияе қавӣ ва фарогир мавҷуд аст, мардум ҳатман аз рӯйи ин назария бояд рафтор карда бошанд.

Ба гӯши чунин назарияпардозон мерасонем, ки чунончи дар ин китоб чандин бор дидем, ин бор ҳам тири синфии онҳо хок хӯрдааст.

Чунончи он иддаои С. Табаровро аз назар бигзаронем, ки гӯё Садри Зиё дар пеши аъёну ашроф ва аҳли маърифат чун шахсе маданиву бафарҳанг нозукрафторӣ мекардааст, аммо дар пеши хизматкорон ва мардуми одӣ, дар пеши онҳое, ки С. Табаров «подчиненные, слуги, бедные, неимущие и обездоленные» номидааст, ҳама беинсофиро раво медидааст.

Ҳаргиз чунин набуд! Бинед, ки устод Айнӣ дар бораи муомилаи Садри Зиё бо мардум чиҳо мегӯяд.

Садриддини Айнӣ баъзе хислатҳои хусусии Садри Зиёро низ ҷо-ҷо ба ёд овардааст. Ӯ мегӯяд, ки Садри Зиё бар хилофи бисёре аз маҳдумзодагон ва тоифаи гуногун метавонист унс бигирад. Ӯ аз ҳавобаландии калонзодагӣ ориву барӣ буда, ба хидматкорону уламо ба як чашм нигоҳ мекардааст. Устод Айнӣ мегӯяд: Садри Зиё «ба одамҳо хоксорона муомила мекард ва ба ҳеҷ кас ба назари таҳқир наменигарист»[380]. Дидед, «ба ҳеҷ кас!» Аммо байзоиён, ки нокас буданд, нисбат ба онҳо таҳқирро раво дид.

Чунонки мебинем, Садри Зиё баръакси қаҳрамони ҳикояи «Пас аз базм» рафтор мекардааст: ба ашрофзодагоне чун Ибни Байзо басо таҳқиромез муомила мекардааст ва дигар «ба ҳеҷ кас ба назари таҳқир наменигаристааст». Не, С. Табаров чандон айнишинос нест. Вагарна бар хилофи гуфтаҳои устод Айнӣ назария наметарошид.

Он гуфтаи усттод Айниро, ки дар боло омад, аз «Ёддоштҳо», аз қисми севум, боби «Хислатҳои хусусии Шарифҷон-маҳдум» гирифтем. Устод дар ин боб боз чанд хислати Садри Зиёро гуфтааст, ки ҳама хилофи назарияи синфии С. Табаров аст. Аз як сӯ устод Айнӣ мегӯяд, ки Садри Зиё «дар зиндагӣ ва хусусан дар таомхӯрӣ ва нигоҳ доштани чизҳои хӯрданӣ бисёр озода буд. Ба рӯйи чизҳои хӯрданӣ ҳамеша тӯрҳои симини сиёҳ мепӯшонд, ки магас нанишинад. Ва агар ба меҳмонхона магасе дарояд гӯё ки ба он ҷо гурге даромада бошад, «биёетон, магасро бароретон» гуфта фарёд карда, моро ҷеғ мезад». Аз сӯи дигар устод гуфтааст, ки Садри Зиё бо ин ҳама озодагӣ ва нозуктабъӣ «бо ман, бо Мирзо Абдулвоҳид (Мунзим — М.Ш.) ва Мирзо Бадеъ, ки хизматгорони ӯ будем, бо ҳам дар як табақ ош меҳӯрд. Хусусан аз ман, ки либосҳои саҳроии дар зери хизмат чиркиншуда ва дарида доштам, ҳеҷ нафрат намекард».[381]

Таъкид мекунем, ки Садри Зиёи озода аз хизматгори ноозода «ҳеҷ нафрат намекард»! С. Табаров Садри Зиёро душмани синфӣ медонад ва аз ӯ нафрат дорад, аз ҳар суханаш нафрат меборад. Аммо Садри Зиё аз хизматгорон, баръакс «ҳеҷ нафрат намекарда»-аст, онҳоро бегона ва «душмани синфӣ» намедонистааст. Пас он даъвоҳои «синфии» С. Табаров дар ҳаққи худи ӯ дуруст будааст ва дар мавриди Садри Зиё ба ҳақиқати ҳол мувофиқ намеомадааст.

Аз дигар бахшҳои боби мазкури «Ёддоштҳо»-и Айнӣ маълум мешавад, ки Садри Зиё калонгирӣ, нописандӣ, бадмуомилагӣ надошт. Ва сахтгапиҳои ӯ танҳо дар мавридҳои муайян бештар чун як хислати иҷтимоъӣ, вале на иҷтимоъии синфӣ намудор меомадааст. Сахтгӯиҳои Садри Зиё монанди Аҳмади Дониш яке аз падидаҳои ниҳоии ҳақгӯӣ ва адолатҷӯӣ ва муборизаи як зиёъии маорифпарвар буд. Аз ин рӯ устод Айнӣ сахтгапиву дуруштиро ба қатори «хислатҳои хусусии» Садри Зиё номбар накардааст. Аз навиштаҳои устод Айнӣ маълум мешавад, ки Садри Зиё дар ҳаёти хусусӣ бо ҳама тоифаҳои мардум хушмуомила будааст.

Дар байни ҳамнишинони Садри Зиё ҳар тоифаи мардум, чунончи кӯпкоритозон (устодони бузкашӣ), бозориён, савдогарони хурду калон, аз ҷумла Ҷӯрабеки Араб ва ғайра

---

[379] Ҳамон асар, саҳ. 94.
[380] *С. Айнӣ*. Куллиёт, ҷ. 7, саҳ. 44.
[381] Ҳамон ҷо

буданд. «Вақте ки онҳо ба пешаш оянд, ҳамеша сухан дар бораи машғулияти онҳо мерафт ва ӯ ҳам мисли он ки як нафари онҳо бошад, завққунон гап мезад»[382].

Устод Айнӣ бархе аз чунин хислатҳои Садри Зиёро «ба худаш номуносиб» ва «одатҳои феодалӣ» ҳисобида буд. Ӯ бо «бойҳои шаҳру саҳроҳои Бухоро» ошноӣ кардан, «дар ширинкорӣ ва шӯхиҳои авомона» иштирок намудан, такаллуф дар дастархондорӣ ва монанди ин баъзе одатҳои Садри Зиёро ба назар дорад.

Ба андешаи мо муҳим он аст, ки Садри Зиё дар муомила фақат ба тоифаи худ, чунончи танҳо бо доираи уламо маҳдуд набудааст ва аҳли қишрҳои гуогуни ҷомеаро фаро гирифтааст.

Хислати шахсии Садри Зиё, ки метавонист ба ҳар касе, бо ҳар гуна мардум улфат бошад, шояд аз марому маслаки иҷтимоъии ӯ, аз ғояҳои маорифпарварӣ пайдо шуда буд. Маорифпарварӣ, ки поя бар андешаи миллӣ дошт, бо назари эҳтиром нигаристан ба ҳама тоифаҳои мардум ва тарзи зиндагонии онҳо, ба ҳама касбу ҳунар, урфу одат ва ғайра аз нуктаҳои асосии маромномаи маорифпарварон буд. Аз ин рӯ унусурҳои гуфтугӯи одӣ ва муҳовароти урфия ба адабиёт зиёд ворид шуд.

Маорифпарварӣ ҳамаи тоифаҳои мардумро ба ҳам муттаҳид кардан мехост. Устод Айнӣ таъкид бар ин дошт, ки «намояндагони тамоми миллатҳои сокини Бухоро — ӯзбекҳо, тоҷикҳо, туркман, араб ва эрониҳо, хоҷагон ва яҳудиён»[383] дар созмони ҷавонБухороиёни тараққипарвар ҳамкорӣ мекарданд. Аз ҷумла Садри Зиё низ аз таассуби синфӣ, милливу қавмӣ, маҳалливу минтақавӣ ва ғайра дурӣ ҷустааст. Дар айни замон бояд фаромӯш накунем, ки Садри Зиё равияи танқидии адабиёти маорифпарвариро, ки аз Аҳмади Дониш оғоз ёфтааст, идома дода, рӯйнамудҳои манфии ҷомеаро сахт масхара кардааст. Инро аз бисёр асарҳои ӯ, ба вежа аз «Тазкиратулҳумақо» ба хубӣ мебинем. Муносибати манфӣ ба байзоият низ падидае аз равияи танқидии эҷодиёти ӯст. Ба чеҳраи қаҳрамонони манфии ҳаҷвиёти Садри Зиё нигоҳ афканем, мебинем, ки ин қаҳрамонон низ аз ҳар тоифаи мардум, аз ҳар синфу табақа ва гурӯҳҳои иҷтимоъӣ мебошанд ва нигоҳи ӯ ба онҳо на нигоҳи синфӣ, балки ахлоқиву маънавист. Назари ӯ ба байзоият низ чунин аст.

Пас чаро Садри Зиё ҳама кӯҳистониёнро нафрин кардааст?

Аз чӣ сабаб на фақат хонадони Байзо ва он ҳама эрониёни маҳаллиро, ки ҷинояткор буданд, балки ҳама кӯҳистониён ва эрониёни Бухороро «тоифаи дания» ва «ҷамоаи разила» номидааст?

Ба фикрам, ин дашноми сахт шиддати хашму ғазаберо, ки аз хиёнату ҷинояти нобахшидании байзоиён ҳосил шуда буд, ифода мекунад. Бадкирдорони форсу тоҷик зиёд буданд. Масалан он кӯҳистониён, ба вежа он хатлониён, ки зердасту фармонбардори хонадони Байзо буданд, нисбат ба Садри Зиё ва хонадони ӯ душманӣ варзиданд, ба маротиб зиёдтар аз некхоҳон будаанд. Қариб ҳама кӯҳистониёни Бухоро ба гирди Бурҳониддини ҷоҳили хунташна ҷамъ омада буданд ва аз ин рӯ Садри Зиё ҳамаро нафрин кардааст. Ба хусус он рӯзи 9 апрели 1917 майдони Регистон пур аз аҳли балво буд ва онҳое ки ба ӯ дарафтиданд ва ӯро куштан хостанд, бисёр буданд. Набояд фаромӯш кард, ки он рӯз сиёҳкорони Бурҳониддин ду бор ӯро куштан хостанд ва ҳар ду дафъа на ду-се ё нӯҳ-даҳ нафар, балки хеле бисёр буданд. Садри Зиё ҳамин ҷамъи касирро нафрин хондааст. Касофати Бурҳониддини ҷоҳили хунхор ва дастёрони бешумори ӯ ба ҳама кӯҳистониён расид.

Дар даҳаи дувуми садаи бистум бениҳоят доман паҳн кардани байзоият, густариши беназири разолату ҷинояти байзоиён, ки дар ҳама ҷомеа нақши пурнакбат гузошт, боиси ин шуд, ки касофати он ба ҳама ҳамдиёрони саркардаҳоаш нисбат дода шавад. Фарзанди нохалаф ба шаъни падар иснод меоварад. Мумкин аст ҳама аҳли хонадонро бадном бикунад. Наҳсияти байзоиён ҳама ҳамдиёрон, ҳама кӯҳистониёну эрониёнро бадном кард.

Ин ҷо амали таносуби ҷузъу кул коргар омад. Агар ҷузъ зӯрманд бошад, ба кул нуфуз пайдо мекунад ва гоҳ ҳангоми таъйини вежагиҳои кул нақше ҳалкунанда иҷро менамояд. Аз рӯйи хусусиятҳои тавонманду устувори ҷузъ дар бораи кул ҳукм мебароранд. Ин ҳодиса дар зиндагӣ зиёд рӯй медиҳад. Дар бархӯрди Садри Зиё бо байзоият низ ҳамин ҳолат рух намудааст.

Ибни Қӯрбон дар китоби худ овардааст, ки дастнависи китоби Садри Зиё «Наводири зиёъия»-ро ки дар китобхонаи Фирдавсӣ буд ва ҳоло дар ганҷинаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ (Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон)

---

[382] *С. Айнӣ.* Ҳамон асар. саҳ. 44-45.

[383] *С. Айнӣ.* Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ. 231.

нигаҳдорӣ мешавад, Садриддини Айнӣ хонда будааст ва дар ҳошияи баъзе саҳифаҳо қайде дорад. Банда медонам, ки устод Айнӣ пас аз вафоти Садри Зиё аз нимаи солҳои сиюм бо дастнависҳои Садри Зиё, ки нахуст дар китобхонаи Ибни Синои Бухоро ва баъд дар китобхонаи умумии Алишери Навоии Тошканд буд ва баъд ба ганҷинаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Абӯрайҳони Берунӣ (Тошканд) гузаронида шуд, шинос шуда буд. Инро устод худ ба камина гуфта буд. Ин гап чунин маънӣ дорад, ки устод Айнӣ саҳву хатоҳои Садри Зиёро, аз ҷумла он чиро ки Садри Зиё дар бораи кӯҳистониёни тоҷик ва эрониёни маҳаллӣ гуфта буд, низ медонист. Устод Айнӣ инро шояд пеш аз шиносоӣ бо он дастнависҳо ҳатто аз сӯҳбатҳои маҳфили Садри Зиё медонист. Бо вуҷуди ин дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» (1940), қисми севуми «Ёддоштҳо» (1949) ва дигар навиштаҳои худ ба шахсияти Садри Зиё ва фаъолияти иҷтимоъии ӯ баҳои баланд дод. Аз ҷумла чунин арзёбии ӯро бояд боз як бор ба ёд оварем: «Шарифҷон-махдум бешубҳа аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд»[384].

Устод Айнӣ он гоҳ ки чунин гуфт, медонист, ки Садри Зиё дар зиндони шӯравӣ ҷон додааст. Бо вуҷуди ин бо ҷуръат ӯро маорифпарвар хонд.

Бегумон ин фикри устод Айнӣ, ки натиҷаи андешаҳои чандинсолаи ӯст, моҳияти аслии фаъолияти иҷтимоъии Садри Зиёро, инчунин мақоми ӯро дар таърихи андешаи иҷтимоъии тоҷикон ва таърихи адабиёти форсии тоҷикии садаи бист равшану возеҳ муайян кардааст ва эътибори вежа дорад.

Алҳақ, мардони таърихро на аз рӯйи норасоӣ ва саҳву хатоҳои эшон, балки аз рӯйи он нақши муҳим, ки дар як лаҳзаи ҳассоси таърих гузоштаанд, баҳо бояд дод. Чирк кофтан аз зери нохуни хизматгузорони миллат мумкин аст боиси он гардад, ки миллат аз як ҷузъи таърихи худ маҳрум шавад, дар бораи худ андаке тасаввури нодуруст пайдо кунад.

Ба фаҳми банда он чиро ки Ибни Қурбон ва устодону ҳамфикрони ӯ дар бораи Садри Зиё мегӯянд, аз рӯйи акидаҳои устод Айнӣ бояд санҷид ва арзиш дод. Устод Айнӣ аз вазъи замон ва шахсияти Садри Зиё ва фаъолияти иҷтимоъӣ ва адабиву илмии ӯ бештар ва беҳтар аз ҳамаи мо имрӯзиён огоҳӣ дошт. Медонем, ки Садриддини Айнӣ бузургтарин фарзанди миллат дар садаи бист буда ва табъи салим дошта, дар ҳақшиносӣ ва ҳақгӯӣ камназир буд. Бино бар ин аз устод Айнӣ меъёри санҷиш ва назар хохем, ба бештарини мавридҳо дар пажӯҳиш ба роҳи дуруст хоҳем даромад. Банда чандин бор ба ин бовар омадам. Ба фикри ман дар мавриди Садри Зиё аз рӯйи чунин бовар амал бикунем, ҳама моддаҳои даъвономаи Ибни Қурбон, Р. Масов ва С. Табаров ботил мебарояд.

## 20

Миллати тоҷик миллати чандпора аст. Дар баъзе мавридҳо онро кӯҳҳои баланд, дарёҳои калону хурд ва дигар монеаҳои табиъӣ пора кардаанд. Дар дигар мавриде марзҳои сиёсӣ, сарҳадди давлатҳои гуногун, ки дар сарзамини паҳновари ин халқи бузург пайдо шудаанд, онро пора намудаанд. Омилҳои дигаре ҳам буданд, ки миллатро ба пораҳои хурду калон тақсим кардаанд ва байни пораҳо марзҳо бардоштаанд.

Сарнавишти таърихии миллати чандпора бештар аз дигар миллатҳо фоҷиа дорад. Марзбандиҳои сиёсиро дар бештарини мавридҳо ба чунин хоҳиш ба вуҷуд овардаанд, ки миллатро нобуд бикунанд, зеро мардумони пора-пораро нест кардан осонтар аст. Дигар омилҳое, ки миллатро пора кардаанд, низ харобкоранд. Пораҳои миллат оҳиста-оҳиста аз ҳам дур мешаванд, кам-кам байни онҳо бегонагӣ пайдо мешавад. Гоҳ равандҳои таърихӣ, ба вежа равандҳои сиёсӣ чунон тамоюл мегиранд, ки бегонагии пораҳои миллат афзоиш ёфта, ба хусумат табдил меёбад ва мумкин аст, ки пораҳо зидди якдигар бираванд, ба ҳам биситезанд. Дурӣ аз ҳам, бегонагӣ, ба вежа хусумат, ки дар миёни пораҳо меафтад, фоҷиабор метавонад буд.

Падидаҳои гуногуни чандпорагӣ дар фарҳанги миллат, дар забон, урфу одат ва ғайра қисме аз фарқҳоро қувват медҳад. Мумкин аст, ки бадхоҳон баъзеи ин фарқҳоро барои аз байн бурдани ягонагии миллат ба кор бигиранд.

Падидаҳои гуногунӣ ва рангорангии фарҳанги миллӣ дар минтақаҳо, ҷилваҳои рангини фарҳанги миллӣ, ки дар минтақаҳои гуногун аз ҳам фарқ мекунад, рӯйдоди манфӣ нест, решаҳои таърихӣ дорад ва ғаномандии фарҳанги миллиро падидор меоварад. Вале бадхоҳон гоҳ ҳамин ҷилоҳои зебои фарҳанги миллатро, ки дар ҳар ҷо ба тарзи дигаре чашм

[384] *С. Айнӣ.* Куллиёт, ҷ. 7, саҳ. 44

мерабоянд, низ ба зарари миллат бо мақсади ҷудоиандозӣ ба кор мебаранд. Ба сари ягонагии миллати чандпора хавфҳои зиёде таҳдид мекунад.

Фарзандони бузурги миллат кӯшидаанд, ки дурӣ ва бегонагии пораҳо аз якдигар кам шавад, хусумат ба миён наояд ва аз миён бардошта шавад, ягонагии маънавии миллат устувор гардад.

Ягонагии маънавии миллати тоҷик ва пораҳои гуногуни он ҳеҷ гоҳ аз байн нарафтааст, дар душвортарин марҳилаҳои таърих ҳам боқӣ будааст, аммо дар баъзе давраҳо устувор кардани пояҳои он вазифаи муҳимми таърихӣ шудааст.

Имрӯз, ки мардуми тоҷик дар як гӯшаи сарзамини худ ба истиқлоли сиёсӣ расиданд, устувор кардани ягонагии миллат ва пораҳои дурафтодаи он аз муҳимтарин вазифаҳост. Имрӯз, ки халқи тоҷик дар Тоҷикистон сарнавишти таърихии худро ба дасти худ амалӣ кардан мехоҳад, бештар аз ҳар вақте имкон дорад, ки ягонагии маънавии пораҳоро беш аз пеш мустаҳкам намояд. Барои ин лозим нест, ки ҳама монеаҳои роҳи ягонагӣ, чунончи кӯҳҳову дарёҳо ва ё марзҳои сиёсӣ ва сарҳадди давлатҳо аз байн бардошта шаванд. Дар даврони истиқлол беш аз пеш имкон ҳаст, ки марзҳои давлатӣ на монеъи ягонагии миллат, балки хатти пайванди миллӣ бошанд.

Ҳеҷ миллате бидуни ягонагии миллӣ наметавонад озодиву истиқлоли худро устувор бикунад. Ягонагии миллӣ аз шартҳои асосии ҳастии миллат аст. Якумин вазифаи давлати миллӣ устувор кардани ваҳдати миллат ва пойдор доштани он аст. Барои расидан ба ин мақсад лозим аст, ки заминаи зарурӣ барои ҳамназдикии мардуми минтақаҳои гуногун омода шавад. Барҳам хӯрдани ихтилофоти байни мардуми минтақаҳои ҷудогона яке аз шартҳои ҳамназдикии иқтисодӣ ва фарҳангиву маънавии минтақаҳо буда, барои устувории ягонагии миллат аҳамияти махсус дорад. Ин таъкид барои Тоҷикистон, ки миёни мардуми минтақаҳои он, ба вежа вилоятҳои шимолӣ ва ҷанубии он тафовути чашмрас вуҷуд дорад, хеле муҳим аст.

Мутаассифона, имрӯз дар Тоҷикистон гоҳ амалкардҳое ба чашм мерасад, ки боиси тезу тунд шудани муносибати мардуми минтақаҳо мегардад, нисбат ба мардуми вилояте нобоварӣ ва бадгумонӣ ба миён меоварад, ранҷиш аз якдигарро қувват медиҳад. Ба хусус шимолситезиву ҷанубситезӣ кӯшишҳоеро, ки барои устувории ягонагии миллат ба харҷ мераванд, халал мерасонад. Ситезаи маҳалгароӣ аз фаъол шудани шуури маҳдуди музофотӣ дарак медиҳад ва ҳол он ки фаъол шудани шуури музофотӣ гоҳ пайовардҳои номатлубе хоҳад дошт, ки оқибати он ҳамоно суст шудани шуури миллӣ ва халал дидани ягонагии миллат хоҳад буд. Бо даъвоҳои калоне аз номи як қисми миллат бархостан ба сари қисми дигари он, ки солҳои охир дидем, натиҷаи беэҳтиётӣ, дурусттар он ки масъулиятношиносӣ буд, ки мардумро аз андешаи миллӣ дур мебарад, қисмҳои миллатро ба ҳам зид гузошта, нотифоқӣ ва ҳамситезиро афзоиш медиҳад.

Банда ба ин андеша ки мабодо, ки ба оташи маҳалгароӣ доман бизанам, аз ҷавоб гуфтан ба носазоҳое, ки дар ҳаққи банда дар баъзе нашрияҳо гуфта шуд, худдорӣ кардам. Лекин он чиро, ки дар бораи ҳазрати қиблагоҳам ва ҷунбиши маорифпарварӣ гуфтанд, бидуни ҷавоб гузоштан мумкин набуд. Маҷбуран ин ҷавобномаро навиштам. Мақсади банда танҳо ҳимояи падарам ва равшанфикрони равшангар аз ҳамлаҳои номардона аст.Аз ин бештар хоҳише надорам. Ҳар чӣ далелу бурҳон ва мадорике ки овардам, ҳар сухани сахт, ки натавонистам аз он худдорӣ бикунам, на барои мазаммати мардуми як минтақаи Ватани азиз,балки танҳо барои равшанӣ андохтан ба масъала қаламӣ шуд. Баръакс бархе аз мавзӯъҳое, ки дар адабиёти маорифпарварӣ, чунончи дар осори Аҳмади Дониш, дигар маорифпарварон, аз ҷумла Садри Зиё баррасӣ шудааст, барои тухми нифоқ коштан ба замини ҷомеаи имрӯз истифода шуда истодааст, банда хостам ин рафтори нораворо ба қадри имкон пешгирӣ бикунам.

Имрӯз чунонки дар оғози қарни бист буд, лозим омадааст, ки маорифпарвариро аз суиқасд дифоъ бикунем. Аз ин ки миллати тоҷик чандпора аст, мумкин омад, ки ба маорифпарварӣ юруш оваранд, маорифпарварӣ ё як қисми онро инкор бикунанд. Ҳамла ба маорифпарварӣ, инкори маорифпарварӣ ва ё як қисми он дар натиҷаи дур афтодан аз андешаи миллӣ ва печидан ба ғалаёни шуури музофотӣ рӯй дод. Замони шӯравӣ ҷунбиши ҷадидияро маҳкум карда буд, чунки замони шӯравӣ миллиятзудо ва маънавиятситез буд. Ва ҳол он ки маорифпарварӣ аз андешаи миллӣ нумув дошт, миллатро ба роҳи растагорӣ сафарбар менамуд ва бо ин сафарбарӣ муттаҳид мекард. Инро мафкурабардорони болшевизм донистанд ва аз ин рӯ маорифпарвариро рухнамуде манфӣ қаламдод намуданд, ба муқобили он ба пархош бархостанд. Онҳое, ки имрӯз юрушкорӣ пеш гирифтаанд, ба ҳамон роҳи болшевикон по гузоштаанд, ки ба қадри арзишҳои миллӣ намерасанд. Мо бояд

қадри ғояҳои волои маорифпарвариро бидонем. Маорифпарварии нимаи дувуми садаи 19 ва оғози садаи 20 қобил аст, ки имрӯз ҳам, дар оғози даврони истиқлол низ миллатро дар роҳи маърифат, илму дониш ва фарҳанггустарӣ, дар роҳи хештаншиносӣ ва эҳёи миллӣ муттаҳид намояд ва нерӯ бахшад.

Дар даврони истиқлол, ки миллат ба марҳилаи нави худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ қадам гузоштааст, худтанқидии миллӣ зиёда зарур омадааст. Баррасии танқидии вазъияти мавҷуда дар ҳаёти миллӣ, дар фарҳанг, забон,илм ва ғайра имкон медиҳад, ки миллат аҳволи худро бидонад, таҷрибаи таърихии мусбатеро, ки дорад, ба кор андозад, бо шинохти худ огоҳона ба шоҳроҳи нав барояд. Худтанқидии миллӣ пеш аз ҳама ба назари интиқодӣ нигоҳ кардан ба худ аст, то сараву сақат аз ҳам ҷудо бикунем ва аз сараҳо тӯшаи роҳ бигирем. Дар ҳар давраи нави таърихи миллат зарурати интиқоди худ пеш меояд. Аз ин рӯ равияи танқидӣ дар адабиёти маорифпарварӣ қувват гирифт ва шаклҳои тоза пайдо кард. Имрӯз ҳам ки дар сари шоҳроҳи истиқлолу озодӣ ҳастем, бояд аз ҳоли худ огоҳ бошем ва дидаву диниста роҳ паймоем.

Иддае худтанқидии миллиро ба ҷанги минтақаҳо табдил доданӣ ҳастанд. Ба ҳам зид гузоштани минтақаҳо, ба хам тез кардани «шаҳриёну» «деҳотиён», «шимолиёну ҷанубиён», бо даъвоҳо бархостан аз номи яке бар сари дигаре, агар густариш биёбад, монеаи ҷиддие дар роҳи иттиҳоди миллӣ эҷод хоҳад кард, нахоҳад гузошт, ки пораҳои миллат ба ҳам наздик шаванд, роҳи ягонагии миллӣ пеш бигиранд. Бо доман задан ба оташи кашмакашҳо ба ягонагии миллӣ наметавон расид. Бо айбшуморӣ рӯ овардан ба якдигар моро аз ҳам дур мебарад, ҷудоии моро афзун месозад. Муносибатҳои миллӣ, муомилаҳои дохилии миллат хеле нозукраванд ва айбгирӣ дар ин маврид мумкин аст, ки ба тезиву тундӣ, ба задухӯрд биёварад.

Айбшумории маҳалгароёнро навъе аз худтанқидии миллӣ набояд донист. Худтанқидии миллӣ моро ба худшиносиву худогоҳӣ мебарад, айбҷӯии маҳалгароён дар миёни мо тухми низоъ мекорад, моро аз худшиносии миллӣ дур меронад.

Фаромӯш накунем, ки сулҳу оштии миллӣ дар Тоҷикистон соли 1997 бо афви якдигар, бо салавот гуфтан бар гузашта муяссар омад. Ҳоло баъзе халқҳо, ки байни худ муноқиша доранд, ба таҷрибаи оштии миллии тоҷикон бо чашми ибрат менигаранд. Зарур аст, ки худи мо тоҷикон, чи дар Тоҷикистон, чи дар Ӯзбекистон ва Афғонистон ҳикмати оштии миллии соли 1997-ро комилан аз худ бикунем, ҳеҷ гоҳ аз ёд набарем. Ва бидонем, ки иттиҳоду ягонагии миллӣ, на бо айбҷӯӣ, балки бо айбпӯшӣ, бо худдорӣ аз гилагузорӣ, бо гузашт ба ягдигар, бо дили поку нияти нек ба даст меояд. На бо даъвоорӣ ва каҳи кӯҳна бод додан, балки бо гузаштан аз гуноҳҳо, бо меҳру сидқ дилҳоро ба дӯстӣ моил метавон кард.

Гуфтем, ки иттифоқу иттиҳод ва ягонагии миллӣ шарти асосии мавҷудияти миллат ва бақои умри ӯст. Шарти истиқлолу озодӣ ва пойдории давлати миллӣ низ ҳамин аст. Оре,

*Давлат ҳама з-иттифоқ хезад,*
*Бедавлатӣ аз нифоқ хезад.*

Ин ҷо «давлат» ҳам ба маънои созмони сиёсии кишвардорӣ ва ҳам ба маънои бахту саодат ва дороиву сарват омадааст. Мутобиқан «бедавлатӣ» низ ба ҳамин маънои маҳрумӣ аз созмони сиёсии кишвардорӣ ва ҳам ба маънои маҳрумӣ аз бахту саодат, аз дороиву сарват, аз мулку кишвар аст. Дар ҳақиқат давлат ва саодатмандӣ ҳар ду як мафҳуманд. Давлати миллӣ ва хушбахтии миллат ҳамбастаи якдигаранд. Бахту саодати миллатро бидуни як давлати миллии тавоно, ки поя бар демократия ва хуқуқи башар дошта бошад, наметавон тасаввур кард. Ҳамин давлати миллӣ, ҳамин бахту саодати миллат аз иттифоқу иттиҳод ба даст меояд ва пояндагӣ меёбад. Дар даврони истиқлол шиори мо ин аст: ҳар чи ба иттифоқу иттиҳод ва ягонагиву ваҳдати миллат заррае зарар меоварад, норавост. Ба саодати миллат ва тавонмандии давлати миллӣ халал меоварад.

Чанде пеш профессор Носирҷони Салимӣ диққати каминаро ба ин байти Соиб ҷалб кард:

*Давлат зи дастгирии мардум ба по бувад.*
*Фонуси ин чароғ зи дасти дуо бувад.*

Дар ин байт мувофиқи шароити кунунии Тоҷикистон ба ҷои калимаи «мардум» вожаи «миллат»-ро гузоштан шояд ҷоиз бошад. Агар чунин бикунем, бояд гуфт, ки давлати

миллӣ дар бисёр мавридҳо метавонад аз миллат дуо умед бикунад: чунончи он гоҳ ки давлати миллӣ иҷрои як рисолати таърихии худро ба хубӣ оғоз намояд ва ё ин рисолати худро ба хубӣ ба ҷо овардан гирад ва ё ба поён бирасонад. Дар ҳама мавридҳо давлат ниёз ба дастгирии миллат, ба дуои неки халқ дорад. Ҳама миллат якдилу якҷон даст ба дуо мебардорад, то давлат битавонад миллатро ба сарманзили мақсуд бирасонад, бақои умри таърихии онро таъмин бинамояд. Шарт аст, ки миллат якдилу якҷон бошад, аз дилу ҷон ба иттифоқу иттиҳод ҷидду ҷаҳд бинамояд. Дар он сурат давлат метавонад ҳар рисолати таърихии худро чунонки бояду шояд иҷро бикунад. Арзиши рафтору гуфтори аҳли зиё аз он ҷо таъин мегардад, ки то чӣ андоза ба иттиҳоди миллат ва кӯшоии давлат мусоидат дорад.

Дар байтҳое чун ду байти боло ҳар бор нуктае аз таҷрибаи таърихии миллат баён шудааст, фалсафаи таърих ва ҳикмати ҳаёти халқ ифода гардидааст. Рӯзе расидааст, ки беш аз пеш гӯш ба садои таърих бниҳем, фармудаи таърихро ба ҷо биёварем. Имрӯз фармудаи таърих пеш аз ҳама иттиҳоду ягонагии миллист.

Яке аз шартҳои умдаи ягонагӣ дилёбист. Дилҷӯӣ, нармиву меҳрангезӣ фазилатест, ки мо мардуми тоҷик имрӯз ба он бештар ниёз дорем. На кинаҷӯиву сахтгӯӣ, балки дилҷӯиву дилёбӣ моро ба сарманзили дӯстӣ ва бародариву хоҳарӣ ва ягонагии миллӣ устувор хоҳад дошт.

23 ноябри 2003
10 июни 2004

## ПОЁНИ СУХАН

Чунонки дар оғози ин китоб гуфта будем, шахсияти Садри Зиё ва нигоштаҳои ӯ дар солҳои охир диққати бисёре аз пажӯҳишгаронро аз Шарқ то Ғарб дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба худ кашида истодааст. Дар Тоҷикистон, Ӯзбакистон, Эрон, Фаронса ва Амрико чизҳое аз осори ӯ ё дар бораи ӯ чоп шуд. Ба вежа тарҷумаи инглисии Рӯзномаи Садри Зиё, ки шарқшиносони Амрико дар Ҳуланд соли 2004 дар нашриёти илмии машҳури Брилл ба чоп расониданд, аҳамият дорад. Акнун на танҳо тоҷикшиносону эроншиносон, балки ҳар ховаршиносе ба ин асар дастрас дорад.

Умед аст, ки нашри мероси адабии Садри Зиё боиси пайдоиши пажӯҳишҳои ҷиддитаре дар бораи адабиёти тоҷикии садаи бист ва андешаи иҷтимоъии тоҷикон хоҳад гашт. Рисолаи банда «Садри Бухоро» барои тартиб додани зиндагиномаи Садри Зиё,муайян кардани хусусиятҳои маорифпарварии осороу рӯзгори вай, нишебу фарози роҳҳои эҷодкорӣ ва зиддиятҳои афкори ӯ нахустин қадамест. Дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи андешаи маорифпарварӣ ва адабиёти тоҷикии пурзиддияти садаи бист умед аз ҷавонони навбаромади тозафикр аст.

Дар солҳои охир ҳамлаву ҳуҷум ба Садри Зиё низ қувват гирифт. Бештари умри Садри Зиё бо гардонидани ҳамлаи бадхоҳон гузашта буд, пас аз сараш низ ин ҳуҷумҳо идома ёфтанд. Яке аз ҳамлагарони кунунӣ Соҳиб Табаров аст, ки чанд сол пеш табарашро даста карда аз ҷо бархоста буд. Банда ҷавоби даъвои ӯро дар мақолаи «Чу анқоро баланд аст ошёна» гуфта будам. Соли 2002 ва 2003 якбора се китоб чоп шуд, ки дар бораи Садри Зиё суханҳои сахте дорад. Инҳо китоби Раҳим Масов «Мероси ҳокимияти Манғития» («Наследие мангытской власти»), китоби Ибни Қурбон «Фавоҳиш ва раҳоиш», китоби Соҳиб Табаров «Мубоҳисаи зиёъии деҳотӣ ва музофотишуур бо зиёъии шаҳрӣ ё шаҳришуур» мебошанд. Аз ин ҷумла китоби Ибни Қурбон бештар дар бораи Садри Зиё буда, китоби Р. Масов ва С. Табаров дар бораи банда бошад ҳам, гоҳ-гоҳе дар бораи Садри Зиё низ дашноме дорад. Сипас дар матбуот чанд мақолаи хурду калон пайдо шуд, ки Р. Масовро дастгирӣ карда «фикрҳо»-и ӯро қувват додаанд. Як гурӯҳ аз зиёиёни тоҷик мақолае ба номи «Ҷаро гиребони худиро мегирем ё необолшевизм чӣ мехоҳад?» дар рӯзномаи «Нерӯйи сухан» 10 ва 17 апрели 2003 (№10 ва 11) ба чоп расид, ки ҷавоби доманадоре ба Р. Масов ва тарафдорони ӯ буда, чунонки Р. Масов дар китобаш аз одоби баҳс дур рафта, дашномхои қабеҳ ба кор бурдааст, муаллифони ин посухнома низ гоҳ сахтгуфторӣ кардаанд.

Китоби Р. Масов ва Ибни Қурбон бо оҳанги сахт ва хусуматпешагӣ, бо дурӣ аз тарзу тариқи мубоҳисаи илмӣ бисёре аз равшанфикрони Тоҷикистон, қисме аз аҳли ҷомеаро ба ҳайрат овард. Чунончи С. Табаров дар китобаш ҳар ҷо аз навиштаҳои банда

иқтибосе оварда мегӯяд, ки ин гап дуруст нест, нодуруст аст. Вале намегӯяд, ки чаро нодуруст аст, барои исботи нодурустии он далелу бурҳоне намеоварад, андешае баён намекунад, то ки мо бифаҳмем, ки кадом ҷои он гап нодуруст будааст. Ҳеҷ сухане бо ин ки онро нодуруст гуфтаанд, нодуруст намешавад. Нодурустии онро исбот кардан даркор аст, то хонанда ё шунаванда бовар ҳосил бикунад.

Ҳайрату тааҷҷуб ва хашму ғазаби аҳли ҷомеа, ки аз ин «мубоҳисаҳо» ҳосил шуда буд, дар ҷавобномаи мазкури як гурӯҳ зиёиён ифода шудааст. Равишҳои норавое, ки муаллифони мазкур дар «баҳс» пеш гирифтанд, ҳатто аз тарафи Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмонов дар як суханронии муҳимми эшон сахт маҳкум шуд. Ҷаноби Олӣ рӯзи 8 сентабри соли 2003 дар Кохи Борбад ба муносибати 12-мин солгашти истиқлоли Тоҷикистон ва ҳазораи ҳаким Носири Хусрав суханронии доманадоре эрод намуда, аз ҷумла фармуданд:

«Вобаста ба мавзӯи илму фарҳанг ман ҳамчун Роҳбари давлат лозим медонам таваҷҷӯҳи шуморо ба масъалае ҷалб намоям, ки имрӯз бисёр касонро ба андеша ва ҳатто нигаронӣ водор кардааст.

Вақтҳои охир дар воситаҳои ахбори умум, инчунин ба василаи китобу рисолаҳо дар байни баъзе олимону адибон баҳсҳои шадиде бармехезад, ки дар асл хурӯши баҳрро дар пиёла мемонад. Ин баҳсҳо аксаран моҳият ва арзиши илмӣ надоранд. Аз онҳо бештар бӯи хусумати шахсиву ғараз меояд ва дар онҳо аломати гурӯҳбозӣ ба назар мерасад.

Маълум аст, ки илм бе баҳс пойдор намемонад, чунонки мулк бе сиёсату мол бе тиҷорат. Вале агар баҳс баҳси ақидаҳо ва ба хотири дарёфти ҳақиқати илмӣ набошад ва фақат воситаи баёни даъвои шахсӣ ва таҳқири дигарон гардад, оқибати нек надорад.

Муколамаи аҳли илм метавонад тезу тунд бошад, вале бояд бе ситеза ва айбҷӯиҳои беасос, ҳатман дар доираи одоби илмӣ сурат гирад. Вагарна чунин баҳс наҳс меорад, ки инро мо аввали солҳои фоҷиабори 90-ум дида будем»[385].

Мебинем, ки моҳияти он «баҳсҳо»-и бебунёд ва даъвоҳои подарҳаво дар ин фармудаи ҷаноби Раиси Ҷумҳурӣ бо дақиқбинӣ нишон дода шудааст ва сахт маҳкум гардидааст. Аз ин дахолати қатъии Ҷаноби Олӣ, ки ғайричашмдошт буд, банда ва бисёре аз аҳли ҷомеаро мамнунияти том ҳосил шуд ва дилҳо аз эҳтирому сипос лабрез гардид.

Он ҳангом банда таҳрири якуми посухномаи худро дар бораи китоби Р. Масов, С. Табаров ва Ибни Қурбон ба поён расонида, таҳрири дувуми онро шурӯъ карда будам, то мукаммалтар бошад. Пас аз он ки суханронии ҷаноби Раиси Ҷумҳурӣ ба вуқӯъ омад ва масъала ба ваҷҳи аҳсан ҳал шуд, мумкин буд, ки банда таълифи ҷавобномаи худро давом надиҳам ва ҷавобе чоп накунам. Лекин боз андешидам, ки ба даъвоҳои Р. Масов ва С. Табаров ва Ибни Қурбон, ки ба Садри Зиё ва маорифпарварӣ дахл дорад, як-як ҷавоби мушаххас гуфтан даркор аст. Он гоҳ он чи дар бораи фавоҳишномаи Ибни Қурбон гуфтан лозим буд, андак тафсил ёфт. Ва агар сухан кашол ёфта ва гоҳ такрори маҷбурӣ роҳ ёфта бошад, аз хонандаи азиз узр мехохам.

Дар поёни сухан Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмоновро як бори дигар аз дилу ҷон сипос мегӯям. Умед аст, ки суханронии муҳимми Ҷаноби Олӣ барои ин ки мубоҳисаҳои байни пажӯҳишгарони тоҷик ба роҳи дуруст дохил шавад, аҳамияти бузург хоҳад дошт. Он гоҳ барои ҳалли илмии бархе аз масъалаҳои таърихи тоҷикони Фарорӯд, таърихи андешаи иҷтимоъӣ, фарҳанг, забон ва адабиёти онҳо замина беҳтар ҳамвор хоҳад шуд.

26 ноябри соли 2003

[385] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов бахшида ба 12-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1000-солагии зодрӯзи Носири Хусрав, «Садои мардум», 12 сентябри 2003, №98, саҳ.2